Бояд қайд намуд, ки дар забони англисӣ нисбат ба забони тоҷикӣ ибораҳои (таъбир) муаллифӣ камтаранд. Дар забони англисӣ ибораҳои идиоматикӣ, зарбулмасалу мақолҳо аксар вақт дар адабиёт, маҷаллаҳо, барномаҳои радио, телевизион ва дар муносибатҳои ҳаррӯзаи англисҳо, амрикоиҳо, канадагиҳо, австралиягиҳо вомехӯранд. Метавон сарчашмаҳои асосии пайдоиши зарбулмасалу мақолҳои англисро ҷудо кард: инҳо халқӣ, адабӣ, аз «Инҷил» ва иқтибосҳои овардаи В.Шекспир мебошанд. Истифодаи зарбулмасал ва мақолҳои англис бештар аз замони Шекспир сарчашма мегиранд ва эҳтимол аксари онҳо пеш аз ӯ вуҷуд доштаанд. Мисол: ***"Everything is good in its season", (There is a time for everything)*** [11, 97] ***Ҳар як чиз вақту соати худро дорад*** дар Англия таърихи дурударозе дорад. Шекспир онро дар песаи «Мазҳакаи хато» истифода бурдааст, аммо он дар китоби «Инҷил» дар шакли зайл омадааст: ***«Ҳар як чиз вақти худро дорад ва вақт барои ҳама дар (осмон) ҷаннат аст»*** [10, 17].

Дигар сарчашмаи муҳими зарбулмасал ва мақолҳо дар забони англисӣ ин зарбулмасалу ва мақолҳои аз забонҳои дигар гирифташуда мебошанд. Ин ҷо сарчашмаи пайдоиши онҳоро муайян кардан мушкил аст. Пеш аз оне, ки зарбулмасал ё мақол англисӣ шавад, агар вай дар забонҳои лотинӣ, испанӣ, фаронсавӣ, итолиёвию олмонӣ вуҷуд дошта бошад, ин ҷо боварӣ нест, ки то ин дам вай аз дигар забон гирифта шуда бошад. Эҳтимол меравад, ки вай аввал англисӣ буда, аммо навишта нашудааст. Як қатор зарбулмасалҳои иқтибосшуда дар Англия пурра ҳазм шудаанд, аммо як қисмати дигараш на. Зарбулмасали ***"Through hardship to the stars", Меҳнат бе***

роҳат нест дар забони англисӣ андаке бегонавор садо медиҳад, чунки он дар забони лотинӣ, ки пештар забони байналмилалӣ буд, вомехӯрад ***"Per aspera ad astra".***

Зарбулмасалу мақолҳои аз «Инҷил» гирифташуда низ яке аз намудҳои иқтибосшуда мебошанд. «Инҷил» аз забони яҳудӣ тарҷума шуда, ақидаҳои оқилона ва дарки ҷамъияти қадимаи яҳудиёнро инъикос мекунад. Дар даврaҳои гузашта мардум бештар «Инҷил»-ро мехонданд, аз ин сабаб бештари ақидаҳои он то он дараҷа як қисмати ақидаи умум гардида буд, ки имрӯз ками одамон дарк мекунанд, ки баромади ин ё он зарбулмасалу мақол аз ин китоб муқаддас аст. Бо вуҷуди ин аксари зарабулмасалҳои англисӣ аз китобҳои муқаддаси «Забур», «Таврот» ва «Инҷил» гирифта шудаанд: Мисол:

"You cannot serve God and mammon"- 1) **Мамон, мамона** (таър. дин): боигарӣ; Худои сарват дар баъзе аз асотири халҳои қадим, 2) маҷозӣ, мустаор: ҳарисӣ, чашмгуруснагӣ ва муродифи он [7, 463].

"You cannot eat your cake and have it" (No man can serve two masters,

You can't sell the cow and sup the milk) **[**12, №297, 277].***Натвон Худо ва хурморо бо ҳам хост*** [9, №2. 187].

Бештари зарабулмасалҳои забони англисиро сарчашма китоби «Инҷил» мебошад, гарчанде ки баъзе аз калимаҳои таркиби онҳо тағйир дода шудаанд:

"Spare the rod and spoil the child"[11, 286]. ***То набошад чӯби тар, таълим нагирад гову хар, Пожалеешь розги, испортишь ребёнка*** ё ибораи дигар аз «Инҷил» дар забони англисӣ хеле зиёд истифода мешавад ***"Can the leopard change his spots?"*** (дар шакли саволи риторикӣ – яъне ҷавобро талаб намекунад), ***Хӯе, ки ба шир дарояд ба ҷон барояд (Феъле ки ба шир даромадааст, ба ҷон мебарояд)*** [8, 264]. Ҳеҷ кас бо боварии комил гуфта наметавонад, ки кадоме аз зарбулмасалу мақолҳо маҳсули эҷодӣ Шекспир ҳастанд ва ё аз эҷодиёти даҳанакии халқ гирифта шудаанд, лекин аксари афоризмҳои Шекспир сохти аввалаи худро гум накардаанд. Мисол: ***"Breavity is the soul of wit",*** **[**3, 22] ***Кам бошаду хуб бошад*** [9, 57]. ***"Bacchus has drawned more men then Neptun"*** [3, 18]. ***Аввал шароб, охир шароб,***

Хирадро май бубандад, чашмро хоб,

Гунаҳро узр шӯяд, ҷомаро об (ФахриддиниГургонӣ) [9, 49].

Бисёри ақидаҳои асарҳои бадеӣ бо гузашти аём ба монанди зарбулмасал истифода бурда мешаванд, аммо баъзеи дигарашон дар нимароҳ байни зарбулмасал ва иқтибос мемонанд: ***"The wages of sin is death" (Romans),*** (Тарҷумон таҳтуллафзии он: ***Подоши гуноҳ марг аст*** (И.О).

Аксар вақт ибораҳои идиоматикӣ ба зарбулмасал ва мақол монанданд ва онҳо бояд аз худи зарбулмасалҳо ҷудо бошанд. Яке аз чунин ибораҳои идиоматикӣ ***"To cry for the moon"*** мебошад, ки тарҷумаи таҳтуллафзиаш «барои моҳ гиря кардан» аст. Худ аз худ он ягон маслиҳат ё қаблан хабар додан, эҳтиёт карданро ифода намекунад, аз ин сабаб зарбулмасал нест. Аммо онро метавонем ба осонӣ ба зарбулмасал табдил диҳем ва он шакли маслиҳатро ба худ мегирад. Мисол:

"Don't cry for the moon" (Барои моҳ гиря макун) ё ***"Only fools cry for the moon"*** (Танҳо гумроҳон (ноқис-ул-ақл) барои моҳ гиря мекунанд). (И.О)

"Cast pearls before the swine"- [3,41]; – ***Ба гӯши хар Ёсин хондан*** (Пеши хар чи коҳ буд, чи заъфарон).

"Wolf in sheep's clothing" [3, 233]; - ***Зоҳир аз шайху ботин аз шайтон*** [8: 167]. ***"Born with silver spoon in one's mouth"*** [3; 26], ***Некбахт зоида шудан*** (***Дар оилаи сарватманд (бой) ба дунё омадан). Гаҳворааш аз осмон (бе ресмон)афтодааст*** [8, 157].

Бояд гуфт, ки ҳангоми кор мо бо як қатор зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ вохӯрдем, ки дар забони англисӣ муодил надоранд. Аксари онҳо характери миллӣ дошта, ба шароити маҳал (реалия) ва анъанаи мардум вобаста аст. Мисол: ***Моли муъмин- хуни муъмин*** [5: Т122, 1,8,9,11,12,19]. ***Моро чӣ аз ин қисса, ки гов омаду хар рафт*** [14, 134], **(Гов хесту гӯсола хобид)** [7, 122] ва ё баръакс, дар забони англисӣ вомехӯраду дар забони тоҷикӣ не:***Vows made in storms are forgotten in calms, Чун ҳаво хуб шуд, ваъдаи (қасам), ҳангоми тӯфон хӯрда (дода) фаромӯш мешавад*** *(И.О.)*.

Донистан ва фаъолона истифода бурдани боигарии фолклори мардумӣ, яъне зарбулмасалу мақолҳо на танҳо забонро зебо мегардонад, балки имкон медиҳад, ки боз ҳам наздиктар менталитети (ақида, шуурнокӣ) мардуми соҳибзабонро дониста гирем. Муҳим будани ин кор дар он аст, ки дар замони муосир масъалаҳои муносибатҳои мадании халқҳо дар алоқамандӣ ба баланд шудани зарурияти дониши забонҳои хориҷӣ

на танҳо натиҷаи азхудкунии лексика, балки имкони дониши забонии худро оид ба мардумшиносӣ ва кишваршиносӣ, ки хусусиятҳои вазъи зиндагиро инъикос менамояд, беҳтар гардонад. Дар асри худ мо метавонем маълумотҳоро нигоҳ дорем ва онҳоро ба роҳҳои гуногун: хаттӣ, дар аудио ё видеобарандаҳо, дар шакли электронӣ ба ҷои лозимӣ расонем.

Ҳангоме ки ҳатто хат набуд, яке аз тарзҳои соддаи ба ҳама дастраси мухобирот ин забони шифоҳӣ буд. То ҳол ба мо мероси ниёгонамон, дар шаклҳои суруд, ҳикоя, ривоят, афсона ва ғайраҳо омада мерасанд. Аммо аз ҳама маълумотдиҳандатарин ва серистеъмолтарин ин зарбулмасалу мақолҳо мебошанд. Ана ҳамин жанри фолклор баробари гаронии маъниашон сухани моро равшан ва ширину гуворотар мегардонанд. Зарбулмасалу мақолҳои мардуми дунё бештар характери умумӣ доранд, аммо дар баробари ин хусусиятҳои хос, гуногунии маданияти халқҳои ҷудогона ва таърихи бисёрасраи онҳо мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Аббас Ганб. Шахбаз. Диссертация на соис. уч. степ. канд. филол. наук. Раздел второй «Коран в пословицах бахтияри», «Пословицы бахтияри в хадисах», -ТНУ. 2007.

2. Влахов Флорин. Непереводимое в переводе. - М.; 1986.

3. Гварджаладзе И. С. Мчедишвили Дж.И. Английские пословицы и поговорки. –Москва: Высшая школа.-1971.

4. Одинаев Ё. Қуръон. Таълимоти фалсафӣ, ахлоқӣ ва эстетикии он. –Душанбе: Маориф.- 1992.-155с.

5. Куллиёти фолклори тоҷик. - Ҷ. IV.-Душанбе: Дониш.-1986.

6. Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. «Маснавии маънавӣ».-Теҳрон: Нашри замон. -2001.-728с.

7. Русско-таджикский словарь. –Москва: Издательство «Русский язык», 1985.-1279с.

8. Калонтаров Я.И. Таджикские пословицы и поговорки в аналогии с русскими. (Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ ва аналогияи русии онҳо). -Душанбе: Ирфон.- 1965.

9. Иқболов О. Зарбумасал-мақол–афоризмҳо.-Душанбе: ҶДММ. ЭР-граф, 2008.-190с.

10. Archer Taylor. The Proverbs and an Index to the Proverb. Folklore Assosiates Hatboro, Pensilvania. Rosenkilde and Bagger.-Copenhagen, Denmark. 1962.

11. Oxford Dictionary of Proverbs. Oxford University Press, 2004.

12. Dictionary of Current English Idiomatic and Proverbs. G.Aghajanzadeh Kiasy, Faculty Member IAU, Rusht, 2003.-374c.

13. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехта.Ҷ.2.-Душанбе: Ирфон.-1964. -802 с.

14. Фозилов М. Гулчини зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикию форсӣ. –Душанбе: Дониш.- 1976.- 374с.

ПРОЦЕСС ФОРМИРОВАНИЯ ПОСЛОВИЦ, ПОГОВОРоК И АФОРИЗМОВ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье автор попытался показать пути появления некоторых пословиц и поговорок в таджикском и английском языках.

Ключевые слова: притча, поучение, идиоматические фразы, фразеология.

APPEARING OF SOME PROVERBS, SAYINGS AND APHORISMS IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The author tried to show the way of appearing of some proverbs, sayings **and aphorisms** in Tajik and English languages in this article.

Key words: sermon, parable, idiomatic phrase, phraseology.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Икболов О.Ш.*** – соискатель Таджикского национального университета

НАҚШИ ПАСВАНДИ «ГОҲ» ДАР НАСРИ БАДЕИИ ФАЗЛИДДИН МУҲАММАДИЕВ

Аминҷон Амлоев
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Калимасозӣ дар такмили таркиби луғавии забон нақши бузург дорад. Мардум дар тӯли асрҳо барои қонеъ гардидани эҳтиёҷоти худ бо истифода аз қолабҳои гуногун калимаҳои зиёде сохтаанд, зеро дар натиҷаи пешравии ҷамъият, дигаргуниҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, илму маданият забон низ инкишоф меёбад. Пас зарурате пеш омад, ки одамон барои пурраву мукаммал ифода кардани мафҳумҳои нави дар ҷараёни ин дигаргуниҳо пайдо шуда аз ҳамаи воситаҳо истифода баранд. Ин талабот ба инкишофи калимасозиву шаклсозӣ ва таркибу ибораорой асосу омили муҳим ба шумор меравад.

Ҳар як вожае, ки бо роҳи калимасозӣ сохта мешавад, бояд ба сохти грамматикӣ ва қонунҳои дохили забон пурра мувофиқат кунад. Муҳаққиқи таърихи забон, профессор Лившитс А. В. ин нуктаро чунин таъкид кардааст: «Калимасозӣ яке аз воситаҳои асосии бойшавии таркиби луғавӣ ба шумор меравад. Тағйирот ба инкишофу такомули калимасозиву шаклсозӣ мувофиқи талаботи қонунияти доимии забон ба амал меояд ва ба сохти грамматикии забон алоқаи хеле мустаҳкам дорад» [2, 87].

Тавассути пасвандҳо сохтани калимаҳо аз маъмултарину густурдатарин усули калимасозии забон маҳсуб меёбад. Маҳз бо туфайли ин роҳу усули калимасозӣ дар забон калимаҳои зиёд пайдо шудаанд. Махсусан дар калимасозии исм бо пасвандҳо сохтани исмҳо хеле маъмул аст. Тамоми пасвандҳои вожасоз бинобар маънои дастуриашон дар сохтани вожаҳои исмӣ ба чунин гурӯҳҳо тақсим мешаванд: пасвандҳое, ки исми шахс, макон ва маънӣ месозанд.

Дар мақолаи мазкур роҷеъ ба нақши пасванди **«гоҳ»** дар насри бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев сухан хоҳем кард.

Пасванди **«гоҳ»** дар адабиёти пешин ҳамчун калимаи мустақилмаъно истеъмол мешавад. Ниёгони мо дар луғатномаҳои иншокардаи хеш доир ба маънои луғавии вожаи **«гоҳ»** маълумоти дақиқ муътамад додаанд. Аз ҷумла, Муҳаммад Ғиёсуддин дар луғати худ «Ғиёс-ул-луғот» оид ба вожаи «гоҳ» чунин нуктаро зикр намудааст: «**Гоҳ** – ба маънии тахти подшоҳӣ, ба маънии вақту ҷой, хайма ва ба маънии дови қимор» [3,188].

Чунонки мебинем, калимаи **«гоҳ»** маъноҳои гуногуни лексикиро ифода мекардааст. Аммо дар ҷараёни инкишофи таърихи забон ба гурӯҳи морфемаҳо дохил шудааст ва ҳоло имрӯз дар забони адабии ҳозираи тоҷик дар таркиби калима ҳамчун пасванди ифодакунандаи макон мавриди истеъмол қарор дорад. Имрӯз вожаи **«гоҳ»** ҳамчун пасванди исми маконсоз дар забон мустаъмал буда, аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ исмҳои ифодакунандаи макону ҷой месозад.

Забоншиноси тоҷик Ш. Ниёзӣ, ки дар мавзӯи «Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ» таълифи арзишманде дорад, дар хусуси истифодаи пасванди «**гоҳ**» дар забони имрӯза сухан ронда, ба воситаи илова кардан ба исм номи маҳалли ичро шудани амалеро ишора кардааст. Ҳамчунин бо исм омадану номи ашё сохтани пасванди «**гоҳ**» - ро низ таъкид намудааст [4, 21].

Забоншиноси маъруф Ш. Рустамов низ дар мавриди калимаи мустақилмаъно будани унсури мазкур чунин менависад: «**Гоҳ** аслан калимаи мустақилмаъно буда, бо мурури замон маънои мустақили лексикии худро гум карда, дар забони адабии ҳозираи тоҷик ба пасванди сермаҳсул табдил ёфтааст» [5, 132].

Дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» исми маконсоз будани пасванди «**гоҳ**» қайд шудааст [1, 113].

Хоркашев С. дар боби корбурди ин пасванд сухан ронда, дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ҳамчун пасванди маконсоз серистеъмол будани онро зикр кардааст. Аз ҷумла муҳаққиқ чунин қайд намудааст: «Дар «Шоҳнома» пасванди **«гоҳ»** 450 маротиба ҳамчун лексемаи мустақил ба маънои ҷою макон истифода шудааст» [8,91].

Дар насри бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев низ пасванди «**гоҳ**» сермаҳсул буда, нависанда ин пасвандро бо тобишҳои гуногуни луғавӣ дар осораш фаровон истифода кардааст. Адиби нуктасанҷ исмҳои ифодакунандаи ҷой, макон ва маҳалро бо истифодаи пасвандҳои **«гоҳ», /«гаҳ»/, «ҷой», /«ҷо»/** сохтааст, аммо унсури грамматикии **«гоҳ»** сермаҳсул буда, аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ исми мухталиф месозад ва асоси мутлақи ин гурӯҳи исмҳоро ташкил медиҳад. Чунончи: **фурудгоҳ, зиёратгоҳ, оромгоҳ, истиқоматгоҳ, манзилгоҳ, паноҳгоҳ, идгоҳ, қадамгоҳ, намоишгоҳ, сайргоҳ, сайронгоҳ, камингоҳ, баромадгоҳ, коргоҳ, машқгоҳ, хилватгоҳ, дидгоҳ, гурезгоҳ, қабулгоҳ, нишастгоҳ, гузаргоҳ, маҷлисгоҳ, варзишгоҳ, омӯзишгоҳ, такягоҳ, дастгоҳ, даромадгоҳ, чарогоҳ, вурудгоҳ, тамошогоҳ, бошишгоҳ, мулоқотгоҳ, истироҳатгоҳ, зодгоҳ, хобгоҳ, пешгоҳ, бозоргоҳ, гардишгоҳ.**

Мисолҳои мазкурро вобаста ба сохт, вазифаи дастурӣ ва маънои луғавиашон метавон чунин гурӯҳбандӣ намуд:

1.Аз исмҳои моддӣ сохтани исмҳои ифодакунандаи макону ҷой ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам насри бадеии нависанда хеле серистеъмол аст. Чунончи:

Чунон ки ин навъ фиреби маҳз дар **камингоҳи** сари кӯи ҳар фарде ҳаст, ба назари ошиқ низ шахси ӯ аз будаш беҳтару меҳтар метобад [Муҳаммадиев Фазлиддин. Осори мунтахаб. Ҷилди 1, саҳ 305][‡].

Ҷузъи асосии исми макони «**камингоҳ**» вожаи «**камин**» дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маънои ҷойи пинҳон шудан бо мақсади ҳуҷум ба душман ва ё шикор, шинак, камингоҳ омадааст [9, 533].

Дар ҷумлаи фавқ вожаи **«камингоҳ»** ба маънои нуҳуфта будани мақсаду мароми шахс корбаст шудааст.

Аммо ҳанӯз аз **бозоргоҳ** дур нарафта ҷавонаи сӯр худро ба чаҳор сӯйи каппаи мошин задан мегирад. Феълан пасванди **«гоҳ»** бо исмҳои макон намеояд, аммо бо калимаи **бозор**, ки дар навбати худ маконро мефаҳмонад, омадани пасванди **«гоҳ»** дар забон роиҷ аст. Ин нуктаро нависандаи борикбин ба инобат гирифта, калимаи «**бозоргоҳ**»-ро дар насри бадеиаш ба маънии ҷое, ки бозор қарор дорад, ба кор бурдааст.

Эҳтимол маро ҳам шарафи ҳамроҳӣ кардан ба гурӯҳи ҳоҷиён насиб намегардад, зеро ё маро падарам ба **даргоҳи** Худованди карим қурбон месохт, ё инҳоро падаронашон (Ҷ. 2,70). Калимаи «**даргоҳ**» аслан маънои дамгаҳи дар, остонаи дар; боргоҳ, дарбор, арк ва қасри подшоҳӣ; ҳавлӣ, хона, хонадонро (Фарҳанги забони тоҷикӣ) ифода мекунад. Аммо дар баёни Фазлиддин Муҳаммадиев вожаи **даргоҳ**, ки дар таркиби ибораи «**даргоҳи Худованд**» ба кор рафтааст, маҷозан ба маънои хонаи Худо фаҳмида мешавад, ҳарчанд Худованд ломакон аст, матлаби гӯянда аз он макони талаби мақсуду мурод мебошад.

Ғурросу шақарроси **дастгоҳе**, ки дар соҳили дарё аз саҳар инҷониб барои бетонрезӣ санг мекӯфт, хомӯш гардид (Ҷ. 1, 159).

Калимаи **«дастгоҳ»** гунаи (вариант) дигараш **«дастгаҳ»** ҳамчун калимаи сермаъно дар забон ба маъноҳои мухталиф ба кор бурда мешавад. Ин вожа дорои чунин маъноҳои луғавӣ мебошад: қудрат ва имконият; давлат, бойигарӣ, мол; сармоя; корхона, коргоҳ; дӯкон; асбоб; дастрас, тасарруф, имкони тасарруф, ихтиёр [6,348].

Исми «**дастгоҳ**»-ро адиб дар ҷумлаи фавқ, чунон ки аз мазмуну муҳтавои ҷумла бармеояд, ба маънии «**станок**»-и русӣ, дастгоҳи сангмайдакунӣ истеъмол намудааст.

Дар насри бадеии нависанда, чунон ки дар фавқ қайд кардем, исмҳои макон бо гунаи **«гаҳ»** низ истифода шудааст. Лекин нисбат ба пасванди **«гоҳ»** доираи истеъмолаш маҳдуд аст. Поёнтар аз осиёб, ҳо ана дар он ҷо, дар **саргаҳи** хиёбони Сафедорон роҳро об пахш карда буд (Ҷ. 2, 75). Ҳамин гуна ҳамаи об дар **пойгаҳи** хонаи

[‡] Минбаъд дар қавс танҳо ҷилд ва саҳифа нишон дода мешавад.

истиқоматӣ низ ҳаст, вале аз поёни он ҷумаки обгирӣ шинонидаад (Ҷ. 2, 95). Дар равшании барқ **ҷойгаҳи** Заҳроро холӣ дида, ҳайрон шудам (Ҷ. 1, 260с).

2. Аз исмҳои маънӣ бо пасванди «**гоҳ**» сохтани исмҳо дар насри бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев ба таври фаровон вомехӯрад.

Чунончи:

…дар як хонаи **хобгоҳ** истиқомат мекардем, ба кабинети котиби бюро даъват карда аз хонишамон, аз ину он гап пурсид (Ҷ. 1,57).

Як шаб пештар аз шаби охирин ҳамаи меҳмононро ба «Корвонсаро» ном **истироҳатгоҳ** таклиф карданд (Ҷ. 1,96). Аммо аз чӣ шуд, ки троллейбус ба истгоҳи ӯ расиду фарояндагон дар **дамгоҳи** дар таъхир карданд (Ҷ. 1,305).

Дар осори нависанда баъзе исмҳои ифодакунандаи макону ҷой бо ду гуна (вариант) дида мешаванд. Масалан, вожаи «**сайргоҳ»** дар насри бадеии адиб бо гунаи (вариант) **«сайронгоҳ»** низ мустамал аст.

Чунончи:

…баландтар аз шамшодҳои мавзун, ки дар он ҷое, ки **сайргоҳи** уқобон аст, парвозкунон мегарданд, чашмони бачаҳои деҳотро бо дурахши сеҳрноки худ мебаранд (Ҷ. 1,161). Зимистон бошад, **сайронгоҳи** бодҳои дайду (Ҷ. 2, 288).

Дар ҳар ду ҷумла калимаҳои «**сайргоҳ»** ва **«сайронгоҳ»** ба маънои аслии худ кор фармуда шудааст, яъне манзур аз **«сайргоҳ»** ва **«сайронгоҳ»** ҷойи сайру гашт мебошад.

Исми **«тамошогоҳ »** бо калимаи **«сайргоҳ»** бо баъзе маъноҳояш муродиф буда, дар нутқ гоҳо ба ҷойи якдигар истифода мешаванд. Калимаи **«тамошо»**, ки ҷузъи асосии вожаи **«тамошогоҳ»** аст, дар навбати худ дидан, нигоҳ кардани манзарае; намоишро ифода мекунад. Бинобар ин, дар ҷумлаи зер вожаи «**тамошогоҳ»** на ба маънои сайру саёҳат, балки ба маънои ҷои тамошову намоиш омадааст: Дар **тамошогоҳ** ҳуштак кашидан аз одоб нест, албатта, лекин чандин сад каса беҳуда интизор кардан ҳам нишони маданият ҳисоб намешавад (Ҷ1, 321).

Ин суханон ҳам аз муаллим Турсунзода баҳори соли 1976, Рӯзҳои маданияти Қирғизистон дар Тоҷикистон ба шарафи Чингиз Айтматов ва дар ҳузури ӯ дар **маҷлисгоҳи** Университети давлатии Тоҷикистон гуфта буданд (Ҷ. 1,76). Вожаи «**маҷлис**» дар Фарҳанги забони тоҷикӣ ба маъноҳои зерин тавзеҳ ёфтааст: 1. Ҷамъомади одамон ба мақсади машварат, суҳбат ё зиёфат, маҳалли ҷаласа. 2. Ҷаласа, ҷамъомади одамон барои машварат. 3. Ҷамъомади одамон барои суҳбат ва зиёфат, ҷамъомади дӯстон, маҳфил базм (6, 679). Манзури нависанда аз истифодаи вожаи **«маҷлисгоҳ»** макони баргузории маҷлис ва ҷамъомади одамон барои машварат аст.

Дар майдони фарохи **мулоқотгоҳ** аввал як гурӯҳ писарбачагон аз ҳафт то дувоздаҳсола ба оҳанги мутрибон рақсеро намоиш доданд…(Ҷ. 1, 117). Калимаи «**мулоқот**» мафҳуми якдигарро дидан ва вохӯриро ифода мекунад (6, 727). Дар ҷумлаи фавқ бошад, исми «**мулоқотгоҳ**» макону маҳалли вохӯриро мефаҳмонад.

Ба **қабулгоҳи** раис даромада, ба одамони нав нишаста нигоҳ накарда, ҳатто ба рӯйи котиба ҳам нанигариста эълон кард (Ҷ. 2,440).

Калимаи «**қабулгоҳ**» аз решаи «**қабул»** ва пасванди маконсози «**гоҳ**» иборат мебошад. Вожаи **«қабул»** дар Фарҳанги забони тоҷикӣ ба маънои **пазируфтан**, **пазирофтан** ва **писандидан** дарҷ гаштааст [6,661]. Шакли сохтаи он **«қабулгоҳ»** маҳалли пазирофтан ва макони пазируфтанро ифода мекунад. Яъне зери мафҳуми калимаи «**қабулгоҳ**» ҷое фаҳмида мешавад, ки барои қабулу пазирофтан муқаррар карда шудааст.

Адиби маъруф Фазлиддин Муҳаммадиев калимаи **«қабулгоҳ»-**ро ба ҳамин маънои луғавиаш, яъне маҳалли пазиришу қабул ба кор бурдааст.

… бо вуҷуди он ҳар субҳу шом коргаронро аз хона ба **коргоҳ** аз коргоҳ ба хонаҳояшон мекашонад (Ҷ. 1, 340).

Вожаи **«коргоҳ»** дар луғатномаҳо ба маъноҳои гуногуни луғавӣ маънидод карда шудааст. Масалан, дар луғати «Ғиёс-ул-луғот» чунин шарҳ ёфтааст: маҳалли сохтани чизҳо, хусусан бофтани ҷома [3,159]. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» бо чунин маъниҳо омадааст: ҷойи кор, устохона; дӯкон, дастгоҳи бофандагӣ дарҷ гаштааст [6, 563].

Вожаи «**коргоҳ**» дар осори нависанда ба маънои умумиаш, яъне ҷойи кору фаъолият истифода шудааст.

Пеш аз ҳама **такягоҳ** лозим, баъд ягон тадбире зарур аст, ки ибтидои ягон кор гардад (Ҷ. 1, 11).

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» вожаи **«такягоҳ»** бо ду маънӣ ҷое, ки дар он такя мекунанд ва маҷозан ба маънои пуштибон, ҳомӣ зикр шудааст [6, 310].

Дар ҷумлаи фавқ нависанда калимаи «**такягоҳ**»-ро ба маънои маҷозиаш пуштибон ва ҳомӣ истеъмол кардааст.

Роҳи Тоифи муборак (номи кӯҳсор аст - А. Амлоев) аз **идгоххои** дирӯза мегузаштааст (Ҷ. 2,157).

Зери мафҳуми калимаи «**идгоҳ**» маҳалли ид, ҷой ва макони идгузаронӣ фаҳмида мешавад [6, 486].

Дар насри бадеии нависанда ба ҳамин маъно, яъне макону маҳалли идгузаронӣ истифода шудааст.

Мулло Ӯроқака дар Муздалифа **паноҳгоҳи** дурусте наёфта, ба таки кузови автомобили Ироқ даромада таҳорат карда буд (Ҷ. 2,153). Аз ду тарафи **қароргоҳи** мо автомобили боркаши Ироқ ва сайёраи (нақлиёти сафаркунанда - А. А.) сабукрави ёрии таъҷилии Сомалӣ меистод.(Ҷ. 2, 128) Аэропорти Хартум назар ба **фурудгоҳи** Қоҳира хурдтар, камшукӯҳтар, аммо ҳамин гуна нав ва хушнамо буд (Ҷ. 2, 24).

Дар забони тоҷикӣ бо пасванди «**иш**» аз асоси замони ҳозираи феъл исмҳои зиёде сохта шудааст. Аз ин исмҳо бо пасванди «**гоҳ**» исмҳои макон сохта мешавад, ки онҳо макони амал, машғулият, мавқеъ ва ҷойи истиқомат, ҳамчунин номи муассисаҳоро далолат мекунанд.

Фазлиддин Муҳаммадиев низ ба василаи пасванди маконсози **«гоҳ»** як қатор калимаҳое сохтааст, ки қобили қабул ва ҷолиби диққатанд.

Мутаассифона, имрӯзҳо вожаи «**гардиш**» ба ҷойи калимаи **«гардишгоҳ»** аз ҷониби тамоми гурӯҳи одамон ба маънии «**поворот**»-и русӣ барғалат истеъмол мешавад. Бехабар аз он ки на вожаи **«гардиш»**, балки калимаи **«гардишгоҳ»** метавонад, ки маънои калимаи русии **«поворот»**-ро ифода кунад. Чунон ки маълум аст, вожаи «**гардиш**» ва «**гардишгоҳ**» бо маъноҳои мухталифи луғавиашон аз ҳамдигар фарқ карда меистанд. Зеро вожаи «**гардиш**» маънои сайру ҳаракат ва даврзаниро ифода мекунад. Вожаи **«гардишгоҳ»** бошад, мафҳуми маконӣ дорад. Профессор Д. Хоҷаев дар мақолаи иншонамудаи хеш зери унвони «Баъзе мулоҳизаҳо дар бораи корбурди ду вожа» ин нуктаро мӯйшикофона таҳлилу баррасӣ намуда, тафовути маъноӣ доштани вожаҳои **«гардиш»** ва **«гардишгоҳ»**-ро возеҳу равшан бо далелҳои муътамад нишон додааст. Аз ҷумла, муҳаққиқ чунин қайд кардааст: «Вожаи «гардиш» исми амал ё масдар буда, маънии ҷунбиш, тағйир, сайру ҳаракат, даврзанӣ, чархзаниро дорад. Вожаи «гардиш» мафҳуми маконро танҳо дар сурати қабул кардани пасванди мавзеъсози «**гоҳ**» ифода карда метавонад, яъне дар қолаби **«гардишгоҳ»** [7,24].

Нависандаи закитабъ Ф. Муҳаммадиев низ вожаи **«гардишгоҳ»**-ро ҳамчун исми ифодакунандаи макон дар насри бадеиаш ба кор бурдааст.

Чунончи: Саидбек баръало шунавид, ки чанд мошини гарони боркаш думболи ҳам гузашта, дар **гардишгоҳи** танг махсусан бошиддат ғуррос зада, ба кӯтали начандон баланд баромад (Ҷ. 2, 354). Ба **«гардишгоҳи »** зинаи мобайнӣ қабати се ва чаҳорум баромада тамоку кашидам (Ҷ. 2,95).

Нависанда вожаи **«варзишгоҳ»**-ро ба маънии ҷойи машқу тамрин ва чорабиниҳои варзишӣ ба кор бурдааст. Чунончи:

Дар **варзишгоҳи** маркази район гӯштин мегирифтанд (Ҷ.1, 142).

Бояд зикр кард, ки нависанда дар осори пурқимати худ калимаҳои ҳаммаъноро (муродиф) барои ба такрор роҳ надодану шевогии забони асарҳояш сермаҳсул истифода бурдааст. Масалан, адиб дар ҷойи дигар вожаи «**варзишгоҳ»-** ро бо исми муродифи он **«машқгоҳ»** хеле хуб иваз кардааст, ки қобили пазириш аст. Чунончи:

Машқгоҳи ҳамвори эскадронро (дастаи аскарони савора-А. А.) худатон нахостед (Ҷ. 1, 482).

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар осори нависанда исмҳои макони **«бошишгоҳ»**, «**истиқоматгоҳ**» ва **«хобгоҳ»** зиёд ба назар расиданд. Ин исмҳои маконӣ аз вожаҳои мухталиф, ки ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ мансубанд, ба маънои умумии ҷойи ҳаётгузаронӣ мавқеи зиндагӣ муродиф (синоним) мебошанд. Яъне дар нутқ бо маънои ҷойи зист, ҷойи истиқомат истеъмол мешавад. Дар осори нависанда низ калимаҳои мазкур ҳамчун муродиф дар таркиби ҷумлаҳои алоҳида омадаанд.

Чунончи:

Қориака яке аз хизматгорони мизбонро хоҳанд фармуд, ки омада гилемкуҳнаҳоро барорад ва маро ба **бошишгоҳи** инҷоии Зайнӣ Кӯшак (номи саиди давладмандест, ки ҳавлиаш ба Каъбатуллоҳ наздик буд ва ҳоҷиён дар вақтҳои ҷой наёфтан дар меҳмонхонаҳо дар хонаи ӯ иқомат мекарданд-А.А.) ҳидоят кунад (Ҷ. 2.130). Он гоҳ **истиқоматгоҳи** мо гаҳворасон ба ҷунбиш медаромад (Ҷ. 2, 52).

Аслан пасванди мавзеъсози **«гоҳ»** бо калимаи «**манзил**», ки худ ифодагари макон аст, намеояд. Аммо монанди калимаи **«бозоргоҳ»** дар адабиёти классикӣ бо пасванди **«гоҳ»** корбаст шудани калимаи **«манзил»** низ дида мешавад. Дар осори Ф. Муҳаммадиев ҳам дар ҳамин қолаб омадани исми «**манзил**» мушоҳида шуд. Чунончи:

– Кист ин амиралмуъминин?- пурсид Исрофил, ки дар болои зинаи **манзилгоҳаш** маро мунтазир менишаст (Ҷ. 2.144).

3. Пасванди «**гоҳ**» аз сифат исми макон месозад, ки хусусияти таъйиотӣ дорад. Дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» каммаҳсул будани ин роҳи калимасозӣ зикр шуда, аслан бо се калима: **хилватгоҳ**, **оромгоҳ** ва **амонгоҳ** омадани он зикр шудааст [1, 114].

Дар насри бадеии Ф. Муҳаммадиев ҳам доираи бо сифат сохта шудани исми макон маҳдуд аст. Дар осори адиб калимаҳои **хилватгоҳ** ва **оромгоҳ** ба назар расиданд. Мисол:

Эҳтимол, фақат нодонтарин чӯпон надонад, марде ҷавонзанеро берун аз шаҳр ба **хилватгоҳе** бурда, ба ӯ дар чӣ хусус гап задан мехоҳад (5, 364). …баъд иншоолоҳ ба зиёрати **оромгоҳи** пайғомбар-Мадинаи мунаввара равон хоҳем шуд (Ҷ. 2, 46).

1.Бо асоси замони ҳозира ва гузаштаи феъл омада исми макон месозад, ки ҷойи таввалуд, амалиёт ва роҳи ҳаракатро мефаҳмонад:

а). Аз асоси замони ҳозираи феъл:

Боғча бо тавораи (чапарак, девори аз шохаҳо кашидашуда-А.А.) бофтаи химчагин иҳота шуда, аз тарафи рост **гузаргоҳи** рахнамонанде дошт (Ҷ. 1, 245). Дар ҳамин вақт фармон доданд, ки ба майдони пеши **истгоҳ** бароед, митинг мешавад (Ҷ. 1, 211). Рост мегӯяд Хиромон маноракран барои ӯ на фақат **коргоҳ**, балки низ **гурезгоҳи** дилпазир аст (Ҷ. 2, 361)

б). Аз асоси замони гузаштаи феъл:

Дар назди **даромадгоҳи** меҳмонхона Маҳмудҷон Воҳидов меистод…(Ҷ.1, 74). Дар **баромадгоҳ** Наққошро Ҳамадон мунтазир буд (4, 316). Дастаи дусаднафарии Асадуллобек **зодгоҳи** Зайнаб – деҳаи Бошкенгаш ва дастаи Алимардон-додхо – қишлоқи Тӯбакро забт карда буданд (Ҷ.1, 488). Вай дар сари теппае, дар мавқеи **дидгоҳаш** фарохе, ҷой гирифта буд (Ҷ. 2, 354).

Ҳамин тариқ, пасванди мавзеъсози **«гоҳ»** дар насри бадеии Ф. Муҳаммадиев хеле сермаҳсул будааст. Нависанда бо истифода аз пасванди **«гоҳ»** калимаҳое ба монанди **гардишгоҳ, нишастгоҳ, сайронгоҳ, дидгоҳ, истгоҳ, идгоҳ, дидгоҳ, гурезгоҳ, мулоқотгоҳ** сохтааст, ки дар адабиёти тоҷик кам ба назар мерасанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ 1. Фонетика ва морфология.-Душанбе, 1985.- 350с.
2. Лившитс В. А. О внутренних законах таджикского языка. Из. в. отд. общ. наук. АН Тадж. ССР, 1954,№5/3/.- С.87-102.
3. Муҳаммад Ғиёсиддин. Ғиёс-ул-луғот. Ҷилди 2.- Душанбе, 1987; - 480с.
4. Ниёзӣ Ш. Исму сифат дар забони адабии тоҷик; - Сталинобод, 1954.- 50с.

5. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 1972. – 77с.
6. Фарҳанги забони тоҷикӣ(аз асри Х то ибтидои асри ХХ). Ҷилди 1. - М: Сов. Энсиклопедия. 1969.-951с.
7. Хоҷаев Д. Гуфтори накӯ куҳан нагардад. – Душанбе, 2011. -230с.
8. Хоркашев С. Калимасозии исм бо пасвандҳо. – Душанбе, 2010.-144с.

Манбаҳо:

1. Муҳаммадиев Фазлиддин. Асарҳои мунтахаб. Ҷилди 1. – Душанбе: Ирфон, 1978; - 556с.
2. Муҳаммадиев Фазлиддин. Асарҳои мунтахаб. Ҷилди 2. – Душанбе: Ирфон, 1980; - 504с.

РОЛ СУФФИКСА «ГОХ» В ПРОЗЕ ФАЗЛИДДИНА МУХАММАДИЕВА

В статье рассматривается роль суффикса «гох» в прозаических произведениях народного писателя Таджикистана Фазлиддина Мухаммадиева.

Ключевые слова: суффикс, применение суффиксов, использование суффикса «гоњ» в прозе Фазлиддина Мухаммадиева

ROL SUFFIX "GOH" IN PROSE FAZLIDDIN MUKHAMMADIEVA

In the article the roll suffix "goh" in prose writer of the People of Tajikistan Fazliddin Mukhammadieva.

Key words: suffix, application of suffixes, suffix use "gokh" in Fazliddin Mukhammadiyev's prose

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Аминджон Амлоев –*** аспирант Таджикского национального университета

"КИМИЁИ САОДАТ"-И АБӮҲОМИД ҒАЗЗОЛӢ ЯКЕ АЗ САРЧАШМАҲОИ БОЭЪТИМОДИ ЗАБОНИ ФАЛСАФАИ ЗАБОНИ ФОРСӢ (ТОҶИКӢ)

Наҷмиддин Солиҳов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳуҷҷатулислом Абӯҳомид Имом Муҳаммади Ғаззолӣ (450ҳ./1058м.–505ҳ./1111м.) яке аз бузургтарин файласуфон ва шахсиятҳои динӣ дар таърихи фалсафа, тамаддуни форсу тоҷик ва исломӣ мебошад. Ӯ аз зумраи он чеҳраҳои улуми исломӣ аст, ки бо навиштани асари бузурги доиратулмаорифии худ «Иҳё-ул-улумиддин» (*Зиндагардонии илмҳои динӣ*) дар фалсафаи исломӣ ва Ғарб шуҳрати ҷаҳонӣ касб карда, дар соҳаҳои мантиқ ва ахлоқ низ осори бебаҳо аз худ боқӣ гузошт.

Ҳадафи мақолаи мо таҳқиқу шарҳи ҷаҳонбинии фалсафӣ ва ахлоқии ӯ нест, зеро ин масъала то андозае дар таҳқиқоти донишмандони маҳаллӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст [1], балки мақсади мо пажӯҳиш ва баррасии забоншиносӣ қарор додани лексикаи яке аз асарҳои машҳури ахлоқии ӯ «*Кимиёи саодат*» мебошад. Бояд тазаккур кард, ки ин асар ба забони форсӣ (тоҷикӣ) навишта шуда, мазмуни мухтасари осори ба забони арабӣ таълифшудаи ӯро ташкил медиҳад.

Мо мавзӯи таҳқиқи худро дар асоси нусхаи муътабари ин асар, ки онро ходимони Институти ховаршиносӣ ва мероси хаттӣ Дӯстмуҳаммади Дӯст ва Қудратбек Элчибеков ба хатти кириллӣ бозгардон ва ба чоп омода кардаанд, сурат гирифтааст. Муҳаққиқон С. Аҳмедов ва Ш. Имомов низ дар муқаддимаи он як таҳқиқи мукаммал анҷом додаанд [2]. Ҳамчунин ҳангоми таҳқиқ ба нусхае, ки Аҳмад Ором омода карда, соли 1376ш./1998 ба чоп расонидааст, муроҷиат намудаем.

Роҷеъ ба ин суол, ки чаро «*Кимиёи саодат*»-ро мо мавриди таҳқиқи лингвистӣ қарор додаем, ин аст, ки ба назари мо қудрат ва тавоноии илмии ҳар як забон пеш аз ҳама ба воситаи мавҷудияти сарчашмаҳои мухталифи хаттии адабӣ, забонӣ, таърихӣ, фалсафӣ, ҷуғрофӣ ва ғайра муайян карда мешавад, зеро маҳз дар чунин сарчашмаҳои боэътимод захираи луғавии забони адабӣ ба сурати мукаммал гирдоварӣ мегардад. Агар ба таърихи пайдоиш, такомул ва ташаккули забони адабии тоҷик назар афканем, ин ҳақиқат ошкор мегардад, ки осори илмӣ-фалсафии халқи тоҷик дар пайдоиш, тараққӣ ва ташаккули забони адабии тоҷик ва ғанӣ гардонидани фонди луғавии он нақши арзанда бозидааст. Аз ин рӯ ба чунин осор муроҷиат намудан яке аз аҳдоф ва воҷиботи забоншиносии тоҷик мебошад.

Ишораи ин нуқта кофист, ки забони адабии тоҷик маҳз ба шарофати осори илмӣ-фалсафии мутафаккирони тоҷик Ибни Сино, Носири Хусрав ва Умари Хайём аз маҳдудияти илмӣ берун гардида, дар муддати зиёда аз 1400 сол дар баробари забони арабӣ дувумин забоне мебошад, ки ба воситаи он осори фаровони илмӣ-фалсафӣ навишта шудааст. Дар шароити кунунӣ, ки Тоҷикистон ба истиқлолияти сиёсӣ ва

фарҳангӣ ноил гардида, забони адабии тоҷик яке аз аркони муҳими давлат ва давлатдорӣ табдил ёфтааст, омӯзиш ва таҳқиқу баррасии забони ҳамин осор яке аз вазифаҳои асосии забоншиносии тоҷик мебошад, зеро бо назардошти пешрафти илму техника ва афкори иҷтимои ҷомеа лексика ва истилоҳоти ин осор яке аз сарчашмаҳои боэътимоди таъмин кардани эҳтиёҷоти забони адабии тоҷик бо калима ва истилоҳоти нав мебошад.

Имом Ғаззолӣ баъди Ибни Сино ва Носири Хусрави Қубодиёнӣ аз ҷумлаи мутафаккирони форсизабон аст, ки осори худро бо ду забон: арабӣ-забони илму фалсафа ва идории ҷаҳони ислом ва ба форсӣ (тоҷикӣ)-забони модарии хеш таълиф кардааст. «*Кимиёи саодат*» баъд аз «*Донишнома*» -и Ибни Сино [3] ва «*Зод-ул-мусофирин*» -и Носири Хусрав [4], ки ба забони форсӣ (тоҷикӣ) навишта шудаанд, аз манбаъҳои боэътимоди забони илм ва фалсафаи тоҷику форс мебошад. Омӯхтани забони «*Кимиёи саодат*» ва хосатан лексикаи арабии он барои омӯзиши таърихи таҳаввул ва ташаккули забони тоҷикӣ аҳамияти калон дорад. Аз ҷиҳати дигар, омӯзиши лексикаи арабие, ки дар ин асар зикр гардидааст, ба саволи ин ки кай ва чӣ тарз ин калима ва истилоҳот ба фонди луғавии забони форсӣ (тоҷикӣ) дохил гардида, чӣ таъсире ба сохтори грамматикӣ ва лексикии он ворид намудаанд, ҷавоби мукаммал мегӯяд.

Ҷойи тазаккур аст, ки дар солҳои охир забони осори илмӣ-фалсафии мутафаккирони форсу тоҷик дар забоншиносии тоҷик дар корҳои Сулаймонов С., Мирзоҳасани Султон ва А.Байзоев [5] мавриди таҳқиқ қарор гирифта, хусусиятҳои хоси истилоҳофаринӣ дар осори илмӣ-фалсафии Ибни Сино ва Берунӣ муайян гардидааст, ки кори мо идомаи чунин таҳқиқот мебошад.

«*Кимиёи саодат*» дар миёнаи солҳои 465ҳ. то 478ҳ. навишта шуда, матолиби илмии он аз унвонҳо, аслҳо ва рукнҳо иборат буда, мутафаккир масоили мухталифи фалсафиро дар пояи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Ин асар низ чун «*Донишнома*»-и Ибни Сино, ки мухтасар ва мағзи осори фалсафии ӯро ташкил медиҳад, ҷавҳари асосии осори ахлоқии Ғаззолиро, ки дар осори ба арабӣ таълифкардаи ӯ чун «*Эҳё-ул-улум-ид-дин*» баён гардидаанд, ташкил медиҳад. Аз назари шеваи нигориш «*Кимиёи саодат*» на танҳо дар байни мероси фалсафии ӯ, балки дар миёни дигар осори файласуфони форсизабон бисёр фаҳмо ва ба забони форсӣ (тоҷикӣ)-и фасеҳ навишта шудааст. Муқаддимаи китоб чаҳор унвон дорад: худшиносию худошиносӣ, дунёшиносию охиратшиносӣ. Матни «*Кимиёи саодат*» чун «*Эҳё-ул-улум-ид-дин*»ба чаҳор рукн: ибодот, муомалот, муҳликот ва мунҷиёт тақсим гардидааст.

Имом Ғаззолӣ роҷеъ ба ҳадафи асосии асари худ дар дебочаи он мегӯяд: … ва мақсуд аз ниҳодани ин китоб шарҳу эзоҳи ин кимиёст, ки ба ҳақиқат кимиёи саодати абадӣ аст. Ва ин китобро ба ин маънӣ «*Кимиёи саодат*» ном кардем ва номи «*Кимиё*» бар вай авлотар. Чи, тафовут миёни симу зар беш аз суфрату ризонат нест ва самараи он кимиё беш аз танаъъуми дунё нест. Ва муддати дунё худ чанд аст ва неъмати дунё худ чист? [6]

«*Кимиёи саодат*»-и Имом Ғаззолӣ барои забоншиносии муосири тоҷикӣ дорои аҳамияти зерин аст:

1. Аз таърихи пайдоиш, таҳаввул ва ташаккули забони илму фалсафаи забони тоҷикӣ (форсӣ) маълум аст, ки Ибни Сино бо навиштани «*Донишнома*» асоси пайдоиш, таҳаввул ва ташаккули истилоҳоти фалсафиро дар забони тоҷикӣ (форсӣ) бунёд гузошта, онро дар қатори забони волои шеъру адаби тоҷикӣ (форсӣ), бори аввал дар соҳаи фалсафа истифода намуда, собит сохт, ки ин забон чун забони «ҳокими давр» – забони арабӣ метавонад, нозуктарин масоили фалсафиро низ баён созад. Носири Хусрави Қубодиёнӣ бошад, бо навиштани тамоми осори худ ба забони форсӣ (тоҷикӣ) ва махсусан «*Зод-ул-мусофирин*» анъанаи Ибни Синоро ривоҷ дода, натанҳо тамоми осорашро ба забони порсии дарӣ навишт, балки сабки нигориш ва забони осори худро фаҳмотар ва дилчасптар кард.

Абӯҳомид Ғаззолӣ яке аз давомдиҳандагон ва такмилкунандагони истилоҳот ва тарзи нигориши фасеҳу ҷолиби маводи фалсафӣ ба забони тоҷикӣ (форсӣ) тавассути навиштани «*Кимиёи саодат*» аз таҷрибаи форсинигории Ибни Сино, Носири Хусрав ва Умари Хайём истифода карда, истилоҳоти онҳоро собиту устувор сохт ва худ низ осори гаронбаҳо ба ин забон таълиф карда, забони илми ахлоқро дар мисоли «*Кимиёи саодат*» рангу мазмуни фалсафӣ дод.

2. Матни «*Кимиёи саодат*» саршор аз истилоҳот, таркибот ва муфрадоте мебошад, ки онҳо дар ташаккули истилоҳоти илмӣ-фалсафӣ ва ғанӣ гардонидани фонди луғавии забони форсӣ (тоҷикӣ) нақши муҳим бозидаанд.

3. Таҳқиқи матни «*Кимиёи саодат*» имкон фароҳам месозад, ки ба таърихи тараққӣ ва ташаккули забони форсӣ (тоҷикӣ), ки дар он нақши калима ва ибораҳои арабӣ хело чашмрас аст, бештар ошноӣ пайдо намоем.

Мо тасмим гирифтаем, ки ҳадафи таҳқиқи худ масдарҳои арабии ин сарчашма, муқоиса, дараҷаи истифодабарӣ ва самаранокии онҳоро дар забони муосири тоҷикӣ мавриди таҳқиқ қарор бидиҳем.

Ҳарчанд масдарҳои арабӣ як бахши асосии фонди луғавии забони тоҷикиро ташкил дода, дар калимасозии он фаъолона ширкат меварзанд, вале то ҳол дар асоси як сарчашмаи мушаххас ва боэътимод мавриди таҳқиқи лингвистӣ қарор нагирифтаанд.

Масдар чун шакли ибтидоии феъл, ки номи амал (*давидан, гуфтан, навиштан*) ва ҳолатро чун протсес (*гаштан, хобидан, сабзидан*…) фаҳмонида, шакли тасрифнашавандаи феъл ба шумор меравад [7], дар забоншиносии араб аз мавзӯъҳои баҳснок ва печида ба ҳисоб мерафт. Бесабаб набуд, ки дар забоншиносии асримиёнагии араб мактаби забоншиносии Басра ва Кӯфа пайдо гардида, мавзӯи баҳси онҳо масдар ва ҷойгоҳи он дар низоми грамматикӣ ва сохтори забони арабӣ қарор гирифта буд. Бо назардошти аҳамияти мавзӯи масдар, ҷойгоҳ ва хусусиятҳои хоси грамматикии он дар забоншиносии асримиёнагии араб дар осори Абӯумар ибни ал-Аъло, Халил ибни Аҳмад, Сибавейҳ, Алфароъ, Алахфаш, Алмаъзинӣ, Алмубаррид, Ибни Қутайба, Саълаб ва муҳаққиқони муосир мавриди таҳқиқи муфассал қарор гирифтааст [8].

Баъди интишори ислом ва мақоми илмӣ ва идорӣ касб намудани забони арабӣ ба таркиби луғавии забонҳои кишварҳои истилошуда бар асари ҷангҳо, бархӯрдҳои бевосита, адабиёт ва дин аз забони арабӣ калима ва ибораҳои зиёд ворид гардид. Дар ин росто забони тоҷикӣ (форсӣ) истисно набуда, ба таркиби он калима ва истилоҳоти фаровони арабӣ ворид гардида, баъди ҳазмшавӣ як бахши умдаи фонди луғавии забони тоҷикӣ (форсӣ) – ро ташкил додаанд.

Тибқи таҳқиқоти забоншиносӣ ҳар як калима ва ибораи хориҷие, ки ба ин ё он забон дохил мегардад, пеш аз ҳама ба қонуну қоидаҳои фонетикӣ, грамматикӣ ва лексикии он мутобиқ гардида, як бахши асосии фонди луғавиро ташкил медиҳанд. Калима ва ибораҳои арабие, ки ба фонди луғавии забони тоҷикӣ ворид гардидаанд, ба қонуну қоидаҳои забони тоҷикӣ мутобиқ гардида, табиист, ки баъзе ба тағйироти фонетикӣ ва лексикӣ дучор гардидаанд. Одатан иқтибосоти забоншиносӣ ба чаҳор навъи тағйирот дучор мегарданд, ки муҳимтарини онҳо ба ин қарор аст: 1) дар шакли аслӣ ва бетағйир қарор гирифтан; 2) васеъшавии маъно; 3) тангшавии маъно; 4) тағйироти фонетикӣ.

Таҳлили забоншиносии масдарҳои арабии «*Кимиёи саодат*» нишон дод, ки онҳо чун дигар калимаҳои иқтибосии арабии забони тоҷикӣ ба тағйиротҳои фонетикӣ ва лексикӣ дучор гардида, хусусиятҳои хоси фонетикӣ ва лексикиро касб намуда, дар калимасозии забони тоҷикӣ фаъолона ширкат намудаанд. Аз ин ҷо ки ҳадафи мақола муаррифии умумии забоншиносии ин сарчашма буд, таҳлили ҷомеи лингвистии масдарҳои арабии онро дар мақолаҳои ояндаи худ мавриди таҳқиқ қарор хоҳем дод.

А Д А Б И Ё Т

1. Ғаззолӣ А.М. Кимиёи саодат. -2 ҷилд.- Душанбе: Эр-граф.- 2008.
2. Ҳамон ҷо. -Ҷ. 1.- С. 7-83.
3. Абӯалӣ ибни Сино. Осор. -Ҷ. 1.- Душанбе, 2005
4. Носири Хусрав. Зод-ул-мусофирин. Тасҳеҳ ва таҳқиқи Сайидмуҳам-мад Имоди Ҳоирӣ. -Теҳрон, 1384 ш./2002.
5. Сулаймонов С. Формирование терминологии таджикской философии. -Душанбе, 1997.- С.60-64.; Мирзоҳасани Султон. Ташаккул ва такомули истилоҳоти илмии форсӣ-тоҷикӣ. -Душанбе, 2008.
6. Ғаззолӣ А.М. Кимиёи саодат. с. 86.
7. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. -Ҷ. 1.- Душанбе: Дониш.- 237.
8. Шаҳота М.А. ал-Масдар ас-синои фи-л-арабийа. Дироса сарфийа ва далолийа мин хилол муаллафот ал-Киндӣ ва ал-Форобӣ ва Ибн Сино. ал-Қоҳира, 1996, с. 17; Т.А. Амирова, Б.А. Ольховиков, Ю.В. Рождественский. Очерки по истории лингвистики. -М., с. 146-162.

"*КИМИЁИ САОДАТ*" ИМАМА ГАЗЗАЛИ ОДИН ИЗ ДОСТОВЕРНЫХ ИСТОЧНИКОВ НАУЧНОГО ЯЗЫКА ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКОГО ЯЗЫКА

В статье делается попытка ознакомить с произведением "*Кимиёи саодат*" ("*Эликсир счастья*") Имама Газзали как одного из надёжных источников формирования и становления языка таджикской науки и философии на примере арабских масдаров.

Ключевые слова: арабское языкознание, таджикское языкознание, школы языкознания, лексическое и грамматическое значение, система и структура таджикского и арабского языков, термин, философские термины.

"KIMIYOI SAODAT" IMAM GAZZALI ONE OF RELIABLE SOURCES OF LANGUAGE OF SCIENCE OF THE TAJIK-PERSIAN LANGUAGE

In article attempt to acquaint "Kimiyoi saodat" ("A happiness elixir") Imam Gazzali as one of reliable sources of formation and formation of language of the Tajik science and philosophy on the example of Arab масдаров becomes.

Key words: arab linguistics, Tajik linguistics, linguistics schools, lexical and grammatical meaning, system and structure of the Tajik and Arab languages, term, philosophical terms.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Н.Салихов*** – соискатель ТНУ. Телефон: **93-527-84-28**

ЛЕКСИКО-СЕМАНТИЧЕСКАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА СОБСТВЕННЫХ ПОНЯТИЙ В СОСТАВЕ ГЕОЛОГИЧЕСКОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Р.М.Султанова
Таджикский национальный университет

В период научно-технического прогресса большое значение приобретает научный стиль. Несмотря на достаточно большое количество трудов по исследованию научных подъязыков как отечественных, так и зарубежных ученых, существует необходимость поиска лингвистических новаций в отдельно взятой геологической терминологии.

Анализ терминологического материала позволяет ясно осознать наличие в структуре терминологии геологии подсистем, обладающих определенной

структурной целостностью, и в тоже время подчиненных функционированию единого механизма геологической терминосистемы.

В ходе лексико-семантического анализа геологической терминологии уместно использование метода «терминологических гнезд», разрабатываемого лингвистом Канделаки Т.Л. [7,67]. Под «терминологическим гнездом» понимается группа терминов, объединенная на основе общности опорного терминоэлемента, который входит в качестве основной терминообразующей единицы в каждый термин гнезда и функционирует как самостоятельный термин. Данный принцип объединения терминов в терминологические гнезда является средством исследования состава терминологий, выделения их разделов.

Как показало исследование, для геологической терминосистемы, как и любой другой, характерно наличие двух неоднородных типа терминов: привлеченных и собственных. Привлеченными в геологическую терминологию лексическими единицами являются общенаучные термины (образования, ассоциация, развитие, эволюция, принцип, станция, схема, класс и др.) и термины, сопредельных с геологией областей знания (частота, параметр, изотопы, деформация, фильтрация, фенолы, озеро, рельеф, мутация, метаморфизм).

Собственно геологические термины образуют лексико-семантическую основу геологической терминологии, которую можно разделить на два терминологических блока 1) терминологический блок, выражающий понятия естественных объектов и процессов и 2) терминологический блок, выражающий понятия искусственных объектов и процессов. Подобную классификацию собственно геологических терминов приводят и ученые-геологи, непосредственно занимающихся вопросами изучения терминологии, и лингвисты-терминоведы. В частности, терминовед Бессонова Е.В. предлагает следующее разграничение собственно геологических терминов: «1) терминологический блок, связанный с природой, рассматриваемой без участия человека, и 2)

терминологический блок, связанный с природой, рассматриваемой с участием человека (то есть - с техносферой)» [2,6].

Лексико-семантический анализ терминологического блока, выражающего понятия естественных объектов и процессов. Терминологический блок, выражающий понятия естественных объектов и процессов связан с «природой, рассматриваемой без участия человека».

Семантическая категория «естественных объектов» представлена определенным набором одиночных терминов таких, как: столб рудный (сутуни маъдан), хвост угольного пласта (партови қабати ангишт), колодцы лавовые (қудуқҳои лава), граница Мохоровичича (сарҳади Мохоровичич); сорт полезного ископаемого (навъи кандании фоиданок); наклон слоев (нишебии қабатҳо).

Семантическая категория «естественных объектов» также широко представлена терминологическими гнездами:

Горные породы (ҷинсҳои кӯҳӣ) - магматические (магматикӣ)
- осадочные (таҳшин)
- метаморфические (метаморфӣ)
- интрузивные (интрузивӣ)

Минералы (минералҳо) - автигенные (автигенӣ)
- акцессорные (аксессорӣ)
- аллотигенные (аллотигенӣ)
- осадочных пород (ҷинсҳои таҳшин)

Руда (маъдан) - бедная (заиф)
богатая (бой, тоза)
-вкрапленная (заррахол)
-желваковая (желвакӣ)
-комплексная (комплексӣ)
-окисленная (оксидшуда)
- убогая (назарногир)

Месторождение (кон) - нефти и газа (нафту газ)
- осадочное (таҳшинӣ)
- высоко-, средне-, низкотемпературное (баланд-, миёна-, пастҳарорат)
- пластовое (қабатӣ)
- выветривания (фарсоиш)
- близповерхностное (назди рӯизаминӣ)
- закрытое (пӯшида)

Геосинклиналь (геосинклинал) – типа A, B,C, D (типи A, B, C, D)
- зеленокаменная (сабзандом)
- возрожденная (барқароршаванда), наложенная (замшаванда)
- остаточная (бақиявӣ)
- меж-, вокругконтинентальная (байни-, гирдиқитъавӣ)

Складки (чинҳо) - диапировая (диапирҳо)
- изоклинальная (изоклиналӣ)
- лежачая (хобида)
- нормальная (муқаррарӣ)
- магматогенная (магматогенӣ)
- коробчатая (сандуқшакл)

Фация (фатсия) - геохимическая (геокимиёвӣ)
- литологическая (литологӣ)
- глубинности (чуқурнокӣ)
- магматических пород (ҷинсҳои магматикӣ)
- метаморфическая (метаморфӣ)
- минеральная (минералӣ)

Вулкан (вулқон) - действующий (амалкунанда)
- потухший (хомӯш)
- центральный (марказӣ)
- грязевой (лойқавулқон)

- щитовидный (сипаршакл)

Ледники (пиряхҳо) - горные (кӯҳӣ)
- материковые (қитъавӣ)
- подножий (пуштакӯҳӣ)
- древовидные (дарахтшакл)
- переметного типа (хӯрчиншакл)
- туркестанского типа (намуди туркистонӣ)
- каркасная (қолибӣ)

Семантическая категория «естественных объектов» тесно связана с семантической категорией «естественных процессов», которая, в свою очередь, широко представлена в понятийном аппарате геологии. Семантическая категория «естественные процессы» выражена а) одиночными собственно геологическими терминами: скольжение возрастное (ғеҷиши синнӣ), горообразование (кӯҳпайдошавӣ), дегазация магмы (дегазатсияи тафта), индикация загрязнения (индикатсияи захролудшавӣ), сцементированность осадочных пород (сементнокшавии ҷинсҳои таҳшин), пульсация земной коры (таппиши қишри Замин), погружение шарнира складки (ғутониши шарнири чин), дефляция (бодхурдашавӣ), заражение водоемов (захролудшавии обанборҳо); ловушки нефти и газа (доми нафту газ) б) терминологическими гнездами:

Процессы геологические - эндогенные (эндогенӣ)
(ҷараёнҳои геологӣ) - тектонические (тектонӣ)
- магматические (магматикӣ)
- постмагматические (постмагматикӣ)
- минералообразование (минералҳосилшавӣ)
- геохимические (геохимикӣ)

Вулканизм (вулғонизм) - орогенный (орогенӣ)
- островной (ҷазиравӣ)
- субаэральный (субаэралӣ)
- геосинклинальный (геосинклиналӣ)

Оледенение (яхбандӣ) - морское (баҳрӣ)
- подземное, наземное (зеризаминӣ, рӯизаминӣ)
- материкового типа (намуди қитъавӣ)

Течения (ҷараёнҳои) - послойные (қабатӣ)
- донные (қаърӣ)
- морские (баҳрӣ)
- прибрежные (наздисоҳилӣ)

Колебания - вековые земной коры (асрии қишри Замин)
(пасту баландшавӣ) - климатические (иқлимӣ)
- микросейсмические (микросейсмикӣ)
- уровня моря (сатҳи баҳр)

Миграция - первичная (нахустин)
(миграция, кӯчиш) - складчатости (чиннокӣ)
- фации (фатсияҳо)
- наносов (бодовардҳо)
- нефти и газа (нафту газ)
- сухих дельт (делтаҳои хушк)

Выветривание - физическое (физикӣ)
(фарсоиш) - химическое (кимиёвӣ)
- органическое (органикӣ)
- подводное (зериобӣ)
- термическое (термикӣ)
- углей, месторождений (ангиштҳо, конҳо)

Эрозия - избирательная (интихобӣ)
(эрозия) - почв (хокҳо)
- морского дна

Движения тектонические - вертикальные (амудӣ)
(ҳаракатҳои тектонӣ) - глубинные (қаърӣ)
- горизонтальные (уфуқӣ)

- колебательные (лаппанда)
- складчатые (чинофаранда)

Таким образом, терминологический блок, связанный с природой, рассматриваемой без участия человека, то есть категории «естественные объекты» и «естественные процессы», включает достаточно большое количество одиночных терминов и терминологических гнезд различных типов.

Лексико-семантический анализ терминологического блока, выражающего понятия искусственных объектов и процессов

Терминологический блок, связанный с природой, рассматриваемой с участием человека, также представлен двумя семантическими категориями «объекты» и «процессы». Но как вытекает из названия терминологического блока объекты и процессы не естественные, а искусственные. Как показало исследование, анализ этого терминологического блока следует начинать с семантической категории «искусственных процессов», так как они являются основой происхождения «искусственных объектов».

Семантическая категория «искусственных процессов выражена а) одиночными терминами: дешифрование космических снимок (рамзкушоии аксҳои кайҳонӣ), литье каменное (сангрезӣ), замораживание горных пород (яхкунонии ҷинсҳои кӯҳӣ), каолинизация (каолиннокшавӣ), каротаж (каротаж), корреляция (коррелятсия, муқоисакунӣ), сортировка углей (ба навъҳо ҷудокунии ангишт), коксование (кокс пухтан), кодирование (бо рамз ифода кардан), б) терминологическими гнездами:

Бурение (пармакунӣ) - разведочное (иктишофӣ)
- глубокое (чуқур)
- картировочное (барои нақшагирӣ)
- колонковое (сутунӣ)
- ударное (зарбазанӣ)

Разведка (иктишоф) - детальная (муфассал)
- предварительная (пешакӣ)
- эксплуатационная (истихроҷӣ)
- магнито- (магнитӣ)
- электро- (электрӣ)

Обогащение (бойгардонӣ) - углей (ангишт)
- полезных ископаемых (ҷинсҳои кӯҳӣ)

Опробование (маҳакгирӣ) – общее (умумӣ)
- бороздовое (ҷӯякӣ)
- геохимическое (геохимикӣ)
- минералогическое (минералогӣ)
- отвалов (аз партовҳо)
- по типам руд (аз хелҳои маъдан)
- подземных вод (обҳои зеризаминӣ)

Съёмка (нақшагирӣ) - аэромагнитная (аэромагнитӣ)
- геологическая (геологӣ)
- литогеохимическая (литогеохимикӣ)
- гелиевая (гелӣ)

Для выражения и формирования геологических понятий семантической категории «искусственных процессов» преобладают терминологические гнезда с участием общенаучных понятий: исследование (таҳқиқот), измерение (ченкунӣ), испытание (санҷиш), механизация (механикакунонӣ). В структуре терминов возникает собственно геологический терминоэлемент, который в сочетании с общенаучным термином образует собственно геологическую терминологическую единицу:

Исследования (таҳқиқотҳо) -геологические водолазные (геологӣ-ғаввосӣ)
- палеовулканические (палеовулконӣ)
- скважин (чоҳҳо)

Измерения (ченкунӣ) – инклиометрические (инклиометрӣ)
- кавернометрические (кавернометрӣ)
- резистивиметрические (резистивиметрӣ)

Семантическая категория «искусственных объектов» представлена а) одиночными терминами: образец (намуна), седло воздушное (зини ҳавоӣ), рудоносность

Глагол (***Ought***) в сочетании с **Indefinite Infinitive** выражает қарзи ахлоқӣ, амали дилхо, относящегося к настоящему и будущему времени. На таджикский язык ought переводится ***вазифадор будан, бояд.***

Инфинитив после глагола ought употребляется с частицей to:

Шумо вазифадоред, ки ҳозир инро иҷро кунед.

You ought to do it at once [44].

Значение модального глагола Ought to является: маслиᵌат, боистан.

Ту бояд дар ҳавои бад нақлиётро хуб ронӣ.

You ought to drive carefully in bad weather [53].

Ту бояд чароғи хуҷраро баъд аз рафтанат хомӯш кунӣ

You ought to switch off the light when you leave the room [85].

Глагол ***need*** в качестве модального глагола в сочетании с **Indefinite Infinitive** выражает зарурият (необходимость) совершения действия в отношении настоящего и будущего времени. ***Need*** употребляется в вопросительных и отрицательных предложениях, а также в

утвердительных предложениях, содержащих такие наречия с отрицательным значением, как бо душвори hardly, scarcely и др.:

Оё ба шумо лозим аст, кӣ ба он ҷо рафтан?

Need you go there so soon? [397]

Ба шумо доимо лозим меояд, ки инро хотирасон кунед.

You need hardly remind me of it [400].

Глагол ***needn't*** в сочетании с **Perfect Infinitive** употребляется в отношении прошедшего времени и означает, что лицу, о котором идет речь, не было необходимости совершать действие:

Ба шумо даркор набуд, ки инро иҷро кунед

You needn't have done it [202].

Рассмотрение модальных слов как части речи представляет одну из интереснейших проблем современной лингвистической науки. Впервые модальные слова были выделены в русской лингвистике; ранее они обычно причислялись к наречиям. В работах зарубежных лингвистов вопрос о модальных словах ранее никогда не ставился. Правда, Г.Суит и Е.Крейзинга выделяют наречия, относящиеся ко всему предложению и передающие отношение говорящего к излагаемому факту. В вопросе о модальных словах как о части речи не все лингвисты придерживаются одного мнения. Ряд учёных причисляет модальные слова к наречиям, другие лингвисты определяют их в отдельную группу слов. Что касается сослагательного наклонения, выражающего действие предполагаемое, то и оно вызывает серьёзные разногласия в трактовке. В современном английском языке в вопросе о сослагательном наклонении имеется множество спорных моментов. Наиболее трудно определить формы глагола, выражающие предполагаемое действие, при их совпадении с формами изъявительного наклонения и границы аналитических форм сослагательного наклонения. В грамматике английского языка различаются несколько вариантов сослагательного наклонения, которые выделяются некоторыми грамматистами как отдельные виды сослагательного наклонения.

На примере модальных глаголов, входящих в состав фразеологических единиц можно отчетливо проследить взаимодействие лексических и синтаксических категорий.

Модальный глагол может сочетаться только с инфинитивом, но инфинитив в свою очередь, может входить в состав того или иного словосочетания. Слова, входящие в образуемое инфинитивом сочетание расширяют состав сказуемого. Смысловое сочетание сказуемого определяется уже не инфинитивом, а либо всем сочетанием, либо его частью, наиболее важной в смысловом отношении. Так, например, если инфинитив является связочным глаголом, то содержание сказуемого, естественно, будет определяться его именной частью, а модальный глагол, лишь принесет дополнительную модальную окраску.

Пример: **Вай эҳтимол дилкушо бошад. Ман бояд каме фикр кунам, ҷаноб.**

Бале, ин мебоист чун моҳтоб тағирёбанда бошад.

She might be as open as the day. I should think, sir.

Yes, it ought to be changeable as the moon.

Имеется целый ряд различных фразеологических глагольных сочетаний, которые обычно служат сказуемым в предложении. Любое из них также может быть осложнено дополнительно модальным значением при помощи модального глагола.

Например: ҳар кас бояд ҳуқуқи баъд аз кор истироҳат карданро дошта бошад.

One must have a rest after a day of hard work.

Такими образом, как видим, модальный глагол может входить в состав любого по содержанию сказуемого: глагольного, именного, фразеологического. Но сам же по себе образовать сказуемое он не может.

«модальные глаголы в английском языке представлены только личными формами, способными сочетаться только с инфинитивом. Специализация глаголов данной группы только для одной функции, функции выражения предикативности при другом глаголе дает основания рассматривать их в синтаксическом плане как глаголы служебного характера» [28,9]. «В отличие от чисто вспомогательных глаголов их можно назвать полувспомогательными, отменяя этим названием у них лексического значения» [28,10].

В случае ослабления лексического значения модального глагола, входящего в состав фразеологических единиц и закрепления устойчивых сочетаний с модальными глаголами в определенных синтаксических построениях, создаются условия для превращения синтаксического сочетания в форму спряжения.

Одним из примеров сложного и постепенного процесса выработки сложных глагольных форм является процесс образования будущего времени и условного наклонения из инфинитивных сочетаний с глаголами shall, should, would, выделившие в результате вспомогательные глаголы времени и наклонения. При отсутствии лексического значения, эти глаголы являются чисто вспомогательными и выступают лишь с грамматическими значениям, и придавая временные и модальные значения действию, выраженному инфинитивом. Они образуют сложную форму глагола в качестве морфологического показателя глагольной категории (например, the Future Indefinite, the Future In the past, the Conditional mood).

Например: ***But don't you think something might be done about it?***

My dear – my very, dear Mr. Minor Poet, I am so glad to meet you! I would I could make the best of a bad job just like you.

Те модальные формы глагола, в которых вспомогательный глагол утрачивает лексическое значение и взамен его получает новое, служебное, входят уже в арсенал морфологии. В современном английском языке таковым является условное наклонение или, по общепринятой терминологии, кондиционалис (the conditional Mood), который образуется вспомогательными глаголами should и would.

Принципиальной разницы между модальными оборотами и наклонениями с семантической точки зрения нет, и те другие указывают на степень и характер достоверности связи между действием и его субъектом, определяют модальность действия, то есть по отношению к действительности. Разница же между модальными оборотами и наклонениями как различными грамматическими средствами выражения модальных отношений является принципиальной. При указании на принципиальную разницу между *I* ***should go*** в смысле «**ман бояд ки равам**» и *«**I should go**»* в смысле «ман мерафта будам» уместно сослаться на слова. А.А.Потебни о том, что «описательная форма есть сочетание слов, уже имеющих формальные определения, но совокупность составляющих один акт мысли. Возможность такого сочетания требует присутствия в языке чисто формальных слов. Нужна продолжительная работа мысли для того, чтобы освободить вещественные слова от всякого вещественного содержания и обратить их беспримесные выражения отношений» [66,11].

Подводя итог всему сказанному о грамматической функции модальных глаголов в составе фразеологических единиц, отметим еще раз, что они не выражают ни действия, ни состояния в их прямом смысле, ни какого – либо другого признака или характеристики субъекта. Они являются глагольными словами по их грамматическим значениям и, соответственно, функции в предложении: устанавливают признак предмета, обозначенный полновесным глагольным словом, во времени и отношении к действительности. По характеру же лексического содержания они близки к модальным словам.

Модальные глаголы в составе фразеологических единиц образуют особый ряд лексико – грамматических средств английского языка, являются одновременно значимыми (обладают определенными лексическими значениями) и служебными словами (несут в предложении функцию выражения предикативности).

Модальные обороты могут сближаться с наклонениями, но для этого нужно, чтобы вспомогательный глагол окончательно утратил свое семантическое значение и получил только служебное содержание.

В английском языке, как и в других индоевропейских языках, основными грамматическими категориями глагола являются категории лица (числа) времени, наклонения, залога и вида. Категории залога и вида модальных глаголов в составе фразеологических единиц нет, как нет у них категории повелительного наклонения. Эти категории не присущи им в силу специфики их семантики, а также функции в предложении, поскольку действия (или состояния) они не выражают и без последующего инфинитива не употребляются. Остаются, следовательно, категории лица (числа), времени и наклонения.

Категории лица (как и числа) выражаются у модальных глаголов в составе фразеологических единиц только личными местоимениями, сопутствующими глаголу. В современном английском языке у глагола нет обозначения лиц при помощи суффиксов, за исключением третьего лица единственного числа настоящего времени, которое принимает окончание ***–s.*** Модальные глаголы никогда не имели окончания третьего лица единственного числа, чем по линии категории лица (и числа) отличаются от остальных глаголов и в современном языке. Например:

Гари эҳтимолан марди ҷасур аст.

Harry must have a heart of oak.

Шумо бояд, ки худатонро ба даст гиред.
You should pull yourself together.
Мумкин буд, ки Уормсонро дар кунҷи хонаатон нигоҳ медоштед.
You ought to have Warmson to hold himself in leash in your house.

В современном таджикском и английском языке существует ряд способов выражения предположения. Различные оттенки предположения могут выражать такие модальные глаголы как ***must, should, ought, will/would, can/could, may/might, need.*** При этом, данные глаголы ослабляют своё первоначальное значение ***хо³иш, боистан, зарурият*** и т.д. и передают только отношение говорящего к содержанию предположения в целом.

Предположительность могут выражать и такие модальные слова как ***этимол, мумкин ки (perhaps, maybe, probably, possibly)***. Многие лингвисты говорят о модальных словах как о самостоятельной части речи. Их синтаксическая функция – функция вводного члена предложения. Вопрос о модальных словах был впервые поставлен русскими лингвистами в отношении русского языка. В зарубежной лингвистике данный тип был отмечен, но не был выделен в особый разряд. Возникает вопрос, как рассматривать эти единицы, синтаксическая позиция которых не даёт информации относительно их морфологической природы. Представляется, что здесь возможны два решения: или они являются особыми модальными словами, или это наречия, способные функционировать наряду с модальными словами.

Проведенный анализ художественной литературы позволил сделать вывод о том, что для выражения предположения наиболее часто используются модальные глаголы (в частности модальный глагол May-Might), из модальных слов наиболее распространенным является Probably.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Аникиной А.Б. Сборник упражнений по морфологии современного русского языка. Изд. Московского Университета, 1964.
2. Бозидов Н. Предлоги в современном таджикском языке. - Душанбе: Изд. «Маориф»,,1985.
3. Валгина Н.С. Фомина М.И. Современный русский язык. –Москва: Изд. «Высшая школа»,, 1987.
4. Винаградов В.В. Русский язык. -Москва: Издательство «Высшая Школа»,, 1979.
5. Винаградов В.В. Исследования по Русской грамматике. -Москва: Издательство «Наука»,, 1975.
6. Ганшина М., Василевская Н. Грамматика английского языка. -М.,964
7. Глебова Е.Ф. Уроки русского языка.- Москва: Издательство «Просвещение»,1979.
8. Голицынский Ю. Грамматика английского языка (Сборник упражнений).-Санкт-Петербург: Изд «КАРО», 2003.
9. Исматуллоем М., Эшон¿онов А. Сборник научных материалов в таджикском языке.
10. Камолтддтнов Б. Таджикский язык. –Душанбе: Изд. «Собириён», 2010.
11. Саидов Х., Шербоев С. Практикум по таджикскому языку. –Душанбе: Ирфон, 2010.
12. Сангинов Ф., Туйгунов Н. Основные правила английского языка.- Душанбе, 2005.

ОСОБЕННОСТИ ГРАММАТИЧЕСКОГО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ МОДАЛЬНЫХ ГЛАГОЛОВ, ВХОДЯЩИХ В СОСТАВ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ

Статья посвящена возможности выделить инвариантное значение модальных глаголов. Все многообразие значений анализируемых глаголов предлагается рассматривать в качестве вариантов этого главного значения. Подобный подход представляется оправданным, как с теоретической, так и (как показывает практика преподавания модальных глаголов в вузе) с практической точкой зрения. Предполагается, что предлагаемая теория ‘работает’ и по отношению к другим модальным глаголам.

Ключевые слова: семантика, глагол, инфинитив, модальный, фразеологические единицы, вспомогательный, усилительный.

FEATURES OF GRAMMATICAL USE OF THE MODAL VERBS WHICH ARE A PART OF PHRASEOLOGICAL UNITS

The Article is dedicated to possibility to select invariant importance of the modal verbs. All variety of importance of the analyzed verb is offered consider as variant this main 'nucleus importance. Such a approach introduces justified, both with theoretical, and (what shows the practice of the teaching the modal verbs in high school) with practical standpoint. It Is Expected that proposed theory 'works and to other modal verb.

Key words: semantics, verb, infinitive, modal, phraseological units, auxiliary, intensifying.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Сангимадов Ф.Х.*** **-** соискатель КГУ им.А.Рудаки

ХУСУСИЯТҲОИ УСЛУБИИ МУРОДИФОТИ ФЕЪЛӢ ДАР «САФАРНОМА»- И НОСИРИ ХУСРАВ

Муслима Амонова
Донишкадаи соҳибкорӣ ва хидмат

Муродифот ё вожаҳои синонимӣ унсурҳое мебошанд, ки шаклан аз ҳамдигар фарқ кунанд ҳам, аз ҷиҳати маъно якхела ё нисбат ба ҳамдигар дар рақобати хеле наздики маъноӣ қарор доранд. Муродифот ашёи гуногун ва ҳаводисро аз ҳар ҷиҳат тасвир мекунанд ва ҳангоми баёни мақсад вобаста ба завқ, зеҳн ва дараҷаи ифодаи матлаб мавриди истифодаи гӯянда ё нависанда қарор мегиранд.

Истилоҳи синоним **sunonumos (ҳамном)** аз забони юнонӣ гирифта шуда, дар забоншиносӣ моҳияти умумиистеъмолӣ пайдо намудааст. Дар забони тоҷикӣ ҳаммаъно бо истилоҳи синоним вожаи арабиасоси муродиф ба кор меравад. Азбаски аз калимаи синоним калимаҳои дигар пайдо шудаанд (синонимия, синонимика), дар адабиёти махсус бештар ин калимаро кор мефармоянд. М. Муҳаммадиев дуруст зикр мекунад, ки бештари калимаҳои забони тоҷикӣ сермаъноянд. Хусусияти сермаъноии калимаҳо имконият медиҳад, ки баъзе синонимҳо аз як силсилаи синонимии калимаҳо баромада, ба силсилаи дигари чунин калимаҳо дохил шаванд. Ин ҳолат ҳам, дар навбати худ, яке аз воситаҳои бой ва пурра гардидани таркиби луғавии забон аст [1, 5].

Синонимҳо воситаи аз ҳама муҳими мукаммал ва муфассал баён намудани фикр ба ҳисоб мераванд. М. Муҳаммадиев дуруст мегӯяд, ки «Муродифот захираи луғавии забонро афзуда, барои то ҳадди имкон пурра, равшан ва дуруст ифода кардани матлаб ба инсон имконият медиҳанд. Дар забони тоҷикӣ ин навъи калимаҳо бисёранд, дар ифодаи як маънӣ чанд калимаи ҳаммаъно ё наздикмаъно дучор мекунем, ки бо маҳалли истеъмол ё ҷилоҳои маъноӣ аз ҳам фарқ мекунанд» [3, 14].

Муродифот дар нутқ – ҳам дар нутқи хаттӣ ва ҳам дар нутқи шифоҳӣ аз васоити басо хуби канорачӯӣ аз такрори бемавриди вожаҳои якранг маҳсуб мешаванд. Аз ин ҷост, ки аҳли қалам дар нигоришоти худ муодилҳои гуногуну ҳаммаънои калимаҳоро ҷустуҷӯ намуда, ба ин восита кӯшиш мекунанд, ки ба такрор роҳ надиҳанд. Зеро такрори як калима дар матн ҳусни нигоришро коҳиш медиҳад. Ба ин маънӣ Муҳаммадиев М. менависад: «Дар интихоби синонимҳо баробари тобиши маъноӣ, такрор намудани калимаҳои ҳаммаъно ва якхела низ ба назар гирифта мешавад. Агар як калима чанд маротиба такрор шавад, таҳрир якранг ва нозеб шуда, аён мегардад, ки захираи луғавии гӯянда камбағал аст» [3, 21].

Корбурди муродифот дар забони тоҷикӣ ҳодисаи нав нест. Гӯяндагон ва нависандагон бо дарки вижагиҳои маъноӣ ва тобишу таровишҳои рангин вожаҳоро барои баёни эҳсос, ҳолати ботину зоҳири ашё ва ҳаводис дар қолабҳои сабкӣ ва ифодагарии хос мавриди истифода қарор додаанд. Бо истифода аз чунин имконоти васеи муродифот асарҳои пурбаҳое офарида шудаанд, ки «Сафарнома»- и ҳакими бузург, Носири Хусрав аз ҷумлаи онҳост.

Ҳуҷҷатулҳақ ҳаким Носири Хусрав, бешубҳа аз симоҳои тобноку барҷастаи адабию фалсафӣ дар тамаддуни башар аст ва тарзи баёну шеваи нигориши ҷаззобу рангине дорад. Ин рангорангӣ ҳангоми мутолиаву баррасии осори илмӣ ва адабиву фалсафии адиб хеле пурҷило ба чашм мехӯрад. Бахусус, асари ёддоштиву таърихии ӯ «Сафарнома» рӯшантарин баёнгари маҳорати волои нигорандагӣ ва суханпардозии устоди тозаҷӯй ва тозагӯй дар бахши каломи бадеъ аст.

Таҳдоби бобҳои «Сафарнома» дар такя бар қабатҳои луғавию маъноии вожаҳое рехта шудааст, ки миёни онҳо муродифот, хосса муродифоти вожаҳои феъл мавқеи намоён доранд.

Феълҳо аслан вожаҳое мебошанд, ки амал, ҳолату вазъият, тағйиру аломат ва муносибатро ифода менамоянд. Аз ин рӯ, вожаҳои феълӣ дар забон хеле фаровонанд. Амалу вазъият, ҳолат, тағйири аломат ва дигар хусусиятҳои ашёи мухталиф метавонанд бо як ё якчанд калимаи шаклан гуногун тавзеҳ ёбанд.

Муродифоти феъл аксаран хусусиёти сабкӣ зоҳир менамоянд. Ин вижагии муродифоти феъл чун омили муҳим заминаи пайдоиш ва афзоиши вожаҳои дигарро қувват мебахшад. Ғайр аз ин вожаҳои муродиф ё муродифот дар ҳар як забон омилҳои пайдоиши худро доранд. Яке аз он омилҳо аз забонҳои дигар иқтибос гардидани вожаҳост. Аз муродифоти феъл дар «Сафарнома» бештар унсурҳои тоҷикӣ рӯи кор

омадаанд, ки аз нигоҳи сабки нигориш хеле ҷолибанд. Унсурҳои арабӣ низ дар асар ба кор рафтаанд, аммо миқдори онҳо зиёд нест ва аз тарафи дигар, истифодаи онҳо дар мавридҳои хос, бо ҳадафи муайян сурат гирифтааст. Муродифоти феъл дар шаклҳои гуногун корбаст шудаанд ва ин гуногунрангӣ барои возеҳу равшан ифода ёфтани фикру андешаи муаллиф ва дастрасии ҳадафи ӯ ба хонанда заминаи хуб фароҳам овардааст.

Муродифоти феъл, ки дар «Сафарнома» мавриди истифодаи муаллиф қарор гирифтаанд, аз нигоҳи сохтор ва шакли грамматикӣ якранг набуда, дар қолабҳои мухталифи вожасозии забони тоҷикӣ ва ағлаби забонҳои эронӣ тарҳбандӣ гардидаанд. Ба ибораи дигар, ҳаким Носири Хусрав забони асари худро тавассути вожаҳое зиннат бахшидааст, ки онҳо ё шакли сода доранд ё дар қолаби феълҳои таркибӣ рехта шудаанд. Баъзан ин зуҳурот низ ба назар мерасад, ки аз силсилаи муродифоти феъл яке сода бошад, дигаре шакли таркибӣ дорад. Ҳамаи ин имкон медиҳад, ки адиб фарози андешаи худро вусъат бахшида, хонандаро аз ҳадафи хеш батамом огаҳ созад. Ҳамин зуҳурот тақозо карда, ки муродифоти феълро ба гунаи зер тасниф созем:

Вижагиҳои сабкии муродифоти феълҳои сода. Ин навъи муродифот як миқдори муайяни феълҳоро ташкил медиҳанд ва онҳо дар мавриде рӯи кор омадаанд, ки агар адиб мақсади хешро на ба гунаи печида, балки ошкоро ифода кардан хоҳад. Ба ин гурӯҳ феълҳои рафтан, будан, шудан ва амсоли инҳоро, ки дар нигориши адиб муносибати ҳаммаъноӣ пайдо менамоянд, метавон дохил кард.

«Пас аз он ба Шибурғон рафтам, шаб дар деҳаи Борёб будам ва аз он ҷо бо роҳи Санглон ва Толиқон ба Марврӯд шудам» (саҳ. 8).

Дар порчаи мазкур феъли рафтан мафҳуми ба маҳалли муайян рафтанро ифода мекунад ва феъли будан, ки аслан ба гурӯҳи феълҳои ёридиҳанда мансуб аст, ин ҷо чун фели мустақил омада, ҳамон маънии болоро дар шакли дигар далолат менамояд ва иловатан, мафҳуми муддате дар он ҷо ист карданро низ ифода намудааст. Феъли ёридиҳандаи шудан бошад, айнан он маъниро дорост, ки феъли мустақили рафтан ифода намудааст. Ҳамин тариқ, ин се феъл дар матн аз нигоҳи истифода муродифи якдигар шудаанд. Фарқ дар тобишҳои нозуки сабкию услубии онҳост. Чунин тарзи ифодаи муродифоти феъл, ки хоси забони адабии замони адиб аст, имрӯз низ дар гӯйишҳои мардумии забони тоҷикӣ ҷой доранд. Масалан, таркибҳои «худро дар маҳале гирифтан» ё «худро ба маҳале расонидан» низ аз шаклҳои муродифоти феълҳо маҳсуб мешаванд.

«Бисту сеюми шаъбон ба азми Нишопур берун омадам ва аз Марв ба Сарахс шудам, ки сӣ фарсанг бошад, аз он ҷо чиҳил фарсанг бошад» (саҳ. 8). Дар ин намуна низ феъли содаи шудан маънии расиданро дошта, амал ва ҳолати анҷомпазируфтаро далолат намудааст. Ҳамчунин дар ин намуна феъли таркибии берун омадан мавриди истифода қарор гирифтааст, ки доир ба ин гурӯҳи феълҳо дар поинтар суҳбат хоҳем кард.

Вижагиҳои сабкии муродифоти феълҳои таркибӣ. Феълҳои таркибӣ дар қиёс бо феълҳои сода ҳам дар забони адабиёти классикӣ ва ҳам дар забони адабии муосири тоҷик хеле зиёданд, ки адибон аз онҳо чун воситаи хуби тасвир дар мавридҳои зарурӣ кор мегиранд. «Дар Шомирон марде нек дидам, ки аз Дарбанд буд, номаш Абулфазл халифа бинни Алӣ ал-файласуф, марде аҳл буд ва бо мо карометҳо кард ва карамҳо намуд ва бо ҳам баҳсҳо кардем ва дӯстӣ афтод миёни мо. Маро гуфт: «Чӣ азм дорӣ?». Гуфтам: «Сафари қибларо ният кардам». Гуфт: «Ҳоҷати ман он аст, ки ба вақти муроҷаат гузар бар ин ҷо кунӣ, то туро боз бинам» (саҳ. 41).

Дар ҷумлаи мазкур таркиби каромат кардан маънии «иззату эҳтиром»-ро ифода менамояд ва карам намудан «бахшишу меҳрубонӣ» кардан аст. Бояд гуфт, ки ҳарчанд ин ду феъли таркибӣ дорои маъниҳои мустақиланд, мантиқан дар ин порча ба ҳам сахт вобастаанд. Аз ин дид онҳоро метавон муродифот муаррифӣ кард, ки дар матн ҳамдигарро тақвият бахшида, ифодаи комили андешаро таъмин намудаанд. Ҳамчунин таркибҳои азм кардан ва ният кардан ҳам дар мақоми муродифот қарор дошта, дар як ҷумла истифода гардидаанд, ки ба такрор нагаштани ифодаҳо боис шудааст. Гузашта аз ин, ба калимаи муроҷаат рӯ ба рӯ мегардем, ки он ҳам бо феълҳои баргаштан, пас гаштан ва бозгашт ҳаммаъност.

«Болои он тоқ панҷоҳ газ тақдир кардам ва аз ҷавониби ӯ тахтасангҳои сафед бароварда, … чун аз он ҷо панҷ фарсанг бишудем, ба шаҳри Сур расидем, шаҳре буд дар канори дарё, синҷе буда буд ва он ҷо он шаҳр сохта буд ва чунон буд, ки барои

шаҳристон сад газ беш замини хушк набуд… ва масоҳати шаҳр ҳазор дар ҳазор қиёс кардам…» (саҳ. 19-20).

Феъли тақдир кардан имрӯз дар забон истифода мешавад, вале маънии «қадр кардан ва иззату эҳтиром»- ро ифода мекунад. Дар намунаи мазкур таркиби тақдир кардан маънии «чен кардан, андоза кардан»- ро ифода намудааст ва ин маъниро муаллиф дар се шакл мавриди истифода қарор додааст, ки онҳо муродифоти якдигаранд. Агар ба феълҳои тақдир кардан, қиёс кардан ва масоҳат кардан ҷиддан таваҷҷуҳ намоем, миёни онҳо як назокати сабкию маъноӣ ва таровиши хос эҳсос мегардад. Таркиби тақдир кардан ҳангоми чен кардани баландии тоқ ва ду таркиби дигар - қиёс кардан ва масоҳат кардан дар мавриди чен кардани масоҳати майдон мавриди истифода қарор гирифтаанд. Чунин тарзи интихоби ифодаҳо имкон додаст, ки муаллиф бо камоли мушоҳидакорӣ аз баёни якранг даст кашида, ба сухан обу ранги тоза ва ҷозибаи хос бахшад. Ҳамчунин сабке ба ин сурат аз пояи баланди маънавӣ, рӯҳи инсонгароиву созандагӣ ва қадршиносӣ аз фарҳанги оламиён дарак медиҳад.

«… ва он ҷо навъи анҷир аст, ки беҳ аз он ҳеҷ ҷо набошад ва аз он ҷо ба ҳама атрофу билод мебаранд. … ва дар он ҷо санг ба кор бурдаанд, ки ақл қабул накунад, ки қуввати башарӣ бад-он расад, ки он сангро нақл ва таҳвил кунад ва мегӯянд, ки он иморатро Сулаймон бини Довуд алайҳиссалом кардааст» (саҳ. 33).

«… ва оби хӯрданӣ дар Нил бошад, ки ҳама саққоён бо шутур нақл кунанд ва Қоҳираро гӯянд панҷоҳ ҳазор шутур ровикаш аст, ки саққоён об кашанд (саҳ. 50).

«Қавме араб… дар умри хеш ба ҷуз шири шутур чизе нахӯрда буданд, чӣ дар ин бодия чизе нест, илло алафи шӯр, ки шутур мехӯрад. Эшон гумон мебурданд, ки ҳама олам чунон бошад, ман аз қавме ба қавме нақл ва таҳвил мекардам ва ҳама ҷо мухотара ва бим буд, илло он ки Худои таборак ва таолло хоста буд, ки мо ба саломат аз он ҷо берун оем» (саҳ.86).

Дар ин порчаҳо феълҳои бурдан, нақл ва таҳвил кардан ва кашидан дар мавқеи муродифот қарор доранд. Дар ҳаммаъноӣ бо феъли содаи тоҷикии бурдан таркибҳои дигаре, чун нақл ва таҳвил кардан, ки арабианд ва боз вожаи тоҷикии кашидан мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ин феълҳо дар баробари муродифи якдигар будан, ҳар кадом оҳанг ва обуранги хоси бадеӣ дошта, содагии баён ва дастрасии матлаби муаллифро таъмин кардаанд.

Феъли кашидан дар баробари вожаи арабии тоҷикишудаи саққоён хеле шинам афтода, воқеиятро рӯшантар ифода намудааст. Ин вожаҳо, илова бар он ки муродифанд, хусусияти сабкию услубии хос низ пайдо кардаанд ва ин хусусиятҳо дар нигориши муаллиф мақоми вежа доранд.

Ҳамин тариқ, вожаҳои ҳаммаъно ё муродифоти феъл чун дигар гурӯҳҳои семантикӣ дар «Сафарнома» зиёд ба чашм мерасанд ва ҳар кадом бо шаклҳои мухталиф, вале ифодаи маъноии ягона дар кашфи вазъу ҳолати ашё ва тасвири воқеияти аслӣ нақши муҳим адо намудаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Муҳаммадиев М. Синонимҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик.- Душанбе,1962.-С. 5
2. Тоҳирова Қ. Лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, Душанбе.- 1967.- С. 21
3. Муҳаммадиев М. Очеркҳо оид ба лексикаи забони адабииҳозираи тоҷик.- Душанбе, 1968.- С. 14
4. Ғаффоров Р. Синонимҳо ва вазифаҳои услубии онҳо. -Мактаби советӣ,1971,№ 8.-С.19
5. Муҳаммадиев М., Талбакова Ҳ., Нурмаҳмадов Ю. Лексикаи забони адабии тоҷик. -Душанбе, 1997.
6. Носири Хусрав. Сафарнома. -Душанбе, 1970.

СТИЛИСТИЧЕСКИЕ ВОЗМОЖНОСТИ СИНОНИМИЯ ГЛАГОЛЬНЫХ СЛОВ В «САФАРНАМЕ» НОСИРА ХУСРАВА.

Синонимами являются слова, которые отличаются с виду, но по смыслу одинаковые или состоят в тесном контакте по понятию. Они одновременно с выражением разных признаков предмета способствуют тому, что автор реально имеет возможность избегать повторения слов и доступно рассказать о реальности. Синонимия как специфическая явления языка в литературном и разговорном таджикском языке не новая. Ими пользовались ещё до нас великие поэты и мыслители. Носир Хусрав несомненно являлся одним из тех, который очень красочно и продуктивно пользовался возможностями синонимов и разных их смысловых значений. Разновидностью его стиль описания легко ощущается пре ознакомление с его творчество, особенно «Сафарнаме».

Ключевые слова стиль, описания, синонимы, метод, реальность, параметр, культура, подходящий, опрятный, яркий.

SYNONYMY OF VERBS IN "SAFARNOMA" BY NOSIRI KHOUSRAV

Synonyms are words and expressions having the same or nearly the same meaning. Alongside with expressing various features of subject –matter that empower the author not to repeat this or that word again and again and easily tell about the reality. As a specific language phenomenon in the literary and colloquial Tajik language synonymy is not new. It was used by great poets and thinkers long before us. Undoubtedly Nosiri Khousrav was one of those who used the possibility of synonyms and their notional meanings very colorfully and effectively. Diversity of his description style is easily perceptible when we familiarize ourselves with his creation, particularly "Safarnoma".

Key words: style, descriptions, synonyms, method, reality, setting, culture, appropriate, neat, bright.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Амонова Муслима*** - соискатель Института предпринимательства и сервиса

ХУСУСИЯТҲОИ СЕМАНТИКӢ ВА УСЛУБИ ИСТИФОДАИ ҶУМЛАҲОИ ПАЙРАВИ ХИЛОФ ДАР «ЁДДОШТҲО»-И УСТОД АЙНӢ

Адиба Сабзаева
Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав

Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бар асари тафриқаи таркибу сохтораш, нисбат ба ҷумлаҳои сода батафсилтар ифода ёфтани фикр ва истифодаи воҳидҳои гуногуни алоқаманд гардидани ҷумлаҳои сода дар таркиби онҳо чун ҳама унсурҳои дигари забонӣ як қатор хусусиятҳои маъноӣ ва услубӣ зоҳир менамоянд. Ин табиист, зеро «ҷумла чӣ андоза тафсил ёбад, муносибатҳои маъноӣ ва грамматикии байни аъзоҳои он ҳам мураккабтар шуда, доираи воситаҳои ифодаи он муносибатҳо ҳам васеътар мегардад.» Хусусан ҷумлаҳои пайрави хилоф, ки ифодагари фикру андешаҳои мухталифи амали сарҷумлаанд, дорои тобишҳои гуногуни маъноӣ буда, бо ибораҳои гуногуну таркибҳои хилоф (ҳоли хилоф) ҳаммаъно шуда, дар муъҷаз ва ифоданоку муассир ифода гардидани фикр нақши калоне мебозанд.

Дар баробари ин, воситаҳои алоқамандшавии ҷумлаи пайрав ба сарҷумла низ ҳамдигарро иваз карда, бо ҳам муродиф мешаванд. Инчунин, азбаски фикр ҳам дар қолаби ҷумлаҳои сода ва ҳам дар қолаби ҷумлаҳои мураккаби муқаррарию сертаркиба ифода меёбад, байни ҷумлаҳои содаю ҷумлаҳои мураккаб, ибораю таркибҳои ҷумлаҳои пайрав аз ҷиҳати фарогирии мазмуну ифодаи фикр як навъ ҳамбастагию қаробат ҳам падид меояд. Ҳамаи ин инъикосгари хусусиятҳои маъноӣ ва зоҳиршавии ҷиҳатҳои услубии пайвандакҳою ҷумлаҳои пайрави хилоф мебошанд, ки ин ҷо зимни маводи «Ёддоштҳо» таҳлил хоҳанд шуд.

1. Муродифот дар ҷумлаҳои пайрави хилоф. Дар ҷумлаҳои мураккаб бо пайрави хилоф муродифшавии ҷумлаҳои пайрав ба ибораҳои масдарию исмӣ мушоҳида карда мешаванд.

А. Муродифшавии пайвандакҳои тобеъкунандаи хилофӣ. Муродифшавии пайвандакҳои тобеъкунандаи хилофӣ ба ҳаммаъноии пешояндҳои ҳоли хилофиро суратдиҳанда шабоҳат дорад, зеро аксари пайвандакҳои тобеъкунандаи хилофӣ пайвандакҳои семантикӣ буда, қисмати аввали онҳо аз пешояндҳои хилофии «бо вуҷуди», «бар хилофи» ва ғ., ки дар сурат ёфтани ҳоли хилоф воситаи асосӣ маҳсубанд, иборат мебошанд.

Пайвандаки таркибии «бо вуҷуди ин (он) ки» дар бисёр ҳолатҳо бо пайвандаки «бо он ки» ва пайвандаки «ҳарчанд», «ҳарчанд ки» пурра иваз шуда метавонад. Мисолҳоро муқоиса намоед: **Бо вуҷуди ин ки** (**ҳарчанд, ҳарчанд ки** – А.С) ман одати ӯро медонистам, худро ба нодонӣ зада аз ӯ пурсидам.§ Лекин ман аз корҳои «Худои Бухоро» (генерал- губернатори Туркистон) он қадар хушнуд нестам, зеро **бо он ки** (**бо вуҷуди он ки, ҳарчанд, ҳарчанд ки** – А.С.) Худои мусулмонон ва умуман шоҳи умумии диндорон бо «арҳамуроҳимин» (бо раҳмдилтарини раҳмдилон) будан шуҳрат дорад,

§ Айнӣ С. Ёддоштҳо, қ. III, IV. // С. Айнӣ. Куллиёт, ҷ. 7. – Душанбе, 1962, с. 302. Минбаъд бо рақами римӣ ҷилди асар ва бо рақами арабӣ саҳифаи он дар қавсайн оварда мешавад.

Худои мамлакати мо «азламуззолимин» (золимтарини золимон) шуда баромад. (VII,385-386).

Ивазшавии пайвандаки «ҳарчанд» ба истифодаи шаклҳои феълии ба вазифаи хабар омадаи ҷумлаи пайрав вобаста аст. Чунончи, агар дар ҷумлаи мураккаби тобеъ, ки ҷумлаи пайраваш тавассути пайвандаки «ҳарчанд» алоқаманд шуда, хабари ҷумлаи пайрав бо шакли феълии замони гузашта (ба ёдаш овардам) ифода гардад, пайвандаки «ҳарчанд»-ро пайвандакҳои «бо вуҷуди ин ки», «бар хилофи он ки», «қатъи назар аз он ки» иваз карда метавонанд: **Ҳарчанд (бо вуҷуди ин ки, бар хилофи он ки, қатъи назар аз он ки** – А.С) ман нишондодҳои падарашро ба ёдам овардам, қабул накард (VI,70).

Дар ин ҳолат пайвандаки «ҳарчанд» ба пайвандаки «ҳам» иваз шуда наметавонад. Лекин, агар хабари ҷумлаи пайрав дар шакли замони гузашта ифода ёфта бошаду дар таркиби сарҷумла таркиби ҳамнисбати «бо вуҷуди ин (он)» омада бошад, ивазшавии «ҳарчанд» ба пайвандакҳои «бо вуҷуди ин (он) ки» мушоҳида намешавад. Ин шояд аз он сабаб бошад, ки ҳам дар таркиби пайвандак ва ҳам дар таркиби ҳамнисбат ҳиссаи «бо вуҷуди» истифода гардидааст ва мутакаллимон аз ҳашву такрори беҳудаи калимот худдорӣ кардаанд. Мутаваҷҷеҳ бошед: Ман **ҳарчанд** медонистам, ки бе гузаронидани ҳалқаҳои оҳанин он трубаи чӯбин бо бандинаи ресмонӣ ва сим ба тазъиқи об тобоварӣ карда наметавонад, **бо вуҷуди ин** барои нишон додани имконияти он кор ва рост баровардани даъвои худ сохтани обкашаки калонро сар кардам (VII,296-297).

Дар чунин ҷумлаҳо пайвандаки «ҳарчанд» ба пайвандакҳои дигари таркибӣ иваз шуда метавонад. Дар ин мисол ҳам ҳамин манзара мушоҳида мегардад: **Ҳарчанд** ин одати ӯро ҳама медонистанд, **бо вуҷуди ин** бо иғвои ӯ бисёр дӯстон бо ҳам меҷангиданд ва душмани якдигар мешуданд (VII,24). Дар чунин вазъият пайвандаки «ҳам» низ ҷойи пайвандаки «ҳарчанд»-ро ишғол карда наметавонад.

Пайвандакҳои «ҳарчанд» ва «ҳам» дар ҳолате ҷуфт истеъмол меёбанд, ки агар хабари ҷумлаи пайрав дар шакли аорист ифода ёфта бошад: … Шеърҳои дилчасп, **ҳарчанд** дароз бошад **ҳам**, айнан ба хотираш нақш баста мемонданд (VII,232).

Дар ин ҷумла ин ду пайвандак метавонанд алоҳида низ истифода шаванд. Дар ҷумлаи зерин ҳам пайвандаки «ҳам»-ро пайвандаки «ҳарчанд» метавонад иваз кунад: (**Ҳарчанд**- А.С) гоҳо ба намози панҷвақтаи масҷид барояд **ҳам**, ба намози ҷумъа ҳеҷ намерафтааст (VII,317).

Пайвандаки «ба ҷойи ин ки» асосан бо пайвандаки «бар хилофи» иваз шуда метавонаду халос: Шайх **ба ҷойи ин ки** (**бар хилофи ин ки** – А.С.) дар ҳаққи он бечорагон дуою фотеҳа кунад, «пули маро хӯрда рафтанд» гуфта, ҳанӯз онҳоро дуои бад мекунад (VII,136).

Пайвандаки синтаксисии «ки» бидуни пайвандаки «ҳам», ки дар шакли аорист омадани хабари ҷумлаи пайравро талаб мекунад, ба ҳамаи дигар пайвандакҳои хилофӣ иваз шуда метавонад: Аҷобат дар ин аст, ки ман, **ки** (**ҳарчанд, ҳарчанд ки, бо вуҷуди он ки, бар хилофи он ки, қатъи назар аз он ки, сарфи назар аз он ки**…- А.С.) қариб аз аввали шаб то ҳол дам нагирифта хондам, бо ҳамаи он ҳеҷ монда нашудам, ба гулӯ ва шушам ҳеҷ зӯр наёмад (VII,609).

Б. Ифодаи маънои ҷумлаҳои пайрави хилоф дар қолаби ибора ва таркибҳо.

Дар забони тоҷикӣ ифодаёбии маънои ҷумлаҳои пайрав дар қолиби ибораҳои масдарӣ, сифати феълӣ, феълиҳолӣ ва исмӣ ҳодисаи маъмулист. Қариб ҳамаи ҷумлаҳои пайрави забони тоҷикӣ ба ибораҳои масдарӣ ё сифати феълӣ бармегарданд.

Ҳамаи муҳаққиқони ҷумлаҳои пайрав ин ҳодисаи маъмулиро ба қайд гирифтаанд (1,8,9 ва ғ.). Доираи ифодаи фикр дар ибора ва ҷумлаи пайрав фарқ дорад, ғайр аз ин на ҳама ҷумлаҳои пайрав ба ибора бармегарданд, инчунин ибораҳо на ҳамеша муродифи ҷумлаи пайрав шуда метавонанд. Дар ин бора овардани иқтибосеро аз профессор Ш.Рустамов мувофиқ медонем: «Ҳарчанд ки ибора ва ҷумла аз якдигар фарқи куллӣ доранд, вале бисёр ибораҳо дар иҷрои ин ва ё он вазифаи синтаксисӣ бо ҷумлаҳои пайрав баробар истеъмол меёбанд ва одатан, чунин ибора ва ҷумлаҳои пайравро синоними якдигар меноманд. Ҷумлаи пайрав ва аъзоёни ҷумлаи содаро аз ҷиҳати синтаксисӣ ба ҳам синоним номидан ҳам асосан нисбӣ ва шартӣ мебошад, чунки аъзои пайрави ҷумлаи сода на ҳама вақт вазифаи ҷумлаи пайравро иҷро менамояд, бисёр ҷумлаҳои пайрав дар шакли ибора воқеъ намегарданд ва онҳоро ба ибораҳо иваз намудан мумкин нест» (8,91).

Бинобар мушоҳидаҳои мо, маънои ҷумлаҳои пайрави хилофи «Ёддоштҳо» дар қолаби вожаю ибораҳои масдарӣ, феълиҳолӣ ва исмӣ ифода меёбанд. Ҷумлаҳои пайрави хилоф бештар тамоили ба масдар ва ибораи масдарӣ баргаштан доранд.

а) Муродифшавии ҷумлаҳои пайрави хилоф ба масдар ва ибораҳои масдарӣ. Чунонки қаблан ишора намудем, аксари ҷумлаҳои пайрави хилоф имконияти ба масдар ва ибораҳои масдарӣ баргаштан доранд ё баръакс аз масдар ва ибораҳои масдарӣ, ки ба вазифаи ҳоли хилофи ҷумлаи сода омадаанд, ҷумлаҳои пайрави хилоф сохтан имконпазир аст.

Дар ҷумлаи якуми зерин ибораи масдарии ба вазифаи ҳоли хилоф омада истифода шудааст, ки тавассути пешояндӣ «бо вуҷуди» ба хабар алоқаманд гардидааст, дар ҷумлаи дуюм, ки мураккаб аст, ҷумлаи пайрави хилоф ба сарҷумла ба воситаи пайвандаки «бо вуҷуди ин ки» тобеъ шудааст. Дар ин ҷумлаҳо ибораи масдариро ба ҷумлаи пайрав мубаддал кардан ва ҷумлаи пайравро ба ибораи масдарӣ баргардондан мумкин аст: Аробакаш чору ночор розӣ шудааст, ки **бо вуҷуди дар пеши ароба нишастанашон (бо вуҷуди ин ки дар пеши ароба нишаста буданд** – А.С.) аз онҳо баробари равандагони дар паси ароба нишинанда пули киро гирад… (VII,366); **Бо вуҷуди ин ки худи Истам аз таги нӯхтаи вай дудаста маҳкам дошта меистод (бо вуҷуди аз таги нӯхтаи вай дудаста маҳкам дошта истодани Истам** – А.С.), вай ҳар замон рост мешуд ва ба харони дигар ҳамла кардан мехост (VI,134-135).

б) Муродифшавии ҷумлаҳои пайрави хилоф бо ибораҳои феълиҳолӣ.

Дар «Ёддоштҳо» баъзе ҷумлаҳои пайрави хилофе дучор меоянд, ки онҳоро ба ибораҳои феълиҳолӣ баргардондан мумкин аст ва баръакс баъзе ибораҳои феълиҳолиеро, ки дар ҷумлаи сода вазифаи ҳоли хилофро адо мекунанд, ба ҷумлаҳои пайрави хилоф баргардонидан имконпазир аст.

Якчанд мисол:

… Шумо ба ҷойи ин ки фармонҳои ҷаноби олӣ ва супоришҳои маро ба амал оварда, аз шаҳр бетартибиҳоро барҳам диҳед ва дар навбати аввал одамони худатонро саришта кунед, шумо онҳоро монанди галлаи гургони ваҳшӣ ба сари аҳолӣ сар дода мондаед… (VII,349) - **…Фармонҳои ҷаноби олӣ ва супоришҳои маро ба амал наоварда, бетартибиҳоро аз шаҳр барҳам надода ва дар навбати аввал одамони худатонро саришта накарда…;**

Ту хон, **ба ҳар гуна душворӣ бошад ҳам,** хон. (VI,110) - … **ба ҳар гуна душворӣ нигоҳ накарда…**

в) Муродифшавии ҷумлаҳои пайрави хилоф ба исм ва ибораҳои исмӣ. Таркибу ибораҳои исмии ба вазифаи ҳоли хилоф истифодашаванда ба хабари ҷумла ба тавассути пешояндҳои «бе» ва

«бо вуҷуди» истифода шудаанд. Чунин таркибу ибораҳо ба ҷумлаҳои пайрави хилоф айният дошта, ба қолаби ҷумлаи сода бармегарданд. Чунончи: Ва ҳол он ки ман аз ӯ шарм медоштам, чунки аз хонаи ӯ **бе рухсат** гурехта будам. (VII,61) – **Бар хилофи он ки рухсат гирам…;** Шогирдони ин пеша «навча» номида мешуданд, ки баъд аз ҳунари саисиро ба даст даровардан **бе маросими «миёнбандӣ»** мустақилан кор кардан мегирифтанд. (VII,198) – **Бо вуҷуди он ки маросими «миёнбандӣ»-ро нагузарондаанд…;** Ӯ дар вақти бемории Музаффар **бе рухсати падар** ба баҳонаи дидани ӯ ба Бухоро омад. (VII,443) – **Ба ҷойи он ки аз падар рухсат гирад…**

2. Хусусиятҳои услубии истифодаи ҷумлаҳои пайрави хилоф дар «Ёддоштҳо».

Ҷумлаҳои пайрави хилоф вобаста ба мавқею воситаҳои гуногуни

забонӣ, истифодаи пайвандакҳо баъзе хусусиятҳои услубӣ зоҳир менамоянд:

1) Дар баъзе ҷумлаҳои мураккаб бо пайрави хилоф чанде воситаҳои забонӣ истифода мешаванд, ки ё ба ҷумлаи пайрав тобиши дигари маъноӣ медиҳанд, ё маънои хилофи онро пурқувваттар менамоянд.

а) Яке аз ин унсурҳо воситаҳои ҳамнисбат мебошанд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки бештар бо он ҷумлаҳои пайрави хилоф воситаи ҳамнисбат меояд, ки агар ҷумлаи пайрав ба сарҷумла ба воситаи пайвандакҳои «ки» ва «ҳарчанд» тобеъ шуда бошад. Чунончи, бо пайвандаки «ки» воситаи ҳамнисбати «бо вуҷуди ин»: Касони пурқобилият, ки ҳанӯз хониши худро тамом накардаанд, **бо вуҷуди ин** ба талабаҳои навдарсхон дарс медиҳанд (VI,213).

Пайвандаки «ки» таркиби ҳамнисбати «бо ҳамаи ин»: Аҷобат дар он аст, ки қариб аз аввали шаб то ҳол дам нагирифта хондам, **бо ҳамаи ин** ҳеҷ монда нашудам, ба гулӯ ва шушам ҳеҷ зӯр наёмад (VII,609).

Пайвандаки «ҳарчанд», воҳиди ҳамнисбати «бо вуҷуди ин»: **Ҳарчанд** ин одати ӯро ҳама медонистанд, **бо вуҷуди ин** бо иғвои ӯ бисёр дӯстон бо ҳам меҷангиданд ва душмани якдигар мешуданд (VII,24).

б) Ҳиссачаи таъкидии «ҳатто» ҳам қувваи муассирӣ ва тобиши хилофии ҷумлаи пайравро тақвият мебахшад. Ин ҳиссача бештар дар он ҷумлаҳои пайрави хилофе истифода мешавад, ки ба сарҷумла тавассути пайвандаки «ҳам» алоқа карда бошанд: **Ҳатто** ба ҷойи китоби ӯ як китоби дигар гузошта шавад **ҳам**, гирифта ба дарс меравад (VII,299).

в) Пайвандакҳои ҷуфтистеъмол ҳам маънои хилофии ҷумлаи пайрави хилофро пуркувваттар менамоянд. Чунончи, навъи «ҳарчанд…, ҳам»: **Ҳарчанд** бо овози баланд салом диҳад **ҳам**, ӯ ҷавоб намегардонад (VII,257).

Навъи «агарчи…ҳам»: **Агарчи** Мирзо Абдулвоҳид ба сабаби ба ёд овардани воқеаи обкашак ба хато будани фикри водопровод сохтани худ боварии пурра ҳосил карда бошад **ҳам,** ман барои тамоман решаков карда партофтани ин гуна фикрҳои ӯ…як ҳодисаи дигарро ба ёдаш овардам (VII,297).

Навъи «ҳарчанд…аммо»: **Ҳарчанд** ҳанӯз ҳам онҳо аз ҷояшон намеҷунбиданд, **аммо** пашмҳои баданашон аз беқароршавии асабҳояшон мепариданд ва меҷунбиданд. (VI,246)

Навъи «ҳарчанд…ҳам, аммо»: **Ҳарчанд** дар 10-12 соли охирӣ қувваи ҳофизаам хеле суст шуда, гапҳо ва чизҳоро зуд фаромӯш мекардагӣ шуда бошам **ҳам, аммо** хотираҳои пештара қариб ҳамагӣ дар ёдам нақш баста мондаанд. (VI,150).

Ҷумлаҳои мураккаб бо пайрави хилоф вобаста ба мавқеи истифодаи пайвандакҳо, бепайвандак алоқа кардани ҷумлаи пайрав ба сарҷумла, истифодаи пайвандакҳои гуногунтаркибу гуногунмаънӣ, мавқеи истифодаи хабарҳои сарҷумла ва ғ. низ як қатор хусусиятҳои услубӣ зоҳир менамоянд.

а) Агар ҷумлаи пайрави хилоф ба сарҷумла танҳо тавассути пайвандаки «ҳарчанд» алоқаманд гардад, хабари ҷумлаи пайрав асосан бо шаклҳои замони гузаштаи сиғаи хабарӣ ифода меёбад: Ҳарчанд чашм **дӯхтем,** моҳи навро дида натавонистем (VII,484).

Дар чунин ҳолат истифодаи пайвандаки «ҳам» маъмул нест.

б) Вале агар пайвандаки «ҳам» бо «ҳарчанд» ҷуфт шаванд, хабари ҷумлаи пайрав дар шакли сиғаи шартӣ – хоҳишмандӣ меояд: Ҳарчанд акаам **розӣ нашуда бошад ҳам,** модарам ӯро кашола карда ба пеши падарам бурд (VI,27).

в) Маълум аст, ки агар ҷумлаи пайрав ба сарҷумла ба воситаи пайвандакҳои ҷуфтистеъмоли «агар…,ҳам» тобеъ шавад, чун қоида хабари ҷумлаи пайрав асосан дар шакли замони сиғаи шартӣ – хоҳишмандӣ меояд:… Агар ба хона **дарояд** ҳам, аз як дақиқа зиёд наменишаст (VII,12).

г) Кам ҳам бошад, дар чунин навъи ҷумлаҳо хабари ҷумлаи пайрав дар шакли сиғаи хабарӣ ҳам омада метавонад: Агар ҳазлу **шӯхӣ мекардам** ҳам, касе намебардошт… (VII,401).

Ҷумлаҳои мураккаб бо пайравҳои хилоф вобаста ба истеъмоли воситаҳои алоқа (интонатсия, пайвандакҳо) низ услубан фарқ мекунанд. Масалан, он ҷумлаҳои пайрави хилофе, ки ба сарҷумла ба воситаи интонатсия, пайвандаки «ки», «агарчи», «ба болои ин ки», «бо ҳамаи ин ки», «бо он ки», «дар сурате ки» тобеъ мешаванд, асосан дар услуби хаттӣ – китобӣ истифода мегарданд, ҷумлаҳои пайрави хилофе, ки ба сарҷумла тавассути пайвандакҳои «ҳам», «ҳарчанд», «бо вуҷуди ин (он) ки», «ҳарчанд ки», «агарчанде ки», «ба ҷойи ин ки» алоқаманд мешаванд, умумиистеъмоланд. Хусусан пайвандаки «ҳам» дар ҳама навъи услубҳо серистеъмол аст. Аз пайвандакҳои дигари хилоф дар услуби гуфтугӯӣ ва шеваҳо бештар пайвандаки «ҳам» истифода мешавад.

Устод Айнӣ, ки худ чи дар гуфтор ва чи дар иншои асарҳои бадеӣ ба забони умумихалқӣ такя намуда, аз васоити гуногуни забонии дар байни омма маъмул устодона истифода менамуд, дар алоқаманд кардани ҷумлаҳои пайрави хилоф ба сарҷумла низ бештар аз пайвандакҳои серистеъмолу маъмулии забонамон, чун пайвандакҳои «ҳам», «ҳарчанд», «бо вуҷуди ин (он) ки» фаровон истифода намудааст.

Ҳамин тариқ, ҳар як воҳиди забонӣ, аз ҷумла унсурҳои ифодаи маънои хилоф ҳамчун ҷузъи нутқ хусусиятҳои зиёди маъноию услубӣ доранд. Мусаллам аст, ки ҳоли хилоф ва ҷумлаи пайрави хилоф, ки яке аз воситаҳои асосии забонии тасвири тазодҳои табиату ҷамъият ва фаъолияти инсонӣ маҳсубанд, дар ҷараёни истифода метавонанд ифодагари тобишҳои гуногун гардида, аз лиҳози мавриду мақсади истифода,

аниқтараш аз ҷиҳати услубӣ низ ҷаззобию рангорангӣ ҷилою тобиши муассирие пайдо намуда, ба навиштору гуфтор ҳусни тозае бахшанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Атобуллоев С. Ҷумлаҳои пайрави мубтадо ва хабар дар забони адабии тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1975.
2. Беленитский А.М. ва Ҳоҷизода Б. Наҳви забони тоҷикӣ барои синфҳои 6 ва 7. - Душанбе – Самарқанд, 1936.
3. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Синтаксис. -Ҷ.2. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. – Душанбе: Маориф, 1984.
4. Камолиддинов Б. Муродифоти синтаксисӣ ва ҳусни баён (синонимикаи ҷумлаҳои сода). – Душанбе: Маориф, 1986.
5. Камолиддинов Б. Масъалаҳои баҳсноки наҳви забони тоҷикӣ – Душанбе: Деваштич, 2003.
6. Камолиддинов Б. Хусусияти услубии сарфу наҳви забони тоҷикӣ. – Душанбе: Маориф, 1992.
7. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. – Сталинобод, 1959.
8. Рустамов Ш. Ҷумлаи мураккаб бо пайрави сабаб дар забони адабии ҳозираи тоҷик.– Душанбе: Дониш, 1968.
9. Тоҷиев Д.Т. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Дониш; 1981.
10. Зикриёев Ф. Структурно – семантические особенности таджикского паратаксиса.- Душанбе: Дониш, 1986.
11. Рубинчик Ю.А. Сложные предложения с придаточными определительными в современном персидском языке. – ИВЛ, М., 1959.

СЕМАНТИЧЕСКИЕ И СТИЛИСТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ПРОТИВИТЕЛЬНЫХ ПРИДАТОЧНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В «ЁДДОШТҲО» («МЕМУАРЫ») САДРИДДИНА АЙНИ

В статье рассматривается проблема синонимии противительных союзов, противительных придаточных предложений с инфинитивом и инфинитивными оборотами, деепричастными оборотами, с именем существительным и номинативными оборотами. В работе описывается также ряд стилистических особенностей использования противительных союзов и противительных придаточных предложений в «Ёддоштҳо».

Ключевые слова: инфинитив, Садриддин Айни, «Мемуары», противительные союзы, деепричастные обороты, имя существительное, стилистические особенности.

SEMANTIC AND STYLISTIC PECUALIARITIES OF THE USAGE OF THE ALTERNATIVE CLAUSES IN AINI`S "MEMOIRS" ("YODDOSHTHO")

The article deals with the issue of synonymous of alternative conjunctions, alternative subordinate clauses with infinitives, participial clauses, nouns and nominative clauses. Besides, some stylistic specifics of alternative conjuctions and alternative subordinate clauses used in the novel are given in the article.

Key words: infinitive, Sadriddin Ayni, "Memoirs", adversative unions, verbal adverb phrases, noun, stylistic features.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Адиба Сабзаева***- соискатель КТГУ им. Носира Хусрава

ГУРЕЗ АЗ ТАКРОР ВА ЗАБОНЗАДА ШУДАНИ КАЛИМА ДАР МАҚОЛАҲОИ ПУБЛИТСИСТИИ С. АЙНӢ

М. Р. Сафаралиева
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар такмили меъёри забони адабӣ ва ҳусни баён саҳми устод Айнӣ бузург аст. Ин донишманди беназир забони адабии ҳазорсола ва забони зиндаи халқро дар ниҳояти хубӣ медонист.

Дар асарҳои С. Айнӣ сарвати бепоёни забони мо мукаммал ҷамъ омадааст. Ӯ бештар аз ҳама доираи забони адабии тоҷикиро васеъ карда, имкониятҳои услубии онро вусъат додааст. Назариёти С. Айнӣ дар хусуси ба кор даровардани «*забони содаи оммафаҳм*» дар даврони нав мувофиқи принсипи халқияти забони адабӣ, ки ҳар гуна содакунии сунъӣ ва омиёнаро рад мекунад, сурат гирифтааст [6,85].

Хазинаи забони тоҷикӣ аз калимаю ибораҳои ҳаммаъно бой аст. Бо мақсади пурра, равшан ва таъсирбахш ифода кардани фикр нависандагон аз силсилаи синонимҳо калимаи матлубро интихоб намуда, мувофиқи талаботи фикр дар мавқеаш кор мефармоянд.

Дар забон на танҳо калимаҳо, ибораҳои фразеологӣ, инчунин шаклҳои калима, воситаҳои грамматикӣ ва қолабҳои ифодаи фикр ҳам хусусияти синонимӣ пайдо мекунанд [1,8]. Интихоби дурустии калима ва донистани мавқеи истифодаи он имкон медиҳад, ки матлаб саҳеҳ, равшан ва ҷолиб ифода гардад. Вобаста ба мақсади гӯянда ва тақозои услуби баён калимаи мувофиқ аз дохили силсилаи синонимӣ интихоб ва истифода мешавад.

Ҳар як нависанда дар истифодаи муродифҳо услуби хос дорад. Аз ҷумла, устод Айнӣ дар асарҳои бадеӣ ва ҳатто дар мақолаҳои публитсистиаш аз ин боигарии луғавӣ моҳирона истифода кардааст. Ӯ маънои калима, тобишҳои иловагии онро омӯхта, ҳар яки онро дар мавқеи худаш кор мефармояд. Дар як ҷумла ва ё як матн, агар калима як бор истифода шуда бошад, албатта, бори дигар синоними онро меоварад, ки ин бо мақсади гурез аз такрор ва забонзада нашудани калима мебошад.

Кадом имконияти гурез аз такрори калима вуҷуд дорад?

1.Муродифоти луғавӣ:

а) Муродифоти баробармаъно: *зарур (11м) // лозим (86м) // даркор (13м); калон(8м) // бузург (87м); ба зери даст // ба даст даровардан.*

Ба ҳар ҳол китобҳои мактабии тоҷиконро аз сари нав тартиб карда, чоп кардан *лозим аст.* Нахустин алифбо ва китоби саводро тайёр карда, аз паси он кадом китоб, ки бештар *даркор аст*, пештар ҳозир кардан *зарур аст.*

Ин матн ба яке аз мақолаҳои С. Айнӣ тааллуқ дорад, ки аввали солҳои бистуми садаи бистум навишта буд. Шояд аз сабаби камтаҷрибагӣ бошад, ки ба такрори калимаҳои ёвар эътибор додаст: тартиб *карда* … чоп *кардан*, тайёр *карда*, ҳозир *кардан*.

Дар ин ҷо синонимҳои *лозим*, *зарур, даркор, калон, бузург; ба зери даст, ба даст даровардан* истифода шудаанд, ки ҳаммаъноянд ва ҷойи якдигарро иваз карда метавонанд.

2. Бо сифатҳои нав муаррифӣ кардани Инқилоби Ӯктабр:

Муродифҳои *калон, бузург, ҷаҳоноро, ҳумоюн* дар тасвири *Инқилоби Ӯктабр* хеле хуб кор фармуда шудаанд. Чунончи, С.Айнӣ маротибаи аввал *Инқилоби Ӯктабр* гуфта, баъдан *Инқилоби бузурги ҷаҳоноро, инқилоби калон, инқилоби ҳумоюн* барин ибораҳоро истифода намудааст:

Имрӯз мо пур шудани соли ҳафтуми *Инқилоби Ӯктабрро* ид мекунем. Имрӯз ин *Инқилоби бузурги ҷаҳоноро*, яъне инқилоби Ӯктабр соли ҳафтуми худро пур карда, қадам ба соли ҳаштум мегузорад. Мо аз шарофатҳои *ин инқилоб*, ки ба халқи ҷаҳон расид, чашм пӯшида, чӣ қадарҳо манфиатбардор шудани аҳолии Шаркро аз ин *инқилоби калон* баён менамоем. Ҳукумати марказии Русия, ки маркази ин *инқилоби ҳумоюн* ба шумор меравад, ба ин ҳама мамлакатҳо, хайрхоҳӣ ёрмандӣ ва роҳбарӣ мекунад.

Азбаски унвони воқеаҳои сиёсию иҷтимоии таърихӣ барои мардум воқеаи нав ба шумор мерафт ва он ном забонзада ва рехта нашуда буд, муаллиф ба истилоҳи инқилоб сифатҳои гуногуни *калон, бузург* ва *ҳумоюн*ро нисбат дода, ин инқилоби бузурги ҷаҳоноро, ин инқилоби калон, ин инқилоби ҳумоюн гуфтааст, ҳол он ки баъдтар ба таркиби он унвон сифати «кабир» ворид гардида «Инқилоби Кабири Сотсиалистии Октябр» ном гирифт.

Дар мақолаҳои солҳои 20-ум калимаи *калон* 8 маротиба, *бузург* 87 маротиба, *ҳумоюн ва ҷаҳоноро* танҳо дар ҳамин мисоли овардаи мо истифода шудаанду халос. Инқилоб 186 маротиба ва *Инқилоби Ӯктабр* 44 м. истифода шудааст. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки калимаи *бузург* дар мақолаҳои С. Айнӣ аз муродифҳои дигараш серистеъмолтар аст.

Дар ин матн калимаи *ёрмандӣ* низ истифода шудааст, ки С. Айнӣ дар забони тоҷикӣ ғалат будани феъли «*ёрдам кардан*»-ро муфассал шарҳ дода, тоҷикии онро «*ёрӣ расонидан*» ё «*ёрмандӣ кардан*» шуморидааст.

Матн: Аз мо ёрдамашро дареғ надорад.

Таҳрир: …ёриашро дареғ надорад.

Қайд: Калимаи *ёрдам* ҳам аз он ҷумлаи калимаҳост, ки касони ғайри форсу тоҷикзабони нодон сохта баровардаанд ва аз забони онҳо ба тоҷикон гузаштааст. Ба

ҷойи *ёрдам «ёрӣ» –«ёрмандӣ»* кор фармудан даркор аст. Аммо ин ду калимаи охир дар ҷумла фарқ мекунанд: *«ёрӣ медиҳанд», «ёрмандӣ мекунанд»* мешавад. Маънои ин ду ҷумла як аст. Агар мо калимаи *«ёрдам»*-ро таҳлил кунем, ҳ*амдам–ҳам–дам* барин як чиз мешавад [8,142].

Дар матни зерин *ба зери даст // ба даст даровардан* вариантҳои як ифодаанд, ки ба таъбирҳои «*ба ҷайби худ кашидан*» ва «*хидматгори худ намудан*» қаробати маъноӣ доранд. Ин ҳам як тарзи гурез аз якрангии ифодаи матлаб аст. Феълҳои *зинда бод* ва *поянда бод* хитобаҳои муштаракмаъноянд ва барои рангин баромадани хитоб кӯмак мерасонанд:

Сарватеро, ки ҳосили дастранҷи ранҷбарон аст, сарфи тӯпу туфанг намуда**,** олами Шарқро ба *зери бандагии худ даровардан*д ва боқимондаи ин оламро низ мехоҳанд *ба даст дароварда тамоми* сарвати дунёро *ба ҷайби худ кашанд* ва ба ҳавасҳои худ сарф намоянд, ранҷбарони ғарбӣ ва мазлумони шарқиро абадӣ ғулом ва *хидматгори худ намоянд.*

Зинда бод Инқилоби Ӯктабр!

Поянда бод озодии Шарқ**!**

Дар ин матн муаллиф аз муродифоти наҳвии «*сарфи тӯпу туфанг намуда*» (*ба тӯпу туфанг сарф намуда) // ба ҳавасҳои худ сарф намоянд* (*// сарфи ҳавасҳои худ намоянд*) низ бо мақсади гурез аз қолабҳои якхелаи ифода моҳирона истифода бурдааст [3, 60 – 68].

Ибораҳои рехтаи «*ба даст даровардан*» ва « *ба зери бандагии худ даровардан*» низ маҳз бо ҳамин мақсади услубӣ истифода шудаанд.

*Мисоли дигар:*Ба муқобили ин гурусначашмон қиём карда, асоси ҳукуматдории эшонро барандохтан аз манфиати муштаракаи *ранҷбарон*и ғарбӣ ва *мазлумон*и шарқист.

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар мақолаҳои устод Айнӣ истилоҳи маъмули он замон-*ранҷбарон*, ки дар ин ҷумла низ оварда шудааст, 217 м. истифода гардидааст. *Мазлумон* бошад 41м.

б) Муродифҳо бо тобиши маъно фарқ мекунанд: *дод // супурд; ҳозир намуданд // ба майдон нест; серсол // куҳансол; озодӣ доданд // мухторият бахшиданд // пешкаш карданд; арз карда будем // музокара меронем; ахбор // хабар // иттилоъ; нав // тоза* ба ин гурӯҳ дохил мешаванд.

Дар матни зерин бошад нависанда аввал тоифаи қирғиз хеле китоб ҳ*озир намуданд* гуфтааст, аммо дар ҷумлаи дуюм барои забонзада нашудани таркиби феълӣ (аз тоифаи ӯзбак чизе) *ба майдон нест*ро ба кор бурдааст. Ин ҳам як усули худдорӣ аз такрори бемавқеи қолабҳои якхелаи наҳвӣ мебошад:

Тоифаи қирғиз аз он ҷо ки дар байни худ мардони боилми коркун доштанд, ба зудӣ сари кор омада, то ҳол хеле китоб ҳ*озир намуданд*. Аммо ба ном тоифаи ӯзбак ғайр аз ду-се китобчае, ки аз тоторӣ *табдил дода шудааст* ва ҳанӯз дар лаҳҷаи нахустини худ боқист, дигар чизе *ба майдон нест* [8,60].

Дар мисоли зерин С. Айнӣ муродифи *миллати серсол* ва баъдан *давлати кӯҳансол* мегӯяд, ки хеле мувофиқ омадааст:

Умед аст, ки ин *миллати серсол* ва ин *давлати куҳансол*ро ҳам дар рӯйи дунё озод ва дар қатори миллатҳои зинда бинем.

Дар ҷумлаи зерин (*озодӣ) доданд, (мухторият) бахшиданд ва пешкаш карданд* муродиф буда, ҳар кадоми онҳо бо мақсади гурез аз такрор дар мавқеи худ омадааст:

Ба ҳама фуқарои косиба ва миллатҳои маҳкума *озодӣ доданд*, ба мо – туркистониён низ ҷумҳурият ва мухторияти ҷудогона *бахшиданд*, «сайфу қалам»-ро, ки ҳукми нигини Сулаймонро дорад, ба мо *пешкаш карданд*, «Ман ҳамон Аҳмади порина, ки будам, ҳастам», мегӯем.

Матни дигар:

Ба ҳамин тарз сарват аз миёни мо рафта, оилаҳо парешон шуда, оилаи *тоза* аз сари *нав* барпо карда натавониста, нуфузи мо рӯз ба рӯз кам шуда, рӯ ба харобӣ оварда будем.

Дар ин ҷумла нависанда барои забонзада нашудани калимаи *нав* якбор *оилаи тоза* гуфта, бори дуюм аз *сари нав* гуфтааст. Агар дар ин ҷо *оилаи нав* мегуфт, калимаи *нав* забонзада мешуд. Дар мақолаҳои солҳои 20-ум ҳардуи ин калимаҳо баробар истифода шудаанд, яъне 20 маротибагӣ, гарчи калимаи «*тоза*» сермаъно буда, ба маънои «*нав*» чи дар забони шифоҳӣ ва чи дар забони китобӣ (хаттӣ) кам ба кор меравад.

Устод Айнӣ дар қайдҳояш дар ҳошияи асарҳои тарҷумавӣ чунин мисолро таҳлил намудааст:

«*Гуфтушундҳоро* мешунид.

Таҳрир: *Гуфтугузорҳоро* мешунид.

Қайд: ду «*шунид*» дар як ҷо омадааст. Дар ин гуна мавриҳо аз васеии забон фоида бурдан лозим аст» [8,142]. Нависанда бо ҳамин мақсад муродифҳои *нав* ва *тоза*ро дар матни боло кор фармудааст.

Дар матнҳои зерин муродифҳои *ахбор*, *хабар ва иттилоъ* хеле мувофиқ истифода шудаанд, ки дар ин ҷо *ахбор* шакли ҷамъи *хабар* буда, дар тамоми мақолаҳои солҳои 20-уми нависанда 10 маротиба истифода шудааст, *хабар* бошад 74 маротиба ва *иттилоъ* ҳамагӣ 3 маротиба кор фармуда шудааст:

Дар болои ин *ахбор, хабари* ба ҳудуди қафқоз наздик расидани «Урдуи Шарқ»–ро зам кунем… Ононе, ки телғирофи бесим дар даставшон буд, аҳволро мувофиқи раъйи худ ба Москва *иттилоъ* медоданд.

Дар матни зерин *арз карда будем* ва *музокара меронем* муродифҳои матн буда, бо мақсади такрор шудани айни як феъл ба кор рафтаанд:

Дар мақолаи гузашта таҳсили илмро ду қисм карда ва ҳанӯз татбиқ наёфтани қисми нахустинашро *арз карда будем*, дар ин мақола аз қисми дувумаш *музокара меронем.*

С. Айнӣ дар ҳошияи романи «Шодӣ» чунин ишора кардааст: «Феълҳои ёридиҳанда дар ҷумлаҳои ба ҳам наздик бояд такрор наёбанд. Масалан: *шуд, кард-гардид, намуд* ва монанди инҳо» [8,142].

Қайд кардан ҷоиз аст, ки *музокара* дар мақолаҳои солҳои 20-уми нависанда 25 маротиба ва *музокира* 14 маротиба истифода гардидааст. Дар луғат *арз* ба маъноҳои изҳор, баён; нишон додан, ошкор кардан; намоён шудан, зоҳир шудан (2.83) тафсир шудааст, аммо калимаи *музокара* гуфтугӯ ва машварат бо ҳамдигар дар атрофи ягон масъала маънидод шудааст [2,721].

в) Муродифҳо бо хусусияти услубӣ фарқ мекунанд*: мулоҳиза фармоед //муомала мекунад; ба мо насупурд // ба дасти мо дод; манзалате дид // ба манзалате афтод.*

Муродифҳои луғавии мулоҳиза «фармудан» ва «муомала кардан» аз ҷиҳати кор фармудани феълҳои ёвари кардан ва фармудан аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Феъли ёвари таркибии *муомала кардан* матлабро холисона, бе ифодаи муносибати гӯянда ифода мекунад. Аммо феъли таркибии *мулоҳаза фармудан* муносибати боэҳтироми гӯяндаро нисбат ба шунаванда ё муносибати боэҳтиромонаи нависандаро нисбат ба хонанда ифода мекунад. Мутаассифона, ин тафовути услубии феълҳои мазкур дар забони матбуоти имрӯзаи мо ба назар гирифта намешавад. Ҳол он ки дар ҳамин имконоти услубии муродифҳои феълҳои ёвари забони тоҷикӣ одоби муошират рӯзноманигор равшан ифода мегардад.

Исми *мулоҳиза* муродифи исмҳои *фикр, андеша, тааммул* буда, аз онҳо бо тобиши маънои *санҷидан, таҳлил кардан* фарқ мекунад. Муомала муродифи *исмҳои рафтор, додугирифт, муносибат* аст:

Ҳуди шумо *мулоҳаза фармоед,* подшоҳзодаи як мулк, ки фирорӣ шуда, ба сояи подшоҳе меояд, оё ба вай ҳамин гуна *муомала мекунанд*? Як подшоҳе, ки ба як шоҳзодаи меҳмон ин *муомиларо раво медорад*, оё ба раиягони зери дасти худ чӣ гуна *сулук мекарда бошад*?

Вожаи *сулук* дар луғат «равиш», «рафтор» тавзеҳ ёфтааст [2,544].

Феълҳои *муомала кардан*, *сулук кардан* бо таъбири *муомиларо раво доштан* ҳаммаъно буда, *муомила кардан* хеле серистеъмол аст ва дар забони гуфтугӯйӣ ва китобӣ баробар ба кор бурда мешаванд. Аммо *сулук кардан*, ки ҷузъи асосии он-*сулук* мисли *муомила (муомала)* калимаи иқтибосии арабист, дар гуфтугӯ кор фармуда намешавад, дар забони адабии китобӣ ҳам аҳёнан истифода мешавад. Шояд С. Айнӣ барои бори дигар такрор накардани *муомала кардан* ва *муомиларо раво донистан* ноилоҷ аз феъли *сулук кардан* истифода бурда бошад. Таъбири «ба касе муомилаеро раво доштан» хоси забони адабии китобист ва дар услуби малеҳи баён ба кор меравад.

Дар ин ҷумла ҳам бо ҳамон мулоҳиза *чунин муомила кунад* нагуфтааст, зеро феъли *кардан* дар охири ҷумла омадааст.

Мулоҳиза ва муомала дар мақолаҳои солҳои мазкур як хел истифода нашудаанд, яъне *мулоҳиза – 13м. ва муомала – 7м., муомила 5м.*

Шакли аслии арабии калима *муомала* аст, вале он ба тағйироти фонетикӣ дучор омада, ба талафузи забони тоҷикӣ мутобиқ шуда, дар шакли *муомила* мавриди истифода қарор гирифтааст. Ин ду шакли калима ҳоло ҳам дар забони матбуот ба назар мерасад.

Мисоли дигарро аз назар мегузаронем:

Дар ҳар кӯчаву маҳаллаи мо мактабҳо *барпо шуд*. Барои ононе, ки дорои хату савод нестанд ва умрашон аз синни таҳсилӣ гузаштааст, курсҳои бегоҳӣ ва шабона *таъсис гардид*.

Агар нависанда дар ин матн «*мактабҳо таъсис гардид*» мегуфт, чандон мувофиқ намеомад, бар замми ин, як феъл ду маротиба такрор мешуд, бинобар ин, бо мақсади гурез аз такрор муродифи *барпо гардид*ро истифода намудааст. Дар мақолаҳои солҳои 20-ум таълифкардаи муаллиф феъли *таъсис шуд* 11 маротиба ва *барпо гардид* 49 м. истифода шудааст. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки дар эҷодиёти С. Айнӣ низ феъли *барпо гардид* нисбат ба *таъсис шуд* серистеъмол будааст.

3 .Муродифоти луғавӣ ва фразеологӣ:

Ҳукумати Шӯроӣ танҳо сиёсати дохилиамонро *ба мо насупурд*, балки сиёсати хориҷиро низ *ба дасти мо дод.*

Дар ин ҷумла воҳиди луғавӣ *насупурдан* ва воҳдии фразеологии *ба дасти касе додан* ҳамчун муродиф истифода шудаанд.

Қайд кардан зарур аст, ки С. Айнӣ доир ба ҳарфи нафӣ, ки дар ин матн бо феъли ***на****супурд* омадааст, матнеро дар қайдҳояш таҳлил намуда, мегӯяд:

Матн: «Мо медонем, ки на франсузҳо, на италиявиҳо, баҳри ақлгумкардагони Хонаи Сафед ё хонаи Зард ба ҷанг хоҳанд рафт».

Қайд: «Ин ҷумла мақсадро ифода намекунад, охири ҷумла «*хоҳанд рафт*»-ро ба «*нахоҳанд* рафт» бадал кардан зарур аст. Зеро ҳар гоҳ якчанд исм бо ҳарфи нафӣ такрор ёбад, дар хабар бо тарзи таъкид такрор ёфтани ҳарфи нафӣ лозим аст».

Олами ислом ҳар шараф ва *манзалате, ки дид*, ба воситаи сайфу қалам дид, ба ҳар хорӣ ва *манзалате, ки афтод* ба сабаби аз даст додани ин афтод.

Дар ин ҷо таъбирҳои *манзалате дид* ва *ба манзалате афтод* барои такрор нашудани калима ё таъбир истифода гардидаанд.

4. Муродифоти шаклсозӣ (морфологӣ):

Ба ин гурӯҳ калимаҳои зерин дохил мешаванд, ки басомади онҳоро дар мақолаҳои солҳои 20-ум шумурдем: муаллимон – 4 м., муаллимҳо – 3 м ва муаллимин – 11 м., иҷборӣ – 10 м. ва маҷбурӣ – 3 м., макотиб – 10 м., мактабҳо – 15 м.

Чунончи: Ба ин ду сабаб ҳаст: яке, камтаҷрибагии *муаллимон*, дувум, бекитобист. Камтаҷрибагии *муаллимин* як амри табиист. Агар аз соли 1918, ки ба ҳар тарафи кишвари Туркистон курси *муаллимин* кушода шуда, дар ин боб қадаре эҳтиёт мерафт, агар ба миқдори *муаллимини* ҳозира намерасид ҳам, *муаллимҳои* банисба муқтадир ба даст хеле медаромад.

Дар ин матн нависанда бо мақсади забонзада нашудани як тарзи ҷамъбандӣ, аз роҳҳои гуногуни ифодаи мафҳуми грамматикии ҷамъ, яъне аз муродифоти сарфӣ (морфологӣ) истифода кардааст, зеро пасванди – *он* дар исми *муаллимон* аз унсурҳои шаклсози забони тоҷикӣ буда, ҳамин мафҳум бо ёрии шакли ҷамъи арабии *муаллимин* низ зиёд ифода ёфтааст.

Гарчи дар ин матн шакли ҷамъи тоҷикии калимаи арабии *муаллим – муаллимон ва муаллимҳо* якмаротибагӣ, вале шакли ҷамъбандии арабии *муаллимин* се маротиба такрор шудааст далели он аст, ки дар замони навишта шудани мақолаҳои С. Айнӣ бо шакли ҷамъи арабӣ кор фармудани ин исм *(муаллимин)* маъмул будааст. Аммо минбаъд дараҷаи истеъмоли ин шакли ҷамъи арабӣ дар забони матбуоти тоҷик маҳдуд гардидааст.

Дар мисолҳои зерин исми *мактаб* аввал дар шакли ҷамъбандии тоҷикии *мактабҳо* омада, бори дуюм бо мақсади такрор наёфтани калима дар шакли ҷамъи шикастаи арабии *макотиб* ба кор бурда шудааст:

Аммо вақте ки *мактабҳо* кушода шуд, барфу борон боридан гирифт, дасту пойи *атфол* ба даруни *макотиб* ях баст, мараммат ва шикастурехтро сар мекунем.

Дар ин матн исми *тифл* низ дар шакли ҷамъи шикастаи арабии *атфол* омадааст, ки ин ҳам далели як дараҷа маъмул будани шаклҳои ҷамъбандии арабӣ дар забони матбуоти солҳои бистуми асри гузашта аст. Қайд кардан бамаврид аст, ки исми *тифл*

дар мақолаҳои солҳои мазкур таълифнамудаи муаллиф ҳамагӣ 5 маротиба, аммо *атфол* бошад 32 маротиба истифода шудааст.

Чунон ки маълум аст, то нимаи дуюми асри XIX ҷамъбандии арабӣ дар назму насри адибони форсу тоҷик ба миқдори хеле зиёд кор фармуда мешуд [9,84]. Баъдтар дар натиҷаи торафт ба омма наздик шудани забони адабии тоҷик мавқеи ҷамъбандии тоҷикӣ беш аз пеш афзудан гирифт [4,75]. Чунин ҳолат дар мақолаҳои устод Айнӣ низ мушоҳида мешавад.

Дар ҷумлаи зерин С. Айнӣ *ин қадар тазминот андохт* гуфта, бори дуюм *ин миқдор мусодира кард*ро истифода намудааст, ки дар ин ҷо ишораҷонишин бо ҳоли дараҷа омада, муродифи ҳамдигар шудаанд ва дар ҳолати иваз кардани ҷойи онҳо маънои ҷумла бетағйир мемонад:

Мардум мегӯянд: Ҳукумати Шӯроӣ буду нобуди раиятро рабуд, *ин қадар* тазминот (андоз) андохт, *ин миқдор* мусодира кард.

Дар ҷумлаи зерин бошад *ишораҷонишин* ба вазифаи *ҳоли миқдор* омада, силсилаи муродифҳо сохтааст:

Акнун шумо дар зарфи ду сол *чӣ миқдор* тазминот додани Самарқандро ҳ*исоб ва тарқим* намоед, ба тарафи дигар *шумурда рақам занед*, ки дар ин ду сол танҳо ба маориф ва мактабҳои Туркистон *чӣ қадар* пул сарф шудааст.

Корбурди калимаи *тарқим* бо таъсири мушкилнависии классикӣ воқеъ гардидааст, аммо дар поёни мақолаи устод Айнӣ чунин шарҳ ёфтааст: *тарқим*-рақам гузоштан, ҳисоб кардан. Дар ин ҳолат агар нависанда ба ҷойи *тарқим намоед рақам занед* мегуфт, дар ҷумла такрори маъно ба миён меомад. Шояд ба ҳамин хотир баъзан устод Айнӣ ин гуна калимаҳоро дар мақолаҳояш кор мефармояд. Инчунин дар ин ҷо муродифҳои *чӣ миқдор* ва *чӣ қадар* низ бо мақсади такрор наёфтани як калима истифода шудаанд. Ногуфта намонад, ки дар тамоми мақолаҳои солҳои бистум С. Айнӣ калимаи *тарқим*ро як маротиба кор фармудааст. Муродифи *чӣ миқдор* 5 маротиба, *чӣ қадар* 9 маротиба омадаанд.

Хулоса, устод Айнӣ барои забонзада нашудани калима ва гурез аз такрор зиёд андеша карда, ҳар як калимаро дар ҷойи худ ва беғалат истифода намудааст.

Дар ҳама забонҳои дунё аз такрор ва забонзада шудани сухан эътироз карда мешавад. Такрор дар асарҳои бадеӣ боиси дилбазан шудани хонанда мегардад, аммо дар асарҳои илмӣ ва ҳуҷатҳои расмӣ услубан равост. Дар забони рӯзномаву маҷаллаҳо бо мақсади муассир ифода намудани фикр дар жанрҳои бадеӣ – публитсистии журналистика аз такрори калимаю таъбирҳо худдорӣ мекунанд. С. Айнӣ, ки ҳам шоиру ҳам нависандаи бомаҳорат ва нисбат ба услуби асари бадеӣ серталаб буд бо таъсири ҳамин принсип дар мақолаҳои публитсистиаш ҳам ба такрори безарурати калимаҳо роҳ надодааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Камолиддинов Б. Услубшиносӣ. – Душанбе: Ирфон, 1973.
2. Камолиддинов Б. Муродифоти синтаксисӣ ва ҳусни баён. – Душанбе: Маориф, 1986.
3. Камолиддинов Б. Синтаксическая синонимия в современном таджикском литературном языке. – Душанбе: Ирфон, 2012.
4. Қаландаров. С. Калимаҳои иқтибосии арабӣ дар «Наводир-ул-вақоеъ» – и Аҳмади Дониш. – Душанбе: олами китоб, 2010.
5. Маъсумӣ Н. Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат. – Душанбе: Адиб, 2005.
6. Тоҷиев Д. Осори мунтахаб. – Душанбе, 1976.
7. Тарҷума ва тарҷумаи бадеӣ. – Душанбе: Матбуот, 2011.
8. Тарҷума ва балоғати сухан.– Душанбе, 2004.
9. Ҳоҷиев С. Забони адабии тоҷик дар ибтидои асри XX. – Душанбе: Дониш, 1987.

Л У Ғ А Т Ҳ О

1. Маҳшед Маширӣ. Фарҳанги фишурдаи форсӣ. – Теҳрон: Нашри Албурз, 1371.
2. Фарҳанги забони тоҷикӣ. М.: Советская энсиклопедия, 1969.

М А В О Д И Т А Д Қ И Қ О Т

1. Айнӣ С. Акнун навбати қалам аст // Шуълаи инқилоб. 1920. – 6 июл.
2. Айнӣ С. Бархез, Шарқи мазлум, ки урдуи Шарқ расид // Шуълаи инқилоб. 1920. – 23 феврал.Айнӣ С. Ҳукумати Шӯроӣ ба мо чӣ дод? // Шуълаи инқилоб, 1928. – 15 декабр.
3. Айнӣ С. Дар бораи китобҳои мактабии тоҷикон // Овози тоҷик. 1924. – 12 сентябр.
4. Айнӣ С. Дар Боку анҷумани якуми аҳолии Шарқ // Шуълаи инқилоб. 1920. – 6 сентябр.
5. Айнӣ С. Инқилоби Ӯктабр ва Шарқ // Овози тоҷик. 1924. – 7 ноябр.

6. Айнӣ С. Инқилоби Ӯктабр ва олами Шарқ // Шуълаи инқилоб. 1921. – 7 ноябр.
7. Айнӣ С. Қавми тоҷик ва рӯзнома // Овози тоҷик. 1924. – 25 август.
8. Айнӣ С. Масъалаи маориф ва китоб // Шуълаи инқилоб. 1921. – 1 август.
9. Айнӣ С. Сайф ва қалам // Шуълаи инқилоб. 1920. – 17 июн.
10. Айнӣ С. Ҳукумати Шӯроии Туркистон ва масъалаҳои Шарқ// Шуълаи инқилоб. 1920. – 2 феврал.
11. Айнӣ С. Ҳукумати Шӯроӣ ба мо чӣ дод? // Шуълаи инқилоб, 1928. – 15 декабр

ИЗБЕЖАНИЕ ПОВТОРА СЛОВ И ВЫРАЖЕНИЙ В ПУБЛИЦИСТИЧЕСКИХ ПРОИЗВЕДЕНИЯХ САДРИДДИНА АЙНИ

В статье проанализированы ряд примеров, где С. Айни делает попытку избежания повтора слов и выражений. Этот принцип выражения мысли соблюдается во всех жанрах публицистики.

Ключевые слова: норма литературного языка, однозначные выражения, синонимичный ряд, стиль выражения, лексические, однозначные синонимы, смысловые оттенки синонимов, стилистические особенности синонимов, фразеологические синонимы, неуместный повтор слова.

AVOIDANCE OF REPETITION OF WORDS AND EXPRESSIONS IN PUBLICISTIC WORKS SADRIDDINA AYNI

The article analyzes a number of examples where S. Aini attempt to avoid repetition of words and expressions. This principle of expression observed in all genres of journalism.

Key words:: rate of literary language, unambiguous virazheniya synonymous with a number, style, expression, vocabulary, unambiguous synonyms, synonyms, connotations, synonyms, stylistic features, phrase logical synonyms, undue repetition of words.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:***Сафаралиева М. Р.*** – аспирантка Таджикского национального университета

ВИЖАГИҲОИ КОРБАСТИ ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛ ВА ИБОРАҲОИ РЕХТА ДАР РОМАНИ СОРБОН «ДОСТОНИ ПИСАРИ ХУДО»

Замира Ӯлмасова
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров

Зарбулмасалу мақол ва ибораҳои рехта инъикосгари тарзи ҳаёту рӯҳия ва психологияи одамон, орзую ормони онҳо мебошанд. Бино ба таъкиди забоншиноси маъруфи тоҷик Р. Ғаффоров «Аҳамияти истеъмоли зарбулмасал ва мақолҳо чун яке аз воситаҳои пурқуввати тасвир дар адабиёти бадеӣ бағоят бузург аст. Агар онҳо дар мавқеи худ истеъмол шаванд, забони нависанда пуробуранг ва салису таъсирбахш шуда, хусусияти миллии он барҷастатар мегардад» [1, 89].

Дар романи «Достони писари Худо»-и Сорбон зарбулмасалу мақол ва ибораҳои рехта асосан дар нутқи қаҳрамонони марказӣ, аз ҷумла Искандар, Ох, Дорои Кудумон, Олимпиада, Боҳӯй, Моҳӯй, Бесус ҷой дода шудаанд, Сорбон мақолу зарбулмасалҳо ва фразеологизмҳоро мувофиқи предмети баён ва мароми эҷодӣ, мавқеъшиносона мавриди истифода қарор дода, бо ин роҳ ба забони асари худ обуранги махсус ва фасоҳату салосат бахшидааст.

Аз лиҳози тарзи истифода зарбулмасалу мақол ва фразеологизмҳоеро, ки дар романи «Достони писари Худо» ба чашм мерасанд, ба гурӯҳҳои зерин тақсим кардан мумкин аст:

1. Зарбулмасалу мақол ва ибораҳои рехтае, ки бе тағйир ва ё бо тағйири ҷузъӣ ба кор рафтаанд. Масалан, «мазза аз қайла гузаштан» (4, 1,165); «гӯсфандро ба пои худ овезанд, бузро низ» (4, 2,15) «ҳар киро гӯр ҷудо, аъмол ҷудо: бузро ҳам бо пои худаш кашол кунанд, гӯсфандро ҳам»(4,2,27); «то сухани шумо шикастана, гардани шайтон шиканад» (4,1,168); «сари хамро шамшер набурад» (4,1,69); нияти нек- ними давлат (4,1, 230), «бо собуни касе ҷома шустан» (4,1,462; 4, 2, 34;), «ҳарфи бисёр- харба бор» (4,1, 173), «ҳар кас ба мурдаи худ мегиряд» (4,2,36); «мурдаро монда тутхӯрӣ» (4,1, 213;4,1,215), «душманро ба шакар куштан» (4,1, 244;4, 1, 518), «чизеро об карда хӯрдан» (4,1,176) «тир аз камон ҷаста ва мурғ аз қафас раста» (4,2, 81), «ба кайк ситеза карда, пӯстинро сӯхтан (4,2, 147; 4,2, 176), «кирми дарахт – аз худи дарахт» (4;2,150; 4, 2, 244), «ҳам ба лаъл задану ҳам ба пошно» (4,1,326), «гови пир кунҷола хоб бинад» (4,1,294), «кафши касеро пеш гузоштан» (4,1, 227), «қадри зарр заргар донад» (4,1,228), «ҷӯҷаро

дар тирамоҳ мешуморанд» (4,2,430), «танобро дароз андохтан»(4,1,163), «гӯсола мурад ҳам алоии чашмаш мемонад» (4,2,435), «аз нӯги хамир фатир» (4, 1,282;4,1410), «гурги борондида» (4,1, 273, 277, 416; 4, 2, 465) ва ғайра, ки миқдори онҳо дар роман хеле зиёд аст. Табиист, ки ин гурӯҳ қисми асосии зарбулмасалу мақол ва ибораҳои рехтаи романро ташкил мекунад.

2. Маълум аст, ки дар забони тоҷикӣ оид ба воқеа ва ҳодисаҳои гуногуни зиндагӣ, дар як мавзӯъ мақолу зарбулмасалҳои гуногун гуфта шудаанд. Ва ё ҷузъҳои гунаҳои мухталифи мақолу зарбулмасалҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Сорбон баъзан дар ҷойҳои гуногун вариантҳои мухталифи онҳоро корбаст кардааст. Масалан, «барраи танҳоро гург хӯрад» (4, 2, 14), «сутури танҳоро гург хӯрад» (4, 34), «магар надонӣ, моли аз рама мондаро гург мехӯрад» (4, 1, 422). Ҳар се зарбулмасал дар матн ба маънои «нерӯ дар якҷоягиву муттаҳидист» омадааст. Ё мисоли дигар: «Сар кафад зери кулоҳ» (4. 2, 162), «сар кафад зери каллапӯш» (4, 1, 229). Вале аксаран он вариантеро интихоб мекунад, ки ғайри ихчаму пурмазмун будан ба матни асар мутобиқату мувофикати том дошта бошад.

3. Дар баъзе мавридҳо дар роман як қисми асосӣ, образнок ва ба матлаби муаллиф дар ҳамин контекст мувофиқи зарбулмасал оварда мешавад. Ва қобили зикр аст, ки ин намуди истифодаи мақолу зарбулмасал дар романи «Достони писари Худо» ба нақши услубии онҳо, яъне муъҷаз ва буррову таъсирбахш баромадани тасвири нависанда, пурра ва равшантар тасвир ёфтани характери персонажҳои асар таъсири манфӣ намерасонад:

«Обро нодида мӯза кашидан хуб нест, Мино» (4,1,153).

«Обро дида бояд мӯза кашид» (4,1,636).

Асли ин зарбулмасал: «Обро бину мӯза каш, ҳаворо бину ғӯза каш» аст.

«Рӯзе гургзода гург шавад» (4,1, 48) Нусхаи комили ин зарбулмасал бешубҳа байти маъруфи Саъдист:

Оқибат гургзода гург шавад,
Гарчӣ бо одамӣ бузург шавад.

Ё шоҳзода Ох дар суҳбат бо Боҳӯй мегӯяд: «Бо моҳ шинӣ моҳ шавӣ» (4,1, 210).

Мисраи дувуми ин зарбулмасал «Бо дег шинӣ сиёҳ шавӣ» дар ин контекст ба матлаби нависанда мувофиқат намекунад, бинобар ин Сорбон онро ҳазф кардааст.

Дар ҷои дигар Искандар мегӯяд: «Шаф- шаф магӯ Эвмен» (4,1, 366). Шакли дигари ин мақол «шаф-шаф нагӯю шафтолу гӯ»аст.

Ибораи рехтаи маъруфи «аз бом тароша афтодан» ба маънои сухани беҳудаю бемавқеъ гуфтанро Сорбон ба тариқи зайл корбаст кардааст:

-Падарро дӯст доштед бону? – аз бом тароша пурсид Искандар (мухотаби шоҳ Гулгун -духтари шоҳи Эрон аст –З.Ӯ) (4,1, 347).

- Ҳамаи занҳои Шарқ якрав ва шахгардан ҳастанд? – тарошае аз бом пурсид Искандар ва Барзин ба чашми шоҳ нигариста китф дарҳам кашид… (4,1, 453).

Мақоли «Ҷав корӣ ҷав даравӣ, гандум корӣ-гандум»-ро низ Сорбон дар шакли ихтисор мавриди истифода қарор додааст: «Ҷав корӣ, ҷав даравӣ» (4,1, 490).

Вобаста ба мақсаду мароми эҷодӣ ва мавқеи сухан баъзе калимаҳои мақолу зарбулмасалро тағйир дода, ба ин восита таъсири матнро зиёд ва ҳодисаро барҷаста тасвир кардан як равиши услуби Сорбон дар романи «Достони писари Худо» аст:

«… Шоҳ ба давлатдорӣ машғул бошад. Хирман кӯбидан на кори ҳар буз аст…

- Кори барзагов аст… - кафид шоҳ Доро ва гӯш дод» (4,1, 325)

Гунаи комили манзуми зарбулмасал чунин аст:

Кори ҳар буз нест хирман кӯфтан,
Гови нар мехоҳаду марди куҳан.

Шакли мансури зарбулмасал «Буз агар хирман мекӯфт, ҳоҷат ба барзагов набуд» аст.

Ё зарбулмасали «зери коса нимкоса»-ро Сорбон ҳам дар ин гуна (4,1, 169; 4,1, 273). ва ҳам дар гунаҳои «зери косаро, ки намедонист, чизе ногуфта хомӯш монд» (4, 2, 209), «Ба андеша рафт, то зери коса чӣ нимкосае бошад» (4,1, 169), «нимкосаи зери косаро надониста…» (4, 1, 203), «таги коса нимкосае ҳаст» (4, 1, 378) корбаст кардааст.

Зарбулмасалу мақол ва ибораи рехта вобаста ба мақсади дар назди худ гузоштаи гӯянда метавонанд дар аввал, мобайн ва дар охири нутқ воқеъ шаванд [1, 95]. Агар онҳо дар аввали нутқ воқеъ шаванд, нутқи минбаъда мазмуни масал ё ибораи рехтаро шарҳу тавзеҳ медиҳанд:

- Аёнро чӣ ҳоҷати баён … Агар ин кор аз дасти сипаҳсолор наёяд, тақдири маро ба дасти шоҳ биспорад (4. 1, 401).

Дар мобайн бошад гӯянда дар бораи чизе ё ҳодисае сухан ронда, дар рафти сухан гуфтаҳои худро ба воситаи ҳикмати халқӣ пурқувват менамояд. Сипас, барои он ки мухотаб ба суханонаш эътимод кунад, ҳикмати халқро шарҳ, медиҳад. Масалан, сипаҳсолор Пармиён ҷавобан ба андешаи Искандар мегӯяд:

- Гумон надорам, шоҳ. Моргазида аз ресмони ало тарсад. Муқобилати ӯ дер напояд. Андаке зӯр ояд, боз фирор кунад. Ҳазимат одат шуд ӯро (4,1, 384).

Вақте ки муаллиф зарбулмасалу мақолро дар охир меорад, ба онҳо характери ҷамъбасткунанда медиҳад:

- На Барзин! Аз рӯи кинаю оз қасд ситонидан бузургтарин гуноҳ бувад. Ту, ки аз дудмони паст нестӣ, чаро пастӣ кунӣ? Атои ӯро ба ликояш бубахш… (4,1,414).

- Андешаманд буд гетери боназокат: «Агар дар Отин будам; назди падари тавоноям будам, гӯш надода будам Искандари булҳавасро. Бал дасти Биталамуси бовафоро гирифта, бурун омада будам аз чунин давраи дилгир. Вале ҳолиё биринҷ набардорад обро» (4,1, 515).

Сорбон зарбулмасалу мақол ва ибораҳои рехтаро дар диалогу монологҳо низ васеъ истфода мебарад, баъзан қаҳрамонон дар диалог бо ёрии ҳикматҳои халқӣ суол мекунанд ё ҷавоб медиҳанд. Масалан, Тоис шабона ба назди Искандар омада, ба тарафи хайма ишора карда мегӯяд:

- Чаро муштро ба торикӣ занад шоҳ? (4,1,372)

Мисоли дигар: Модари Барзин жӯлидамӯю фурӯрафтачашм ва бемадору хаста ба қасри Димишқ меояд ва мегӯяд, ки духтарам арӯси шоҳ Искандар аст:

- Духти ман гардунасавор омада буд. Танҳо… зебо… ниҳоят зебо… Ба ҳадде зебо, ки забони гуфтор надорам.

Ҳоҷиби дарбор мегӯяд:

- Зоғ ҳам чӯҷаашро «сапедакам» гуфтааст (4, 1,438).

Дар бисёр мавридҳо ҳикматҳои халқӣ бевосита дар нутқи тасвирии нависанда чун яке аз воситаҳои тақвиятдиҳандаи ҳолату вазъият ва арзёбии одамону ҳодисаҳо истифода мешаванд. Барои мисол ибораи рехтаи «косаи сабр лабрез шудан»-ро дар нутқи Сорбон мавриди баррасӣ қарор медиҳем:

«Сипаҳсолор аз тамкин ва оромии Барзин дар шигифт буд, косаи сабр шикаста пурсид» (4, 1, 399).

«Порсиён зӯран марзу бум идора кунанд. Косаи сабри мардум лабрез аст. Нигарон буданд омадани наҷотбахши хешро» (4, 1, 542).

Бисёр вақт қаҳрамонони Сорбон «ҳикматхои халқиро… барои асоснок кардани фикр ва собит намудани ҳақиқати гуфтаҳои худ ба кор мебаранд» [3, 78]. Дар мисоли поён Дорои Кудумон ба сабаби мағлубият дар ҷанг Ориёбарзанро мазаммат мекунад ва дар ҳаққи ӯю лашкар зарбулмасалу ибораи рехтаи сахту дуруштро мавриди истифода қарор медиҳад:

Ориёбарзан:

- Ҷанги шадид шуд, вале…

Дорои Қудумон:

- … вале, шумо эзоратонро тар кардед!? Куни гӯзинро орди ҷав баҳона !... (4,2,14)

Дар романи «Достони писари Худо»-и Сорбон аҳёнан ҳодисаҳои бемавқеъ ва нодуруст омадани зарбулмасалҳо низ ба мушоҳида мерасанд. Ба мисолҳои зерин таваҷҷӯҳ менамоем:

Дар яке аз маҳфилҳои Искандар дар Мақдуниё Антипатри сипаҳсолор дар рафти суханронӣ мегӯяд:

«Порсиён гӯянд: Бе пир марав дар амонӣ… Сухан барои табрик ба чунин пири хирад ва ботадбир Арастуи Кабир…» (4,1, 73).

Дар ҳамин ҷилд дар с.531 мехонем: «Искандар Пармиёни далеру диловарро… сатрапи Димишқ хонда буд ва ҳини зӯромади набарди Тир ёд овард: «Бо пир марав, ки дармонӣ, Ҳарчанд Сикандари замонӣ» борҳо шунида буд ин масалро…»

Байни иқтибоси аввал ва дувум чанд сол сипарӣ гаштааст ва ҳангоми масалро ба хотир овардан Искандар зери итоати худ Осиёи Наздику Сағирро дошт. Дар матнҳои иқтибосшуда чанд нуқтаи мавриди тардиду шубҳа мавҷуданд.

Аввалан, ба назари муаллифи ин сатрҳо, гунаи дар иқтибоси аввал омадаи зарбулмасал хато аст, ҳарчанд ҳамин шакли он бо тағйироти ҷузъӣ дар маҷмӯаҳои ҳикматҳои халқӣ чанд дафъа ба чоп расидааст [2,216; 5, 91].

Дувум, дар мисраи аввали масал дар иқтибоси дувум, калимаи «дармонӣ» бояд «дарбимонӣ» хонда шавад, то халали вазн рафъ гардад: «Бе пир марав, ки дарбимонӣ, Ҳарчанд Сикандари замонӣ». Ин масал дар байни тоҷикон бо ҳикоясш, дар бораи сарбозе, ки ба лашкаркашиҳои Искандар бар хилофи амри қатъии шоҳи ҷавон пинҳонӣ падари пирашро ҳамроҳ гирифта, бо маслиҳатҳои пири хирадманд аз чанд мушкилот Искандар ва лашкариёнашро наҷот дода буд, маъруфу машҳур аст ва ҳоҷати дар ин ҷо такрор кардани он нест. Ва пайдост, ки офаридаи давраи баъди юришҳои Искандар ба Осиёи Марказӣ аст. Савум, дар ин матн ҳодисаи анахронизм ҷой дорад. Сорбон масалеро, ки баъди лашкаркашиҳои Искандар ба вуҷуд омадааст, ба давраи зиндагии ӯ ва он ҳам бошад, ба давраи ҳанӯз аз Мақдуния ба ҷанги Эрон нарафтани лашкаркаш нисбат медиҳад. Агар иқтибоси якумро қобили қабул шуморем,тасдиқ кардан лозим меояд, ки масали мазкур пеш аз ба ҷаҳонгирӣ баромадани Искандар, яъне пеш аз вуқӯи ҳодисае, ки асоси масал аст, арзи ҳастӣ кардааст. Ин фикр бошад тамоман хилофи мантиқ мебошад.

Дар аввали ҷилди дувум монологи Дорои Қудумон оварда шудааст, ки дар он аз ҷумла омадааст: «Аз дасти ҷумла мардум коре наояд, шоҳ айбдор бошад; акси калла ба шӯрбо занад: «Шоҳ натавонист, аз дасташ коре наёмад, гӯянд». Ҳолиё чунин шоҳи ноуҳдабаро манам»(4,2,44). Ба назар чунин менамояд, ки зарбулмасал дар ин иқтибос нодуруст корбаст гардидааст. Мураттиби «Фарҳанги ибораҳои рехта» ибораи «Акси калла ба шӯрбо задан»-ро оварда, чунин тавзеҳ додааст: «таъсири бади касе, ба касе задан, ба таъсири касе афтодан. Сипас, аз маҷаллаи «Хорпуштак» ба таъйиди ин ибора мисоли зеринро овардааст: «Чӣ шуду чӣ нашуду якбора акси калла ба шӯрбо зад. Мудири собиқи анбор… ҳам ба монанди ӯ чапаву роста қадам мемондагӣ шуд» (5, 15).

Ҳамчунин ибораи рехтаи «гӯр сӯзаду дег ҷӯшад» дар роман нодуруст истифода шудааст.

Дар китоби «Фарҳанги ибораҳои рехта» ин ибора дар гунаи «гӯр сӯзаду дег (қаландар) ҷӯшад» ба шарҳи зерин мазкур аст: «Ҳар чӣ ба касон шавад, шаваду манфиати шахсе аз даст наравад; манфиати худро аз зарари каси дигар болотар донистан» (5, 1, 254). Ба тарзи корбасти ин ибора дар роман диққат медиҳем :

- Пайк овард, шоҳ фармуд! Ман гуфтам! Рай шуморост. Шоҳ шоҳи ҳама…

- На! Шоҳ шоҳи ту ва чанде дигарон, ки барояшон фарқе намекунад, гӯр сӯзад ё дег ҷӯшад… Эронро ватан гӯянд ё Юнонро (4, 2, 69).

Аввалан, гунаи аслию саҳеҳи ибора «гӯр сӯзаду дег ҷӯшад» аст, яъне табдили пайвандаки «у» бо пайвандаки «ё» қобили қабул нест, зеро маънои ибораро дигар мекунад. Дувум, дар гунаи дар матни китоб омадаи ибора он нукта, ки дар «Фарҳанги ибораҳои рехта» таъкид шудааст, яъне «манфиати худро аз зарари каси дигар болотар донистан» аз байн меравад.

Сорбон дар корбасти мақолу зарбулмасал ва ибораҳои рехта маҳорату эҳсоси баланди сухансанҷӣ зоҳир менамояд, бинобар ин, гунаҳои мухталифи дар роман мавриди истифода қарор гирифтаи онҳо, аз қабили «бо як тир ду фохта задан»(4, 1, 35), «арзанро гунҷишк бихӯрад, калтакро вартиш» (4, 2,44), «ду вазир дар як девон нагунҷад» (4, 2, 25), «бардошта нашавад оби рехтаро» (4, 2,5), «ҷӯшбарраро хом шумурдан» (4,1, 503) ва ғайра ба батни матн таркибан омехта шудаанд. Метавон гуфт, ки яке аз сабабҳои ҷаззобию шевоӣ ва фасоҳату малоҳати забону сабки романи «Достони писари Худо»-ро маҳз корбасти устодонаи ҳикматҳои халқ шуморидан мумкин аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Ғаффоров Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил (Дар асоси материали «Одамони ҷовид»). – Душанбе: Дониш, 1966. – 224с.
2. Калонтаров Я.И. Мудрость трёх народов. – Душанбе: Адиб, 1989. – 552с.
3. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 186 с.
4. Сорбон. Достони писари Худо. Дар ду ҷилд. – Душанбе: Адиб, 2005
5. Фарҳанги ибораҳои рехта. Дар ду ҷилд. Ҷ.1 Тартибдиҳанда М. Фозилов. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963.-952с.

ОСОБЕННОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ПОСЛОВИЦ, ПОГОВОРОК И ФРАЗЕОЛОГИЗМОВ В РОМАНЕ СОРБОНА «ПОЭМА О БОЖЬЕМ СЫНЕ»

Автор статьи на основе анализа богатого фактического материала выявляет следующие особенности использования пословиц, поговорок и фразеологических единиц в романе Сорбона:

1. Поговорки, пословицы и фразеологические единицы, использованные писателем без изменения или с незначительными изменениями.
2. Использование разных вариантов пословиц и поговорок.
3. Использование основной, образной, наиболее соответствующей данному контексту части пословиц, поговорок и фразеологизмов.

Ключевые слова: современная таджикская проза, роман Сорбона «Поэма о Божьем сыне», стилистика, пословицы и поговорки, фразеологические единицы.

PECULIARITIES OF USAGE OF PROVERBS, SAYINGS AND PHRASEOLOGISMS IN SORBON'S NOVEL "THE POEM ABOUT GOD'S SON"

The author of the article, having analyzed the rich factual material, elicits the following peculiarities of usage of proverbs, sayings and phraseological units in Sorbon's novel:

1. Sayings, proverbs and phraseologisms used by the writer without change or with insignificant changes.
2. Usage of different variants of proverbs and sayings
3. Usage of a principal, imagery part of proverbs, sayings and phraseologisms being in the most complete correspondence with the context in question.

Key words: modern Tajik prose, Sorbon's novel "The Poem about God's Son", stylistics, proverbs and sayings, phraseological units .

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***З. Ульмасова*** – доцент кафедры современной таджикской литературы ХГУ им. Б.Гафурова. Телефон: **92-771-44-70**

АСАРОТИ ЗАБОНИ ҒАЙРИРАСМӢ РӮЙИ ХОНДАНИ ДАРКИ МАТЛАБ БА УНВОНИ ЯК МАҲОРАТ АЗ СИСТЕМАИ ОЗМУНИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ (IELTS)

Гударз Шикебоӣ
Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Вақте ки мехоҳед суҳбат кунед ва чизе дар зеҳни худ доред, шумо аз калимаҳое, ки ба назаратон фикратонро баён мекунад истифода мебаред. Шумо бояд диққат кунед, ки истифода аз калимаҳо бастагӣ ба макон, замон ва шароити касе дорад, ки ба ӯ ҳарф мезанед. Ба иборати дигар, истифода аз луғот бояд дар мавқеияти муносиб бошад. Калимаҳое, ки мо бо дӯстони худ истифода мекунем бо калимаҳое, ки бо муаллими худ истифода мекунем, мутафовит аст. Пас бояд бо ҳар шахсе калимоти муносиб интихоб кунем. Баъзе мавқеъ калимаҳои расмӣ истифода кунем ва баъзе мавқеъ калимаҳои ғайрирасмӣ.

Забони Ғайрирасмӣ ва забони расмӣ чӣ ҳастанд? Забони ғайрирасмӣ як навъ забон аст, ки дар муколимоти рӯзона ва дар мавқеиятҳои ғайрирасмӣ истифода мешавад. Афроди таҳсилкардаи як забон маъмулан дар суҳбат кардан бо дӯстони худ ҳамкорон ва ё афроди хонавода аз забони ғайрирасмӣ истифода мекунанд [10].

Дар ин навъ суҳбат кардан касе, ки суҳбат мекунад зиёд ба сохтори ҷумла диқат намекунад.

Забони расмӣ забоне аст, ки бештар дар муҳитҳои расмӣ истифода мешавад ва суҳбаткунандагон рӯйи сохтори забон диқат мекунанд. Ҳамчунин талаффуз ва истифодаи калимаҳо хеле муҳим аст. Забони ғайрирасмӣ бештар аз забони расмӣ истифода мешавад. Бештари мардум дар бештари замон дар суҳбатҳои телефонӣ ва ё суҳбате бо мардум дар зиндагии рӯзмарра аз забони ғайрирасмӣ истифода мебаранд.

Баёни масъала. Ин таҳқиқ ҳадафаш баррасии асароти забони ғайрирасмӣ бар хондани дарки матлуби ёдгирандагони забони англисӣ дар Эрон аст. Бинобар ин, ин таҳқиқ ба суолоти зер ҷавоб медиҳад:

1. Оё забони ғайрирасмӣ бар хондани дарки матлуб асар дорад?
2. Оё тадриси забони ғайрирасмӣ дар пешрафти забони умумии ёдгирандагони забони англисӣ таъсир дорад?

Фарзияи 1: истифода аз забони ғайрирасмӣ бар рӯйи хондани дарки матлаб таъсир надорад.

Фарзияи 2: истифода аз забони ғайрирасмӣ бар рӯйи хондани дарки матлаб таъсир дорад.

Аҳамияти таҳқиқ. То ҳоли ҳозир мутолеоти зиёде анҷом шудааст, то асароти забони ғайрирасмиро дар ёдгирии забони англисӣ баррасӣ кунанд. Аммо ин таҳқиқот камтар дар маконҳои академӣ анҷом шудааст. Ин мутолеа мехоҳад ин мушкилро ҳал кунад ва таҳқиқро дар муҳити академӣ анҷом диҳад. Бинобар ин, бартарии ин таҳқиқ ин аст, ки дар муҳити академӣ ва барои забономӯзони эронӣ анҷом мешавад.

Афроди зиёде дар заминаи забони ғайрирасмӣ таҳқиқ анҷом додаанд. Cholmondely S. (1996) як таҳқиқ дар Англия анҷом дод ва ин таҳқиқ ки рӯйи забономӯзон анҷом шуд нишон дод, ки агар байни англисзабонон ва забономӯзон робита набошад ёдгирӣ хуб пеш намеравад. Таҳқиқи дигар анҷом шуд, ки тавассути Roth R.M. будаст ва ӯ ин таҳқиқро дар бораи истилоҳоти ғайрирасмӣ анҷом дод ва нишон дод, ки ҳамаи забономӯзон дар тарҷумаи истилоҳот, ки дар забони модарӣ аст муваффақ будааст ва забони ғайрирасмӣ ба ёдгирии онҳо кумак мекунад.

Таҳқиқи дигар тавассути Marije Geld анҷом шуд. Дар ин таҳқиқ робитаи байни забони ғайрирасмии пизишкӣ ва забони расмии он баррасӣ шуд. Дар ин таҳқиқ ёд шуд, ки байни ин ду забон робитае вуҷуд дорад.

Равиши таҳқиқ. Муқаддима: ин қисмат шомили равиши таҳқиқ мебошад, ки чаҳор қисмат аст. Аввалин қисмат интихоби афроди таҳқиқ аст. Қисмати дувум абзори таҳқиқ, қисмати севум равиш ва қисмати охир таҷзия ва таҳлили додаҳо ва натиҷаҳо аст.

Гуруҳи озмоишӣ: 60 забономӯз, ки дар муассисаи забони англисӣ дар шаҳри Аҳвоз даср мехонданд, интихоб шуданд. Ин забономӯзон дар сатҳи мутавассит буданд, ки аз тариқи пешозмун мушаххас шуда онҳо дар як сатҳ буданд. Дар ин таҳқиқ ин забономӯзон ба ду гурӯҳи назоратӣ ва озмоишӣ тақсим шуданд, ки равиши тадрис ба ҳар гурӯҳ бо гурӯҳи дигар мутафовит буд.

Равиш: аввал забономӯзон бо пешозмун ҳамсатҳ шуданд. Баъд аз пешозмун 60 нафар аз онҳо, ки дар як сатҳ буданд, интихоб шуданд, то мутмаин шавем, ки сатҳи онҳо яке аст ва сатҳи забони онҳо рӯйи натоиҷи таҳқиқ таъсире надорад. Сипас ин 60 нафар ба ду гурӯҳи 30 нафара тақсим шуданд, ки гурӯҳе озмоишро бо китобҳои ғайрирасмӣ дарс додем ва гурӯҳи расмиро бо китобҳои расмӣ. Ин таҳқиқ се моҳ анҷом шуд. Баъд аз поёнии се моҳ имтиҳони поёнии гирифта шуд ва ҳар ду гурӯҳ як навъ имтиҳон супурданд ва додаҳо бо истифода аз се t-test ва се зариби ҳамбастагӣ таҷзия ва таҳлил шуданд.

Абзор: абзори истифодашуда дар ин таҳқиқ шомили як пешозмун як имтиҳони поён ва як имтиҳони стандарт мебошад. Илова бар ин аз китобҳои мисли “Street Talk”, “Lion King”, “English Throudh Idioms” истифода шуданд.

Пешозмун: имтиҳони пешозмӯн шомили 50 суол буд, ки бештар калимаҳо ва сохтори забони англисиро дар бар дошт. Ин имтиҳон ба унвони озмуни умумӣ дар назар гирифта шуд. Сипас баъд аз озмун додаҳо ҷамоварӣ ва зариби ҳамбастагӣ байни нумароти забономӯзон анҷом шуд, ки нишон дод ин забономӯзон дар як сатҳ қарор доранд. Ва эътибори пешозмун аз тариқи равиши KR_{21} анҷом шуд. Ин озмун қабл аз шурӯъи таҳқиқ анҷом шуд.

Имтиҳони поёнӣ: ин имтиҳон баъд аз се моҳ, ки ба забономӯзони ду гурӯҳи назорат ва озмоиш дарс дода шуд, аз онҳо гирифта шуд, ки ин навъ имтиҳон бар асоси матолибе буд, ки дар синф ба забономӯзони ду гурӯҳ дарс дода шуд. 50 % ин имтиҳон шомили матолиби расмӣ ва 50 % он шомили матолиби забони ғайрирасмӣ буд. Ҳамаи суолоти ин имтиҳон ба шакли чоргузинаӣ буданд, ки дар бораи хондан ва дарки матлаби англисӣ буданд. Ҳамаи забономӯзон дар озмуни поёнӣ ширкат карданд ва додаҳо аз имтиҳон ҷамоварӣ гардид.

Таҷзияю таҳлили додаҳо: Додаҳое, ки ҷамоварӣ шуд бар рӯйи онҳо таҷзия ва таҳлили оморӣ анҷом шуд. Ин додаҳо нумароти имтиҳони поёнии забномӯзон буданд, ки дар таҳқиқ ширкат карданд. 3 t-test истифода шуд, то миёнгини нумароти ду гурӯҳи озмоиш ва назоратро дар пешозмун ва имтиҳони поён анҷом диҳад. Ҳамчунин равиши Pearson-Product Movement барои муҳосибаи робитаи байни нумароти забономӯзон дар қисмати забони расмӣ ва ғайрирасмӣ истифода шуд. Ҳамчунин аз ин равиш барои муҳосибаи эътибори озмунҳои қабл аз таҳқиқ ва озмуни поёнӣ истифода шуд.

Натоиҷи зер аз ин таҳқиқ бар асоси ёфтаҳо ба даст омад:

1. Омӯзиши забони ғайрирасмӣ бар рӯйи хондани дарки матлаби ғайрирасмӣ таъсири мусбат дорад.

2. Омӯзиши забони ғайрирасмӣ асари муфиде дар беҳбудбахшидан ба дарки матлаби расмии забономӯзони эронӣ надорад.

3. Тафовути маънодори миёнгинҳои ду гурӯҳ дар қисмати расмии имтиҳони хондан ва дарки матлаби поёнии вуҷуд надорад. Бинобар ин, тадриси ғайрирасмӣ дар пешбурди хондан ва дарки матлаби забони англисӣ аҳамияти зиёде надорад.

Корбурдҳо: ёфтаҳои ин таҳқиқ метавонанд, барои забоншиносон равишшиносон, китобнависон ва забономӯзон истифода шавад. Равишшиносон бояд равишҳои ҷадиде пешниҳод кунанд, ки бар рӯйи забони ғайрирасмӣ тамаркуз кунанд.

Аз он ҷойе, ки имрӯза бештар рӯйи гуфтугӯ намудан таъкид мешавад, ки муаллимон ҳам ба забони расмӣ ва ҳам бо забони ғайрирасмӣ бояд таваҷҷуҳ кунанд. Зеро бештари суҳбат кардан ва гуфтугӯ дар байни мардум ба забони ғайрирасмист.

Нависандагон бояд китобҳое бинависанд, ки бахше аз онҳо низ забони ғайрирасмиро дошта бошад, то забономӯзон аз ин китобҳо ёд бигиранд, ба забони ғайрирасмӣ англисиро ёд бигиранд ва бо мардум суҳбат кунанд.

Забономӯзон бояд таваҷҷуҳ кунанд, ки ёдгирии забони англисӣ танҳо сохтори расмии забон нест, балки онҳо бояд дар канори забони расмӣ забони ғайрирасмиро низ ёд бигиранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Adams, T. W and kuder, S. R. 1984. Attitudes Through Idioms, Newbay House
2. Burke, D. 1991, Street Talk1, How to Speak and Understand American slang. Optima Book
3. Burke, D. 1991, Street talk2, How to Speak and Understand American slang Optima Book.
4. Burke, D. 1991, Street Talk3, How to Speak and Understand American Slang
5. Teaching. Cambridge Language Teaching Library.Duckworth, J. (1996) : Cockeny Rhyming. P1-14
6. Farquharson, K. (2002): Masters' Research Project: Idiom Lexicalization, comprehension.<file://Documents/ Kelly>: P 5-19
7. Greenal, S. and Swam, M.1986. Effective Reading. Cambridge University Press Johnson, K and Johnson, H. 1998.Encyclopidic Dictionary of Applied Linguistics. Blackwell. Longman Group UK Limited.
8. Manser, M .H. 1986. A Learners' Dictionary of English Idioms.Mccarig & Oxford University Press.
9. Richards, J.C. 1989. New Interchange. Cambridge University Press.
10. Richards, J.C. 1985 Dictionary of Language Teaching and Applied Linguistics.
11. Ruth, M. 2001. "Understanding language Imagery". Back <.../ abstract. html> p 1-14
12. Sadeghian, S.M.and Mirhasani, A. 1992.Scientific English Reading Book2 Zabankadeh Publication.
13. Spear, R.A. 1990. Essential Ammerican Idioms. National Textbook Company.
14. Samei, N .M 2001. Common Activities & Long Practice. Rahnama publication.
15. Sámi, M. 1997.Common Cinematic Expressions. Oxford University Press.
16. Spear, R.A.1989.NTC's Dictionary of American Slang and Colloquial Expressions.
17. Spear, R.A. 1981. NTC's American Idioms Dictionary. National Textbook
18. Company.
19. Taialli, G.H. 1997. Idioms and Metaphorical Expressions in Translation. The Center

ЭФФЕКТЫ НЕОФИЦИАЛЬНОГО ЯЗЫКА ДЛЯ УЛУЧШЕНИЯ ПОНИМАНИЯ ПРОЧИТАННОГО, КАК МОДУЛЬ РЕЗЮМЕ *IELTS*

Это исследование направлено на изучение воздействия неофициального языка на улучшение понимания прочитанного изучающих иностранный язык.Данная процедура была проведена для того чтобы доказать или отвергнуть гипотезы. Первые шестьдесят учеников были отобраны в языковых институтах города Ахваз Исламской Республики Иран. Они были разделены на две группы (экспериментальная и контрольная группы), и были проинструктированы двумя различными способами. То есть, экспериментальная группа учащихся получила неофициальный язык чтения текстов примерно за12 недель и каждую неделю по три сессии, в то время, как учащиеся контрольной группы не подвергались такому виду испытания.

Ключевые слова: изучение иностранного языка, официальный язык, неофициальный язык, неофициальный язык чтения текстов, изучение английского языка.

THE EFFECTS OF INFORMAL LANGUAGE ON READING COMPREHENSION, AS A MODULE OF IELTS ABSTRACT

This study aims at investigating the impacts of informal language instruction on improving foreign language learners' reading comprehension. The following procedure was taken to prove or reject the hypotheses. First sixty learners in language institutes in city of "Ahvaz" were selected. Next; they were divided into two groups, (experimental and control groups) then the two groups were instructed in two different ways. That is, experimental group learners were provided with informal language reading texts in about 12 weeks and each week three sessions, whereas, control group learners were not exposed to such kind of treatment. After the period of instruction, the post-test covering the pedagogical materials of the study was administered to two groups.

Key words: learning of foreign language, official language, informal language, informal language of reading texts, English studying.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Гударз Шикебои*** – соискатель кафедры иностранных языков АН РТ

ҶОЙГОҲИ МАСДАРИ СИНОӢ ДАР ТАҲҚИҚОТИ ЗАБОНШИНОСИИ АРАБ

Наҷмиддин Солиҳов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Масдар чун шакли ибтидоӣ ва асосии калима аз даврони қадим таваҷҷуҳи мактабҳои забоншиносии арабро дар шаҳрҳои Басра ва Кӯфа ба худ ҷалб сохта, ҳар як аз ду мактаби забоншиносии номбурда нуқтаи назарҳои мухталифро доро буданд [1]. Масъалаи ин ки масдар асос буда, феъл сохташаванда аст, дар ин мебошад, ки феълҳо тағйирот (ҳадас) ва вақт (замон)-ро далолат мекунанд, вале хусусияти фарқкунандаи масдар аз феъл, аз он иборат аст, ки онҳо ба ҳеҷ гуна тағйирот ва вақт далолат намекунанд, дар ҳоле, ки феъл дорои ин хусусият нест. Хусусияти духӯрагии масдар сабабгори он гардид, ки аз даврони қадим нуқтаи назарҳои мухталиф роҷеъ ба масдар баён гашта, ҳатто мафҳуми истилоҳии он низ бо номҳои зиёд ишора гардад. Дар миёни масдарҳои забони арабӣ масдаре бо номи масдари синоӣ ёд мегардад, ки мо дар ин мақолаи худ роҷеъ ба он таваққуф хоҳем кард.

Аз таҳқиқоти забоншиносони хориҷӣ ва араб роҷеъ ба ин навъи масдар аён мегардад, мавқеъ ва истифодаи ин навъ масдар дар забони арабӣ нишон медиҳад, вай дар пешрафти забони илму фалсафаи араб нақши бузург бозида, захираи луғавии онро аз ҳисоби калима ва истилоҳот ғанӣ гардонидааст.

Дар забоншиносии қадими араб ва муосири он низ мавзӯи масдар ва аз ҷумла масдари синоӣ[2] аз замонҳои дерин – аз давраи шаклгирии забоншиносӣ ҳамчун илм диққати донишмандонро ба худ ҷалб сохтааст.

Аз назари забоншиносон масдар бахши асосии суханро ташкил дода, дорои хусусиятҳои дохилии феъл ва хусусиятҳои берунии таркибҳои исмӣ мебошад [3]. Аз ҷониби дигар, масдар аз ҷиҳати хусусиятҳои хориҷии таркибҳои исмӣ чун ҳар як исми одӣ ба вазифаи адоти таъриф (муайянкунӣ) истифода гардида, исмеро, ки баъд он меояд, дар ҳолати маҷрур қарор мегирад, яъне онро ба таркиби изофӣ мубаддал месозад ва он аломати иъробро қабул мекунад, ки мувофиқи вазифа он дар ҷумла бошад. Вазифаҳои исмҳои мураккаб, ки дар мартабаи аввал масдар қарор дорад, ҳамон вазифаҳое мебошанд, ки онҳоро таркибҳои одии исмӣ иҷро менамоянд. Аз ҷиҳати хусусиятҳои дохилие, ки масдар ба феъл вобастагӣ дорад, вай дорои шакли вазифӣ ва шакли хабарӣ (ҳамлӣ)-е мебошад, ки онҳо худи адади унсурҳоеро шомил мебошанд, ки ҳарду шакли феълро дар бар мегирад, зеро феъли гузарандаро масдари гузарандае, масалан, мувофиқ аст, ки ҳамчунин тавассути ҳарф гузаранда мешавад [4].

Каломро гузаштагон ва муосирон ҳар кадоме ба тарзи худ тақсим намуда, гузаштагон онро ба се гурӯҳ ҷудо кардаанд. Муосирон бошанд, онро ба сурати ҳархела тақсим карда, ба гурӯҳҳои: чорҳарфа, панҷҳарфа, шашҳарфа ва ҳафтҳарфа тақсим кардаанд. Дар зимни ҳамаи ин тақсимот масдар дар чорчӯби исмҳо қарор дорад.

Ҷойи тазаккур аст, ки забоншиносони гузашта ба мавзӯи масдар диққати махсус дода, дар соҳаҳои мухталифи илму фарҳанг, ки осори онҳо ҳам хусусияти доиратулмаорифӣ ва ҳам забонӣ дошт, мавриди истифода қарор додаанд. Ба ибораи дигар, мавзӯи масдар дар забоншиносии араб дар зимни осори ба масдар бахшидашуда, осори доир ба бинои калима, сарфу наҳв, китобҳои иъроби «Қуръон», луғатномаҳо,

китобҳо роҷеъ ба калимасозӣ ва маорифи умумии забон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Ба ҳарчанд истилоҳи масдари синоӣ ё худ сохта, таърихи қадимии пайдоиш дошта бошад ҳам, вале он дар шаклҳои пароканда дар осори забоншиносӣ таҳқиқ ёфтааст.

Чуноне аз таҳқиқот доир ба масдар берун меояд, масдари синоӣ ҳанӯз дар ашъори шоирони даврони ҷоҳилия зикр гардидааст, мисли: маснавийат, нукрийат, онисийат, хайрийат, саълабийат ва ғайра [5].

Сиғаи масдари синоӣ дар «Қуръони карим» – манбаъ ва сарчашмаи боэътимоди забони арабӣ дар ояти зерин зикр ёфтааст: ло табарраҷна табарруҷа-л-ҷоҳилийа-л-увло (*Ва ҳаммонанди зинатнамоии рӯзгори ҷоҳилияти пешин зинатнамоӣ накунед*) [6]. Ин навъ масдар ҳамчунин дар аҳодиси набавӣ низ дар ин шакл омадааст: ар-Раҳбонийа лам туктаб алайно (*Раҳбоният бар мо навишта нашудааст*).

Сибавейҳ – асосгузори сарфу наҳви арабӣ ҳангоми шарҳи мисолҳое, ки дар охири онҳо то-и мафтуҳа илова карда мешавад, мисли малакут, ҷабарут, ки аз решаҳои малак ва ҷабарийат берун гардидаанд, сухан мегӯяд. Ӯ ҳамчунин калимаи тақаддумия-ро низ масдари синоӣ мешуморад, зеро аз калимаи тақаддум баромадааст [7].

Забоншиноси дигари асримиёнагии араб ал-Фарроъ роҷеъ ба сиғаи масдари синоӣ мегӯяд: Агар масдареро дар шакли фуъула ва фуъулийа сохта, онро ба сурати исм мансуб созӣ, ту бояд дар ин ҳол аз абд (ғулом) метавонӣ шаклҳои убудийа, убуда ва абдийа бисозӣ [8].

Аз ин гуфтаи ал-Фарроъ чунин бармеояд, ки ӯ дар ин ҷода Халил ибни Аҳмад – асосгузори арӯзи арабӣ ва яке аз асосгузорони грамматикаи арабӣ – ва Сибавейҳро пайравӣ карда, сиғаи масдари синоиро ҷонибдорӣ карда, вобаста ба табиат ва хусусияти ин сиға ба он исми мавзӯъ (*исми гузошташуда*)-ро илова кардааст.

Ҷойи ёдоварист, ки бо вуҷуди аҳамияти масдари синоӣ дар истилоҳоти осори илмӣ забоншиносоне, ки мавзӯи масдарро мавриди таҳқиқ қарор додаанд, камтар таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд ва онро танҳо як ишорае намудаанд. Ибни Қутайба онро ҳангоми шарҳи мавзӯи масдари синоӣ зери унвони масдарҳое, ки дорои феълҳо нестанд, дар мисолҳои раҷул (*мард*) дар шакли руҷула ва руҷулийа ишорат кардааст, ҳарчанд мисли ал-Фарроъ онро мавриди таҳқиқ қарор надодааст.

Ҷойи тазаккур аст, ки сиғаи масдари синоӣ бештар дар осори фалсафӣ ва мантиқии тарҷумашуда ба чашм мерасад ва ба ин масъала пеш аз ҳама ал-Форобӣ ва баъди ӯ Ибни Дуруствейҳ дар «Тасҳеҳ-ул-фасеҳ» ва ал-Фарроъ таваҷҷуҳи хоса намуда, аз ҷиҳати шаклу мазмун онро аз масдари умумӣ ҷудо кардаанд.

Мавзӯи масдари синоӣ на танҳо мавриди таваҷҷӯҳи забоншиносони қадими араб қарор гирифта буд, балки дар забоншиносии муосири араб ин масъала ба сурати густарда аз ҷониби забоншиносон таҳқиқ ва баррасӣ шудааст.

Дар даврони қадим, агар ба мавзӯи масдари синоӣ танҳо забоншиносони араб таваҷҷуҳ зоҳир карда бошанд, пас дар даврони муосир масъалаи мазкурро ҳам забоншиносони араб ва ҳам хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

Аввалин нафаре, ки ба таҳқиқи ин навъи масдар таваҷҷуҳ зоҳир кардааст, арабшиноси англис У. Райт дар китобаш «Қавоид-ул-луға-л-арабийа» мебошад [9]. Аз ҷумла Райт масдари синоиро бо номи исми кайфият The abstractnoun of duality ишора кардааст [10].[10]

Чуноне аз таҳқиқоти анҷомгардида берун меояд, ба мавзӯи масдари синоӣ донишмандони муосир низ таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд ва мавзӯъҳое, ки масдари синоӣ дар онҳо ҳамчун истилоҳ истифода гардидааст, аз ин қарор мебошанд:

1. Истилоҳоте, ки ба ҷараёнҳои сиёси, динӣ ва иҷтимоӣ тааллуқ доранд, мисли: ал-фардийат, ал-фавзийат, ар-раъсмолийат, ал-иштирокийат, ал-ҷамоийат, ал-итисодийат, ал-унсурийат, ал-ҷумҳурийат, ал-ҳатмийат, ат-тасаввурийат, ас-саноийат ва ғ.

2. Истилоҳоте, ки маънавиятро ифода мекунанд: ал-масъулийат, ал-малакийат, ал-ҳуррийат, ан-навъийат ва ал-каммийат.

3. Истилоҳоти ба падидаҳои табиат ва хусусиятҳои мода тааллуқдошта: ал-фулурийат, ал-каҳрабийат, ал-фусфурийат, ал-маъкусийат, ал-мазғутийат, ал-маҳдудийат, ал-матруқийат, ал-инзиғотийат, ат-тавсилийат.

4. Истилоҳоти марбут ба бемориҳо: ал-истишҳомийат, ал-лақоҳийат, ал-бабғоийат ва ал-садафийат.

5.Истилоҳоти нишондиҳандаи исми ҷомеъ: ал-башарийат, ал-қасисийат.

6. Истилоҳоти соҳаҳои илм: ал-миғнотисийат, ал-каҳрабоийат ва ғ.

Донишмандон дар ин ақида мебошанд, ки шакли масдари синоӣ дар миёни дигар сиғаҳо хело осонистифода буда, аз роҳи илова кардани унсурҳои мухталифи морфологӣ дар охири он истилоҳоти зиёди соҳаҳои мухталифи исмро сохтан мумкин аст, ки намунаи онҳо аз ин қарор мебошад:

1. Исмҳои ҷомид бо илова кардани пасванди йат: унсурийат, фардийат, моддийат, навъийат, каммийат, ҳавлийат.

2. Аз масдарҳо бо илова кардани пасванди йат: иқтоийат, иштирокийат, тасаллутийат, тасаввурийат, инзиғотийат, тавсилийат ва ғ.

3. Сифатҳо бо пасванади йат: ҳуррийат, сафровийат.

4. Исми фоил ва пасванди йат: фоилийат, отифийат, ҷозибийат, қобилийат.

5. Исми мафъул ва пасванди йат: масъулийат, манқулийат, маъкусийат, мазғутийат, мамдудийат.

6. Исми ҷомеъ ва пасванди йат: ҷумҳурийат, қавмийат, ҷинсийат, шаъбийат.

7). Калимаи мураккаб, ки ба вазифаи масдари синоӣ омадааст: раъсмолийат.

8). Калимаҳои бегонае, ки ба вазифаи масдар омадаанд: динамикийат, классикийат, миғнотисийат, фусфурийат.

9). Сиғаи муболиға дар сухан: ҳассосийат.

Дар забоншиносии араб ал-Искандарӣ ва Абдуссабур Шоҳин роҷеъ ба тарзи сохтани ин сиғаи масдар таваққуф намуда, аз ҷумла А. Шоҳин мегӯяд: Исми масдари синоӣ истилоҳи нав буда, аз исмҳои ҷомид ба воситаи илова кардани пасванди йат, яъне ё-и ташдиддор ва те сохта мешавад, мисли: инсонийат, башарийат, нафсийат, ақлийат сохта мешавад. Ҳамчунин ин сиға дар калимасозии забони адабӣ низ ҷо гирифта, ишора мегардад, ки дар мисолҳои қадим низ мавриди истифода қарор гирифтааст, мисли ҷоҳилийат, йаҳудийат, насронийат ва ғайра, ки бархе аз онҳо дар «Қуръони карим» ишора гардидаанд [11].

Роҷеъ ба муодили ин шакли калимасозӣ донишмандон чунин шумурдаанд, ки ин навъи масдари арабӣ ба шакли ҳуманизм, дар забони англисӣ, ки бо пасванди изм ба охир мерасад, монандӣ дорад [12].

Забоншиноси дигари араб Алӣ Абдулмакорим дар китоби худ ал-Қавоиду-с-сарфийа мегӯяд: Дар забон бархе аз калимаҳо вуҷуд дорад, ки дорои масдар нестанд ва аз онҳо барои далолатҳои мухталиф калима сохтан имкон надорад. Аз ин рӯ, забоншиносони соҳаи морфология аз чунин исмҳои ҷомид масдарҳое эҷод кардаанд, ки аз онҳо калима ва истилоҳот барои эҳтиёҷоти забонӣ эҷод мегардад. Воситаи асосии сохтани масдари синоӣ бо роҳи афзудани ё-и ташдиддор ва те-и занона дар охири калима сохта мешавад, мисли: ватанийат, қавмийат, инсонийат, арабийат, ваҳшийат, ҳамҷийат, ҳуррийат [13].

Аз мисолҳои зикрёфта чунин бармеояд, ки сиғаи масдари синоӣ дар забони арабӣ аз даврони қадим арзи вуҷуд карда, онро донишмандон бо истилоҳоти мухталиф ишора намудаанд. Бо дигар шудани замон ва дараҷаи пешрафти забони арабӣ ин масдар бештар мавриди истифода қарор гирифта, бештар ба истилоҳоти илму фалсафа, ки дар бисёр ҳолатҳо мавзӯъҳои илму фалсафа ва иҷтимоиётро дар бар мегирифтанд, мавриди истифода қарор гирифт, ки намунаи рӯшани онро дар осори ал-Киндӣ, ал-Форобӣ, Ибни Сино, ал-Ғаззолӣ ва дигарон дида метавонем. Мо дар мақолаи дигари худ истифодаи ҳамин навъи масдарро дар осори форсизабон аз ҷумла Кимиёи саодат-и ал-Ғаззолӣ мавриди таҳқиқ қарор хоҳем дод.

А Д А Б И Ё Т

1. Амирова. Т.А., Ольховиков Б.А., Рождественский. Грамматическое учение арабов // Очерки по истории лингвистики. -М., 1975, с. 146-162.
2. Шаҳота М.А. Ал-масдар ас-синоъӣ фи-л-арабийа. Дироса сарфийа ва далолийа мин хилол муаллафот ал-Киндӣ, ал-Форобӣ, Ибн Сино. ал-Қоҳира, бидун сана ат-табъ.
3. Ҳамон ҷо. с. 35.
4. Ҳамон ҷо. с. 35.
5. Ҳамон ҷо. с. 37.
6. Қуръони карим. Тарҷумаи Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ. -Теҳрон, 1376ш., сураи "Аҳзоб", ояти 33, с. 422.
7. Винсинг. Ал-мӯъҷам ал-муфаҳрас ли алфоз ал-ҳадис ан-набавӣ. Лейден, 1936, 1969, ҷ. 2., с. 312.
8. Шаҳота М.А. Ал-масдар ас-синоъӣ фи-л-арабийа. с. 37.
9. Ҳамонҷо. с. 39.
10. A Grammar of the Arabic langvage. Librairie du Liban, Beirut, 1974, p. 110, p. 165.

11. ШоҳинА. Ал- манҳаҷас-савтӣлилбинойатал-арабийа. Мактабат "Дору-л-улум", ал-Қоҳира –Т/1, 1977, с. 111.
12. Ҳамон ҷо. с. 111.
13. ШаҳотаМ.А. Ал-масдарас-синоӣфи-л-арабийа. с. 62.

МЕСТО ИСКУССТВЕННОГО МАСДАРА В ИССЛЕДОВАНИЯХ АРАБСКИХ ЛИНГВИСТОВ

На основе источников по арабскому языкознанию в статье делается попытка рассмотреть точку зрения арабских средневековых и современных лингвистов относительно возникновения и распространения масдара в арабском языкознании.

Ключевые слова: масдар, термин, глагол, инфинитив, арабское языкознание, грамматическая теория, лингвистические школы, морфология, синтаксис.

ARTIFICIAL MASDAR'S PLACE IN RESEARCHES OF THE ARAB LINGUISTS

On the basis of sources on the Arab linguistics in article attempt to consider the point of view Arab medieval and modern lingvistovotnositelno emergence and distributions масдара in the Arab linguistics becomes.

Key words: масдар, term, verb, infinitive, Arab linguistics, grammatical theory, linguistic schools, morphology, syntax.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Салихов Н.*** соискатель Таджикского национального университета.

ОБ ОСОБЕННОСТЯХ ЦЕПНОЙ СВЯЗИ В ТЕКСТЕ

З.М. Мухторов
Таджикский национальный университет

Цепная связь – последовательная связь последующего предложения с предыдущим в порядке второго с первым, третьего со вторым, четвертого с третьим, и цепную связь посредством таких средств связи как повтор, синонимическая и местоименная замены, при контактном виде связи можно представить в такой схеме:



В следующем примере автор при помощи различных средств излагает свой текст:

*«Дар вақтҳое, ки **ман** ба **синни мактабӣ** расидам, дасти **падарам** намерасид, ки **маро** шахсан хононад. Бинобар ин **маро** дар **мактаб**и пеши масҷиди **қишлоқ**и худамон - қишлоқи Соктаре гузошт. Чун **ман** дар **он мактаб** чизеро наёмӯхтам, маро аз он ҷо гирифта ба пеши зани имоми қишлоқ, ки **мактаби** духтаракона дошт ва нисбат ба мактабдори мард беҳтар буд, гузошт ва дар ин миён абҳад ва ҳисоби абҷадро ба **ман** ёд дода, ба кушода шудани зеҳнам сабаб шуд (**ман** давраи ҳаёти **мактаби**и худамро дар «Мактаби кӯҳна» ном очерки **худам** батафсил навиштаам).*

***Ман** дар пеши **бибихалифа** (дар **мактаб**и занона) Ҳофиз чанд ҷузъ аз Бедил ва чанд ҷузъ аз **ғазалиёт**и **Соиб** (дар **мактаб**ҳои он замон **Соибхонӣ** расм набошад ҳам, **падарам**, ки **Соиб**ро дӯст медошт ва чанд **ғазали ӯро** аз куҷо навишта гирифта будааст, бо **ман** ба **бибихалифа** фиристод, ки ҳамон ғазалҳоро ҳам ба **ман** хононад) хонда, дар даҳсолагӣ **мактаб**ро тамом карда баромадам. Лекин ҳанӯз савод надоштам, чизҳои дар **мактаб** хондагиамро хонда тавонам ҳам, чизҳои дигар ва аз он пеш нахондаамро хонда наметавонистам.*

*Аммо **шеърҳо**ро дӯст медоштам, ҳарчанд маъниҳои онхоро дуруст нафаҳмам ҳам, оҳанги онҳо ба ман гуворо менамуд ва ба ёд карда хонда гаштани баъзе **шеърҳо** кӯшиш мекардам. Саъдӣ, **Ҳофиз, Бедил, Соиб**, Навой ва Фузулӣ барин шоирҳои гузаштаро «валӣ» медонистам ва шеъргӯии онҳоро аз чумлаи каромоти онҳо мешумурдам» [1,6].*

Цепная связь в текстах как таджикского, так и русского языков применяется без особых различий, как мы можем наблюдать в переводном варианте данного текста на русский язык:

«Я достиг школьного возраста, но у отца не было времени самому обучать меня грамоте. Поэтому он отдал меня учиться в школу при местной мечети, в кишлаке Сактаре. Однако, ничему я в этой школе не научился. Тогда отец перевел меня в другую школу, для девочек, в которой обучала бпбихалифа — жена кишлачного имама. В этой школе дело обстояло лучше, чем в школе для мальчиков. Сам же отец обучал меня счету «абджад» и старался развить мои способности. (Годы своей учебы в школе я подробно описал в очерке «Старая школа»).

В школе бибихалифы я начал читать Хафиза, некоторые газели Бедиля и Саиба (в школах того времени не принято было читать Саиба, но отец, очень любивший этого поэта, переписал невесть откуда несколько его газелей, которые передал через меня бибихалифе, чтобы она прочитала их со мной). К десяти годам я закончил школу, однако, по-настоящему грамотным еще не стал. Я мог прочесть то, что читал в школе, другие же тексты, не читанные в школе, я был не в состоянии разобрать.

Очень я любил стихи, хотя не всегда запонимал их смысла, я получал удовольствие от самого звучания, от мелодичности стиха и пытался заучивать некоторые из них наизусть. Такие поэты, как Саади, Хафиз, Бедиль, Саиб, Навои и Фузули, представлялись мне «святыми», а их умение слагать стихи я воспринимал как способность творить чудо» [2,36].

Как видим, в данном тексте применена цепная связь между всеми предложениями текста, где все предложения следуют по порядку цепной связи последующих предложений предыдущим. Приведенное в скобках в конце первого абзаца предложение (*Годы своей учебы в школе я подробно описал в очерке «Старая школа»*), а также в первом предложении второго абзаца *(в школах того времени не принято было читать Саиба, но отец, очень любивший этого поэта, переписал невесть откуда несколько его газелей, которые передал через меня бибихалифе, чтобы она прочитала их со мной)* свидетельствуют о присоединительной связи и интертекстуальной прогрессии текста, так как мы находим посредством данного предложения взаимосвязь с другим текстом и отдельным произведением автора.

При дистантном виде связи в тексте, существует иная структура последовательной связи предложений с тематическим предложением текста:



Например, первое предложение в приведенном ниже примере раскрывается в седьмом предложении текста и выделяется следующим абзацем, где по цепной связи с данным предложением связываются последующие предложения первого ССЦ:

*«**Отец мой был грамотным**, он **несколько лет в молодости проучился** в Бухаре, **в медресе**. Однако, когда дед женил его, отцу пришлось бросить учебу в медресе и вернуться к крестьянскому труду. Навсегда сохранил он в своем сердце любовь к знанию и наукам. В начале своей семейной жизни, когда детей у него еще не было, отец поселился в кишлаке Махаллаи Бала Шафирканского района, где проживали братья моей матери. В тех краях было мало мастеров по обтесыванию камня, и отцу удавалось хорошо заработать. По собственному почину он стал обучать грамоте нескольких крестьянских ребят, и среди них — моего дядю со стороны матери, которого звали Мулла Дехкан. Потом он их всех отвез учиться в разные медресе Бухары.*

*Хотя **отец и не долго проучился в медресе**, он **получил некоторые знания** и в области литературы, и в так называемых частных науках, и в арифметике, а также в счете «абджад». Благодаря своим **знаниям** отец выходил победителем в спорах с местными муллами, в большинстве своем неграмотными и вовсе неразбиравшимися в арифметике и в других науках. Кишлачные муллы бывали посрамлены в этих спорах, и многие из них побаивались отца» [2,25]*.

В приведенном примере мы уже видим применение двух способов связи - цепной и параллельной, где внутри первого ССЦ применена цепная связь и первое предложение

второго ССЦ посредством цепной связи и выделением абзаца дистантно связано с главным тематическим предложением текста, которое содержит информацию о грамотности отца и его учебе в медресе. Третье, четвертое и пятое предложения первого ССЦ, второе и третье предложения второго ССЦ взаимосвязаны параллельной связью. Почему мы выделяем в данном отрывке текста два ССЦ? Потому что каждое из выделенных единиц текста как ССЦ характеризуется относительно смысловой и функциональной завершенностью. О членении текста на ССЦ или же сверхфразовые единства (СФЕ), как главной составной части текста, мы опирались на концепцию З.Я. Тураевой, она отмечает: «СФЕ есть отрезок текста (устного и письменного), характеризующийся относительной смысловой и функциональной завершенностью, тесными логическими, грамматическими и лексическими связями, объединяющими его составляющие. СФЕ могут быть прозаическими и стихотворными, диалогическими и монологическими. При изучении СФЕ будем исходить из того, что смыслоразличительные, синтаксические, прагматические и другие характеристики СФЕ взаимно обусловлены. На деление текста на СФЕ оказывают влияние и такие факторы, как цели отправителя сообщения, специфика участников акта коммуникации, их социальный, образовательный ценз и пр. Граница СФЕ, вероятно, точка ослабления интенсивности межфразовых связей, т.е. уменьшение смысловой общности (смена микротемы, введение новой)» [3,116].

Следует отметить, что цепные связи играют большую роль в образовании текста, и они применяются во всех стилях речи и цепную связь можно признать самым распространенным способом соединения предложений в тексте. «Широкое использование цепных связей объясняется тем, что они в наибольшей степени соответствуют специфике мышления, особенностям соединения суждений. Там, где мысль развивается линейно, последовательно, где каждое последующее предложение развивает предшествующее, как бы вытекает из него, цепные связи неизбежны. Их встречаем и в описании, и в повествовании, и особенно в рассуждении, т. е. в текстах различных типов» [4,127]. Сложные синтаксические целые с цепными связями составляют основную массу текстов и встречаются во всех стилях речи. Цепная связь особенно в сложных синтаксических единицах является самым распространенным и доступным видом связи. Как видим, в тексте все виды связи применяются по определенным правилам, а именно, когда одно ССЦ, внутри отдельно взятого ССЦ, как уже отметили, больше всего применяется цепная связь, но когда текст разворачивается на уровне взаимосвязи нескольких ССЦ и свободных предложений, между основными единицами текста, то есть между разными ССЦ, чаще применяется параллельная связь. Поэтому из этого можно сделать такой вывод, что если цепная связь свойственна ССЦ, то параллельную связь можно считать свойством связности текста. Если цепной связи свойственна интенсивность взаимосвязи составных частей, то параллельной связи свойственна экстенсивность взаимосвязи составных единиц текста и ССЦ. Присоединительная связь также является средством разворачивания текста и средством интертекстуальных и гипертекстуальных связей в текстах.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Айнӣ С. Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. - С. 6.
2. Айни С. О моей жизни: (Крат. автобиогр.). /Перевод И. Брагинского. Собр. соч.: В 6 - ти томах. Т.1. - М., 1971. – С. 36.
3. Тураева З.Я. Лингвистика текста.- М., 1986. – С. 116.
4. Солганик Г.Я. Стилистика текста: Учеб. пособие. - М.: Флинта, Наука, 1997. – С. 127.

ОБ ОСОБЕННОСТЯХ ЦЕПНОЙ СВЯЗИ В ТЕКСТЕ

В статье проводится анализ и интерпретация цепной связи в тексте как наиболее распространенный вид связи сложных синтаксических целых и предложений в составе целого текста. Отмечается, что сложные синтаксические целые с цепными связями составляют основную массу текстов и встречаются во всех стилях речи.

Ключевые слова: текст, предложение, связь, язык, контакт, дистант, цепная связь, повтор, синонимическая замена, местоимение.

ABOUT THE FEATURES OF THE CHAIN LINKS IN THE TEXT

The article analyzes and interpretation of the chain links in the text as the most common form of communication and the entire complex syntactic sentences in the whole text. It is noted that complex syntactic whole with the chain links up the bulk of the texts and are found in all styles of speech.

Key words: text, sentence, relation, language, chain link, repeat, synonymous substitution, pronoun.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Мухторов З. М.*** **-** кандидат филологических наук, доцент кафедры истории языка и типологии ТНУ. Email: **mukhtorov67@gmail.com** Телефон: **(92 37) 2231325.**

ГРАММАТИЧЕСКИЕ ЗАМЕНЫ РУССКИХ ГЛАГОЛОВ С ПРИСТАВКОЙ *В-/ВО-* В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ
(на материале перевода романа Л.Н.Толстого «Анна Каренина»)

М.Э. Азизова
Таджикский национальный университет

«Переводная проза сбрасывает оковы мертвой книжности, она обновляется за счет живой современной речи, она приобретает естественность и гибкость словаря и синтаксиса, которые рождаются не столько из книг, сколько из жизни» [6,42].

Знакомство с сокровищами русской классической литературы важно для становления любого образованного человека. Но далеко не каждый может позволить себе изучение произведений А.С.Пушкина, М.Ю.Лермонтова, Л.Н.Толстого, И.С.Тургенева в оригинале.

Лучшие и наиболее значительные произведения русской прозы, собрания сочинений русских классиков, книги крупнейших современных писателей сегодня представлены таджикской читающей публике мастерами перевода.

В данной статье мы постарались проанализировать способы передачи русских глаголов с приставкой В- в романе Л.Н.Толстого «Анна Каренина» на таджикский язык. (Переводчик Рахим Хошим).

Как всем известно, русский язык является флективным по своей структуре, таджикский язык относится к аналитическим языкам. При переводе с русского языка на таджикский язык перед переводчиком возникают некоторые трудности: как перевести русские приставки, имеющие несколько значений, на таджикский язык.

Академическая грамматика говорит о том, что основное значение приставки В- «указывать направление внутрь (с винительным падежом) или положение, пребывание внутри чего-либо (с предложным падежом).

«Приставка В- (ВО-) сохраняет основное значение предлога, особенно в глаголах движения, а также в других глаголах, называющих действие и указывающих одновременно на направление этого действия: *вбежать, влететь, входить, вделать, вмазать».*

«Лишь очень немногие глаголы с приставкой В-(ВО-) имеют второе значение – направление действия вверх…: наряду с *вбежать, вкатить, втащить* в сарай, в дом и т.д. говорят: *вбежать, вкатить, втащить* на гору. В этом случае приставка В- сближается по значению с приставкой ВЗ-».

«Среди глаголов с приставкой В- небольшую подгруппу, имеющую особый оттенок значения, составляют глаголы, образованные с приставкой В- и суффиксом –СЯ; они обозначают углубление, погружение в какое-либо действие (или в его объект), например: *вдуматься, вработаться, вслушаться, всмотреться, вчитаться, впиваться, въедаться».*

Значения приставки В-(ВО-) в русском языке подробно описано в работе Б.Н.Головина. Он выделяет следующие типы значений:

А) Имеет значение «действием производящего глагола переместить внутрь пространства какого-либо предмета»: *вбежать, влезть, влететь, войти, вползти, въехать, вплыть.* Центром производящего ряда являются глаголы движения.

В) Имеет значение «действием производящего глагола переместить один предмет внутрь пространства другого предмета»: *вбросать, вбухать, ввезти, ввалить, вволочь, вдуть, вкидать, влить.*

В центре этого ряда – глаголы физического перемещения объекта – *бросать, везти, волочь, катить, кидать* и подобные.

В) Имеет значение «действием производящего глагола переместить предмет внутрь матрериала или среды другого предмета, внедрить один предмет в другой»: *вбить, вдолбить, вжать, вколоть, вколотить, вложить, вляпать, вонзить, втолочь.*

Г) имеет значение «действием производящего глагола закрепить один предмет в другом, устранить не только пространственные, но и материальные границы между ними»: *вварить, вверстать, ввить, ввязать, вделать, вкроить, вмесить.*

Д) имеет значение «действием производящего глагола вобрать что-либо внутрь деятеля»: *вдохнуть, вобрать, впитать, всосать, втянуть.*

Е) имеет значение «действием производящего глагола закрепиться в чем-либо»: *врасти, вмерзнуть, влипнуть, вгрызться, вклиниться, врезаться, врубиться, всосаться ,вцепиться, въесться.*

Ж) Имеет значение «привыкнуть к действию производящего глагола, освоиться с этим действием»: *вглядеться, вдуматься, вжиться, вслушаться, вчитаться, вчувствоваться, вработаться.*

Можно ли перевести все значения приставки В- (ВО-) на таджикский язык? Рассмотрим наш фактический материал.

Ниже приводится ряд способов, которые позволяет средствами таджикского языка передать все значения русских глаголов с приставкой В- на таджикский язык. Многообразие вариантов перевода позволило систематизировать их в зависимости от того, какие грамматические и лексические формы используются переводчиком. В данной статье мы уделим основное внимание грамматическим заменам.

1. Замена русских глаголов с приставкой В-/ВО- таджикскими бесприставочными глаголами, т.е. простой форма глагола

…он въехал в луг… (245) - …аспро даруни алафзор ронд (265) (въехать – рондан); …он влетел вниз… (36) - …Ӯ …ба поён парида … (46) (влететь - паридан).

Как показывает наш материал, данный способ является непродуктивным.

2. Замена русских глаголов с приставкой В-\ВО- таджикскими приставочными глаголами

Основным значением приставки В-\ВО- в русском языке, как выше было сказано, является значение «направления действия во внутрь или в пределы чего - нибудь». В таджикском языке это же значение соответствует приставке ДАР-.

Приставка «ДАР-» происходит от предлога ДАР, широко употребительного в современном таджикском языке и обозначающего местонахождение внутри предмета.

В качестве глагольной приставки указывает на направление движения внутрь: *даромадан* «входить», «въезжать», *даровардан* «вносить», «вводить», *даркашидан* «втягивать». Первоначальное значение этой приставки несколько ослаблено, хотя все же в какой-то мере и ощущается в глаголах: *дармондан* «задевать», «цепляться на что-либо», *дарафтодан* «набрасываться», «нападать», *дарандохтан* «учреждать», «основывать», «воздвигать», *даррабудан* «похищать».

Первоначальное значение этой приставки совсем стерто в глаголах: *даррасидан* «наступать, подходить, подоспевать», *даррафтан* «уходить, удаляться, скрываться», *даргузаштан* «проходить мимо, оставлять без внимания», *даргирифтан* «загораться, зажигаться», *дарёфтан* «находить, обнаруживать, постигать, уразумевать» **[**1, 18**]**.

Переводчик Рахим Хошим продуктивно употребляет при переводе русских глаголов с приставкой В-/ВО- таджикскую приставку ДАР-. Рассмотрим наш фактический материал.

А если впустил, я поймаю (260). - Агар даромада бошад њам, дошта мегирем (358) (впустил-даромадан); …Левин…с веселым говором ворвался к нему в комнату (259) - …Левин бо ғулғулаи хурсандона ба хона даромад… (ворвался-даромад); Левин …вошел в не движимое ветром огромное серо-зеленое море луга (245)- Левин …ба даруни бахри ороми калон ва нимазарду нимакабуди алафзор даромад (338). (вошел-даромад).

Как показывает наш материал, чаще всего глаголы движения с приставкой В-/ВО- на таджикский язык переводятся с приставкой ДАР- .

Русские приставочные глаголы с приставкой В-/ВО- имеет также значение «попадать во внутрь, преодолевая какое-нибудь препятствие». Этому значению в таджикском языке соответствует приставка ФУРӮ. Приставка фурӯ – фонетический вариант приставки ФУРУД-. Имеет значительно более широкий круг использования, сочетается с большим количеством глаголов: *фурӯ бурдан* «глотать»; *фурӯ гузаштан* «складывать вниз»; *фурӯ кашидан* «проглатывать», «втягивать в себя*»; фурӯ мондан «*погружаться*», фурӯ рафтан* «обваливаться, оседать, заходить» (о солнце, луне).

Приставка ФУРӮ указывает на движение вниз. Она обнаруживает некоторую самостоятельность относительно глагола, поэтому всегда пишется с ним отдельно.

Он втянул голову в плечи и хотел иметь жалкий и покорный вид, … (15) – Сарашро ба даруни ду кифти худ фурӯ кашида як ҳолати оҷиз ва фармонбардоре гирифтани шуд (18); … как будто всунул ноги в старые туфли, … (117) - …вақте ки поҳои худро ба кафшҳои кӯҳна фурӯ бурд…(162).

Данный способ не только является продуктивным в Русско-таджикском словаре, но как показывает наш материал, при переводе романа Л.Н.Толстого «Анна Каренина» переводчик чаще всего употребляет этот способ.

Другие приставки при переводе значений русских глаголов с приставкой В-/ВО- в наших примерах не встретились.

При переводе русских глаголов с приставкой В-/ВО- переводчик также употреблял двойные приставки в таджикском языке (формообразующие и словообразующие). В роли формообразующей приставки употребляется приставка МЕ-. В современном таджикском языке основным исходным значением приставки МЕ- также является указание на длительность действия или на его повторность, многократность. Особенно отчетливо это значение выявляется в глагольной форме прошедшего длительного или многократного времени.

Ну молодые люди входят к товарищу,… (133) – Хайр, ҷавонҳо ба хонаи рафиқи худашон медароянд… (183) (входят - медароянд); В гостиную входила Анна (140) – Ба меҳмонхона Анна медаромад (193) (входила – медаромад); Алексей Александрович своею спокойною, неуклюжею походкой входил в гостиную (143) – Алексей Александрович бо рафтори ором ва ноҳинҷори худ ба меҳмонхона медаромад (198). (входил – медаромад).

3. Замена русских приставочных глаголов сложно-именными глаголами в таджикском языке

…втягивала в свой круг,…(130) - …ба доираи худашон ҷалб менамуд (140) (втягивала – ҷалб менамуд); Но что-то втягивало в него… (1040 – Аммо чизе ӯро ба ин олами беҳушӣ ҷалб мекард (144) (втягивало – ҷалб мекард); Когда она вошла в спальню, … (151) – Вақте ки Анна ба хобгоҳ дохил шуд,… (208) (вошла – дохил шуд):

Глаголы состояния ***вглядеться, всмотреться, влюбиться*** на таджикский язык переводятся сложноименными глаголами.

…щурилась, вглядываясь в сына,…(65) – чашмонашро нимпӯш карда ба писараш нигоҳ мекард…(89) (вглядываясь – нигоҳ-мекард); …он жадно всматривался. (106) - …Вронский бо диққат ба он нигарон буд,… (147) (всматриваться – нигарон будан); …мог влюбиться в тебя в один день. (102) - …дар ин як рӯз ба ту ошиқ шуда тавониста бошад,… (141) (влюбиться – ошиқ шудан).

На наш взгляд, удачно переведены глаголы ***вглядываться, влюбиться*** в следующих примерах.

Он вглядывался в его болезненное, чахоточное лицо,… (91) – Ӯ ба рӯйи бемор ва осори бемории сил падида дори вай зеҳн монда нигоҳ мекард (91). (вглядывался – зеҳн монда нигоҳ мекард – сложное словосочетание).

…влюбился в дом Щербацких (26) – ба хонаводаи Щербатскийҳо меҳру-муҳаббате пайдо карда буд (36). (влюбиться – меҳру муҳаббате пайдо карда буд – сложное словосочетание).

4. Замена русских приставочных глаголов сложно-деепричастными глаголами в таджикском языке

… велел внести за собой в кабинет (286) - … нигоҳ кард ва фармуд, ки онҳоро ба кабинеташ дароварда монанд … (296). (внести-дароварда мондан); Сначала тяжело, потом втягиваешься (252) – …дар аввал душвор шавад ҳам, кас баъдтар омӯхта мешавад (262) (втягиваешься – омӯхта шудан); Вошел Серёжа, предшествуемый гувернанткой (209) – Сережа ба ҳамроҳии мураббиязан даромада омад (288) (вошел-даромада омад); …ветер и снег ворвались за ним в дверь (104) - …аз паси вай аз дари вагон боду барф зада даромаданд (144) (ворвались – зада даромаданд).

5. Неверный перевод значений приставки В-/ВО- на таджикский язык

В переводе русских глаголов с приставкой В-/ВО- на таджикский язык встречаются неверные переводы.

…Левин вошел к старику на пчельник,… (276) – Левин …ба пеши пирамард рафт. На наш взгляд, было бы лучше перевести: Левин… ба пеши пирамард даромад.

Через пять минут вошла подруга Кити,…(52) - Баъд аз панҷ дақиқа дугонаи Кити…омад. (171). Наш вариант: - Баъд аз панҷ дақиқа дугонаи Кити…даромад.

… вошел к ней в ложу,… (131) - …ба ложаи вай рафт (180). Наш вариант: - …ба ложаи вай даромад.

Итак, как показывает наш материал, при переводе русских глаголов с приставкой В-/ВО- в романе Л.Н.Толстого (переводчик Рахим Хошим) чаще всего употребляются

приставочные глаголы с приставкой ДАР-. Как выше сказано, приставка ДАР- в таджикском языке указывает на направление движения внутрь.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Головин Б.Н. Приставочное внутриглагольное словообразование в современном русском литературном языке. Автореф. дис. док. филол. наук. Москва, 1966. -43 с.
2. Расторгуева В.С., Керимова А.А. Система таджикского глагола.- М.: Наука, 1964. - 291 с.
3. Толстой Л.Н. Анна Каренина. Часть I-4.- Тула: Приок. кн. изд-во, 1983. – 448 с.
4. Толстой Л.Н. Анна Каренина. Љилди I-4. – Сталинабад, 1960. -605 с.
5. Федоров А.В. Основы общей теории перевода (Лингвистические проблемы). –М.: Издательский Дом «Филология три», 2002. – 415 с.
6. Холматова С.Д. Способы передачи русских префиксальных глаголов на таджикский язык. Автореф. дис.канд. филол. наук. Душанбе, 1969. -26 с.
7. Эткинд Е. Из какого материал делаются книги. //«Тетради переводчика», вып.№1, М., 1963. с.42.

ГРАММАТИЧЕСКИЕ ЗАМЕНЫ РУССКИХ ГЛАГОЛОВ С ПРИСТАВКОЙ *В-/ВО-* В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ *(на материале перевода романа Л.Н.Толстого «Анна Каренина»)*

В статье речь идет о грамматических заменах русских глаголов с приставкой В-(ВО-) в таджикском языке. Многообразие вариантов перевода приставочных глаголов на таджикский язык позволило систематизировать их в зависимости от того, какие грамматические и лексические формы используются переводчиком. В данной статье автор уделяет основное внимание грамматическим заменам.

Ключевые слова*:* Грамматические замены, приставочные глаголы, простая форма глагола, сложно-именные глаголы, сложно-деепричастные глаголы, неверный перевод.

GRAMMATICAL SUBSTITUTIONS OF RUSSIAN VERBS WITH ATTACHMENT *B- (BO-)* IN TAJIK LANGUAGE *(on the material of l. Tolstoy's novel "Anna Karenina")*

In this article the matter is about grammatical substitutions of Russian verbs with attachment *B- (BO-)* in Tajik language. The variety of versions of translation of prefixal verbs into Tajik language allowed to systematize them against that what kind of grammatical and lexical forms are used by translator. The author gives much attention to grammatical substitutions.

Key words*:* grammatical substitutions, prefixal verbs, simple from of the verbs, compound verbs, compound gerunds, wrong translation.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Азизова М.Э.*** **-** кандидат филологических наук, доцент заведующая кафедрой общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета. **Nigora72@mail.ru**

РОЛИ ВОСИТАҲОИ ГРАММАТИКӢ ДАР ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБИ ТОБЕЪ БО ПАЙРАВИ САБАБ

М.Ҷ. Мирзоева
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ифодаи маънои сабаб дар қолаби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ аз роҳҳои асосӣ ва мукаммалтарини баёни ин маъно дар забон ба ҳисоб меравад. Дар ифодаи маънои мазкур, чунонки дар мавриди ифодаи маънои замон низ дида будем, роли пайвандакҳо – воситаҳои асосии грамматикии алоқаи байни сарҷумла ва ҷумлаи пайрав хеле калон аст. Дар забони адабии тоҷик пайвандакҳои *ки, зеро, зеро ки, чунки, азбаски, барои он (ин) ки, модом ки, чун (чу)* ва ғ. [муфассалтар ниг. ба Рустамов Ш. 1968: 64-65] дар ифодаи маънои мазкур меоянд.

Муҳаққиқи ҷумлаҳои мураккаб бо пайрави сабаб Ш. Рустамов бамаврид қайд мекунад, ки: *«Пайвандаки **ки** аз ҳамаи дигар пайвандакҳо серистеъмол буда, барои ба сарҷумла тобеъ будани ҳама гуна ҷумлаҳои пайрав қодир аст»* [Рустамов Ш. 1968: 64-65]. Воқеан ҳам, мисолҳои фаровони аз адабиёти бадеӣ ҷамъовардаи мо нишон медиҳанд, ки пайвандаки *ки* дар баробари хелҳои гуногуни ҷумлаи пайравро ба сарҷумла тобеъ кардан дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави сабаб низ серистеъмол аст: *Дар ин вақт бародарам давида рафта Мирзодиккакро аз дасти резаворфурӯш зада гирифт, **ки** агар зада намегирифт, ба дасти бегона рафтани он муқаррар буд* (СҶ. 67: 48); *Ман бисёр афсӯс мехӯрдам, **ки** аз пул шабона гузашта истодаем…* (СҶ. 67: 54); *Дил пайваста дар*

шиканҷаи гумону шубҳаи азобофарин метапад, ***ки*** *оё рӯзи висол хоҳад даррасид?* (ПК 74: 77); *Хуб кард Қамар,* ***ки*** *дурбин оварад* (ПК 74: 77).

Аз мисолҳои боло аён аст, ки пайвандаки *ки* дар аввали ҷумлаи пайрав омада, муносибати сабабии сарҷумла ва ҷумлаи пайравро равшану возеҳ ифода кардааст. Дар ин гуна ҷумлаҳо хонанда ба осонӣ пай мебарад, ки сабаби воқеъ гардидани амали сарҷумла дар ҷумлаи пайрав баён гардидааст. Бо вуҷуди он ки муносибати сабабии ҷумлаи пайрав ва сарҷумларо бо пайвандакҳои семантикӣ равшантар ифода кардан мумкин аст, пайвандаки ***ки*** нисбат ба пайвандакҳои дигари ҷумлаи пайрави сабаб серистеъмол аст. Нависанда бештар ҳангоми овардани суханони персонажҳо ё ифодаи олами ботинии онҳо аз нигоҳи худи қаҳрамонон аз ин тарзи ифода истифода мебарад: *Иброҳимҷон пушаймон шуд,* ***ки*** *чаро дар ҳамин гуна як вақти номуносиб аз пулу пулдориаш гап кушод (ПК 74: 271); Арз кунед, кардан гиред, ман ҷиннӣ нашудаам,* ***ки*** *писарамро дар мактаби шумо хононда кофир кунам!- гӯён ҷавоб гардонду боз дарашро пӯшид (СҶ 67: 236).*

Дар як қатор мавридҳо, аз ҷумла дар мисолҳои боло пайвандаки *ки* бо пайвандакҳои семантикии дигар ивазнашаванда аст. Дар ҷумлаи аввал ба туфайли саволӣ будани ҷумлаи пайрав ва номӣ будани хабари сарҷумла: Иброҳимҷон пушаймон шуд, *азбаски/ аз сабаб ин ки/ барои он ки* (?), дар ҷумлаҳои дуюм бошад, ба туфайли номӣ будани хабари сарҷумла пайвандаки синтаксисии *ки* бадалнашаванда аст. Дар мавридҳои дигар онро бо пайвандакҳои семантикӣ иваз кардан ҳам мумкин аст, ки ба туфайли он муносибати сабабӣ равшантар ифода мегардад: *Онҳоро ба отрядчиён бурда дода, фахр мекардем,* ***ки*** *дар мубориза бар зидди босмачиён ба калонсолон мадад мерасонем (СҶ. 67: 194; …фахр мекардем,* ***барои он ки/ зеро/*** *дар мубориза бар зидди босмачиён ба калонсолон мадад мерасонем; Онҳо бехуду беёд буданд,* ***ки*** *чорводорони онҳоро, рамаҳои овозадори онҳоро акнун ба кино ҳам мегиранд* (ПК 74: 33); *… бехуду беёд буданд, зеро* ***ки/ чунки / барои он ки/ аз сабаби ин ки*** *чорводорони онҳоро, рамаҳои овозадори онҳоро акнун ба кино ҳам мегиранд.*

Дар як қатор ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави сабаб барои тақвияти маънои сабабии пайвандаки *ки* ё қисмати аввали ҷумла ё баъзе калимаҳои ёвари дигар ба кор мераванд: *Ҳис мекард, ки* ***аз хаёлоти шикваомези ӯ бӯйи носипосӣ меояд, гӯё чунин хулосае бармеояд****, ки хуб шуд, ки аз бародарон ҳоло фақат яктоашон дар қайди ҳаёт мондааст бас* (ПК 74: 109). Қисматҳои болоии ҷумла: *…****аз хаёлоти шикваомези ӯ бӯйи носипосӣ меояд, гӯё чунин хулосае бармеояд…****,* тақвият медиҳанд, ки мо «чаро хуб шуд?» гуфта савол гузорем, вагарна «Чӣ хуб шуд?» гуфтан ҳам мумкин аст.

Барои тақвияти мавқеи пайвандаки *ки* ва ҷойи ҷумлаи пайрав нисбат ба сарҷумла калимаҳои ҳамнисбат низ нақши муҳим мебозанд. Муҳаққиқ Ш. Рустамов калимаву таркибҳои ҳамнисбатро баррасӣ намуда, зикр мекунад, ки *«Ҷумлаи пайрав аз ҷиҳати вазифаи синтаксисӣ бо калимаи ҳамнисбат баробар мебошад, калимаи ҳамнисбат дар таркиби сарҷумла ба кадом вазифа ки ояд, ҷумлаи пайрав низ ба ҳамон вазифа меояд»* (Рустамов Ш. 1988: 182).

Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави сабаб, ки дар адабиёти бадеӣ мо дучор шудем, калимаҳои ҳамнисбат танҳо бо пайвандаки синтаксисии *ки* меоянд ва ба мавқеи пайвандаки *ки* дар дохили ҷумлаи пайрав таъсир мерасонанд. *Ҳатто мегӯянд, ки закиён маҳз* ***барои ҳамин*** *ҳам закианд,* ***ки*** *дар ягон соҳаи маҳдуд мумтозанд (ПК 74: 197); Ва натанҳо* ***аз он сабаб*** *тафовут дорад,* ***ки*** *ин гуна одамон аз наздик шудан ба мояи мақсудашон масрур мешаванд, балки аз осон гардидани кори насли оянда, насли фардоина низ шодмонӣ мекунанд* (ПК 74: 224). Чунон ки аз мисолҳои боло мебинем, дар ин гуна ҷумлаҳо пайвандаки *ки* ҳамеша дар аввали ҷумлаи пайрав ва ҷумлаи пайрав пас аз сарҷумла омадааст.

Дар ин хусус Ш. Рустамов ишорае карда бошад ҳам, равшан баён накардааст: «*… ба вазифаи калимаҳои ҳамнисбат асосан ҷонишинҳои ишоратӣ истифода мешаванд… аммо ҳамон ҷонишинҳои ишоратӣ калимаҳои ҳамнисбат ба шумор мераванд, ки бо калимаи эзоҳшавандаи таркиби сарҷумла ва бо пайвандаки* ***ки*** *муносибати маъноию грамматикӣ дошта бошанд»* [Рустамов Ш. 1988: 191].

Албатта, маълум аст, ки амали ҷумлаи пайрави сабаб бояд пеш аз амали сарҷумла воқеъ гардад. Ҷудо кардани сарҳади сарҷумла ва ҷумлаи пайрави сабабро низ аз рӯйи ин меъёр метавон муқаррар намуд: *Маъзур медоред,* ***ки*** *аз мавзӯъ андак канор рафтем (ПК 74: 45); Ҳозир гиззас карда ба маориф рафта, Азиз Каримро бин,* ***ки*** *вай туро кофта гаштааст (СҶ 67: 274).* Дар ҷумлаҳои мазкур шубҳае нест, ки амали … *аз мавзӯъ*

андак канор рафтем пеш аз *маъзур медоред…* ва *вай туро кофта гаштаааст* пеш аз *….рафта Азиз Каримро бин…* воқеъ гардидаанд.

Ҳамин хусусият масъалаи гузоштани аломати вергулро пеш аз пайвандаки *ки* ё баъд аз он ҳал мекунад. Иштибоҳи гузоштани аломати вергул дар миёни сарҷумла ва ҷумлаи пайрави сабаб бисёр маврид маҳз аз сабаби ба назар нагирифтани пайдарпайии амали ҷумлаи пайрав ва сарҷумла рӯй додааст: *Аз афти кор, миқдори меваи хушк ва мавизе, ки мувофиқи шарт мо бояд ба бой мерасондем, хеле зиёд буд, (?) ки амакам ба мо, бачаҳо, худсарона кандани ангур ва афшондани меваҳоро қатъиян манъ карда буд (СҶ. 67: 187); Аз афти кор, ранги зарди маро дида ба ҳолам ва фикру андешаҳоям пай бурда буд, (?) ки гуфт… (СҶ 67: 239); Риши гуллиашро, зоҳиран, нав тарошидааст,(?) ки манаҳаш, ду бари рухсораш бехи турби маргелонӣ барин кабудча метобад (ПК 74: 81). Дар соҳили дигар падарам магар аз умедвории мадади тасодуфӣ ноумед шуда буд, (?) ки Мухторро дар китфаш бардошта ба об даромад (СҶ. 67: 136).*

Дар ҳамаи ин ҷумлаҳо аломати вергул бояд пас аз пайвандаки *ки* гузошта шавад: *Гуфт – чаро?* (Барои он ки) *Аз афти кор, ранги зарди маро дида ба ҳолам ва фикру андешаҳоям пай бурда буд; Риши гуллиашро зоҳиран нав тарошидааст ки, манаҳаш, ду бари рухсораш бехи турби маргелонӣ барин кабудча метобад*.

Дар мисолҳои боло тобиши маънои ***модалӣ*** ба назар мерасад, инро воҳидҳои туфайлии аз *афти кор, зоҳиран, магар* тақвият додаанд. Метавон гуфт, ки як мавриди асосии дар охири ҷумлаи пайрав омадани пайвандаки *ки* ҷой доштани ифодаи ***модалият*** дар ҷумлаҳои пайрави сабаб аст.

Агарчи дар аксари ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави сабаб ҳамин хусусият мушоҳида мешавад, наметавон чунин хулоса баровард, ки танҳо бо таъсири воҳидҳои туфайлии ифодакунандаи эҳтимолият мавқеи ҷумлаи пайрав нисбат ба сарҷумла тағйир ёфта бошад. Дар мисолҳои дигар низ, ки муносибати амалҳои сарҷумла ва ҷумлаи пайрав равшан аст, хусусияти эҳтимолият надоранд, ҳамин гуна дар охири ҷумлаи пайрав омадани пайвандаки *ки* ба назар мерасад: *Шарофати лутфи ӯ буд ки, Иброҳимҷон назар ба ҳамсиннҳои худ хеле пештар бо забони русӣ китоб хонда мефаҳмидагӣ шуд (ПК 74: 87); …дар хонаамон зиндагонии Зебиро ба падарам ҳикоя карда будам ки, вай дар ғазаб шуда гуфт (СҶ. 67: 150); Ин буд ки, пирамарди қадпасти рухсораш пуроҷинг…качал-качал қадам ниҳода ба мизи раёсат наздик омад (ПК 74: 100).*

Дар мисолҳои боло ҷойи аломати вергулро мо тағйир додем, зеро андешаи ин, ки пайвандаки *ки* дар мобайн ё охири ҷумлаи пайрав омада метавонад, то вақте ки профессор Б. Камолиддинов дар ин бора махсус дар конфронсҳои илмӣ маърӯза накарданд (с. 2005), боҷуръат гуфта нашудааст, инчунин ҳанӯз соли 2000 дар ин хусус муаллифи сатрҳо дар мақолае бо номи «Мулоҳизаҳо роҷеъ ба ҷумлаи пайрави хилоф» (Маърифат.-2000.-№9-10.-С.31-33) андеша баён карда буд. Бо ҳамин сабаб ҳатто то имрӯз ҳам дар чунин мавридҳо (мисли ҷумлаҳои боло) сарҳади сарҷумла ва ҷумлаи пайравро ғалат ҷудо мекунанд. Нависанда Ф. Муҳаммадиев низ, ки аз ин хусусияти забон огоҳ набудааст, дар ин мисол бар хилофи талаботи ҳусни баён ду пайвандаки *ки*-ро дар як ҷумлаи пайрав кор фармудааст:

Хусусан ки, ҳамин моҷаро сабаб шуда буд, (?) ки ӯ дигар ихтиёри шавҳар накарданро ба худ аҳд намояд (ПК 74: 157).

Агар ӯ дар охири ҷумлаи пайрав омадани пайвандаки *ки*-ро пай мебурд, «хусусан ки»-ро истифода намекард: *…ҳамин моҷаро сабаб шуда буд ки, ӯ дигар ихтиёри шавҳар накарданро ба худ аҳд намояд.*

Дар баъзе мавридҳо матн барои дақиқ муайян кардани сарҳади сарҷумла ва ҷумлаи пайрав ёрӣ мерасонад. Дар ин мисол, агар қисмати аввали матнро партофта, танҳо қисмати *Ин буд, ки пирамарди қадпасти рухсораш пуроҷинге, ки пойҳои каҷи кавалеристӣ дошт, качал-качал қадам ниҳода ба мизи раёсат наздик омад*-ро гирем ва аломати вергулро пеш аз пайвандаки *ки* гузорем, ҷумла ба ҷумлаи пайрави хабар монандӣ пайдо мекунад, аммо матн равшан месозад, ки сабаб дар қисмати аввал зикр шуда, дар як ҷумлаи хулосакунандаи сабабӣ ҷамъбаст мегардад ва сарҷумларо эзоҳ медиҳад ва талаб мекунад, ки аломати вергул пас аз пайвандаки *ки* гузошта шавад:

Садри маҷлис номи яке аз ветеранҳоро гирифта, эълон намуд, ки фалонӣ барои хизматҳои шоиста дар тарбияи ватанпарваронаи насли ҷавон ва иштироки фаъолона дар корҳои оммавию сиёсии клуб бо тавсифнома мукофотонида мешавад. Ин буд, ки пирамарди қадпасти рухсораш пуроҷинге, ки пойҳои каҷи кавалеристӣ дошт, качал-качал қадам ниҳода ба мизи раёсат наздик омад (ПК 74: 100).

Мисоли зер низ айнан ҳамин гуна аст:

Вақте ки эскадронҳои Сари Қамиш номашро гирифта, роҳи Кӯлобро пеш гирифтанд, ба полки саворае вохӯрданд, ки аз Душанбе меомад. Ин буд ки, муҳосирагарони Кӯлоб дар як рӯз торумор шуданд (ПК 74: 208).

Масъалаи дигари ба мавқеи пайвандаки *ки* алоқаманд дар дохили ҷумлаи пайрав омадани он аст. Профессор Д. Тоҷиев дар «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик» ҷойи пайвандаки *ки*-ро дар ҷумлаи пайрави сабаб нишон дода бошад ҳам, оид ба гузоштани аломати вергул чизе намегӯяд (ниг.: Тоҷиев Д. 1981: 104). Ин хели ҷумлаҳои пайрав, ки пайвандаки *ки* дар дохилашон омада, аломати вергул пеш ва пас аз он гузошта намешавад, дар забони тоҷикӣ маъмуланд ва бештар хоси забони зиндаанд (Д. Тоҷиев низ ба ин ишора кардааст: Тоҷиев Д. 1981: 104)): *Амон ки мунтазири ин набудааст, чаппа шуда ба замин фурӯ галтиданашро худаш ҳам нафаҳмида мондааст* (СҶ. 67: 16); *Дар рӯзҳои хунук ки замин ях мекард, кашида баровардани бехи ҷуворимакка душвор мегардид…* (СҶ. 67: 60); *Мошинсавор ки омадаед, аз афташ, сайри ягон ҷойро таклиф карданиед* (ПК 74: 185); *...Иброҳимҷон ки дар байни издиҳом даступо гум карда буд, ваҷоҳати хандаоваре дошт* (ПК 74: 51); *Ошнобозӣ ки шуд, бе тарафдорию тарафгирӣ намешавад* (ПК 74: 289).

Дар баъзе мавридҳо мушкилоти мавқеи вергул нисбат ба пайвандаки *ки* ҷумларо ба ҷумлаи пайрави муайянкунанда монанд мекунад. Аммо муҳаққиқ Ш. Рустамов хеле дақиқ як масъаларо дар мавриди ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда иброз намуда, таъкид мекунад, ки: *«Аломати асосии ҷумлаи пайрави муайянкунанда ин аст, ки вай ба яке аз аъзоҳои субстантии сарҷумла муносибати маъноию грамматикӣ дорад»* (Рустамов Ш. 1988: 243): *Тағойча, ки қадаш ба китфи Фирӯза баробар меомад, бари ҷомаашро олуфтаҳо барин ба худ печонида, бо гиребонаш андак манаҳашро ҳам пӯшонда, хурӯсвор роҳ мегашт* (ДО 78: 48); *Ибод ба Гуландом ном духтар, ки ҳамсоли худаш буд, алоқаи муҳаббат дошт (К., Ҷ.1: 304)*. Дар ин маврид мо аломати вергулро аз пеши пайвандаки *ки* гирифта наметавонем, зеро ҳамон муносибати маъноию грамматикӣ, ки Ш. Рустамов қайд мекунад, намегузорад, ки сарҳади ҷумлаҳо дар ҳамин мавқеъ вайрон карда шавад. Пас дар муайян кардани сарҳад ва хели ҷумлаи пайрав муносибати маъноию грамматикӣ низ нақши муҳим мебозад, бинобар ин, агарчи дар ҷумлаҳои боло оҳанг ба гирифтани аломати вергул пеш аз пайвандаки *ки* имкон диҳад ҳам, сарҳади сарҷумла ва ҷумлаи пайравро тағйир дода наметавонем. Дар забон мисолҳои дигари фаровоне ҳам вомехӯранд, ки аз нигоҳи қолаби наҳвӣ айнан ба мисли ҷумлаҳои болоянд, аммо муносибати маъноии сабабӣ дар байни ҷузъҳояшон пурқувват аст ва бешак ҷумлаи пайрави сабабанд: *Бародарам ки ин ҷавоби ӯро шунида буд, озурда шуд ва гуфт (СҶ. 67: 160); Каримҷонака ки аз тақвияти духтур рӯҳ гирифта буд…, аз раъяш баргашт (ПК 74: 258)*.

Муқоиса кунед:

Ҷумлаи пайрави муайянкунанда	Ҷумлаи пайрави сабаб
Тағойча, ки қадаш ба китфи Фирӯза баробар меомад, бари ҷомаашро олуфтаҳо барин ба худ печонида, бо гиребонаш андак манаҳашро ҳам пӯшонда, хурӯсвор роҳ мегашт.	*Каримҷонака ки аз тақвияти духтур рӯҳ гирифта буд…, аз раъяш баргашт.*
Ибод ба Гуландом ном духтар, ки ҳамсоли худаш буд, алоқаи муҳаббат дошт	*Бародарам ки ин ҷавоби ӯро шунида буд, озурда шуд ва гуфт.*

Дар сутуни якум, мо ҳеҷ гоҳ саволи *чаро?* гузошта наметавонем, зеро аз муносибати байни сарҷумла ва ҷумлаи пайрав муносибати сабабӣ бароварда намешавад. Дар сутуни дуюм, баръакс саволи *кадом?* гузоштан ғайриимкон аст, зеро муносибати маъноӣ сабабист. Саволе ба миён омаданаш мумкин аст, ки чаро дар ҷумлаҳои аввали ҳар ду сутун исми хос аст, қолаби ҷумлаҳо ба ҳам монанд, аммо яке ҷумлаи пайрави муайянкунанда, дигаре ҷумлаи пайрави сабаб. Дар ин маврид бояд гуфт, ки исми хос гоҳо метавонад ба гурӯҳи одамон мансуб бошад, аз ин рӯ дар мавриди мушаххас кардани аломатҳои исми хос ҷумлаи пайрави муайянкунанда омадааст. Ҷиҳати дигар ин, ки аломатҳои шахс – дар ин маврид Тағойча, ки дар ҷумлаи пайрав зикр мешавад, бевосита ба худи исми хоси сарҷумла алоқаманд аст, дар ҷумлаи *Каримҷонака…* аломати шахс ба қисмати хабари сарҷумла алоқамандӣ дорад.

Муҳаққиқ Ш. Рустамов дар идомаи андеша таъкид мекунад, ки «… *Ин гуна аъзоҳои сарҷумла аксар бо исм, камтар бо ҷонишинҳои шахсӣ ва ягон-ягон бо масдар ифода мешаванд*» [Рустамов Ш. 1988: 243]. Ин гуфтаҳои муҳаққиқ дар мавриди исмҳои хос ва ҷонишинҳои шахсӣ, исмҳои бо бандакҷонишинҳо омада чандон саҳеҳ нестанд, зеро чи ҷонишинҳои шахсию бандакҷонишинҳо ва чи исми хос худашон муайянанд ва ҳоҷат ба ҷумлаи пайрави муайянкунанда надоранд. Мисолҳое ҳам, ки муаллиф бо ҷонишинҳои шахсӣ ва исмҳои хос меоранд, ба худ ҷумлаи пайрави муайянкунанда талаб намекунанд: «*Ман, (?) ки баробари ӯ аз ҷо хеста дар рӯ ба рӯяш рост истода будам, дастони ларзони худро ба гардани латифи атласи сафедмонанди ӯ андохтам», «…маро, ки он вақт вазифаи бағоят масъули партиявиро ба ӯҳда доштам, чӣ ҳоҷате буд, ки хобамро ҳаром карда, батаърихнависӣ машғул шавам*» [Рустамов Ш. 1988: 243]; *«Абдураҳимбой, (?) ки аз суханони ба гӯши худаш форами бойи тотор қадре кушода шуда буд, ба сухан даромад…»* [Рустамов Ш. 1988: 252].

Аз ин рӯ, ба андешаи мо ҷумлаҳои типи ***Каримҷонака ки*** *аз тақвияти духтур рӯҳ гирифта буд…, аз раъяш баргашт (ПК 74: 258);* ***Падарам ки*** *оқибат аз ҷафоҳои писари бемеҳр дилгир шуда буд, дам назада бо вай ба «уштилхона» рафт…(СҶ. 67: 126).* ***Вай ки*** *ғам надида буд, ба ғами мо шарик шудан намехост (СҶ. 67: 120)* ҷумлаи пайрави сабаб буда, аломати вергул низ дар онҳо пеш аз пайвандаки *ки* гузошта намешавад.

Ба ин тариқ, таҳлили мисолҳои фаровон аз асарҳои нависандагони муосир нишон медиҳанд, ки пайвандаки *ки* ҳамеша нишондиҳандаи сарҳади ҷумлаи пайрав ва сарҷумла нест ва хели ҷумлаи пайравро муносибати маъноию грамматикии миёни сарҷумла ва ҷумлаи пайрав муайян мекунад. Ба ин тариқ, воситаҳои грамматикӣ дар ифодаи маъноӣ, муносибат ва тобишҳои маъноии сарҷумла ва ҷумлаи пайрави сабаб роли муҳим мебозанд, онҳо бо мавриди ва мавқеи корбасташон метавонанд боиси тағйири маъно, тобиши маъноии ҷумлаҳо гарданд ва сарҳади сарҷумла ва ҷумлаи пайравро муайян намоянд.

А Д А Б И Ё Т

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.-Душанбе: Дониш, 1989.-423с.
2. Камолиддинов Б. 2003.- Камолиддинов Б. Мулоҳизаҳо доир ба ҷумлаи пайрави натиҷа// Масъалаҳои баҳсноки наҳви забони тоҷикӣ.-Душанбе,2003.-135с.-С.63-68.
3. Рустамов Ш. 1988. - Рустамов Ш. Мушкилоти синтаксис. – Душанбе: Маориф, 1988.-340с.
4. Тоҷиев Д. 1981 - Тоҷиев Д. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1981.-219с.
5. Рустамов Ш. 1968.- Рустамов Ш. Ҷумлаҳои мураккаб бо пайрави сабаб дар забони адабии ҳозираи тоҷик.-Душанбе: Дониш, 1968.-122с.

М А Н Б А Ъ

1. ПК 74 - Муҳаммадиев Ф. Палатаи кунҷакӣ.- Душанбе: Ирфон, 1974.-367с.
2. СҶ 67 - Улуғзода С. Субҳи ҷавонии мо.- Душанбе: Ирфон, 1967.-376с.
3. ДО 78 – Икромӣ Ҷ. Духтари оташ.-Душанбе, 1978.-398с.

РОЛЬ ГРАММАТИЧЕСКИХ СРЕДСТВ В СЛОЖНОПОДЧИНЕННЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЯХ С ПРИДАТОЧНЫМИ ПРИЧИНЫ

В статье анализируется место и роль подчинительных союзов в выражении значений и оттенков значений сложноподчиненных предложений с придаточными причины. А также, автор выделяет особое внимание вопросам границы главного и придаточного предложения.

Ключевые слова: средство связи, подчинительные союзы, оттенки значений, синтаксические союзы, семантические союзы.

THE GRAMMATICAL MEANS ROLE IN COMPLEX SENTENCES WITH SUBORDINATE CONJUNCTION

The place and role of subordinate conjunction in the expression complex sentences and subordinate clause meaning and shade of meaning analized in the present article. Also the author paid particulary attention on problem of boarder between the main and subordinate sentences.

Key words: means of communication, subordinating conjunctions, shades of values, syntactic unions, semantic unions.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***М.Дж.Мирзоева*** **– докторант Таджикского национального университета**

СОПОСТАВИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ДВУСЛОВНЫХ ТЕРМИНОВ-ГИБРИДОВ МАТЕМАТИЧЕСКОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ РУССКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ: ЧАСТЬ I

С.Р. Шукурова
Центрально-Азиатский филиал Российского нового университета (ЦАФ РосНОУ)
г. Худжанд, РТ

Продолжая исследование математической терминологии таджикского языка в сопоставлении с русским, нам хотелось бы отметить тот факт, что среди заимствованной лексики было обнаружено большое количество двусловных терминов-словосочетаний, частично состоящих из иноязычных элементов. Исследованию были подвергнуты термины с 50-ти начальных страниц «Русско-таджикского словаря математических терминов»,авторами которого являются Х.Мухаммадиев и Сраждинов И, переизданного в 1986 году в г. Душанбе. В первой статье, посвященной исследованию заимствованных терминов-гибридов (интернационализмов),была представлена структурная классификация последних. Все термины-гибриды (1322терминов) были разделены на две большие группы:

I. Однословные термины-гибриды, Двусловные термины-гибриды.

Классификация и анализ однословных терминов-гибридов нами были уже представлены. В данной статье будут рассматриваться двусловные заимствованные термины, то есть термины-гибриды, представляющие собой словосочетания, организованные по модели изафетной конструкции.Все эти термины-словосочетания можно разделить на три вида:

1) двусловные сочетания, выраженные двумя иноязычными компонентами. *Например: дуальная база-базаидуалӣ;*

2) двусловные сочетания, в которых первый компонент является иноязычным, а второй таджикским словом;

Например: инвариант движения-инварианти харакат, аппликата точки- аппликатаи нукта;

3) двусловные сочетания, в которых первый компонент является таджикским словом, а второй – иноязычным;

Например: дизъюнктные множества-маҷмӯҳои дизъюнктӣ.

В данной статье объектом исследования будут двусловные термины-гибриды всех трех видов.Приступая к анализу терминов-словосочетаний, необходимо уяснить, что мы подразумеваем под словом «словосочетание».

В советском языкознании сложилось два направления в теории исследования словосочетания. Основателем одного из этих направлений является известный советский ученый -лингвист академик В.Виноградов. По определению В.Виноградова словосочетание-конструктивная синтаксическая единица, служащая средством номинации. Под словосочетанием понимается соединение не менее двух слов, имеющих самостоятельное значение [1,стр.9]. Такой точки зрения придерживается большинство таджикских ученых в области языкознания. Исследованию словосочетания в таджикском литературном языке посвятили свои труды такие ученые, как Ш.И.Ниязи, Д.Т.Таджиев, М.Н.Касымова,А.Халилов. Академик Б.Ниезмухамедов в монографии “Простые предложения в современном таджикском литературном языке”,говоря о словосочетании, дает такое определение: «Два или более слов с самостоятельными значениями, соединенные друг с другом и передающие одно понятие, называются словосочетанием» [5,стр.17]. Это определение можно отнести и к математическому термину-словосочетанию. Академик В. Виноградов отмечал, что правила образования словосочетаний зависимы от морфологических свойств различных частей речи, входящих в их состав [1,стр.9].Морфологические, семантические и синтаксические свойства существительного позволяют этой части речи выступить в качестве основного компонента в математических терминах-словосочетаниях.Исследуемые нами двусловные термины-гибриды первого вида, состоящие из двух иноязычных слов, были классифицированы по составу.

Двусловные таджикские математические термины-гибриды, состоящие из двух иноязычных слов:

Существительное+ существительное-имя собственное (аксиомаи Архимед)	**24термина**
Существительное+ существительное(адреси блок)	**59 терминов**

Существительное+ прилагательное(аргументи абстрактӣ)	**250терминов**
Существительное+ причастие (суммаи альтернатсияшуда)	**5терминов**
	Всего 338 терминов

Эта классификация показывает, что большинство терминов-словосочетаний, состоящих из двух иноязычных слов составляют “существительное+прилагательное”. Таджикские термины-гибриды математической терминологии представляют собой словосочетания-изафетные конструкции. В качестве основного компонента этих изафетных конструкций выступает имя существительное. Второй компонент может выступать в роли: определения, объекта принадлежности, (может быть существительным, указывающим на определенное лицо - *аксиомаи Архимед*), признака действия (*альтернатсияшуда*). В русской математической терминалогии, как и в ее таджикских сооответсвиях, среди двусловных терминов подавляющее большинство составили словосочетания существительного с прилагательным. Исследователь русской математической терминологии Ш.Ч. Миттала для словосочетаний типа “ прилагательное+ существительное ”устанавливает следующие лексические классы:

1) имена, обозначающие предметы
(векторная решетка-панчараи векторӣ);
2) названия пространств
(аффинное пространство-фазои аффинӣ);
3) названия наук и отраслей
(*аффинная геометрия-геометрияи аффинӣ*);
4) названия величин
(абсолютная величина-бузургии мутлақ);
5) названия предметов, определяющихся расположением в пространстве
(горизонтальная прямая-хати рости уфуқӣ);
6) названия единиц измерений
(алгебраическое число-адади алгебравӣ);
7) имена, обозначающие какие-либо отношения
(бинарное отношение-нисбати бинарӣ);
8) названия методов и способов
(аналитический способ-тарзи аналитикӣ);
9) имена обозначающие действие
(*категория процессов-категорияи протсесхо);*
10) имена обозначающие свойство, качество
(*абсолютная система-системаи мутлақ).*

Ш.Ч. Миттала выявляет также грамматические отношения между компонентами терминов. Математические термины выражают атрибутивные, объектные и обстоятельственные грамматические отношения. При атрибутивных отношениях оформляющий компонент отражает семантику свойства или принадлежности.Например: *аддитивная группа-гурӯҳи аддитивӣ*.При объектных отношениях определяющий компонент имеет значение предмета, который служит объектом действия или свойства, выраженного основным компонентом: *интегральная геометрия-геометрияи интегралӣ.* При обстоятельственных отношениях определяющий компонент выражает место нахождения предмета, который обозначен основным компонентом и указывает на способ (метод) выполнения действия [3,стр.92-93]. Например: *локальный тип-типилокали; вписанный многоугольник-бисьеркунчаи дарункашида; внешняя алгебра-алгебраи берунӣ.* Русским словосочетаниям ”прил.+сущ.” соответствуют таджикские изафетные конструкции “существ.+прил.-ое”, так как в данном языке определяемое стоит перед определением. Все прилагательные, входящие в состав двусловных терминов с двумя иноязычными компонентами, образованы путем присоединения суффикса-*ӣ(вӣ*-его фонетический вариант) к заимствованной основе:*аддитивная арифметика - арифметикаи аддитивӣ;адресная операция-операtсияи адресӣ; алгебраическая геометрия-геметрияи алгебрави*. С помощью суффикса-*ӣ* могут быть образованы также существительные, которые соответствуют русским терминам с суффиксом -*ость*:*алгебраическая иррациональность-ирратсионалии алгебравӣ.* Небольшое количество двусловных терминов с двумя иноязычны микомпонентами

представлено словосочетаниями “существительное+причастие”:*дифференцируемая функция-функсияиди ффференсиронидашаванда.* Данные изафетные конструкции состоят из существительного и причастия, которое является сложным словом. Эти сложные слова состоят из заимствованной основы, причастия настоящего или прошедшего времени глагола «*шудан»* или причастиянастоящего времени глагола «*кардан*» и суффикса –*анда*. Русским страдательным причастиям настоящего времени соответствуют термины, образованные путем соединения заимствованной основы с причастием настоящего времени глагола «*шудан*» и суффиксом –*анда.* При этом по семантике эти термины имеют пассивное значение:*дифференцируемая функция-функсияи дифференсиронидашаванда* Русским страдательным причастиям прошедшего времени соответствуют сложные слова, образованные путем соединения заимствованной основы с причастием прошедшего времени глагола «*шудан*». По семантике эти термины также имеют пассивноезначение*: ассоциированная функция-функсияи ассотсиатсияшуда.* Русским действительным причастиям настоящего времени соответствуютсложные слова, образованные путем присоединения к заимствованной основе причастия настоящего времени глагола «*кардан»аппроксимирующий оператор-операторu аппроксиматсиякунанда*. По семантике эти термины имеют активное значение. Таким образом, двусловные термины-словосочетания, состоящие из двухиноязычных слов, представляют собой интернационализмы, приспособленные к функционированию в таджикском языке. Основнойкомпонент –существительное, являясь заимствованным словом, может присоединять показатель изафета «*и»* и суффикс множественного числа «хо». В словосочетаниях «существительное-существительное» второй компонентчаще всего является полностью заимствованным. Такие термины по форме близки однословным интернационализмам, перенесенным в таджикский язык «в готовом виде»:*индекс дифекта-индекси дефект, интеграл системы-интеграли система*. Кроме этого, анализ двусловных терминов, состоящих из двух иноязычных компонентов, показал, что:а) большинство терминов составляют изафетные конструкции типа «существительное+прилагательное»; (Из 338 терминов 250 составили именно такие) б) в терминообразовании продуктивны по-прежнему суффиксы:*-й,* который присоединяется к заимствованной основе; *анда,* который присоединяется к причастиям настоящего и прошедшеговремени глаголов *«шудан*» и *«кардан*»; в) в русских терминах типа «существительное+существительное» второй компонент находится в родительном падеже и означает принадлежность. Таким терминам соответствуют таджикские изафетные конструкции, выражающие принадлежность: *адрес блока - адреси блок,индекс функции-индекси функсия.* К двусловным терминам –гибридам относится также значительное количество словосочетаний, состоящих из двух компонентов, первый из которых является иноязычным словом. Всего таких терминов с 50-ти страниц словаря Х. Мухаммадиева, И. Сраждинова было насчитано 323.Из них 117 терминов составили словосочетания типа «существительное+существительное в Р.п.»: *аксиома сложения-аксиомаичамъ, алгебра вычетов-алгебраи тафриқҳо*. Таким русским терминам соответствуют таджикские изафетные конструкции, которые означают отношения принадлежности. Первый компонент в этих конструкциях представляет собой интернациональный термин, к которому присоединяется изафетный показатель в таджикскомязыке *«и»,* а второй компонент-таджикский эквивалент русского термина. У большинства русских терминов математики «существительное+сущес-твительное» второй компонент находится в родительном падеже единственного и множественного числа и обозначает понятие, к которому относится первый компонент, т.е. выражает отношение принадлежности. В таджикском языке «изафетная конструкция…является универсальным типом атрибутивной связи, т.е. при ее посредстве выражается не только определение качественное, но и принадлежность в широком смысле слова…»[В.С. Расторгуева. Краткий очерк грамматики таджикского языка. Приложение.-Таджикско-русский словарь. Гос. изд-во иностранных и национальных словарей, М.1954.стр.545]. В данных таджикских терминах-словосочетаниях посредством изафетной конструкции выражается отношение принадлежности одного понятия другому. Гораздо реже встречаются словосочетания типа «существительное+существительное в тв. пад.»:*интегрирование подстановкой – интегронйботарзигузориш.*Таким русским терминам соответствуют конструкции с предлогом «бо», который в сочетании с существительным «*тарз*» выражает значение способа действия. В русском языке это выражается формой прииенного творительного падежа существительного. Беспредложные конструкции с творительным падежом среди математических терминов фигурируют редко. Среди терминов, состоящих из двух

существительных, нами были отмечены также словосочетания с дательным падежом со значением образа действия: *интегрирование по частям-интегрони аз руи хиссахо.*Таким русским математическим терминам соответствуют таджикские словосочетания, состоящие из отглагольного существительного, образованного от иноязычной основы путем присоединения продуктивного в терминообразовании суффикса-*онӣ* и таджикского существительного с предлогом «*аз руи*», в данном случае соответствующего русскому предлогу «*по*» с дательным падежом.Термины, образованные от именных основ при помощи суффикса-*онӣ,* означают название действий в технической и математической терминологии: «*автоматизатсионӣ»-автоматизация, дифференциронӣ-дифференцирование.* Среди русских двусловных сочетаний терминов-гибридов с первым иноязычным компонентом большинство составили словосочетания типа: *«прилагатель-ное+существительное», «причастие+существительное».* Из 323 терминов таких было насчитано 206 терминов. Например: *вещественная алгебра-алгебра иҳақиқӣ, замкнутая система-системаи сарбаста, запаздывающий потенциал-потенциали дермонанда, двойная сумма- суммаи дучанда.* Всем таким терминам в таджикской терминологии соответствуют изафетные конструкции. Следует отметить, что, если в русских терминах определение, выраженное прилагательным или причастием стоит перед определяемым, то в таджикских соответствиях определение стоит после определяемого, имеющего на конце показатель изафета «*и*»:*абсолютная геометрия- геометрияи мутлак.* Второй компонент данных терминов - словосочетаний может быть выражен прилагательным или причастием. Некоторым русским производным прилагательным соответствуют таджикские сложные прилагательные, образованные путем присоединения словоэлемента«*куни*» к именным основам: *вычислительная математика-математикаи хисобкунӣ.* Словоэлемент «*куни*» образуется в результате присоединения суффикса –*ӣ* к основе настоящего времени глагола «*кардан»*. Действительным причастиям иногда соответствуют сложные таджикские причастия, образованные от сложных глаголов, состоящих изнаречия в именной части и глагола (*дер мондан*), путем присоединения суффикса-*анда*: *запаздывающий потенциал-потенсиалидермонанда.* Русским страдательным причастиям могут соответствовать таджикскиесложные причастия, образованные от сложных глаголов, состоящих из двух основ-именной и глагольной с суффиксом-*а*: *замкнутая система-системаи сарбаста.* Русским сложным прилагательным соответствуют таджикские сложныеслова, образованные соединением именной основы с причастием настоящего времени глагола:*знакопеременная форма-формаи аломативазкунанда («аломат»-знак; иваз кардан- «менять», «обменивать»).* Следует отметить, что некоторые термины переводятся при помощи синонимов. Например, слово «*знакопеременный*» переводится как «*аломативазкунанда*» («*знакообменивающий*») и как «аломаттагьирдиханда» («знакоизменяющий»). Изафетные конструкции в терминах-словосочетаниях *«существительное +прилагательное», «существительное +причастие»,* являясь средством выражения определения, обозначают свойства понятий (*бесконечный интервал- интервалибеохир*), соотносят характеризуемые понятия к определенному классу понятий (*гладкая функция-функсияи суфта*), или обозначают какой-либо признак понятия (*волновая функция-функсияимавчӣ*). Подводя предварительный итог анализу двусловных терминов-гибридов, следует отметить, что двусловным словосочетаниям в русской терминологии могут соответствовать таджикские изафетные конструкции математической терминологии с первым иноязычным компонентом. Эти изафетные конструкции представляют собой словосочетания следующих типов:*«существительное + существительное », (117 терминов из 323)«существительное +прилагательное», «существительное +причастие», (206 терминов из 323).*Всего таких насчитано с 50-ти страниц упомянутого терминологического словаря 323 термина.Следует отметить, что в русских терминах второй компонент (определяемое) является иноязычным словом, а первый-русским, тогда как их соответствия в таджикском языке представляют собой словосочетания с первым иноязычным компонентом (в изафетной конструкции определяемое стоит перед определением):*внутренняя вариация-вариатсияи дарунӣ.* В терминообразовании данной группы двусловных словосочетаний таджикских терминов математики принимают участие суффиксы:*-ӣ*, образующий таджикские прилагательные и существительные *(функсияимавчӣ); -а,* образующий таджикские причастия *(системаисарбаста); -анда,* образующий причастие настоящего времени *(аломативазкунанда).* Также необходимо отметить, что таджикские математические термины могут представлять собой предложные и беспредложные конструкции.Так, русскому беспредложному творительному падежу существительного соответствует

таджикская конструкция с предлогом «*бо*» в сочетании с существительным «*тарз»,* которая выражает значение способа действия: *интегрирование подстановкой-интегрони бо тарзи гузориш.* Здесь можно говорить о том, что в число элементов терминотворчества наряду с аффиксами входят и таджикские предлоги.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Виноградов В.В. Вопросы изучения словосочетания.//Вопросы языкознания, 1954,№3.с.3-24.
2. Газиева М.И. Таджикские словосочетания имен существительных и их соответствия в русском языке. Автореферат кандидатской диссертации, Душанбе, 1991.
3. Миттала Ш.Ч. Русская математическая терминология. Диссертация на соискание ученой степени кандидата филологических наук, М., МГУ, 1974.
4. Ниязи Ш.Н. Словообразование имен существительных и имен прилагательных в современном таджикском литературном языке. Диссертация на соискание ученой степени канд.фил.наук, Сталинабад,1950.
5. Ниязмухаммедов Б.Н. Ҷумлаҳои содда дар забони адабии точикю. Простые предложения в современном таджикском литературном языке. Душанбе,1960.
6. Султонов М.Б. Становление и развитие персидско-таджикской научной терминологии: на материале научного наследия IX-XI вв. Автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора филологических наук. Душанбе, 2008г.

СОПОСТАВИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ДВУСЛОВНЫХ ТЕРМИНОВ-ГИБРИДОВ МАТЕМАТИЧЕСКОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ РУССКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ: ЧАСТЬ I

В статье автор при помощи сопоставления исследует заимствованные двусловные термины русского и таджикского языков, представленные в «Русско-таджикском словаре математических терминов,» авторами которого являются Ч. Мухаммадиев и ИСраждинов. Автор производит словообразовательный анализ двусловных терминов-гибридов с двумя иноязычными компонентами и с первым иноязычным компонентом, приводится их структурная классификация, выявляются способы передачи в таджикском языке.

Ключевые слова: двусловные математические термины-гибриды, сопоставление, суффикс, изафетная конструкция, русский и таджикский языки.

COMPARATIVE ANALYSIS DVUSLOVNYKH OF TERMS HYBRIDS OF MATHEMATICAL TERMINOLOGY OF THE RUSSIAN AND TAJIK LANGUAGES: PART I

In article the author by means of comparison investigates borrowed two-worded the terms of Russian and Tajik languages presented in «the Russian-Tajik dictionary of mathematical terms,» which authors are C.Muhammadiev and andSrazhdinov. The author makes the word-formation analysis two-worded terms-hybrids with two components speaking another language and with the first component speaking another language, their structural classification is resulted, ways of transfer in the Tajik language come to light.

Key words: two-worded mathematical terms-hybrids, comparison, a suffix, connective a design, Russian and Tajik languages.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***С.Р. Шукурова*** - старший преподаватель кафедры социально-гуманитарных дисциплин Центрально-Азиатского филиала Российского нового университета(ЦАФ РосНОУ)г.Худжанд,РТ

КАЛИМАҲОИ АСЛИИ ТОҶИКӢ ДАР ТАРКИБИ БОВАРҲОИ ЛАҲҶАИ ҶАНУБИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

М.М. Назаров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тамоми анъана, урфу одат ва эътиқоду боварҳое, ки дар байни мардуми лаҳҷаи ҷанубии Тоҷикистон вуҷуд доранд, ҳамеша дар ҳолати инкишофёбӣ ва рушду такомул қарор доранд. Онҳо рӯҳияи миллӣ дошта, дар заминаи таҷриба ва омӯзишу мушоҳидаҳои чандинасраи халқ ба вуҷуд омадаанд ва дар байни мардуми тоҷик нуфузи чашмгир доранд. Онҳо ба воситаи калимаҳо дар шакли ҷумлаҳои гуногун, вале аксаран мураккаби тобеи пайрави шарт ба вуҷуд омада, дар ташаккули сохтории онҳо калимаҳои аслии тоҷикӣ, хусусан калимаҳои услуби гуфтугӯӣ нақши калидӣ доранд. Ғайр аз ин, калимаҳои таркиби боварҳо, ки асосан дар заминаи забони гуфтугӯӣ ба

вуҷуд омадаанд, дар ташаккули тамоми қабатҳои луғавию услубии забон нақши асосӣ доранд. Чунончи, муҳаққиқи тоҷик Ҳ. Маҷидов қайд менамояд:

«Калимаҳои гуфтугӯие, ки дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи забон дар заминаи забони гуфтугӯӣ ба вуҷуд омада, ташаккул меёбанд, яке аз манбаъҳои асосии бойигарии луғавии забон ба шумор мераванд» [3,150].

Муҳаққиқони дигари тоҷик М. Маҳмудов ва Ғ. Ҷӯраев дар таълифоти муштараки худ воҳидҳои луғавии забони тоҷикиро тасниф намуда, онҳоро вобаста дар доираи истеъмолашон ба ду гурӯҳ ҷудо кардаанд:

а) унсурҳои луғавие, ки барои тамоми соҳибони забон умумӣ буда, хусусияти умумиистеъмолӣ ва оммафаҳмӣ доранд;

б) унсурҳои луғавие, ки ба қисме аз соҳибони забон фаҳмо буда, дар доираи ин ё он лаҳҷаи муайян ба кор бурда шуда, хусусияти шевагӣ доранд.

Вобасата ба ин, дар илм ду навъ луғатҳои шевагӣ ба вуҷуд омадаанд - луғатҳои пурра ва хосса. Луғатҳои пурра тасвири ҳамаи он калима ва воҳидҳои фразеологиро, ки дар ягон шева истифода мешаванд, фаро мегиранд. Дар луғатҳои хосса калимаҳои сирф шевагӣ, калимаҳое, ки хусусияти умумӣ надоранд акс меёбанд [6, 3].

Калимаҳои таркиби боварҳо ҳамчун унсурҳои луғавии хоси услуби гуфтугӯӣ дар ташаккули нутқи пуробрангу ҷаззоб ва ифоданок нақши муҳим доранд. Ҷаззобияту муассирии ин гурӯҳи калимаҳо бештар ба афкору ақида ва табиати махсуси одамон – соҳибони забон марбут аст.

Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ чун дигар шеваҳои мавҷудаи забон яке аз сарчашмаҳои асосии бойшавии забони адабӣ ба шумор меравад. Он ҷузъи таркибӣ ва ҷудонашавандаи забони тоҷикӣ буда, тамоми хусусиятҳои забони адабиро чун оина таҷассум менамоянд, аз ҷумла хусусиятҳоеро, ки муҳаққиқи тоҷик, Н. Маъсумӣ дар робита ба забони зиндаи халқ ва афкору ақидаи одамон зикр менамояд:

«Қувваи таъсирбахшанда ва бовариҳосилкунандаи забони зиндаи халқ маҳз дар ҳамин гуна мувофиқати пурраи он бо афкори озоду беқанор ва эҳсосоти зиндаву ҳаётии омма мебошад» [4,117].

Калимаҳои аслии тоҷикӣ дар забон ҳамзамон бо пайдоиш ва ташаккули забон ба вуҷуд омада, решаи амиқи таърихӣ доранд. Онҳо дар заминаи талаботи муайяни рӯзмарраи ҳаёти одамон ва ба вуҷуд омадани мафҳумҳои нав, ки ифодаи расмию хаттии он масъулияти забон аст, ба вуҷуд омада, мазмуну мундариҷаи онҳо ба русуму ойин, одат, анъана афкору ҷаҳонбинӣ ва ахлоқу маданияти одамон алоқамандии ногусастанӣ ва бевосита доранд. Онҳо аксаран мафҳумҳои ҳаётан муҳимро ифода карда, воситаи асосии ифода ва инъикоси рӯҳияи маданию ахлоқӣ ва ҳатто эътиқодии соҳибони забонро дар бар мегиранд. Калимаҳои аслии тоҷикӣ асоси мавҷудият, пойдорӣ, пешрафт ва бойигарии луғавии забонро ташкил медиҳанд.

Бахши муҳим ва арзишманди захираи луғавии лаҳҷаи ҷанубии забони тоҷикиро калимаҳои аслии тоҷикӣ ташкил медиҳанд, ки дар ду шакл: **айнан дар шакли аслӣ** ва ё **дар шакли лаҳҷавӣ** бо афтидан ё дигар шудани овозҳо истифода мешаванд. Аз ин рӯ, онҳо дар ташаккули тамоми унсурҳои нисбатан мураккаби луғавию маъноии забон, аз ҷумла дар ташаккули сохти лексикию грамматикии боварҳо нақши калидӣ доранд. Ташаккули онҳоро бе иштироки калимаҳои аслии тоҷикӣ тасаввур кардан номумкин аст. Боварҳо новобаста аз он ки дар кадом давру замон, дар кадом шароит ва дар зери таъсири кадом омилҳо ба вуҷуд омадаанд, аз лиҳози забонӣ қонуниятҳои муайяни шаклгирӣ ва воситаҳои муайяни ифодаёбӣ дошта, дар ташаккули онҳо унсурҳои луғавии мавҷудаи забон, махсусан калимаҳои аслии тоҷикӣ ҳамчун сарвати асосии забон нақши асосӣ ва аввалиндараҷа доранд. Аз оне ки тамоми боварҳо дар шароити муқаррарии ҳаёти одамон ба вуҷуд меоянд, аз лиҳози забоншиносӣ ҳам дар асоси калимаҳои халқии гуфтугӯӣ, ки асоси онҳоро калимаҳои аслии тоҷикӣ ташкил медиҳанд, ташаккул ёфта, бандубаст мегарданд. Ахиран бояд илова намуд, ки ҳангоми таҳлил боварҳо дар шакли адабӣ ва ҳамчун ибора дар шакли масдарӣ оварда шуда, баъд аз таҳлил намунаи лаҳҷавии онҳо оварда мешаванд.

Пас аз рафтани меҳмон об пошидан. Аз бозгашти такрории меҳмонӣ рафтагӣ пешгирӣ кардан. Чуноне ки маълум аст, калимаҳои мустақили таркиби матни овардашуда: **меҳмон, об, пошидан** ва **рафтан** ҳамагӣ калимаҳои захираи асосии луғавии забони тоҷикӣ буда, дар нутқи гуфтугӯӣ ва дар забони адабӣ низ зиёд ба кор бурда мешаванд. Ин калимаҳо аз ҷиҳати ифодаи маъно ба гурӯҳи калимаҳои ифодагари номи ашъё (**об, меҳмон**) ва калимаҳои ифодагари амалу ҳаракат (**рафтан** ва **пошидан)**

мансубанд. Феъли «пошидан» дар шакли лаҳҷавӣ, ки шакли мустаъмали боварии мазкур аст, бештар дар шакли «об чошидан», «об шапидан» ба кор бурда мешавад. Аз ҷиҳати баромад калимаҳои таркиби бовари мазкур ба гурӯҳи калимаҳои аслии тоҷикӣ мансуб буда, инчунин дар таркиби дигар боварҳо низ ба назар мерасанд (ай пъшти меҳмони омадагӣ, ов поши дига намийойа)

Панҷаи даст сих задан. Ин бовар ҷанбаи мушоҳидавию эътиқодӣ дошта, аз пеш омадани коре ё машғулияте дарак медиҳад. Таркиби луғавии он аз калимаҳои ифодагари номҳо: **панҷа, даст, сих** ва калимаи ифодагари амал: **задан** иборат мебошад, ки ҳамагӣ аз рӯйи баромад калимаҳои аслии тоҷикӣ мебошанд. Калимаҳои мазкур аз ҷиҳати мансубияташон ба қабатҳои услубӣ хоси услуби гуфтугӯӣ буда, новобаста аз ин дар тамоми қабатҳои услубӣ васеъ ба кор бурда мешаванд. Аксари ин калимаҳо (панҷа, даст ва сих) калимаҳое мебошанд, ки бо вуҷуди умумиистеъмол буданашон дар забон муродифҳои худро надоранд. Калимаи «**сих» ва «задан»,** ки дар таркиби бовар дар шакли таркиб «**сих задан**» истифода шуда, дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» чунин омадааст: «сих задан, хала задан, дард кардани узве» [10,253]. Калимаи «**панҷа**» низ дар фарҳангҳо бо усулҳои гуногун, вале ба як мазмун шарҳ дода шудааст: «кафи даст бо **панҷаи** ангушт» ва «**панҷ** ангушти даст ё пой дар як ҷо» [9,23]. Роҷеъ ба шарҳи калимаи «даст» бошад дар фарҳангҳо чунин омадааст « даст узви бадани инсон аз шона то нӯги ангуштон, каф ва панҷаи даст» [9,340]. Калимаи «задан» бошад дар мавридҳои ҷудогона бо калимаҳои кӯфтан, лату кӯб кардан, кӯбидан муродиф шуда меояд. (Агар чликои дстът сих бзана, чизеро барои духтан миёран). Агар ангушти калонии дасти зан бихорад, барои вай чизеро барои дӯхтан меоранд. [7,228].

Дароз будани ангушти дуюми пойи мард. Дар миёни мардум матраҳ аст, ки ангушти дуюми мард аз нарангушташ дароз бошад, зан дар оила ихтиёри мардро дар даст дорад. Калимаҳои мустақили дорои маънои луғавии таркиби бовари мазкурро калимаҳои **дароз**, **ангушт**, **дуюм**, **пой** ва **мард** ташкил дода ҳамагӣ аз рӯи баромадашон калимаҳои аслии тоҷикӣ ва хоси забони гуфтугӯиянд.

Калимаи дароз ифодагари аломат буда, бо калимаи тӯлонӣ ва гоҳо бо калимаи **дур** хусусияти ҳаммаъноӣ зоҳир карда, бо калимаи кӯтоҳ антоним мебошад.

Калимаи ангушт ифодагари номи ашъё –номи узви бадани инсон буда, бо калимаҳои **чилик** ва **панҷаи даст** ҳаммаъно буда, антоним ё омоним надорад.

Калимаи пой номи узви бадани инсон, ки дар қисми поён ҷойгир аст, ифода карда, бо калимаи даст хусусияти антонимӣ зоҳир намуда, синоним надорад.

Калимаи мард маънои яке аз ду ҷинси муқобили инсонро ифода карда, муродифи худро надорад. Калимаи **ду** низ миқдори ашёро ифода карда, муродиф ва зидмаънои худро надоранд.

Гулӯро харошидани нон. Дар байни мардум чунин ақида аст, ки агар нисбати касе беҳуда, бесабаб ва нодуруст бадгумон шавӣ, нони вай дар гӯлу банд шуда, ба осонӣ намеравад:

Фотима акнун хӯрок мехӯрд … Луқмаҳои нон гулӯяшро харошида мегузаштанд. Нохост, Фотима сабаби ин ҳолро дарк намуд. Дар воқеъ ҳам, агар дар ҳаққи касе гумони баде раво дида бошед ва пас бегуноҳии он кас собит шуда бошад, нони вай аз гулӯятон ба осонӣ намегузарад [7,18].

Таркиби лексикии бовари мазкур аз калимаҳои мустақили **гулӯ, луқма. нон** ва **харошидан** иборат буда, ба истиснои калимаи **луқма** ҳамагӣ калимаҳои аслии тоҷикии хоси услуби гуфтугӯиянд.

Калимаи гулӯ ҳамчун калимаи ифодакунандаи узви марказии инсон: роҳи убуру мурури ҳаво ва ғизо бо калимаҳои **ҳалқ**, **ҳалқум** ва **қуртак** ҳаммаъно буда, антоним надорад, омонимҳои он низ ба назар намерасанд.

Калимаи нон ба гурӯҳи калимаҳои маъмул, умумиистеъмол ва сермаънои забони тоҷикӣ мансуб буда, номи ғизои асосӣ, ки аз кӯфта (ордшуда) – и гандум пухта мешавад, ифода мекунад. Калимаи нон чун дигар қисми калимаҳои дар боло зикршуда калимаи ягона буда, синоним, антоним ва омоним надорад.

Калимаи харошидан ҳамчун калимаи ифодагари амал, маънои аслии худро ифода карда, баъзан бо калимаи **кандан**, **барканда** хусусияти синонимӣ зоҳир менамояд. Маъмулан антоним ва омоним низ надорад.

Мавҷудияти калимаҳои аслии тоҷикӣ дар таркиби боварҳо ба дорои махсусиятҳои ба худ хос будани онҳо далолат мекунанд. Ин хусусиятҳоро метавон ба таври зайл тасниф намуд:

Якум, мавҷуд будани калимаҳои аслии тоҷикӣ дар таркиби боварҳо ба решаи амиқи таърихӣ доштан ва қадимӣ будани онҳо далолат мекунанд. Зеро ҳар як забон ибтидо дар доираи миқдори муайяни калимаҳои худӣ ба вуҷуд омада, ташаккул меёбад ва ҳар унсуре, ки дар забон шакл мегирад, дар асоси калимаҳои худӣ шакл мегирад. Нуфузи калимаҳои ғайриаслӣ кам ба мушоҳида мерасад.

Дуюм, мавҷудияти калимаҳои аслии тоҷикӣ бо фарҳангию маданӣ ва иҷтимоии мардуми тоҷик алоқаманд буда, бо ташаккул ёфтани онҳо далолат мекунанд. Яъне вобаста ба ҳаёти мардуми тоҷик дар инкишоф будани онҳоро нишон медиҳад.

Сеюм, мавҷуд будани калимаҳои аслии тоҷикӣ дар таркиби боварҳо ба табиат ва рӯҳияи миллӣ доштани онҳо далолат мекунанд. Яъне дар заминаи мушоҳидаҳо, бовару эътиқодҳои мардумӣ ба вуҷуд омада, таҷассумгари тарзи зиндагӣ ва русуму анъана ва ойину фарҳанги мардуми тоҷиканд.

Чорум, мавҷуд будани калимаҳои аслии тоҷикӣ дар таркиби боварҳо ин ба он далолат мекунад, ки онҳо ибтидо дар забони зиндаи халқ ба вуҷуд омада, дар ҳаёти мардум мавқеи устувор касб намудаанд. Ба таври умум, хусусиятҳои зикршударо метавон аз таҳлили луғавии намунаи боварҳои дар зер овардашуда дарк намуд:

Захираи луғавии шеваҳои маҳаллӣ дар давоми асрҳо тадричан ба вуҷуд омадааст, яъне ҳолати имрӯза маҳсули ҳамаи давраҳои таърихи халқ мебошад. Ҳар як марҳилаи тараққиёти ҷамъияти инсонӣ дар забон, лаҳҷаю шеваҳои он нақши худро гузоштааст. Бесабаб нест, ки қисми асосии таркиби луғавии шеваҳои халқи тоҷикро калимаҳои аслан тоҷикӣ ташкил медиҳанд [5,11].

Дар болои тагсарӣ (болишт) нишастан. Тибқи боварҳои мардумӣ агар шахс дар боли тагсарӣ нишинад, қарздор мешавад. Муайян кардани он, ки бовари мазкур ҷанбаи мушоҳидавӣ дорад ё ҷанбаи эътиқодии динӣ то андаозае кори душвор аст, вале новобаста аз ин дар гӯйиши мардум мавқеи устувор дорад.

Таркиби луғавии бовари «**дар болои тагсарӣ нишасатан**» аз калимаҳои боло, **тагсарӣ** ва **нишастан** таркиб ёфта, ба хусусиятҳои гуногуни таърихию тарбиявӣ соҳиб будани бовар далолат мекунад. Калимаҳои мазкур аз рӯи баромадашон аслии тоҷикӣ буда, ба гурӯҳи калимаҳои услуби гуфтугӯӣ мансубанд.

Калимаи боло ҳамчун воҳиди лексикӣ аломату хусусиятро ифода карда, бо калимаҳои **фавқ**, **баланд** дар баъзан маворид хусусияти синонимӣ зоҳир мекунанд. Бо калимаҳои **поён, паст, зер, зайл** антоним буда, омоним надорад.

Калимаи тагсарӣ ҳамчун калимаи маъмули забон дар тамоми қабатҳои услубии забон муътадил ба кор бурда мешавад. Тагсарӣ чизи аз пари мурғ ё пахта тайёркардаест, ки ҳангоми хоб кардан, зери сар гузошта мешавад. Он бо калимаи **болишт** муродиф аст.

Калимаи шиштан ё нишастан амалу ҳолатро ифода карда, синоним надорад ва дар тамоми қабатҳои услубӣ ба таври васеъ ба кор бурда шуда, бо калимаи «**хестан**» антоним мебошад, омоним надорад.

Дар бевақти фарёд кардани хурӯс. Миёни мардум машҳур аст, ки агар хурӯс новақт фарёд занад, аз омадани бало ба сари соҳибаш хабар медиҳад. Агар соҳиби хурӯс хоҳад, ки бало аз хонадони ӯ даргузарад, бояд хурӯсро бикушад ва онро қурбонӣ кунад ва худ аз ин балоҳо раҳоӣ ёбад. Пайдоиши ин бовар таърихи тӯлонӣ дошта, он аз таълимоти ду манбаъ: манбаи зардуштӣ ва манбаи исломӣ сарчашма мегирад. Асоси пайдоиши боварро хурӯс, ташкил медиҳад. Муҳаққиқи динҳои қадимаи эронӣ Шахнович М.И чунин қайд менамояд: «Дар дини бостонии эрониён – маздоӣ хурӯс мурғи муқаддас ҳисоб мешуд, ки Аҳурамаздо онро барои муборизаи бурдан ба муқобили авроҳи бад офаридааст» [11,56]. Дар таълимоти дини ислом низ қайдҳои мушаххасеро низ пайдо кардан мумкин аст, ки аз мавқеи хос доштани бонги хурӯс дар ҳаёт дарак медиҳанд. Тибқи ривоёти исломӣ ҳангоми бонг заданаш ягон фариштаеро мебинад. Чунончи аз ҳадиси набавӣ аз паёмбари Ислом Муҳаммад (с) нақл аст: «Ҳангоме ки бонги хӯрсро шунидед, аз Худо хайру эҳсонашро бихоҳед, зеро хурӯс малоикаро мебинад…» [Саид ибни Алӣ ибни Ваҳфи Қаҳтонӣ, Паноҳгаҳи мусалмон, 2003, С. 162]. Чунончи, аз мазмуни ҳадис бармеояд, дар Ислом бонги хурӯс зуҳуроти мусбат ба ҳисоб рафта, новобаста аз вақти бонг заданаш амали хуб мебошад.

Боварии мазкур аз лиҳози лексикӣ аз миқдори муайяни калимаҳои мустақил: **фарёд, хурӯс ва бевақтӣ** таркиб ёфтааст. Калимаҳое, ки дар ташаккули таркиби луғавии боварии зикршуда иштирок намудаанд, калимаҳои аслии тоҷикианд. Аз лихози

қабатҳои услубӣ низ калимаҳои мазкур ба гурӯҳи калимаҳои услуби гуфтугӯӣ хос буда, доираи васеи бакорбарӣ доранд.

Калимаи **фарёд** ҳамчун воҳиди лексикӣ номро ифода карда, бо калимаҳои **бонг**, **нидо** ва **наъра** ҳаммаъно мебошад. Калимаи мазкур антоним ва омоним надорад ва калимаи **фарёд** бошад, дар байни муродифҳои худ сарсилсилаи синонимиро ташкил медиҳад.

Калимаи **хурӯс** ҳамчун воҳиди лексикии умумиистеъмол дар тамоми қабатҳои услубӣ истифода мешавад. Он номи паррандаи хонагиест, ки ҳанӯз чандин ҳазор сол қабл аз ин ба инсон ром шудааст. Калимаи мазкур муродиф ва омоним надорад ва аз рӯйи ҷинсият бо калимаи **модкиён** антоним мебошад.

Испанд дуд кардан дар вақти таваллуди зани ҳомила. Ин бовар дар лаҳҷаи ҷанубии забони тоҷикӣ хеле серистеъмол аст. Ин амал дар зиндагии ҳаррӯзаи мардум ба чашм мерасад. Ва мардум низ ақидае доранд, ки испанд инсонро аз қувваҳои бадӣ ҳифз менамояд ва барои саломатӣ низ фоида дорад. Дар лаҳҷаи ҷануб, агар зани ҳомиладорро таваллудкуниаш тӯл кашад барои рафъи ин амал испанд дуд мекунанд, то қувваҳои бадӣ нест шаванд ва зани таваллудкунанда аз ин ҳолати вазнин раҳоӣ ёбад. Ин бовар ҷанбаи эътиқодӣ дорад ва калимаҳои дохилии ин матн **испанд**, **дуд**, **дар**, **вақт**, **таваллуд** ва **ҳомиладор** мебошанд, ки барои пуробуранг сохтани ин матн хизмат карданд ва аз ҷиҳати баромадашон низ калимаҳои аслии тоҷикӣ мебошанд (Дар зоидани зани ҳомиладор спанд дуд кънӣ барои тавалъд кардан ёрдам мекъна ва тавалъд кардан ҳам осон мешава).

Дар лаҳҷаи ҷанубии забони тоҷикӣ дар байни мардуми маҳаллӣ доир ба занҳои ҳомила ва навтаваллуд боварҳо зиёд ва мавриди истифода ҳам қарор доранд. Инро бояд тазаккур дод, ки дар замонҳои пеш дар таваллудхонаҳо ва табибони касбӣ кам буданд. Дар ноҳияҳои дурдаст, қишлоқҷойҳо ва маҳалҳои кӯҳистон тамоман табибони касбӣ набуданд. Бисёр занҳои ҳомиладор ба мушкилӣ гирифтор мешуданд ва доир ба ин масъала дар байни мардуми лаҳҷаи ҷануб боварҳои зиёде пайдо мешуданд. Матнҳое, ки доир ба ин масъала дар байни мардуми маҳалии шеваи ҷануб пайдо мешуданд ва сарчашмаи пайдоиши ҳамаи ин боварҳо аз мушоҳидаҳои ҳаррӯзаи онҳо буд. Яке аз муҳаққиқон Андреев М. С. барои тасдиқи гуфтаҳои боло бовариеро чунин меорад: «Агар вақти таваллуд каме тӯл кашаду зани таваллудкунанда ранҷу азоб кашад, ба воситаҳои гуногун рӯй меоваранд, то ки корро тезонанд ва зани таваллудкунандаро аз ин ҳолати вазнин наҷот диҳанд. Сипанд (лот: Pegfnum harmala) – ро дуд мекунанд, тадбири озмудашуда барои дафъ намудани қувваҳои бадӣ аст» [1,50]. Инчунин дар байни лаҳҷаи ҷануб бовар низ мавҷуд аст, ки ба матни дар боло овардашуда монанди дорад.

Ҷӯшонидани наъл. Ин бовар дар лаҳҷаи ҷануб хеле серистеъмол мебошад, махсусан дар маҳалҳои кӯҳистон. Мардум дар таҷрибаи зиндагии хеш ин боварро мушоҳида карда, ба мо боқӣ гузоштанд ва мардум то ба имрӯз ин боварро дар зиндагии хеш истифода мебаранд. Ин бовар низ мансуб ба зани ҳомиладор мебошад, ки дар мавриди таваллуд кардани насл ин амалро иҷро мекунанд. Яъне зани ҳомиладор таваллуд карда натавонад, яке аз занҳои ботаҷриба ва калонсоли ҳамон маҳал ин амалро иҷро мекунад: «**наъл**» - ро дар ҳарорати баланди оташ меҷӯшонад ва оби онро ба зани таваллудкунанда мехӯронанд, то ин ки дарди кӯдакаш кам шавад ва таваллуд карданаш осон гардад. Калимаҳои асосии ин **матн**, **наъл** ва **ҷӯшонидан** мебошад, ки аз ҷиҳати баромад калимаҳои аслии тоҷикӣ мебошанд. Амали ин матн – ҷӯшонидани наъл ва пайомадаш бошад, зани таваллудкунандаро дардашро сабук мегардонад ва бе ягон мушкили таваллуд мекунанд.

(Агар зани бъгъз тавалд карда натона, наъла меҷушонанъ, мехронанъш).

Ҳамин тариқ, калимаҳои аслии забони тоҷикӣ вожаҳоеанд, ки дар асоси истилоҳоти қадима ташаккул ёфта, инчунин манбаи луғавии забони тоҷикиро ғанӣ мегардонанд. Ин яке аз он фактҳои барҷастаест, ки протсесси доимии бо калимаву ибораҳои нави тоҷикӣ пурра ва бой шуда истодани таркиби луғавии забони адабии тоҷикро тасдиқ мекунад [12,20]. Ҳама калимаҳои дар таркиби боварҳо буда, дар шеваи ҷануб аз ҷиҳати фонетикӣ нисбат ба калимаҳои забони адабии тоҷикӣ то андозае тафовут доранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Андреев М. С. Таджики долины Хуф (Верховья Аму- Дарьи). Вып.

2. Истории, археологии и этнографии АНТадж. ССР, т. 1- Тр. Ин-та VII. Сталинобод, 1953, 50 .
3. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. – Душанбе:
4. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик.- Душанбе, С. 117.
5. Мақсудов Т. Лексика ва фразеологияи шеваҳои тоҷикони Исфара.- с. 1977, с. 11.
6. Муҳаммадиев Ф. Сози Мунаввар, 2011, С.18.
7. Обидов Д. Русум ва ақоиди мардуми даризабони Афғонистон, С. 228.
8. Саид ибни Алӣ ибни Ваҳфи Қаҳтонӣ. Паноҳгаҳи мусалмон. - Теҳрон, 2003, С. 162.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. II С. 23.
10. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ Ҷ. II С. 198.
11. Шахнович М.И. Приметы верные и суеверные. - Л.; Лениздат, 1984.-
12. Шарқи сурх, 1951, №6, С. 20.

ИСКОННО ТАДЖИКСКИЕ СЛОВА В СОСТАВЕ СУЕВЕРИЙ

В данной статье исследован один из основных проблем развития суеверии в южном диалекте таджикского языка. Актуальность исследования данной проблемы заключается в том, что в таджикской лингвистике ему не посвящены отдельные работы. Большинство суеверий имеют народную характерную черту, поэтому в их развитии особое значение имеют исконно таджикские слова.

В статье части суеверий интерпретированы с использованием различных словарей. Автором статьи материалы анализированы и сопоставлены на основе научных теорий и интерпретации словарей.

Ключевые слова: язык, лексика, традиции, лингвистика, слов, приметы.

ORIGINALLY TAJIK WORDS IN THE SUPERSTITION

In this article the one of the main problems of superstition in the southern dialect of the Tajik language. Relevance of the study of the problem lies in the fact that the Tajik linguistics it is not a separate paper. Most popular superstitions are a characteristic feature, so their development is of special importance place native Tajik words.

The article of superstition interpreted using different vocabularies. The author analises the material and compared on the basis of scientific theories and interpretations of dictionaries.

Key words: language, lexicon, traditions, linguistics, words, signs.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Назаров М.М***.- аспирант Таджикского национального университета

ТАВАҶҶУҲИ УСТОД БОҚӢ БА ЗАБОНИ ХАЛҚ

Сайёра Саидова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мавзӯи асари бадеӣ ва ҳодисаву воқеаҳои мавриди тасвир нависандаро водор менамоянд, ки ба шаклҳои гуногуни нутқ муроҷиат кунад ва аз хазинаи бебуну пургуҳари сухан дурдонаҳоеро ба берун кашад, ки барои дар гардиш, айнан, ҷоннок ва ҳаётӣ тасвир ёфтани рӯйдодҳои олами воқеӣ мувофиқ ва созгор бошанд. Аз ин ҷиҳат, дар адабиёти бадеӣ дучор омадани навъҳои гуногуни калима ва таъбироти халқӣ, унсурҳои марбут ба лаҳҷаву шева, вожаҳои куҳнашудаю таърихӣ, субстракту абстрактҳо, муродифоту мутазодҳо, воҳидҳои тагдору соядор ва амсоли инҳо аз рӯйдодҳоест, ки маҳз ба аҳдофи муайяни эҷодии адиб иртибот доранд. Ин масъалаи муҳим, ки дар адабиёт маъмулан роиҷ аст, аз ҷониби худи аҳли эҷод низ борҳо таъкид гардидааст. Адиби маъруфи рус А.А .Фадеев дар ин хусус чунин мегӯяд: «Нависанда дар назди баҳри беканори калима ва мафҳумҳои мухталиф қарор дорад. Барои ифодаи ҳар як иддао ва тасвири образ ба хотири ӯ даҳ, понздаҳ, бист вожа меояд. Аммо аз инҳо мувофиқтарин воҳиди луғавиро бояд интихоб карда гирифт, то он ҳар чиро, ки мебинаду мехоҳад, то ҳадди имкон пурра фаро гирифта тавонад. Баъзеҳо фаромӯш мекунанд, ки ҳатто унсурҳои гуфтугӯӣ ҳам дар асари бадеӣ чунин суханҳое нестанд, ки чун моҳвораи оддиву муқаррарӣ худ аз худ, беихтиёр ба хотир омада бошанд, балки ин таъбирҳоро худи нависанда сохтааст, ки ҷараёни сохташудани онҳо тасодуфӣ ва бешуурона набуда, ҳатто метавон афзуд, ки ин раванди бисёр мураккабу пурмашаққат аст» [8,410].

Аз ин ҷост, ки ба тадқиқ гирифтану бозгӯи намудан аз хусусиятҳои халқии забони асари бадеӣ, муайян намудани мавқеъ ва аҳамияти ҳар як калима, ибора ва таъбироти халқӣ, нишон додани ҷой ва мавриди истифодаи онҳо дар асарҳои назмиву насрӣ аз

воҷибтарину муҳимтарин вазифаҳои аҳли тадқиқ дар забоншиносии тоҷик ба ҳисоб меравад. Вале бояд иқрор шуд, ки дар забоншиносии тоҷик ба ин тарафи масъала то кунун касе аз уламои забоншинос ба таври ҷиддӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи илми пешрафта машғул нашудааст. Танҳо профессорон В.Асрорӣ дар асарҳои худ «Оҳанги халқӣ дар эҷодиёти Рӯдакӣ», «Халқ ва адабиёт», Р.Ғаффоров дар рисолаи «Забон ва услуби Раҳим Ҷалил», А.Мирзоев дар «Биноӣ» ном тадқиқоти хеш, Б.Камолиддинов дар китоби «Забон ва услуби Ҳаким Карим», И.С.Брагинский дар рисолаи «Из истории таджикской народной поэзии», Н. Маъсумӣ дар асари «Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик», Ш.Исмоилов дар китоби «Як омили халқияти забони асари бадеӣ» ва дигарон дар ин бобат каму беш сухан рондаанду бас.

Истифода аз калима, ибора ва таъбироти халқӣ-гуфтугӯӣ қариб дар эҷодиёти ҳамаи адибони гузашта ва ҳозираи форс-тоҷик ба назар мерасад, зеро яке аз омилҳои зарурии таъмини бадеияти забони асарҳои бадеӣ маҳз ҳамин мебошад. Албатта, ҳеҷ як шоир ё нависанда бе таҳриру такмил ва истифода аз унсурҳои халқӣ-гуфтугӯӣ дар эҷодиёти худ, рӯйи таълифи асар кор намегирад. Ба қавли профессор Р.Ғаффоров «Забони халқ ба санъаткор материали хом медиҳад. Санъаткор ин материалро аввал дар лабораторияи эҷодии худ санҷида, дар кӯраи фикр обу тоб дода, баъд ба омма пешкаш менамояд. Маҳз дар ҳамин сурат хизмати бузурги нависанда ҳамчун устоди бузурги каломи бадеӣ намоён мегардад» [4, 22].

Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ устод Боқӣ Раҳимзода дар шеъру достонҳо ва ҳама гуна асарҳое, ки ба қалам додааст, аз калима, ибора, суханҳои ҳикматомез ва забонзади халқӣ васеъ истифода намудааст.

Роҳҳои кор гирифтан аз калима ва ибораҳои халқӣ ва дар чорчӯбаи назм ғунҷоиш додани онҳо дар эҷодиёти устод Боқӣ гуногун мебошанд. Ӯ унсурҳои забони зиндаи халқро дар мавридҳои зарурӣ вобаста ба талаботи услуби нигориш дар ҷои худашон ба кор меандозад, ки ба ин восита хусусиятҳои услуби хоси нигорандагии шоир намоён шуда меистанд. Боқӣ Раҳимзода аз жанрҳои гуногуни эҷодиёти даҳанакии халқ хуб огаҳӣ дошт. Бинобар ин, дар лаҳзаҳои лозим барои фардӣ кардани забони персонаж, аз тарафи дигар барои муассиру образнок ва зинда баромадани сухани тасвирии худ калима, ибораҳои рехтаи фразеологии халқиро мавриди истифода қарор додааст.

Захираи луғавии эҷодиёти Боқӣ Раҳимзода бисёр бою ғанӣ аст. Дар он ба калимаҳое вохӯрдан мумкин аст, ки ё дар забони меъёрии тоҷикӣ тамоман ба кор намераванд ва ё онҳо дар забони зиндаи халқ шинохтаву пазируфта мешаванд.

Шоир аз ин навъи калимаҳо дар эҷодиёташ фаровон истифода намудааст. Барои мисол таркиби феълии **халос кардан**- ро аз шеъри «Номи наҷотбахш» намуна меорем, ки он синоними феълҳои адабии **раҳонидан, наҷот бахшидан, озод намудан** буда, дар забони гуфтории мардум хеле фаъол аст.

Дар байти зерин шоир ба ҷои феълҳои ҳама фаҳми **раҳонидан**, ё **наҷот додан** муодили маҳаллии онҳо **халос кардан-**ро кор фармудааст, ки ин ба хотири таъмини вазни шеър ва ба халқ наздик кардани забони он мебошад:

Аз шарри ҳамагуна сияҳтинату манфур ,
Кардӣ ту **халосаш**, ки ватанмон шуда пурнур… [3, 17].**

Дар шеъри «Ба қаҳрамон» шоир аз байни анбӯҳи феълҳои **нест шудан**, **маҳв шудан**, **торумор шудан** синоними халқии онҳо таркиби **қир шудан-**ро интихоб намудааст, ки ин таркиб эмотсионалӣ дорад ва ҷиҳати муассирии нутқро хубтар таъмин карда метавонад. Ин ва дар ҳамин ҷо нисбат ба синонимҳои худ мувофиқтар аст. Аз тарафи дигар, таркиби **қир шудан** аз нигоҳи услуб ва муҳтаво нисбат ба муродифҳои худ болотар қарор дошта, аз лиҳози маънӣ дараҷаи баланди амал «**тамоман нест шудан, аз чизе ё касе тамоман нишон намондан**»-ро ифода мекунад. Инро устод Боқӣ Раҳимзода хуб дарк намуда, аз он бамаврид кор гирифтааст:

Рӯзи равшан зи дуди бомбаву тир,
Буд пеши назар шаби торик.
Душманон аз зарбаат **ҳамешуд қир**,
Офарин, эй диловари тоҷик [3,17].

Ин таркиби феълӣ дар афсонаҳои халқӣ, эпоси «Гурӯғлӣ» ва забони зиндаи халқ нисбат ба синонимҳои он, ки дар боло овардем, бештар дучор мегардад. Сабаб дарон

** Мисолҳоро аз маҷмӯаи «Роҳи тайшуда»(Душанбе, 1966) гирдоварӣ намудем.

аст, ки таркибҳои **маҳв шудан** ва **тору мор шудан** хусусияти адабӣ-китобӣ доранд, вале феъли **қир шудан** ё **қир кардан** маҳсули забони халқаст.

Вожаи **боб**, ки маънии луғавии он дар забони адабӣ **«мувофиқ, муносиб»** аст, дар таркиби феъли **боб шудан** ва **боб кардан** дар байни халқ ба маънии **«расво шудан, расво кардан»** истеъмол меёбад. Дар шеърҳои устод Боқӣ Раҳимзода ин вожа ҳам ба маънии адабӣ ва ҳам ба маънои халқӣ кор фармуда шудааст:

Ба он ҳама ситамгарон ,
Задед зарбаҳои **боб** [3, 40].

Маънои халқии таркиби феъли мазкур дар шеъри сюжетноки ҳаҷвии адиб бо номи «Як вохурӣ» хеле равшан ба чашм мерасад:

Дил гуфт, ки лаҳзаи шитоб аст,
Бобаш бинамо, ки ҷои **боб** аст [3, 40].

Чунонки мебинем, дар ин байт ду калимаи **боб** оварда шудааст, ки онҳо маънан аз якдигар фарқ карда, дар мавқеи омонимӣ қарор доранд. Маънии **боб**-и якум **«мувофиқи гуноҳаш ҷазододан, расво кардан, беобурӯ кардан»** ва маънии **боб**-и дуюм бошад **«мавриди муносиб, мавриди хубу мувофиқ»** аст. Шоир инчунин калимаи **боб**-ро ба хотири қофиябандӣ бо вожаи **шитоб** низ ба кор бурдааст.

Ба инҳо монанд, исми **шаст,** ки хусусияти гуфтугӯӣ дорад ва дар забони адабӣ синоними он суръат мебошад. Лекин тавассути пешванди **ба-** дар забони халқ шакли **башаст** сохта мешавад, ки зарфи тарзи амал аст. Шоир аз ҳамин шакли **башаст** истифода карда, онро дар бисёр шеърҳояш чун воситаи хуби тасвир кор мефармояд. Дар шеъри «Ойгул Муҳаммадҷонова» ин калима дар мавриди ташбеҳсозӣ, ки қаҳрамони худро ба паррандаи тезчангу ҷасури шоҳин монанд кардааст, чунин ба қалам дода шудааст:

Нозем, ки зеби кишвар астӣ,
Дар гулшани булбулон ту растӣ.
Бешубҳа гули ватанпарастӣ,
Дар ҷанг ту шоҳини **башастӣ** [3,227].

Дар шеърҳои дигари устод Боқӣ Раҳимзода калимаи **башаст** ба маъноҳои гуногун ба маротиб зиёд кор фармуда шудааст. Ин аз он ҷиҳат аст, ки шоир шӯхиро бисёр дӯст медошт ва дар ин калима оҳанги ҳазлу шӯхӣ бештар эҳсос мегарад. Дар ин бобат худи ӯ чунин мегӯяд: «Бештар ман ин калимаро дар шеърҳои ҳаҷвӣ кор мефармоям, чунки сермаъност ва ба суханбозӣ мувофиқ аст».††

Дар баъзе шеърҳои устод Боқӣ Раҳимзода калимаҳои лаҳҷавӣ ва халқӣ-гуфтугӯии **мӯл** ба маънои **«бисёр»**, **дада** ба мафҳуми **«падар», кунд** ба маънои **«бефаҳм»**, **шалпар** ба ҷои **«хаста»**, **пеш** ба мафҳуми **«назд», қапидан** ба ҷои **«доштан, дастгир кардан»** ва ғайра кор фармуда шудаанд, ки онҳо, чи тавре гуфта шуд, моҳияти халқӣ- гуфтугӯӣ доранд ва асосан дар мавзеъҳои алоҳида ба мушоҳида мерасанд. Аз инҳо вожаҳои **мӯл** ва **дада** мансуб ба лаҳҷаҳои шимолии забони тоҷикӣ шинохта мешаванд, воҳидҳои луғавии **шалпар** ва **қапидан** асосан дар доираи интишори лаҳҷаҳои ҷанубӣ истеъмол меёбанд.

Барои ифодаи аҳдоф, зебою хушобуранг ва пуроҳанг баромадани шеър, дар ҷои худ кор фармуда тавонистани калимаҳои халқӣ-гуфтугӯӣ аз адиб маҳорати хосса талаб мекунад. Яке аз сабабҳои дурушту гӯшхарош баромадани шеърҳои баъзе шоирон, ба фикри мо, дар он аст, ки ба ҳамин тарафи масъала чандон аҳамият намедиҳанд ва ҷою мавриди истифодаи калима ва таркибҳои халқиро ба ҳисоб намегиранд.

Устод Боқӣ Раҳимзода дар ин бобат эҳтиёткор буд ва кӯшиш мекард, то калимаҳоеро пайдо намояд, ки оммафаҳм бошанд, дар доираи як ё ду-се лаҳҷа маҳдуд набошанд ва хонандагон ӯро дуруст ва босароҳат дарк намоянд. Шоир бештар калимаҳоеро,ки дар байни халқ роиҷанд ва то ҷое хусусияти умумигуфтугӯӣ пайдо кардаанд,чида-чида дар эҷодиёти худ дар мавридҳои зарурӣ кор мефармояд. Масалан, дар шеъри «Ба дӯстони пахтакори Вахш» калимаи **чаттоқӣ**-ро истифода менамояд, ки дигар калима дар ҳамин маврид ҷойи онро иваз карда наметавонад. Чунки инро рафти тасвири образҳо, манзараи гуфтугӯи қаҳрамони лирикӣ бо халқ, ки ин суҳбат зимни ҳазлу шӯхӣ ба амал омадааст, тақозо кардааст:

Ҳар кӣ имсол кард **чаттоқӣ**,

---

††Аз суҳбати муҳақиқ Садриддин Нурзода бо Боқӣ Раҳимзода оид ба тарзҳои истифода аз эҷодиёти даҳанакии халқ.

Мехӯрад зарби сахт аз Боқӣ [3, 22].

Дар худи ҳамон шеър Боқӣ Раҳимзода аз вожаи **олоидан** истифода менамояд, ки онро устод Рӯдакӣ дар вақташ дар як шеъраш кор фармуда буд:

Яке олудае, ки шаҳреро **биолояд**,
Чу аз говон яке бошад, ки говонро кунад рихин (Рӯдакӣ).

Аммо ин калима ҳоло хусусияти халқӣ касб карда, калима дар байни халқ моҳияти афоризмӣ пайдо намудааст ва Боқӣ Раҳимзода аз он чун унсури забонзаду рехта, ки дар ниҳод маънои қабеҳро нигаҳ медорад, кор гирифтааст. Онро дар мавриде кор фармудааст, ки ӯ ба ашхоси танбал ва коргурезу беор нафрат изҳор кардан мехоҳад:

Ору номусро куҷо донанд?
Шарафи халқро **биолонанд [**3,374**].**

Устод Боқӣ Раҳимзода дар мавриди танқиду ҳаҷви ашхоси муғризу коргурез ҷо- ҷо аз калимаҳои дар тоҷикӣ номаъмули забони русӣ низ истифода ба амал меорад. Барои мисол вожаи **сорняк**-ро мегирем, ки дар забони тоҷикӣ доираи васеи истеъмол надорад ва шоир дар як байт онро чун унсури образсоз ва маҳкумкунандаи рафтору кирдори ашхоси нолоиқ мавриди коргирӣ қарор додааст:

Инчунин одамони кӯрнамак,
Байни мардум истода чун **сорняк** [3,374].

Ба воситаи инкалима шоир одамонеро, ки бар хилофи раъйи ҷомеа аз меҳнат дурӣ мегиранд, сахт танқид карда, мисли алафи бегона ба ҷамъият зараровару нодаркор будани онҳоро таъкид менамояд. Аз тарафи дигар, адиб вожаи русии **сорняк**-ро бо кӯрнамаки тоҷикӣ, ки маҷозӣ буда, дар забони халқӣ-гуфтугӯӣ нисбат ба одамони фиребгару бадтинат хеле бисёр кор фармуда мешавад, қофия кардааст.

Дар шеъри «Чашмаш ало шуд» шоир исми **маҳмез** ва феъли **хез задан**-ро рӯйи кор овардааст. Ин калимаҳо, аз як тараф, ба ҳамдигар қофия шуда бошанд, аз тарафи дигар имкон додаанд, ки адиб тавассути онҳо лаҳзаи барои ҳуҷум тайёрӣ дидани палангро ба таври табиӣ ба тасвир гирад:

Аввал мекард ӯ **маҳмез,**
Пас якбора **мезад хез** [3,379].

Шоир зимни бамавқеъ кор фармудани калимаҳои халқӣ баъзан аз калимаҳои лаҳҷавӣ ва русӣ низ кор мегирад. Инро мо дар шеъри «Ба ҷавони 50- сола М.Раҳимӣ дида метавонем.

Ин унсурҳои луғавӣ барои таъмини бадеияти шеър ва ҳазлу шухӣ, инчунин бо мақсади болида нигоҳ доштани табъи хонанда ба кор рафтаанд:

Ашъори Шумо бишуд баҳам, шуд **монолит**,
Шуд ин **монолит** ба зидди душман **динамит**.
Барканд асоси **шайкаи** ҳар **паразит**,
Аммо дили дӯстон рабуд чун **магнит**.

Дар шеърҳои «Ҳамшираи кӯлобӣ» ва «Шаби Душанбе», ки як андоза хусусияти ҳаҷвӣ доранд, тарзи талаффузи лаҳҷавии калимаҳо риоя карда шудааст. Аммо ин чандон саҳеҳ наменамояд, зеро аз забони зиндаи халқ истифода бурдан чунин маъно надорад, ки адиб ҳар чизеро мешунавад, айнан қабул кунад. Балки адиб бояд унсурҳои лаҳҷавиро санҷида ва эҷодкорона истифода намояд. Он элементҳое, ки интишоротро халалдор месозанд, шоистаи истифода нестанд. Вале ба гумони мо, устод Боқӣ дар ин шеърҳо ин масъаларо ба ҳисоб нагирифтааст.

Таваҷҷуҳ менамоем ба шеъри «Ҳамшираи кӯлобӣ», ки ин ҷо ҳиссачаи **боз** дар шакли **бо** корбаст гардида як навъ диалектизми фонетикиро ба ёд меорад.

Гуфтам, ки плонатро,
То кай бикунӣ иҷро?
Гуфтӣ, ки биёӣ **бо**,
Ҳамшираи кӯлобӣ [3.240].

Дар бадеҳаи «Шаби Душанбе» бошад, чунин унсурҳои лаҳҷавӣ бисёранд. Ин ҷо пасоянди **-ро** дар шакли **-ра** ва бандаки хабарии **аст** айнан дар шакли лаҳҷавии **ай**, ки марбут ба лаҳҷаҳои ҷанубист, оварда шудааст:

ПИСАР:

Шаби Душанбе аҷаб **серунай**,
Баҳри кас роҳати ҷисму **чунай**.

Гуфта **будум**,бигир жемпирта,
Гуфтӣ айб аст, **беостинай**

Пӯш ин якта, ки шаб **салқинай**,
Гуфтӣ ин якта **беостинай**.
Дилакум гарм, каме **истар** шин,
Таҳи **чил** рафт ҳарорат, ана бин.
Ҷонакам, боз шамолат **назана**,
Дил бувад хонаи ҷони ширин.
Истар шин,ки шаб **салқинай**,

ДУХТАР:

Бас-басе дидӣ ту **одамҳора**,
Дида якҷоя ,чӣ гӯянд **мора**?
Хез рафтем як ҷои дигар,
Дили ман майли тамошо **дора**![‡‡]

Боқӣ Раҳимзода ин шеърашро дар радиф ва пайгирӣ ба бадеҳаҳои халқӣ навишта аст. Аммо ин намунаи хуби аз фолклор истифода бурдани шоир шуда наметавонад.

Сабаби дар шеър зиёд будани унсурҳои лаҳҷавӣ ва халқӣ-гуфтугӯӣ дар он аст, ки вай дар асоси оҳанги халқӣ навишта шудааст. Аз тарафи дигар, шоир хостааст бо ин роҳ сатҳи пасти забондонӣ доштани баъзе ҷавонони тоҷикро дар симои ин персонажҳои худ пеши назари хонанда ба ҷилва орад.

Ҳамин тавр, унсурҳои халқӣ-гуфтугӯӣ ва лаҳҷавӣ дар асарҳои устод Боқӣ Раҳимзода фаровон ба кор рафтаанд, ки баъзе аз онҳо санҷидаву дониста рӯйи коғаз оварда шуда бошанд, қисми дигар тасодуфан берун аз ихтиёри адиб рӯйи кор омадаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Асрорӣ В. Халқ ва адабиёт.- Душанбе ,1968.- 175 с.
2. Брагинский И.С. Из истории таджикской народной поэзии .- М., 1956.- 435 с.
3. Боқӣ Раҳимзода.Роҳи тайшуда. - Душанбе, 1966, 515 с.
4. Ғаффоров Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил. -Душанбе,1966.- 223 с.
5. Ғаффоров Р.Нависанда ва забон.- Душанбе,1977, 203 с.
6. Исмоилов Ш. Як омили халқияти забони асари бадеӣ. -Душанбе, 2012.- 120 с.
7. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим.-. Душанбе,1966.-185 с.
8. Колектив.Русские писатели о языке.- Ленинград: Учпедгиз,1955.-460 с.
9. Мирзоев А. Биноӣ.- Сталинобод, 1957.- 490 с.
10. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик.- Сталинобод, 1959.- 293 с.

ОБРАЩЕННИЕ БАКИ РАХИМЗАДЕ К НАРОДНОМУ ЯЗЫКУ

В данной статье подвергнуто изучению литературное наследие народного писателя Баки Рахимзаде - лауреата государственной премии имени «Рудаки», который сочинил огромное количество стихотворных жанров и очерков. Вложил в них народные слова, использовал мудрость таджикских диалектов проживающих в Таджикистане. Баки Рахимзаде подобрал такие диалектные слова, которые доступны жителям той или иной местности.

Ключевые слова*:* народные слова, народные элементы, народное звучание, сравнение, составы ,виды, жанры, очерк, диалект, субстрат, абстракция, эстетическая особенность, художественная литература.

ATTENTION BAQIRAHIMZADE TO PUBLIC LANGUAGE

In given article public writer Boqi Rahim zadepossessing state bonus by name "Rudaki" composed all types of the poems, genres, essay and product. Has put in them public words used the wisdom tajik idiom living in Tajikistan.

The Boqi Rahimzadeselected such dialectal words, that available inhabitant to one or another terrain

Key words*:* public word, public elements, public tone, comparison, types, genres, essay,idiom,substratum, abstraction, aesthetic particularity, artistic literature and others.

[‡‡] Ин шеър аз журнали «Хорпуштак» (№12, 1966) гирифта шудааст.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Саидова Сайёра*** – аспирантка Таджикского национального университета

ВИДЫ И ЗНАЧЕНИЕ ПЕРФЕКТНЫХ ФОРМ В ПЬЕСЕ У ШЕКСПИРА «МАКБЕТ»

Ш.С. Раззокбердиев
Таджикский национальный университет

Выбор именно этого произведения обусловлен тем, что оно представляет собой образец ранненовоанглийского языка, когда перфектные формы еще не сложились окончательно, существовало варьирование форм и значений перфекта, поэтому было бы интересно сравнить ранненовоанглийские формы перфекта и выражаемые ими значения с современным английским языком.

Перфект (лат. «завершенный») – это глагольная форма, выражающая сложную комбинацию видовых и временных значений, а именно тот факт, что результат или следствие ситуации, имевшей место в прошлом, сохраняется к моменту речи. Перфект передает информацию одновременно о событии в прошлом и о положении дел в настоящем, связывая воедино план прошедшего и план настоящего. Как показал анализ материала, в пьесе У. Шекспира употребляются формы перфекта настоящего и прошедшего времени, а также формы Future Perfect in the Past.

Перфект настоящего времени образуется аналитически при помощи вспомогательного глагола to have в форме настоящего времени и формы причастия прошедшего времени смыслового глагола. Основным значением, выражаемым перфектом настоящего времени является выражение действия, совершившееся к настоящему моменту, результат, которого имеется налицо в настоящем времени:

– They have tied me to a stake; I cannot fly, but, bear-like, I must fight the course. – (Act 5 Scene 7) – они привязали меня к столбу; я (Макбет) не могу летать, но, как медведь я должен биться (перевод М. Лозинского) – данный пример иллюстрирует результативное действие, т.е. свершившееся действие по глаголу tie,результат которого (cannot fly) имеется налицо в настоящем времени (Макбета привязали и в результате сейчас он бессилен). Также перфект настоящего времени может выражать:

1) повторяющееся действие:

– I have known those which have walked in their sleep. – (Act 5 Scene 1)

–я знавал людей, бродивших во сне (говорит доктор в беседе с придворной дамой и Леди Макбет). Повторяющееся действие выражено глаголом в перфектной форме have walked – ходили.

2) действие, начавшееся в прошлом и длившееся вплоть до настоящего момента:

-Threescore and ten I can remember well within the volume of which

-time, I have seen hours dreadful, and things strange but this sore sight hath

-trifled former knowings – (Act 2 Scene 4) / Я (старик) семь десятков помню хорошо: за этот срок немало видел страшных и странных дел, но перед этой ночью все – пустяки (перевод М. Лозинского) – длительное действие, начавшееся в прошлом и длившееся вплоть до настоящего момента (Старик на протяжении своей жизни повидал много страшных дел – он был уверен в этом вплоть до той ночи, события которой в миг убедили его в том, что все то, что он повидал когда-то было пустяком по сравнению с этой ночью).

3) действие, совершившееся в более отдаленное время в прошлом:

– Не hath honour'd me of late – (Act 1 Scene 7)/ Он (король) недавн оменя (Макбета) почтил. (пер. М. Лозинского). Данный пример иллюстрирует действие, совершившееся в более отдаленное время по отношению к моменту речи (об этом свидетельствует наречие "of late"(недавно). Здесь мы видим архаичную форму 3 лица единственного числа вспомогательного глагола have-hath – это свидетельствует о том, что формы перфекта еще окончательно не сложились.

4) действие, свершившееся непосредственно к настоящему моменту:

– So foul and fair a day I have not seen (Act 1 Scene 3) – Не видел (Макбет)дня суровей и прекрасней. (пер. М. Лозинского). Пример иллюстрирует выражаемое формой Present Perfect действие, совершившееся непосредственно перед моментом речи, т.к. Макбет именно до момента говорения не видел дня суровей и прекрасней. Глагольная форма have not seen выражает здесь длительное действие (не видел на протяжении длительного времени).

Также отдельного внимания заслуживает следующий пример:

– Withher are they vanish'd? (Act 1 Scene 3/Куда они (ведьмы) исчезли? (пер. М. Лозинского). Глагол vanish в форме перфекта настоящего времени выражает действие, свершившееся непосредственно перед моментом речи – Банко задается вопросом сразу после того как вещуньи исчезли, так и не ответив на вопрос Макбета, почему они им явились. Интерес в данном примере представляет использование вспомогательного глагола be – это архаичная форма, используемая с глаголами движения и перехода в другое состояние (в современном английском необходимо было бы употребить форму have vanished).

5) будущее действие, которое завершится до начала другого действия в будущем:

– And when we have our naked frailties hid, that suffer in exposure, let us

meet and question this most bloody piece of work (Act 2 Scene 3). Данный пример представляет собой перфект настоящего времени, выражающий действие, которое завершится в будущем до начала другого действия.

– Когда мы скроем нашу нагую бренность, страдающую без одежд, позволь нам встретиться и рассмотреть кровавый этот случай (пер. М. Лозинского). Законченное действие в будущем выражено перфектной формой have hid. В данном примере мы наблюдаем разрыв вспомогательного (have) и смыслового глагола (hid) дополнением (our naked frailties), это свидетельствует о том, что в ранненовоанглийский период еще возможна подвижность элементов, порядок слов менее фиксирован, чем в современном английском.

Перфект прошедшего времени образуется при помощи вспомогательного глагола to have в форме прошедшего времени и формы причастия прошедшего времени смыслового глагола. Основным значением перфекта прошедшего времени является выражение прошедшего действия, которое уже совершилось до определенного момента в прошлом:

– Know that it was he in the times past which held you so under fortune,

which you thought had been our innocent itself: this I made good to you in our last conference (Act 3 Scene 1) – Никто другой, как он, в былое время вас держал под гнетом; а вам казалось, будто это я. Безвинный. Я вам это доказал в том разговоре (пер. М. Лозинского). Убийцам долгое время казалось, что это никто иной, как Макбет держал их под гнетом до тех пор пока он не доказал иное в их недавнем разговоре, т.е. действие, совершившееся до определенного момента (до разговора) представлено перфектом had been, а тот самый момент в прошлом выражен эксплицитно и представлен глаголом в форме прошедшего времени made. Также перфект прошедшего времени может выражать: 1) сему предшествования:

– One cried 'God bless us!' and 'Amen' the other; as they had seen me with these hangman's hands. – (Act 2 Scene 2) – Один вскричал: «Помилуй Бог!», другой вскричал: «Аминь», как будто видел эти палаческие руки (пер. М. Лозинского). Сема предшествования в данном примере выражена перфектной формой had seen (люди вскрикнули после того, как будто бы увидели палаческие руки Макбета). Действие по глаголу see предшествует действию по глаголу cry.

2) гипотетическое нереальное действие, относящееся к сфере прошедшего времени:

– Had he not resembled my father as he slept, I had done't. – (Act 2 Scene

2) – формы перфекта прошедшего времени выражают нереальное условие (had not resembled) и следствие из нереального условия (I had done), относящиеся к прошлому (если бы не был похож на отца – я бы это сделала, т.е. убила бы короля). Интересен случай употребления формы Past Perfect для обозначения следствия из нереального условия, для чего в современном английском языке используется сочетание вспомогательного глагола should с перфектным инфинитивом (сейчас считается нормой I should have done it).

В пьесе У. Шекспира «Макбет» нами не найдено ни одного случая употребления перфекта будущего времени, что свидетельствует о том, что данная форма перфекта еще не сложилась в ранненовоанглийский период. Тем не менее, нами обнаружен случай употребления конструкции **Future Perfect in the Past:**

She should have died hereafter. There would have been a time for such a word (Act 5 Scene 5) – Ей (королеве) надлежало бы скончаться позже. Уместнее звучала б эта весть (пер. М. Лозинского). Данный пример иллюстрирует нереальное действие (т.к. королева уже умерла и ничего уже не изменить), относящееся к будущему. Сема будущего времени выражена глагольной конструкцией в форме Future Perfect in the Past- should have died.

Итак, при анализе перфектных форм у Шекспира в пьесе «Макбет» мы наблюдали варьирование форм и значений перфекта. Это объясняется тем, что пьеса написана в ранненовоанглийский период, когда перфектные формы еще окончательно не сложились.

Также в ранненовоанглийский период еще возможна подвижность элементов, порядок слов менее фиксирован, чем в современном английском. Для перфекта настоящего времени характерно употребление архаичной формы вспомогательного глагола 3 лица единственного числа – hath,а также использование вспомогательного глагола be (вместо have) – это архаичная форма, используемая с глаголами движения и перехода в другое состояние.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Смирницкий А.И. Морфология английского языка. – М.: Изд-во литературы на иностранных языках.- 1959. – 440 с. (с.254-255)
2. Шекспир У. Макбет (перевод Лозинского М.Л.). -М.,1933. – 29 с.
3. Shakespeare W. Macbeth. – Saddleback Publishing, 2005. – 88 pages
4. Аракин В.Д. Сравнительная типология английского и русского языков. -М.: Высшая школа, 1972.- 370с.

ВИДЫ И ЗНАЧЕНИЕ ПЕРФЕКТНЫХ ФОРМ В ПЬЕСЕ У. ШЕКСПИРА «МАКБЕТ»

Выбор именно этого произведения обусловлен тем, то оно представляет собой образец раннего английского языка, когда перфектные формы еще не сложились окончательно, существовало варьирование форм и значений перфекта, поэтому было бы интересно сравнить ранние английские формы перфекта и выражаемые ими значения с современным английским языком.

Ключевые слова: значение аспекты, семантика, методология, структура, понятие, тенденция, лингвистика, вид, термин, пьеса, период.

KINDS AND MEANING OF PERFECT FORMS IN U.SHAKESPEARE'S PLAY «MACBETH»

The choice of this product is caused by it represents the sample early English language when perfect forms have not developed yet definitively, there was a variation of forms and values of a perfect, therefore it would be interesting to compare early English forms of a perfect and values spoken by them to modern English language.

Key words: meaning, aspects, semantics, methodology, structure, meaning, tendenthy, linguistics, kind, term, play, period.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Раззокбердиев. Ш.С.*** – аспирант общеуниверситетской кафедры английского языка Таджикского национального университета. Телефон: **93-454-77-07 ; sharafjon 22@ mail.ru**

СЕМАНТИКАИ НАРМГУФТОРӢ ДАР ВАСОИТИ АХБОРИ ОММА

Мушаррафа Чӯраева
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Нармгуфторӣ дар забон истилоҳест, ки маъмулан барои номбар намудани воситаҳои мухталифи ифодакунандаи муносибатҳои иҷтимоии байни гӯянда, шунаванда ва шахсоне, ки дар бораи онҳо сухан меравад, ба кор бурда мешавад. Мувофиқи ақидаи Формановская Н.И. иштирокчиёни коммуникатсия дар ҷараёни муошират нақшҳои гуногунро иҷро менамоянд, ки ҳуқуқу вазифаҳои коммуникантҳо ва маҳдудиятҳои рафтори коммуникативӣ бо ҳар яки он алоқаманд мебошанд. Нақшҳои асосии коммуникативӣ нақшҳои адресант (гӯянда), адресат (шунаванда), адресати ғайримустақим (дуюмдараҷа) ҳамчун иштирокчии фаъоли муошират ва ё мушоҳид ҳамчун иштирокчии ғайрифаъоли муошират мебошанд [6,66]. Дар тамоми дунё одамон ба ҳамдигар тибқи қоидаҳои одоби муошират боэҳтирому муаддабона муносибат менамоянд ва табиист, ки забонҳои гуногуни дунё ин падидаҳоро дар худ инъикос мекунанд. Ба таври илмӣ ифода намоем, категорияи эҳтиром универсалияи функсионалӣ-семантикӣ аст, вале дар баробари ин ҳар як забони миллӣ хусусиятҳои хоси худро дорад. Чунончи, дар забони японӣ категорияи луғавӣ-грамматикии эҳтиром мавҷуд аст. Дар ин забон воситаҳои зиёди калимасозӣ, сарфӣ ва луғавӣ мавҷуданд, ки бо ёрии онҳо шаклҳои ифодаи муносибати гӯянда ҳам ба адресат, ҳам ба объекти нутқ – аз шаклҳои тантанавӣ-расмӣ ва бетарафонаву муътадил то дӯстона ва ҳатто густохона сохта мешаванд [1,4]. Дар забони тоҷикӣ чун аксар забонҳои олам чунин нишондиҳандаи грамматикӣ мавҷуд набошад ҳам, воситаҳои ифодаи эҳтирому назокату одоб хеле зиёданд. Дар ин маврид ҳам воситаҳои луғавӣ, ҳам категорияҳои шахсу шумора, шаклҳо ва сиғаҳои феъл, албатта, ифодаи одоби муошират, ҳам муқобилгузории шаклҳои ту-Шумо, инчунин муродифоти наҳвӣ (масалан, амр

тавассути саволи риторикӣ, сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ ва тарзи пассиви ифода) мавқеи муҳим доранд.

Маълум аст, ки ВАО манбаи воситаҳои нави муошират буда, дар баробари ин маъно ва соҳаҳои фаъолияти шаклҳои мавҷудаи муоширатро васеъ менамоянд. Солҳои охир ба нутқи шифоҳӣ ва маҳорати нутқи шифоҳии оммавӣ таваҷҷуҳ бештар мегардад. Нуфузи муоширати муколамавӣ торафт афзуда, як навъ диалогизатсияи ҳаёти иҷтимоии иттилоотии ҷамъият ба амал омада истодааст [3,4]. Доираи муоширати анъанавии хаттӣ торафт маҳдуд гардида, ба шаклҳои шифоҳии муоширати байниҳамдигарӣ афзалият дода мешавад.

Дар мавриди таҳлили инкишофи ВАО-и тоҷики солҳои охир дар мавриди истифодаи воситаҳои ҳусни баён ва асноҳои одоби муошират, аз ҷумла самимияту эҳтиром, хусусан, дар забони радиову телевизион, ки фазои мусоиди муоширати зиндаи байни адресант ва адресат аст, як навъ пешравӣ мушоҳида карда мешавад. Маҳз ба журналистони телевизиону радио озодии сухан ва суханпардозӣ хос аст, ки ин дар навбати худ барои зоҳир намудани хусусиятҳои фардии онҳо имконият медиҳад. Дар баробари ин нутқи журналистон торафт бештар бадоҳатан, озод ва муассир сурат мегирад.

Ба ақидаи В.Г. Костомаров: «Телевизион бо он хусусияташ фарқ мекунад, ки он кадом як забони нав аст, на хаттист, на шифоҳӣ, на гуфтугӯйист, на китобӣ, балки он забони махсуси масс-медиа аст» [2,15]. Имрӯз доманаи фарохи имконоти радиошунавонӣ ҳам эътироф гардидааст: бо вуҷуди ба воситаҳои муассири на чандон зиёд доро будан, радиожурналист дар ихтиёри худ миқдори бемаҳдуди шаклҳои бо ин воситаҳои муассир сохташударо дорад, ки дар назди микрофон ва дар эфир дар мавридҳои муайян барои офаридани факту ҳодиса ва ҳолатҳои гуногунсатҳи ҳастии ҷамъият ва ҳаёти шахсии одамон имконият медиҳанд [7, 122].

Дар пойтахти Тоҷикистон – шаҳри Душанбе чор шабакаи асосӣ– Шабакаи аввал, «Сафина», Ҷаҳоннамо, инчунин шабакаи кӯдакон ва наврасон «Баҳористон», радиостансияҳои «Тоҷикистон» ва «Садои Душанбе» фаъолият менамоянд, ки дар нутқи журналистони онҳо шаклҳои наву гуногуни воситаҳои муошират нармгуфториро дар мавридҳои муроҷиат, пазироӣ, хайрухуш ва истифодаи шаклҳои ту// Шумо дидану шунидан мумкин аст.

Дар муқоиса бо шабакаҳои марказии Россия «ОРТ» ва «РТР», ки дар штати корияи онҳо аз моҳи апрели соли 1995 вазифаи наттоқон ё дикторҳо дигар вуҷуд надошта, танҳо барандагон ва шореҳон боқӣ мондаанд, ки дар гуфтор озод буда, ба зоҳир намудани фардият ва эҷодкории хеш имконият доранд [3,4], дар штати шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон наттоқон то ҳол фаолият менамоянд. Вазифаи асосии онҳо аз хониши иттилооти тайёр, қонунҳо, амру фармонҳои ҳукумат ва монанди ин бидуни ҳар гуна эҳсосот ва импровизатсия иборат мебошад.

Зимнан хусусиятҳои хоси замони мо, тамоми сохти ҳаёти имрӯза барои наздик шудани нутқи китобӣ ва шифоҳӣ мусоидат менамояд. Майлу рағбат ба экспрессияи нутқ бо тамоюлоти «баробарии коммуникативии адресант ва адресати нутқ», ки бо «сатҳи маърифати то андозае якхела ва чун натиҷа хушзеҳнӣ ва рамузфаҳмии адресат» асоснок мегардад, шарҳ дода мешавад [4,32]. Баробар намудани мавқеъҳои коммуникативии «гӯянда ва шунаванда», яъне «адресант ва адресат» яке аз дигаргуниҳои муҳим дар сохтори забони ВАО-и муосири тоҷик, аз ҷумла радиову телевизион мебошад. Ҳамин тавр, аломатҳои забоние, ки бо нармгуфторӣ алоқамандand, ғайриихтиёрӣ буда, бевосита қонуниятҳо ва низоми ҷамъиятиро инъикос менамоянд. Аз таҳлили маводи ВАО-и муосир маълум мешавад, ки дар нутқи журналистони мо лексикаи зиёди ифодакунандаи самимияту эҳтиром ҳам нисбат ба бинандагону шунавандагон, ҳам нисбат ба ҳамсуҳбатон истифода мегардад. Махсусан, барномаҳои «Ораз» - и ТВ «Сафина», «Вожазори маонӣ» - и ТВ «Сафина», «Як соат» - и ТВ «Баҳористон», «Ҳукм» - и ТВ «Сафина» ва ғайраҳоро номбар кардан бамаврид аст. Қобили зикр аст, ки ифодаи самимияту эҳтиром, ки бо ин ё он воситаи изҳори таваҷҷуҳ нисбат ба ҳамсуҳбат ва ё шахси ғоиб алоқаманд аст, аксар вақт дар таносуб бо ифодаи «фурӯтании» гӯянда сурат мегирад. Маҷмӯи муайяни формулаҳои одоби муошират ба гӯянда имконият медиҳанд, ки ба иззати нафси мусоҳиб нарасад ва маҳорати аз қоидаҳои эҳтироми дар ҷамъият маъмулу ҷоришуда истифода бурда тавонистанашро зоҳир намояд. Баъзе шаклу конструксияҳое махсусе, ки бевосита ҳангоми муроҷиат ба

мусоҳиб, масалан, дар мавриди пазироӣ ба кор бурда мешаванд, маъмулан универсалианд. Чунончи:

1. Салом, бинандагони азиз! Рӯзу рӯзгоратон, ҷоҳу ҷалолатон, фазои кошонаатон пур аз хубиву хушиву пур аз файзу баракат бошад! Ба таваҷҷуҳи шумо боз як барномаи навбатии «Вожазори маонӣ» дар таҳияи гурӯҳи эҷодии мо» - («Сафина». 2012г.)
2. Салом арз мекунем ба кулли алоқамандони телевизиони «Баҳористон»! Шом ба хайр, дӯстони азиз, бо фаро расидани вақти мусоид намоиши «Як соат»-ро манзуратон мегардонем. Агар хоҳед, ки вақтатонро хуш гузаронед, пас тӯли як соат моро ҳамроҳӣ намоед («Баҳористон» 2012).
3. Бо қалби пур аз меҳру садоқат салом арз мекунем ба таваҷҷуҳи ҳар яки шумо, сомеони азиз, шунавандагони гиромӣ. Инак, боз барномаи «Дунёи ҷавонӣ» аст танинандоз дар кошонаҳои шумо («Тоҷикистон», 2012).
4. Субҳ ба хайр, боз «Ораз» аст меҳмони кошонаҳои шумо, дӯстони азиз! (Ораз. 2012).
5. Дуруди бепоён нисоратон бод, тамошобинони азиз ва мухлисони барномаҳои телевизиони «Баҳористон» (Баҳористон, 2012). Тавре ки аз мисолҳои дар боло овардашуда мебинем, ҳангоми пазироӣ дар радиову телевизион бештар калимаи умумиистеъмолии «салом» (шакли кӯтоҳи «ассалому алайкум»-и арабӣ) ба кор бурда мешавад. Зимнан чунин шаклҳои одоби пазироӣ, ба мисли «субҳ ба хайр», «шом ба хайр» ба нутқ як навъ оҳанги экспрессивӣ илова менамояд ва боиси хурсандист, ки чунин шаклҳо низ кам истифода намешаванд. Дар баробари ин пойдории боэътимоди роҳи алоқа, таъсири ҳамзамон ба хираду эҳсосоти адресат тавассути тавъам намудани воситаҳои маъмули ифодаи одобу назокат ва корбасти импровизатсионии экспрессивии онҳо ба даст оварда мешавад. Чунин матнҳои пазироӣ шунавандаи худро гӯё бо як навъ эҳсосоти гуворо иҳота намуда, ӯро дар фазои позитив фаро мегиранд. Ин ба журналист имконият медиҳад, ки бо роҳи офаридани фардият ва ҷозибаи махсус аудиторияи «худ»-ро ҷалб намояд. Масалан, пазироӣ дар шакли «Дуруди бепоён нисоратон бод» (ҷумлаи 5) чунин қувваи ҷозибаро дорост, зеро «дуруд» дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» якчанд маънӣ – «дуруд» - дуо, ниёиш, ибодат, лутфу марҳамат, таҳсин, мадҳ, сано, салом гуфтан, таҳният гуфтан, салому хабар расонидан-ро ифода мекунад [4,404]

Бо ҳама хоҳиш ва ҷидду ҷаҳди ҷалби аудиторияи хеш он ҳамеша номуайяну номаълум аст, яъне оммавист ва аз ин рӯ, аз рӯйӣ шавқу рағбат, ҷинсият, сатҳу савияи маърифатнокӣ, ақидаву эътиқод, ҳолату рӯҳия мухталиф аст. Аз ин сабаб диққати аудиторияро бештар дар худи протсесси муошират ба даст оварда тавонистан зарур аст. Барои ин зарур аст, ки таваҷҷуҳи аудитория тавассути дар фосилаҳои на чандон зиёд дигар кардани мароми барнома, гуногунрангии мундариҷаи сенсатсионӣ ва аз ҳама асосӣ бо баёни фикру ақидаи таъсирбахш, «дом»-ҳои гуногуни диққатҷалбкунанда ҷалб карда шавад [3, 21]. Дар ин самт нақши қоидаи асосии васоити ахбори оммаро зикр кардан ниҳоят муҳим аст: «Бо мо бимонед». Барандагони барномаҳои «Ораз» (ТВ Сафина) ва «Як соат» (ТВ Баҳористон) аксар вақт дар нармгуфтории хеш аз воситаҳои забонии ифодакунандаи ҳамраъйӣ ва ҳамфикрӣ, ки як навъ вазифаи муттаҳидгардонии тамошобинонро бо гӯянда адо мекунад, истифода мебаранд. Чунончи:

1. Бинандагони азиз! Намоиши «Як соат» аст тақдими шумо! Бо мо бимонед! (Як соат.2012)
2. Ва ин навбат ҳақиқати яке аз асрорҳои табиат пешкаши шумост. Тамошо мекунем, бахши «Як ҳақиқат» (Як соат. 2012).
3. Агар саҳифаҳои мо ба бинандагон писанд омаданд, мо хушҳолем. Бо мо бимонед ва зиндагиро аз назари дигар хоҳед дид (Як соат, 2012).
4. Беҳтараш бо ҳам мебинем (Ораз, 2012).
5. Дӯстони азиз! Бахши навбатии мо оид ба фаъолияти равшанзамирон маълумот хоҳад дод. Бо мо бошед! Моро тарк накунед! (Ораз, 2012)

Ҳамаи ин воситаҳо ба муаллиф имконият медиҳанд, ки ба адресат, яъне шунаванда наздик шавад, эътимоди ӯро ба даст орад ва ба ақидаву гуфтаҳои худ бовар кунонад. Дар ин самт инчунин қайд кардан зарур аст, ки ҳангоми бевосита дар эфир муаррифӣ кардани мусоҳиб, пазироии ӯ, ифодаи муносибати субъективӣ, хайрухуш ва асноҳои дигари нутқ воситаҳои зиёди лексикӣ ва грамматикии ифодакунандаи эҳтирому самимият корбаст мешавад, ки таҳлили ҷудогонаро тақозо менамояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Алпатов В.М. Категория вежливости в современном японском языке. - М.: Наука, 1973. - 109 с.
2. Костомаров В.Г. Языковой вкус эпохи.- СПб: Златоуст, 1999. – 320с.
3. Пахомова И.Н. Новые явления в русском речевом этикете: на материале средств массовой информации. Дисс. на соискание уч. ст. канд.фил.наук. – Москва, 2008
4. Радиожурналистика // Под ред. Шерель А.А. – М.: Издательство Московского университета, 2000
5. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – Москва, 1969. Ҷ.I. – 951с.
6. Федосюк М.Ю. В каком направлении развивались стили русской речи XX века // Филология и журналистика в контексте культуры: Материалы Всерос. науч. конф. Вып.4. Ростов-на-Дону, 1998. – с.32-38
7. Формановская Н.И. Речевое общение: коммуникативно-прагматический подход. – М.: Русский язык, 2002.- 216с.

СЕМАНТИКА ВЕЖЛИВОСТИ В СРЕДСТВАХ МАССОВОЙ ИНФОРМАЦИИ

Вежливость – термин, традиционно используемый для обозначения разнообразных средств языкового выражения социальных отношений между говорящим, слушающим и людьми, о которых идет речь. При анализе развития таджикских СМИ в последние годы наблюдается некий прогресс в употреблении речевого этикета и ситуациях речевого общения, в частности, уважительности и вежливости, в особенности, на телевидении и радио, где происходит живой диалог между адресантом и адресатом. Именно журналистам телевидения и радио свойственна речевая свобода и речетворство, которые в свою очередь позволяют выражать их индивидуальные особенности.

Ключевые слова: вежливость, коммуникация, адресант, адресат, средства массовой информации, этика общения, радио и телевидение, почтение и уважительность

THE SEMANTICS OF POLITENESS IN MASS MEDIA

Politeness – term traditionally using for designation of various means of language expressions of social relations between speaking, listening people and people, being the topic of discussion. In the time of analyses of tajik Mass Media's development during last years, it is possible to observe some progress in using of speech etiquette and situations of spoken contact, in particular, in television and radio, where the sender and addressee make a real dialogue. Exactly journalists of television and radio have a freedom of speech and also have an opportunity for speechmaking. It permits them to express their individual singularities.

Key words: politeness, communication, sender, addressee, Mass Media, contact ethics, radio and television, respect and respectfulness.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Джураева Мушаррафа Рустамовна***- докторант кафедры стилистики и литературного редактирования факультета журналистики Таджикского национального университета.

ДОИР БА БАЪЗЕ ҒАЛАТҲОИ ИВАЗ ШУДАНИ ҶОЙИ ҶУЗЪҲОИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ

Мадина Бекназарова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Воҳидҳои фразеологӣ аз категорияҳои хеле муҳими забон дар ифодаи фикр ба шумор мераванд. Аз онҳо ҳамаи соҳибони забон дар зинаи дониши худ истифода мекунанд. Воҳидҳои фразеологӣ ҳамон унсурҳои муҳими забон ҳастанд, ки дар ҳама услубҳои нутқ, бахусус услуби бадеӣ ва гуфтугӯйӣ ба кор бурда мешаванд. Ба қавли И. Ҳасанов «Забони миллии тоҷик аз ибораҳои машҳур ва вирдизабоншуда бой буда, ба тарзи илмӣ омӯхтан ва таҳлил намудани онҳо барои муайян кардани ҳаҷм, ҳудуд, мақсаду моҳият ва хусусиятҳои экспрессивию эмотсионалии воҳидҳои фразеологии забони умумихалқии тоҷик аҳамияти калони илмӣ ва амалӣ дорад» [5,89]. Албатта, ҳамин хусусияти воҳидҳои фразеологӣ аст, ки имрӯзҳои ба тадқиқи онҳо олимони зиёде машғуланд.

Дар ин мақола мо мехостем дар бораи баъзе паҳлуҳои истеъмоли ибораҳои рехтаи феълӣ андеша баён кунем. Чунонки дар болотар ҳам гуфта шуд, аз воҳидҳои фразеологӣ ҳама истифода мебаранд, аз мардуми одӣ сар карда то донишмандону олимон ҳама аз рӯйи савияи фаҳмиши худ нутқашонро бо онҳо оро медиҳанд. Соҳибзабонон, рӯзноманигорон гоҳо воҳидҳои фразеологиро дар саҳифаҳои матбуот

хеле моҳирона, бамаврид корбаст мекунанд: *Рӯзе* ***даству дил аз зиндагӣ шуста****, кордро гирифтаму рагҳои дастонамро буридам* (Муҳаббат ва оила.-2010.-14.10.); … *аз саҳар то бегоҳ дар майдони пахта* ***арақи ҷабин мерезад****…* (Нигоҳ.-2010.-10.11.) *Мо дар он замон гуфтем ва имрӯз ҳам мутмаинем, ки набояд* ***бозичаи дасти дигарон шуд*** (Нигоҳ.-2010.-12.03).

Воҳидҳои фразеологии дар боло овардашуда хеле ҷолиб, зебо, бамаврид омадаанд, бахусус ибораи феълии ***арақи ҷабин рехтан*** хоси услуби публитсистӣ, хоси жанрҳои таҳлилии матбуот очерку лавҳа аст, ***бозичаи дасти дигарон шудан*** ҳам ҳамин гуна хусусият дорад, аммо маълум аст, ки он нисбатан дар забони матбуот нав аст. Арақи ҷабин рехтан дар луғат ба маънои заҳмати зиёд кашидан, меҳнати ҳалол кардан маълум аст. Ин ибораи феълии фразеологӣ дар адабиёти классикӣ низ маъмул будааст ва аз ҳама аҷибаш ин аст, ки қолабҳои гуногуни рехта ба он хос будаанд. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» дар чунин шаклҳо онро дучор меоем: «*арақ афшондан – меҳнат кардан, заҳмат кашидан:*

Ганҷ бардошт, хок агар бишкофт,
Арақе гар фишонд, гавҳар ёфт (Бедил).

Ғарқи дарёи арақ гаштан *– бисёр заҳмат кашидан:*

Ғарқи дарёи арақ гаштан ба касби эътибор,
Дар муҳити обрӯ худро шиновар доштан» (*Асирӣ,* 7,81).

Чунон ки мебинем, худи ҳамин як маънои заҳмат кашидан бо қолабҳои гуногуни як воҳиди фразеологӣ ифода гардидааст. Яъне муроҷиат кардан ба осори классикон ва хазинаи пурганҷи адабиёти ҳазорсолаамон ба бисёр саволҳои мо ҷавоби тайёр дорад. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, имрӯзҳо дар саҳифаҳои матбуот, аз тариқи воситаҳои электронии ахбор ифодаҳои ночаспон, ғалат ва нодаркориро бисёр вомехӯрем. Як ғалати маъмул, ки инро усодони санъати сухан ва ҳусни баён низ такрор ба такрор гуфтаанд, ба ҷойи як воҳид истифода кардани воҳиди дигари фразеологӣ ё бар ғалат иваз кардани як ҷузъи воҳиди фразеологӣ бо ҷузъи дигар аст: *Вақте ниҳоли шиондаи одамро мекананд,* ***дили ӯро мекананд*** (Нигоҳ.-2009.12.03.); *Шумо устоди азиз, чанд вақт бо* ***дили пора*** *дар бистари беморӣ хобидед, аммо бисёр кам маъюсу маҳзун будед* (Адабиёт ва санъат.-2010.-03.06.)

Дар ҷумлаи якум ибораи фразеологии феълии *дил кандан* ғалат *дили касеро кандан* гуфта мешавад. Ибораи *дил кандан* маънои «*аз чизе даст кашидан, чизеро барои худ беарзиш ҳисоб кардан, аз чизе муҳаббати худро сард кардан*»-ро дорад. Аммо ибораи фразеологии *дили касеро кандан* вуҷуд надорад, агар *дили касеро кандан* гӯем, он маънои аслӣ дошта метавонад. Дар мавриди дуюм бошад, дили пора ибораи фразеологӣ аст, аммо мавриди истеъмолаш нодуруст аст. Ибораи *дили пора, дили дуним* дар луғат ба маънои сахт андӯҳгин шудан омадааст [7,371]. Ибораи дили пораро маъмулан дар мавриде истифода мебаранд, ки гӯянда аз дидани чизе, ҳодисае дилам пора шуд, яъне дили пора ифодагари як лаҳзаи ҳолати рӯҳии инсон аст. Аз ин ҷиҳат дар ҷумлаи боло мавриди истеъмолаш нодуруст аст.

Воҳидҳои фразеологӣ бо сабабҳои гуногун ғалат корбаст мешаванд. Яке аз сабабҳои асосии ғалат кор фармудани воҳидҳои фразеологиро профессор Б.Камолиддинов чунин шарҳ медиҳанд: «Воҳидҳои фразеологӣ мисли калимаву таркибҳо кӯтоҳу яклухт нестанд, ки осон ҳифз гарданд, ва ҳар гоҳ ки эҳтиёҷ афтад, беғалат кор фармуда шаванд» [2,47]. Муаллиф таъкид мекунад, ки ин сабаби ягонаи ғалат кор фармуда шудани воҳидҳои фразеологӣ нест.

Мисолҳои аз саҳифаҳои матбуот доир ба воҳидҳои фразеологӣ ба дастомада нишон доданд, ки сабабҳо ва бахусус навъҳои ғалат кор фармудани онҳо гуногун аст.

1.Аз ҷумла, яке аз навъҳои ғалат кор фармудани воҳидҳои фразеологӣ ба ҷои як воҳиди фразеологӣ кор фармудани воҳиди дигар аст: *Шавҳарам ҷавони бисёр* ***чусту чолок*** *буд ва дар як муддати кӯтоҳ* ***дар дилу дидаи ман худро ҷой намуд*** (Зан ва мард.-2008.-18.12.) Дар ин ҷумла ду воҳиди фразеологӣ кор фармуда шудаанд, ки ҳар ду ҳам бемавриданд, бахусус ба ҷойи таркиби фразеологии *чусту чолок дидадаро* гуфтан беҳтар буд, зеро твркиби устувори *чусту чолок* бо ибораи *дар дилу дидаҳо ҷо шудан* таносуби маънӣ надорад, *чусту чолок* кореро анҷом медиҳад, аммо *дилёб* ба дили мардум роҳ меёбад. Дар ҷумлаи *Бинобар ин Фарҳодро ба ҷуз* ***лаб зери дандон гирифта*** *тоқат кардан дигар илоҷе надошт* (Муҳаббат ва оила.-2010.-21.10.) низ ибораи фразеологии *лаб зери дандон гирифтан*, ки аслан *лаб газидан* аст, нодуруст ба кор рафтааст. *Лаб зери дандон гирифтан, лаб газида мондан ё лаб газидан* маънои *пушаймон шудан, афсӯс хӯрдан*ро

дорад, аммо дар мавриди тоқат кардан *дандон ба дандон мондан* мегӯянд. Дар ин ҷумла ғалати дигар, ки шояд иштибоҳи техникӣ бошад, ба назар мерасад, феъли фоилӣ ба ҷои феъли мафъулӣ оварда шудааст, ҳол он ки бояд *илоҷе набуд* гуфта шавад, на *илоҷе надошт*, зеро *Фарҳод* пуркунандаи бевоситаи суратёфта аст.

2. Ғалати дигар иваз шудани ҷойи як ҷузъ бо ҷузъи дигари воҳиди фразеологӣ аст: *Ҳамон вақт ҳам чашмони сагера бечо буд. Ҳоло бошад, бо чашмонаш дилу ҷигари одамро мехӯрад* (Муҳаббат ва оила.-2010.21.10.). Аслан чунин воҳиди фразеологӣ вуҷуд надорад, дилу ҷигари касеро хӯрдан маънои касеро бисёр азоб додан, азоби рӯҳӣ доданро дорад, чунон ки дар мавриде гӯем, ки *Ин фарзанд маро хеле азоб медиҳад, дилу ҷигари маро мехӯрад, то гуфтагиашро ба ҷо наорӣ, намегузорад.* Ҳол он ки, ин нависандаи ин сатрҳо гуфтан мехоҳад, ки *бо чашми бад нигоҳ мекунад, бо нигоҳаш сӯрох мекунад.* Мутаассифона ин гуна ғалатҳо фаровонанд, дар мисоли зер низ айнан ҳамин гуна омезиш ёфтани ҷузъҳои ду воҳиди фразеологӣ ба ҳам ба назар мерасад: *Бо кадом сабаб бечора бачаро ба чунин аҳвол овард? – гӯён Хосияти берӯ боз* ***ба рӯйи модари ҷигарсӯхта оташ мерехт*** (Муҳаббат ва оила.-2010.-4.10.). Дар забони тоҷикӣ воҳиди фразеологии ***ба рӯйи модари ҷигарсӯхта оташ мерехт*** вуҷуд надорад. Ин ҷо низ ҷузъҳои ду воҳиди фразеологӣ ба ҳам омезиш ёфтаанд: якум, *ба оташи касе равған рехтан,* ки маънои *газаби касеро боз ҳам афзун карда*ро дорад ва *болои сӯхта намакоб рехтан,* ки маънои «*ба болои дарду ғами касе дарду ғами нав зам кардан*»-ро доранд. Рӯзноманигор аз надонистани асли ин воҳидҳои фразеологӣ ду воҳиди фразеологиро ба омехта як воҳиди фразеологии мантиқан ғалатро сохтааст. Дар ин маврид профессор Б. Камолиддинов дуруст таъкид мекунанд, ки: «*Дар воҳидҳои фразеологӣ калимаҳо ба тарзу воситаҳои муайяни грамматикӣ алоқаманд шуда, ифодаи яклухти рехтаро ташкил медиҳанд. Аз як тараф ягонагии маъни ҷузъҳо ва маънои томи ибора, аз тарафи дигар, қолабҳои муайяни наҳвӣ ва алоқаи пойдору устувори ҷузъҳо имкон намедиҳад, ки калима, воситаҳои грамматикӣ, ҳатто тартиби калимаҳо дар дохили воҳидҳои фразеологӣ тағйир дода шавад*» [2,48]. Гоҳо рӯзноманигорону қаламбадастон ҳамин ҷиҳати нозуки воҳидҳои фразеологиро ба инобат намегиранд.

3. Ғалати дигаре, ки дар истеъмоли воҳидҳои фразеологӣ ба назар мерасад, такрори бемавриди калимаҳои ҳаммаънои воҳидҳои фразеологӣ аст. *Вай духтарашро бо чеҳраи қушода дида, ба дил шукрона намуда* ***бо қадами нек ба хонаи қудо қадам ранҷа кард*** (Муҳаббат ва оила.-2010.-21.10.). *Қадам ранҷа намудан* маънои «*ранҷ кашида, азият дида ба ҷое рафтан*»-ро дорад, аз ин рӯ, аз рӯйи одоб ва нишонаи хоксорӣ, агар ба хонаамон меҳмони арҷманд ояд, ба хабаргирии мо касе ояд, муроот карда мегӯем, ки ман бояд ба дидани шумо мерафтам, маъзарат мехоҳам, ки ранҷ кашида омадед. Аз ин лиҳоз, дар дил шукр ки кардем, *қадам ранҷа кардам* намегӯем. Аз ҷониби дигар, *бо қадами нек… қадам ранҷа кардан* такрори лафзӣ аст.

Дар мисоли дигар *Ғайри гиря* ***даству пояш ба коре намерафт*** (Зан ва мард.-2008.-18.12.) низ воҳиди фразеологӣ ғалат ба кор рафтааст. Дар мавриди чида карда овардани аъзоҳои ҷумла як ғалати маъмул ин аст, ки ҷузъҳои асосии феълҳои таркибиро бо як феъли ёридиҳанда, ки танҳо ба яке аз феълҳо алоқаманд аст, хулоса мекунанд, чунончи ба ҷойи он ки *кор мекунанд ва назар меандозанд* гӯянд, *кор ва назар меандозанд* мегӯянд, ки ғалат аст. Ба мисли ҳамин дар ибораи фразеологии боло ҳамин ду ғалат ҳаст. Аввал ин, ки аслан ин ҷо ду воҳиди фразеологии ҷудогона аст: *дасташ ба коре намеравад* ва *пояш намекашад.* Муаллиф ҳам ин ду воҳиди фразеологиро барғалат чун ҷузъҳои як воҳиди фразеологӣ чида карда овардааст, ғалати дуюм ин аст, ки нависанда гӯё гуфтанист, ки *даству пояш фақат ба гиря мерафт*, ки ин комилан ғалат аст. Ана ҳамин гуна ғалатҳо дар забони матбуот ва воситаҳои дигари ахбори омма хеле зиёданд, ки аз бемасъулиятӣ, хунукназарӣ нисбат ба забони модарӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Дар мавриди воҳиди фразеологии *панҷ панҷааш* ҳунар ҳанӯз соли 2001 профессор Б. Камолиддинов мулоҳиза баён карда гуфта буданд: «*Ин таъбир дар забони тоҷикӣ қаринаҳои* ***панҷ ангушташ ҳунар, панҷ панҷааш ҳунар, даҳ ангушташ ҳунар, даҳ дасташ ҳунар*** *дорад, вале дар байни онҳо фақат* ***панҷ ангушташ ҳунар*** *аз лиҳози мантиқи сухан ва таносуби маъноии ҷузъҳо нуқсоне надорад ва ба меъёри забони адабӣ мувофиқ аст..*» [2, 48]. Мутаассифона ин ғалат то ҳол дар забони матбуот ба назар мерасад: *Он духтарро қуръонхону* ***панҷ панҷааш ҳунар*** *гуфта, таъриф намуданд…* (Муҳаббат ва оила.-2010.-21.10.).

4. Навъи маъмули ғалат дар истифодаи воҳидҳои фразеологӣ ғалатҳои услубӣ ва тобиши маъноии онҳо аст. Гоҳо рӯзноманигорон ба тобишҳои маъноии воҳидҳои

фразеологӣ аҳамият намедиҳанд. Воҳиди фразеологии лабу лунҷи касе овезон маънои хира *будани табъи каса*ро дорад, аммо тобиши маъноии манфӣ дорад: - *Нилуфарҷон, хайр ҳамааш гузашт, ту ин қадар* ***лабу лунҷатро овезон накун*** (Муҳаббат ва оила.-2010.-14.10.) Аз як ҷониб *Нилуфарҷон* ки гуфтем, *лабу лунҷат овезон* гуфтан номутаносуб аст.

5. Мувофиқат накардани шумора дар воҳидҳои фразеологӣ: *Шукронаи Парвардигор, ки ҳама****аш*** *паси сар* ***шудан****д*… Дар ин ҷо ***ҳамааш паси сар шуд*** бояд гуфта шавад.

Ба ин тариқа, дар забони матбуоти даврӣ типҳои гуногуни ғалатҳоро дучор омадан мумкин аст, ки аз надонистани забон, аҳамият надодан ба тобишҳои маъноии унсурҳои воҳиди фразеологӣ ва монанди инҳо сар задаанд. Соҳибзабононро лозим аст, ки ба забони модарӣ аз рӯйи эҳтиром муносибат намоянд, сатҳи дониши забонии худро пайваста такмил диҳанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Камолидднов Б. Ҳусни баён.-Душанбе: Маориф, 1989.
2. Камолиддинов Б. Сухан аз баҳри дигарон гӯянд.-Душанбе, 2001.
3. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони адабии ҳозираи тоҷик.-Душанбе, 1982.
4. Назирова М. Фразеологические единицы с компонентом цветообозначения английского, таджикского и русского языков. АКД фил. наук.-Душанбе, 2009.
5. Ҳасанов И. Лексика ва фразеология. Дар асоси материали романи «Духтари оташ»-и Ҷ. Икромӣ.-Душанбе: Ирфон, 1974.
6. Фарҳанги забони тоҷикӣ.-М.: Советская энсиклопедия, 1969.-Ҷ.1.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ.-М.: Советская энсиклопедия, 1969.-Ҷ.2.
8. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик.-Душанбе, 1963.-Ҷ.1.
9. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик.-Душанбе, 1964.-Ҷ.2.

О НЕКОТОРЫХ ОШИБКАХ ПРИ ЗАМЕНЕ КОМПОНЕНТОВ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ

В данной статье рассматриваются основные вопросы (проблемы) контоминатсии фразеологизмов на страницах современной прессы Таджикистана. На конкретных примерах доказывается, что в языке прессы часто нарушается устойчивость компонентов фразеологизмов, которые употребляются в измененной форме, что недопустимо с точки зрения нормы литературного языка. Самые распространённые ошибки, допускамые при употреблении фразеологизмов, делятся на пять групп.В конце статьи выявлены пути обнаружения этих недостатков и предложены способы их устранения.

Ключевые слова: фразеологические единицы, глагольные фразеологизмы, контаминация, метафорические сочетания, стилистические особенности, стилистические оттенки, значение ФЕ.

ABOUT THE REPLACEMENT MISTAKES OF PHRASEOLOGICAL UNIT

The author of the present article expessed about of verb-phrases.She amalired meaning component parts and usage of verb phrases at the materials of tajik periodicals.The author showed many mistakes in using erb.

Key words: contamination, verbial phrases, component usage, component pats, periodicals,mistake in using of verbial combination.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Бекназарова Мадина*** - аспирантка Таджикского национального университета

ГУНАНОКИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР “САМАКИ АЙЁР”

Г.Ш. Шарифова
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров

Гуна ва гунанокӣ (вариант ва вариантнокӣ) яке аз ҳодисаҳои муҳими забонӣ буда, метавон онро ба навъҳои овозӣ, луғавӣ ва наҳвӣ ҷудо кард. Гунанокии воҳидҳои фразеологӣ ба тағйироти ҷузъҳои таркибҳои фразеологӣ вобастааст. Бадал шудани як калима бо калимаи дигар ё воситаи грамматикии дигар ҳодисаи гунанокиро ба миён меорад.

Доир ба гунанокии воҳидҳои фразеологӣ дар мақолаҳои алоҳида ва баъзе асарҳои илмӣ ишораҳо рафтааст. Дар дастури таълимии Ҳ.Маҷидов роҷеъ ба ин масъала бештар маълумот дода шудааст [3,59-61]. Ин ҷо тибқи истилоҳоти ин қазия чанд мулоҳиза баён мекунем. Аз ҷумла, профессор Маҷидов Ҳ., Маҳкамова Б., ва

Осимова Б., яке аз хусусиятҳои маъноии воҳидҳои фразеологиро бо истилоҳи “мувозӣ” ёд кардаанд, ки хусусан шакли “мувозинокӣ” мувофиқи матлаб нест. Дар ФЗТ [1,716] “мувозӣ” ба маънои баробарӣ, мусовӣ ташреҳ ёфтааст ва таҳти шарҳи вожаи “мувозӣ” вожаи “мусовӣ” метавонад мавриди баррасӣ қарор бигирад, ки дар ФЗТ [1,753] ба маънои “баробар” арзёбӣ шудааст, ҳол он ки дар “вариантнокӣ” сухан аз баробарӣ нарафта, мақсад аз ишорат кардан ба тафриқаи гунаҳои воҳидҳои фразеологӣ мебошад. Аз ин рӯ, аз байни матлаби зикргашта вожаи “гуна” мувофиқтар аст. Калимаи “гуна” дар ФЗТ [1,290] ба маъноҳои 1. Ранг, лавн; 2.хел, навъ, тариқ, тарз шарҳ ёфтааст. Дар ин замина истилоҳи “гунанокӣ” низ қобили қабул буда, маънои “равиш”-ро ифода менамояд. Дар ин мавриди истилоҳи “гуна ва гунанокӣ” ба асли мақсад (дугуна ё дунавъи воҳидҳои фразеологии забон) фаҳмида мешавад. Ба ҳар бобат, дар забоншиносии тоҷик то ҳол истилоҳи “вариант” ё ”мувоза” бештар корбаст шуда истодааст.

Дар “Самаки айёр” воҳидҳои фразеологӣ хеле зиёд буда, ҳар яки онҳо дар мавқеи муайян бо мақсадҳои услубӣ корбаст ва боиси пуробурангии баён гардидаанд. Гунаҳои воҳидҳои фразеологӣ аз ғановати забон ва услуби асар дарак дода, аз ҷиҳати дигар баромади он нишон аз хусусиятҳои забони форсии тоҷикӣ дар асрҳои Х11-Х111 мебошанд.

Гунаҳо дар «Самаки айёр» аз ҷиҳати образнокӣ ва мавқеи истеъмол аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Мисол: ҳамаи аҳвол шарҳ медод, ҳамчунон ангушти тааҷҷуб **ба даҳон** гирифта буданд (7, 239). Ғӯр чун Шоҳонро дид, фурӯмонд ва ангушти тааҷҷуб **ба дандон** бигрифт (10, 254).

Воҳидҳои рехтаи номбурда дар ФИР («Фарҳанги ибораҳои рехта») бо гунаи дигар омадаанд. Дар асар «ангушти тааҷҷуб ба даҳон гирифтан» дар ФИР (х.1, с.26) ба шакли «ангушт дар даҳон» ё ин ки «ангушти тааҷҷуб дар даҳон гирифтан» дар ФИР (х.1, с 26) бо гунаи «ангушти ҳайрат ба дандон гирифтан» омадаанд. Ибораҳои фразеологии дар боло зикршуда дар ФЗТ (Фарҳанги забони тоҷикӣ) маъноҳои: 1. **ҳайрон шудан, ҳар ҳайрат мондан**; 2. **рашк бурдан, хашмгин шудан**-ро доранд.

Гунаи воҳидҳои фразеологии «**ангушти тааҷҷуб дар даҳон гирифтан**» дар ФЗТ [ҷ 1, с. 71] дар шакли «**ангушт дар даҳон мондан**» маънои «тааҷҷуб кардан ва ҳайрон шудан»-ро дорад.

Дар «Самаки айёр» ба коре омода будан ба гунаҳои воҳидҳои фразеологии миён бастан; миён танг бастан омадаанд. «Миён бастан» омода будан ба коре ва «миён танг бастан» ниҳояти омода будан, хоҳиши зиёд доштан ба иҷрои кореро ифода мекунад. Мисол:

Ба фармониХуршедшоҳ Самак **миёнбаст** (7, 34)

Ва миёни шумо дӯстӣ буд ва хештан ба дидор ояд. Миён танг бандаду ҷавоби хасм боз диҳад (6, 132).

Бояд қайд кард, ки дар асар баъзан гунаи нав тобиши маъноии нав мегирад. Масалан, «миён бастан» маънои як навъ омодагӣ, тайёриро ифода мекунад, «миён танг бастан» маънои аз сидқи дил ба коре машғул шуданро дорад.

Воҳидҳои фразеологии зикршуда дар забони адабӣ ва нутқи гуфтугӯии имрӯза дар истеъмол буда, гунаҳои маъмуле низ доранд: миёнро маҳкам бастан, миёнро аз ҳафт ҷо бастан, миёнро сахт бастан. Ин таркибҳои фразеологӣ аз лиҳози дараҷаи муассирӣ бо ҳам тафовут доранд.

Дар «Самаки айёр» таъбири «миён бастан» бо ҷузъи «камар» дар шакли ибораи номии изофӣ (камари хидмат бастан) омадааст. Чунончи:

Чаҳорсад марди айёрпеша ва ҷавонони чолок шодии вай хӯрданд ва камари хидмат бастанд (7. 95).

Хуршедшоҳ гуфт:

- Самаку Рӯзафзун камар банданду ҷавобиАрманшоҳ боз диҳанд (8, 95).

«Камар бастан» маънои омода буданро дорад ва дар гунаи «камари хидмат бастан» доираи семантикии таъбир васеътар гардида, мазмуни объекти амал (омодагӣ) равшан аён гардидааст.

Баъзе аз гунаҳои фразеологии «Самаки айёр» дар забони адабии ҳозира ба назар намерасанд. Масалан, дар асар гунаи дигари воҳиди фразеологии «сар ба осмон расидан», ки дар он вожаи «осмон» ба «офтоб» иваз шудааст, ба кор рафтааст:

Ҷумлаи паҳлавонони хосу ом сар бар осмон ниҳода буданд (6,25).

Самак гуфт:

-Эй Рӯзафзун, сар ба офтоб расид (7, 65)

Дар мисолҳои боло «сар ба осмон ниҳодан» ва «сар ба офтоб расидан» маънии хурсандӣ, сарфарозӣ, мамнуниро дорад. Баъзе гунаҳои забони адабии имрӯза дар асар ба назар намерасад, чунончи, «сар ба осмони ҳафтум расидан» дар «Самаки айёр» вуҷуд надорад. Шояд ин гуна дар забони халқии гуфтугӯӣ дертар пайдо шуда бошад.

Дар «Самаки айёр» воҳиди фразеологии «ҷигари сӯзон доштан», «ҷигарбирён кардан», ки бевосита маънои азоб кашидан, ғаму ғусса хӯрдан, дилхун шуданро дорад, бо гунаҳои мухталиф омадааст: Ибораи рехтаи «бо ҷигари сӯзон раҳо кардан» маънои бо азобу машаққати зиёд касеро иҷозати рафтан ё додан буда; гунаи дигар «ҷигар бирён кардан» маънои ба ғаму ғусса ва азобу машаққати зиёд гирифтор кардан омадааст.

Хуршедшоҳ Фаррухрӯзро бо равоне шӯридаву ҷигаре сӯзон раҳо кард, то асп дар майдон ҷаҳонид (7, 271). Ҷигари маро бирён кардӣ, ин чӣ бало буд, ки пеши ту омад (8, 6).

Дар забони адабии муосир таъбирҳои «ҷигарбирён шудан», «хуни ҷигар хӯрдан» бештар дар истеъмол буда, «ҷигари сӯзон доштан» қариб, ки ба кор бурда намешавад, аммо гунаи дигари он «ҷигархун шудан», «ҷигар об шудан» бештар маъмул аст.

I Гунаҳои грамматикӣ

Гунаҳое, ки аз ҳамдигар бо хусусиятҳои грамматикиашон фарқ мекунанд, аз ҷумла аз рӯйи шумораи исмҳо фарқ мекунанд. Дар ин гуна ибораҳо исм компоненти асосӣ буда, дар шумораи танҳо ва ҳам шумораи ҷамъ меояд, ки маънии аслии ибораҳо тағйир намеёбад. Мисол:

Ман аз барои ту ҷонфидо карда бошам (6,46).

Ҷавонмардон бисёр корҳо кунанд ва ранҷҳо бисёр кашанд ва ҷонҳои худро фидои мардум доранд (6, 72).

Дар гунаи аввал шумораи исми «ҷон» танҳо, дар варианти дуюм «ҷонҳо» ҷамъ мебошад. Маънои ҳар ду вариант «ҷони худро дар роҳи чизе қурбон кардан» ё «дар иҷрои коре ҷони худро дареғ надоштан, ҷоннисор кардан» мебошад. Аслан, категорияи шумора яке аз аломатҳои исм ба ҳисоб меравад. Бояд қайд кард, ки корбасти пасванди-он тангтар, вале баръакс, доираи пасванди -ҳо васеътар мебошад.

Дар мисолҳои боло мо бештар ҷамъбандии суффикси -ҳо-ро мушоҳида мекунем. Дар ибораҳои рехта дар шакли танҳо омадани исм маъмултар аст, вале ҳаминро бояд қайд кард, ки дар шакли танҳо муносибати исм бо феъл наздиктар мебошад.

Забоншинос Е.К.Молчанов қайд кардааст, ки исм дар феълҳои таркибӣ ва таркибҳои устувор бештар дар шакли танҳо дар ҳамаи мавридҳо ба ҳодисаи конкретонидашуда вобаста мебошад. Аз ҷумлаи боло маълум мешавад, ки дар ҳамаи мавридҳо исм дар шакли ҷамъ омада метавонад.

Дар гунаҳои фразеологӣ, ки аз ҷиҳати тартиби калимаҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд, ҷои ҷузъи ибораҳо иваз карда мешавад, аммо маъно бетағйир мемонад.

Агар хоҳад, ки дидори мани банда бубинад, лашкаре гарон бифиристад, то магар пеш аз марг рӯйи он падари бузургвор бозбинам (6, 123).

Самак гуфт:

-Маслиҳат чунин аст, боз дидани дидори шоҳзода кори саҳл нест (6,56).

Дар ибораҳои мазкур ҷузъи асосӣ дидор аст. Маънои ҳар ду гуна ҳам пас аз ҷудоӣ ба мулоқот муваффақ шудан мебошад.

II. Гунаҳои лексикӣ. Гунаҳои фразеологӣ аз ҳамдигар аз ҷиҳати таркиби луғавӣ фарқ мекунанд:

А) гунаҳои фразеологие, ки ҷузъи феълиашон аз ҳамдигар тафовут доранд. Масалан, дар ибораҳои «гӯшдор кардан», «ба гӯш истода будан», «гӯш дар миёндоштан» маънои бо диққат гӯш кардан, аз чизе хабардор шуданро дорад.

Б) гунаҳои фразеологие, ки бо пешоянду пасоянд созиш ёфтаанд, аз якдигар тафовут доранд. Масалан, маънои «ба мақсад расидан», «ба омоли хеш муваффақ шудан»-ро ибораи «мурод ҳосил шудан» ифода мекунад. Ба туфайли тағйир ёфтани пешоянд ё пасоянд гунаи дигари ибора ба вуҷуд меояд. Масалан: Бошад, ки мурод ба ҳосил ояд (7,212).

Гуфт:

-Муроде ҳосил кунам, то маро базаҳна бошад, ки худ базаҳ бошад маро ба куштани вай (7,246).

Гуфт:

-То муроди ман бидеҳ, ки лашкар баСиёҳабр омадаанд (7,288).

Ба ман шафқат кун ва як замон хуни ман марез ва раҳо кун, то муроде дорам ва бигӯям (7, 212).

Ибораҳои рехтае, ки зикрашон дар боло рафт, яке ба дигаре мувофиқат карда, асосан дар ҷузъиёти таркиби феъл тафовут пайдо кардаанд. Дар нутқи гуфтугӯии имрӯзаамон воҳидҳои фразеологии зикршуда дар истеъмол набуда, гунаи «ба мурод расидан» бештар дар байни мардум маъмул аст.

Мисолҳои мазкур аз рӯйи воситаҳои грамматикӣ низ фарқ мекунанд. Дар натиҷаи иваз шудани калима дар дохили гунаҳо гунаи наве ба вуҷуд меояд .

Гунаҳои фразеологие, ки дар дохили худ ибораи изофӣ дошта, қисми феълиашон аз ҳамдигар фарқ мекунад:

Бад- он агар хатое афтад ва ранҷе бошад, бандаро бошад ва ҷон фидои ту гардонам (7, 79).

Ҷон фидои ту кунем ва ёронаш низ савганд хӯранд (6, 54).

Маънои умумии ин гунаҳо «ҷоннисор кардан, дар иҷрои коре ҷони худро дареғ надоштан» мебошад, ки қисми феълии онҳо тағйир ёфта, гунаҳо ба вуҷуд омадаанд.

Умуман, омилҳои фарққунандаи лексикӣ ва грамматикӣ гунаҳои фразеологӣ ниҳоят гуногун ва хеле зиёданд. Ин тафриқаҳоро яке аз роҳҳои ба вуҷуд омадани гунаҳои гуногуни ибораҳои фразеологӣ ҳисобидан мумкин аст. Ба туфайли зиёд будани фарқиятҳо доираи гунаҳои фразеологӣ низ фаррох ва рангоранг мешаванд, ки далели вусъати забони адабии тоҷик аст.

Хулоса, дар «Самаки айёр» воҳидҳои фразеологӣ фаровонанд, қисми зиёди онҳо гунаҳои нав дошта бошанд ҳам, қисми нисбатан камашон танҳо бо шакли аслиашон боқӣ мондаанд ва дар байни гунаҳои фразеологӣ фарқияти куллии семантикӣ дида намешавад, аммо истеъмоли онҳо нуткро пуробуранг ва ҷаззобу таъсирбахш мекунанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Авалиани Ю.Ю. Мирсаидов Ҷ. Дар бораи фарқи муродифот ва вариантҳои ибораҳои фразеологӣ// Масъалаҳои филологияи тоҷик (Маҷмӯаи мақолаҳо) – Душанбе, 1967.
2. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик (дастури таълимӣ)- Душанбе, 1982.
3. Рустамов Ш. Исм. -Душанбе, 1981.
4. Самаки айёр. Ҷ. 1.- Душанбе, 1967.
5. Самаки айёр. Ҷ.2. –Душанбе, 1970.
6. Самаки айёр. Ҷ.3. –Душанбе, 1975.
7. Самаки айёр. Ҷ.4. – Душанбе, 1976.
8. Самаки айёр. Ҷ.5.- Душанбе, 1982.
9. Самаки айёр. Ҷ.6. – Душанбе, 1983.
10. Самаки айёр. Ҷ. 7. – Душанбе, 1984.
11. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 1-2. – М.: Сов.энсиклопедия, 1969.
12. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехта. -Ҷ.1. -Душанбе: Ирфон, -1964.
13. Ҷалолов О. Категорияи ҷамъ ва баъзе масъалаҳои забони ҳозираи тоҷик. -Сталинобод, 1961.

ВАРИАНТНОСТЬ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ В ПРОИЗВЕДЕНИИ “САМАКИ АЙЁР”

Фразеологические единицы – это устойчивые сочетания слов с полностью или частично переосмысленным значением. Устойчивость сочетания слов внутри фразеологической единицы подразумевает наличие определенного инварианта как в структурном, так и в семантическом плане. В произведении «Самаки сайёр» очень широко использованы фразеологические единицы, малая часть которых хотя и имеют новые варианты, но остались в своей первозданной форме и между ними не замечено большой семантической разницы, но их использование делает речь насыщенной, притягательной и действенной.

Ключевые слова: фразеологические единицы, инварианты, структура, семантика, новые варианты, произведение “Самаки айёр”, семантическая разница.

ALTERNATIVENESS OF PHRASEOLOGICAL UNITS IN THE WORK "SAMAKI AYYOR"

Phraseological units are steady combinations of words to in whole or in part rethought value. Stability of a combination of words in phraseological unit means existence of a certain invariant both in structural, and in the semantic plan. In the work "Samaki Sayyor" the phraseological units, which small part are very widely used though have new options, but remained in the primitive form and between them isn't noticed a big semantic difference, but their use does speech saturated, attractive and effective.

Key words: phraseological units, invariants, structure, semantics, new options, work "Samaki Ayyor", semantic difference.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Шарипова Г.Ш***. - соискатель ХГУ им.Б.Гафурова

БАРРАСИИ ПАСВАНДИ СИФАТСОЗИ «Ӣ» ДАР «ШОҲНОМА»-И ҲАКИМ ФИРДАВСӢ

Азам Қутбизода Аббосалӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Аз миёни 50 пасванди сифатсоз монанди «о» дар **бино**, «со» дар **пилсо**; «осо» дар **муъҷизаосо**, «сон» дар **мурғсон**; «манд» дар **ҳунарманд**; «фом» дар **сурхфом**; «гар» дар **ҳилагар**, «гун» дар **зардгун**; «чӣ» дар **туфангчӣ**, «умин» дар **чаҳорумин**, «она» дар «шабона» ҳар яке дар маонии мухталиф сифотро аз исму шумора ва сифат ва асоси музореъ ва зарф сохтаанд. Яке аз корбурдтарин пасвандҳои сифатсоз ҳарфи **ӣ** мебошад, ки ба баррасии ин пасванд дар ҷилди якуми «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ пардохтем ва намунаҳоеро аз сифати сохташуда ва маонии он дар «Шоҳнома» ироа кардем. Мусаллам аст, ки «Шоҳнома» на фақат бузургтарин ва пурмоятарин дафтари шеърӣ аст, ки аз рӯзгори Сомониён ва Ғазнавиён боз мондааст, балки дарвоқеъ муҳимтарин санади арзишу азамати забони форсӣ маҳсуб меёбад. Ин китоби арзишманд хазинаи луғат ва ганҷинаи фасоҳати забони форсӣ мебошад.

Чунонки аз «Шоҳнома» бармеояд, Фирдавсӣ табъи латиф ва хӯйи покиза дошт. Суханаш аз таъну дурӯғ ва бадгӯию чоплусӣ холӣ буд ва то метавонист алфози пасту зишт ва таъбироти нораво ва дур аз ахлоқро ба кор набарад ва сифоти бакоррафта дар «Шоҳнома» холӣ аз таҳқиру зиштӣ аст. Ҳоло мо ба баррасии пасванди сифатсози (ӣ) дар «Шоҳнома» мепардозем.

Роҷеъ ба корбурду мақом ва арзиши дастурии ин пасванд дар илми забоншиносии форсӣ ва тоҷикӣ андешаҳои мухталиф иброз шудааст. Донишманди мумтози улуми адабӣ дар асри XIII мелодӣ Шамси Қайси Розӣ дар «ал -Муъҷам фӣ маъоир ашъори аҷам» пасванди «ӣ»-ро ҳарфи сифатсози лаёқат ва лузум дониста гуфтааст: «Он (мурод «ӣ»-и нисбат аст А.Қ.) «и»-е аст, ки дар охири масдар маънии лаёқат ва лузум диҳад, чунонки: Ӯ дӯстдоштанӣ аст» [12, 32].

Хоҷа Ҳасани Нисорӣ донишманди асри XVI мелодӣ дар китоби «Чаҳор гулзор» дар шарҳи вазоифи пасванди сифатсози (ӣ) гуфтааст: «Чаҳорум (и)-и нисбат ва он баъд аз исме, ки дарояд, нисбат ба он исм намояд, чун забони порсӣ ва каломи арабӣ, яъне нисбати забон порс аст ва нисбати калом араб аст, ҳамчунин ҳиндустонӣ ва хуросонӣ ва дар охири исме, ки бо «ҳо»-и мухтафи бошанд ва «ё»-и нисбат ба он пайвандад, «ҳо»-и мухтафиро ҳазф кунанд, чун банголӣ ва маккӣ ба маънии бошандаи бангол ё бошандаи макка» [9,43].

Алома Алиакбари Деҳхудо дар луғатномаи «Деҳхудо» ин тавр фармудааст: «Корбурди «ӣ»» дар сохти сифати нисбӣ аст, ки нисбат ба чизе ё маҳалеро биррасонад, монанди: осмонӣ, заминӣ, исфаҳонӣ ва назоири он. Пасванди «ӣ»-и нисбат ҳамвора ба муфрад пайваста мешавад ва калимоте аз қабили: ковиёнӣ, хусравонӣ, каёнӣ, паҳлавонӣ нодир аст [3, 241].

Пажӯҳиши мо нишон дод, ки аз ин сифоти нодир дар «Шоҳнома» бисёр корбаст шудааст.

Ҳамин андеша айнан бидуни тағйирот дар китоби «Дастури забони форсӣ»-и панҷ устод ва ҳамчунин дар китоби «Дастури забони форсӣ» ва «Роҳнамои таҷзия ва таркиб» омадааст [7,59; 4,119].

Ризо Ҷавод дар китоби худ муътақид буда, ки «ҳарфи «и»-и нисбат танҳо дар охири исми зот монанди оташӣ, ҳавоӣ, шерозӣ ва…», меояд. Ба назари мо, ин нишондиҳандаи надоштани шинохти комили ин устод нисбат ба пасванди сифатсози «ӣ» мебошад [4,119].

Доктор Муҳаммад Ҷаводи Машкур дар китоби «Дастурнома дар сарф ва наҳви забони форсӣ» овардааст: «Сифати нисбӣ он аст, ки бар нисбати касе ва чизе ба ҷое ё чизе далолат кунад ва аломати он: аввал «ё»- е аст, ки дар охири исм меафзоянд, монанди: табрезӣ» [8,146].

Ҳусайн Имод Афшор дар китоби «Дастур ва сохтмони забони форсӣ» ҳамин таъбири доктор Муҳаммад Ҷаводи Машкурро бидуни ҳеҷ тағйир дарҷ кардааст [3,66].

Доктор Муҳаммад Ҷаводи Машкур дар қисми чаҳоруми китоби худ дар бахши анвои «и» бо ишора ба «ӣ»-и нисбат пасванди лаёқат низ гуфтааст ва мисоле чанд монанди: хӯрданӣ, пӯшиданӣ, гӯфтанӣ овардааст. Ӯ дар бахши дигаре аз китоби худ яке аз анвои пасванди (ӣ), ки сифати нисбӣ дар маънои шуғлу пеша месозад, ин гуна гуфтааст: «ӣ»-е, ки далолат бар кору ҳарфе кунад. Мисол: қассобӣ, баққолӣ, заргарӣ ва ҳеҷ ишорае ба сифат будани ин калимот накардааст.

Парвиз Нотили Хонларӣ дар китоби «Дастури забони форсӣ» дар бахши сохтмони калима (пешванд ва пасванд) дар як ҷадвал пасванди сифатсози «ӣ»-ро дар маънии нисбат оварда ва танҳо ду вожа «шаҳрӣ» ва «фулузӣ»-ро намуна овардааст [10,166].

Аҳмад Шафоӣ дар китоби «Мабони илмии дастури забони форсӣ» ин тавр нигоштааст: «Сифоти нисбии форсӣ сифоти муштақ ҳастанд, ки аз часпидани як пасванди сифатсози «ӣ» нисбат ба як исм ба вуҷуд омада, ҳамин таркиб намудори сифат будани онҳост» [14, 20].

Доктор Аҳмад Шафоӣ пасванди сифатсози «ӣ»-ро бо тавақҷуҳ ба маъно дар ду даста сифати феълии лаёқат ва сифати феълии вуҷуб хуб тақсимбандӣ карда гуфтааст: хӯрданӣ, диданӣ, шуниданӣ, ки шоҳид оварда дар охири онҳо «и»-лаёқат мавҷуд аст, намудори сифате ҳастанд, ки ҳамакнун дар мавсуф мавҷуданд, вале истифодае аз онҳо ҳанӯз сурат нагирифтааст ва моро ба истифодае аз онҳо дар оянда ташвиқ мекунанд ва дастаи дувум монанди: рафтанӣ, омаданӣ, ки дар охири онҳо «ӣ»-и вуҷуб мавҷуд аст ва нишондиҳандаи сифоте ҳастанд, ки ҳам акнун дар мавсуф мавҷуданд, вале ба марҳалаи амал дарнаёмадаанд ва таҳаққуқпазироии онҳо мовкул ба оянда гардидааст ва сифоти феълии лаёқатро фақат метавон дар шахси савуми муфрад ба кор бурд» [14,117].

Профессор Аҳмад Шафоӣ комилтарин тавзеҳеро барои сифати феълии лаёқат оварда ва ишораи куллӣ ба пасванди сифатсозӣ «ӣ» дар сохти сифати нисбӣ кардааст.

Пас аз баррасии беш аз шаст китоби “Дастури забони форсӣ” комилтарин шарҳро дар китоби “Дастури забони форсӣ″ (1)доктор Ҳасан Аҳмади Гевӣ ва доктор Ҳасан Анварӣ ёфтем, ки чунин аст: «сифати нисбӣ сифате аст, ки ба касе ё ҷое ё ҷонваре ё чизе нисбат дода шавад ва он бештар бо афзудани пасвандҳои “ӣ”, “ин”, “она”, “онӣ”, “ки”, “гон”, “гона”, “гонӣ”, “а”, “ина”, “чӣ”» ба охири исм, сифат ва ба нудрат замир (ҷонишин) сохта мешавад. Монанди, теҳронӣ, худӣ.

Агар исм ё калимае, ки «ӣ»-и нисбат ба он афзуда мешавад, ҳарфи охираш алиф бошад, миёни калима ва «ӣ» “ё”-и дигаре меафзоянд. Мисол, дунёӣ, мумиёӣ ва агар он калима **бамҳо-и** баёни ҳаракат хатм шуда бошад, ба ҷои «ӣ» ба калима «е» меафзояд. Мисол, хомаӣ, ҳирфаӣ ва гоҳе «гӣ» монанди: хонагӣ, ҳафтагӣ ва «ӣ» дар сохти сифате лаёқат, ки сифате аст, ки шоистагӣ ва қобилияти мавсуфро мерасонад ва боз афзунад. «ӣ» ба охири масдар сохта мешавад. Монандӣ: хӯрданӣ, диданӣ, шуниданӣ” [1,115].

Профессор Ш.Рустамов дар китоби «Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик» оид ба пасванди «ӣ» мулоҳизоти ҷолиб баён намудааст ва сифоте, ки бо ин пасванд сохта шудааст, аз назари маъно ба 16 навъ гурӯҳбандӣ шудааст аз ҷумла: мансубият, таъйинот, нисбат ба макон ва нисбати замон [13,46].

Дар китоби «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» дар бахши анвои пасвандҳои сифатсоз чунин шарҳ оварда шудааст: «Пасванди «ӣ» имкон дорад, ки аз исмҳои гуногун сифатҳои нисбӣ созад, ки аз нигоҳи маънӣ мухталифанд, монанди: **меҳри модарӣ** ва аз исму зарфҳои замон сифат месозад, ки моҳияти замонӣ дорад, монанди: **кишти баҳорӣ** ва аз исми макон сифат месозад, ки ифодаи макон мекунад, монанди: **рафиқони бухороӣ** ва аз исмҳои ифодакунандаи шайъ сифат месозад, ки масолеҳи сохта шудани шайъро мефаҳмонад, монанди: пули қоғазӣ ва аз исмҳои мушаххас ва маънӣ сифатҳое месозад, монанди: бози шикорӣ» [12,141].

Забоншинос Э.Шоев дар рисолаи алоҳида нақши калимасозии пасванди «ӣ» (ё-и нисбат)-ро дар асоси маводи фаровони забони тоҷикӣ ин пасвандро бо гунаҳояш нишон додааст чунончи: бо шумора (фикри дувумин,) бо ҷонишин (одами худӣ). Э.Шоев дар ин рисола сифатҳои нисбиеро, ки бо ин пасванд сохта шудаанд, аз ҷиҳати маънӣ тақсимбандӣ кардааст, ки илова бар 16 гурӯҳ, ки айнан нақл аз китоби калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик мебошад, 9 мавриди дигар изофа кардааст [15,11].

Агарчи ба зоҳир пасванди сифатсози «ӣ» барои сохти сифати нисбӣ ва сифати лаёқат ба кор меравад, вале аз он 13 навъи таркибӣ аз маонии мухталиф истихроҷ

мешавад, ки мутаассифона, ағлаби уламои илми дастури забони форсӣ ё аслан ба он напардохтаанд, ё танҳо ба ишораи ҷузъӣ нисбат ба он иктифо кардаанд. Забоншинос Э.Шоев ба воситаи рисолааш комилтар ба он пардохтааст ва мо дар ин мақола илова бар баёни ин таркибот ва баррасии фаровони анвои он ба намунаи мисолҳое аз «Шоҳнома»-и устоди мусаллами сухан-Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ пардохтем.

Ба таври куллӣ пасванди сифатсози «ӣ» дар ҷилди аввали «Шоҳнома» нисбат ба 50 пасванди сифатсози дигар қариб 20 дар сади онҳоро ташкил медиҳад, ки ин рақам бисёр зиёд аст, ки нақши муҳими ин пасванд дар калимасозии сифат мебошад. Анвои таркибҳои он нигоҳи сарфӣ мухталифанд. Аз таркибҳои исми кишвар, исми хос, исми шаҳр пасванди сифатсози «ӣ» сифати нисбӣ дар маънои вобастагӣ месозад; чунончи дар ҷилди якуми «Шоҳнома» маҷмӯаи 16 дар сад аз кулли сифати бо пасвандҳои сифатсоз сохта шударо ташкил медиҳад ва ин дар муқоиса бо бақияи маъноии сифоти сохта шуда рақами бисёр болоӣ мебошад.

Абёти зер дар ифодаҳои пилони ҳиндӣ, шамшери ҳиндӣ, теғи ҳиндӣ, аспони тозӣ, дебои чинӣ, дебои румӣ ва ғуломони румӣ вожаҳои ҳиндӣ, тозӣ, чинӣ ва румӣ сифати нисбӣ ҳастанд дар маънои вобастагӣ, ки нисбати пилон ва шамшер ва тир ва асп ва дебо ва ғуломро ба Ҳинд, Араб, Чин ва Рум кардаанд. Намунае чанд аз “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ[§§] [1241].

В-аз он жанда пилони ҳиндӣ чаҳор,
Ҳама ҷомаву фарш карданд бор (саҳ.41).
Ту шустӣ ба шамшери ҳиндӣ замин,
Ба оромӣ биншину ромиш гузин (саҳ.39).
Нигаҳ кардам аз гард чун пили маст,
Баромад яке теғи ҳиндӣ ба даст (саҳ.39).
Аз аспони тозӣ ба заррин ситом,
Зиё шамшери ҳиндӣ ба заррин ниён (саҳ.31).
Ба дебои чинӣ биёростанд,
Табақҳои заррин бипиростанд (саҳ.34).
Ба дебои румӣ биёростанд,
Сари зулф бар гул пиростанд (саҳ.33).
Ғуломони румӣ ба дибои Рум,
Сари зулф бар гул бипиростанд (саҳ.33).

2. Аз исми шайъ, бо пасванди сифатсози «ӣ» сифати нисбӣ сохтааст, ки маънии ранг ва шабоҳатро мефаҳмонад:

Шикам гашт фарбеҳу тан шуд гарон,
Шуд он арғувонӣ рухаш заъфарон (саҳ.46).

Ҳаким Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» гоҳе сифатҳои нисбиро пеш аз мавсуф овардааст, монанди байти зикршуда, ки арғувонӣ рух, ки муодили ифодаи рухи арғавонӣ аст. Арғувон номи гуле аст, ки рангаш шабоҳат ба бунафш аст ва бо пасванди сифатсози «ӣ» сифати нисбӣ дар маънои ранг сохтааст, ки фақат 0/2 дар сад аз сифатҳои пасвандӣ дар ҷилди якуми «Шоҳнома»-и Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ аз ин таркиб аст.

3.Аз таркиби исми шайъи моддӣ бо пасванди сифатсози «ӣ» сифати нисбӣ дар маънои баёни ҷинсият месозад. Чунончи:

Ба ҷои хирад соми сангӣ бувад,
Ба хашм андарун шери ҷангӣ бувад (саҳ.46).

Дар ҷилди якуми «Шоҳнома»-и Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ фақат 0,3 дар сад аз сифати пасванди аз ин таркиб мебошад.

4. Пасванди сифатсози «ӣ» аз исм сифати нисбӣ дар маънои шуғл ва пеша месозад. Чунончи:

Кунанд анҷуман пеши тахти баланд,
Ба кори сипеҳрӣ пажӯҳиш кунанд (Ҷ1. саҳ.43).

Сипеҳр ба маънои осмон аст ва бо пасванди сифатсози «ӣ» сифати нисбии сипеҳриро сохта, ки мақсуд ситорашиносӣ аст.

Дар байти зер, ки мақсуд савороне, ки корашон ҷангидан аст, вожаи “ҷангӣ” сифати нисбӣ аст:

Камингоҳро ҷойи шоиста дид,

[§§] Минбаъд дар қавс танҳо саҳифаи ҳамин манбаъ нишон дода мешавад

Саворони ҷангию бояста дид (Ҷ.1. саҳ.26).

Ҳаким Фирдавсӣ борҳо аз сифати ҷангӣ истифода кардааст. Чунончи: шерони ҷангӣ, марди ҷангӣ, паланги ҷангӣ ва … чанд намуна:

Яке лашкар ороста чун арӯс,
Ба шерони ҷангию овои кӯс (Ҷ.1. саҳ.25).

Зи овози ӯ андар ояд зи пой,
Дили марди ҷангӣ барояд зи ҷой (Ҷ.1. саҳ.46).

Аз овози ӯ чармӣ ҷангӣ паланг,
Шавад чок-чоку бихояд ду чанг (Ҷ.1. саҳ.46).

Фаровонии ин таркиб дар муқоиса бо баъзе сифоти бо роҳи пасвандӣ сохташуда дар ҷилди якуми «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба 2,4 дар сад расид.

5.Аз таркиб ва вожаҳое, ки бе алиф хатм мешаванд ва пасванди сифатсози (и) дар сифати нисбӣ сохта мешавад. Монанди, чашми худоӣ:

Кунун кам ҷаҳонофарин парварид,
Ба чашми худоӣ ба ман бингарид (саҳ.40).

Худоӣ аз таркиби вожаи Худо, ки ба алиф хатм шуда ва пасванди сифатсози (ӣ) ва лузуми ду “и” гирифта, сифати нисбии худоиро сохтааст. Ин танҳо як намунае буд, ки дар ҷилди якуми «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ мушоҳида шуд.

6.Аз таркиби масдар пасванди сифатсози (ӣ) сифати лаёқат сохтааст, ки дар «Шоҳнома» хеле ба таври фаровон истифода ҳам шудааст .

Чунончи:

Ҳама карданиҳо чу омад ба ҷой,
З-и ҷое маҳи бартар оварда пой (саҳ.9).

Бад-он гаҳ, ки лавҳ офариду қалам,
Бизад бар ҳаме буданиҳо рақам (саҳ.35).

Сифоти лаёқати кардanӣ ва буданӣ аз таркиби масдари кардан ва будан бо пасванди сифатсози (ӣ) ташкил шудаанд, яъне корҳо ва чизҳое, ки арзишу лаёқати анҷом додан доранд:

Ҳама гуфтаниҳо баду боз гуфт,
Ҳама розҳо баргушод аз нуҳуфт (саҳ.7).

Туро буд бояд ҳаме пешрав,
Ки ман рафтаниам ту солори нав (саҳ.7).

Сифоти гуфтанӣ ва рафтанӣ аз таркиби масодири гуфтан рафтану ва пасванди сифатсози (ӣ) ташкил шудаанд. Яъне ҳарфҳое, ки лаёқат ва арзиши гуфтан доштанд ва рафтаниро, ки Аҳмади Шафоӣ онро «ёи вуҷуб» номидааст, нишондиҳандаи сифатӣ аст, ки дар мавсуф мавҷуд аст, вале ба марҳилаи амал дарнаёмадааст ва таҳққуқпазирии он мавкул ба оянда гардидааст. Ин таркиби сифатсоз маҷмӯи 0/9 дар сад дар сифатҳои бо усули пасванди сохтаи ҷилди якуми «Шоҳнома»-ро ташкил додааст.

Ҳамон гунае ки аз мисолҳо мушоҳида шуд, шояд ин савол дар зеҳни хонандагон эҷод шавад, ки дар сухани Фирдавсӣ, ки асараш дар радифи олитарин осори ҳамосаи ҷаҳон қарор дорад, чаро абёт ё мисраъҳои такрорӣ вуҷуд доранд. Дар посух овардани сухани донишманд Абулҳусайн Заринкӯбро муносиб медонем, ки гуфтааст: «Абёти суст ва маонии музтариб ва алфози мутанофир дар «Шоҳнома» дар қиболи вусъати азимати асар ҷилвае надорад. Такрори порае аз абёт ё мисраъҳо низ, агар аз саҳв ва тасарруфи котибон набошад, зоҳиран ношӣ аз матни мансурӣ аст, ки маъхази нақли шоир будааст ва шоир таҷовуз аз матнро, ки зоҳиран ба шеваи насри забони паҳлавӣ аз санъати малолангези такрор баҳра доштааст, раво намедидааст. Бо ин ҳама такрори мазмун ва тазмини муқаррари абёт бадин гуна, ки дар «Шоҳнома» аст, дар сухани гӯяндагони дигар низ бисёр омадааст ва бар сухани Фирдавсӣ онро эрод наметавон гирифт» [6,35].

А Д А Б И Ё Т

1. Гивӣ, Аҳмад, Ҳасани Анварӣ. Дастури забони форсӣ (1). Чопи савум.-Теҳрон: Фитемӣ.- 1375 ҳ.-384 с
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.-Душанбе: Дониш, 1985.-350 с.
3. Деххудо Алиакбар. Луғатнома. Дар 50 ҷилд.Чопи дуввум.-Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон.- 1377.-Ҷ.32. С.241

4. Дои Ҷавод Ризо. Дастури забони форсӣ ва роҳномаи таҷзия ва таркиб. Чопи савум.-Теҳрон: Интишороти Меҳан, 1344. 332 с.
5. Имод Афшор Ҳусайн. Дастур ва сохтмони забони форсӣ. Чопи дуввум. Алома Таботабоӣ.-Теҳрон: Донишгоҳӣ.- 1372.-264 с.
6. Зарринкӯб Абдулҳусайн. Бо корвони ҳулле (маҷмӯаи нақди адабӣ). Чопи нуҳум.-Теҳрон: Илмӣ.- 1374.-475 с.
7. Қариб Абдулазим ва дигарон (Рашиди Ёсамӣ, Маликушшуарои Баҳор, Бадеъуззамони Фурӯзонфар, Ҷалоли Ҳумоӣ). Дастури забони форсии панҷ устод.Чопи панҷум интишороти Фирдавс.-Теҳрон, 1376.-137 с.
8. Машкур Муҳаммад Ҷавод. Дастурнома дар сарфу наҳви забони форсӣ.-Теҳрон: Шарқ.- 1350.-383 с.
9. Нисорӣ Хоҷа Ҳасан. Чаҳор гулзор. (Таҳиягарони матн муаллифони пешгуфтор ва мураттибони луғат ва тавзеҳот Усмон Назир ва Давлатбек Хоҷаев). Душанбе, 1998.-116 с.
10. Парвиз Нотили Хонларӣ. Дастури забони форсӣ. Чопи аввал.-Теҳрон: Интишороти бунёди фарҳанги Эрон.- 1356.-Ҷ.4 бахши 1-2, 224 с.
11. Санъи Маҳинбону. Сайре дар дарстури забони форсӣ. Чопи аввал.-Теҳрон: Китобсаро.- 1371. 336 с.
12. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. Бар асоси чопи Москав (Ба кӯшиши Саид Ҳамидиён). Чопи чаҳорум.-Теҳрон: Нашри Қатре.- 1376ҳ.- 531 с.
13. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе, 1972.-77 с.
14. Шафоӣ Аҳмад. Мабонии илмии дастури забони форсӣ. Чопи панҷум.-Теҳрон: Навин, 1371.-645 с.
15. Шоев Э. Суффиксальное словообразование относительных имён прилагательных в современном таджикском литературном языке. Автореф. канд. дисс. – Душанбе, 1984.-19с.

РОЛЬ СУФФИКСА «Ӣ» В СЛОВООБРАЗОВАНИИ ОТНОСИТЕЛЬНЫХ ИМЕН ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ В «ШАХНАМЕ» ФИРДОУСИ

В статье приводятся различные точки зрения исследователей грамматического строя персидского и таджикского языков о роли и грамматическом значении суффикса «ӣ» прилагательных в словообразовании имен. Автором также на основе фактического материала подвергается анализу структура прилагательных образованных с указанным суффиксом и его значение в «Шахнаме» Фирдоуси.

Ключевые слова: лингвистика, грамматика, прилагательнье, префикс, часть, простой, сложный, корень, сушествительное, основа.

INVESTIGATING THE ADJECTIVE MAKING SUFFIX "И" IN HAKIM FERDOWSI'S SHAHNAME

The usage and grammatical value of adjective making suffix "E" are investigated in Persian and Tajik Linguistics from different thoughts of scholars' points of view. Then the structure of adjectives made from this suffix is analyzed which have different meaning. Moreover, the frequency of such adjectives in Volume 1 is studied.

Key words: Linguistics‹ Grammar ‹Adjective‹ Suffix‹ Elements ‹Simple ‹Compound‹ Root ‹Noun‹ Base

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:*Азам Кутбизаде Аббасали* - аспирантка Таджикского национального университета

ТАЪРИХИ БАЙҲАҚӢ ВА АРЗИШИ ДАСТУРӢ ВА ФИЛОЛОГИИ ОН

Маҳдӣ Дорхол
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Китоби «Таърихи Байҳақӣ» яке аз бузургтарин китоби таърихӣ ва адаби форсӣ аст. Ин китоб навиштаи қалами тавонои Хоҷа Абулфазл Муҳаммад Ҳусени Байҳақӣ, дабири фозил ва машҳури дарбори Ғазнавиён мебошад. Китоби Байҳақӣ дар тавсифи таърихи ҳукумати Ғазнавиён (Оли Сабуктегин) аз ибтидои ин силсилаи хонадон то ибтидои ҳукумати Султон Иброҳим фарзанди Масъуд мебошад, ки ҳозир аз чанд ҷилд танҳо 30 ҷилд боқӣ мондааст, яъне аз ҷилди 5-ум то поёни ҷилди 10-ум. Шарҳи ин ҷилдҳои боқимода ишора дорад ба салтанати Султон Масъуд ибни Маҳмуди Ғазнавӣ таърихи Хоразм аз нобудии давлати Оли Маҳмуд ва афтидани он ба дасти Султон Маҳмуд ва фармонравоии Олтунтоши Ҳоҷиб то ғалабаи Салҷуқиён. Абулфайзӣ Байҳақӣ дар соли 385 ҳ. дар рӯстои Ҳарисободи Байҳақ аз тавобеи Сабзавори кунунӣ таваллуд ёфтааст ва баъд аз гузаронидан ба касби маротиби дониш ва дабирӣ ба девони расоили Маҳмуди Ғазнавӣ роҳ ёфт ва дар ҳузури Абӯнасри Мушкон ба шогирдӣ ва кор пардохт ва ин хидмат то замони (Эззуддул). Эззуддул Абдуррушд ба соли 440 ҳ. идома ёфт ва то соли 470 ҳичрӣ, гӯшанишинӣ кард ва баъд вафот кард. Китоби

«Таърихи Байҳақӣ» аз он ҷиҳат аҳамият дорад, ки қисмати муҳимтарин ҳаводиси сиёсии даври Ғазнавиёнро нишон медиҳад. Байҳақӣ дар навиштани таърихи худ танҳо ба баёни ҳаводиси ҳукуматӣ ва сиёсӣ ва ҳамчунин диққат дар раванди онҳо назар надошт, балки ин китоб аз ҷиҳати дигар қобили аҳамият аст, ки дар он бисёр расмҳо, оинҳо, одат ва адаби замони худро оварда, иттилооти боарзишро дар бораи шоирон, нависандагон ва ҳаводисе, ки марбут ба даври Ғазнавиён нест, бо муносибати зиракона ба он ишора намудаст. Аз ҷумла, метавон аз ҳодисаи Ҳасанаки Вазир, бо ҷурат будани модари Ҳасанак ва достони Абдуллоҳи Зубейр ҳокими Макка ва шуҷоати модараш ишора кард. Тибқи назари аксари нависандагон, таърихнависон ва адибон китоби «Таърихи Байҳақӣ» аз муҳимтарин манбаъҳои таҳқиқӣ дар хусуси таърихи иҷтимоӣ ва адабии асри ӯст. Шояд битавон гуфт, ки агар тамоми ин китоб дар дасти мо буд ва бештарин он нобуд намешуд дақиқтарин китоби таърихи забон ва адаби форсӣ ва як доиратулмаорифи бузургӣ таърихӣ ба ҳисоб меомад.

Пеш аз он ки ба хусусиятҳои китоби «Таърихи Байҳақӣ» пардохта шавад, зикри хусусияти сабки насри забони форсӣ дар асри Абулфайзл Байҳақӣ лозим ба назар мерасад. Мобайни қарни 5-уми ҳиҷрӣ то интиҳои қарни 6-ум ҳиҷрӣ давраи пешрафтаи насри форсӣ аст. То поёни қарни 5-ум давраи булуғи насри форсӣ ва то ҳудуди қарни 7-уми ҳиҷрӣ давраи пухтагӣ ва камоли ин наср аст. Вуҷуди осори мухталиф далели ин матлаб аст. Ин давра насри сода камол меёбад. Насри маснӯи музайян идома меёбад ва тарассул дар мароҳил ва дараҷоти олии худ гузар дорад. Дар ин давр бо таваҷҷуҳ ба бартарии чанд садсола арабҳо кам- кам, забони форсӣ дар дарбори шоҳон ривоҷ меёбад ва аксари номаҳо, нуқтаҳо маншурҳо ва фармонҳо ба забони форсӣ навишта мешавад. Насри форсӣ дар ин давра батадриҷ аз ҳолати сода ва равони дилангези давраи Сомонӣ хориҷ мегардид ва андак-андак насри мутакаллиф ва маснӯъ, ки ба забони арабӣ омехта шуда буд мубаддал мегашт. Аз хусусиятҳои ошкори насри ин давра ба мавориди зер метавонад ишора кард:

1. Пайдо гардидани марказҳои сиёсӣ ва адабӣ ва илмии гуногун дар берун аз марзҳои лаҳҷаи форсӣ -дарӣ, боиси он гардид, ки бисёри аз луғатҳо ва таркиботи истеҳсолоти нав ва корбурдҳои сарфӣ ба навъии ҷадид дар насри форсӣ роҳ ёбад.
2. Дар ин давра дурӣ аз иҷоз (хулосагӯӣ) ва алоқаи нависандагон ва итноб (кашидагӯӣ) ва тавзеҳот ва тамсилот буда ва ин хусусият аз авохири давраи аввали Ғазнавӣ ба баъд дар насри форсӣ қобили дидан аст.
3. Ба корбурдани шеър дар зимни навиштор, бар итноби калон меафзояд ва ин равиш боис гардид, ки то солҳо дар насри порсӣ боқӣ бимонад.

Шояд битавонад насри ин даврароро дар шумори асоситарин ва равонтарин осори мансури давраи Ғазнавӣ ва ибтидои Салҷуқӣ донист ва дар мақоми муовизи бо насри гузашта, ин насрро насри «мурсали Олӣ» бихонем. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки Байҳақӣ дар нигориши китоби худ равиши осонро ба кор бурдааст ва дар интихоби вожаҳо ҳунари олии худро нишон додаст.

Аммо аз муҳимтарин вижагиҳои насри китоби «Таърихи Байҳақӣ» ба мавориди зер ишора метавон кард:

1. Гуногунии наср ва дурӣ аз такрори муқаррарот.
2. Табдили иҷозгӯӣ ба итнобгӯӣ.
3. Ба кор бурдани оёт ва аҳодис, мисол ва ашъор дар наср барои ороиши калон оғоз мегардад.
4. Ба кор бурдани саҷъ дар наср.
5. Таркиби ҷумлаҳо дар ин китоб шеваи гузаштаи худро ҳифз кардааст ва калимаҳои арабӣ дар он багунае ба кор бурда мешавад, ки равиши сухани форсӣ бегона нест, монанди ҷамъбандии калимаҳои арабӣ бо нишонаҳои ҷамъи форсӣ ва ғайра.
6. Риояти такаллуфот ва саноеи адабӣ ва ҷилавгирӣ аз дохил шудани луғатҳои душвори арабӣ дар насри форсӣ.

Аммо аз ҳолатҳое, ки боис шуд арзиши филологӣ ва дастурии китоби «Таърихи Байҳақӣ»-ро дар миёни соири китобҳои ин аср ва баъд аз он, ду баробар зиёд шавад метавонад ба мавориди зер ишора кард:

1. Дар китоби «Таърихи Байҳақӣ» нависанда аз калимаҳо ва исмҳои арабӣ истифода кардааст албатта, ҳудуди забони форсиро риоя кардаст. Ба кор бурдани калимаҳои арабӣ дар ҷумла ниёзманди донистани сарфу навҳи арабӣ ва дастури ин забонро ва мутобиқати он бо дастури забони форсӣ аст, ки битавонад мувозинаи байни ду забон ба вуҷуд оварад. Чун Байҳақӣ худ дабир ва олими забон аст бо иттилоъ аз

дастури забони арабӣ ва форсӣ ва шоҳкории худро офаридааст, ки ин асарро ба китоби олӣ аз назари сарфӣ ва наҳвӣ табдил кард, ки то имрӯз намунае барои нависандагон ва адибон аст.

2. Байҳақӣ дар китоби худ оёт ва ҳадис ва ашъор ва ғайраро устодона ба кор бурдааст.

3. Истифода накардан аз саҷъ дар наср, боис шуд, ки китоби ӯ содаю равон бошад ва маъноро фидои лафз накунад.

4. Дар «Таърихи Байҳақӣ» дар равиши дастурӣ ва гармматикӣ бар хилофи давраи қалб, ки равиши ҷумлабандии арбист, дар насри ин китоб камтар ба чашм мерасад. Ин ба ин далел аст, ки насри форсӣ бо гузашти бештар аз як қарн аз давраи таҳаввул ва такомул батадриҷ равиши худро дар таркиби ҷумлаҳо мустақор сохта буд. Дар насри ин китоб аркони форсӣ дар матни ҷумла ҷо гирифт ва феъл дар интиҳои ҷумла ва мафул баъд аз фоил ва қабл аз феъл зикр мешавад. Қайдҳо ва сифат, бар асоси робитаи худ бо ҳар як аз аъзои ҷумла ба дунболи ҳамон ҷузъ меояд. Магар дар маворидиу такрори қайдҳо ва сифатҳо, ки гоҳе баъзе аз он қабл аз феъл ва баъд аз он омадааст ва ғайра.

Ҳамин тариқ, арзиши филологӣ ва дастурии «Таърих Байҳақӣ»-и дар он аст, ки вай илова бар донистани комили сарф ва навҳи форсӣ сарф ва наҳви арабиро комилан медонист ва тавонист равиши миёна ба вуҷуд оварад, яъне забони форсӣ дар он давра ба далели масоили давлатӣ ва сиёсӣ зиёд ба кор бурда намешуд ва бояд забони форсӣ аз нобудӣ наҷот меёфт. Байҳақӣ ҳарчанд либоси арабӣ бар тани насри худ намуд, вале асари аслии насри форсист ва навиштаҳои куҳани форсиро дар зеҳни хонанда мефаҳмонад.

А Д А Б И Ё Т

1. Парвизи Нотили Хонларӣ. Дастури забони форсӣ.- Теҳрон, 1352.
2. Парвизи Нотили Хонларӣ Таърихи забони форсӣ.- Теҳрон, 1352.
3. Таърихи Байҳақӣ. Нигориш ва тасҳеҳи Халили Хатиби Раҳбар.- Теҳрон, 1378.
4. Таърихи Байҳақӣ. Нигориш ва тасҳеҳи доктор Ғанӣ ва доктор Фаёз. – Теҳрон, 1324.
5. Таърихи Байҳақӣ. Нигориш ва тасҳеҳи доктор Алиакбари Фаёз. -Теҳрон,1350.

«ИСТОРИЯ БАЙХАКИ» И ЕЕ ГРАММАТИЧЕСКОЕ И ФИЛОЛОГИЧЕСКОЕ ЗНАЧЕНИЕ

«История Байхаки» Абулфазла Байхаки относится к числу ценных средневековых исторических произведений персидско - таджикской прозы на языке фарси и занимает важное место в истории развития персидско –таджикской прозы. В данной статье приведен комплексный филологический анализ текста данного произведения. Также важность данного произведения заключается в том, что оно охватывает один из важных этапов развития персидско-таджикской прозы, прозы периода правления Газневидов и содержит в себе признаки двух стилей - арабский и персидский. В целом, «История Байхаки» является ярким образцом персидско-таджикской прозы первой половины XI века, в котором смешаны простота и доступность языка, изящность изложения.

Ключевые слова: персидско-таджикская проза, «История Байхаки» Абулфазла Байхаки, история развития персидско –таджикской прозы, грамматическое и филологическое значение. произведения

"HISTORY BAYHAQY" AND ITS GRAMMATICAL AND PHILOLOGICAL VALUE

"History Bayhaqi" Abulfazla Bayhaqi refers to the number of historical works of medieval Persian - Tajik prose in Farsi and has an important place in the history of the Tajik-Persian prose. This article provides a comprehensive philological analysis of the text of the work. The importance of this work lies in the fact that it covers one of the important stages of development of the Tajik-Persian prose, prose during the reign of the Ghaznavid and contains features two styles - Arabic and Persian. In general, the "History of Bayhaqi" is a shining example of the Tajik-Persian prose of the first half of the XI century, which blended the simplicity and accessibility of the language, the elegance of presentation.

Key words: Persian-Tajik prose, "The History of Bayhaqi" Abulfazla Bayhaqi, the history of the Tajik-Persian prose, grammatical and philological value. product

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Махди Дорхол*** – аспирант Таджикского национального университета

ШИНОХТИ ИСТИЛОҲОТИ ИРФОНИИ «НАВОДИР-УЛ-ВАҚОЕЪ»-И АҲМАДИ ДОНИШ

Фотима Асад
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Аҳмади Махдум, Аҳмад ибни Носири Сиддиқӣ Бухорӣ, ки дар таърихи илм ва маърифати тоҷик ба Аҳмади Дониш ё Аҳмади Кала маъруф аст, дар соли 1826 ва қавле дар соли 1827 дар гузари Кӯчаи сангини Бухоро зода шуд. Ин андешманд хондан ва навиштанро аз модараш, ки бонуи фархехта буд, омӯхт. Вай барои касби донишҳои ибтидоӣ ба мактабхонаи қориён рафт. Аммо усули куҳнаи омӯзишро напазируфт. Ва мактабхонаро тарк гуфта ва худ ба фарогирии улуми табиӣ, риёзиёт, нуҷум, таърих, фалсафа ва адабиёт ҳиммат гумошт. Аз хурдсолӣ дар хушнависӣ ва нигоргарӣ маҳорат дошт, ки ёдгории ҳунари хушнависиаш нусхаи хаттӣ ва маснавии «Шоҳ ва гадо»-и Ҳилолӣ аст.

Дониш дар рӯзгори салтанати амир Музаффар мунаҷҷими дарбор буд. Ва рисолае дар нуҷум бо номи «Манозир-ул-кавокиб» навишт. Ӯ ба иллати ошӯфтаи сиёсӣ ва равияи ҳукуматдорӣ бар он шуд, ки «Рисола дар назму тамаддун ва таовун» таълиф кунад. Ва дар он усули низоммандеро дар амри ҳукумат ба тасвир бикашонад. Ташкили парлумон ба сабки аврупоӣ ташкил ва тарбияи вазорат, омӯзиши забони русӣ ва низоми навини омӯзишӣ аз усули пешниҳоди Дониш буд.

Амири вақти Бухоро, ки ақоиди Донишро муҳимми амният ва ҳокимияти худ менигошт, вайро дар мансаби қозӣ дар навоҳи дурдасти Бухоро фиристод. Чунон ки 6 сол дар шаҳрҳои Ғузор ва Наҳрчӣ мушовири қозӣ буд. Пас аз раҳоӣ аз хизмат ба корҳои адабӣ рӯй овард ва муҳимтарин асари худро ба номи «Наводир-ул-вақоеъ» бо ҳадафи барагехтани давлатмандони манғитӣ бар анҷоми ислоҳот дар соли 1875 то 1882 таълиф кард. Чунин менамояд, ки ба басомадҳои куҳан ва вижагиҳои «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ назар доштааст. Таълифи «Наводир-ул-вақоеъ» тақрибан дар нимаи дувуми қарни XIX дар Бухоро иттифоқ афтодааст, ки ҳудуди 10 сол аз умри Донишро машғул доштааст. Зоҳиран вай ибтидо яке аз бобҳои ин китобро ба унвони «Рисола дар назми тамаддун ва таовун» навишта ва сипас бобҳои дигаре, ки ба мавзӯоти мутанавеи дарборию авзои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсии он рӯзгор ихтисос ёфта, навишта ва бо он афзудааст. Ин китоб илова бар афзудани огоҳӣ нисбат ба вазъияти таърихии Аморати Бухоро ба он сабаб, ки нависандааш дар соданависӣ ва талош барои хориҷ кардани насри форсии тоҷикӣ аз ҳисори дафтару девон ва дарбори Бухоро пешқадам буда, аҳамият дорад.

«Наводир-ул-вақоеъ» аз барҷастатарин осори Аҳмади Дониш буда, ки аз муқаддима ва 23 боби алоҳидаи ба ҳам алоқаманд иборат аст, ки ин асар қуллаи баланд аз эҷодиёти адиби беҳамтои халқи тоҷик Аҳмади Дониш аст. Мизони камолот, дониш ва ғизои маънавии Аҳмади Дониш ва ҳамчунин фаросати зотии ӯ имкон додааст, ки вай тарҳи ислоҳоти муайянро барои тармими сохтори иҷтимоии Бухоро ва зимомдори вақт пешниҳод намояд. Аҳмади Дониш дар «Наводир-ул-вақоеъ» ҳангоми баёни андеша бештар воқеънигар аст. Вай ба унвони як муҳаққиқ худро мақсури муҳит накарда, марзҳои замон ва маконро дарменавардад. Ӯ саромади ҷараёни маорифпарварӣ дар адабиёти тоҷик аст, ки тасвири ҳақиқӣ аз рӯзгор ироа кардааст.

Аҳмади Махдум бани одамро дар дунё мусофир медонад. Ӯ аз ҷомеа талаб мекунад, ки дар зиндагӣ бештар воқеъбин бошанд ва амалу асоси кор бидонанд. Дониш дар ин асар гарчи килки тасвирро ба тадқиқи асрори арз ва самовот ва кашфи тағйироти мунтазами қонунҳои табиат ва ҷамъият ва ахлоқи он равона кардааст, вале ҳамеша мавзӯи асосии инъикос ва баҳсро ҳастии одамизод ҳамчун хиради таркибии табиат қисмати дерина ва оянда ва инчунин ҳолати рӯҳӣ ва маънавии он ташкил додаанд. Бинобар ин, Дониш доираи мавзӯи асарро муайян карда, ҳатман уҳдадор мешавад, ки масъалаҳои зеринро рӯшан намояд. То халқ бидонанд, ки барои чи омадаанд ва бар чӣ будаанд ва чӣ кардаанд. Вай бо ҷиддияти тамом кӯшиш сарф менамояд, то ки мавқеи табиӣ ва ҷамъияти ҳар як фардро муайян карда, ҳисси худшиносӣ ва эҳтиром ба гузаштагонро бедор намояд. Ва дараҷа ва мартаба, қадр ва манзалати одамиро баланд бардорад. Ҳар як шахсро барои давоми ҳастӣ ва шариат масъул дониста, таъкид мекунад, ки зодаи одам бо корбурди маърифат ва дастурамали

ақл ва заковат, бахт ва таҷриба ва кирдор ва хулқи ҳамида ва хасисаи инсониятро маҳз дар ҳамин асар ҷамъбаст мекунад.

Қасди нигоранда дар ин мақола баррасии истилоҳоти ирфонӣ, маърифат дар бахшҳои ин мусаввада аст. Чаро, ки Аҳмади Дониш қалами шево дар нигориши масоили тарбияти инсон ва муайян кардани мавқеи маърифат дар қисматҳои «Наводир-ул-вақоеъ» дорад, ки дар таҳлил ва тавзеҳи ин маврид аз ақоиди дини ислом ва фалсафаҳои идеалистӣ таъсир пазируфта аст.

Истилоҳоти ирфонӣ дар ҳар як аз мактабҳои фикрӣ чи хос чи ом, вожаҳо мубайини мақсуд ва манзури гӯяндаи он маслак ва маром ҳастанд. Аввалин гом дар доираи маонӣ ва мафоҳими вожаҳои ҳар маслак ва мактаб ошноӣ ва фаҳми калимот ва иборати мавриди истеъмол дар адабиёти шифоҳӣ ва бавижа мактуби онон аст.

Ин ки рӯйи адабиёти мактуб ва мустанад таъкид гардад, ба ҷиҳати он аст, ки гоҳ дар гуфторҳои шифоҳӣ гӯянда дар сад ва тамсили мақсадҳо ва ақрози худ аст, ки метавон ба қавлҳои мутадовил ва маъмул дар иборати рӯзона таъбир кард. Аммо дар бахши китобат ва навиштории ин қазия шакли хоссе ба худаш мегирад. Ва он гуфтор бар асоси сабк ва сабки хоссе аст ки, агар мухотаб ё шунаванда камтарин огоҳӣ аз он чи қасди мутакаллим тафҳими онро дорад, надошта бошад на танҳо чизе оидаш нахоҳад шуд, балки чи басо дар қалб низ дучори дугонагӣ дарёфт мешавад.

Адабиёти ирфон ва тасаввуф низ чунин аст. Иштирокоти лафзии он бо бахши фалсафа дар ташреҳи пояҳои эътиқодӣ ва истифода аз гуфтори манзум ва мусаҷҷаъ дар зебобахшии калом, намунаҳои ин сабк аз гуфтор аст.

Каломи ориф мубтанӣ ба хулосагӯйӣ ва куллигӯйӣ ва рамз ва роз, сухан гуфтан аст. Аммо шӯридагии каломи онон дар ашъор ва ақволи мавзуни инон ҳамвора мутамоиз аз он чи буда, ки дар қолаби маҷозӣ ба тақрир даромадааст [6, 2].

Он чи дар ин бахш ба унвони истилоҳот тақдими мухотабон мешавад, гузидае аст аз анбӯҳи калимот ва иборат аст, ки дар матни «Наводир-ул-вақоеъ» мавҷуд аст, ки бар асоси сатҳи ҳадафмандӣ таъриф шудааст. Он бахш аз истилоҳот интихоб шудаанд, ки зимни корбурди бештари онҳо дар ин даста аз мутун, мабнои фаҳми соири иборати орифон ва сӯфиён ва ашъори онон мебошад. Дар ин ҷо ниёз аст қабл аз ворид шудан ба ҳиттаи ирфон вожаи истилоҳ ва моҳияту мафҳуми он аз назаргоҳи тани чанд аз соҳибназарон баррасӣ шавад.

Дар адабиёти илмӣ таърифи ягона ва ҳамаҷониба мукаммал барои ҳамаи муҳаққиқон, мақбули мафҳуми истилоҳ вуҷуд надорад. Аввалин таърифҳои истилоҳ дар авохири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ пайдо шудаанд. Аз ҷумла, нахустин таърифҳои нисбатан мукаммали «истилоҳ» таърифи ду нафар аз олимони англис Кит Рич ва Грин Фру аст. Ин олимон истилоҳро бо формулаҳои риёзӣ айният медоданд ва истилоҳ танҳо барои ифодаи мафҳуми махсус истифода мешуд. Илова бар ин И. Гермонд таъкид мекунад, ки низоми истилоҳоти илм, агар илми ҷудогона ҳамгом бо андеша ва муҳокимаронӣ барои қонеъ намудани сохтори дохилӣ бошад, забони он илм мусоидат менамояд.

Ф. А. Брук Гуз ва Э.Эрфон истилоҳро ҳамчун як вожаи махсус маъно мекарданд, ки он вижа барои таркиби муҳокима барои истифодаи як мафҳуми муайян алоҳида хидмат мекунад.

Забоншиноси англис Ни Бекон дар муқобили мафҳуми забони умумии англиси мафҳуми забони техникии англисиро ба кор бурдааст. Ӯ таҳти мафҳуми забони техникии англисӣ, забони илмро, яъне забонеро мефаҳмад, ки он забон барои расидан ба ҳадафҳои вижа ва махсус ифодаи мазмуну мундариҷа ва моҳияти ҳамаи он донишҳое, ки тавассути илм андӯхта шудаанд ва мешаванд хидмат кунад. Эшон муътақидаанд, ки забони техникӣ чаҳор хусусияти вижа дорад: ифодаи комилан дақиқи мазмун, маҳдудиятнокии доираи истифодабарӣ танҳо дар ин ё он соҳаи муайян ва ё якчанд соҳаҳои бо ҳам алоқаманди илмии худи вижагӣ, мутобиқат бо меъёрҳои забони табиӣ, миллӣ ва сабаби асосии пайдоиши чунин таърифҳои мафҳумҳои истилоҳ, гуногунӣ дар он аст, ки он мафҳум мавзӯи таҳқиқии на як илм, балки чандин илм, мисли фалсафа, маърифатшиносӣ, мантиқ, забоншиносӣ, информатика, истилоҳшиносӣ ва дигар илмҳо буда, ҳар кадом аз илмҳо ҳамаи аломат ва хусусияти истилоҳро меомӯзанд, ки дар маърази пажӯҳиши онҳо намоён мебошад [10, 3].

Дар тайи ҷустуҷӯйе, ки ҷиҳати ёфтани истилоҳот дар ин китоб доштем, ба соҳаҳои гуногун дар заминаҳои маърифат, санъат, маданият, касб ва пеша, мазҳаб ва ирфон бархӯрдаем, ки моҳияти маъноии ин китобро қавом бахшидаанд. Ва дар як ҷо ба соири

воситаҳои дигар мунҷар ба тасвиби роҳ ва қонунҳои рушди илм шудаанд, ки дар идома намунаҳои аз ҳамин истилоҳот хоҳанд омад, ки бо истифода бурдан аз сойири вожаҳо ва воситаҳои забон тафсир хоҳанд шуд.

Ин китоб бо тариқати ирфон ва одоб ва русуми маърифат ва роҳкориҳои инсонияти маҳз таъбирот ва истилоҳоти фаровонеро дорост, ки дар ин ҷо чанд намуна аз онҳоро меоварем:

Ақли кул: ҳоҷиби боргоҳаш Ҷабраил ва аҳли кул аст (1, 20).

Ақли кул (таркиби изофӣ), мураккаб. Ба маънии ақли аввал аст, ки киноя аз нури муҳаммадӣ ва Ҷабраил ва рӯҳ ва арши азим бошад (2, 2001).

Малакути асфал: ва аз аҳфоди кирамаш завқро барои ҳалли дақоиқи малакути асфал аз ҷисмониёти мураккабе ихтиёр намуда (1, 20).

Малакути асфал: дар истилоҳ урафо ба олами мисол, малакути асфал гӯянд. Малакути асфал (таркиби изофӣ, мураккаб) олами мусули муаллақӣ ва сувари миқдорӣ аст. Расоили мурасадро саҳифаҳои 151, 283 малакути асфал муқобили малакути аъло [5, 1076].

Ҷисмониёти мураккабӣ: Дар тавзеҳи ин истилоҳ аввал бояд равшан кунем, ки моҳиёт ба ду дастаи мураккабе ва басите тақсим мешавад… Ин таркиб фақат дар ҷисмониёти аҷсом вуҷуд дорад ва нафъи ҷисм ва ҷисмонӣ будан воҷиб, … ки дониш истилоҳоти басите ва мураккаберо дар ҷумалоташ бисёр ба кор бурдааст. «Ва сойири мукаввинотро аз басите ва мураккабӣ маҳз барои ӯ ва ҷиҳати ӯ ва ба сабаби ӯ оварда» [1, 20].

Басита дар луғат ба маънои васеъ аст ва дар истилоҳи ҳикмат ва фалсафа ба маънои муҷаррад нест, балки ба маънои ғайримураккаб аст.

Моҳиёти басита аз он ҷо ки моддӣ ва сурати хориҷӣ надоранд, пас моддӣ ва сурати мунъакисшуда дар зеҳн ҳам надоранд. Дар натиҷа ҷинс ва фасле, ки аз моддӣ ва сурати ақлӣ гирифта шуда бошад, низ надорад. Аммо зеҳн бархе аз аърози оми моҳияти баситаро ҷинс ва бархе аз аърози шомилеро фасл дар назар мегиранд. Ин ҷинс ва фаслро биллоҳ ахз карда, ки ҳамон мода ва сурати зеҳнӣ мешавад. Бо таваҷҷеҳ ба ин тавзеҳ мегӯем Худованд бо дар назар гирифтани ин нукта, ки аслан моҳият надорад, бинобар ин, аҷзои ақлӣ ба ин маъниро ҳам нахоҳад дошт.

Моҳияти мураккабе чун мода ва сурати хориҷӣ доранд, пас он мода ва сурати мунъакисшуда ва сурати зеҳнӣ ҳам пайдо мекунад. Ин мода ва сурати ақлӣ (зеҳнӣ) ба шарти ло ахз шуда, табдил ба ҷинс ва фасл мегарданд [8, 65].

Фақр: маҳмул аст бар уламои илмии охиратӣ аз асҳоби фақр ва таҷрид, ки бар ботини шариат мераванд [1,33].

Фақр: (исми масдар) аз ҷиҳати луғавӣ ба ин маонӣ аст: тиҳидастӣ, тангдастӣ, дарвешӣ. Маонии истилоҳӣ: а) ҳақиқати фақр ниёзмандӣ аст, зеро банда ҳам ниёзманд аст. Он чи ки бандагӣ, яъне мамлук будан ва мамлук ба молики худ муҳтоҷ аст ва ғанӣ дар ҳақиқат ҳақ аст ва фақир халқ. Ва он сифати абд аст ба ҳукми «антум-ул-фуқарои валлоҳу ҳувал ғанӣ» фақр он аст, ки туро моле набошад ва агар бошад, барои ту набошад [2, 2130].

б) баъзе гӯянд фақр иборат аст аз фанои филоҳ аст ва иттиҳоди қатрае бо дарё ва ин ниҳояти сир ва мартабати комилае аст, ки фармуд: «Анфақру саводулваҷҳи фидорайн», ки ориф ва солик фонӣ шавад ва аз ҳеҷ чиз ӯро боқӣ намонад ва бидонад он чи ба худ нисбат медодааст, ҳама аз они ҳақ аст ва ӯро ҳеҷ набудӣ (Фарҳанги луғоти саҷҷодӣ).

Мосиво: ва ба масиво напардозад ва Оллоҳ аз қалб гӯяд, ки эҳроқи ҳавои ботилӣ кунад (1,32).

Мосаво (саво) ma sava ба ғайр, ҷуз.

Мо-саваллоҳ: ҷуз Худо (Фараҳ) – он чи савои зоти бори таоло бошад; мавҷудот, махлуқот (2. 2550).

Адам: ҳамчунин ҳуқуқи занон ба шарти иффат ва адами нушуз ва ҳаққи хадам ва ҷаворӣ ба шарти салоҳ ва фармонгузорӣ (риоят шавад) (1, 53).

Адам – adam: (исми масдар)

1. Маънои луғавӣ: нестӣ, нобудӣ, муқобили ҳастӣ, вуҷуд.
2. Маонии истилоҳӣ барои вуҷуди ду эътибор аст: яке вуҷуди мутлақ ва дигаре мутлақи вуҷуд.

Адам ҳар гоҳ мутобиқи вуҷуди мутлақ бошад, адами мутлақ аст ва агар муқобили он бошад, мутлақуладам аст. Муфоди навъи аввал салби вуҷуди мутлақ аст ва муфоди

қисми дувум салби мутлақи вуҷуд аст ва фарқ миёни вуҷуди мутлақ ва мутлақулвуҷуд ин аст, ки мутлақулвуҷуд ба таҳқиқ як фарди мутаҳаққиқ мебошад. Вале интифои он ба интифои тамоми афрод аст.

Аам аз зеҳнӣ ва хориҷӣ, вуҷуди мутлақ ба вуҷуди фардӣ муҳаққақ мешавад ва ба интиҳои фардӣ низ мунтафӣ мегардад (5, 1160).

Пас дар он коргоҳ – яъне адам,
То бибинӣ сунъу сонеъро ба ҳам.
Бе табаддӣ коргаҳ чун ҷойи рӯшан – дидагист,
Пас буруни коргаҳ пӯшидагист.
(Маснавӣ. Никелсон, 288. Асрорномаи Гавҳарӣ 394).

Ақл: – офоқ ва анфус дар нафс илқо мекунанд. Аз роҳи хайр ахзи ҷодаи шаръ, ки ақли ту онро дарнаёбад (1, 86).

Ақл: 1. (масдар) фаҳмидан, дарёфт кардан. 2. (исм) ҳуш, шуури зотӣ, фаҳм. 3. Илм, дониш; муқобили ҷаҳл. 4 маънии истилоҳ – ҷавҳари мустақиле ба зот ва билфеъл, ки асос ва пояи ҷаҳони мобаъдитабиат ва олами рӯҳоният аст ва ҳамон аст, ки дар таърифи он гӯянд: ҳар ҷавҳари муҷарради мустақиле зотан ва феълан ақл аст ва чунин мавҷуде аст, ки зотан ва феълан мустақил бошад. Ҳамон ақл ба маънии содари аввал ва дувум ва … аст (5, 2001).

Хирад: 5. Ҳамон нафс аст, ки дар маротиби мухталиф ба номҳои монанди ақли билқувва, билмалака, билфил ва бисмустафод хонда мешавад [5, 571].

Хирад. 6. Илм ба масолеҳи умур ва манофеъ ва мазор ва қубҳи афъол. 7. Қувваи мудрикаи куллиёт, ки мартабати камоли нофа аст. 8 мутлақи нафс, яъне рӯҳи муҷарради инсон. 9. Қувваи тадбири зиндагӣ. 10. Ақли куллӣ, рӯҳи куллӣ, ақли аввал: қуввае аст аз қувваи нафсонии инсон, ки феълаш тафаккур ва тадаббур ва нутқ ва тамйиз ва эҷоди саноеъ ва ҷуз он аст, он чи ки нахустин бор аз зоти Ҳақ содир шуда.

Нафхе : ва то нафхае сур чандон тафсир дар калом ва шарҳ дар ҳадис кунанд [1, 31].

Нафхе (nafhae) = дар арабӣ.

1. (масдар) як бор вазидани бод. 2. Як бо пароканда шудани бӯйи хуш. 3. (исм) ато, бахшиш, ҷамъи нафахот.

Нафх (nafx) айн. е – (масдар) дамидан бо даҳон, дам ва ғайра, пуф кардан. 2. Бод кардан. 3. Такаббур кардан. 4. (масдар) пур шудани шикам аз бод. 5. (исми масдар) дамидагӣ. 6. Такаббур, ифода. 7. Пурии шикам аз бод (2, 3016).

Сур: 1. Дамидани Исрофил дар сур барои барангехтани мурдагон. 2. (маонии истилоҳӣ): Ифозаи рӯҳ ва иншои ҳаёт аст ва ифозаи дуюм Ҳақ аст, ки мӯҷиби баъс ва ҳашри аҷсод аст, дар нашъати олияи ухравия ва нафхаи сония муқобили нафхаи аввал аст, ки иллати мумкинот аст. Ба воситаи нафхаи аввал аҷсод мемиранд ва арвоҳ зинда мешаванд ва дар нафхаи дувум арвоҳ қиём мекунанд (қиём ба Ҳақ) [2, 2067].

Нафхи меъда, (амр.), таҷамуи газ дар меъда, вуҷуди дамиш дар меъда.

Нафхе: (масдар) як бор дамидан бо даҳон, дам ва ғ. Нафхеи Исрофил. Дамидани Исрофил дар сур, нафхеи сур: «ба як нафхеи исрофилӣ ҳамаро дар васити қиёмат ҳозир кунанд» [Кашф-ул-асрор, 2.527].

2. Яке бор бод кардан. 3. (масдар) пур шудани шикам аз бод. 4. Варами боди сахт, варами риҳӣ, омоси шикам. Нафхеи рӯҳ даме, ки рӯҳулқудус дар остини Марям – модари Исо дамид.

Малакут:

Ҳон, воқиф бош, ки то фиребӣ хасм нахӯрӣ, ки хасми ту муаллими малакути самовот ва арз аст (1, 86).

Малакут (malakut) (исм) як бузургӣ, азамат. 2 – ҷаҳони малакут, ҷаҳон (олам). 1 олами муҷаррадот ба таври мутлақ [5, 1076] муқобили ҷаборут ва аносут (ки зери он воқеанд) ва лоҳут (ки болои он аст). 2. Олами ғайб (ибнил арабӣ), ки олами мухтасиби арвоҳ ва нуфуз аст [2, 2089].

Олами илвӣ, муҷаррадот (Фарҳанги луғати саҷҷодӣ). Олами уқул ва нуфуси муҷаррадӣ.

Муҷаррад: пас дар сурати юсри муҷаррад ризои абавин муфзи ба наҷот бошад [1, 43].

… Он маърифат ва зикр аст ва руҷӯъ ба мабдаъ ва шабоҳат ба уқул ва нуфуси **муҷаррадӣ** [1, 77].

Муҷаррад (исми мафъул) 1. Бараҳна, урён. 2. Танҳо, мунфарид. 3. Бе ҳамсар (зан ва махсусан мард). 4. Он аст, ки шоир ё дабир ҳарфи чандро аз қасида ё нома берун кунад ва ин амал ба арабӣ бештар ояд, ки ба форсӣ. Чунонки Ҳусайн Илоғӣ гӯяд беалиф «Зулфайн баршикасатаву қади санавбарӣ…» ва ин санъатро ҳасф низ номанд.

Шеъри муҷаррад: шеъри сода ва орӣ аз алҳони мусиқӣ, муқобили шеъри малҳун. Маънии истилоҳӣ: амре, ки рӯҳонии маҳз бошад ва малакут бо мода набувад. Чунон ки гӯянд: нуфуз ва уҳул муҷарраданд, ё уқул муҷаррадоти маҳзанд ва нуфуз зотан ва вуҷудан муҷарраданд, валекин дар феъл, мутлақ ба моддаанд. Мафоҳими куллӣ ва маонии оммаи зеҳнии муҷарраданд, яъне мавтани онҳо ақл аст, валекин муртабит бо моддаанд, зеро маншаи интизои онҳо мода аст ва сувари илмии муҷарради маҳз намебошанд [5, 1076].

Ирфон, ки гунае аз ҷаҳонбинии худошиносӣ аст, таҷаллиии яке аз ҷилваҳои равони одамӣ ва бозтоби бурунии яке аз ниёзҳо ва гароишҳои дарунии инсон аст, гароише, ки реша дар ниҳоди мо дорад ва бо сиришти мо омехта аст.

Гароиш ба мутлақ: Аҳмади Дониш дар ҷой ҷойи авроқи нодири «Наводир-ул-вақоеъ» қайд карда, ки одамӣ дар ниҳони хеш мутлақгарост. Вай ҳамвора дар ҷустуҷӯйи ҷамоли мутлақ ва дар хилоли тамоми сутур, роҳкорҳои рушд ва шукуфоии маънавиро бо таваҷҷуҳ бо сиришти моварои инсон ба риштаи таҳрир кашидааст.

Басомади вижагиҳои ирфонӣ-маърифатӣ дар ин китоб бисёр аст. Аз ҷумла, дар фасли «Дар таҳқиқӣ матои дунё ва манофеи ҷамъ ва тарки он ва ёфтани тариқи зӯҳд ва тарки дунё». Он чи заминаҳои маърифатро дар авроқи ин асар барҷастатар менамояд, истифода аз рамузи зайл аст:

1. «Қуръони Маҷид»: китоби осмоние, ки нахустин омӯзаҳо ва маорифро дар дил дорад.
2. Ҳадис: дувумин хостгоҳе аст, ки ирфон басе боварҳои бунёдиро аз он гирифтааст.
3. Ниёишҳои маъсумон ва шеваи зисти паёмбар ва маъсумоне, ки нуктаҳои бинишҳои борики ирфонӣ аст.

Таҷрибаҳои ирфонӣ эҳсосро авҷ медиҳанд ва отифаро ба меъроҷ мебаранд ва дидори зебоиҳои ботинӣ ва моварои зарофати зеҳн ва завқи замиру забонро замина мешавад ва сулуки сӯфиёна, сууди дид ва дарёфт ва шукуфоии шуур ва шинохтро аз пай меоварад.

Хулоса, Аҳмади Дониш андешаманди бузурги тоҷик ва тобноктарин чеҳра дар эҷоди осори адабӣ, фалсафӣ ва иҷтимоӣ дар нимаи дувуми асри Х1Х-и мелодӣ дар диёри Бухоро аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ. Ҷ. 1. – Душанбе, 1988. – 287 с.
2. Деҳхудо А. Луғатнома. Чопи дуввум. Интишороти донишгоҳи Теҳрон, 1377.
3. Донишномаи адабӣ-форсии Осиёи Марказӣ. Чопи ҳафтум. Интишороти сипеҳр, 1364. – С. 380-381.
4. Муҳаммад Ростгӯ. Ирфон дар ғазали форсӣ. Чопи нахуст, 1383.
5. Муҳаммади Муъин. Луғатнома. Чопи ҳафтум. Интишороти сипеҳр, 1364.
6. Олимӣ Хосият. Ормонҳои миллӣ ва динӣ дар «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш // Рӯдакӣ. – Душанбе: Интишороти Ройзании Исломии Эрон. № 23. – С. 155-156.
7. Ҳаитова Ш. Тафсири мафҳуми «истилоҳ» дар партави пажӯҳишҳои муҷаддади илмӣ // Паёми Донишгоҳ. – Душанбе: Дониш, 2010. – С. 3-6.
8. Эҳсони Таркошванд. Басотати воҷиб. – Теҳрон, 1388. – С. 59-71.

ОЗНАКОМЛЕНИЕ С МИСТИЧЕСКИМИ ТЕРМИНАМИ В «НАВОДИР-УЛ-ВАКОЕЪ» АХМАДА ДОНИША

Ахмад Дониш - таджикский писатель и мыслитель, являлся главой просветительского направления в таджикской литературе и общественно-политической мысли XIX в. В данной статье автор наряду с изучением жизни и творчества Ахмада Дониша, обращает внимание на использование мистических терминов в его произведении «Наводир-ул-вакоеъ» и даёт некоторые комментарии к ним.

Ключевые слова: Ахмад Дониш, произведение «Наводир-ул-вакоеъ», таджикская литература, мистические термины в «Наводир-ул-вакоеъ».

GETTING ACQUAINTED WITH MYSTICAL TERMS IN THE «NAVODIR-UL-VAKOE» AHMADI DONISH

Ahmad Donish - tajik writer and thinker, was the head of the educational directions in the Tajik literature and socio-political thought of the XIX century. In this article the author together with the study of the life and work of Ahmad Ahmadi Donish, draws attention to the use of mystical terms in his work « Navodir -ul- vakoe » and gives some comments to them.

Key words: Ahmad Donish, the work of the «Navodir-ul-vakoe», tajik literature, mystical terms in the «Наводир-ul-вакоеъ».

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Фотима Асад*** – аспирантка Таджикского национального университета

ВИЖАГИҲОИ НИҲОД ДАР “КАЛИЛА ВА ДИМНА”

Ҷаъфари Рӯдсаробӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

«Калила ва Димна» яке аз осори бузурги адабиёти форсу тоҷик аст, ки ҷойгоҳи вижае дар миёни осори дурахшони адаби ҷаҳон дорад. Ин асари шигифт ҳам аз назари вижагиҳои бартари адабӣ ва ҳам аз дидгоҳи маънӣ ва навиштаҳои қобили қабул марвориди дурухшон дар дарёи бекарони адабиёти ҷаҳон аст. Достонҳои беназир ва нигоҳи амиқи он ба дунёи пур аз рамз ва рози инсонҳо, он ҳам бо баён намудан аз забони ҳайвонот на танҳо гироӣ ва ҷаззобияти ин асарро боло бурда, балки бар ғинои адабӣ ва ҳамчунин бар умқи маънавии он афзудааст.

Мо дар ин мақола, фурсати онро надорем, ки ба тамоми ин вижагиҳо бипардозем, аммо то он ҷо ки дар тавон бошад аз вижагиҳои наҳвии ин асари бузург ва бахусус аз вижагиҳои ниҳод дар ҷумлаҳои он сухан бар забон меоварем. Ҳарчанд ки то кунун дар ин маврид бисёр кам пажӯҳиш шудааст умедворем, ки битавонем ба андозаи кофӣ он чи мавриди ниёз аст, баён намуда, абъоди тозатаре аз зебоиҳои забонӣ ва дастурии «Калила ва Димна» барои мухотабини бузургвор равшан намоем.

Ниҳод ба калима ё гурӯҳе аз калимот гуфта мешавад, ки дар бораи он хабаре дода мешавад, яъне соҳиби хабар аст. Ниҳод ба сурате дар ҷумла меояд: ниҳоди ҷудо, ки дар ибтидои ҷумла аст, ки ба мубтадо низ маъруф аст ва ниҳоди пайваста, ки ҳамон шиносе аст ва дар интиҳои ҷумла бо феъл мепайвандад.

Дар нақши ниҳод калимоту таркиботи марбут ба ҳиссаҳои нутқи мухталиф меоянд:

Ниҳод- исм. Гоҳе ниҳод дар ҷумла ба сурати исм ба кор меравад, ки дар ин сурат низ ба шаклҳои мутафовит меояд. Исмҳое, ки вижагиҳои мухталиферо ба худ мегиранд, аз ҷумлаи исми маъруфа ё накира, исми хос ё ом, муфрад ё ҷамъ, исми сода, муштақ, мураккаб ва муштақи мураккаб. Дар «Калила ва Димна» номҳои зиёде ба сурати ниҳод ба кор рафтаанд, ки аз он ҷумла метавон ба намунаҳои зер ишора намуд:

Меҳмонон сар дар пеш афганданд (“Калила ва Димна”-и Насруллои Мунши. - Теҳрон, 1385 шамсӣ. 100 с.)[***].

Дар ҷумлаи зер исм ба сурати муфрад ва сода ба кор рафтааст:

Муш бад-ин сухан илтифот намуд

Ниҳод-сифат. Вақте ниҳод сифат бошад, дар ҳақиқат вижагии исмӣ, ки бояд ниҳод қарор бигирад, ба сурати сифат ба кор меравад. Албатта, ин шакли ниҳод камтар аз анвои дигари он дида мешавад. Дар «Калила ва Димна» низ сифате, ки ниҳод бошад, бисёр нест, ки бархе аз ин навъро муаррифӣ менамоем:

Бечорагон аз сармо ранҷур шуданд.

Дар ҷумлаи боло ниҳод ба сурати сифати ҷамъ ба кор рафтааст, аммо дар ҷумлаи зер ниҳод таркибе аз се сифат аст:

Ин хоини беинсоф барда аст.

Ниҳод-замир. Гоҳ ниҳод дар ҷумла ба шакли замир ба кор меравад. Дар ин сурат ниҳод дар анвои замир истифода мешавад, ки аз он ҷумла метавон ба замири шахсӣ, замири ишора, замири мубҳаму замири муштарак ишора намуд. Дар «Калила ва

[***] Минбаъд дар қавс танҳо саҳифа ишора мешавад.

Димна» низ намунаҳои зиёде аз анвои ниҳод ба шакли замирро метавон мушоҳида намуд, ки дар зер ба бархе аз онҳо ишора менамоем.

Дар ҷумлаи зер ниҳод замири шахсӣ аст:

Ту ин мизоҷ дорӣ.

Аммо дар ин ҷумла ниҳод ба сурати замири мубҳам ба кор рафтааст:

Ҳар як худро мекӯшид.

Ниҳод-гурӯҳе аз калимот. Бисёре аз ҷумлаҳо дорои ниҳоде ҳастанд, ки аз гурӯҳи калима ташкил шудааст, ки таркибе аз музофу музофун илайҳӣ ё мавсуфу сифат ва ё шаклҳои муттафовите аз таркиби калимот аст. Дар «Калила ва Димна» низ ҷумлаҳои фаровоне дида мешавад, ки дар онҳо ниҳод ба сурати гурӯҳе аз калимот ба кор рафтааст, ки дар зер ба намунаҳое аз онҳо ишора менамоем:

Хасми мулкро ҳеч зиндон чун гӯр ва ҳеч тозиёна чун шамшер нест.

Дар ҷумлаҳои зер низ ниҳод маҷмӯаҳое аз чанд сифат аст:

Ин хоини беинсоф барда аст.

Ниҳод-маҳзуф.Дар бисёре аз ҷумлаҳо бавижа, ҷумлаҳое, ки ниҳоди онҳо замир аст, ниҳоди ҷудо, ки дар ибтидои ҷумла ба кор меравад, ҳазф мешавад ва ҷойгоҳи онро шиноса пур мекунад дар бисёре аз ҷумлаҳо низ ниҳод ба қаринаи лафзӣ ва барои парҳез аз такрор ҳазф мешавад. Дар “Калила ва Димна” намунаҳои фаровоне аз ҳазфи ниҳод мушоҳида мешавад, ки ба бархе аз онҳо ишора менамоем:

Албатта, боз нагардам

Дар ҷумлаи фавқ ниҳод ба қаринаи шиноса ҳифз шудааст. Дар ҷумлаи зер низ ниҳоди савум шахси муфрад ҳазф шудааст:

Пас берун омад ва бар дари сӯрохӣ биистод.

Ниҳоди ҷудо-ниҳоди пайваста. Ниҳоди ҷудо дар ибтидои ҷумла истифода мешавад ва мустақил аз дигар вожаҳост. Ба иллати ҳамин истиқлоли ҷойгоҳ, ниҳоди ҷудо номгузорӣ шудааст, аммо ниҳоди пайваста ба феъл мепайвандад ва дар дар интиҳои ҷумла ба кор меравад. Ниҳоди пайваста ниҳоди иҷбории ҷумла аст ва ҳазфи он номумкин аст, дар сурате ки дар бисёре аз ҷумлаҳо ниҳоди ҷудо қобили ҳазф мебошад. Дар «Калила ва Димна» низ намунаҳои фаровоне аз ниҳоди ҷудо ва пайваста мушоҳида мешавад, ки ба бархе аз онҳо ишора менамоем.

Дар ҷумлаи зер дар ибтидои ҷумла ниҳод ба сурати ҷудо ва мустақил ба кор рафтааст:

Бозаргон рӯзе ба талаби оҳан ба назди ӯ рафт

Аммо дар ҷумлҳое низ ниҳод фақат ба сурати пайваста ё ҳамон шиноса ба кор меравад:

Фармони ӯ нигоҳ дошт**анд.**

Ҷойгоҳи ниҳод дар ҷумла. Ниҳод низ монанди аҷзои дигари ҷумла дорои ҷойгоҳи мушаххас аст. Маъмулан ниҳод пеш аз мафъул ва дар ибтидои ҷумла ба кор меравад, аммо гоҳе дар ҷумлаҳо ба иқтизои маъно ва корбурди ҷумла ҷойгоҳи ниҳод тағйр меёбад, мисол дар миёни ҷумла пас аз мафъул ва ё пас аз феъл ба кор меравад. Дар «Калила ва Димна» низ ҷойгоҳи ниҳод дар ҷумлаҳои муттафовит, тағйир кардааст, ки ба намунаҳои аз ин корбурдаҳо ишора менамоем.

Дар ҷумлаи зер ниҳод пас аз мафъул ба кор рафтааст:

Пирро шура молу дӯсти фарзанд дар кор оварад

Дар ҷумлаи зер ниҳод пас аз қайд омадааст:

Баробари эшон мурғе буд дар дарахт

Ниҳоди-фоили муснадулилайҳ.Дар ҷумлаҳое, ки фоили онҳо иснод аст, ниҳоди **муснадулилайҳ** аст ва дар ҷумлаҳое, ки феъл ғайри иснодӣ аст, ниҳод фоил аст, дар ҷумлаҳои иснодӣ маъмулан коре ё ҳолате ба ниҳод нисбат дода мешавад, аммо фоил анҷомдиҳандаи кор аст. Дар «Калила ва Димна» ҷумлаҳои фаровоне бо ҳарду навъи ниҳод омадааст, ки ба намунаҳое аз он ишора мекунем.

Дар ҷумлаҳои зер ниҳод фоил ё ҳамон кунандаи кор аст:

Мутаваққа ва ёронаш мутлақу эмин бозгаштанд.

Аммо дар бархе ҷумлаҳо низ ниҳод ба сурати **муснадулилайҳ** ба кор меравад:

Хиёнати писараш аз зимни он муқаррар гашт.

Ниҳод аз дидгоҳи шумора. Дар бархе аз ҷумлаҳо ниҳод ба сурати муфрад ба кор бурда мешавад. Дар ин ҷумлаҳо ниҳод фақат яке аст, ки гоҳ як инсон ба унвони ниҳод истифода мешавад ва ё ин ки як падидаи васеъ ниҳод қарор мегирад. Дар сурате ки ҷамъ бошад, низ бо нишонаҳои ҷамъи муттафовит ба кор меравад, монанди: «ҳо», «он»,

«ат», «ин», «ун». Гоҳе низ ниҳод ба шакли исми ҷамъ ба кор бурда мешавад, ки дар ин сурат нишонаи ҷамъ дар он ба кор бурда намешавад. Намунаҳои муттафовити ниҳодро дар мисолҳои зер аз назари шумора мушоҳида менамоем.

Дар ҷумлаи зер ниҳоди муфрад ба кор рафтааст:

Нушервон шод гашт.

Аммо дар ҷумлаҳои зер ниҳод ба сурати ҷамъ ва бо нишонаҳои ҷамъ муттафовит омадааст:

Нодонон барои афсонахонанд.

Дар ҷумлаҳои фавқ ниҳод бо нишонаи ҷамъи «он» ва дар ҷумлаи зер бо «от» ба кор рафтааст: Қазот фароҳам омада.

Ҳамин тариқа, **и**н мақола бо таърифи ниҳод оғоз шудааст ва дар идома вижагиҳои он дар ҷумлаҳои муттафовити «Калила ва Димна» баён гардидааст. Аз қабили ин ки ниҳод дар ин ҷумлаҳо чи навъ калимае аст мисли исм, замир ё сифат. Ниҳод аз назари шумора мавриди таҷзия ва таҳлил қарор гирифта вижагиҳои он аз ин назар баён гардидааст. Мушаххас шуда, ки ниҳод дар ин ҷумлаҳо замир аст ё сифату навъи он низ аз назари замир ва сифат будан равшан шудааст. Барои мисол чи навъ сифат ё замире аст: замири ишора, мубҳам ва…ё сифати ишора, мубҳам ва ғайра.

Сохтмони ниҳод мушаххас шудааст ва ин ки як вожа аст ё маҷмӯъае аз чанд калима ва ё ин ки як ҷумлаи комил аст. Ба танҳоӣ ба кор рафта, ё таркиб мебошад ва ё ин ки чанд ниҳод пайи ҳам омадаанд. Ончи дар ин мақола оварда шудааст, ишорае аст ба вижагиҳои мутафовити ниҳод, ки дар «Калила ва Димна» ба кор рафтааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Анварӣ Ҳасан. Гивӣ Аҳмад. Дастури забони форсӣ 2.- Теҳрон,1367.шамсӣ, - 356 с.
2. Деҳхудо Алиакбар. Луғатномаи Деҳхудо.-Ҷ.21-Теҳрон, 1325-1361.- с.1000 с.
3. Парвиз Нотил Хонларӣ. Дастури забони форсӣ. Чопи чаҳорум.- Теҳрон, 1363.- 367 с.
4. Грамматикаи забони тоҷикӣ (китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ).- Душанбе, 1963.- 182 с.
5. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.-Ҷ.1.- Душанбе, 1989.- 223 с.
6. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. Чаҳор гулзор.-Душанбе, 1998.-116 с.
7. Забон- рукни тоат. Маҷмӯаи мақолаҳо.- Душанбе, 2008.- 360 с.
8. Хаёмпур А. Дастури забони форсӣ.- Табрез, 1388.- 192 с.
9. Шариат Муҳаммадҷавод. Дастури забони форсӣ.- Теҳрон,1371.- 459 с.

ПОДЛЕЖАЩЕЕ И СПОСОБЫ ЕГО ВЫРАЖЕНИЯ ПРОИЗВЕДЕНИИ «КАЛИЛА И ДИМНА»

Подлежащее является главным членом двусоставного предложения, грамматически независимый от других членов предложения, Формой выражения подлежащего является существительное в именительном падеже. Подлежащее выражается также местоимениями, количественными числительными, любой субстантивированной частью речи, инфинитивом и словосочетаниями. В данной статье автор рассматривает способы применения подлежащего и способы его выражения в произведении «Калила и Димна” Насрулло Мунши.

Ключевые слова: подлежащее, существительное в именительном падеже, формы выражения, произведении «Калила и Димна” Насрулло Мунши, признак подлежащего.

THE SUBJECT AND THE METHODS OF ITS EXPRESSION PRODUCT «KALILA AND ДИМНА»

The subject is the principal member of the двусоставного proposals, an independent from the other members of the proposals Form of expression is subject to the noun in именительном case. Subject there is also a pronoun, quantitative numerals, any субстантивированной part of speech, инфинитивом and phrases. In this article the author considers the methods of application of the subject and the methods of its expression in the work of the «Kalila and Димна” Nasrullo Munshi.

Key words: subject, verb in именительном case, the form of expression, his work «Kalila and Димна” Nasrullo Munshi, the sign of the subject.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Джаъфар Рудсароби*** **-** соискатель Таджикского национального университета

УНСУРҲОИ МАЪНОИИ ИФОДАҲОИ ИДИОМАТИКӢ ДАР НАСРИ БАДЕИИ САДРИДДИН АЙНӢ

Г. Зоғакова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Воҳидҳои идиоматикӣ қисмати аз ҳама муъҷазу пуробуранг ва муассири воҳидҳои фразеологиро ташкил дода, бо бисёр хусусиятҳои худ, яъне мавҷуд будани нишонаҳои асосӣ ва иловагиашон аз дигар гурӯҳҳои воҳидҳои фразеологӣ ба куллӣ фарқ мекунанд. Яке аз паҳлӯҳои дигари басо муҳимми воҳидҳои идиоматикиро мундариҷаи семантикии онҳо, ки унсурҳои маъноии зиёдеро дар бар гирифтааст, ташкил медиҳад: «Воҳидҳои идиоматикӣ аз воситаҳои муҳимтарини ифодакунандаи тафаккури бадеӣ дар забон мебошанд. Онҳо баробари ифодаи ҳолати муайян боз унсурҳои эҳсосӣ, баҳодиҳӣ, обуранги бадеӣ ва ҳолатҳои дигарро низ мунъакис мекунанд» [1,10]. Онҳо чунин воҳидҳои рехтае мебошанд, ки маънои ифода мекардагияшон пурра маҷозӣ буда, саршори рангубори мухталиф мебошанд. Масалан, дар як гурӯҳ воҳидҳои идиоматикӣ маънои фразеологӣ дар асоси маҷоз ба вуҷуд омада бошад, дар қисмати дигари онҳо маъно дар заминаи ифоданокию санъатҳои лафзӣ ташкил ёфтааст. Дар як гурӯҳи воҳидҳои идиоматикӣ, санъатҳои бадеӣ – ба мисли ташбеҳ, истиора, киноя, ташхис, муболиға, тазод ва муқобала, рамз истифода шудаанд, ки онҳо тавлиддиҳандаи унсурҳои образнокӣ дар воҳидҳои идиоматикӣ ба шумор мераванд. Дар гурӯҳи дигари онҳо меҳр, навозиш, нафрат, бадбинӣ, умеду орзу, дуо, илтиҷо, зориву тавалло, дағалӣ ва ба монанди инҳо баён ёфтаанд, ки ифодагари эҳсосоту майлҳои иродавӣ мебошанд. Дар фаслҳои зер ҳар яке аз ин гурӯҳҳо дар алоҳидагӣ аз назар гузаронида мешаванд:

Маънои мафҳумӣ ва ифодаи он ба воситаи воҳидҳои идиоматикӣ

а) Воҳидҳои идиоматикии зиёде, ки дар заминаи маънои аслӣ ё ин ки таҳтуллафзии ифодаҳои одии нутқ пайдо шудаанд ва дар натиҷаи истеъмоли зиёд рехтаву ихчам мегарданд. Маънои таҳтуллафзии чунин идиомаҳо ҳанӯз барҳам нахӯрдаанд. Дар мавриди истеъмоли чунин воҳидҳои идиоматикӣ, беихтиёр дар пеши назари соҳибзабон маънои таҳтуллафзии онҳо низ ҷилвагар мешавад: «Маънои таҳтуллафзӣ дар байни маънои мустаъмали фразеологӣ ва қолаби овозии фразеологизм ҳамчун дастгоҳи амалкунанда вуҷуд дорад, ки аз як тараф, ба рехтагиву муъҷазии маънои фразеологӣ сабаб шавад, аз ҷониби дигар ба таҳкими қолаби овозии он чун аломати шартии ифодакунандаи маъно боис мегардад» [1, 10]. Дар ин қабил воҳидҳои идиоматикӣ робитаи байни ин ду маъно равшан ифода ёфтааст. Масалан, ин хусусиятро дар воҳиди идиоматикии **гули сари сабад** бараъло мушоҳида карда метавонем. Одатан гулдастаи сари сабади шахси гулфурӯш аз ҳама беҳтарин ва сара аст. Дар байни маънои таҳтуллафзӣ ва идиоматикӣ як робитаи ногусастанӣ мушоҳида мешавад. Маънои «сара, беҳтарин» дар воҳидҳои идиоматикии **гули сари сабад** аз ҳамин ҷо сар мезанад:

Ана ҳаминҳо буданд **гули сари сабади** маҷлисҳои Латифҷон-махдум (С. Айнӣ. Ёддоштҳо, 26).

Ё ин ки воҳиди идиоматикии **гурги борондида**, ки нисбат ба шахси маккор, гармию сардии зиндагиро дида, пуртаҷрибаву кордон гуфта мешавад, аз қабили чунин воҳидҳои идиоматикие ба шумор меравад, ки заминаи реалӣ дорад: «Азбаски гург ҳайвони ваҳшии дарранда аст, дар тасаввуроти мардум ба сифати образи манфӣ пиндошта мешавад. Ҳамин тобиши маъно дар воҳиди фразеологии мазкур низ эҳсос мегардад» [2, 98]. Дар осори насрии устод С. Айнӣ бо дигар воҳидҳои идиоматикие, ки дар таркибашон калимаи **гург** доранд, низ вохӯрдан мумкин аст. Ин воҳидҳои идиоматикӣ образҳои манфиро дар худ таҷассум намудаанд . Масалан, воҳидҳои идиоматикии **гурги хонадон** «шахси бегонае, ки аз сирри хона бохабар бошад», **тавбаи гургӣ додан** «нест кардан, аз байн бурдан», **гургони дупо** «қаллобон, дуздон» аз ҳамин қабиланд:

– Ин пир **гурги борондида аст** (С. Айнӣ. Ёддоштҳо, 223). Ман дар ин ҷо на меҳмон, балки як аъзои оилаи мутаввалӣ барин шуда мондам… агар кӯтоҳ карда гӯям, ман дар он ҷо **гурги хонадон** шуда будам… (С. Айнӣ. Ёддоштҳо, 317). … агар гургони одамхорро **тавбаи гургон**а дода метавонистед, дар он вақт ба мардум фоидаи калон мерасонидед (С. Айнӣ. Ёддоштҳо, 114). Дар ин миён гург ҳам набуд, маълум аст, ки инҳоро **гургони дупо** рабудаанд … (С. Айнӣ. Дохунда, 84).

Одатан заминаи пайдоиши маънои таҳтуллафзии воҳидҳои идиоматикро ин ё он ҳикмати халқӣ, урфу одат, воқеияти зиндагӣ, суннат ва дигар ананаҳои ҳар як халқ ташкил медиҳад: «Воқеияти зиндагии гузаштаи мардум дар ин унсурҳои муҳимми забон аксар ба тавассути маъноҳои таҳтуллафзии онҳо ифода мешаванд. Дар маъноҳои таҳтуллафзӣ, ё ба истилоҳ, маъноҳои аслии воҳидҳои фразеологӣ бисёр пораҳои рангини ҳодисаҳои таърихӣ, тамаддун ва расму суннатҳои ниёгонамон инъикос шудааст. Аксар осори марбут ба воқеияти гузаштаи мо аз аср ба аср, аз насл ба насл маҳз ба тавассути ҳамин воҳидҳои муҳими забон интиқол меёбад» [3, 49]. Далели ин гуфтаҳо ибораи **дар чое тапаркулӯх бозӣ кардан** буда метавонад. Оид ба заминаи воқеии воҳиди идиоматикии мазкур устод С. Айнӣ чунин қайд мекунад: «**Тапаркулӯх бозӣ кардан** як навъи хокбозии кӯдакона аст, ки чанд нафар дар тапурхоки кӯча гирд менишинанд ва якеро дар миёнаи давра гузошта чашмашро мебанданд. Яке аз бачагон чашмбастаро бо ангушт черт карда, аз байни давранишастагон ҷо мегирад ва ҳама ба хок даст зада, чанг бароварда, кулӯх парронда, «тапаркулӯх!» гӯён фарёд мекунанд. Кӯдаки чашмбаста бояд ёбад, ки сари ӯро кӣ черт кард. Маҷози халқии **дар ҷое тапаркулӯх бозӣ кардан** аз ҳамин ҷо гирифта шудааст ва ба маънои маҷозии «аз чизе ба хубӣ огоҳ будан, он чизро аз ҷавонӣ медонистан» мавриди истеъмоли омма қарор гирфтааст» [II.7, 632]:

– Ин фақир дар кӯчаҳои китоби «Шифо»-и Шайхурраис **тапаркулӯх бозӣ кардааст** (С. Айнӣ. Ёддоштҳо, 247).

Ҳамин тариқа, воҳидҳои идиоматикӣ дар заминаи маънои таҳтуллафзӣ ба маънои маҷозӣ соҳиб шуда, дар баробари ин рехтаву устувор шуда, пуробуранг мегарданд. Дар байни ин қабил воҳидҳои идиоматикӣ муносибати байни маънои маҷозӣ бо маънои луғавии ҷузъҳо то як андоза ногусастани боқӣ монадаст. Масалан, ин хусусият дар воҳидҳои идиоматикии **нӯги калобаи чизеро ёфтан** ба маънои «сарҳисоби корро ёфтан», **ба зери чашм гирифтан** «интихоб кардан», **ба пой хестан** «сиҳат шудан», **даст пеш гирифтан** «омода будан», **монанди ришта ба пои касе печидан** «хира, якрав будан» ба хуби мушоҳида мешавад:

Лекин дар рӯзҳои охир **нӯги калобаи ҷиноят ёфта шудааст**… (С. Айнӣ. Ғуломон, 598). … Ситора ном духтархонаи 12-солаи ӯро **ба зери чашм гирифтааст** … (С. Айнӣ. Ёддоштҳо, 345). … дар ин бемории мурданӣ як моҳ хобида **ба пой хест** (С. Айнӣ. Ятим, 226). Мулло Қаҳҳор ба қозӣ, раис, амлокдор ва миршаб, ки бо истодани ӯ онҳо аз роҳ бозмонда, ба пеши ӯ **даст пеш гирифта истода буданд**, нигоҳ кард… (С. Айнӣ. Ғуломон, 372). Одам дар ҳар ҷой, ки ояд дар он ҷо пайдо шуда **монанди риштаи Бухоро дар ҳол ба пойи кас мепечад**!- гуфт (С. Айнӣ. Марги судхӯр, 47).

б) Дар баробари воҳидҳои идиоматикие, ки робитаи байни маънои онҳо бо маънои таҳтуллафзияшон равшану возеҳ маънидод мешавад, дар захираи фразеолгии забони тоҷикӣ бо воҳидҳои идиоматикие низ вохӯрдан мумкин аст, ки ин робита хира ё ин ки гум шудааст. Маънои таҳтуллафзии ин қабил воҳидҳои идиоматикӣ ё тамоман аз байн рафтааст, он дигар барқарор карда намешавад, ё ин ки бо тадқиқи этимологӣ барқарор кардан мумкин аст. Масалан, оид ба таърихи этимологии воҳиди идиоматикии **миси чизе баромадан** профессор Ҳ. Маҷидов чунин ақида изҳор кардааст: «Фразеологизми **миси касе (чизе) баромад**, ки ба маънои «фош шудан, расво шудан» маъмул аст, бо фаъолияти шахсоне, ки дар гузашта пулҳои қалбакӣ месохтаанд, алоқаманд карда мешавад. Онҳо гӯё барои ин ки мардумро фиреб диҳанд, аз болои пулҳои мисин оби тилло медавондаанд. Чунин пулҳо дар як муддати кӯтоҳ суда шуда, миси онҳо боло мебаромадааст ва дар натиҷа соҳиби онҳо фошу расво мешудааст» [4, 72]. Устод С. Айнӣ низ ин воҳиди идиоматикиро пеш аз ҳама ба ҳамин маънои «фош, ошкор гаштани рози касе» мавриди истеъмол қарор додааст:

– Зинҳор, ба сад зинҳор нахандетон, ки пай бурда, **миси кори ман намоён шавад** (С. Айнӣ.Ёддоштҳо, 414).

Дар мавриди дигар онро ба маънои расво кардан, шарманда кардани касе ба кор мебарад:

Инҳо ҳеҷ гоҳ намехостанд, ки Ҳайрат барин як ҷавони пуриқтидор ба дарбор роҳ ёфта, **миси онҳоро барорад** (С. Айнӣ. Ёддоштҳо, 370).

Воҳиди идиоматикии **даҳани фаранг** низ аз таърихи этимологии худ хеле дур шудааст. Оид ба таърихи пайдоиши он луғатшиноси маъруфи тоҷик В.А. Капранов чунин ақида изҳор кардааст: «Калимаи **даҳон** дар ифодаи даҳони фаранг дар ибтидо

дуҳн будааст ва ин калима, калимаи арабӣ буда, маънои равғанро ифода мекардааст» [46, 57, ниг. 4].

Ё ин ки воҳиди идиоматикии **калло-балло гуфтан** дар забони халқ ба маънои «ради сухан кардан, баҳсу мунозира намудан, ҷавоби муносиб гуфтан» истеъмол меёбад. Дар китоби луғат ин калимаҳо дар алоҳидагӣ шарҳ дода шудааст: «**Калло**- ҳарфест барои ради сухани пешин; ҳосили маънии он ин аст, ки чунин нест. Ва гоҳе барои муссаллам доштани сухани ғайр бошад; дар ин сурат исм бошад; ба маънии ҳақ аст» [5-6, 474]. **Балло**-озмоиши касе кардан [5-6, 383].

Воҳиди идиоматикии **калло-балло гуфтан** таркибан рехта буда, ҷузъҳои он дар нутқ аз ҳамдигар ҷудо кор фармуда намешаванд. Устод С. Айнӣ низ дар осори худ ин воҳиди идиоматикиро ба маънои «ҷавоби муносиб додан» корбаст кардааст:

Майлаш, авлоди Файзи – авлиё он тараф истад, худи Файзи авлиё зинда шуда аз пеши роҳам барояд ҳам, ман **калло-балло гуфта** метавонам (С. Айнӣ. Марги судхӯр, 133).

Воҳидҳои идиоматикие, ки пайдоиши онҳоро ба мушкилӣ маънидод кардан мумкин аст, дар забонамон хеле зиёданд. Масалан, **қути лоямут** «хӯроки кам», **салмаи сақат** «чизи барзиёдатӣ», **бори накав** «нодаркор, нолозим», **виз-визаки мавизкӯбак** «хаппак» аз қабили ҳамин гуна воҳидҳои идиоматикӣ мебошанд, ки устод С. Айнӣ дар асарҳои худ зиёд мавриди истеъмол қарор додаст:

Дар соли саввуми ҷанг – соли 1916 меҳнаткашон ва фақирон чунон хонавайрон шуданд, ки барои **қути лоямуташон** нони хушк намеёфтанд (С. Айнӣ. Марги судхӯр, 145). … барои ин **салмаҳои сақатро** зудтар ба манзил расонида, аз дасташон раҳои ёфтан, ночор ба роҳ даромада, аспашро чолокона рондааст (С. Айнӣ. Ёддоштҳо, 240).

Хулоса, агар дар як қатор воҳидҳои фразеологӣ робитаи маънои маҷозӣ бо маънои аслӣ равшан дида шавад, дар гурӯҳи дигар он тамоман барҳам хӯрдааст ва онро барқарор кардан номумкин аст. Ҳарчанд ин қабил воҳидҳои идиоматикӣ дар забонамон кам бошанд ҳам, дар онҳо анъана, таърих, суннат ва дигар расму русуми халқамон нуҳуфтаанд. Дар онҳо образнокӣ ва муъҷазбаёнии баланд мушоҳида мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Маҷидов Ҳ. Воҳидҳои фразеологӣ ва образи бадеӣ // Адаб.– 1993. – № 9-10.– С.12-14.
2. Мирзоева М. М. Воҳидҳои фразеологии асарҳои С. Айнӣ ва усулҳои тарҷумаи онҳо ба забони русӣ.– Душанбе: Матбуот, 2008. – 160с.
3. Маҷидов Ҳ. Осори воқеияти қадимаи эронӣ дар фразеологияи забони муосири тоҷик // Номаи пажӯҳишгоҳ – Душанбе, 2009. – С. 49-57.
4. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик.– Душанбе, 1982. – 103 с.
5. Ғиёсиддин бини Ҷалолиддин. Ғиёс-ул-луғот. – Ҷ.I. – Душанбе: Адаб, 1987. – 139с.
6. Ғиёсиддин бини Ҷалолиддин. Ғиёс-ул-луғот. – Ҷ.I. – Душанбе: Адаб, 1988. – 173с.

СМЫСЛОВЫЕ ЭЛЕМЕНТЫ ИДИОМАТИЧЕСКИХ ВЫРАЖЕНИЙ В ХУДОЖЕСТВЕННОЙ ПРОЗЕ САДРИДДИНА АЙНИ

Идиома - оборот речи, значение которого не определяется отдельными значениями входящих в него слов и не переводимый дословно на другой язык. Идиомы придают речи выразительность, яркость и образность. Обогатив свой словарный запас идиоматическими выражениями, мы сможем понимать стилистические, эмоциональные и смысловые оттенки языка. В данной статье авытором подвергнуты рассмотрению и изучению смысловые элементы идиоматических выражений в художественной прозе великого таджикского писталя Садриддина афни.

Ключевые слова: идиома, идиоматические выражения, смысловы элементы, смысловые ситуации, художественная проза Садриддина Айни.

SEMANTIC ELEMENTS OF IDIOMATIC EXPRESSIONS IN FICTION SADRIDDIN AINI

The idiom " a figure of speech, the meaning of which is not determined by the individual values within the words and not the translated word for word into another language. Idioms give the speech, expression, brightness and imagery. Enrich your vocabulary идиоматическими expressions, we can understand the stylistic, emotional and semantic nuances of the language. In this article авытором subject to review and study of semantic elements of idiomatic expressions in the prose of the great Tajik писталя Sadriddin and Ophni.

Key words: idiom, idioms, смысловы elements, the meaning of the situation, fiction Sadriddin Ayni.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Г. Зогакова*** - кандидат филологических наук, ассистент кафедры таджикского языка (для нефилологических факультетов) Таджикского национального университета

БАРРАСИИ МАЪНОИИ ВОЖАГОНИ МИНЕРАЛ БО ТАВАҶҶУҲ БА ЗАБОНИ ИЛМ

Фараҳноз Ҳоҷимуҳаммад Самиӣ
Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Истилоҳи забони илм истилоҳи пӯшише аст, ки ҳама гунаҳоро аз як забон дар худ фароҳам мегирад, ки дар улуми мухталиф, аз ҷумла улуми минералӣ мавриди истеъмол қарор гирифтааст. Аз ҷумлаи вижагиҳои мумтози забони илм (минералӣ) ин аст, ки аз мавқеиятҳо фориғ аст ва аз ашхос ва савобиқи онҳо озод аст. Намодин нест, балки иртиботӣ ва иттилоотӣ аст, инчунин росту равшан ва орӣ аз ибҳом аст. Фориғ аз ороя ва пирояи адабӣ аст.

Забони форсӣ дар баёни мафҳумҳо ва назарияҳои илмӣ он қадар нотавон ба назар намерасид. Дарвоқеъ бархе аз нахустин китобҳое, ки дар авохири садаи чаҳоруми ҳичрӣ ба забони форсии дарӣ навишта шудаанд дар онҳо вожаҳои илмии форсии бисёре сохта шуда буд. Абӯали ибни Сино ва Абӯрайҳони Берунӣ китобҳое ба забони форсӣ навишта буданд, ки дар онҳо калимаҳои илмӣ ба забони форсӣ зиёд дида мешавад. Абӯрайҳони Берунӣ калимаҳое ба монанди ситорашумор (мунаҷҷим), пойидан (расад кардан), хирман (ҳола), ситораёб (устурлоб), ситорагони раванда (саёрот) вожаҳои арабии роиҷ ба кор бурда буд. Гарчи то садаҳои охир забони арабӣ дар Эрон забони аслии китобҳои пизишкӣ, илмӣ ва фалсафӣ боқӣ монд, аммо ҳамвора дар канори китобҳои арабӣ китобҳои илмии форсӣ низ навишта мешуд.

Пас аз нахустин талошҳои ҷиддӣ барои тарҷума ва нигориши китобҳои илмӣ ба забони форсӣ ва ошкор шудани норасоиҳои забони форсӣ, дар солҳои оғозини ин сада кӯшиши бисёре барои вазъи истилоҳҳои нав ва вожаҳои илмӣ оғоз шуд. Афрод ва гурӯҳҳои ҷудогонае даст ба кори вожагузинӣ шуданд ва ҷудогона муодилҳои бисёре барои вожаҳои илмӣ вазъ карданд. Дар соли 1311 дар дорулмуаллимини олӣ анҷумане барои вожагузинии илмӣ ба сарпарастии доктор Исо Сиддиқ ва зери назари доктор Ҳусени Гулгулоб ва доктор Маҳмуди Ҳассобӣ бино ниҳода шуд, ки муодилҳое барои 3 ҳазор истилоҳи илмӣ вазъ кард ва бештар ин муодилҳо аз пазириши ҳамагонӣ бархурдор шуд [3,14].

Аз он чи ки вожагузинӣ дар гурӯҳҳои гуногун ва ҷудогона дунбол мешавад ва гоҳе дучори зиёдаравӣ ва саликаҳои шахсии афрод мешавад, дар хурдоди 1314 фарҳангистони Эрон барои ҳамоҳанг кардани кор ва вожасозӣ бунёд гузошта шуд. Дар ин фарҳангистон донишмандони ошно ба донишҳои қадим ва ҷадид монанди Саид Нафисӣ, Бадеуззамони Фурӯзонфар, Абдулазими Қариб, Муҳаммад Алии Фурӯғӣ, Муаҳммадтақии Баҳор, Рашиди Ёсамӣ, Аббоси Иқболи Оштиёнӣ, Иброҳими Пурдовуд, Маҳмуд Ҳассобӣ, Ғуломҳусайни Роҳнамо ва Ҳусайни Гулгулоб ҳамзамон узвият доштанд. Дастурдеҳҳои ин ҳамнишинии фархунда таъсири мондагор бар раванди таҳаввули забони форсӣ гузошт.

Бисёре аз вожаҳое, ки дар Фарҳангистони Эрон сохта шуд, ончунон дар забони форсӣ пазируфта ва роиҷ шудаанд, ки шояд барои бархе шунидани ин ки ин вожаҳо ҳафтод сол пеш дар забони форсӣ вуҷуд надоштаанд ё дар маънои имрӯза ба кор намерафтаанд, шигифтангез бошад.

Дороӣ (молия), беҳдорӣ (саҳия), додгоҳ (маҳкама), додгустарӣ (адлия), шиноснома (варақаи ҳуввият), гузориш (рапорт), даромад (духул) ва шаҳристон (вилоят) дар шумори вожаҳое ҳастанд, ки дар забони гуфтори рӯзмарра мондагор шудаанд. Ба ҳамин иллат тарбияти вожаҳои илмӣ бисёре низ сохта шуд, ки ба зудӣ дар матнҳои илмӣ ҷойгузини вожаҳои аврупоӣ ва арабӣ гардид. Аз миёни онҳо метавон вожаҳои зеро баршумурд: омор (эҳсоя), чигол (мункасиф/ касиф), бозтоб (рефлекс), вогаро (мутабоид), полоиш (тасфия), тавон (қувва), дигардисӣ (метамарфоза), сангвора (фусил), муҳрадор (зуфқор) ва фишорсанҷ (мизоналзағте) [4].

Бархе аз вожаҳои сохташуда низ пазириши ҳамагонӣ наёфтанд ва натавонистанд ҷойи вожаҳои роичро бигиранд. Бадгуворӣ (сӯйи ҳозима), решагӣ (радикал), ғунд (ҷурм), пӯшина (капсул).

Аммо минералҳои зер, ки сангҳои гаронбаҳо ва зинатӣ ҳастанд аз аввал дорои муодили форсӣ буданд ва дар олами забони илми минералӣ дорои тавсифоти зер буданд:

Алмос: яке аз сангҳои қимат ва яке аз олутрупҳои карбон аст, ки дар фишорҳои боло пойдор мебошад. Олутрупи дигар карбони графит ном дорад. Алмос дар ҳолати пойдор дорои сохторӣ баландравӣ (мукаабӣ) аст. Алмос сохтори маншурӣ низ дорад, ки ин сохтор ба сурати шабеҳ пойдор дар табиият ба сурати минералӣ вуҷуд дорад. Алмос аз вожаи аддамос гирифта шудааст.

Кварц ё дурри кӯҳӣ яке аз полимерҳои силис (оксиди силисён) бо сохтор лузии паҳлӯ аст. Обҳои доғдори маҳлулҳои SiO_2 дар шикофҳо ва дарзҳо сард мешаванд ва русуби SiO_2 дар ин маконҳои булурҳои зебоии кварц ба вуҷуд меоваранд.

Тупоз: дар луғатномаи Деҳхудо омадааст: «Забарҷади зарди моил ба сурхиро ҳиндӣ гӯянд ва ин забунтарини ҳама анвои забарҷад аст». Калимаи тупоз аз вожаи юнонии (тупозюс) ё (тупозюн), ки номи ҷазирае Сентҷон дар дарёи сурх будааст, гирифта шудааст. Муодини ин санг дар ин ҷазира вуҷуд доштааст. Вожаи тупоз бо калимаи санскрит (топос) ба маънои «оташ» ё «гармо» иртибот дорад.

Зумрад гунае барӣ ва аз сангҳои гаронбаҳо аст. Ин санг, ки аз селикоти олуминеюм ва бирилиюм ташкил шуда дар сангҳои пегмотит ёфт мешавад. Вожаи зумруди арабишуда «асмори агдус» юнонӣ аст, ки худ гӯё аз вожаи санскрит ба маънои сабз гирифта шуда. Номи аслии форсии он дувол ё дубол аст. Дар бовари қадимӣ зумрудро дафкунандаи бемории саръ ва кӯркунандаи мор мепиндоштанд. Зумруд дар қадим дар Мисри бостон ва Австрия ва Сувот дар шимоли Покистон истихроҷ мешуд. Имрӯза беҳтарин зумрудҳо аз маъдани музу дар кишвари Калумбия истихроҷ мешавад.

Шабақа (каҳрабои сиёҳ, санги Мӯсӣ, меҳри сиёҳ) яке аз маводи минералӣ аст, ки ба унвони яке аз сангҳои қимати боарзиш кам ба шумор меравад. Шабақ дар асл як минерал нест, балки дар зумраи минералворҳо шумурда мешавад, зеро ин санг хостгоҳои зистӣ дорад. Шабақ дар асл аз чӯбҳои пӯсидае, ки таҳти фишори бисёр шадид будаанд падид омадааст.

Пирити оҳан дар матнҳои куҳани форсӣ морқашишо номида мешуд. Пирит аз луғати юнонии «пир» ба маънои оташ гирифта шудааст. Шояд ин номгузорӣ ба иллати тавлиди шарорае аст, ки бар асари бархурди сангҳои дигар ҳосил мешавад. Дар форсӣ калимаи барнаҷа ва санги нур низ барои пирит бакор бурда шудааст.

Ақиқ ё агат: ақиқ санги силисӣ ва навъе аз дури кӯҳӣ аст, ки бештар аз санги ямонӣ ташкил шудааст. Калимаи **ақиқ** резадона будани он ва равшании рангаш аст. **Ақиқ** дурахшанда ва дорои сурати булурин мебошад. Беҳтарини он сурх, зард ва сафед аст. Гунае аз он ки зарроти фаровони мико дорад ва буроқ аст, дилрабо номида мешавад. Шакли булурҳои **ақиқ**, нозук ва шишагӯш аст.

Ақиқи сулаймонӣ ё санги бобоқурӣ ё халанги навъи рагадори санги яманӣ аст. Санги ямонӣ худ гунае аз дурри кӯҳе (кувортз) аст. Ранги рагаҳои ақиқи сулаймонӣ сафед ва сиёҳ аст. Ба онгунае, ки рагаҳои рангиаш ба ҷои сиёҳ тифҳое аз қирмиз ҳастанд, ақиқи ямонӣ мегӯянд.

Фирӯза (пирӯза ё фирӯзак): фирӯза як минерали камёб ва арзишманди обӣ наздик ба сабз аст, ки хоҳони фаровонӣ дорад. Ин менерал ба дасти фирӯзатарошон шакл дода мешавад ва ба унвони нигин барои ангуштар, гарданбанд, гушвора ва дигар ҷавоҳирот бакор меравад. Пештар ин минерал танҳо аз санги фирӯза ба даст меомад, вале имрӯз ҳамонанди дигар минералҳо маснӯӣ низ фароварӣ мешавад ба гунае, ки ҳатто ташхиси табиӣ ё маснӯӣ будани он барои коршиносон низ бисёр душвор аст.

Каҳрабобашира (самғ) фасилшудаи дарахт гуфта мешавад, ки маъмулан ба хотири ранги зебояш дорои арзиш аст. Маъмулан аз ин модда барои сохти ашё тазъинӣ ва ҷавоҳир истифода мешавад. Умдаи каҳрабои ҷаҳон умри байни 30 то 90 миллион сол дорад. Гоҳе дар дохили каҳрабо ҳашарот кӯчак ба дом афтода рӯзгорони пеш аз таърих низ ёфт шудаанд. Каҳрабо дар луғат аз ду вожа «коҳ» ва «рабо» сохта шудааст. Ва ба маънои барандаи коҳ аст.

Санги лоҷвард. Навъи санги қимати обиранг аст, ки ба хотири ранги обӣ сайри он ва қобилияти пудра шудан ва кандакории рӯйи он аз ҳазрон сол пеш дар ҷаҳон хоҳони зиёде доштааст. Бо он ***лозвард*** ва ***ложвард*** низ гуфта шудааст.

Лаъл (нозсанг, ҳаҷри селон) лаълҳо аз давраи пеш низ ба унвони санги қиматӣ ва соянда корбурд доштаанд. Лаъл вожаи форсӣ аст ва аслан он лол будааст. Онро дар қадим лоли бадахшонӣ, бадахшӣ ва малхуш низ ҳам меномиданд. Дар луғатномаи Деҳхудо ба нақл аз манобеи қадимае менависад: санги зариф бо сурхӣ дурахшанда ва аз ёқут сустар аст. Рангранг аст, сурх, зарду сабз, бунафш ва беҳтаринаш сурхи бадахшонӣ аст.

Ёқут яке аз минералҳои сангҳои озарин аст, ки баъд аз алмос сахттарин минерал маҳсуб мешавад. Ёқут арабишудаи вожаи порсии «ёганд» мебошад. Ёқут яке аз сангҳои қимате мебошад, ки дар зеварҳо ба кор бурда мешавад.

Зарних. Дар асл ба моддаи минерали зарди лимуитари сулфати арсиник гуфта мешуд ва достони он ҳокӣ аз ранги ин модда аст. Чун ба назар мерасад ин ном дар ниҳоят бар вожаи форсӣ zar ба маънои «тилло» мубтанӣ бошад (Суратҳои хешовандии он иборат аз Hari санскритӣ ба маънои «зардфом» ва низ khloros юнонӣ ба маънои «зард моил ба сабз» ва худ yellow (зард) англисӣ). Муштақ zarnk (зарних) дар забони арабӣ ба сурати zernkh ба вом гирифта шудааст, ки чунонки дар луғати арабӣ маъмул аст, шунавандагони хоричӣ онро ба масобаи луғати муташаккил аз воҳиди ҷодонашуданӣ бо ҳарфи маъруфа- al ба маънои the медонистанд дар натиҷа azzernkh ба вуҷуд омад.

Зумрад- сабзи равшан. Аз феъли соми бостон barag ба маънои shine (дурахшидан-ҷилва кардан- барқ андохтан) нишот мегирад. Аз феъли соми мазбури зоҳири исми baragt ташкил шуд, ки gem (гавҳар- ҷавоҳир) маъно дорад. Ин исм дар забонҳои бумии Ҳиндустон (маншаи аслии гавҳар дар даврони бостон) ба сурати- maragada тасбият гардид. Забони юнонӣ ин луғатро ба сурати maragdos ба маънои «гавҳари сабз» ба даст овард, ки гунаи smaragdos ҳеле зуд ҷойи онро гирифт. Забони лотинӣ луғати охирро ба шакли smaragdus пазируфт.

Саъйи фарҳангистон бар он будааст, ки вожагони минералӣ дорои маънои форсӣ ҳатто онҳо, ки номашон кадимӣ шудааст забони илми менералогиро эҳё намояд. Фарҳангистон ба ҷойи бархе аз таркибҳои ноҳамвори арабӣ, ки дар номанигориҳои идорӣ корбурд доштанд, баробарҳои хушсохт пешниҳод кард, ки ба унвони намуна метавон ба ин иборатҳо ишора кард: ман ҳайсулмаҷмӯъ (рӯйи ҳам рафта), муфасалуласмо (номбурдагон), дар ин ҳайсу байс (дар ин гиру дор).

Шукуфоии дубора: ҳарчи бархе аз сохтаҳои фарҳангистони Эрон андак-андак фаромӯш шуд ва ҳеҷ гоҳ ривоҷ наёфт, аммо кӯшишҳои фарҳангистон, гурӯҳҳо ва афроди мустақиле, ки дар ин замина кор мекарданд, рафта – рафта асаргузор шуд ва ёрӣ кард, ки забони форсӣ барои баёни мавзӯъҳои илмӣ ва фаннӣ коромомадтар ва расотар аст. Хамчунин пазириш ва ривоҷи бархе аз ин наввожаҳо дар забони гуфтор ё дар матнҳои илмӣ роҳро барои вожасозӣ ё сохтани таркибҳои тозатар бо онҳо ё сохтани шаклҳои қиёсии ҳамонанди онҳо ҳамвор кард. Чунонки сохтани «ҷашнвора» барои «фестивал» роҳро барои сохтани «моҳвора» ҳамвор кард ва шояд роҳи сохтани ҷашнвораро низ сохтани «сангвора» пеш аз он ҳамвор карда буд. Ва ё касе, ки «пешванд» ва «пасванд»-ро ривоҷ дода роҳро барои «шаҳрванд» ҳамвор кард (51,5). Бадин тартиб истифода аз тавонмандиҳои дастгоҳи вожаҳои забони форсӣ барои сохтани вожаҳои тоза на танҳо вожаҳои ҷадиде барои падидҳои нав дар ихтиёри мо мегузорад, балки боиси бороварӣ ва зоёии бештари он мегардад.

Роҳи пеши рӯ: аз он солҳо то кунун китобҳо ва мақолаҳои илмии мунташиршуда ба забони форсӣ рушди фазоянда доштааст ва шумори афзунтаре аз донишмандон ва пажӯҳишгарон, дастандаркори нигориш ва тарҷмуаи осори илмӣ ва гузиниш баробарҳои муносиби форсӣ барои истилоҳҳои илмӣ будаанд. Матолиби илмӣ ва фаннӣ дар риштаҳои гуногун ба забони форсӣ навишта шудаанд ва ба тадриҷ забони форсӣ барои баёни онҳо парварда шудааст. Вожаҳо ва истилоҳҳои бисёре дар маъноҳои дақиқ ва мушаххас пазириши ҳамагонӣ ёфта, якдаст шудааст. Вожа, бад-ин тартиб матнҳои илмии форсӣ равшантар ва гӯётар шудааст (114,2).

Бо таваҷҷуҳ бо мабоҳиси боло метавон натиҷагирӣ кард, ки равшанӣ ва расоии матнҳои илмии форсӣ имрӯз натиҷаи алоқа, диққат ва талоши омӯзгорон, нависандагон, мутарҷимон ва муҳаррироне аст, ки пеш аз ин барои тавономанд ва коромад барои рафъи ҳама ниёзҳои як зиндагии замонавӣ ҳадафҳои ниҳоии ин талоши арзишманд аст. Ҳадафе, ки ҳар як аз олимони улуми мухталиф метавонанд бо корбурди огоҳона ва масъулони забони форсӣ дар наздик шудан ба он мушорикат кунанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Меҳрдод Саидҷаъфар. Таттаввури забони форсӣ дар омӯзиши физика. Фаслномаи рушди омӯзиши физика. № 30-31.- Поийз ва зимистон 1371.
2. Содиқӣ Меҳр Ризо. Таҷрибаҳои забони форсӣ дар улум. Маҷмӯаи мақолоти семинарии забони форсӣ, забони илм. – Чопи аввал.-Теҳрон: маркази нашри Донишгоҳ, 1372.
3. Каёнӯш Ҳасан. Вожаҳои баробари фарҳангистони Эрон.-Теҳрон: Интишороти Суруш, 1381.

Ошӯрӣ Дороюш. Бозандешии забони форсӣ. –Чопи савум.- Теҳрон: Нашри марказ, 1382.

СМЫСЛОВОЕ ИЗУЧЕНИЕ МИНЕРАЛОГИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ С АКЦЕНТОМ НА ЯЗЫК НАУКИ

В данной статье автором подвергнуто рассмотрению и изучению смысловое изучение минералогических терминов с акцентом на язык науки

Ключевые слова: термины, минералогические термины, смысловое изучение, язык науки, способы строения слов.

SEMANTIC STUDYING OF MINERALOGICAL TERMS WITH EMPHASIS ON SCIENCE LANGUAGE

In this article the author subjected to consideration and studying semantic studying of mineralogical terms with emphasis on science language

Key words: terms, mineralogical terms, semantic studying, science language, ways of a structure of words.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Фарахноз Хочимухаммад Самии***-соискатель кафедры иностранных языков АН РТ

ЗАБОНШИНОСИИ РОЁНАӢ ВА КОРБУРДИ ОН ДАР ЗАБОНИ ФОРСӢ

Муҳсин Раҳимӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забоншиносии роёнаӣ ё (Computational Linguistics), ки ба мисдоқи соир мушобеҳоти дастури забони форсӣ «роёнашӣ» низ гуфта мешавад як миён ришстаи коромад байни улуми инсонӣ аз як сӯ ва улуми роёна ва риёзӣ аз сӯйи дигар аст. Доманаи пӯшиши ришстаҳои муртабит бо он мубоҳиси марбут ба забони инсон дар мафҳуми ом, равоншиносии зеҳн ва шинохти инсон ва ҳуши маснуии роёнаро баррасӣ мекунад. Ба ҳамин далел дар системаҳои омӯзиши мутафовут дар дунё, ин ришта дар бархе маворид зери маҷмӯаи гурӯҳи забоншиносӣ ва дар бархи дигар зери маҷмӯаи улуми роёна қарор гирифтааст. Аз аввалҳои даҳаи 50 талошҳо барои корбурди роёнаҳо ҷиҳати пардозиши забони табиӣ сурат гирифт. Ин талошҳо бештар рӯйи тарҷумаи мошинӣ ва ба муҷиби вазъи сиёсии он замон, яъне даврони ҷанги абарқудратҳо ва тавсеаи абзорҳои рӯёрӯйӣ дар ҷанги сард рӯйи тарҷумаи русӣ ба англисӣ мутамарказ шуда буданд. Аммо ин ришта алорағми пешрафтҳои сареъ ва ҳузури чашмгир, корбурди фановариҳои мубтанӣ бар роёна камтар шинохта шудааст.

Ҳадафи тавлидкунандагони нармафзорҳо истифода аз дониши мутахассисони ин ришта барои тавсеаи корбурди фановариҳои навин дар тавлиди абзорҳои бар пояи ҳуши маснӯӣ аст, ки дорои бахше аз дониши забони инсон буда, битавонад ҳам гӯё ва ҳам шунаво бошад. Дар ин сурат, замоне ки шумо фармоне бар асоси дониши забони инсонии иборат аз гуфторе ё навишторero содир намуда сомонаи муқобили шумо ба иҷрои дастури марбута мепардозад, аз талфиқи забон ва абзорҳои роёнаӣ истифода карда ва аз натиҷаҳои дастовардҳои забоншиносии роёнаӣ баҳраманд гаштаед. Бар ин асос метавон гуфт, ки дар як табақабандӣ, кулли ин ришта, дар заминаҳои зер корбурдпазир аст:

Сомонаҳои дарк ва тавлиди гуфор; Сомонаҳои табдили матн ба гуфтор ҷиҳати нобиноён ва ё суҳулати кору афзоиши суръати афроди одӣ; Сомонаҳои иттилоърасонӣ ва телефонии гӯё (Барои мисол сомонаҳои истеъломи вазъияти ҳаракати қатор ё ҳавопаймо ва телефонии бонк)

1. Мошинҳои тарҷума.
2. Нармафзорҳои тарҷумаи луғат.
3. Системаҳои тарҷумаи худкори матн.
4. Системаҳои ғалатёби чопӣ ва ислоҳи матн.

Ироаи чанд мисоли сода аз корбурди ин миён риштаи коромад, арзишҳои онро ба вузӯҳ равшан месозад. Дар намунаи нахуст тавоноии чопӣ калимаҳо аз тариқи хондани матн, ки аз ироаи нусхаи форсии он замони зиёде намегузарад, пеш аз соли 2001- и мелодӣ тавассути ширкати нармафзори Майкрасофт тавлидшуда метавон нусхаи англисии ин нармафзорро ба сурати ройгон аз тариқи гузина speech дар менюи абзорҳои барномаи вожапардози Майкрасофт фаъол намуд. Коркарди забоншиносии роёнаӣ дар ин бахш аз нармафзор, пардозиши садои гӯянда ва табдили он ба коректорҳо ва ҳуруф ва ташкили калимоту намоиши онҳо бар рӯи сафҳа корбар аст. Дар ҳар кадом аз ин бахшҳо ҳам ҷанбаҳои муҳосиботии забон мадди назар қарор мегирад ва ҳам ҷанбаҳои пардозиши он тавассути роёна ва он чи ба даст хоҳад омад ва бознамуди аз талфиқи ин ду ҷанба дар қолаби савт ё матн аст.

Намунаи дигари ин фановарӣ дар абзорҳои мухобиротӣ, аз ҷумла сервисҳои пасти савтӣ ва ё телефонҳои гӯё ва ё гӯйишҳои мобил фароҳам омадааст. Шояд таърифи саҳеҳтар дар ин шохаи овошиносии роёнаӣ ба ҷойи забоншиносӣ бошад. Хусусан, дар мавриди охир истифода аз ин фановарӣ бештар аз он, ки ҷанбаи корбурдӣ дошта бошад, ҷанбаи таблиғӣ дошта, ба далели адами дарёфти натиҷаи матлуб дар истифода аз фановарии ташхиси садо дар гӯшиҳои мобили имрӯза камтар аз ин имкон дар гӯшиҳои ҳамроҳ истифода мешавад, аммо фановарии бакоррафта дар он баъд аз дарёфти садои гӯянда онро пас аз татбиқи муҷаддад бо соҳиби садо дар қолаби як фармони савти захира намуда ва ба иҷрои он аз тариқи гирифтани як шумораи хос ва ё боз кардани як барнома ва ё соири дастуроти пешбинишуда мепардозад. Нусхаи роёнаии чунин барномаҳо низ имрӯза ба сурати ройгон вуҷуд доранд, ки метавонанд фармонҳои аслӣ, мисли боз кардан, нусхабардорӣ ва ҳазфро бар асоси дастуроти савтӣ дар муҳити windovs иҷро намоянд.

Бидуни шак корбурди аслии ин ришта барои тарҷумаи забонҳои башарӣ ба якдигар мадди назар қарор мегирад. Масъалаи тафовути забонҳои модарӣ бисёр куҳантар аз халқи мошин буда, талошҳои бисёре барои тарҷума бидуни қайду шарт забонҳои модарӣ ба якдигар сурат гирифтааст. Ба унвони мисол, дар ҳавзаи нармафзорҳои тарроҳишуда, бо ҳамин манзур имрӯза бо илҳом аз достони маъруфи “Бурҷи Бобил” ва пайдоиши ихтилофи забонӣ, созандагони он, нармафзоре ба номи Babylon барои тарҷумаи забонҳои башарӣ ба якдигар ба вуҷуд овард, ки бо тарроҳӣ бастаҳои мутааддиди фарҳанги луғат дар забонҳои мухталиф ва бо коркардҳои мутафовут дар қолаби Glossary ба ин масъала пардохтааст. То кунун беш аз 400 навъ фарҳанг дар ин нармафзор истифода шуда, бидуни шак ин нармафзор яке аз садҳо намуна тарҷумаи луғат дар рӯзгори мост ва танаввуи ин нармафзорҳо нишондиҳандаи адами коромадӣ дар ҳама заминаҳо ба ҷуз сурати туҷории он мебошад. Лозим ба зикр аст, ки ин нармафзорҳо пас аз тарҷумаи луғот ба тарҷумаи истилоҳот ва дар ниҳоят ба тарҷумаи мухтасари матн мепардозанд, ки дар идома ба баррасии ин замина пардохта хоҳад шуд.

Ба ҷуз сомонаҳои тарҷумаи матн ва ё ба истилоҳ тарҷумаи мошинӣ, дигар нармафзорҳои мавҷуд дар ин замина ҳастанд, ки бо ҳадафи тарҷумаи мутун ба якдигар тарроҳӣ ва тавлид шудаанд. Ҳарчанд то кунун ҳеҷ як аз онҳо ба сурати комил натавонистааст тарҷумаи орӣ аз хаторо ироя намояд ва тарҷумаҳои мошинӣ ҳеҷ гоҳ аз кайфияти болоӣ бархурдор набудаанд. Ин масъала ноши аз ҷанбаҳои маъношинохтии забони инсон буда, нуқтаи заифи тарҷумаҳои мошиниро барои интихоби муодил сад дар сад муносиби гузинаҳо машҳудтар месозад. Ба унвони мисол дар ин замина вожапардози Майкрософт дар зербинои абзорҳои худ ва дар қисмати забон бо истифода аз вожаномаҳо (thesaurus) ба тарҷумаи байни забонӣ дар хусуси бархе забонҳо мепардозад.

Дар солҳои охир намунае аз ин талошҳо дар забони форсӣ сурат гирифтааст, ба далели адами риояти мавозини аслии тарҷума мафоҳими фоқиди ҳар гуна арзиши забонӣ будаанд, аммо корбарони фоқиди дониши тарҷума ба нияти тарҷумаи осон ва ағлаби супориши лоиҳаҳои худ аз ин сомонаҳо истифода намуда, натоиҷи бадастомада низ аз сатҳи бисёр нозилӣ бархурдор гаштаанд. Намунае аз матни тарҷумашуда тавассути як нармафзори мутарҷими матни англиси ба форсӣ бо ҳамроҳии муодили ироашудаи он айнан ба шарҳи зер мебошад.

WHY DID DECIDE to propose a new book on computational linguistics?

Чаро DID мо DECIDE, ки як китоби ҷадид (рӯйи) забоншиносии роёнаӣ? қасд дорем.

What are the main objectives, intended reabers, the main features, and the relationships of this book to various branches of computer science?

Аҳдофи аслии «хонандаҳо» вижагии аслӣ ва равобити ин китоб ба шохаҳои гуногуни илми компютер чӣ чизе қасд доштааст?

Агар хоҳем имтиёзе ба мизони тарҷумаи чунин иборот тавассути мошин диҳем бидуни шак ба ҳеч унвон имтиёзи қобили таваҷҷуҳе набуда ва бо каме сахтгири метавон онро мардуд эълом намуд. Зеро алорағми тарҷума бархе вожагон ва истилоҳот ба мафҳуми иборот ҳеҷ тавфиқе надоштааст. Дар таҳлили тарҷумаи ироашуда, метавон бархе нуқоти заифи нармафзори мазбурро чунин феҳристбандӣ намуд:

Набудани ташхиси далели истифода аз корректорҳои бузург тавассути нармафзор ва набудани дарки иртиботи қарордоди нависанда дар қалби таваҷҷуҳи мухотаб.

Набудани ташхиси фосилаҳо дар эҷоди маънои интиқолӣ. Набудани истифода аз муодилҳои муносиб бар ҳасби муҳтаво тавассути нармафзор.

Набудани риояти нишонагузорӣ дар эҷоди сохтмони аслии ҷумла. Набудани таносуби ҷумлабандӣ дар забон, мақсаду истифода аз дастури забони мабдаъ барои қавоиди сохтори ҷумла.

Бидуни шак мавориди бисёреро боисти фавқ метавон изофа намуд ва ин тарҷумаҳо он қадар ба давре аз асолати мафоҳими тарҷума аст, ки наметавонад муодилёбии муносибе барои вожагони ҷумлаи мабдаъ бошад. Ҳарчанд теъдоди нармафзорҳои мавҷуд дар ин замина ҳар рӯз рӯ ба афзоиш аст, аммо тасаввури мутуну мақолоти донишгоҳӣ, ки бар асоси чунин стандартҳо тарҷума мешавад ва бидуни ҳечгуна таҳрири ниҳоӣ ба сурати самараи як пажӯҳиш ироа мешавад, метавонад амиқ ин фоҷиаи дарднокро равшантар намояд.

Аз он ҷое ки муҳити WEB бар пояи забон бино шудааст, нақши нармафзорҳои хос ҷиҳати истихроҷ додан аз бонкҳои иттилоот ва пардозишу ироаи он ба корбарони ғайри ҳамзабон аз корбурдҳои дигари забоншиносии роёнаӣ дар ин ҳавза аст. Ба ҳамин манзур дар бархе пуружаҳои нармафзорӣ дорои манбаъ боз, ки имрӯза ба далели сиёсатҳои инҳисории ширкатҳои бузурги фаъол дар ин замина бештар мавриди таваҷҷуҳи тавсеадиҳандагони нармафзорҳо қарор гирифтаанд, стандартҳое вазъ шуда, вуҷуди онҳо низ таҳти пӯшиши созмонҳои ҳамчун OASIS††† мебошад. Ҳазфи ин сатандартҳо тавсеаи абзорҳои тарҷума ва аҷзои дарки нармафзорҳо ба забони корбарон аст. Агарчи забони байналмилӣ дар истифода аз улуми бештар забони англисӣ буда, аммо бо ҳадафи бумисозии нармафзорҳо ва истифодаи қишри ғайри мутахассис ва бо ҳадди ақали дониши забонӣ аз ин нармафзорҳо зарурати чунин табдилҳои беш аз пеш сурат гирифтааст.

Рӯъёи оянда. Ҳамакнун дар гӯшаву канори дунё тарҷумаи ҳамзамони садо пайгирӣ мешавад. Ба саҳми худ муддатҳост бо пиёдасозии намунаи зер дар ин замина фаъолиятҳои ҷиҳати дастёбӣ ба абзори боқобилият, ҳазфи воситаҳои тарҷума анҷом додам. Ин абзор бар асоси алгоритми зер ва бар пояи густурдаҳои фанни мавҷуд дар заминаи роёна фароҳам омада ва метавонад бо тавсиаи фановарӣ дар бархе аз аҷзои худ тағйироте дошта бошад.

Дарёфти гуфтор дар забони мақсад, табдили матн ба гуфтор, тарҷумаи матн ба забони мақсад, табдили гуфтор ба матн, манбаи гуфтор дар забони мабдаъ.

Ин намуна дар айн намоиши содаи худ, бисёр печидааст. Дар ҳоли ҳозир имкони тарҷумаи савт ва ироаи муодилҳои маҳдуд дар кишварамон ба сатҳи тавлиди тиҷорӣ расида, аммо ҳадафи ин улгу, расидан ба стандарти тарҷумаи ҳама гуфтор бо зерсохти матни он аст, на фақат қарор додани муодили тарҷума ба ҷойи як қолаби савтии мушаххас.

Дар ин сохтор дар ду самт гӯянда ва шунаванда дастгоҳе вуҷуд дорад, ки ҳарчанд дар намунаи озмоишӣ ба андозаи як роёна қобили ҳамл аст, аммо метавонад то ҳадди як ҳедфуни кӯчак шавад. Бар ин асос, гӯянда ба забони модарии худ ҷумлаеро баён мекунад, ки дар самти гиранда дарёфт шуда, тарҷума мешавад. Пас аз тарҷума матни дарёфтшуда ба забони мақсад баргардонда мешавад ва дар идома тавассути нармафзорҳои хониш матн хонда мешавад ва дарёфткунанда дар забони мақсад, метавонад аз тариқи ин сомона бидуни доштани дониши забони гӯянда ба роҳатӣ бо ӯ гуфтугӯ кунад.

---

††† Organization for the Advancement of Structured information Standards

Каломи охир. Мавридҳои фавқ танҳо намунаҳои андаке аз талошҳои забоншиносӣ барои ҳузур дар дунёи фановариҳои навин аст, аммо нигоҳе ба воҳидҳои андаки забоншиносии роёнаӣ, ки гоҳ ба тарҷумаи мақолоти мухтасар ба унвони манбаи дарсӣ дар риштаи забоншиносӣ басанда мекунад ва набуди ин миён риштаи донишгоҳӣ ба сурати мустақил аз нуқоти заифи ҷомеаи забоншиносӣ дар кишвари мо буда, ҳузури бештари мутахассисини забоншинос ва соҳибтаҷриба дар ин арса барои тавлиди илм зарурати иҷтинобнопазир аст.

Умед аст, ки бо иҷрои коргоҳҳои омӯзишӣ дар муаррифии ҳарчи бештари ин ришта тавассути анҷуманҳо ва ниҳодҳои тахассусии забоншиносӣ костаҳои мавҷуд дар ин замина муртафеъ гардад, то мавориде ҳамчун саволоти зер посухи муносибе биёбанд:

1. Моҳияти забоншиносии роёнаӣ чист ва чӣ гуна метавонад дар басти донишҳои навин ҳамкории муносиб дошта бошад?

2. Мароҳили мухталифи пардозишу таҳлили матн дар ростои интиқол ба забони мақсад чист?

3. Низоми дастури мубтанӣ бар аҷзои гуфтор ва пайкараҳо чист?

4. Наҳваи нигориши дастури хоси тарҷумаи худкор чист?

5. Чӣ гуна метавон аз дастовардаҳои ин илм дар ҳали душвориҳои забонӣ истифода намуд?

6. Оё аз тариқи дастовардҳои ин дониш метавон роҳкорӣ барои ҳазфи мутарҷим ҳамзамон бо ҳадафҳои тиҷорӣ ва илмӣ ба даст овард?

А Д А Б И Ё Т

1. Bolshakov I.A., Gelbukh A.Computational linguistics models resourc es. IPN. M., 2004
2. Characterizing and Predicting Corrections in Spoken Dialogue Systems by Diane Litman University.
3. Mitchell P.Building a Large Annotated Corpus of English./ Marcus Depart ment of computer and Information Sciences,
4. University of Pennsylvania, Phi ladelphia/.
5. Using Translation Technology at Sun Microsystems by Tim Foster Software
6. Globalization, Sun Microsystems, Inc.5
7. WHAT IS COMPUTATIONAL LINGUISTICS ? HANS USZKO RE IT http: //www.coli.unisaarland.de

КОМПЬЮТЕРНАЯ ЛИНГВИСТИКА И ЕГО ИСПОЛЬЗОВАНИЕ В ПЕРСИДСКОМ ЯЗЫКЕ

В жизни современного общества важную роль играют автоматизированные информационные технологии. В современном мире при проведении различных лингвистических исследований стали активно использовать компьютерную лингвистику.Компьютерная лингвистика – это область знаний, связанная с решением задач автоматической обработки информации, представленной на естественном языке. В данной статье рассмотрено использование компьютерной лингвистики в персидском языке.

Ключевые слова: компьютерная лингвистика, персидский язык, автоматический анализ, синтез устной речи, автоматический перевод текстов, общение с ЭВМ, естественный язык, база данных.

COMPUTATIONAL LINGUISTICS AND ITS USE IN THE PERSIAN LANGUAGE

In the life of modern society play an important role automated information technologies. In the modern world in the various linguistic studies have begun to actively use the computer лингвистику.Компьютерная linguistics - this area of knowledge, connected c decision of tasks of automatic processing of the information, provided by a natural language. In this article the use of computer linguistics in the Persian language.

Key words: computer linguistics, the Persian language, automated analysis and synthesis of speech, automatic translation of texts, communication with the computer, natural language database.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Мухсин Рахими*** – аспирант Таджикского национального университета

ДЕТЕРМИНАНТЫ

М.В. Зикриёева
Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова

Детерминанты или общие элементы употребляются (находятся) обычно в начале текста и относятся одновременно нескольким предикативным единицам, составляющим текст. Проанализированный нами материал показывает, что детерминанты являются также одним из синтаксических средств объединения последующих за ними предложений в одно единое целое. «Другое важное свойство общего элемента, устанавливаемое скорей этнически, но вполне понятное с точки зрения логической структуры сложносочиненного предложения, состоит в том, что, он, как правило, помещается в предикативной единице-1» [Зикрияев 1986,59].

Связь детерминантов с последующими предложениями посредством которой образуется текст, схожи с «параллельной связью». В самом деле, к детерминанту относятся все другие последующие предложения текста наподобие однородных членов предложения.

Проанализированный нами материал на двух языках показал, что в качестве детерминанта выступают больше всего обстоятельства и дополнения.

1. Детерминанты - обстоятельства времени:

Фариштa ҳанӯз нахусбида буд. Аввали шаб бачаҳояшро ба сад лаҳн садқаву банда шуду баъд ҳар чорашонро таги долон қаторак хобонд. Боз...

Боз дар хона кори майда-чуйдаи рӯзгор бисёр ҷамъ шуда буд. Ҷунбидаву ҳасрат карда, то ҳамаро ба сомон овард, ки канори шаб фаро расид. Як вақт ҳис кард, ки арақу шӯраи бадан дили худашро ҳам беҳузур мекунад. Ва ба ёд овард, ки як ҳафта инҷониб сар нашустааст. Бинобар ин, куртаи суфи сафедашро ёфту як парча собун ва ба ду сатил об гирифта, ба пушти девори чапи хонааш гузашт, ки ҷойи назарпаноҳе буд.

Once night, many weeks later, Malemute Kid and Prince feel to solving chess problems from the torn page of an ancient magazine. The Kid had just returned from his Bonanza properties, and was resting up preparatory to a long moose hunt. Prince, too, had been on cheek and trail nearly all winter, and had grown hungry for a blissful week of cabin life [J. L., Sh. s.,p.49].

When a man journeys into a far country, he must be prepared to forget many of the things he has learned, and to acquire such customs as are inhemet with existence in the new land; he must abandon the old ideals and the old gods, and often-times he must reverse the very codes by which his conduct has hitherto been shaped. To those who have the protean faculty of adaptability, the novelty od such change may even be a source of pleasure; but to 'hose who happen to be hardened to the ruts in which they were created, the pressure of the altered environment is unbearable, and they chafe in body and in spirit under the new restrictions which they do not understand. This chafing is bound to act and react, producing divers evils and leading to various misfortunes. It were better for the man who cannot fit himself to the new groove to return to his own country; if he delays too long, he will surely die [J. L., Sh. s., p. 19].

Пагоҳии рӯзи дигар маросими дафн шурӯъ шуд. Занҳо дар рӯйи ҳавли маърака гирифтанд. Модаркалонаму модарам мӯйҳояшонро кушода партофта, рӯйҳояшонро харошида, хуншор карда, ҷомаашонро чаппа пӯшида, ба миёна даромаданд. Ба ман ҳам ҷомача пӯшонда, ба миёнам рӯймол баста, ба дастам асоча доданд ва фармуданд, ки «во дадам, во дадам!» гуфта гиря кунам. Аммо намефаҳмидам, ки барои чи ман бояд гиря кунам. Як-ду бор овоз баровардам, вале овози маро аз байни доду фарёди як анбӯҳи калони занон ғайр аз худам касе нашунид (Р.А.,НЧ.,34).

2**.Детерминанты - обстоятельства места**

Ман ба ёбон баромадам. Ёбон аз рӯйи даричаи мо васеъ ва хушҳавотар буд. Боди сабуке мевазид ва ба димоғи кас як бӯйи хуши нозукеро меовард. Сабза ва себаргаҳои лаби ҷӯй ва дигар алафҳои худрӯй ба назари кас ҳим-ҳим тофта, чашми одамро мебурданд. Ҳаво на сард буд ва на гарм ва бағояте форам буд... [А,Ёд, 1-2,48].

It was in a wild country, and very far away; but in time I came to the camp, between the mountains, where men worked night and day, out of the sight of thesun. Yet the time was not come. I listened to the talk of the people. He had goneaway -they had gone away-to England, it was said, in the matter of bringing menwith money together to form companies. I saw the house they had

lived in; morelike a palace, such as one sees in the old countries. In the night-time I crept inthrough a window that I might see in what manner he treated her [J. L.,64].

3.Детерминанты - обстоятельства образа действия:

Одамон мамлакатеро орзу мекарданд, ки ҳама баробар зиндагӣ кунанд, на шоҳ бошаду на гадо. Мамлакате, ки худи халқи меҳнаткаш хӯҷаини замин бошад. Ин орзу дар афсонаҳо асрҳои аср аз даҳон ба даҳон мегузашт. Он мамлакати афсонавӣ Ватани шумо мебошад, бачаҳои азиз. Шумо дар он таваллуд ёфтаед, дар он зиндагӣ мекунед. Шумо ба чашмони худ дида истодаед, ки чи хел халқи мо ба қадамҳои баҳодурона пеш меравад [Машъал].

There are many people in the World. There are in different spheres of our life: literature, politics, sports, science and others. For example, Charles Darwin the greatest naturalist, Sergei Koroloy-the chief constructor of spaceship, Bobojon Gafurov-an academician and so on. Academician Bobojon Gafurov-a true son of Tajiks, whose life and activity is a shining page in the history of our people and of Tajikistan.

When we turn over the pages of his life and activity, when we come through his meaningful numerous scientific wc~ks, his speeches at the conferences,

we recognize him as wise, truthful person who devoted all his power to his people. We must remember Tolstoy's saying: "if you want to bring up a person whom you are in need tomorrow, always have an idea and think about a Real Person", for "a Real Person" is the one who leads the society forward in which the others live. These words can be directly referred to the real man of the society Bobojon Gafurov.

Bobojon Gafurov was born on Desember 31, 1909 in the village of Isfisor, situated in the vicinities of Khujand, in his family of railway worker. His father Gafur Sangin was a hard working plodder and his mother Rosia Ozod (Boimaova) was an educated woman, a poetess of her time.

B.Gafurov's youth coincided with the time when there was a national discrimination and class struggle in Tajikistan. Studying the history of his people B.Gafurov depicts them through the struggle, in his books Tajiks.

Since the end of 1928 till the end of 1929 B.Gafurov studied in one year course in Samarkand. In 1930, he was appointed an assistant of the Republic newspaper Kizil Tojikistoni, later in 1935 he became an editor of it. In 1939-1940, he was both a responsible man of Tajikistan and an editor of the journal "Korkuni partiyavi". B.Gafurov played a great role in cultural life of our republic.

Кроме обстоятельства времени и места в качестве детермианта употребляются и другие члены предложения.

4.Детерминанты - дополнения:

а) детерминанты — прямое дополнение

Меҳнатро ҳурмат кунед. Бачаҳо, шумо медонед, ки давлати мо хеле бой аст. Корхонаҳои гуногун месозем. Заминҳои нав мекушоем. Аз киштзорҳо ҳосили бисере мерӯёнем. Шахтаю станцияҳои нави электрикӣ, кони маъданҳо беҳисобанд. Вале на ҳама медонад, ки ин боигарӣ натиҷаи меҳнати бунёдкоронаи миллионҳо коргарон, колхозчиён, инженерон, олимон мебошад.

Хурдтарин чиз ҳам бе меҳнати пуртоқат ба даст намеояд. Фарзандони азиз, шумо меҳнати падару модар ва рафиқони худатонро ҳурмат намоед! [Л,81]

Мо *Ховалингро* дӯст медорем. Дар айёми баҳорон деҳаи мо хеле зебо мешавад. Теппаҳои пасту баланди атрофии ин деҳа сабзу хуррам мегарданд. Дар ин теппаҳои сералаф чорвои калони шохдор чарида мегардад. Дарахтони сарсабз, гулҳои рангоранг ба деҳа ҳусни нав мебахшанд. Теппаҳо ҷомаи сафед ба бар карда чашми бинандаро мебаранд. Аз ҳар кӯҳу дара дарёчаҳои шӯх ҷориand [Л,82].

Last week I got a letter from my sister inviting me to spend the week-end at her place in the country. I accepted her invitation with pleasure. My sister and her husband live in the country, not far from Moscow. They have a nice little house with a garden around it. There is a forest near their house. (З.Б.,240-241).

б) детерминанты - косвенное дополнение:

Ҳазорон сол одамон дар регзорҳои тафсон *бо шутур* бор мекашонданд. Қади баланду гардани кач ба шутур имконият медиҳанд, ки дар биёбон роҳи дурро бинад. Сӯрохи васеи бинӣ мавҷуд будани обро аз дур ҳис мекунад. Ин хеле муҳим аст. Корвон ҳафтаю моҳҳо дар биёбон гашта аз ташнагӣ ба танг меояд. Ҳамин ки шамоли гармсел хеста, регу қумро ба чашму рӯ зад, сурохҳои бинӣ пӯшида мешаванд. Корвон ҳафтаҳо

роҳ меравад. Обу хӯрок набошад ҳам, вай ҳамоно оромона ҳаракат мекунад. Фақат куҳони шутур кам шудан мегирад. Куҳони шутур ҷойи захираи равған аст [БУ,-74].

Mr. Miller had a shop in a big town. He sold ladies clothes, and he always had two or three shopgirls to help him. They* were always young, because they were cheaper than older women, but none of them worked for him for very long, because they were young, and they did not meet many boys in a woman's shop [L.A.Hill,p.40].

5) **Детерминанты - определение**

Матои хушрангу нафис ба ҳусни шумо ҳусни нав зам мекунад. Дар тиҷоратгоҳи «Абрешим» шумо метавонед, 60 номгӯи матоъҳои хушрангуборро аз қабили атласу шоҳӣ, фарангу баркут, духобаву шифон ва зарпарчаҳои ранг-ранг дарёфт кунед. Тиҷоратгоҳ олами матоъҳои хушрангуборро мемонад. Оре, олами афсонавие, ки аз тамошои он як ҷаҳон лаззат мебареду матои мақбули табъатонро дарёфт менамоед. Ин матоъҳо аз мамолики хориҷ не, балки истеҳсоли иттиҳодияи «Абрешим»-и Хуҷанд аст ва дар сифату нақшу нигор ҳамто надорад [ТВС].

Проанализированный нами материал показывает, что как в таджикском, так и в английском языке в роли детерминантов выступают и главные члены предложения:

6) **Детерминант - подлежащее.**

Дельфинҳо дар об зиндагӣ мекунанд. Онҳо ба одамони дар хатар монда ёрӣ мерасонанд.

Рӯзе моҳигир маҳмуд дар заврақчае нишаста ба баҳр баромад. Тӯфон бархост. Баҳр ғурриду заврақро чапа кард. Маҳмуд зери заврақ монд. Ин дам мавҷи бузурге ғуррида Маҳмудро бо заврақаш ба соҳил андохт.

Шаб фаро расид. Тӯфон хомӯш гардид. Ногаҳон селаи дельфинҳо Маҳмудро печонда гирифтанд. Як дельфин сари Маҳмудро дошт. Дельфини дигар ҳаво медод. Онҳо Маҳмудро аз соҳил дуртар бурда то рӯз посбонӣ карданд. Рӯз шуд. Одамон ҳам расида омаданд. Ёрии таъҷилӣ расонида шуд. Ҳамин тавр дельфинҳо одамро аз марг наҷот доданд (Л,59).

The climat of Tajikistan is sharp continental and very droughty. There many warm sunny day there. Summer month are the hotest. Months, usually day temperature rises up to 40-45. It begins in May and lasts on till October.

Autumn is warm in our country but sometimes rainy. The trees become yellow and the days are shorter. The weather in winter is very changeable. It often rains and seldom snows. Winter temperature iss about -10;-12. In some parts of the country, there is a strong wind. Sometimes - the weather is frosty. Spring begins in the second part of February. Though spring is rainy, it is worm in our country. The temperature is changeable. The worm sunny days of spring promote early blossom of trees and flowers. Abundance of warmth and sun promotes the growing of subtropical plants: cotton, grapes, figs, pomegranates and other agricultures. Sir-Darya and Zarafshan-Darya are the biggest rivers. The soil of our country is fertile, vegetation is lavish. The mountains are covered with forests and fruit-trees (МЗА,5).

Волга яке аз дарёҳои бузурги Россия аст. Баҳорон Волга хеле зебо мешавад. Соҳили рости онро боғҳои сабзу хуррами шукуфон фаро гирифтаанд. Дар шохи бутаҳо булбулон нағмасарой мекунанд.

Оё шумо тобистони Волгаро надидаед? Волга дар тобистон ҳам дилрабост. Офтоби тафсони моҳи июль нур мепошад. Акси сабзи ду соҳил дар оби софу зулоли Волга шаъшаапошӣ мекунад.

Дар тирамоҳ Волга намуди дигарро мегирад. Ба соҳилҳои дарьё туман мефурояд. Аз ҷониби шохобҳо боди салқин мевазад. Зимистон Волга дар оғӯши хоби ноз аст (МД,84).

London is the capital of England since the 11th centure and it is the capital of Great Britain since 1707. It is a political, and commercial, industrial and cultural center. London is a very old city. It is more than twenty centures old. Its population is about 10 million people. London is situated on the banks of the River Thames. There are 15 bridges over the river in London. The London undergroud is the oldest in the World. The first line was opened in 1870. It has more then 250 stations. London consists of four important parts. They are the City, the West End, the East End, and Westminster. The City is the commercial part of the capital. There are most of London banks, offices, and firms there. The West End is the richest and the most beautiful part of London. There are fine theatres, museums, and big shops there. The East End is the poorest part. There are many plants, factories, workshops, and docks there. The Houses of Parliament stands on the left bank of the Thames. It stretches for about 1000 feet. The clock Big Ben was built in 1858. It weighs

about 13.5 tons. There are more then 60 museums and 80 theatres in London. The British Museums is one of the largest museums in the World. It is famous for its great library with a collection of about six million books (М3А,10).

Итак, как видите, детерминанты или общие слова также являются одним из синтаксических средств построения текста.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. J. Galsworty - The Forsyte Saga. - M., 1956,336.
2. (Т,.41) - Ахрамов С. Табиатшиносй - Душанбе, 2003-с.41.
3. (БД52)-Корчагина В.А. Ботаника.-Душанбе, 1982, с. 125.
4. (БУ.ЗЗ) - Биологияи умумй (китоби дарси барои с. 9-10), сах.ЗЗ. 5.(Т,30.09.04) - «Точикистон», 30 ноябри соли 2004.
5. (ТВС,12.06.93)-Телевизиони вилояти Сугд, 12 июни соли 1993.
6. (НМ,30.12.05) - «Нури маърифат», 30 декабри соли 2005.
7. (С.А.Дц - I-II, 47) - С.Айнй, ЁддоштҲо. ҚисмҲои I-II. - Сталинобод 1954.

ДЕТЕРМИНАНТЫ

Статья посвящается определению роли одного из грамматических средств организации текста - детерминантов (общих слов). Детерминанты употребляются в начале теста и относятся к содержанию всего текста, и тем самым объединяют всех отдельные предложения входящие в текст. Они часто являются обстоятельством времени и места, да другими членами предложения.

Ключевые слова: текст, единица,средство связи, детерминант,общие слова, обстоятельство времени, обстоятельство места,дополнение, подлежащее, объединение, грамматические средства, сказуемое.

DETERMINANTS

This article deals with revealing the role of one of the grammatical means of the text - common words formation or determinant. Common words (determinants) are usually used at the beginning of the text. However, they are related to the content of the text and connect all the subsequent sentences. They also play connective role. The mono complex syntactic whole will appear at the result of connection of the common words and determinants. The adverbial modifier of time, place, object and subject and etc. will function as determinants as well as.

Key words: determinants, text, relations, grammar means, units, common words, connection, means, complex syntactic whole, formation.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***М В Зикриёева-*** доцент, кандидат филологических наук, декан факультета иностранных языков Худжандского государственного университета им.Б.Гафурова

А Д А Б И Ё Т Ш И Н О С Ӣ

САБАБҲОИ АСОСИИ МУСОФИРАТИ АҲЛИ ИЛМУ АДАБ АЗ ЭРОНИ САФАВӢ БА ҲИНДУСТОН ДАР АСРҲИ XVI- XVII

О. Ш. Саидҷаъфаров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар асрҳои XVI- XVII теъдоди зиёди аҳли илму адаб, хусусан шоирон, аз Эрони Сафавӣ ба Ҳиндустон мусофират намуданд. Омилҳои мусофирати онон дар сарчашмаҳову манбаъҳо гуногун арзёбӣ шудаанд. Аммо, миёни он ҳама авомилу манобеъ чандеро метавон асоситару аввалиндараҷа шуморид.

Яке аз муҳимтарин омилҳои мусофирати шоирони эронӣ ба Шибҳи қора дар асрҳои мазкур, ин дар усули сиёсати Сафавиён зуҳур меёбад. Хонадони Сафавӣ, хусусан асосгузори он, Исмоил ва аъқоби ӯ- Шоҳ Таҳмосп ва Шоҳ Аббос дар сиёсати ҳукумати худ, ки асоси онро бар мазҳаби шиа гузошта буданд, таассуби сахт нишон медоданд. Онҳо дар доираи дарбор бештар ба олимони мазҳабӣ ва фақеҳони шиӣ иҷозаи вуруд медоданд. Аз шоирон онҳое ба дарбори Сафавӣ роҳ меёфтанд, ки нигариши сирф дар чаҳорчӯби ақоиди мазҳабии онҳо доштанд. Сафавиён бештари вақти худро дар ривоҷу равнақи мазҳаби шиа мекарданд. Аббос Парвиз дар ҳамин маврид дуруст қайд менамояд: «Ба сабаби он ки Сафавия тарвиҷи мазҳаби шиаро асоси сиёсати хеш карда буданд, худро аз ҷиҳати тақвияти мабонии давлат ва салтанати хеш ба мадоеҳи шуаро муҳтоҷ намедиданд ... Бо чунин вазъе, албатта, шеъру мадеҳасароӣ дар дарбори онҳо чандон маҷоли муносиб ва мусоиде намеёфт» [1, 473]. Муҳаммадтақии Баҳор низ яке аз сабабҳои асосии аз Эрони Сафавӣ ба хориҷ аз он, хусусан, ба Ҳиндустон кӯч бастани аҳли илму адабро дар ҳамин сиёсати мутаассибонаи хонадони мазкур ҳисобида, қайд менамояд: «Яке, сахтгириҳои мутаассибонаи давлату фуқаҳо, ки бо давлат ҳамдаст шуда, сиёсату рӯҳониятро яккоса карда буданд, мучиб шуд, то гурӯҳе, ки барои таҳаммули озору изрор ва бозпурсу тақя омода набуданд, бадар рафтанд …» [4, 256].

Сафавия аз аҳли фазлу дониш бештар ба олимону фақеҳони исломӣ, он ҳам танҳо ба мубаллиғон ва мураввиҷони мазҳаби шиа эҳтирому арҷ мегузоштанд. Ин сабаб гардид, ки дар дарбори Сафавӣ шеъру шоирӣ рӯ ба инҳитоту таназзул ниҳад. Зеро, доираи мавзуоти шеъри форсӣ дар муҳити Сафавиён танҳо ба тамҳидоди Худову расул ва авлиёи дин маҳдуд гардида буд, ки он ҳам, аслан, аз нигоҳи мазҳабии онҳо сурат мепазируфт ва бештар дар зикри имомон ва васфи шаҳидони Карбало шакл мегирифт [11, 7]. Сафавиён ба завқу инҷизоботи ботинӣ, ки ирфону тасаввуф аз он баҳс мекунад, рӯйи хуш надоштанд. Ин беаҳамиятиву беэҳтиромии салотини Сафавӣ нисбат ба ирфону мабодии ирфонӣ, дастовези фақеҳону уламои шиа дар таҳқир кардани орифону сӯфимашрабон гардида буд. Зарринкӯб ба ҳамин маънӣ мегӯяд: «Ҳам фишору озор ва таҳқири фуқаҳои шиа мӯҷиби ҷилои сӯфия ва урафо ва аҳли завқ аз ватан буд ва ҳам ташвиқу ҳимояти салотини оли Бобур шуаро ва мадеҳасароёнро ҷалб мекард ва сӯфияву урафоро паноҳ медод ва, бад- ин сабаб дарбори Деҳливу Агра хеле беш аз дарбори Қазвину Исфаҳон матмаи назари аҳли камол буд» [9, 256].

Бо сабаби дуршавиву бегонашавӣ аз забони форсӣ ва бо ин тариқ, дур гардидан аз адабиёти ирфонӣ, дар даврони Сафавия бозори шеър ва дарку завқи он бисёр касод гашта буд. «Салотини Сафавия ва умарои Қизилбош ҳам на чандон ошноӣ ба забони форсӣ доштанд ва на аз умури сиёсӣ ва низомӣ маҷоли таваҷҷуҳ ба завқу қариҳаи адабӣ меёфтанд» [1, 473]. Ин тарзи сиёсати Сафавиён сабаб гардида буд, ки аксарияти шоирони соҳибистеъдоди эронӣ нисбат ба дарбору муҳити дарборӣ дилсарду ноумед гардида, рӯ ба кӯчаву бозор биёранд. Сафавиён бар хилофи дигар шоҳони эронӣ, дар тарбияву сарпарастии шоирон кӯшиш накарданд ва, баръакс, онҳоро аз мансабҳову вазифаҳои давлативу дарборӣ барканор сохтанд. Аз ин ҷиҳат, бо маҳрум гаштани шоирон аз дарборҳои Сафавӣ, вазъи маишӣ ва иқтисодии онҳо низ рӯ ба касодиву пастравӣ ниҳод. Хонадони Сафавӣ дари силаву ҳадяҳои шоҳиро, ки яке аз асоситарин роҳҳои беҳзистии шоирони мадҳияпардоз буд, ба тамом бар рӯйи онҳо бастанд. Давраи Сафавияро метавон давраи инҳитот, яъне пастравии адаби форсӣ номид, зеро дар даврони ҳукмфармоии Сафавиён ғазал ва қасоиди мадҳиявӣ бар асари таассуботи мазҳабии хонадони мазкур рӯ ба коҳишу таназзул ниҳод. Маҳмуди Афшор дар ин бобат хуб қайд намудааст, ки «Сафавиён қадри риҷоли сиёсӣ ва адабии худро намедонистанд

ва инон ба Ҳинд рӯй меоварданд ва дар дарбори он ҷо иззату ҳурмат медиданд» [15, 141].

Шоҳ Таҳмоспи Сафавӣ дар сиёсати давлатдории худ таассуби сахти мазҳабӣ дошта, дар амр ба маъруф ва наҳй аз мункар кӯшишу ҷадал ва муболиғаи зиёд мекард. Ба ақидаи Искандарбеги Муншӣ, бо сабаби он ки Таҳмосп табақаи шоиронро дорои машраби васеъ ва беқайд медонист, нисбат ба онҳо он қадар ҳам таваҷҷуҳ зоҳир наменамуд [10, 47]. Сафавиён на танҳо ашъори мадҳиявӣ, умуман, шеъру шоириро аз мункироту мамнӯоти ислом меҳисобиданд, ки муҳаррики ин ақида усул ва қавоиди мазҳабии онҳо буд.

Абдулҳусайни Зарринкӯб ҳам дар ҳамин мавриd чунин қайд менамояд: «Ба сабаби он ки Сафавия тарвиҷи мазҳаби шиаро асоси сиёсати хеш карда буданд, худро аз ҷиҳати тақвияти мабонии давлату салтанати хеш ба мадоеҳи шуаро муҳтоҷ намедиданд, илло бад- он андоза, ки шеъри онҳоро дар нашру тарвиҷи мабодии мазҳаби шиа муассир мешумурданд, … нисбат ба шуаро (Сафавия- С. О.) чандон аҳамият намедоданд. Бори қуввати уламо ва фуқаҳо дар ин давра ва адами эътинои салотин ба мадоеҳи шуаро сабаб шуд, ки шеър дар байни хосса ба касод афтад ва хору бебаҳо гардад» [9, 254- 255].

Дар таъсири беэътиноии шоҳони Сафавӣ ба шеъру шоирӣ, бавижа ба қасоиди мадҳиявӣ, бузургону аркони дигари давлати Сафавиён низ нисбат ба мадҳу ситоиши шоирон, ки мақсуди асосӣ аз он, албатта, дарёфти молу мукнат ва васоити беҳзистӣ буд, бепарвову беаҳамият гашта буданд. Чунин рафтори шоҳони Сафавӣ ва аркони баландпояи давлати Сафавиён бо шоирону фозилони Эрон мукаррар ба вуқӯъ мерасид. Ғаззолии Машҳадӣ, аз бузургтарин шоирони давраи Шоҳ Таҳмосп дар авоили умри худ дар Эрон бо сабабе мавриди ранҷиш ва хашми шоҳи мазкур қарор мегирад ва аз тарси муҷозоти шоҳ ба Ҳинд мегурезад [6, 205]. Шуҷои Кошӣ ҳам, ки яке аз шоирони дигари ҳунарманди давраи Шоҳ Аббос буд, бо амри ҳокими Кошон соли 981 ҳ. // 1546 боз бо сабаби ҳаҷвия ба қатл мерасад [2, 800].

Сафавиён шоирону олимони зиёдеро, ки машраби озодманишона доштанд, маҷбур бар фирор аз сарзамини урфии худ гардонида буданд. Ононе ки маҷоли гурез ё шароити мусофират надоштанд, ба вартаи туҳмату куштор гирифтор гардида буданд. Камолиддин Биноӣ аз зумраи яке аз ин гирифторон буд, ки соли 928 ҳ. // 1520 дар қисмати Хуросони Эрон аз ҷониби мутаассибон ба қатл расида буд. Соиби Табрезӣ ҳам, ки пас аз бозгашт аз Ҳинд дар дарбори Сафавиён хитоби маликушшуароӣ дошт, бо сабаби ин байт:

Иҳота кард хат он офтоби тобонро,
Гирифт хайли парӣ дар миён Сулаймонро.

ки дар таҳнияти ҷулуси писари Шоҳ Аббос, Сулаймон гуфта буд, мавриди қаҳру ситези Шоҳ Сулаймон қарор мегирад ва то охири салтанати шоҳи мазкур бо хавфу ранҷурӣ аз вай ба сар мебарад [6, 2; 2, 889].

Шоҳ Аббос нисбат ба шоирону фозилон, аксаран, муносибати сахту хашин ва босиёсат дошта буд. Мусофирати эрониён, дақиқтар: фирори эрониён аз ватани худ дар даврони Шоҳ Аббос бо сабаби ифроти ӯ дар сиёсати мазҳабӣ ба авҷи худ расида буд (15, 156). Шоҳ Аббос шоир Тоҳири Ҳарноиниро, ки як тан аз шоирони соҳибтабъи дарбораш буд, ба муҷиби ин ки бар яке аз ғуломонаш нигоҳе карда буд, ҳукм ба сӯзондани лабу даҳони вай намуд [2, 947].

Шоир, файласуф ва табиби баландпояи дигари эронӣ низ, ки бо сабаби ранҷиш ва тарс аз муҷозоти Шоҳ Аббоси Сафавӣ тарки Эрон намуда, ба Ҳинд фирор намуда буд, устоди Соиб, Ҳаким Рукниддини Кошонӣ ибни Ҳаким Низомиддини Аъло мебошад [5, 668]. Ҳаким рӯзе дар ҳузури Шоҳ Аббос бо олиме сари як масъала баҳсу мунозира менамояд ва шоҳ шадидан масъалаи ӯро рад карда, ҷонибдорӣ аз ҷониби дигар мекунад. Ҳаким қаҳри шоҳро дарк карда, аз тарси муҷозот ҷилои ватан мекунад. Худи вай дар мисрае гуфтааст:

Гар фалак як субҳдам бо ман гарон бошад сараш,
Шом берун меравам чун офтоб аз кишвараш (5, 1426).

Ҳаким Рукно ба василаи табъи баланд ва илму дониши худ дар аҳди Акбар соҳиби эҳтиром гашта, аз зумраи мулозимони ӯ маҳсуб мегардад ва бо гуфтани қитъае дар таҳнияти ҷулуси вай 2 ҳазор рупия сила мегирад. Дар даврони Ҷаҳонгир низ, Ҳаким Рукно ҳамчунон соҳиби мартабаи волову гаронқадр боқӣ мемонад.

Таассуби ифротии хонадони Сафавӣ дар мазҳаби ташайюъ сабаб гардид, ки нисбат ба мазҳабҳои дигари ислом, хусусан суннат, ки дар Эрони он аҳд нуфуз ва нуфуси зиёд дошт, бадбиниву нафрат эҷод гардад. Ин буд, ки ба таҳрики Сафавиён олимону шоирон ва ҳунармандони гуногун ба ҷурми танҳо дар мазҳаби суннат будан мавриди таҳдиду фишор қарор мегирифтанд. Аз ҷумла, Ҳаётии Гелонӣ танҳо бо ҳамин сабаб аз ҷониби ҳукумати Сафавӣ «воҷибулқатл» дониста шуда буд. Мир Имод, хаттоти машҳур ва бузург ҳам бо сабаби суннӣ будан аз ҷониби хонадони мазкур ба қатл мерасад [3, 170].

Сабаби дигари мусофират ва муҳоҷирати аҳли адаб ва донишмандони эронӣ ба Ҳинди Темурӣ (Бобурӣ) нисбат ба тасаввуф ва ирфон беаҳаммият будани хонадони Сафавӣ буд. Сафавиён, бо он ки қаблан худ аз аҳли иршод ва тасаввуфу хирқапӯшон буданд, пас аз бар тахти Эрон нишастан нисбат ба одоби хонақоҳнишинону хирқапӯшон бепарво гардиданд ва бар сӯфиёну ирфонманишон бо назари шубҳаву бадбинӣ менигаристанд. Шояд ин аксуламали хонадони Сафавӣ нисбат ба ҳаммаслакони собиқи худ, пеш аз ҳама, сабаби сиёсӣ дошт, чун онҳо аз таҷрибаи пешин хуб дарк карда буданд, ки нерӯи хонақоҳнишинон ва аҳли хирқа ба воситаи ҷалби мардуми омма, ки аксаран бехонумону бесарпаноҳ ва тиҳидасту оворагардон буданд, рӯз ба рӯз зиёд мегардад, ончунон ки нерӯи худи онҳо ҳам қабл аз тасоҳуби тахти Эрон аз тариқи ҳамин табақаи иҷтимоӣ қавӣ гашта буд. Ин буд, ки Сафавиён на танҳо русуми пирону сӯфиён ва одоби хонақоҳиро дарҳам шикастанд, ҳатто, дар пайи он барои аз байн бурдани тамоми донишмандону фозилоне, ки майл бар назарияи ирфону тасаввуф доштанд, бо қадамҳои росихи худ кӯшиши сахт ба харҷ доданд. Доии Ҷавод дар ин мавзӯъ навиштааст: «Аз ҷиҳати хафақон ва таассуби шадиди мазҳабӣ буд, ки гӯяндагони Эрон роҳи Ҳиндустон гирифтанд ва тарки ватан мекарданд, чунонки Алӣ Нақии Кумрай мегӯяд:

Нест дар Эронзамин сомони таҳсилу камол,
То наёмад сӯйи Ҳиндустон, ҳино рангин нашуд» (7, 267).

Азимободӣ дар ин бобат қайд менамояд; «Шаҳаншоҳи Эрон, Исмоили Сафавӣ, чун худ аз миёни пириву муридӣ худованди дастгоҳ гашта, ба мансаби ҷалилулқадри салтанат расида буд, ҳароина дар садади он шуд, ки силсилаи ҷамеи машоихи мамолики маҳруса, хосса, силсилаи машоихи хондия мустаъсил созад» [2, 934- 935].

Бо соҳиб шудани тахти салтанатии Эрон, хонадони Сафавӣ, оғоз аз муассиси сиёсии силсилаи мазкур, Шоҳ Исмоили Сафавӣ дар пароканда кардани тамоми силсилаҳои дигари тасаввуфӣ, ки дар минтақаҳои гуногуни таҳти нуфузи онҳо, дар аксари ҳудуди Эрон ба иршоду таблиғи ақоиду назариёти ирфонӣ машғул буданд, кӯшиши ҷиддӣ ба харҷ доданд. Шоҳтоҳири Даканӣ, аз бузургони содоти силсилаи хондияи султония, ки дар ҳудуди Эрон ба иршоди теъдоди зиёди муридон машғул буд ва миёни аҳли тариқат нуфузи бисёр дошт ва шоири соҳибқариҳа низ буд, бо сабаби ҳукми қатл аз ҷониби «подшоҳи қаҳҳор», Шоҳ Исмоили Сафавӣ маҷбур мешавад, ки ба Ҳинд фирор намояд. Ӯ аввал, ба муҷиби гурез аз муҷозоти Шоҳ Исмоил тарки иршоду хонақоҳнишинӣ карда, дар Кошон маснади мударрисиро соҳиб мешавад ва ба тадриси толибилмон машғул мегардад. Пас аз чанде Шоҳтоҳир толибилмони зиёдеро шефтаву марғуби илми худ мегардонад ва миёни ҷамеи мударрисони Кошон эътибору шаъни вижа пайдо мекунад. Ин пешрафти вай дар тадриси толибилмон иллати рашку ҳасади бузургони Кошон ва дигар олимону фақеҳони мутаасиб мегардад, ки дар натиҷа, мӯҷиботи туҳмату бадгӯии ононро нисбат ба вай ба бор меоварад. Ба ин минвол, бузургон ва фақеҳони мутаассиби Кошон сарҷамъона ба Шоҳ Исмоил мактуб навиштанд, «аҳволи амҷоди исмоилия ва доиёни эшон монанди Ҳасани Сабоҳ аз шарҳу баён мустағнӣ аст. Шоҳтоҳир, ки дар аср муқтадои он ҷамоат аст, дар тарвиҷи он мазҳаб мекӯшад ва мулҳидону чароғкашон ва маҳмудиёну зандиқиён бар- ӯ муҷтамеъ гашта, шариати пайғамбарро ривоҷу равнақ намондааст. Шоҳ Исмоил, ки баҳонаталаб буд, ба муҷарради иттилоъ бар мазмуни арздошт ҳукм фармуд, ки парвонаи қатл бинависанд …» [2, 935].

Баъдан, Шоҳтоҳир аз Кошон ба Ҳинд фирор менамояд ва дар минтақаи Дакан муқим мегардад. Ҳокими Аҳмаднагари Дакан, Бурҳоншоҳ бо ирсоли номаи шодбошӣ Шоҳтоҳирро ба назди худ мехонад. Ҳангоми вуруд ба Аҳмаднагар, тамоми бузургон ва аъёну ашрофи шаҳр ба истиқболи Шоҳтоҳир мебароянд. Бурҳоншоҳ дар эҳтирому бузургдошти вай эҳтимоми зиёд менамояд ва ӯро аз надимону мулозимони асосии худ мегардонад [5, 485]. Қаблан, Зуҳурии Таршезӣ, як тан аз шоирони баландмартабаи

Ҳинд ҳам аз Эрон ҷилои ватан карда, дар зери тарбияту сарпарастии ҳамин ҳокими ба дараҷаи рафеи шоирӣ даст ёфта буд. Дере нагузашта, мақому мартабаи сиёсӣ ва эътибори олимиву пояи донишмандии Шоҳтоҳир ба дараҷае боло меравад, ки ҳокими Аҳмаднагар пурра зери нуфузи вай қарор мегирад. Шоҳтоҳир дар минтақаҳои таҳти иршоди худ, ки бисёре аз ҳаволии Даканро фаро мегирифт, муридони зиёдеро иродатманду ҳавохоҳи худ мегардонад. Дар натиҷаи нуфузи ақидатии вай, оғоз аз худи Бурҳоншоҳ, ки мазҳаби суннат дошт, аксарияти мардуми Аҳмаднагар ва атрофи он, ки қисмати аъзами мусулмонони он низ қаблан дорои мазҳаби мазкур буданд, ба ташайюъ гаравиданд ва тағйири мазҳаб карданд [2, 956].

Ба ин минвол, Сафавия дар манъ ва барҳам додани ҳама гуна ақоиди ирфониву тасаввуфӣ кӯшиши зиёд ба харҷ медоданд. Шоирони ирфонпеша ва сӯфимаоб доимо маҳалли фишору таҳдиди ин хонадон воқеъ мегардиданд. Аз ҷумла, Мулломуҳаммад Тақии Маҷлисӣ ба сабаби майлу рағбат ба ирфон мавриди таъну таҳдиди Сафавия қарор гирифта буд ва Шайх Баҳоӣ бо сабаби он ки дар «Кашкул» ва «Нону ҳалво»- и худ аз шоирони орифе чун Муҳиюддини Арабӣ ва Мавлавӣ ба некӣ ёд карда буд, мавриди эътирози онон воқеъ гардида буд. Мулло Мирҳайдари Муаммоӣ ба туҳмати Аббоси Сафавӣ ба зиндон меафтад ва Авҷии Натанҷӣ ба сабаби дониш доштан дар илми аъдод ба қатл мерасад, Мулло Рӯҳии Ҳамадонӣ ба ҷурми сурудани шеъре, ки мазмуни ирфонӣ дошт, забонаш бурида мешавад [1, 474].

Таассуби диниву мазҳабии Сафавиён, аслан, барои истиқрори сиёсии хонадони худи онҳо буд. Дар мунтаҳои ҳақиқати худ ин таассуб сохтакориву тазоҳуре беш набуд, зеро он омезише бо маноҳӣ ва ахлоқе дошт, ки аслан муғоиру бегона бо одоби исломӣ буд. Шоҳ Аббос худ аҳли хамру шурб буд. Ӯ боре дар маҷлисе аз шоир Кавсарии Ҳамадонӣ, ки машрабе орифона дошт, дархости нӯшидани май менамояд. Кавсарӣ дар посух мегӯяд, ки «қасам бар сари мубораки ҳазрати Алӣ ибни Абӯтолиб (а.), ки шароб намехӯрам. Шоҳ қасами сари худ медиҳад, ки бихӯр ва вай бар худ печида, мегӯяд, ки сари шумо аз сари Алӣ (а.) зиёда нест» [2, 1332].

Падари Шоҳ Аббос, Шоҳ Таҳмосп низ, мувофиқи нишондоди тазкираҳо дар авоили салтанаташ ба шурбу хамр иштиғол дошт ва аз маноҳию бадахлоқӣ рӯй дарҳам намекард. Аммо, баъдтар гӯё ӯ аз ин ҳама рафтори ғайришаръии худ тавба карда, ба парҳезу иҷтиноб аз маноҳиву ҳаромӣ гаравида, «ба иҷрои аҳкоми шаръия эҳтимоми тамом медошт ва ба тахриби майхонаҳо аз мамолики маҳруса ҳиммати воло баргумошт» [5, 230]. Сабаби манъи истеъмоли шароб буд, ки шоири соҳибистеъдод Мулло Ҳайратии Тунӣ ба воситаи ин байташ:

Аз ҳасад имрӯз зоҳид манъи мо аз бода кард,
Варна кай он номусулмонро ғами фардои мост.

ки онро, бе шубҳа, ба унвони Шоҳ Таҳмосп гуфта буд, мавриди қаҳри шоҳи мазкур қарор гирифта буд. Аммо шоири мазбур аз муҷозоти шоҳ ҷон ба саломат бурда, ба Гелон, ки ҳанӯз дар тасарруфи Сафавиён надорамада буд, фирор менамояд [5, 230].

Яке аз бузургтарин шоирони аҳди Шоҳ Аббос, Ғаззолии Машҳадӣ буд, ки вай ҳам бо сабаби фишору тазйиқи дастгоҳи Сафавӣ ва баъдан, ба мӯҷиби гирифторӣ ба туҳмати илҳоду куфр аз тарси муҷозоти Таҳмоспи Сафавӣ ба Ҳинд гурехта буд [13, 701]. Шоири боистеъдоди дигари эронӣ, Мавлоно Ҳаётии Кошӣ ҳам, ки ашъори рангину пурфасоҳати вай дар тазкираҳо мавриди таъриф қарор гирифтаанд, ба ҷурми нуқтавӣ будан ва пайвастан ба яке аз силсилаҳои тасаввуфӣ аз ҷониби Шоҳ Таҳмоспи Сафавӣ ду сол зиндонӣ мешавад. Ӯ ҳам пас аз халосӣ ёфтан аз зиндон батаъҷил тарки ҳудуди салтанатии Сафавиён намуда, ба ҷануби Ҳинд, Аҳмаднагар фирор менамояд. Пас аз чанде, дар ивази ҷавоб гуфтан ба «Туғлуқнома»- и Амир Хусрав, ки аз ҷониби Ҷаҳонгир ба шоирони Ҳинд амр шуда буд, маснавии Ҳаётӣ мавриди қабули шоҳи мазкур гардида, шоир аз вай силаи гарон дарёфт менамояд ва ба силки шоирони дарбор дохил мешавад [5, 238].

Дар ҳоле ки шоирони ҳавзаҳои адабии Ҳинд дар ҷавоб ба осори бузургони пешин мавриди иноят ва ситоиши шоҳони Бобурӣ қарор мегирифтанд ва аз онон ба василаи силаҳои гарон ҳавасманд гардонда мешуданд, шоҳони Сафавӣ, баръакс, аксаре аз шоирони ҳунармандро аз худ барканору дилсард мекарданд ва ононро бо танзу истеҳзо ҷавоб медоданд. Шоири аҳди Шоҳ Аббос, ки ҷунунифитрат буд ва даъвои таносух менамуд ва бар асари ҳамин ҷунуни ботинӣ муддаӣ буд, ки рӯҳи Низомии Ганҷавӣ дар ҷисмаш русух намудааст, вақте ба девони Хоҷа Ҳофиз ҷавоб мегӯяд ва онро ба шоҳи

мазкур пешкаш менамояд ва дар ҳузури шоҳ мегӯяд, ки девони Хоҷаро ҷавоб гуфтаам, Шоҳ Аббос дар посух бо тамасхур бар- ӯ мегӯяд: «Худоро чӣ ҷавоб хоҳӣ гуфт?!» [5, 360]

Шоҳ Сафӣ миёни ҳама шоҳони Сафавӣ золимтару қоҳиртар буд ва дар ҷабру зулми мардум машҳур гашта буд. Ӯ аҳли шурбу хамр буд ва мудом бо ин феълаш сабаби озори дарбориён ва аҳли илму адаб мегардид [15, 158]. Пас аз вафоти падараш, ӯ нисбат ба тамоми хонаводаи Сафавӣ ва аҳли дарбор ҷабру азиятро раво дида, аксари атрофиёнашро аз худ гурезон менамояд. Сарчашмаҳову манбаъҳо дар ин хусус маълумоти зиёд додаанд [12, 514, 516, 517, 518; 10, 461; 8, 195].

Сабаби дигари мусофирати аҳли адаби Эрон ба Шибҳи қора дар бекадриву беэҳтиромии Сафавиён нисбат ба забони форсӣ зуҳур меёбад. Салотини Сафавӣ, дар ҳақиқат, дар замони салтанати худ мақоми волои забони форсиро хеле таназзул дода буданд. Бар хилофи рафтори ношоистаи Сафавия, ки худ соҳибони аслии забони форсӣ буданд, Темуриёни Ҳинд нисбат ба забони форсӣ эҳтиромоти бузургу бесобиқаро маръӣ медоштанд ва дар иқдосу иъзози забони форсӣ кӯшишҳои бемонанд ба харҷ медоданд. Бо ворид гаштани Темуриён ба доираи сиёсат Ҳинд, забони форсӣ дар дарборҳои марказӣ ва иёлатии Шибҳи Қора ба ҳайси забони расмиву давлатдорӣ ва ҳуҷатнигориву муносибатҳои дипломатӣ шинохта шуд. Ин ҳодиса яке аз сабабҳои асосӣ гардид, ки шоирону носирон ва олимону ҳунармандон аз гӯшаву канор ва мамолики ҳамҷавор ба Ҳиндустон мусофират намоянд ва қисмати аъзаме аз онон диёри мазкурро ба ҳайси ватани маълуфу маънус ва доимии худ бигузинанд.

Яке аз дигар сабабҳои мусофирати шоирону донишмандон ва аҳли ҳунару истеъдод ба Ҳинд, ин алоқамандӣ бо шароити беҳзистиву иқтисодӣ ва сатҳи паст ё номусоиду ногувори зиндагонии онҳо дошт. Ба тақозои шароити иқтисодӣ ё чунонки Азимободӣ дар тазкирааш гуфта, «бо кашиши обу дона» [2, 1099] ва ё дастёбӣ ба молу мукнат, ки асоси зиндагонии дунявӣ аст, шоирони зиёде аз Эрону Мовароуннаҳр, хусусан аз Эрон, ба минтақаҳои гуногуни Ҳиндустон, ки таҳти тасарруфи Бобур ва аъқоби ӯ қарор доштанд, мусофират мекарданд ва тарки ватани маълуф менамуданд.

Муаллифи «Наштари ишқ» дар хусуси шоир Аббосӣ навишта, ки «охир обу дона вайро кашон- кашон ба Ҳиндустон оварда» [2, 1045]. Маълумоти ба ин монанд дар тазкираи мазкур ва дигар сарчашмаҳо бисёр омадаанд.

Муҳаммадтақии Баҳор ҳисси тамаъ ва интиҷои олимону шоирони эрониро яке аз сабабҳои муҳимми тарк гуфтани Эрон ва ба Ҳинд рӯ овардани онҳо меҳисобад ва омилҳои онро низ қайд менамояд: «Чи дар Эрон ба сабаби фатароти дерин ва иштиғоли давлат ба ҷангҳои пайдарпай ва тақарруби як даста аз уламо, яъне фуқаҳо ва муҳаддисон ба дарбор, соирин наметавонистанд ба хубӣ маишат кунанд. Бинобар ин, аз шоир гирифта, то воизу нависанда ва яккасавору ҳар ҳунарманде, ки тавонист аз Эрон бигурезад, хосса, дар авоили ҳол ба сӯйи Ҳинд равона шуд. Зеро, подшоҳони хонадони темурии Ҳинд Эронро ватани худ ва эрониёнро ҳамшаҳрӣ ва ҳамзабони худ медонистанд ва аз ҳушу завқи эрониён лаззат мебурданд. Сарвати бепоёни Ҳинд ва иқтизои обу ҳаво, ки ба истироҳат ва суҳбат мекашад, низ дарбориёнро ба пазируфтани меҳмонони базлагӯй, хушзабон ва ҳушманд водор месохт. Мааҳозо, ҳамин ки сарвате пасандоз мекарданд, ба Эрон бармегаштанд ва бештаре дар Ҳиндустон мемонданд» [4, 256]. Аз ҳамин ҷиҳат, сафар ба Ҳиндустон барои аксаре аз шоирони эронӣ сафари осону маъмулӣ гашта буд.

Ба ин тариқ, бо сиёсати таассубомези худ, Сафавиён сабаб гардиданд, ки анбуҳи бузурги шоирону фозилон ва олимону донишмандон аз Эрон ҷилои ватан намоянд ва на танҳо дар рушду тараққии адаб ва илми форсии Ҳиндустон, ҳамчунин, тавассути ҳунару истеъдод ва донишу маҳорати худ дар истиқрори сиёсии салтанати Темуриёни Ҳинд саҳми бесобиқа гузоранд. Дар нигоҳ ба ҳамин рухдод, Маҳдии Тавҳидипур аҳди Сафавияро даврони инқироз ва таназзули адаби форсӣ дар Эрон қаламдод кардааст: «Давраи Сафавияро метавон ба таври куллӣ давраи инҳитоти адабии Эрон ба шумор овард, зеро харобиҳои давраи муғул ва темуриён таъсири умдаи худро дар ин давра бахшид» [14, 30].

А Д А Б И Ё Т

1. Аббос Парвиз. Таърихи 2500- солаи Эрон. Аз ташкили силсилаи Сафавия то асри ҳозир. Ҷ. савум.- Теҳрон, 1964 (1343).-418 с.

2. Азимободӣ, Ҳусайнқулихон. Наштари ишқ. Ба тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғар Ҷонфидо.- Ҷ. 111.- Душанбе: Дониш, 1983.- С. 783- 1179

3. Бадоунӣ, Абдулқодир Мулукшоҳ. Мунтахаб- ут- таворих.- Ҷ. савум.- Дар се муҷаллад.- Калкута, 1868 - 315 с.
4. Баҳор, Маликушшуаро Муҳаммадтақӣ. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ.- Ҷилди саввум. Бо тасҳеҳ ва изофоте, ки муаллиф дар замони ҳаёт намудаанд.- Теҳрон: Амири Кабир, 1375.- 441 саҳ.
5. Гупомӯӣ, Муҳаммад Қудратуллоҳ. Натоиҷ- ул -афкор. Муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқи Юсуфбеги Бобопур.- Қум: Маҷмаи захоири исломӣ, 1387, - 837 с.
6. Деҳхудо, Алӣ Акбар. Луғатномаи Деҳхудо. Зери назари Муҳаммад Муин.-Абӯсаид- исбот.-Ҷилди 36.- Шум. Мусалсали 28.- Ғайн- ғабғаб. - Теҳрон: Сирус, 1335 ҳ. ш. - 425 с.
7. Доии Ҷавод, Ризо. Таърихи адабиёти Эрон. Аз ҳамлаи муғул то нимаи аввали давраи Сафавия. Аз Камол то Соиб.- Ҷ. 1.- Исфаҳон: Ширкати Исфаҳон, 1339.- 396 с.
8. Дилофуз Ф. С. Таърихи Ҳинд. Мутарҷим: Сайидмуҳаммадтақӣ Фахри Доии Гелонӣ.- Теҳрон: Маҷлис, 1316 ҳ.- 357 с.
9. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Нақди адабӣ. Ҷустуҷӯ дар усул ва равишҳо ва мабоҳиси наққодӣ ва баррасӣ дар таърихи нақд ва наққодон. Ҷилди аввал.- Теҳрон: Амири Кабир, 1369.- 404 с.
10. 1Муншӣ, Искандарбеги Туркмон. Оламорои Аббосӣ. Муаллифи муқаддима: Эраҷ Афшор.- Ҷилди якум. Шомили вақоеи салтанати Шоҳ Аббос аз соли ҷулус то соли понздаҳуми подшоҳӣ.- Чопӣ.- Теҳрон: Амири Кабир, 1335, 600 с.
11. Оринпур, Яҳё. Аз Сабо то Нимо (Таърихи 150 соли адаби форсӣ).- Ҷилди аввал. Бозгашт. Бедорӣ.- Теҳрон: Заввор, 1375, 422 с.
12. Поризӣ, Муҳаммад Иброҳими Бостонӣ. Зери ин ҳафт осмон.- Теҳрон: Ҷовидон, 1362.- 324 с.
13. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони порсӣ.- Ҷ. 5.- Бахши 5.- Теҳрон: Фирдавс.- С. 1666- 1809
14. Тавҳидипур, Маҳдӣ. Гулҳои ҷовидон дар бӯстон ва адаби Эрон // Паёми навин.- Душанбе: Нашрияи моҳномаи Анҷумани фарҳангии Эрон ва Шӯравӣ, 1345 ҳ.- 367 с.
15. Яздӣ, Маҳмуд Афшор. Афғоннома.- Ҷилди савум.- Теҳрон, 1361.- 185 с.

ПРИЧИНЫ ЭМИГРАЦИИ И СТРАНСТВОВАНИЙ ПОЭТОВ И УЧЕНЫХ СЕФЕВИДСКОГО ИРАНА В ИНДИИ В XV1- XV11 ВВ.

В XV1- XV11 вв. множество поэтов и ученых из Ирана эмигрировали в Индию. Причины этой эмиграции, в основом, олицетворялись с неуважительным отношением к персидскому языку во дворе Сефевидов, насилием и угнетением поэтов и ученых Сефевидами, и религиозно- прошиитским фанатизмом этой династии. В результате применения такого рода политики, многичисленные поэты и ученые покидали свою родину и искали опору и поддержку во дворах Тимуридов в Индии.

Ключевые слова: Акбар, представители науки и культуры Ирана, персидский язык, эмиграция, Сефевиды, религиозный фанатизм, Темуриды Индии, Иран, Шах Аббас, Шах Сафи, Шах Тахмосп.

THE REASONS OF IMMIGRATION OF POETS AND SCIENTISTS OF IRANIN' S SAFAVIES TO INDIA IN XV1- XV11 CENTURES

In The XV1- XV11 a lot of poets and scientist from Iran immigrated to India. The main reason of this immigration was personified with unrespectable attitude to Persian language in Safavi' s court. The poets and scientists violence and appression by Safavies and religion of shiits fanatism of this dinasty. The result of this kind politics, a lot of poets and scientist left their own country and looked for surpport in Timurid' s in India.

Key words: Akbar, representatives of science and culture of Iran, the Persian language, emigration, Safavids, religious fanaticism, Темуриды India, Iran, Shah Abbas, the Shah Safi, Shah Takhmosp.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***О. Ш. Саидджафаров*** – докторант Таджикского национального университета

АНЪАНАИ ЗУЛЛИСОНАЙНӢ ДАР НАСРИ ДАВРАИ НАВИ ТОҶИК

У. Абдуллоева
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар ҷараёни инкишофи маҳорати адабӣ забондонӣ ва бо ду-се забон асар офаридан мақоми муайян дорад. Аз ин рӯ, зуллисонайнӣ омили муҳимми ҷараёни инкишофи робитаҳои адабӣ буда, сазовори диққату эътибори махсус аст. Он дар адабиёт воқеаи тасодуфӣ нест, асосҳои ҷиддии таърихӣ-иҷтимоӣ дорад ва дар натиҷаи тағйироти куллӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва фазои адабӣ ба миён омадааст.

Анъанаи зуллисонайнӣ дар Осиёи Марказӣ баъди истилои араб байни шоирон роиҷ мегардад. Бахусус, алоқаҳои адабии тоҷику ӯзбек дар давоми асрҳо гоҳ суст ва гоҳ пурзӯр гардида, батамом аз байн нарафтааст. Ин ду адабиёт аз оғози алоқаҳои адабӣ дар ҳамбастагӣ инкишоф ёфтаанд. Сабаби ҳамдилию мустаҳкамии алоқаҳои адабӣ, шоирони зуллисонайн ва тарҷумонҳо мебошанд, ки анъанаи мазкурро аз як давра ба давраи дигар нақл медиҳанд. Аз ҷумла, С.Табаров яке аз омилҳои пешравии ин ё он адабиётро аз қонуниятҳои билингвизми бадеӣ медонад: «Омилу қонунияти билингвизм ва полилингвизмро (билингвизм ва полилингвизми бадеӣ – А.У.) натиҷаи қаробат, ба ҳамдигар таъсиррасонӣ, давом додани анъанаҳои муштараки адабӣ, истифодаи тафаккури адабиву эстетикии муайян мешуморанд, ки дар асоси онҳо адабиётҳои ҷудогона инкишофу равнақ меёбанд» [6, 13].

Дар адабиёти Шарқ, махсусан дар адабиёти тоҷику ӯзбек шаклҳои зерини билингвизми бадеӣ мавҷуд аст:

1. Бо ду забон таълиф намудани як асар, яъне қисмати муайяни асарро бо як забон, боқимондаи онро бо забони дуюм навиштан. Ба ин «Муҳаббатнома»-и Хоразмӣ (XIV) далел мебошад, ки яке аз аввалин намунаҳои ҳодисаи мазкур ба ҳисоб меравад. «Муҳаббатнома» достони лирикӣ буда, аз 475 байт иборат аст. Қаҳрамони асосии он худи муаллиф (Хоразмӣ) мебошад. Вай ба унвони маъшуқаи худ 11 мактуб навиштааст, ки аз ин номаҳои 4-ум, 8-ум ва 11-ум бо забони тоҷикӣ эҷод шуда, боқимондаи он бо забони ӯзбекист» [7, 16-17].

2. Ҳангоми баланд будани мавқеи ин ё он забон, инчунин дар таъсири пурқуввати адабиёти ягон миллат, шоирон аз рӯйи завқ ва ҳавас ё мақсадҳои маълум кӯшиш менамоянд, ки дар шеърҳои худ калима ва ибораҳои мансуби забони бонуфузро истифода намоянд. Дар ин асно мулламаъ пайдо гардидааст. Дар адабиёти классикии форсу тоҷик муламмаъ (бо ду забон эҷод шудани як шеър) бо мафҳумҳои **<u>ширу шакар</u>** ва баъзан агар шеър бо се ё чор забон навишта шуда бошад, бо ибораи **<u>ширу шаҳду шакар</u>** низ ифода меёбанд.

Дар адабиёти форсу тоҷик муламмаъ нахуст бо забонҳои арабӣ ва форсӣ эҷод шудааст. Санъати мазкур шакли аз ҳама равнақёфтаи дузабонагӣ буда, дар аҳди Темуриён хеле инкишоф ёфтааст.

3. Гарчанде бо забонҳои тоҷикӣ ва туркӣ офаридани асари калонҳаҷми назмӣ аз «Муҳаббатнома»-и Хоразмӣ оғоз гардид, Алишери Навоӣ ин шакли зуллисонайниро такмил дод. Вай дар қатори достонҳои нодири бо забони туркӣ офаридааш ғазалҳои тоҷикӣ эҷод карда, бо номи «Девони Фонӣ» мураттаб сохтааст.

Дар таърихи адабиёти форсу тоҷик зуллисонайнӣ асосан дар назм дида мешавад. Зуллисонайнии наср дар ин адабиёт дар асрҳои XIX-XX пайдо шудааст, ки асосгузори ин навъи дузабонагӣ устод Айнӣ мебошад. Устод Айнӣ аввалин шуда ба ду забон офаридани асарро аз жанрҳои хурди лирикӣ ба жанрҳои калони эпикӣ, ба роману повест гузаронидааст. Вай аксарияти асарҳояшро бо забони тоҷикӣ эҷод намуда, баъзеи онҳо, аз ҷумла «Қизбола ё ки Холида», «Қулбобо ё ки икки озод», «Қуллар» ва якчанд ҳикояҳои ҳаҷвии худро ба ӯзбекӣ иншо мекунад, ки ин худ як навгонӣ дар анъанаи мазкур аст.

Ғайр аз ин, Устод Айнӣ боз ба як намуди дигари дузабонагӣ асосгузор аст. Ин бо ду забон офаридани як асар мебошад. Ин ақидаро адабиётшинос Муҳаммадҷон Шукурӣ низ чунин таъкид менамояд: « … вай (Айнӣ. С – У.А.) айни як асарро бо ду забон навишт, ки албатта ин кори саҳл набуд… Агар хато накунем, як асарро ду бор ва бо ду забон навиштан дар таърихи адабиёти мо расм набуд. Чунин расм дар адабиёти халқҳои Осиёи Миёна аз устод Айнӣ сар шуд» [10, 69-70].

Вале чуноне ба мо маълум гашт, дар таърихи адабиёти форсу тоҷик Муҳаммад Ғазолӣ (1056-1111) «Эҳё-ул-улум»-ро ба арабӣ навишта, баъдтар онро бо номи «Кимёи саодат» ба забони тоҷикӣ баргардон карда будааст [4, 26]. Ин кори ӯ аввалин ва охирин буда, то давраи нав дигар касе ба ӯ пайравӣ накардааст. Дар асри XX асосгузори адабиёти давраи нави тоҷик С. Айнӣ ба ин навъи зуллисонайнӣ рӯҳи тоза дамид ва онро аз нав зинда кард. Имрӯз мо С.Айниро, ки роману қиссаҳои худ – «Ҷаллодони Бухоро», «Ғуломон», «Дохунда», «Марги судхӯр», қисмҳои аввали «Ёддоштҳо»-ро ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ навиштааст, ҳамчун асосгузори дузабонагии насрии тоҷику ӯзбек мешиносем. Мувафаққияти устод Айнӣ дар ин ҷода аз он ҷиҳат аст, ки вай тавонист орзую омол ва дарди ду халқро дар асарҳояш тасвир намояд, зеро «Тақдиру таърихи халқҳои тоҷику ӯзбек аз даврaҳои қадим байни худ чунон сахт омезиш ёфтааст,

ки баъзан сухан аз ошӯбҳои халқӣ, ҷангҳои озодихоҳӣ дар Осиёи Миёна равад, ба тоҷикон ё ӯзбекон алоқа доштани ин ё он воқеаи муҳимро аниқ муайян кардан ғайри имкон аст, зеро он ба ҳар ду халқ баробар мутааллиқ мебошад» [2, 203].

Яке аз намояндагони дигари зуллисонайн, ки бо ду забон асарҳои насрӣ офаридааст, Абдурауфи Фитрат (1886-1937) мебошад. Фитрат дар асл тоҷик буда, асарҳои тоинқилобии худро бо забони модариаш офарида, дар арафаи инқилоб ва баъд аз он самти ӯ дар ин ҷода тағйир меёбад, яъне вай куллан ба хизмати адабиёти ӯзбек мегузарад. Вай яке аз маорифпарварон ва исломгароёни замони худ буд, ки маҳз пантуркизм ӯро ба адабиёти ӯзбек овард, ки ин ҳолатро адабиётшиносон таъкид кардаанд: «Пантуркизм Фитратро ба адабиёти ӯзбек овард. Тақрибан аз соли 1916-1917 ӯ аз забони форсии тоҷикӣ қатъиян даст кашида, комилан ба адабиёти ӯзбекӣ гузашт. Ва дар андак муддат дар ин адабиёт навангезиҳои ҳайратовар кард» [12, 190].

Агар «Мунозира» (1910), «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ» (1911), «Роҳбари наҷот» (1915), «Оила ё худ вазоифи хонадорӣ» (1916) асарҳои насрии ба забони тоҷикӣ таълифкардаи Фитрат бошанд, песаи «Ҳақиқий муҳаббат» (1919), «Абулфайзхон» (1924) барин асарҳо китобҳои ба забони ӯзбекӣ навиштаи ӯ мебошанд. Ғайр аз ин вай соли 1927 «Ӯзбек адабиёти намунаси»-ро низ тартиб дода будааст [7, 21].

Шоирону адибони дузабона ҳомии дӯстии байнии халқиятҳои гуногунанд, ки бо эҷодиёти худ ин риштаро устувор нигоҳ медоранд. Умуман, зуллисонайнӣ дӯстии байни миллатҳоро таъмин менамояд. Вале зуллисонайнии Фитрат хилофи ин анъана аст. Вай баъди ба хизмати адабиёти ӯзбек гузаштан, тамоми фаъолияти сиёсиву адабии худро бар зидди халқи тоҷик – миллати худ равона сохтааст.

Дузабонагии насри тоҷику ӯзбек дар адабиёти давраи нав аслан аз солҳои 1909 ба чашм мерасад. Муҳаққиқи ӯзбек К.Юсупов аввалин нишонаҳои зуллисонайнии насрии тоҷикӣ-ӯзбекиро дар солҳои 1936-1937 ба мушоҳида гирифтааст [13, 31]. Муҳаққиқ дар ин ҷо бо далел овардани якчанд мактуби насрии Муқимӣ дар маҷаллаҳои «Бигиз» ва «Мушфиқӣ» кифоят мекунад ва дар бораи фаъолияти зуллисонайнии устод Айнӣ чизе нагуфтааст. Ҳол он ки С. Айнӣ аз соли 1909 дар маҷаллаи «Шӯро» (Оренбург №24) «Қуръоннинг ўқитилиш тафсирига доир» ном китоби дарсии худро ба забони ӯзбекӣ чоп намудааст ва дар рӯзномаю маҷаллаҳои «Шуълаи инқилоб», «Меҳнаткашлар товуши», «Оина», «Камбағаллар товуши» ва «Овози тоҷик» бо забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ мақолаҳо ба табъ мерасонад. Ё худ вай пеш аз солҳои 1936-1937 (санаи нишон додаи К.Юсупов) асарҳои «Қизбола ё ки Холида» (1922), «Қулбобо ё ки икки озод» (1928) ва ниҳоят «Қуллар»-ро (1932-1934) ба забони ӯзбекӣ навиштааст. С.Айнӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ менавишт, таҳрир мекард ва ҳатто «Қамар» ном асари нависандаи Фаронса Фердинанд Дюшенро аз ӯзбекӣ ба тоҷикӣ тарҷума кардааст.

Дар солҳои 1924 Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии мухтор дар ҳайати РСС Ӯзбекистон таъсис ёфт. Соли 1925 дар Душанбе НДТ ташкил шуд, ки баъдтар филиали он дар Самарқанд низ ба кор шурӯъ карда, газетаҳои «Шуълаи инқилоб» ва «Овози тоҷик» дар ин ҷо фаъолият доштанд ва дар айни замон матбуоти ӯзбек ҳам мавҷуд буд. Адабиёти тоҷик маҷбур буд бо ду забон – тоҷикӣ ва ӯзбекӣ ташаккул ёбад. Бо ду забон чоп кардани шеърҳо, мақолаҳои публитсистӣ ба худ хусусияти сиёсӣ ва маданӣ пайдо карда буданд. Дар ин солҳо дузабонагӣ рушд карда, ғанӣ мегардад. Шоирону носирони тоҷику ӯзбек фаъолона ва мунтазам мақолаҳои илмӣ ва публитсистии худро дар маҷаллаву рӯзномаҳои давр чоп менамуданд.

Бояд гуфт, ки дар асрҳои XIX-XX дар анъанаи зуллисонайнӣ бештар забони ӯзбекӣ фаъол буд. Аз адибони ӯзбек ба забони тоҷикӣ дида, зиёдтар адибони тоҷик ба забони ӯзбекӣ рӯ меоварданд, ки аз ҷумла, устод Х.Асозода низ чунин қайд намудааст: «… баъд аз Инқилоб ҳукумати шӯроҳо азбаски бо номи ӯзбек таъсис ёфтанд, адибони тоҷик ё хомӯш монданд, ё асарҳои худро бо забони ӯзбекӣ навиштанд» [1, 35].

Ин ҳолат боз ҳам ба шароити иҷтимоӣ – таърихӣ вобаста аст. «Пас аз инқилоби Октябр соли 1916 дар Туркистону Русия ва соли 1920 дар Бухоро пантуркистҳо, ки ба сурат ранги панӯзбекистӣ мегирифтанд, ба сари қудрат омаданд ва аз рӯйи он даъвиҳо (дар Осиёи Миёна тоҷик ном миллат нест) амал кардан гирифтанд. Мактабу маориф ва матбуоту нашриётҳоро ба ӯзбекӣ гардонданд ва дар идорахонаҳо ба форсии тоҷикӣ сухан кардан манъ шуд» [11, 2].

Аз ин лиҳоз минбаъд бо тақозои воқеаҳои таърихию иҷтимоӣ шумораи шоирони дузабона аз ҳисоби шоирони тоҷик меафзояд. Устод Айнӣ низ қиссаи аввалини худ «Ҷаллодони Бухоро» ва «Таърихи инқилоби Бухоро»-ро аз ноилоҷӣ бо забони ӯзбекӣ

нашр намудааст. Баъдтар вазъият тағйир меёбад, яъне баъди таъсиси нашриёти тоҷикӣ дар Самарқанд шоирону нависандагони тоҷик метавонистанд бемамоният ашъори худро бо забони модарӣ чоп намоянд. Акнун анъанаи зуллисонайнӣ аз рӯйи талаботу тақозои замон ё давр набуда, ба худ як навъ мустақилият пайдо мекунад. Адибони зуллисонайн дар ҳолати идома бахшидани анъанаи ниёгон, беихтиёр бо ду забон маҳорати нигорандгии худро месанҷиданд.

Имрӯз низ асарҳои насрии дузабонаро дар эҷодиёти нависандаи ӯзбек Ҷ.Тошматов мушоҳида кардан мумкин аст. Аз тарафи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, Ҷ.Тошматов дар бораи сохтмони нерӯгоҳи Норак очерке бо забони тоҷикӣ нависад. Очерк бо унвони «Норак шаҳри нур» навишта мешавад ва аз тарафи хонандагон хуб пазирофӣ шуда, раиси шаҳри Норак Ҷ.Тошматовро шаҳрванди фахрии шаҳри Норак эълон медорад. Аз ин лиҳоз гуфтан мумкин аст, ки Ҷ.Тошматов аз уҳдаи вазифае, ки ба ӯ супорида шуда буд, ба хубӣ баромад.

Из этого следует, что языковое проявление мира тесно связано с концептуальной системой языка. Отображение мира в сознании человека, приобретая языковую оболочку, представляет мир в языковой форме. Конкретный язык и одинаковый общественно исторический опыт, формируют у членов какого-либо общества образ схожего языкового мира с языковым проявлением какого-либо общего национального мира. Наряду с отличительными особенностями в культуре, традициях и национальном облике, различные языки придают мир образу.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Наделяев В.М. Древнетюркский словарь.
2. Молдабаева М. Духовное наследие казахского народа. Алматы,1997г.
3. М.Қашқари. Трех томный словарь. III-том,Алматы.,1997г.
4. Келимбетов Н. Древняя литература. Алматы, 1991г.
5. Махаева А.Ш. Древнетюркская руническая культура. Алматы.,2002г.

КОНЦЕПТ «БОГ» В НАЦИОНАЛЬНОМ МИРОПОЗНАНИИ И В ПРОИЗВЕДЕНИИ ХОЖА АХМЕДА ЯССАУИ « ДИУАНИ ХИКМЕТ»

В статье говорится о термине «концепт», значении и особенностях употребления концепта «Бог» в произведении Яссауи «Диуани Хикмет».

Ключевые слова: термин «концепт», концепт «Бог», значение и особенности употребления концепта «Бог» в произведении Хожа Ахмеда Яссауи «Диуани Хикмет».

THE CONCEPT «GOD» IN THE NATIONAL AWARENESS AND KHAJA AKHMEDA YASSAUI «DIUANI KHIKMET»

The article says about term "concept",values and characteristics of the use of the concept of "God" in the product Yassaui "Hikmet"

Key words: the term «concept», the concept «God», the value and features of the use of the concept «God» in the work of the ul.Hooa Akhmed Yassaui «Hikmet».

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***К.Х. Абдрахманова*** – кандидат филологических наук, доцент Казахского национального педагогического университета им.Абая

ХУСУСИЯТҲОИ ЗАБОНӢ ВА БАДЕИИ ШЕЪРИ САЛИМИ ХАТЛОНӢ

С. Қосимов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Нависандаи бузурги рус М. Горкий мавқеъ ва манзалати забонро дар асари бадеӣ ин тавр муайян кардааст: «Нахуст унсури адабиёт забон мебошад, аслиҳаи асосии он ҳисоб меёбад ва дар якҷоягӣ бо далелҳо, воқеаҳои зиндагӣ маводи адабиётро ташкил медиҳад… Калом – либоси ҳама гуна далелҳо ва маъниҳост» [3, 221]. Дар ҳақиқат, забон дар асари бадеӣ воситаи асосии тасвир мебошад ва ин ҳолат адибонро водор мекунад, ки ҳангоми таълифи асари бадеӣ тамоми паҳлӯҳои ифоданокии забони модариро ба ҳисоб гирад, аз қонуну қоидаҳои он пурра бохабар бошад ва нафақат аз забони адабӣ, инчунин аз забонҳои гуфтугӯӣ, касбӣ ва лаҳҷаву шеваҳо огоҳии комил дошта бошад.

Вақте ки дар бораи забони асари бадеӣ сухан меронем, пеш аз ҳама, сатҳи сухансанҷӣ, истифодаи мувофиқи калимаву таркибҳо, дараҷаи эътибор додан ба маъноҳои асливу маҷозии вожаҳо пеши назар меояд. Ба гуфти нависандаи рус А. Фадеев: «Нависанда назди баҳри беканори калима ва мафҳум меистад. Барои ифодаи ҳар як мақсад ва образ ба хотири ӯ даҳ, понздаҳ, бист калима якбора меояд. Аммо аз инҳо яктои мувофиқтаринро бояд баргузид, ки ҳарчи дидаву хостаи туро то ҳадди имкон пурра ифода карда тавонад» [7, 410].

Агар аз ҳамин нуқтаи назар ба ашъори Салими Хатлонӣ назар андозем, мебинем, ки шоир дар истифодаи калима ва таркибҳо басо масъулиятшинос мебошад ва ҳангоми корбурд тамоми паҳлӯҳои вожаву мафҳумҳоро ба ҳисоб мегирад. Бинобар ин, табиист, ки вобаста ба мавзӯъҳо ва масъалаҳои тасвир аз тарафи шоир вожаҳои баргузида истифода мешаванд. Масалан, шеъри «Печида» ба зиндагии деҳотиён бахшида шудааст ва дар ин шеър калима ва таркибҳои сӯзан, тешаи наҷҷорӣ, белу табар, хору хас, чархаи дук, ресмон, муштак, хари ланг, ҳуштак, порисаи кулба, қурут барои тасвири воқеии муҳит истифода гардидаанд:

Додарам дар лаби ҷӯ,
Банд дар муштак,
Медиҳад об хари лангашро
То хурад об ба роҳат
Мекашад нармнавозиш ҳуштак.

Балки бо меҳр бару мӯяшро
Мезанад хора ба ангуштак [5, 165].

Дар ин шеър, чун дар бархе аз шеърҳояш, ёдвор ва балопеч барин таъбирҳои тоза истифода шудаанд, ки басо зебо ва хотирмонанд. «Шеъри Салим, - гуфтааст М. Ачамӣ, - дар ҳавзаи маъно, андеша, тасвир, забон, маҳдуд, такрорӣ ва тақлидӣ нест» [1, 216]. Навигарӣ ва тозакориҳои Салими Хатлонӣ махсусан дар ғазалиёти шоир бараъло ба назар мерасад:

Сақфи гардун манзари хоб аст чашми мурдаро
Мазраи вақд аст гулшан тӯтии парбастаро.

Таркиби чашми мурда бо маъноҳои чашми беҳис, чашми нигоҳаш бетафовут истифода шуда, инсони ҷоҳилу ғуломтабиатро ифода мекунад. Чунин таъбирҳои тозаи дигарон дар шеъри Салим бисёранд: микрози нафас, гӯшназавқ, барфборон, нози назар, балопеч, зулоли маънӣ, хушксори лаб, атри нигоҳ, унвонкаш, сози ангушт, боди нафас, гумнома, хотири хокистар, нози ранг, ёдвор, мардгоҳ, қадаҳбозӣ ва ғайра.

Мушовири Шӯрои назми ИН Тоҷикистон Ато Мирхоҷа дар хусуси забони осори шоирони муосир сухан ронда, Салими Хатлониро дар қатори шоироне ном мебарад, ки дар истифодаи калимаву таркибҳо комёб нестанд: «Ба назари мо, онҳое ҳам, ки аз вожаву ибороти зебо сунъӣ истеъмол намуда, ба ҷойи лаззат бахшидан хонандаро гоҷу гаранг месозанд, комёб нахоҳанд буд».

Тавре ки аз аксари такризҳои ба шеъри Салими Хатлонӣ навишта бармеояд, шоир дар истифодаи калимаву таркибҳо шоирӣ муваффақ аст. Ба фикри мо низ ҳар таъбир дар шеърҳои Салим бори маънӣ мекашад ва якҷоя дар ҳалли мавзӯъ саҳм мегиранд. Масалан, дар шеъри «Ҳирс» ҷойи шабро гирифтани субҳ тасвир ёфтааст ва шоир ин ҳолатро ба воситаи таркибҳои ифодакунандаи рангҳои сиёҳ (дузд, боми сиёҳ, рӯбоҳи дузд, ҳирс, шаб, даҳони марг, эҳсоси ғорат, ваҳм) ва сафед (ахтар, корвонкаш, моҳ, дидаи равшан, бонги хурӯс, бомдод) басо ҳунармандона тасвир намудаст, ки хонанда аз он қонуниятҳои фалсафии зиндагиро амиқан дарк намуда, аз ғалабаи некӣ ва бадӣ зиёда шод мешавад:

Бар тазоди ҳолату ҳолам
Ҳирс мефарсояд аз бонги хурӯсон.
Нафс таҳ меояд осон.
Бомдод афсонаи бахтозмои шаб,
Шаб ҳамин обистони ваҳм аст…
Зиндагонӣ модари раҳм аст.

Бояд гуфт, ки Салими Хатлонӣ аз забони зиндаи халқ хело эҳтиёткорона истифода мекунад ва вожаҳои шевагии истифодашуда дар ифодаи маъно ва муҳити тасвир саҳм мегиранд: Вақ – вақ (сухани беҳуда), тумбадар (чӯбе, ки чун пояи дар истифода мешавад), каштал (гиребон), ҳалук (усул дар гӯштин) барин калимаҳои забони зиндаи халқ сухани Нависандаи халқии Тоҷикистон Абдуҳамид Самадро ба хотир меорад: «Ҳар як калимае, ки аз лаҳҷа ё луғатҳо ба забони асари бадеӣ меояд, агар ҷояшро ёбаду вазифаашро адо карда тавонад, на танҳо дар наср, балки дар назм ҳам пойдор мемонад»[6, 109] .

Ҳарфи кач андешаро кач мекунад,
Качзабон аз лоф вач – вач мекунад [5, 366].

Ё ки:

Даррасиду даст зад бар кашталаш,
Бо ҳалуки хеш кард аз по шалаш [5, 577].

Салими Хатлонӣ дар ифодаи мазмуну муҳтавои баланди писандида аз дигар воситаҳои тасвир махсусан аз мақолу зарбулмасалҳо фаровон истифода кардааст. Дар ашъори шоир ду роҳи истифодаи мақолу зарбулмасал ва ҳикматҳои тоҷикӣ мушоҳида шуд. Аввалан, мақолу зарбулмасалҳо айнан оварда мешавад:

Гуфтаанд: «Одам ба одам зиндааст»,
Хуш ба ҳоли он, ки бо ҳам зиндааст.

Ё ки:

Медиҳад ин шарҳ бар тоат сафо,
Ҳикмати «Аз зан ҷафо, аз саг вафо». [5, 565]

Дар аксари мавридҳо Салим мувофиқи талаботи вазну қофия ва муҳтавои матн мақолу зарбулмасалҳоро бо тағйир истифода мекунад:

Нест ин кирдори мардон маънавӣ,

Ҳар чӣ корӣ, ҳосили он бидравӣ [5, 562].

Ин ҳикмат дар ҷилди якуми «Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикиву форсӣ» ном китоби М. Фозилов дар шакли «Гандум аз гандум бирӯяд, ҷав зи ҷав» [8, 264] омадааст. Ё худ масали «Кунад ҳамҷинс бо ҳамҷинс парвоз, кабутар бо кабутар, боз бо боз» чунин истифода шудааст:

Бо шаҳ манишин, агар на шоҳӣ,
Шоҳи ғами худ шав, ар гувоҳӣ [5, 396].

Бояд гуфт, ки зарбулмасал ва мақолҳо, хоҳ айнан истифода шуда бошанд ва хоҳ бо тағйир, чун яке аз воситаҳои пурқуввати тасвир ашъори Салимро боз ҳам пуробуранг ва таъсирбахш намуда, хонандаро оид ба паҳлӯҳои гуногуни зиндагӣ ба андеша водор мекунад.

Салими Хатлонӣ шевоии баён ва зебоии тасвирро дар зоҳири шеър ба ҳар восита таъмин менамояд ва нозукадоии шоир дар таносуби сухан, саҷъ ва санъатҳои бадеии шеърҳояш басо амиқ мушоҳида мешавад. Таъкид кардан зарур аст, ки саҷъ ба қофия наздик мебошад, бинобар ин, баъзе адабиётшиносон саҷъро танҳо хоси наср медонанд. Вале саҷъ чун воситаи равшантару барҷастатар гӯшзад кардани сухан ҳам дар наср ва ҳам дар назм истифода мешавад ва ба гуфти Р. Мусулмонқулов, «барои замзама кардан ва чун тарона суруда шудани шеър саҷъ воситаи хеле хубе мебошад» [4, 89].

Дар як қатор мусаммат ва ғазалҳои Салим саҷъ ба тасвир сабукӣ ва форамӣ ато кардааст. Махсусан вақте ки сухан дар бораи сузӯ сози ишқ меравад, ба ҳиссаҳои тараннумӣ ҷудо шудани мисраъҳо басо шинаму муассир садо медиҳанд:

Бӯйи баҳор мерасад, отифаи баҳор ку?
Ёди нигор мерасад, ҷилвагаҳи нигор ку?
Бедили ёри хушгилам, вой ба ҳоли ин дилам,
Чист муроду ҳосилам? Ёрии ёру ёр ку?
Фотиҳаи савоб шуд, наргис арӯси хоб шуд,
Савти дафу рубоб шуд, авҷи «барор – барор» ку? [5, 333].

Дар ашъори Салим беш аз ҳар навъи дигари санъати бадеӣ талмеҳ мавқеи сазовор дорад ва «суд бардоштан аз санъати талмеҳ… таъсири шеъри шоирро аз ҳар паҳлу ҷаззобтар ва нобтар мекунад». Дар порчаи зерин моҳияти ваҳдату ягонагӣ ва касофати парокандагиву ба қисматҳои муқобил ҷудо гардидани як халқ дар мисоли нахустин ҷуфти башарӣ Одам ва Ҳаво ва писарони онҳо – Ҳобилу Қобил, ки аз хусумат яке (Ҳобил) аз дасти дигаре (Қобил) кушта мешавад, хеле ҷолиб ва омӯзанда баён мегардад:

Мову ту расми ҷудоӣ чун кунем?
Чун тавон гар ин баҳор дар хун кунем?
З – он ки тифли як падар, як модарем,
Нисбат аз Ҳавову Одам мебарем.
Месазад моро ба аҳли дил будан,
Не ба расми Ҳобилу Қобил будан.
Сӯйи ҳам бояст будан бе ҳиял,
Кашфи ин асрорро бояд амал [5, 547].

Мо ба талмеҳоти ғазалиёти Салими Хатлонӣ ишора карда будем ва маълум мешавад, ки ин воситаи тасвир ҳам дар ашъори суннатӣ ва ҳам дар чаҳорпораву шеърҳои нимоии шоир мавқеи арзанда дорад

Ва ба шамшери чуғулҳои муғул,
гардани Аттор,
Меравад аз тани Аттор [5, 112].

Дар ашъори Салими Хатлонӣ ташбеҳ, тавсиф, такрор, тазод, истиора, ташхис, таҷнис ва дигар санъати бадеӣ низ истифода шуда, ороиш ва обуранги бадеии матнро таъмин намудаанд. Дар байти зерин инсон ба асбобҳои мусиқӣ ташбеҳ шудааст ва ба воситаи ин рамз шоир сӯзу сози одами орифро дар роҳи маърифати Ҳақ ва расидан ба мартабаи Яқин таъкид намудааст:

Одамӣ най, уд ё ки барбат аст,
Нағмааш аз Ӯст аз рӯзи аласт [5, 554].

Ба қавли шоир ҳатто дар замири инсони огоҳдили хамӯш ҳам фарёдҳо ниҳон аст ва мутриби созу наво ҳам аз сирати хомӯши кас ҳикоят мекунад. Санъатҳои бадеӣ ба кадом андозае, ки ба тасвири ишқи Илоҳӣ саҳм гирифта бошанд, ба ҳамон андоза дар ифодаи ишқи заминӣ низ мусоидат намудаанд. Дар дубайтии зерин ба тасвир санъатҳои

бадеии истиора (эй гул), тавсиф (сари сабзи баҳор) ва такрор (се маротиба истифода шудани радиф) қувваи баланди ифоданокӣ ва оҳангнокӣ бахшидаанд:

Сари сабзи баҳорат хоҳам, эй гул!
Сафои рӯзгорат хоҳам, эй гул!
Мадоро кардаам бо дарди ишқат!
Ба иффат дар мадорат хоҳам, эй гул! [5, 665]

Яке аз ҷанбаҳои ҷозибанокӣ ва муассирии ашъори лирикӣ дар тасвири ҳиссомезии он аст, яъне шеъри хуб чунон офарида мешавад, ки он ба панҷ ҳисси зотии инсон таъсиргузор бошад. Мунаққиди бузурги рус В.Г. Белинский аз хондани «Насими шаб» ном шеъри А.С. Пушкин ба ваҷд омада гуфтааст: «Ин чӣ аст? Назм, мусаввара, мусиқӣ? Ё ҳам ину ҳам он ва ҳам сеюм, ки ба якдигар омехтаанд ва тасвир овоз мебарорад, овоз тасвир меофарад ва калима дар шакли ранг ҷило медиҳад, аз печиши онҳо образ ҳосил мешавад, дар мувофиқа садо мебароранд ва нутқи маънодорро ҳосил мекунанд?» [2, 331].

Ҳамин ҷило ва ҳамин оҳангро дар як қатор шеърҳои Салими Хатлонӣ, ки ба ишқ, баҳор ва зебоӣ иртибот мегиранд, мушоҳида мекунем. Дар ин ҳолат на танҳо таносуби сухан, вазну қофияи дилписанд, санъати бадеӣ, такрори паёпайи ҳамсадоҳо низ ба шеър ҳамоҳангии лозимаро таъмин карда, таъсирнокии онро ба узвҳои эҳсосии хонанда қувват мебахшад. Таваҷҷуҳ намоед ба ҳарфҳои с ва з (дар банди аввал) ва р (дар банди дувум):

Дар бод чағона сабз дар сабз,
Дар абр баҳона сабз дар сабз,
Борон ба чағона сабз дар сабз!
Гул хона ба хона сабз дар сабз!
Бар лаб нафаси баҳори наврӯз!

Дар шоху шаҷар таровати нур!
Аз баҳр ба бар таровати нур!
Дар тоби назар таровати нур!
Дунё ба шарар таровати нур!
Фархунда ба нур кори наврӯз! [5, 97].

Умуман, Салими Хатлонӣ ба қолаби сухан таваҷҷуҳи зиёд дошта, дар ифодаи маъно ва тасвир аз калима, таркиб ва таъбирҳои забонӣ бо маҳорат истифода мекунад ва муҳтавои дарунии шеърро бо саноеи бадеӣ чунон оро медиҳад, ки он дар шакли басо зебо ва шево ҷилвагар мешавад ва бо ҳамин шеъри ӯ пурбор ва мондагор гардида дар адабиёти тоҷик мавқеи босазо касб мекунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Аҷамӣ М. Тафаккур ва ҳис дар шеър. - Душанбе:Адиб, 2008. 296с.
2. Белинский В.Г. Собр. Соч. в 9-ти т. - Т. 3. – М.: Худ. лит.614с.
3. Горький М. Собр. Соч. в 30 –ти т. - Т.27. –М., 1953.- 589с.
4. Мусулмонқулов Р. Асрори сухан. -Душанбе: Ирфон, 1980.-152с.
5. С. Хатлонӣ Мунтахаби ашъор.-Ҷ.3.-Душанбе:Истеъдод,-2010.- 152с.
6. Самад А. Масъалаҳои насри муосир//Садои Шарқ.-1988.-№ 7.- С.
7. Фадеев А. Язык художественного произведения// Русские писатели о языке.-Л., 1954. – С. 409-422.
8. Фозилов М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ.- Ҷ 1.- Душанбе: Ирфон, 1975.-368с.

ЯЗЫКОВЫЕ И ХУДОЖЕСТВЕННЫЕ ОСОБЕННОСТИ ПОЭЗИИ САЛИМА ХАТЛОНИ

В данной статье автором подвергнуты рассмотрению и изучению языковые и художественные особенности поэзии таджикского поэта Салима Хатлони.

Ключевые слова: Салим хатлони, таджикский поэт, поэзия Салима Хатлони, языковые и художественные особенности поэзии Салима Хатлони.

LANGUAGE AND THE ART OF POETRY SALEM Khatloni

In this article, the author subjected to review and study of the language and the art of poetry of the Tajik poet Salim Khatloni/

Key words: Salim хатлони, Tajik poet, poetry Salem Khatloni? language and the art of poetry Salem Khatloni.

.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ*: С. Косимов* – соискатель Таджикского национального университета

АЛӢ ХУШ – ФОЛКЛОРШИНОС

Маҳмуд Шодиев
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Донишманди тоҷик Худойназар Асозода дар китоби пуразиши худ «Адабиёти тоҷик дар садаи ХХ» муътақид аст, ки адабиёти ин ё он халқ дар заминаи адабиёти шифоҳӣ ба вуҷуд омадааст. Вай ақидаи дар аҳди Шӯравӣ роиҷро, ки гӯё сарчашмаи адабиёти муосир ин адабиёти хаттии гузашта будааст, рад мекунад ва нақши адабиёти шифоҳиро дар рушду такомули адабиёти хаттӣ барҷаста ва асосӣ медонад: «Ба сифати сарчашмаи аввали адабиёти шӯравии форсии тоҷикӣ бояд адабиёти шифоҳии мардуми форсизабонро эътироф кард. Масалан, Абулқосим Фирдавсӣ дар адабиёти классикии форсӣ яке аз сутунҳои марказӣ буда, дар тӯли беш аз ҳазор сол пайравони худро доштааст. Аммо худи ӯ иқрор шудааст, ки «Шоҳнома»-и безаволаш маҳз дар заминаи афсонаву ривоят ва асотири фолклории арзи вуҷуд кардааст».

Ҳадаф аз овардани порчаи боло ин аст, ки нақши анвои эҷодиёти шифоҳии мардум дар роҳи нависандагии Алӣ Хуш нақши муассире доштаанд. То ҳанӯз дар зодгоҳи Алӣ Хуш муйсафедоне умр ба сар мебаранд, ки дар ҷавониҳои худ аз бобоёнашон қиссаҳои зиёде шунидаву то ба имрӯз дар миёни мардум бо қиссадонӣ машҳур гаштаанд. Масалан, бобои Валӣ Ҳайдаров (соли таваллуд 1924) ҳамдиёри Алӣ Хуш зимни як сафар қиссаи «Мири Балҷувон»-ро бо нависандаи ин сатрҳо аз Ғарм шурӯъ ва танҳо дар даромадгоҳи Душанбе, дар як роҳи иборат 186-км тамом карда буд. Мардум агар шабҳои дарози зимистон дар чойхонаҳо даври қиссахонҳову гӯрғулихонҳо менишастанд, баҳору тобистон ба ҳангоми кору дарав аз рубоидонҳо ва фалаксароҳо лаззат мебурданд. Ин ҳама, албатта, дар роҳи камолёбии як нависандаи ҷавон бетаъсир набуд.

Ба як нукта метавон ишора кард, ки ҳарчанд омӯзиши фолклор дар солҳои сиюм дар миёни аҳли қалам як суръате пайдо карда бошад ҳам, аммо ҳақ ба ҷониби адабиётшиноси Маъруф Раҷабӣ аст, ки «ин соҳа ҳам баъдтар ба идеологӣ кардан, сиёсатгароии маҳз дар илму фарҳанг, ки махсусан дар солҳои 30-юм шадид гардид, дучор шуд ва биноан аз инкишофи салим маҳрум гардид». Кор ба ҷое расида буд, ки бархе аз дӯстдорони фолклор бар ивази заҳматҳои сангин, он чи ки дар таҳияву гирдоварии осори халқӣ анҷом дода буданд, ба ҷойи подош ҳаёти ҷавонии худро барбод доданд.Масалан, нависандаи ҷавон Обид Исматӣ, ки қурбони сиёсатҳои соли 1937 гашта буд, маҷмӯаи «Адабиёти даҳанакӣ»-ро соли 1934 тартиб медиҳад, ки ба ҳуҷуми сахти мунаққидони вулгарист дучор мешавад. Масалан, дар китоби М.Раҷабӣ бар китоби «Адабиёти даҳанакӣ»-и О.Исматӣ эродҳои гирифтаи М.Расулиро мехонем, ки аз нигоҳи имрӯз хеле хандаовар аст: «дар замоне, ки партияи мо ҳамаи оммаи колхозчиёнро ба зиёд кардани ҳайвоноти корӣ ва умуман чорводорӣ даъват мекунад,ин китобча баромада мегӯяд, ки;

Осуда касе,ки хар надорад…»

Маълум аст, ки дар қадами аввал сарчашмаи илҳоми Алӣ Хуши ҷавон ҳамин фолклори мардумист, ки дар ҳама лаҳазоти эҷодӣ барои ӯ раҳрави беминнат ва кӯмакрасон будаанд. Маҳз ҳамин муҳаббат ба осори шифоҳӣ аст, ки Алӣ Хуш дар навиштаҳояш аз рубоиёти халқӣ зиёд истифода кардааст. Албатта, ин ҷо бар иловаи донистани хуби фолклори мардумӣ, наметавон таъсири эҷодиёти устод Айниро ба Алӣ Хуш дар истифодаи мӯшикофонаи ин дурдонаҳои ноёб истисно кард. Зеро устод Айнӣ ба хотири ҷаззобияти бештари суханаш дар қиссаву румонҳояш аз фолклор ва аз ҳама бештар дар романи «Ғуломон» истифода кардааст. Алӣ Хуш низ аз пайроҳаи устодаш-Айнӣ меравад ва бо истифода аз беҳтарин навиштаҳои фолклорӣ каломашро тобиш ва муассирияти дигаре мебахшад, ки ин ҳама ба осораш ҳусни дигаре зам менамояд. Масалан, дар «Қиссаи зани девона» Алӣ Хуш дар ибтидо ин рубоиро меорад:

Мана,ки куштан хокам кунед дар лангар,
Андар сари хоки ман биёяд модар …
Модар чӣ кунад ҳилаю дармони мана,

Кирмон мехӯрад ду чашми бодоми мана.

Ин рубоӣ ба мазмуни ҳикоя робитаи қавӣ дорад ва ин чаҳор мисраъ баёнгари сарнавишти талхи як зани бечора мебошад, ки дар фироқи фарзанд ғаму дард ӯро ба ин ҳол овардааст. Дар ин ҳикояи хурд Алӣ Хуш аз се рубоии мардумӣ истифода кардааст,ки он барои барҷаста баромадани образи қаҳрамон ва кушодани ҳолати равонии ӯ ба нависанда кӯмак кардаанд ва ё суханашро ин осори шифоҳӣ тақвият бахшидаанд.

Ин рубоиёти мардумӣ аз ҷониби ӯ хеле бамаврид оварда шудаанд, ки аз хар ҷиҳат ҳикояро пуробуранг ва сухани муаллифро муассир гардонидааст.

Алӣ Хуш, ки донандаи хуби фолклор буд, дар гирдоварӣ ва тарғибу ташвиқи осори мардумӣ дар миёни ҳамсолони худ яке аз шахсони фаъол маҳсуб мешуд. Зеро дар як давраи сарнавиштсоз ва ҳассоси таърихӣ барои миллат, агар аз як сӯ, устод Айнӣ бо «Намунаи адабиёти тоҷик» даҳони нафароне, ки мехостанд таърихи як миллатро таҳриф бисозанд, аз сӯйи дигар, гирдоварии фолклори қадимаи як халқ ба назари мо мушти дигаре буд бар даҳони ҳангоматалабони миллатчӣ.

Ба эътиқоди адабиётшинос А.Набиев: «Ниёз ба эҷодиёти даҳанакии халқ вобаста ба талаботи маънавӣ,фарҳангӣ,илмиву адабии халқи тоҷик дар замони авҷ гирифтани худшиносии этникӣ, воқеӣ ва сиёсиаш, дар замони мубоҳисаҳои атрофи забони тоҷикӣ ва тасдиқи мавҷудияти қавми тоҷик чун миллат бо ҳама аҳамияти таърихиаш ба миён омад». Яъне дар замоне, ки душманони миллат ҳатто мавҷудияти забону миллати тоҷикро инкор мекарданд, эҷодиёти шифоҳӣ бо таърихи беш аз ҳазорсолааш дар баробари таъриху адабиёти ин қавми куҳанбунёд далели дигаре аз қадимият ва фарҳанги пурғановати ин сарзамин башорат медод.

Аз тарафи дигар, солҳои бистуму сиюм аҳли адабро лозим омада буд, ки ба эҷодиёти мардумӣ рӯ биёваранд, зеро аз бисёр ҷиҳат маҳз паҳлӯҳои норӯшани бисёре аз ҳаводиси таърихиро ҳамин осори мардумӣ рушан месохт. Масалан, адабиётшинос А.Набиев аз М.Ҳофиз ном мухбири «Правда Востока» дар Тоҷикистон ёдовар мешавад, ки «солҳои 1928-29 маводи ҷолиби диққати фолклориро иборат аз сурудҳои меҳнатӣ, маишӣ, ишқӣ ва бахшида ба замони босмачигарӣ гирдоварӣ карда будааст», ки ба гуфтаи ӯ, хабарнигори «Правда Востока» М. Ҳофиз дар мавзӯи «Ҷанги аввал ва ҷанги охири Анварпошшо ва Давлатманд-бек бо аскарони сурх» аз забони гӯяндаи халқ Кӯри Мурод аз қишлоқи Зувайри тумани Ховалинг, вилояти Кӯлоб мавод гирд овардааст, ки дар тадқиқоти фолклоршиносии тоҷик доир ба ин ду суруди халқӣ дар ягон ҷо ишора нест.

Дар саргаҳи гирдоварӣ, арҷ гузоштан ба ганҷи шойгоне, ки муаллифи он худи халқ, зиндаёд устод Айнӣ меистод, ки ба гуфтаи А.Набиев «дар ҷараёни чанду чуни забони адабии тоҷик ва таркиби овоии он (масъалаи алифбо) зарурати такя ба лаҳҷа,ба оммаи аввом ва адабиёти халқро ба миён гузошт».

Он замон шуъбаи омӯзиши эҷодиёти шифоҳии халқ вуҷуд надошт ва муҳаққиқони фолклор қариб,ки набуданд ва чунин як масъулият бар дӯши адибони насли солҳои сиюм гузошта шуда буд. Тавре, ки академик Р.Амонов мегӯяд: «Баъди солҳои 40-ум нависандагони мо ҷамъоварӣ ва нашри фолклорро ба зиммаи олимон вогузошта, дигар ба ин кор сайъ накардаанд».

Ин ҳам дар ҳолест, ки то ба имрӯз таваҷҷуҳи адибону нависандагон ба осори шифоҳӣ ва илҳом гирифтан аз хазинаи маънавиёти мардум мушоҳида мешавад. Исботи ин гуфтаҳо китоби «Фолклори водии Қаротегин» мебошад, ки бо ибтикори шораи ширинкалом Гулрухсор мураттаб шудаву дар соли 1986 онро нашриёти «Маориф» аз чоп баровардааст. Ба ин китоб донишманди фолклоршинос Раҷаб Амонов сарсухан навиштааст. Ҳарчанд Р.Амонов аз нашри ду маҷмӯа дар охири солҳои сиюм дар сарсухани китоб хабар диҳад, аммо дар робита ба кӣ будани муаллифи китоби якум чизе намегӯяд; «Дертар бо номи «Намунаи фолклори тоҷик» ду маҷмӯаи сурудҳо, рубоиёт, ғазал ва таронаҳои халқӣ аз чоп баромад, ки маҷмӯаи дуюмро шоири барӯманд Мирзо Турсунзода тартиб додааст».

Ин ҳам дар мавридест, ки аввалин маҷмӯа ба қалами Алӣ Хуш ва А.Н. Болдирев тааллуқ доштааст. Ҳақ ба ҷониби адабиётшинос Сайфулло Саидов мебошад, ки дар рисолаи дипломиаш ин маҷмӯаро нахустин намунаи фолклори тоҷик дониста, аҳамияти илмӣ-фолклоршиносии онро таъкид менамояд: «Бо ин китоб муаллифон Алӣ Хуш ва А.Н.Болдирев принсипи тартиб додани «Намунаи фолклори тоҷик»-ро ба миён овардаанд».

Албатта, фолклори мардумӣ шоҳиди ҳама ҳаводиси таърихӣ ва баёнгари сарнавишти миллат дар ин ё он давраи зиндагии ӯ будааст мебошад. Гулрухсор ба маврид мегӯяд, ки «Рубоиёти халқ, ҳақиқати зиндагии халқ аст. Фолклор зодаи асрҳост, ки онро садсолаҳо таҳриру такмил медиҳанд».

Ҳаминаст, ки насли солҳои сиюм ба мисли Ҳаким Карим, Лутфулло Бузургзода, Мирзо Турсунзода, Ҷалол Икромӣ, Т.Зеҳнӣ, Обид Исматӣ, Бектош, Садрӣ Раҳимӣ, дар баробари кори эҷодӣ ба гирдоварӣ осори шифоҳии халқ шурӯъ карданд,ки дар ин миён саҳми Алӣ Хуш хеле назаррас аст.

Аз зиндагиномаи Алӣ Хуш маълум мешавад, ки ҳар замоне ки ӯ ба маҳалҳо сафар мекард, вақти зиёдеро ба омӯзиши фолклори ҳамон маҳал менамуд. Масалан, доктори фанҳои таърих, аъзо-корспонденти АФ РСС Тоҷикистон З.Ш.Рачабов дар бораи фаъолияти фолклоршиносии Алӣ Хуш хотироти хубе доштааст, ки гуфтаҳои болоро тасдиқ мекунанд: «Як чизи хубаш дар ёдам ҳаст, ки вай барои ҷамъ намудани адабиёти даҳонии халқ мароқи калон дошт. Вай шеърҳои ҷамънамудаашро оварда, ба ман хонда медод. Алӣ Хуш дар хондани шеър устоди хуб буд. Боре вай ба тарафи Помир сафар намудааст. Дар он ҷо вай рубоиҳои ба забони тоҷикӣ мехондагии халқи Помирро ҷамъ намуда буд. Бештари ин шеърҳо характери ишқӣ доштанд».

Қисмате аз ин раҳовардҳои сафарро Алӣ Хуш дар маҷаллаву рӯзномаҳои даврӣ чоп мекард, ки дар солҳои сиюм чунин як иқдом дар роҳи шиносоии омма ба фолклор, ба он чи ки худи халқ муаллифаш ҳаст, аз аҳамият холӣ набуд. Масалан, журнали «Октябр», соли 1937, №6, саҳ.12.

Тавре ки дар боло ишора кардем «Намунаи фолклори тоҷик» кори муҳими Алӣ Хуш ва А.Н.Болдирев дар он солҳо буд, ки он бештари жанрҳои фолклориро дар худ фаро гирифтааст. Ин китоб феълан таҳти рақами 9432 дар китобхонаи Фирдавсӣ маҳфуз аст. Аммо китоб ҳангоми дар зиндон будани Алӣ Хуш соли 1938 чоп шудааст, ки дар он ҳамчун муаллиф танҳо номи донишманди рус А.Н.Болдирев омадааст. Ин дар ҳолест ки дар ҷавоби мактубе, ки дар таърихи 23-юми сентябри соли 1958 А.Н. Болдирев ба адабиётшинос С. Саидов навиштааст, ин сатрҳоро мехонем: «Қисми зиёди маводҳои дар маҷмӯаи соли 1938 бударо Алӣ Хуш ҷамъ овардааст. Дар куҷо, кай ва аз кӣ гирифтааст барои ман номаълум аст».

Тавре ки адабиётшинос С.Саидов дар суҳбат ба мо гуфт баъди шаш рӯзи гирифтани ҷавоби мактубаш аз Ленинград (ҳозира Санкт-Петербург), худи А.Н.Болдирев аз он ҷо ба Душанбе меояд ва ин олими рус ба саҳми зиёди Алӣ Хуш дар таҳияи китоби мазкур ва яке аз донандагони беҳтарини фолклори тоҷик будани ӯро эътироф мекунад: «Шиносоӣ дар давраи ҷамъ намудани фолклори Қаротегин (соли 1933-Ш.М) пайдо шуда буд.Ман бо Алӣ Хуш рафиқи хело наздик будам.Ман ҳамроҳи вай ба деҳаи вай Қазноқ,райони Ғарм рафтам.Вай фолклори вилояти Ғармро хеле хуб медонист. Бинобар ин, мо ҳар ду барои ҷамъ намудани фолклори тоҷик машғул шудем. Материалҳоро бо ҳам ҷамъ намудем.Гуфтан лозим аст,ки дар ин кор ҳиссаи Алӣ Хуш нисбат ба ман якчанд бор зиёд буд.Бо сабаби суд шуда рафтани вай номи вайро дар китоб нанавиштанд, ҳол он ки меҳнати вай нисбат ба ман зиёд буд.Китоб фақат бо номи ман баромад».

М. Раҳимӣ аз Алӣ Хуш нависандаи ҷавон ва журналисти бомаҳорат ёд намуда,роҷеъ ба фаъолияти фолклоршиносии ӯ чунин гуфтааст: «…Ба ғайр аз ин Алӣ Хуш ба ҷамъ намудани фолклори тоҷик низ машғул буд.Вай ба районҳо рафта эҷодиёти даҳонии халқро ҷамъ намуда ва омада бо ҳамроҳии рафиқон муҳокима мекард.Вай ҳамроҳи Болдирев А.Н. маҷмӯаи фолклори тоҷикро тартиб доданд.Афсӯс, ки фақат бо номи Болдирев дар соли 1938 чоп гардид,ҳол он ки қариб ҳамаи материалҳоро фақат Алӣ Хуш ҷамъ намуда буд.Умуман Алӣ Хуш як патриоти (ватандӯсти-Ш.М.) даврони худ буд».

Китоби «Намунаи фолклори тоҷик» аз муқаддима ва ду ҳисса иборат аст. Муқаддимаи китоб 14 саҳифаро дар бар гирифта, хонандаро ба моҳияти мавзӯъ ва зарурати омӯзиши фолклори тоҷик ошно месозад. Дар ин ду ҳиссаи китоб, ки пас аз муқаддима омадаанд, қисмати якум анвои эҷодиёти мардумӣ дар мавзӯъҳои «Никоҳи маҷбурӣ», «Ишқи камбағалон», «Сарбозӣ», «Лирикаи батракона» аз манотиқи Қаротегин, Дарвоз, Кӯлоб, Ҳисор, Кӯҳистони Бадахшон ва Хуҷанд бо ҳифзи гӯйишҳои ҳамон минтақа гирдоварӣ шудаанд. Ҳарчанд дар ин китоб намунаи фолклори Мастчоҳ ва ноҳияи Айнии имрӯза, Панҷакент ва Муъминободу Балҷувон оварда нашудаанд, аммо дар маҷмӯъ ҳама манотиқи Тоҷикистонро фаро гирифтааст.

Маҷмӯаи мазкур 3500 мисраъ шеърро дар бар мегирад ва дар он рубоиву дубайтӣ ва сурудҳои халқӣ дар мавзӯъҳои мухталиф гирд оварда шуда, муаллифон дар ҳар як қисмат сарсухани мухтасар, вале бо шарҳу тафсири пурмуҳтавое хонандаро аз ҳама ҷиҳат ба аҳамияти сурудаҳои дар поён омада,сабабҳои иншо шудани чунин сурудаҳо аз ҷониби мардум ошно месозанд. Масалан, дар боби «Сарбозӣ» чунин омадааст: «Дар кӯҳистони тоҷик рӯзҳои маъракаи сарбозгирӣ … ба рӯзҳои гиря ва нолаи камбағалон табдил меёфт. Зеро ки фарзандони дилбанди ин камбағалон ба таври маҷбурӣ ва бо амр гирифта ба Бухоро бурда мешуданд». Ин ҳодиса як қисми аламноктарин рубоиҳо ва ғазалҳои даҳонакии халқро ба вуҷуд оварда буд:

Ин дашти дароз боди сабо мебаранм,
То гиря кунам ҷавру ҷафо мебаранм.
То гиря кунам фироқи раҳдурӣ хурм,
Фарзанди куҷоему куҷо мебаранм.

Нависандагони ин китоб дар бархе ҳолатҳо ба китоби худ ҳамчун як мунаққид низ нигоҳ карда, ба қавле аз хонанда пузиш хостаанд. Масалан, дар муқаддимаи мавзӯи «Сарбозӣ» муаллифон аз он ки ҳамагӣ 5 рубоӣ гирд оварда тавонистанд, онро ҳамчун як камбудӣ дар корашон донистаанд.

Дар баробари он ки аз нигоҳи имрӯз «Намунаи фолклори тоҷик»-и Алӣ Хуш ва А.Н.Болдирев хонандаро ба сайри адабиёти шифоҳии садсолаҳои гузаштаи мардуми тоҷик мебарад, бархе мавзӯоти он ҳамоно ба дарди ҷомеаи имрӯз мехӯранд, ки касро ба андеша кардан аз паёмадҳои нохуби баъзе падидаҳои номатлуб водор месозад. Масалан, ҷомеаи имрӯзаи ҷаҳониро қоҷоқ ва хариду фурӯши инсон ба ташвиш овардааст ва ба гуфтаи соҳибназарон ин падида ба як дарди сари олами муосир табдил ёфтааст. Ҳанӯз қариб 75 сол қабл муаллифони китоби «Намунаи фолклори тоҷик» дар ин мавзӯъ намунаҳо овардаанд: « Ғайр аз никоҳи маҷбурии оддӣ дар қишлоқ бурда шудан ва фурӯхта шудани духтарон ба амалдорон ва гумоштагони амир мавҷуд буд», ки ғазали «Лолазоруме» ин ҷо оварда мешавад:

Бо овак равунум кардӣ, лолазоруме,
Ба химча гирюнм кардӣ, асир афтодуме
Ай поён ғубор умад, лолазоруме,
Як гуша сувор умад, лолазоруме.
Як қамчи ба қаҳр андохт, лолазоруме,
Дар саргини асп партофт, асир афтодуме.

Як ҷиҳати дигари мавриди писанд ин аст, ки дар баъзе бобҳо муаллифон ба хонанда равшан месозанд, ки рубоиёт ва ё сурудаҳои ҷамъкардаро аз забони кӣ навиштаанд. Масалан, дар боби «Никоҳи маҷбурӣ» мехонем:

1. «Аз даҳони зане, ки ба дасти шӯи худаш нохоҳам гирифтор шудааст».
2. «Аз даҳони духтаре, ки ошиқаш маҷбуран зан мегирад».
3. «Аз даҳони марде, ки маъшуқааш маҷбуран ба каси дигар дода шудааст».

Дар боби «Ишқи камбағалон» рубоиёте, ки дар он орзуҳои ширини камбағалон (ки аз дасти нодорӣ ҷуз орзуву хаёл дигар чорае надоштаанд, он ҳам ёдномае аз таърихи рӯзгори мардуми фақиру бечора аст) ҷой додашудаанд:

Аз дур назар мекунум Хулоза,
Бо гардани паст мекашум ҷувоза.
Аҳде бишава, ки бигирум тарноза,
Асло дигар намекашм ҷувоза.

Аҳамияти дигари китоби мазкур аз назари мо боз дар он аст, ки бархе намунаҳои эҷодиёти мардумӣ, ки ин ҷо гирд оварда шудаанд бо чунин вариант мо дар дигар маҷмӯаҳои фолклорӣ ба эҳтимоли зиёд вонахӯрдем. Масалан, як намуна:

Навдунаки навдунаки навдумколум,
Ин чалаи нуқрагии ӯ ҳам гушворум,
Ба бачаи пойтахтӣ дил надорум
И бачаи диёргӣ шудай хушдорум.

Дар ин маҷмӯа сурудаҳои таърихӣ аз назари муаллифон Алӣ Хуш ва А.Н.Болдирев берун намонда, дар китоб мақоми муҳим доштаанд. Зеро аз бисёр ҷиҳат фолклоре, ки ба ин ё он ҳодисаи таърихи гузашта иншо гашта буд, ҳама гузаштаи пуразоб ва зиндагии замони Шӯравӣ аз ҳама ҷиҳат як даврони беғаму дард тасвир мегардид. Ба гунаи мисол, суруди «Восеъ», «Суруди пионерон» ва суруди «Муҳоҷирон» дар солҳои сиюм, ки аз гӯшаҳои мухталифи Тоҷикистон ба водии Вахш мардумро муҳоҷир карда

буданд ва дар муддати кӯтоҳ барзгари тоҷик як водии найзорро ба гулистон мубаддал сохт ва ҷое, ки қамиш мебаромад, акнун тиллои сафед парвариш мешуд, кишоварзон дар чакомаҳои худ аз «бахти сафед» меболиданд. Масалан, дар суруди муҳоҷирони Ленинободӣ ин мисраъҳоро мехонем:

Гар нафаҳмед бифаҳмед,
Мо колхозчи муҳоҷир.
Ҳукумат зи баҳри мо,
Тилло танга кард ҳозир.

Суруди марсиявии «Тарма», ки бар асари як ҳодисаи табиӣ-лағжиши тарма чаҳор писари як хонадон зери он мемонанд ва ҷанозаи чаҳор бародарон дар як рӯз хонда мешавад. Ба гуфтаи муаллифон ин ҳодиса соли 1914 дар яке аз рустоҳои Ғарм рух дода будааст. Тавре, ки мураттибон овардаанд, ин марсия аз даҳони як духтарча навишта шуда,таълифаш ба падари ҳамон ҳалокшудагон нисбат дода мешавад.

…Чор бачам куҷо шуд,
Дар тайи тарма ҷо шуд,
Рӯйи бово сиё шуд,
Хун дорум ай барфу борун.

Шумораи рубоиҳое, ки аз ин ё он манотиқ ҷамъ оварда шудаанд, аз ҷиҳати миқдор ба ҳам баробар нестанд. Ба гунаи мисол, агар дар ҳиссаи якум намунаи «Фолклори Қаротегин» 21 рубоӣ омада бошад, аз мавзеи Дарвоз мураттибон 44 рубоиро ба хонанда пешкаш сохтаанд.

Дар ҳиссаи дуюм 360 рубоӣ оварда шудааст, ки аз мутолиаи онҳо ҳама шебу фарози зиндагии мардум, ғаму шодӣ ва орзуву омоли як қавми мутамаддин падидор мешавад.

Баъдтар аз нашри китоби Алӣ Хуш ва А.Н.Болдирев, «Намунаи фолклори тоҷик» китоби дуюмро М. Турсунзода бо намунаҳои фолклори водии Ҳисор таҳия кард. Алӣ Хуш ва М. Турсунзода адибони насли комсомол, ки давоми ду сол дар як ҳуҷра (солҳои 1930-32) бо ҳам зиндагии бародарона доштаанд, дар роҳи эҷод аз ҳамдигар бисёр чизҳоро омӯхтаанд. Мисоли воқеӣ, ҳамин таваҷҷуҳ ва дӯстдории эҷодиёти шифоҳист, ки ҳосили он чопи ду китоби муҳим бо фарогирии садҳо рубоиву дубайтӣ ва ғазалу сурудаҳои халқӣ дар охири солҳои 30-юм буд. Дар баробари он мақоме, ки Алӣ Хуш хамчун нависанда дар адабиёти солҳои сеюм касб карда буд, ҳамчун рӯзноманигори борикбин ва оташқалам ба масоили муҳими рӯз таваҷҷуҳ кардааст, ҳамзамон фурсат ёфтаву деҳа ба деҳа, аз як ноҳия ба ноҳияи дигар мероси пургановати мардумиро гирд овардааст, ки ин ҳама бидуни гумону шубҳа ба шахсияти камназир ва мондагор будани ӯ дар он айём гувоҳӣ медиҳад. Танҳо барои чунин як ҷавони дорои истеъдоди ҳайратовар умр кифоят накард, то битавонад нақшаҳои адабии худро амалӣ бисозад. Ӯро бадхоҳони хунхор дар як лаҳзаи бароҳшон мусоид-дар солҳои террори сталинӣ ба коми аждаҳо ҳаво доданд, вагарна адабиёти муосири тоҷик аз ҳузури чунин як қаламкаш, ки савори аспи бодпои сухан дар адабиёти солҳои сиюм майдон дошт, бурдҳо мекард, на бохтҳо.

А Д А Б И Ё Т

1. Алӣ Хуш. Дар бағали кӯҳҳо. Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1962.
2. Асозода Х. Адабиёти тоҷик дар садаи 20.- Душанбе: Маориф, 1999.
3. Гулрухсор С. Фолклори водии Қаротегин.- Душанбе, 1986.
4. Набиев А. Нарзуллоҳи Бектош ва илму адаби тоҷик. –Душанбе: Ирфон,2004.
5. Раҷабӣ М. Таърихи танқид ва адабиётшиносӣ.- Душанбе: Адиб, 1997.
6. С. Саидов. Ҳаёт ва эҷодиёти Алӣ Хуши Найистонӣ. Рисолаи дипломӣ.- Сталинобод, 1959.

АЛИ ХУШ – ФОЛЬКЛОРИСТ

Фольклор - художественное творчество широких народных масс, преимущественно устно-поэтическое творчество, народная мудрость, народное творчество, чаще всего именно устное, отражающая его жизнь, воззрения, идеалы, создаваемые народом и бытующие в народных массах. Народное творчество, зародившееся глубоко в древности, — историческая основа всей мировой художественной культуры, источник национальных художественных традиций, выразитель народного самосознания. В данной статье автор рассматривает творческую деятельность очень известного таджикского писателя и журналиста Али Хуша, который был очень хорошим знатоком таджикского фольклора и помимо журналистской деятельности по крупицам собрал богатый материал об устном народном творчестве таджиков.

Ключевые слова: фольклор, таджикский фольклор, Али Хуш, таджикский фольклорист, журналистская деятельность, художественная коллективная творческая деятельность народа.

ALI CUSH AND FOLKLOR

Folklore and artistic creativity of the broad masses of the people, predominantly oral poetic creativity, folk wisdom, folk art, more often it is oral, reflecting his life, beliefs, ideals, by the people and the characteristic of the masses. Folk art, originated deep in the ancient times, " the historical background of the world art culture, a source of national artistic traditions, spokesman of the national self-consciousness. In this article the author examines the creative activities of a very famous Tajik writer and journalist Ali Cush, who was very good at the Tajik folklore and in addition to the journalistic activity, bit by bit gathered a wealth of material on the oral traditions of Tajiks.

Key words: folklore, Tajik folklore, Ali Cush, Tajik writer, journalist, art collective creative activity of the people.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Махмуд Шодиев*** – соискатель Таджикского национального университета**.**

ИЛМОМӮЗӢ ВА ОДОБИ МУАЛЛИМУ ШОГИРД

Давлатхоҷа Шарипов
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Муҳаммад Ғаззолӣ сарчашмаи ҳамаи пешрафтҳои зиндагии иҷтимоӣ, сиёсӣ, динӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва дигар умури дунявӣ ва ухравиро дар илм ва илмомӯзӣ медонад. Бинобар ин, дар китоби «Эҳё - ул - улум» дар боби илм ва илмомӯзӣ чунин овардааст, ки Худованд дар «Қуръон»-и азимушшаънаш чандин ҷой дар бораи илм ва илмомӯзӣ супориш додааст: - «Худованд касоне аз шуморо, ки илм овардаанд, боло мебарад ва бо касоне, ки баҳрае аз илм доранд, дараҷоти бузурге мебахшад» [4,88].

Ибни Аббос дар тафсири ин оят мегӯяд: «Уламое, ки бо илмашон амал мекунанд, нисбат ба дигар муъминон ҳафсад дараҷа фарқ доранд, ки байни ҳар дараҷае то дараҷаи дигар панҷсадсола роҳ аст». Боз Худованд ҷойи дигар мефармояд: «Бигӯ: «Оё касоне, ки медонанд ва касоне, ки намедонанд баробар ҳастанд? Ҳаргиз баробар нестанд».

Боз Худованд ҷойи дигар мефармояд: «Танҳо бандагони соҳибилм ва донишмандон аз Худованд бисёртар метарсанд».

Инчунин дар бораи илм ва илмомӯзӣ Расули акрам (с) гуфтаанд: «Олимони ростин ворисони паёмбаронанд» [5,221].

Боз ҷойи дигар фармудаанд:

«Беҳтарин мардум, муъмини олиме аст, ки агар ба ӯ ниёзе шуд, он ниёзро бартараф кунад ва ба шахси ниёзманд фоидаи илмӣ расонад» [2,423].

Боз фармудаанд: «Имон бараҳна аст, либои ӯ парҳезгорист ва зинату ороиши ӯ ҳаё ва шарм аст ва самараву баҳраи ӯ илм ва огоҳӣ аст» [3,99].

Боз фармуданд: «Олими воқеӣ, амини Худои пок ва муназзаҳ аст дар рӯйи замин».

Пайғамбар (с) гуфтаанд: «Илм дар вақти танҳоӣ мунис аст ва дар ғарибӣ ёр ва ёвар, дар хилват ҳамсуҳбат ва дар ҳини ғам ва шодӣ роҳбар ва роҳнамои ӯ мебошад, илм дар назди дӯстон ва ошноён ороиш ва оростагӣ аст ва дар назди ғарибон ва ноошноён, ошно ва хешованд мебошад, илм силоҳе аст бар зидди душманон, илм нури равшангари роҳи биҳишт аст» [2,503].

Худованд ба василаи он қавмеро баланд мақом мегардонад ва онҳоро василаи ҳидоят ва роҳнамоии дигарон месозад, то ин ки ба онҳо иқтидо ва пайравӣ кунанд.

Тамоми офаридашудаҳо чизҳои тару хушк, ҳатто моҳиёни дарё ва хазандагону ҷонварони ваҳшӣ ва чаҳорпоёни биёбон, осмону ситорагонаш барои аҳли илм талаби омурзиш менамоянд, чунки илму дониш ҳаёти дилҳои нобино ва нури чашмҳо дар торикӣ ва нерӯбахши танҳои заифу нотавон мебошад.

Ба воситаи илм аст, ки инсон ба мақом ва манзалати некон ва ба дараҷаи олӣ мерасад. Оре, илм пешвои инсон ва амал низ тобеъи он аст. Иззати дунявӣ ва саодати ухравӣ дар илм ва огоҳӣ мебошад.

Расули акрам (с) фармудаанд: «Талаб кардани илм фарз аст бар ҳар фарди мусалмон ва боз мефармоянд»: «Талаб кунед илмро агарчи дар Чин бошад».

Одоби муаллим ва шогирд. Муҳаммад Ғаззолӣ асоси пешрафти таълим ва илмомӯзиро риоя кардани ахлоқу интизоми байни устод ва шогирд дониста, кӯшиш намудааст, ки шогирд ва устод ҳаққои худашон ва масъулияташонро пурра дониста, ба он амал намоянд, чунки аксари устодон ва шогирдон шояд ҳуқуқ ва масъулияташонро пурра наомӯхта бошанд ё шояд масъулиятро аз нуқтаи назари ниёгон ва донишмандони ҳақиқӣ наомӯхта бошанд. Аз ин лиҳоз, ин бузургмарди роҳи ҳақиқату дӯстдори илм, Имом Ғазолӣ мефармоянд:

«Одоби таълимгиранда бисёр аст, аммо мо ин ҷо ба тариқи мухтасар вазифаи таълимгирандаро баён мекунем:

Вазифаи аввал: Пешқадам шуморидани покии нафс аз ифлосиҳои ахлоқӣ, чунон ки Паёмбар (с) фармуданд: «Пояи дин бар покии зоҳир ва ботин устувор мебошад» [5,444; 4,400].

Дар ин фармудаи Паёмбар (с) мурод танҳо покии либос нест, балки мурод покии дил ва ботин аст. Маълум аст, ки нақосат ва палидӣ хос ба либос нест, пас модоме ки шахс ботинаш аз палидиҳо пок нагардида бошад, он шахс қобили қабул кардани илми фоиданок ва бобаракат намебошад ва ба василаи тобиши нури илм равшан ва нуронӣ намешавад.

Вазифаи дувум: Вазифаи шогирд он аст, ки алоқа ва дилбастагии худро нисбат ба дунё ва матои дунявӣ кам кунад. Ба хотири таҳсили илм аз хонавода ва ватану зодгоҳи худ дур равад, то ин ки барои ба даст овардани илм аз як ҷиҳат осудахотир бошад.

Вазифаи сеюм: Он аст, ки бар илмаш ғурур ва такаббур накунад, бар муаллим низ фармон надиҳад. Балки ихтиёрашро ба таври куллӣ ба муаллим супорад ва чашм ба фармони ӯ бошад, ҳамчуноне ки бемор худашро ба таври куллӣ ба ихтиёри табиби ҳозиқ ва дилсӯз месупорад. Бинобар ин, лозим аст, ки шогирд нисбат ба муаллим фурӯтан ва боадаб бошад ва хизмати ӯро риоя намояд.

Паёмбар (с) фармудаанд: «Хушомадгӯӣ барои шахси мусалмон раво нест магар барои устодон» [6,931; 2,244].

Вазифаи чаҳорум: Он аст, ки аз гӯш додан ба ихтилоф дар миёни мардум, чи дар илми дунявӣ ва чи дар илми ухравӣ, бипарҳезад.

Вазифаи панҷум: Он аст, ки ба фарогирии ҳамаи илмҳои манфиатдор кӯшиш намояд, то аз ҳамаи онҳо иттилоъ пайдо кунад ва ба ҳадафи худ бирасад. Агар ба ҳамаи онҳо даст наёбад, пас ба муҳимтарини онҳо кӯшиши худро равона созад.

Вазифаи шашум: Он аст, ки чун умри инсон вафо намекунад, ки ҳамаи илмҳоро аз бар намояд, пас барои ба даст овардани илмҳои зарӯрӣ кӯшиш намояд ва барои касби шарифтарин ва муфидтарини онҳо бикӯшад.

Вазифаи ҳафтум: Он аст, ки ба воситаи илм ботини худашро хуб гардонад ва мақсадаш ин набошад, ки аз таҳсили илм ба мақому мансаби боло расад ва молу сарвати зиёд ҷамъ намояд.

Вазифаи муаллим. Беҳтарин вазифаи муаллим он аст, ки бидонад ва ба донистаи худ амал намояд.

Бинобар ин, касе, ки бидонад ва ба он амал кунад ва ба дигарон низ ёд диҳад, ӯ ҳамон фардест, ки дар малакути осмон ӯро ба унвони инсони бузург хонанд. Ӯ ба монанди хуршед аст, ки зотан равшан ва рӯшноибахши дигарон мебошад. Аммо касе, ки медонад ва худаш ба он илм амал намекунад, ба монанди сӯзани бараҳнае аст, ки дигаронро либос мепӯшонад, лекин худаш бараҳна мемонад, ё ба монанди пилтаи чароғе аст, ки худаш месӯзад ва ба дигарон рӯшноӣ мебахшад.

Шаке нест касе, ки роҳи таълим ва тарбияро дар пеш мегирад, барострӣ кори бузургеро уҳдадор мешавад, аз ин ҷиҳат лозим аст, ки омӯзгор одоб ва вазоифи онро бояд риоя намояд, ки иборатанд аз вазифаҳои зерин:

Вазифаи аввали омӯзгор он аст, ки меҳр ва шафқати тамом дошта бошад, нисбат ба шогирдон ва онҳоро монанди фарзандони худ донад.

Аз ин лиҳоз Паёмбар (с) фармудааст: «Ман барои шумо ба монанди падар ҳастам барои фарзандонаш», чунки ӯ худ муаллими башар буд.

Дар ҳақиқат, вазифаи муаллим муҳимтар ва муқаддамтар аз вазифаи падар ва модар мебошад, чаро ки падар ва модар фарзандони худро аз сахтӣ ва мушкилоти дунявӣ наҷот медиҳанд, муаллим бошад, шогирдонро ҳам аз азоби дунявӣ ва ҳам аз азоби ухравӣ наҷот медиҳад» [3,420].

Вазифаи дувуми муаллим он аст, ки мувофиқи гуфтаҳои паёмбар (с) таълим ва тарбияро ба роҳ монад ва аз шогирдон ришва нагирад.

Вазифаи сеюми муаллим он аст, ки аз ҳеҷ гуна раҳнамоӣ ва андарз намудани шогирд кӯтоҳӣ наварзад ва ӯро нисбат ба ояндааш насиҳат ва раҳнамоӣ кунад. Шогирдро огоҳ созад ба ин, ки илм омӯхтан фақат барои ба даст овардани дунё нест, балки барои он аст, ки хизмати софдилона барои халқу ҷомеа намояд ва ба ин васила худро ба Худованд наздик намояд.

Ба шогирд бояд фаҳмонад, ки илм ҷустан барои ба даст овардани раёсат ё барои фахр кардану рақобат кардан нест, балки барои тавозуъ ва хизмати халқ аст.

Чаҳорумин вазифаи муаллим он аст, ки шогирдро ба тариқи имо ва ишора, на ба тариқи сароҳат аз ахлоқи бад ва нописанд боз дорад, ҳадалимкон аз рӯйи шафқат, на ба тариқи сарзаниш ӯро ба некхӯӣ раҳнамоӣ намояд, зеро ки манъ кардан ва сарзаниш намудани вай ба таври ошкор пардаи ҳайбатро пора мекунад ва шахсияти муаллимро поин меоварад ва шогирдро низ бар мухолифат кардан бо устод далер месозад.

Барои муаллим лозим аст, ки аввал худро дуруст ва ислоҳ кунад, сипас аз донишомӯз бихоҳад, ки дуруст ва ислоҳ шавад. Дар ғайри ин сурат, маслиҳатҳои ӯ фоида ва натиҷае надорад, чаро ки иқтидо ва пайравӣ намудан аз афъол муассиртар ва устувортар аз пайравӣ намудан аз гуфтор аст.

Расули акрам (с) гуфтаанд: «Ҷустуҷӯ намудани илм фарз аст бар ҳамаи мусалмонон, ҳеҷ коре барои инсон фозилтар ва гуворотар аз илм нест» [5,241].

А Д А Б И Ё Т

1. Қуръони карим.- Мадинаи мунаввара, 1991 милодӣ
2. Сираи Расул.- Аҳодиси набавӣ.- Теҳрон: Сруш, 1991.
3. Ғаззолӣ, Кимиёи саодат.- Теҳрон: Сруш, 1988.
4. Ғаззолӣ Эҳё-ул-улум.- Курдистон, 1970.
5. Имом Бухорӣ. Сират-ул-яқин.- Душанбе, Эл-Граф, 2007.
6. Имом Муслим. Сират-ул-яқин. Душанбе, Эл-Граф 2007

ИЗУЧЕНИЕ НАУК И ОТНОШЕНИЕ МЕЖДУ УЧИТЕЛЕМ И УЧЕНИКОМ

Изучение науки достигается путем последовательного обучения, а воспитание является основной деятельностью учителя. Этическое воспитание человека должно начинаться с детства, в школе, потому что в этом возрасте легче накопить знания и освоить профессию. В данной статье автор рассматривает тему изучения наук и отношения между учителем и учеником с точки зрения священного Корана и преданий Пророка.

Ключевые слова: учитель, ученик, отношения учителя и ученика, этическое воспитание, школа, Коран, предания Пророка.

STUDY OF THE SCIENCES AND THE RELATIONSHIP BETWEEN THE MASTER AND THE DISCIPLE

The study of science is achieved through continuous training and education is the main activity of teachers. Ethical education of a person should begin with the childhood, in school, because at this age is easier to accumulate knowledge and master the profession. In this article the author considers the topic of the study of the Sciences and the relationship between the master and the disciple from the point of view of the Holy Qur'an and the traditions of the Prophet.

Key words: teacher, the student, the teacher-student relationship, moral education, the school, the Qur'an, the traditions of the Prophet.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Давлатходжа Шарипов*** –соискатель Академии образования Таджикистан

ЭЪТИҚОД АЗ НИГОҲИ КИСОӢ

Ҳоким Қаландаров
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рудакии АИ ҶТ

Турку тоҷику араб гар ошиқанд,
Ҳамраҳанд аз рӯи маънӣ дар савоб.
(Мавлоно Румӣ)

Ҳаким Кисоии Марвазиро пешгузаштагон ба унвони шоире, ки шеъраш зӯҳду вараъро талқин мекунад, муаррифӣ мекарданд ва шояд паллаи тарозуи мусулмониро маҳз порсоиву парҳезгорӣ ба замин мефуровард, то каффаи дигари тарозу, тасаввур кунем, ки болояш рӯҳ аст, тезтару осонтар ба боло меравад.Амин Аҳмади Розӣ дар тазкираи машҳураш «Ҳафт иқлим» ба ин маъно ишора дорад, ки «аксар ашъори вай дар зӯҳду ваъз ва маноқиби аҳли байт аст» [1, 7].

Муҳаққиқини муосир асосан ӯро вассофи табиат шинохтаанд. Ба қавли Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ «аз назари сувари хаёл ва анвои тасвир бавижа дар заминаи табиат, шеъри Кисоӣ беҳтарин шеъре аст, ки аз гӯяндагони қарни чаҳорум дар даст дорем» [14, 430]. Ва ё ба пиндошти Бадеуззамон Фурӯзонфар «Кисоӣ яке шуарои ширинзабони қарни чаҳорум аст, ки бахусус дар эҷоди ташбеҳоти дақиқ даст дошта ва сабки вай ба зебоии калимот ва устувории ҷумал мумтоз аст» [4, 1].

Бо такя ба ин ду нуқтаи назар, бар ин андешаем, ки шоир Кисоии Марвазӣ ба ҳастии дунявӣ ба хотири колбади рӯҳ буданаш эҳтиром мегузошт ва тасовири ӯ дар заминаи биниши реалии зиндагӣ асос ёфтаанд ва аз ғулувву газофагӯӣ парҳез мекунад. Аз ин ҷост, ки шоир аз сурудани ғазал, ки фурӯғ аз дурӯғ мегирад, дурӣ мечӯяд ва сарояндаи ғазалро мубтало ба макру ҳилла мепиндорад ва ҷуз талафи вақт дар эҷоди сухани беҳудаву сафсата намешиносад:

Эй он ки ҷуз аз шеъри ғазал шеър нахонӣ,
Ҳаргиз накунӣ сер дил аз тунбалу тарфанд (7, 83).

Сарчашмаҳои адабиву илмӣ ташайюъгароии ӯро тасдиқ кардаанд [1, 7; 10, 252; 5, 415; 9, 1134; 3, 17-19; 6, 30-51; 7, 42-49].

Чунончи, мувофиқи маълумоти қадимтарин маъхаз дар бораи Ҳаким Кисоӣ «Ан-нақз» «…аввалан Фирдавсии Тӯсӣ шоӣ (шиӣ) будааст. Ва дар «Шоҳнома» чанд мавзӯъ ба эътиқоди худ ишорат кардааст…Ва Фахри Ҷоҷармӣ шоӣ будааст ва дар Кисоӣ худ хилофе нест, ки ҳамаи девони ӯ мадоеъ ва маноқиби Ҳазрати Мустафо (с) ва оли ӯст» [10, 252].

Баъзеҳо фурӯтар рафта ӯро ситоишгари дувоздаҳ имоми шиаи асноашарӣ муаррифӣ намудаанд. Чунончи, муҳаққиқи ғайриэронии таърихи адабиёти Эрон Ян Рипко меандешад: «Ӯ нахуст суннимазҳаб буд ва сипас дар шумори муътақидони ҷиддии шиа даромад. Ин шоир рафтори дувоздаҳ имоми шиаи ҷаъфариро сутудааст» [15, 228].

Ҳамчунин буданд муҳаққиқоне, ки ҳадс мезаданд, ӯ аз фирқаи исмоилӣ будааст [8, 97; 11, 26].

Барои илми адабиётшиносии муосир ин назарияҳо, ба иллати он ки осори андаке аз мероси адабии шоир боқӣ мондааст, қимати аввалиндараҷа доштаву дода наметавонанд. Имрӯз танҳо ва танҳо бо таваҷҷуҳ ба осори бозмондаи ӯ метавон шахсияти ӯро муайян намуд ва ё аз тамоюли ақидатии ӯ баҳс кард. Тахайюлоти тахминӣ наметавонанд ва ҳатто метавон гуфт, ки қудрат надоранд, ки дар ин баҳсҳо ширкат дошта бошанд. Барои мисол, шарқшиноси маъруф Ҳерман Этте бе такя ба ягон далели равшан хулоса мебароварад, ки «дур нест иллати умдаи Носири Хусрав нисбат ба Кисоӣ аз ин ҳайс бошад, ки Кисоӣ муддате пеш аз вай ба мазҳаби тасаввуф гаравид ва бар зидди илтизози ҷисмонӣ бархост, дар сурате ки он замон, ки Носири Хусрав бо ӯ ба мубориза бархост, ҷавон буд ва аз зиндагонӣ мутаматтеъ мешуд ва то азимат ба Макка аз лазоизи дунявӣ, ҳатто майгусорӣ, ком меситонид» [12, 149].

Қасди мо аз навиштани ин мақола ироаи фаҳмиши эътиқод аз шеъри Кисоӣ ва муайян намудани тамоюли ақидатии шоир аз рӯйи ашъори бозёфтааш мебошад.

Аз рӯйи ашъори бозмондаи Ҳаким Кисоии Марвазӣ бармеояд, ки имону эътиқод барои ӯ дар баробари олами маънавияш зинаҳои хоси камолёбӣ дорад. Чӣ қадар ба дарки асли ҳақиқати ҳаёт бирасад, таҳаввули дигаре дар ҳаёти ботинии ӯ ба вуҷуд меояд. Ба андозаи оқиливу комилраъйияш ақидааш нашъунамо меёбад.

Мо кӯшидаем, то бо такя ба абёти барҷоймондаи шоир зинаҳои булуғи ҷисмониву камоли рӯҳонияшро муайян намоем. Назари шоир ба эътиқод ва тамоюли ақидатии ӯ дар тӯли ҳаёташ мутафовут будааст. Ин комилан моро ба он андеша меоварад, ки ҳакимон ақидаро пойбанди суннат ва урфу одат накарда, балки онро низ тавассути донишу хирад ҷӯё шуда ҳосил мекардаанд.

Марҳилаҳои камолёбии назари шоир ба эътиқод ва имону ақидаи шахсии ӯро бо такя ба ашъори бозмондааш метавон чунин гурӯҳбандӣ намуд:

1. Замоне ки дар баробари неъматҳои дунявӣ эҳсоси ризомандиву хушнудӣ менамуд;
2. Замоне ки дарк карда буд, ки ҳаёти инсон заволпазир, марг ногузир аст ва аз аъмоли баду нек пурсиш хоҳад шуд;
3. Замоне ки беқайдии худро эҳсос ва беқадрии ҷаҳонро фаҳм намуд;
4. Замоне ки ҷӯёи ҳақиқати ҳастӣ шуда имон ба ҳақ будани дини ислом ва матиниву расинии ақидаашро ҳувайдо мекунад;
5. Замоне ки ситоишгари аҳли байт (а) гашта, бо дигарон ба ситеза мехезад.

Ҳаким Кисоӣ мисли дигар ҳакимоне, ки соҳибтафаккуранду қобили тааққули ҳастиро доранд, мояи хушиву хурсандиро бо чашми зоҳир медид ва чашидани лаззоти дунявиро аз дасторхони илоҳӣ талқин менамуд:

Дил шод дору панди Кисоӣ нигоҳ дор,
Як чашмзад ҷудо машав аз ратлу аз тифоғ (7, 107).

Аз маълумоти сарчашмаҳо бармеояд, ки Ҳаким Кисоӣ аввалҳо лаҳзаҳои ҳастиро муғтанам мешумурд ва аз ратлу тифоғ даст намекашид, ҳамчунин дар ситоиши вузарову умаро гулҳои шеърашро гулдаста месохту тақдим менамуд. Замоне дар андешаи дарки ҳақиқати вуҷуди хеш мешавад, завқу ҳавсалаи молу орзуву ҳаваси дунё аз фикру зикраш канора мегирад ва ба худ хитоб мекунад:

Ту гар ба молу амал беш аз ин надорӣ майл,
Ҷудо шав аз амалу гӯши вақти хеш бимол (7, 90).

Шоир муътақид аст, ки ҳоҷоту хоҳишоти дунявӣ ҳисоб надоранд ва ба дунё тамаъ бастану дар андешаи таъмину амни ҷисми фонӣ рӯ ба сафари пур аз кулфату дард ниҳодан маъное надорад. Агар касе хилофи ин андеша барояд ва сафар пеша гирад, чашмдошти беҳуда хоҳад буд ва агар ба масал кафши оҳанин ҳам ба по карда бошад, дарида хоҳад шуд:

Ба шоҳроҳи ниёз анадарун сафар масигол,
Ки мард куфта гардад бад-он раҳ андар сахт.
В-агар хилоф кунӣ тамаърову ҳам биравӣ,
Бидаррад, ар ба масал оҳанин бувад ҳамлахт (7, 81).

Ба оташи ишқ дилатро нарму гарм кун,-мегӯяд шоир,- ва тарсе аз сӯхтан дар оташи дӯзах надошта бош. Чи ту аз мардуми маъмуливу одӣ набуда, аз гурӯҳи андешаманду тавонманди рӯзгорӣ, зеро ҳидоятгаре дорӣ, ки аз нажоди дигар мардумон фарқат мегузорад:

Дил нарм кун ба оташу аз бобзан матарс,
К-аз тухми мардумон-т бурун аст парру бол (7, 107).

Шоир дарк мекунад, ки умри муаббад, агарчи муқайяди неъматҳои олами фонӣ ҳам бошӣ, насибат намегардад. Ҷаҳиши умр аз дасти мардум чунон тезу тасодуфист, ки гӯё ба андозае, ки аз равзанаи бодгузар бод мегузарад, фурсат дораду халос:

Умр чӣ гуна ҷаҳад аз дасти халқ,
Бод чӣ гуна ҷаҳад аз бодхан? (7, 91).

Ақидаи шоир бар он аст, ки ҳама чизи моддӣ заволпазиру нопойдор аст. Ҷисм аз баҳри нигоҳ доштани ҷон аст, на парваридан. Ба ин давлати дунявӣ ноз кардан на воҷиб, зеро одамӣ замоне тоҷи шоҳӣ бар сар дорад ва рӯзгоре низ дар зери осиё кӯфта ва хӯрда аст:

Чун ки яке тоҷу бисоки мулук,
Боз яке кӯфтаи осиёст (7, 105).

Кисоӣ чун дарк мекунад, ки ҷисми инсон хокзод аст ва оқибат зери хок хоҳад рафт, айшу ишрат ба хотири қонеъ гардондани нафси худро тарк мекунад ва покдиливу покниҳодиро бар нопокии тан афзал мешуморад:

Бо дили пок маро ҷомаи нопок равост,
Бад мар онро, ки дилу дида палидасту палишт (7, 105).

Шоир эътимод дорад, ки кирдору рафтори инсонҳо дар тарозуи аъмол баркашида хоҳанд шуд ва ҷавоби амалҳои хайру шарро аз ту хоҳанд пурсид. Эй мискин, - мегӯяд шоир, - корҳои неку бади туро дар рӯзи растохез назди худат расидагӣ мекунанд. Агар дар дил яқин ва имон надорӣ, гумроҳӣ:

Ҳарчи кардӣ неку бад фардо ба пешат ованд,
Бе шак, эй мискин, агар дар дил надорӣ ованд (7, 112).

Аз ин ҷост, ки шоир даст ба мазаммати худ мезанад, аз он ки рӯҳи худро ба иллати мадҳи хокиён, яъне шоҳону вазирон озурдааст, норизост ва маломатро барои худ лоиқ мешуморад:

Ба мидҳат кардани махлуқ рӯҳи хеш бишхудам,
Накӯҳишро сазоворам, ки ҷуз махлуқ настудам (7, 100).

Ӯ натанҳо ба накӯҳиши худ мепардозад, балки онҳоеро низ, ки махлуқеро чун худ парастишу ибодат мекунанд, айбҷӯӣ мекунад ва онҳоро ҳам аз даст кашидан аз ин кори носазову нораво талқин менамояд. Агар онҳо фикр мекунанд, то ба пиронсолӣ даст ба тавбаву салоҳ мезананд, дар ин маврид мебоист аз марг санади хаттӣ ва ё амоннома гирифт, зеро аҷал фармони пеш аз омаданро нахоҳад содир кард:

Эй он ки туро пеша парастидани махлуқ,
Чун хештанеро чи барӣ беш параста?!
Гӯйи, ки «ба пирона сар аз май бикашам даст»,
Он бояд, ки аз марг нишон ёбиву даста (7, 95).

Шоир гӯшзад месозад, ки онҳое, ки хушнуд сохтани худро дар шод кардану ризоияти бандагон мебинанд, Худованди таоло аз ин ҳолашон ризо нест ва шикваву шикояташ аз ин навъ бандагон зиёд аст. Зеро итоату фармонбардории бандагон бояд аз Худованд бошад ва нашояд фирефтаи хештану ҷомаи некӯ гашт. Ҳаме бояд бо ёди марг ва рӯзи растохез зист:

Эй умри хеш карда ба беҳудагӣ яла,
Хушнуд бандагону Худованд бо гила.
Эй хештан ба ҷомаи неку фирефта,
В-андар забон ҳамеша туро бонгу машғала.
З-он ҷома ёд кун, ки бипӯшӣ ба рӯзи марг,
К-ӯро на бодбону на гӯю на ангула (7, 95).

Шоир гӯшрас мекунад ва эътиқод дорад, ки ҷуз ин ҷаҳон ҷаҳони дигари фанонашавандае вуҷуд дорад ва нашояд мафтуни ин дунёи бебақо гашт ва олами рӯҳро ба хотири чандрӯза ишрат ба олами хок бадал кард ва ё ҳар ду оламро ҳамқадру ҳамбаҳо арзиш намуд:

Он ҷаҳонро бад-ин ҷаҳон мафурӯш,
Гар сухандонӣ, ин сухан бинюш (7, 87).

Номаи марг ногузир ба нишонаи ҳар кас худро мерасонад. Шоир дар байти зер ба вуҷуд ва ҳатмӣ будану ҳузури марг ишора дорад:

Метанад гирди сарою дари ту ғунда кунун,
Боз фардо-ш бубин бар тани ту тортанон (7, 109).

Тани фанопазири мардум агарчи ҳамеша сони қадаҳи шароб бахраманду файзёб аз кайфиёт аст, мебоист рӯзе паймонаи аҷалро низ чашид. Шоир таъкид дорад, ки тани хокӣ абадӣ нест ва бояд интизори пур шудани паймона нашуда, дар хаёли «ҳамон як рӯз паймона» умр гузаронд:

Чу паймона тани мардум ҳамеша умр паймояд,
Бибояд низ паймудан ҳамон як рӯз паймона (7, 96).

Шоир ба исрор фаҳмонданӣ мешавад, ки дар ниҳоди инсон бори амонат, ки нури илоҳист, вуҷуд дорад ва набояд фаромӯш кард, ки ҷисм танҳо колбаде беш барои ин нур нест. Касе, ки паймону савганди худро бо Худо мешиканад, дар рӯзи растохез чӣ гуна оромиш хоҳад дошт:

Касе, ки сомаи Ҷаббори осмон шиканад,
Чӣ гуна бошад дар рӯзи маҳшараш сомон?! (7, 109).

Ҷаҳон макони амну амон нест, дуруштиву ногувориҳои зиёдеро ба бор оварад ва инсон дар ин ҷо талхком хоҳад монд. Инсоне, ки аз он ширинкомиро чашмдошт бошад, ҷуз «тиҳибаҳраву пардахт» чизеро насиб намебинад:

Ҷаҳон ҷое ба талхӣ аст тиҳибаҳраву пардахт,
Ҷуз ин буд маро тамау ҷуз ин будам алчахт (7, 99).

Таассуфи шоир аз он аст, ки хонаи умрро фароғатхонае пиндоштааст ва ба ин минвол «сутурвор» ғулому асири аҳли хонадони хеш гашта фориғбол аз дунёву ғофил аз диёнат раҳгум задааст:

Сутурвор бад-ин сон гузоштам ҳама умр,
Ки бардагаштаи фарзандаму асири иёл (7, 89).

Инсон дар баробари ҷисм соҳиби рӯҳ низ аст ва бо ин тафовут аз ҳайвон бартарият дорад, вагарна кору амалаш бо сутур созгор дорад ва ба назари чашми хирад мутобиқати феъли мардуму сутур сахт беарзиш аст ва ин мувофақат интизому равнақи дунёро аз байн мебарад:

Мардум, ки бо сутур мувофиқ бувад ба феъл,
Чун бингарӣ ба чашми хирад, сахт бенавост (7, 104).

Шоир зина ба зина ба кашфи вуҷуди худ ва маънои ҳаёт расида, ба хулосае меояд, ки тани аз обу хок таркибёфта, гарчанд мустаҳкам аст, оқибат буну решааш пӯсида хоҳад шуд ва тоби сутуни танро дошта наметавонад ва дар зоеъву талафшудани тан тардиде намемонад. Ӯ илоҷи иҷтиноб варзидан аз маҳвшавиро танҳо дар тоату ибодат мебинад:

Табоеъ гар сутуни тан, сутунро ҳам бипӯсад бун,
Нагардад ҳаргиз он фонӣ, к-аш аз тоат занӣ фона (7, 96).

Вале ибодату парастиши бандагон бояд аз рӯйи сидқу сафо ва самимияту бекудуратӣ амалӣ шавад. Шоир тоатфурӯшро ба шахсе, ки кори иҷбории бемуздро иҷро мекунад, монанд кардааст. Ӯ итминони комил дорад, ки тоати сусту заиф қабули даргоҳи Парвардигор нахоҳад гашт:

Накунӣ тоату он гаҳ, ки кунӣ сусту заиф,
Рост гӯӣ, ки ҳаме сухраву шокор кунӣ (7, 112).

Шоир имони комил дорад, ки танҳо дин аст, ки на фақат ғизои рӯҳро таъмин мекунад, балки тани харобро низ аз маҳвшавии муфоҷот эъмин медорад:

Маро гуфт: Бигир ину бизӣ хурраму дилшод,
Агар танат хароб аст, ба динаш бикун обод (7, 101).

Шоир бо такя ба аҳодиси набавиву оёти қуръонӣ ҷӯёи роҳе мешавад, то олами ботинии худро қонеъ созад, ба ботил нагаравад ва бо далелҳои қотеъву бурҳони возеҳ ақидаашро росих созад. Аз абёти зер роиҳаи имону эътиқоди шоир ба машоми ҷони аҳли ҳақиқат мерасад. Ҳаким Кисоӣ гӯё аз олами ғайб овозе мешунавад, ки ин садо ӯро роҳнамоӣ мекунад ва ба ӯ хитоб карда мефармояд:

Мидҳат куну бистой касеро, ки паямбар
Бистуду сано карду бад-ӯ дод ҳама кор.
Он кист бад-ин ҳолу кӣ будасту кӣ бошад,
Ҷуз шери Худованди ҷаҳон, Ҳайдари Каррор?
Ин дини ҳадиро ба масал доирае дон:
Пайғамбари мо марказу Ҳайдар хатти паргор.
Илми ҳама олам ба Алӣ дод паямбар,
Чун абри баҳорӣ, ки диҳад сел ба гулзор (7, 86).

Муҳаққиқи эронӣ Манучеҳри Оташӣ баъд аз зикри абёти фавқ чунин хулоса мекунад: «Аҳамияти ин ашъор танҳо ба нафси ситоиш аз Имоми аввал ва домоди пайғамбар нест, ки ба ҳар ҳол матлуби шииён (аз ҳар фирқа) будааст, аҳамияти он дар исмоилӣ будани шоир аст. Чӣ гуна? …Исмоилия … муътақид буданд, ки динро зоҳиреву ботине аст. Зоҳири он бар умум ошкор мешавад то сабаби ҳидоят шавад. Ботини он розе аст сарбаста, ки назди пайғамбар (с) буда ва ӯ онро ба Алӣ (а) сурурда ва Алӣ (а) ба авлоди худ…» [87, 2].

Росихдамии шоир баръало муайян мегардад. Ба қавли муаллифи асари «Чиҳил чароғ», «шеъри Кисоӣ саршор аз ҳикмат ва тамсил ва мабонии динӣ аст. Хонанда аз ашъори ӯ дармеёбад, ки ба Худо ва рӯзи растохез ва пайғамбар эътиқоди ростин дорад».

Шоир ба дарки мафҳуми эътиқод мерасад ва ҷӯёи ақидаи ботинии худ мегардад ва онро дар ихлос бо Амиралмуъминин Ҳайдар (а) дармеёбад ва дар талқину ташвиқи он камар мебандад. Бисёр ҷойи сарафрозист, ки қасидае дар шаъни Имом бо матлаи:

Фаҳм кун, гар муъминӣ, фазли Амиралмуъминин,
Фазли Ҳайдар, Шери Яздон, Муртазои покдин (7, 92).

аз Кисоӣ дар шакли пурра то ба ин замон бозмондааст (таҳлили пурраи онро дар қасидаи алоҳида ироа намудем).

Ҳаким Кисоӣ бо истифодаи ифодаи «фаҳм кун, гар муъминӣ» дар байти фавқ он нафаронеро мухотаб қарор мегирад, ки аз дини ислом огоҳ ва бо моҳияти он ошноянд. Агар муъминӣ,-мегӯяд шоир,- бояд камолу дониш, накӯию эҳсон ва афзалияти Амиралмуъминин Алӣ (а)-ро дарку фаҳм кунӣ. Шоир бесабаб аз вожаи «фазл» дар аввали қасида ва он ҳам дар ҳаққи Ҳазрати Алӣ (а) истифода накардааст. Фазл яке аз сифоти илоҳист ва аз ин рӯ, шоир аз он ба ҳайси бисмиллоҳ дар ибтидои қасидаи худ истифода намудааст. Шоир Алӣ (а)-ро бо лақабҳои Ҳайдару Шери Яздон ёд карда, ӯро ҳамчун Муртазо, яъне баргузидаи покдин барои суҳбат ва хидмат сифот мебахшад.

Шоир Имомро болотару волотар аз адлу муҷиби бахшоиши гунаҳкорон дониста, ягона нафареро мешиносонад, ки баъд аз пайғамбар фозилтарину оқилтарин кас аст. Ӯ шинохтани фазли ӯро дар баробари дигар аркони мусулмонӣ воҷиб мешуморад, чаро ки ӯ «Имомулмуттақин», яъне пешвои кулли парҳезгорон мебошад. Зеро Худованди карим ҳам дар Каломи шарифаш дар баробари воҷибу фарз будани дигар аркони мусулмонӣ, олитарин сифати бандагонро парҳезгорӣ шумурдааст. Чунончи, дар сураи «Ҳуҷурот», ояи 13 омадааст: «…Ҳар оина гиромитарини шумо назди Худо парҳезгортарини шумо аст…»:

Фазли он кас, к-аз паямбар бигзарӣ, фозилтар ӯст,
Фазли он рукни мусулмонӣ, имомулмуттақин (7, 92).

Шоир ба хулосае меояд, ки ягона роҳи наҷот домани авлоди Ҳайдар (а)-ро гирифтан ва дигар тарсу ваҳме аз тӯфон надоштан аст. Зеро бо даровехтан ба киштии раҳоибахши фарзандони Ҳазрати Алӣ (а) аз тӯфони рӯзи растохез натарсида, осудаҳол бош. Ишораи шоир ба ояи 103 аз сураи «Анбиё» будааст, ки омадааст: «Он тарси бузург онҳоро андӯҳгин насозад ва фариштагон онҳоро пеш оянд, гӯянд: Ин ҳамон рӯз аст, ки ба шумо ваъда дода мешуд». Ҳамчунин мустафоди маъно аз ояи 89-уми сураи Намл аст, ки дар он Худованд иблоғ медорад: «Ҳар ки некӣ биёрад, пас, ӯро ҷазои беҳтар аз он бошад. Ва онҳо аз изтироби он рӯз эмин бошанд»:

Домани авлоди Ҳайдар гиру аз тӯфон матарс,
Гирди киштӣ гиру биншон ин фараъ андар пасин (7, 93).

Шоир ахиран эълом медорад, ки агар пайваставу ҳамвора саъю кӯшиш бикуниву дар рӯза бошӣ ва аз хондани намози шабонарӯзӣ пешонии худро захмдор созӣ, бидуни таваллои Алӣ (а) ва дӯстӣ бо оли ӯ ва таваккул набастану тавассул наҷустан аз аҳли байт дӯзахӣ хоҳӣ буд ва аз чашмаи Тасниму биҳишти ҷовидонӣ баҳрае нахохӣ бурд. Дар бораи чашмаи Тасним дар оёти 27 ва 28-и сураи «Мутаффифин» чунин омадааст: (27) «Ва омезиши он аз (оби) Тасним бошад»; (28) «Чашмаест, ки аз он муқарробони Худо меошоманд»:

Бе тавалло бар Аливу оли ӯ дӯзах турост,
Хору бетаслимӣ аз Тасниму аз хулди барин (7, 93).

Шоир чун имонашро ҳувайдо карда аз муҳаббати худ ба хонадони хазрати пайғамбар (с) изҳор намуд, ба ситез бо он нафароне, ки ба дил ғазабу душмании оли Набӣ (с) доранд, бармехезад:

Ҳеҷ напзирӣ чун з-оли Набӣ бошад мард,
Зуд бихрӯшиву гӯӣ на савоб аст, хатост.
Бегумон, гуфтани ту боз намояд, ки туро
Ба дил андар ғазабу душмании оли абост (7, 81).

Хулоса, шаффофу зулолтарин оинаи эътиқоди Ҳаким Кисоии Марвазиро, ки пайрави Рӯдакиву пешрави Носири Хусрав будааст, ашъори барҷоймонда аз ӯ ташкил медиҳад. Аз ишора ба бештари ашъори бозмондаи шоир бармеояд, ки эътиқоди мазҳабиро на ҳамчун суннати пешгузаштагон ва мероси бобоӣ қабул кардааст, балки он дар натиҷаи худшиносиву ақлгароии шоир камол ёфта, муҳаббати оли Набиву авлоди Алӣ дар дили ӯ росих гаштааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Амин Аҳмади Розӣ.Ҳафт иқлим. Бо тасҳеҳи Ҷаводи Фозил, ҷ.2. –Теҳрон, 1332, 1443 с.
2. Манучеҳри Оташӣ. Носири Хусрав, саргаштаи ҷаҳон ва табъйидии Юмгон. – Теҳрон: Оҳанги дигар, 1386.- 304 с.
3. Маҳдии Дурахшон. Ашъори Кисоии Марвазӣ ва таҳқиқ дар зиндагонӣ ва осори ӯ. –Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1375.- 140 с.
4. Маҷмӯаи мақолот ва ашъори устод Бадеуззамон Фурӯзонфар. Ба кӯшиши Иноятуллоҳ Маҷидӣ, - Теҳрон: Интишороти Деҳхудо, 1351.

5. Муҳаммад Авфӣ. Лубоб-ул-албоб. Тасҳеҳоти ҷадид ва ҳавошиву таълиқоти Саид Нафисӣ. –Теҳрон: Ҳирмис, 1389, 1082 с.
6. Муҳаммад Амини Риёҳӣ. Кисоии Марвазӣ: зиндагӣ, андеша ва шеъри ӯ. Чопи чаҳорум. –Теҳрон: Интишороти илмӣ, 1373, 160 с.
7. Муҳаммадбоқир Наҷафзодаи Борфурӯш. Кисоии Марвазӣ ва шеъри ӯ. –Қоимшаҳр: Руҷо, 1377, 224 саҳ.
8. Муҳаммад Муин. Таълиқоти «Чаҳор мақола». –Теҳрон: Садои муосир, 1388, 508 с.
9. Ризоқулихони Ҳидоят. Маҷмаъ-ул-фусаҳо. Ба кӯшиши Мазоҳири Мусаффо. Бахши дувум аз ҷилди аввал. –Теҳрон: Амири Кабир, 1382.
10. Розӣ, Абдулҷалили Қазвинӣ. Ан-нақз. Ба тасҳеҳи Мирзо Ҷалолиддин Муҳаддиси Урмавӣ. –Теҳрон: Муаллиф, 1331.- С.252.
11. Саид Нафисӣ. Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ то поёни қарни даҳуми ҳиҷрӣ, ҷ. 1. –Теҳрон: Интишороти Фурӯғӣ, 1363.
12. Ҳерман Этте. Таърихи адабиёти форсӣ. Бо тасҳеҳи Ризозода Шафақ. – Теҳрон: Тарҷума ва нашри китоб, 1356.
13. Чиҳил чароғ. Гузиниш ва шарҳи Муҳаммад Ҷаводи Шакурӣ. – Машҳад: Оҳанги қалам, 1389.-400 с.
14. Шафеии Кадканӣ. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ, чопи сездаҳум. –Теҳрон: Огоҳ, 1388, 732 с.
15. Ян Рипко. Таърихи адабиёти Эрон. Тарҷумаи Кайхусрави Кишоварзӣ. –Теҳрон: Интишороти Гутенберг ва Ҷовидон Хирад, 1370.

ВЕРА С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ КИСАИ

Отношение поэтов таджикско-персидской классической литературы X века к вопосу веры и их принадлежность к той или иной религиозной секте продолжает оставаться нераскрытим. Автор статьи напоминая об этом, подчёркивает, что изучение данного вопроса поможет в раскрытии философских и поэтичских взглядов поэтов того времени. В качестве примера, на основе дошедших до нас поэтических образцов одного из знаменитых в свое время поэтов - Кисаи Марвази, автор анализирует постепенное усовершенствование веры поэта. Данная статья является первой попыткой в определении и совершенствовании веры Кисаи Марвази на основе его собственной поэзии.

Ключевые слова: Кисаи, поэзия, вера, вселенная, зимная жизнь, мир, вера, Ислам, праведная вера, Пророк, члены семьи Пророка.

FAITH FROM THE VIEW OF KISAYI

Attitude of the poets of Tajik-Persian Classical Literature of X century as well as their belonging to this or that religious sect continue to be undiscovered. Reminding this, the author emphasizes the importance of this question in learning of the philosophical and poetical thoughts of the poets of that time. As an example, based on the poetical examples of one of the most popular poets in X century Kisayi Marvazi the author analyzes the step by step perfection of the Poets' faith and believe. The article is considered as a first step in identifying and perfection of the Kisayi's faith based on his own poetry.

Key words: Kisayi, poetry, faith, universe, earthly life, world, believe, Islam, true faith, Prophet, members of the Prophet Family.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: **Хоким Каландаров-** старший научный сотрудник Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия имени А.Рудаки АН РТ

НИГОҲЕ БАР КИТОБИ «ШЕЪРУ КӮДАКӢ»-И ҚАЙСАРИ АМИНПУР

Лайлӣ Мақсудова
Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон

Аминпур дар иртибот бо тахайюлот, тафаккурот ва хотироти кӯдакро танҳо дар сатҳи бардошти шоирона тарҳ намекунад, балки ба шеваи илмӣ дар ин пайванд диққат мекунад…

Мавзӯи кӯдак ва ҷаҳони пурталотуми ӯ яке аз масъалаҳои умдаи адабиёти ҷаҳонӣ маҳсуб мешавад. Вале дар ин мақола ҳадафи мо баррасии адабиёти кӯдакон нест, ҳарчанд мавзӯи мавриди назари мо иртиботи мустақил бо адабиёти кӯдак дорад. Ҳадафи аслӣ дар ин мухтасар арзёбии иртиботе аст, ки миёни шеъру кӯдак, ё дақиқтараш кӯдакиву шоир вуҷуд дорад, яъне шинохти он чизҳоест, ки шоирро барои руҷӯъ ба айёми кӯдакӣ ё тифлӣ водоштааст. Ин масъала дар адабиётшиносии тоҷик камтар мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Махсусан, ба ҷанбаҳои равоншинохтии он

ҳеҷ як муҳаққиқ ё адабиётшиносе диққат накардааст. Дар адабиётшиносии Эрон китоби «Шеъру кӯдакӣ» - и зиндаёд Қ. Аминпур шояд калиди роҳкушо бошад.

Қайсар Аминпур дар китоби «Шеъру кӯдакӣ» мекӯшад то чашмандози тозае ба рӯйи шеър бикшояд. Ӯ ҳарчанд дароғоз ёдоварӣ кардааст, ки даст ёфтан ба «рӯҳи саркашу ваҳшии шеър» кори душвор аст, аммо бо ин ҳама саъй мекунад, то бо кӯмаки дониши равоншиносӣ роҳи тозае ба дунёи шеър ва таҷрибаи шоирӣ бикшояд. Ӯ фурсатеро фароҳам меоварад, то мухотаби шавқманди шинохтани шеър, онро дар ойинаи ёдҳои кӯдакӣ бингарад. Дар ин навиштор аз чашмандозе, ки Аминпур дар баробари дидагонамон мекушояд ба шеъри худи ӯ менигарем.

Аминпур мақсади равшан намудани масъала ба дидорҳои Жан Пиёже равоншиноси номдори шведӣ назар меафканад, ки марҳилаи таквин ва тафсил табйин кардааст. Пиёже марҳилаҳои шинохти кӯдакро ба се марҳила тақсим мекунад. Ӯ таъкид мекунад, ки ҳарчанд мумкин аст тӯли муддати ин марҳилаҳо дар кӯдакони мухталиф фарқ кунад, аммо онҳо ҳамеша ба ҳамин сурат хоҳанд буд:

1. Давраи ҳастӣ (ду соли аввал)
2. Давраи амалиёти айнӣ (ду то дувоздаҳ сол)
3. Давраи амалиёти суварӣ, яъне қиёсӣ (дувоздаҳ то понздаҳ сол)

Давраи дувум худ ба худ давраи қобили тақсим аст: марҳилаи пешамалиётӣ (ду то ҳафт солагӣ) ва амалиёти айнӣ (аз ҳафт то дувоздаҳ солагӣ).

Дар ин миён марҳилаҳои тафаккури кӯдак дар марҳилаи пешамалиётӣ бештарин тафовутро бо бузургсолон дорад. Дақиқан вижагиҳои ин марҳила бештарин саҳмро дар ташбеҳҳои нигоҳи кӯдак ва шоир дорад. Аминпур саъй мекунад нишон диҳад, ки шигардҳои шоирона, ба гунае бо тафаккур, забон ва нигоҳи кӯдак монандӣ дорад.

Муҳимтарин вижагии кӯдаки то ҳафтсола худмиёнбинӣ ва ҷондорпардозӣ аст. Ба ин маъно, ки кӯдак худро маркази ҳастӣ мешуморад, ҳама чизро нигоҳ ва даричаи чашми худ меҳисобад ва гумон мебарад, ки ҷаҳон дар чашми дигарон ҳам ҳамин гуна аст, ки ӯ мебинад. Дарвоқеъ кӯдак наметавонад тасаввур кунад, ки нигоҳе ҷуз нигоҳи ӯ ҳам вуҷуд дорад. Кӯдак дар ин марҳила аз рушд ҳамаи ашёро монанди худ ҷондор фикр мекунад. Ҳамин тавр метавонем аввалин нуқтаи ташбеҳи кӯдак ва шоирро худмиёнбинӣ бидонем.

А) Худмиёнбинӣ:

Аминпур ин марҳиларо хеле дақиқ баррасӣ намуда, ҳузури онро дар шеъри форсӣ ниҳоят фаъол мебинад. Дар робита ба ин менависад: «Шояд худмиёнбинӣ решаи аслии шохаҳои гуногуни тафаккури кӯдакона бошад, ки меваҳо ва баргу бори онро метавон дар боғи пурдарахти шеър дид ва чид» [7, 20].

Ҷондорпиндорӣ хосияти дигари кӯдакӣ дар давраи пешамалиётӣ аст ва дар канори худмиёнбинӣ қарор дорад. Худмиёнбиниҳое дар шеър ҳастанд, ки ба марҳилаи ҷондорпиндорӣ намерасад ва фақат ҳамҳиссии шоир бо дунёи берун аҳамият дорад. Дар ҷондорпардозӣ шоир фақат ба ин басанда мекунад, ки барои ашё ва гоҳ ҳатто мафҳумҳои интизоӣ (зеҳнӣ), калимот ва афъол, ташхис қоил шавад ва онҳоро ҷондор бишуморад, аммо дар худмиёнбинии шоир, ки онро ҳамзотпиндорӣ меномем, гоҳе фаротар мениҳад ва ба онҳо ҳамроҳ шуда, худро ашёе, ки дар асл бечон асту нигоҳи ӯ ба он ҷон бахшидааст, муқоиса мекунад ва ҳамроҳ месозад. Ҳунарманд ва шоир барои расидан ба марзи халлоқият ниёзманди бозгашт ба кӯдакӣ аст.

Санг нола мекунад, рӯд рӯди беқарор,
Кӯҳ гиря мекунад, обшор, обшор!
Оҳи сард мекашад, бод боди доғдор,
Хок мерезад ба сар осмони сӯгвор.
Сарв аз камар хамид, лола вожагун дамид.
Баргу бори боғ рехт, сабз, сабз дар баҳор… [4,81, 82]

Дар тамоми ин ғазал шоир ба мазҳари табиат ҷон бахшида, онҳоро ҳамчун худ дар ғами аз даст додани дӯст ғамгин дидааст.

Аммо гоҳе, ки шоир ба чашми шодӣ менигарад, табиат чеҳраи дигаргун мекунад ва бо ӯ ҳамроҳ мешавад: ҳам соқаҳои бунафша, бо эҳтирому тавозуъ, дар сари гиребон фурӯ мебаранд, ҳам ҳусни Юсуф, тамоми ҷамоли худашро нишон медиҳад, ҳам шамъдоне, бо меҳрубонӣ, дасте бароят такон медиҳам, ҳатто гули коғазӣ ҳам, бо гоми мусиқии хандаҳоят, аз дафтари шеъри ман мешукуфад [3, 28].

Гоҳо шоир ба худмиёнбинӣ басанда мекунад, бе он ки бихоҳад ҷонбахшӣ кунад. Ҳолу ҳаво ва ҳисси дарунии худро ба берун аз худ ҳам сироят медиҳад. Масалан, вақте дилтанг аст осмон абрӣ ва боронӣ мешавад. Гӯё ҳаво ҳам дилтанг шудааст мегиряд:

Дилам қаламрави ҷуғрофиёи вайронист,
Ҳавои ноҳияи мо ҳамеша боронист.
Сафои вазъи ҳаворо кӣ пешбинӣ кард,
Ҳавои самти дили мо ҳанӯз ирфонист [6,29].

Гоҳ он қадар саршор аз ҳисси ошиқона мешавад, ки тамоми ҷаҳонро бо худ ҳамҳис ва ҳамовоз мешуморад.

Ҷаҳон як даҳон шуд ҳамовоз бо мо,
Туро дӯст дорам, туро дӯст дорам [4,9].

Дар китоби «Танаффуси субҳ», ки аввалин дафтари шеъри шоир аст ва солҳои ҷанг суруда шудааст, ҳолу ҳавои ҷангу ҷабҳа он қадар ба шоиру шеърҳояш таъсир расондааст, ки ҳатто хуршед ҳам узве аз басиҷ маҳал мешавад ва бод барои эъзом ба ҷиҳати сабти ном мекунад ва каҳкашон дар осмони деҳ режа меравад ва ғайра… [6,46].

Шоир монанди кӯдак аз ин лутф бархурдор аст, ки барои суҳбат кардан ва дарди дил кардан эҳтиёҷе ба ҷустуҷӯи мухотаб надорад. Ӯ метавонад бо ҳарчиву ҳар кас сухан бигӯяд ва ба ҳарчи ишқ варзад. Танҳо шоир аст, ки медонад меҳрубон будан «чи осон аст бо тамоми чизҳо аз санг то инсон». Гап задан аз ҳар даре, бо ҳар ду девор, баъд ҳам аҳволпурсӣ, бо дучарха, бо дарахту ароба ва гурба, бо ҳама, бо ҳар кас ва ҳар чиз [3, 11-12].

Гоҳ ҳатто бо мафҳумҳои интизоӣ монанди замон гуфтугӯ ва гила мекунад:

Ҳар дам дарде, аз пайи дардӣ, эй сол!
Бо ин тани нотавон чӣ кардӣ, эй сол!
Рафтиву гузаштани ту як умр гузашт,
Сад сол сиёҳ барнагардӣ, эй сол! [3,129].

Шоир дар ҷондорпиндорӣ ва худмиёнбинӣ, он моя пеш меравад ва ончунон бо ҳама чиз самимӣ ва як дил мешаваду онҳоро монанди худ мебинад, ки ҳатто барояшон шиноснома мегирад:

Диле, ки маърифати касби доғро гум кард,
Шиносномаи гулҳои боғро гум кард [6,11].

Шоир ҳатто аз ин ки Худоро низ ҳамчун инсон бибинад, воҳимае надорад. Худо дар нигоҳи Аминпур зулол аст ва обӣ (кабуд) ва ин маъно вақте равшан шуд, ки ҷойгоҳи ранги обиро (кабуд) дар зеҳну шеъри шоир дарёфтем:

Эй мисли чашмҳои Худо обӣ![5,12]
Дар мавҷи бунафш атри гул мебинам,
Мусиқии лабханди Худоро обӣ [4, 83].

Ин нигоҳи кӯдакона ба Худо ба таври хостаре дар шеъри «Пеш аз инҳо» падидор мешавад. Шоир-кӯдак, ибтидо Худоро подшоҳе тасаввур мекунад, ки «хонае дорад канори абрҳо» Худое, ки «меҳрубону содаву зебо набуд», вале ногаҳон дар мояи сафар мутаваҷҷеҳи нодурустии андешаҳояш мешавад ва хонаи бериёи Худоро мебинад ва мефаҳмад, ки Худо меҳрубону, соддаву бекина аст. Дар саропои ин шеър чи замоне, ки Худо номеҳрубон ва хашмгин васф мешавад ва чи замоне, ки Худо чеҳраи меҳрубон ва оташпазир ба худ мегирад, тамоми васфҳо инсонӣ ва баргирифта аз худмиёнбинии кӯдакона аст. Шоир дар ин шеър Худоро аз нигоҳи як кӯдак васф мекунад. Ин шеър яке аз беҳтарин шеърҳои кӯдакона аст, ки дар он саъй шудааст ба кӯдак тасвири дурусте аз Худо ва робитаи инсон бо Худо иброз шавад [2, 42-51].

Б) Бозӣ: Маъқула ё марҳилаи дигарест, ки бо мавзӯи матарҳшуда робитаи ногусастанӣ дорад.

Бозӣ дар рушд ва шахсияти тафаккури кӯдак бисёр аҳамият дорад. Таҳқиқи дидгоҳҳои Пиёже Аминпурро ба ин натиҷа овард, ки бозӣ аз таваллуд то лаҳзаҳои охири зиндагӣ ҳамроҳи ҳамешагӣ ва ҷудоинопазири инсон аст. Танҳо дар марҳилаҳои мухталифи рушди инсон мумкин аст, шаклҳои мутафоввуте ба худ бигирад.

Бозиҳои кӯдакӣ бештар бар асоси тақлид ҳастанд. Тақлид аз садоҳо ва корҳои шахсони давру бари кӯдак. Кӯдак аз ин тақлид ҳам лаззат мебарад ва ҳам меомӯзад. Бозиҳои кӯдак то дусолагӣ аз ин навъ ҳастанд. Дар даврaҳои баъдӣ, бо рушди кӯдак, бозиҳои тақлидӣ ҷойи худро ба бозиҳои намодин (рамзӣ) медиҳанд. Дар бозии намодин, ҳар ашё қобилияти инро меёбад, ки дар зеҳну тахайюли кӯдак ба чизи дигаре табдил шавад. Ин навъи бозиҳо гоҳ даричае мешаванд, ки кӯдак аз роҳи он ба орзуҳои

дастнаёфтании худ даст ёбад, то марҳаме шаванд барои нороҳатиҳо ва унсурҳои кӯдак. Кӯдак аз синни ду то ҳафт солагӣ ин навъи бозиро хаёлӣ меписандад. Навъи дигаре аз бозӣ ҳам ҳаст, ки Пиёже онро бозӣ бо қоида меномад, ки мухтаси кӯдак нест ва дар саросари зиндагии инсон бо ӯ ҳамроҳ аст ва ҳатто ба сурати руё ё тахайюлот ҷилвагар мешавад. Ин навъи бозӣ пас аз ҳафтсолагӣ дида мешавад. Ба андешаи Пиёже «Асоси шахсияти фарди бузургсол дар бозии кӯдаконаи ӯ қарор мегирад. Пиёже фавоидеро низ барои бозиҳо зикр мекунад, аз ҷумла тақвияти ҳавос, густариши доираи луғот, афзоиши тамаркуз, инъитофпазирӣ, иҷтимоӣ шудан, бозӣ кардан ва озмоиши нақшҳои мухталиф, густариши тахайюл ва халлоқият» [7,29].

Аминпур ҳунар ва махсусан шеърро бозтобӣ аз бозиҳои кӯдакӣ- бозиҳои тақлидӣ ва намодин медонад. Бахусус ин сухани Пиёже, ки «Бузургсолон низ бозиро идома медиҳанд» илҳомбахши ӯ дар ин замина аст. Ҳамчунин таърифе, ки пешиниён, бахусус Арасту дар бораи шеър гуфтаанд ва шеърро тақлид аз табиати дунёи берунии шоир донистаанду ҳадафи аслии онро лаззат ва ёдгирӣ шуморидаанд, шеър ва бозии кӯдаконаро ҳарчи бештар дар зеҳни Аминпур ба ҳам пайванд медиҳад. Ба гунае, ки ӯ сарчашмаи тамоми андешаҳои намодин дар бузургсолиро бозии намодин медонад. Албатта, намод дар нигоҳи Аминпур бисёр густурда аз «символ» аст. Ӯ намодро «сурати печида ва такомулёфтаи сувари (қиёс) дигари хаёл» медонад, «ки аз ташбеҳи сода оғоз мешавад ва ба ӯ навъҳои дигари ташбеҳ монанди ташбеҳи фишурда, истиора ва ҳатто тамсил ва устура низ мерасад.»[7,31]

Агар ин таърифро бипазирем, бояд решаи тамоми шигардҳои шоирона ва саноеъро кӯдакона ва намодин бидонем ва бипазирем, ки шоир дар олами забон ва калимот ҳамон бозиеро мекунад, ки кӯдак дар олами ҳастӣ ва дунёи атрофаш. Чи тафовут ҳаст миёни кӯдаке, ки раъду барқро фарёдҳои осмон медонад, ки аз дасту ситораҳои бозӣ гуш ба танг омада ва шоире, ки месарояд.

Гӯё осмон сари нутқи фасеҳ дошт,
Бо раъди сурфаҳои гарон, сина соф кард [6,83].

Ҳарду барои як ҳақиқат ва иттифоқи берунӣ, иллати тахайюлӣ овардаанд. Ин дақиқан ҳамон коре аст, ки инсони нахустин дар баробари воқеае, ки иллаташонро намешинохт, анҷом медод. Андешаи кӯдакона дар ин замина ҷанбаи нохудогоҳ дорад ва ӯ ба ростӣ дунёро ба ҳамин зебоӣ ва шоиронагӣ менигарад, аммо шоир бо гунаи худогоҳӣ даст ба офариниши ин дунёи ҷадид мезанад.

Бо ин нигоҳ тамоми саноеи шеърӣ ва суварии хаёл навъе бозии кӯдаконаанд. Бинобар ин, зикри мисол дар ҳамаи ин мавридҳо зарурӣ ба назар намеояд. Зеро кам шеъреро метавон ёфт, ки холӣ аз ин шигардҳо бошад. Аммо ҷо дорад ба шеваи Аминпур ҷилваҳои чашмгир аз бозии кӯдаконаро дар шеъри худаш зикр кунем:

Дили гирифтаи моро ғамат гирифта ба бозӣ,
Хуш аст оинабозӣ, агар дуруст бигӯям [6,94].

Шоир гоҳ ҳамчун кӯдакон тамоми кору бори ҷаҳонро бозӣ мешуморад. Аз назари ӯ абру бод ва моҳу хуршеду фалак дар кори бозӣ ҳастанд, то ӯ битавонад аз зиндагӣ лаззат бибарад:

Гоҳ пайдову, гоҳ пинҳонанд,
Бозии офтобу боронанд. [6,115]
Гоҳ дар шеърҳо ба ёди кӯдакӣ ва шеърҳояш меафтад:
Зиндагӣ дасте пур аз пучӣ набуд
Бозии мо ҷуфту токе сода буд [5,80].

Ёдҳое, ки дар шеъри баланду зебои «Болҳои кӯдакӣ» нишонҳои фаровонӣ аз он метавон ёфт:

Туи хирманҷои хокӣ киф дошт,
Бозии пуртоби«тупе оташӣ».
Дузбозиҳое бе дузу калак,
Ҷанг бо тиру камонҳои кашӣ.

Марги мо чашм бастан буду бас,
Хуни мо дар ҷангҳо беранг буд.
Ҳафт тири чӯбии мо бе садо,
Аспҳои чӯбии мо ланг буд [2,55].

Нишонҳое аз ин даст аз «он даврони дур» ва он «рӯзҳои хуб ва бозиҳои хуб» дар ин шеър фаровон аст. Мухотаби савор бар болҳои хаёлии ин шеър ба солҳои пеш сафар

мекунад ва сар аз кӯча паскӯчаҳои ҷануб дармеоварад. Он ҷо ки кӯдаконаш субҳҳо «бо мошинҳои симӣ» машғуланд ва зуҳрҳо дар рӯдхонаи Корун ба шино ва бозӣ саргарм мешаванд ва шабҳояш ин қадар ба осмон наздик мешаванд, ки бо он тилабозӣ мекунанд ва ғайра…

Тамоми инҳо марбут ба хотироти кӯдакии шоир аст, аммо ӯ аз он дастаи одамҳое аст, ки ҳатто дар бузургсолӣ ҳам бозӣ мекунанд. Аммо ин бор асбоббозиҳояш каме мутафовут шудааст. Дирӯз зиндагиро, ба бозӣ гирифтем, имрӯз ӯ моро, фардо?[5, 136]

Ин мисолҳо марбут ба бозиҳои маъмулӣ ва одии кӯдаку шеър буд. Аммо ҳамон гуна, ки пеш аз ин гуфтем гоҳ кӯдак барои ҷуброни иттифоқот ва ҳаводиси ногувор ва ё нокомиҳояш даст ба бозӣ мезанад. Дар шеър ҳам метавон намунаҳое аз ин бозиҳои намодин ва ҷубронӣ ёфт. Бозиҳое, ки шоир худашро бо ашёи атрофаш якӣ месозад то ба ин тариқ ва ба таври ғайримустақим ва намодин кашмакашҳои отифии худро баён кунаду гоҳ роҳи ҳалле барояшон пайдо кунад:

Бо тешаи хаёл тарошидаам туро,
Дар ҳар буте, ки сохтаам, дидаам туро, [4,45]

Дар ин байт шоир фиқдони маъшуқ ва дурии ӯро бо тахайюли худ ҷуброн мекунад ва ӯро дар зеҳни худ месозад. Ҳатто то он ҷо пеш меравад, ки дар тамоми тахайюлоташ, ӯро бозмеёбад. Маъное, ки дар шеъри дигар намуд ва ҷилваи равшантаре ёфтааст:

Ҳатто агар набошӣ, меофаринамат,
Чунонки илтиҳоби биёбон саробро [3,125].

Ва дар шеъри дигар худро гулдони холӣ ва таракхӯрда қиёс мекунад, то андӯҳ ва дилтангии худро нишон диҳад:

Чу гулдони холӣ лаби панҷара
Пур аз хотироти таракхӯрдаем [5,102].

Аммо шояд яке аз равшантарин мисолҳо дар ин замина шеъри «Сатрҳои сафед» бошад. Дар кули шеър шоир саъй дорад тори мӯйҳои сафедашро бо сатрҳо ва сафҳаҳои сиёҳ ва қаламишудаи дафтараш муқоиса кунад ва иртиботе миёни сиёҳ шудану сафед шудан барқарор созад.

Ин мухтасарро бо шеъри «Тарҳе барои сулҳ», ки бозтобдиҳандаи фазои ғамангину ҳолати ҷонсӯзи кӯдаке, ки дар ҷанг падарро аз даст додааст, ба поён мерасонем. Шеър дар ниҳояти кӯтоҳиву эъҷоз суруда шудааст, вале заминаи равонии он таомулу андеша аст:

Кӯдак
Бо гурбаҳои дар ҳаёти хона бозӣ мекунад,
Модар канори чархи хаётӣ
Ором рафта дар нахи сӯзан
Атри бухорӣ, чойи тоза
Дар хона мепечад
Садои дар!
Шояд падар?

А Д А Б И Ё Т

1. Қайсари Аминпур. Ба қавли парасту.- Теҳрон, 2007
2. Қайсари Аминпур. Гулҳо ҳама офтобгардонанд.-Теҳрон, 2009
3. Қайсари Аминпур. Дастури забони ишқ.- Теҳрон, 2011
4. Қайсари Аминпур. Оинаҳои ногаҳон.-Теҳрон, 1993
5. Қайсари Аминпур. Танафуси субҳ.- Теҳрон, 1984
6. Қайсари Аминпур. Шеъру кӯдакӣ.-Теҳрон, 2010.

БЕГЛЫЙ ВЗГЛЯД НА КНИГУ «ПОЭЗИЯ И ДЕТСТВО» КАЙСАРА АМИНПУРА

Относительно воображений, фантазий и воспоминаний ребенка Аминпур смотрит не с поэтической точки зрения, а бросает на них научный взгляд.

Ключевые слова: ребенок, поэзия, поэт, фантазия, воображение, игра, воспоминания, мысли.

A CURSORY GLANCE ONTHE BOOK "POETRY AND CHILDHOOD" OF QAISAR AMINPUR

Aminpur expresses the relationship of thoughts, fantasies, and memories of the child, not only in the poetic imagination, but also draws attention to the connection from a scientific point of view.

Key words: child, poem, poet, thoughts, fantasies, memories, game, imagination.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Лайли Максудова***– аспирантка Таджикского национального университета

МАВҚЕИ МАРСИЯ ДАР МАРОСИМИ МОТАМ

Абдуламин Маҷнунов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Матнҳои фолклориро бидуни расму ойин ва дигар анъанаи мардумӣ тасаввур кардан номумкин аст. Тибқи мушоҳидаҳо ва мутолиаҳо маълум аст, ки дар гузашта тамоми анвои фаъолияти инсонӣ дар раванди расму оинҳои мардумӣ мегузаштааст. Матнҳои фолклорӣ низ ҳангоми иҷрои маросимҳо иҷро мешуд ва ё баён мегардид. Яке аз маросимҳое, ки аз замонҳои қадим дар байни мардум роиҷ аст, маросими мотам мебошад. Дар байни ҳамаи мардумони олам, аз ҷумла тоҷикон, низ маросими мотам лаҳзаҳои намоиширо дар бар мегирад. Баробари фавти шахси наздики хонавода, хешон доду фиғон мебароранд, гиряву нола мекунанд, сару рӯйи худро мехарошанд ва дар ситоиши шахси фавтида бо садои аламовар суханҳо мегӯянд, ки шунавандаро таҳти таъсири худ қарор мегирад. Дар баъзе ноҳияҳо дар ин маросим аҳли хонаводаи шахси фавтида либосҳои азодориро аз тан бадар мекунанд ва либосҳои дигар мепӯшанд. Ин расм дар бархе аз ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон «азобароронӣ» номдорад. Дар Конибодом ва баъзе аз навоҳии атрофи он ин маросим пас аз чил рӯзи вафоти шахс одатан дар хонаи духтар ё хоҳари ӯ гузаронида мешавад. Маросими мотам дар ҳар минтақа ба таври гуногун мегузарад.

Ҳоло ба таври мухтасар масъалаи мавқеи марсия дар маросими мотами мардуми Бадахшонро мавриди баҳс қарор медиҳем. Дар вақти аз хона баровардани майит занҳо рақси сӯгвориро дар атрофи тобут иҷро менамоянд. Пешопеши тобут ду-се ҳофиз рубоб навохта месароянд. Аз паси онҳо тобутро мебаранд, аз пушти он мардҳо ва камее дуртар занҳо раҳсипор мегарданд. Занҳо то сари қабр нарасида бармегарданд. Суруд ва мусиқӣ дар хонаи шахси фавтида се шаби баъди дафн идома меёбад. Ҳофизон сурудҳои ғамангез месароянд. Ба ақидаи бархе аз донандаҳои расму ойин ва маросимҳои мардуми гӯё азбаски рӯҳ (ҷон) ба воситаи навои мусиқӣ аз он берун ояд ва олами малакут бипайвандад.Ва боз ақидае аст, ки ҳангоми фавти шахс аз хешу табор, агар гиряву нола карда ашки бисёр резанд, боиси ноободии макону охирати марҳум ва монеаи роҳи рӯҳи вай ба сӯйи малакут мегардад. Онҳо, маҳз, ғаму ғуссаи худро ба воситаи рақси мотам беовоз ифода мекарданд. Дар Шуғнону Роштқалъа марсиясароӣ бошад, одатан дар шаби дуюм, ҳангоми ба ҷо овардани маросими чароғравшанкунӣ воқеъ мегардад. Дар шаби аввали азодорӣ ҳофизи мадҳияхон танҳо бо иҷозаи соҳиби азо як даври мадҳия аз ҷониби ӯ ба ҷо оварда мешудааст ва ин гуна суханҳо баъдан дар қолаби назм гуфта шудаанд, ки онро марсия номидаанд.

Дар асл марсия гуфтан ва марсиясароӣ дар байни тамоми халқҳои олам мавҷуд аст. Мутолиаҳо нишон дод, ки аз нахустин лаҳзаҳои ҷонсупорӣ то гузаронидани расму оинҳои дигаре, ки пас аз дафн баргузор мешавад, бо суханҳои оҳангдор, яъне марсия, нолиш кардан дар байни халқҳои гуногуни олам, аз ҷумла тоҷикон, мавҷуд будааст. Баргузории маросими мотам на фақат дар байни халқҳои дигар, балки дар байни мардуми минтақаҳои Тоҷикистон низ тафовут дорад, ки дар ҳар кадоме марсия ба таври махсус ба кор бурда мешавад. Барои он ки асли мақсадро хубтар дарк карда бошем, дар бораи баъзе ҷиҳатҳои назарраси маросими мотами тоҷикон андешаҳои худро баён мекунем.

Маросими мотами тоҷикон марҳилаҳои гуногун дорад, ки ҳоло дар бораи баъзеи онҳо андаке ишорат мекунем. Муҳаққиқони тоҷик маросими мотамро ба се марҳила ҷудо кардаанд:

1. Марҳилаи аввал аз дуогирӣ, васиятгузорӣ ва видоъ бо бемор оғоз ёфта, баъд тағйир додани либос (аз тарафи хешу табор), бо аломати андӯҳ навҳаву нидо бардоштан, хондани сурудҳои пурҳасрат, ҷамъ омадани зану мард дар ҳавлии мотамзадагон шурӯъ мешавад.

2. Дар рафти самаъ (садир) рафтан ё ҷар кашидан, дар ин маврид хондани суруд ва марсия ва ба амал овардани якчанд одатҳои анъанавӣ-бо фӯта миён бастан, гирди тобут суруд гуфта рақсидан, худро азоб дода фиғон бардоштани мотамдорон, ба рӯй сиёҳии

дег молидан, кушодану буридани гесу, давра кардани мурда баровардани тобут, ҷанозахонӣ, ба қабр гузоштани майит аст.

3. Расму оинҳое, ки баъди дафн ташкил мекунанд: «Бегоҳи се», «Оши ҳафт ё бист», маросими либосшӯӣ, чилладорӣ ва чиллабарорӣ, ид кардан, сафедпӯшон, кабудпартоён ё азобароронва баъзе маросимҳои динӣ, монанди «Хатми Қуръон» ва ғайраро иҷро мекарданд.

Дар замонҳои гузашта одамон маргро хости илоҳӣ ва натиҷаи таъсири қувваҳои ногаҳонӣ дониста, бо мақсади пеши роҳи онро гирифтан, як қатор расму одатҳоро ба ҷо меоварданд. Чунончи, барои аз бемор дур кардани зиён, таъсири қувваи бад ва ин гунаҳо, ки дар онҳо сабаби асосии ба фалокат дучор омадани беморро медиданд, одатҳои «кӯч-кӯч», «алас», «қирна» ва ғайраро иҷро мекарданд. Дар эҷодиёти даҳанакии халқ, марсияҳо аз тарафи модар, падар, хоҳар ва занони шахсони фавтида суруда шудаанд. Омӯхтани маросими мотами ҳар минтақа ва таҳлили типологии он барои масъалаҳои рӯзгори гузашта ва пайванди он бо имрӯз равшанӣ хоҳад андохт. Барои инсон марг ду гуна мешавад, яке марги табиӣ ва дигаре марги ногаҳонӣ. Маросими мотам дар ҳарду ҳолат хусусиятҳои махсуси худро дорад.

Марсияҳое, ки дар маросими мотам, чун суруди фалак иҷро мешаванд, асосан, аз номи занон гуфта шуда, дар онҳо модар, хоҳар ё ҳамсари марҳум навҳасароӣ мекунад. Вақте ки ягон кас вафот мекунад, марду зан дар ҳавлии ӯ ҷамъ шуда, канорагирӣ ва гардангирӣ мекунанд. Меҳмонҳо агар хешовандони марҳум бошанд, ба наздикӣ хонаи ӯ расидан ҳамоно овозандозӣ мекунанд. Овози онҳо бо овози занони дар азохона буда ҷӯр шуда, як манзараи ғамангезро ба амал меоварад. Дар вақти канорагирӣ занон даст бар китфи ҳамдигар гузошта, хислатҳои хуб ва некӣ марҳумро баён карда мегирянд. Шахсоне, ки ягон азизашон падар, модар, бародар ва ё фарзанд ба наздики мурда бошад, номбар карда, дарду алам ва дили пурдарди худро холӣ мекунанд.

Онҳо тавассути марсия аз тақдири бадфарҷом нолида, аз шахси азизи худ ҷудо гаштанашонро бо сӯзу гудози бепоён изҳор мекунанд. Чунончи, дар марсияи зерин зане аз ҷаври фалак нолида, рӯзи сиёҳи ба сарашомадаро чунин тасвир кардааст:

Имсол фалак ба мо чи дилсӯзӣ кард?
Шодира буриду ғам ба мо рӯзӣ кард.
Медӯхт либоси мардумиро ба сафед,
Навбат, ки ба мо расид сияҳдӯзӣ кард.

Дар марсияи дигар мотамзадае, бо вуҷуди дили пурдард ва ҷигари пурхун доштан, худро тарзе вонамуд кардааст, ки рақибонаш ӯро музтару оҷиз набинанд ва аз ҳоли зораш шод нашаванд:

Се моҳи муҳаррам аст, ман дар бандам,
Аз ҷати шарикон камар мебандам.
Гар гиря кунам, душманон шод шаванд,
Дорам дили пурхуну балаб механдам.
[Гӯянда:Асадбеков Давлатбек]

Бахше аз ин марсияҳо аз номи шахсе гуфта мешавад, ки ӯро аҷал дар камин аст. Гӯяндаи ағлаби чунин марсия низ хонумҳоянд, ки дар онҳо сухан аз забони шахс ба марги рӯ ба рӯ шуда меравад. Дар ин гуна марсияҳо сухан аз боби ночору нотавон будан дар назди аҷал, бурида шудани таноби умр, насиб нагаштани обу хоки ватан, бекасӣ ҷудоии абадӣ ва ғайра меравад.

Оҳу ҳасрат ва дарду ғами одам дар сурудҳое, ки дар мавзӯи марг гуфта шуда, ҳиссиёти ашхоси мотамзадаро ифода мекунанд, махсусан диққатовар аст.

Марги бемаҳал, хусусан, ҷавонмарг шудан ба сари оила ғаму андӯҳи зиёде меорад. Бинобар ин, падар, бародар ва хешовандони марҳум дар васфи ӯ марсия мегӯянд. Марсияҳо одатан пас аз се -чаҳор рӯзи дафни марҳум гуфта мешаванд. Шахсоне, ки марсия мегӯянд, аз давраи бачагӣ то ба камол расидани ҷавон сар карда, хулқу хислатҳои беҳтарини марҳум ва орзуҳои дар оянда доштаи ӯро то давраи ба мурод нарасида ҷавонмарг шуданаш баён менамоянд. Дар марсия маъмулан сифатҳои беҳтарини марҳум аз тарафи гӯянда ба ёд оварда мешавад. Масалан, Тошмуҳаммад дар фавти фарзанди худ мулло Собир марсияе гуфтааст, ки як банд меорем:

Ҳамчун Яъқуб аз фироқат моҳи канъони падар,
Булбули боғи Ирам, тӯтии ғазалхони падар.
Сунбули хушбӯи ман, ҳам мушку райҳони падар,
Эй, чароғи даргирони шамъи айвони падар,

Эй, ниҳоли нозпарвар, зеби майдони падар.

[Гӯянда: Ҳақдодова Бибимоҳ]

Дар ин порча падар мехрубони фарзанди азизи худро, ки риштаи ҳаёти вай аз ин дунё абадӣ канда шудааст, бо ибораҳои «булбули хушхони боғи Ирам», «Сунбули хушбӯй» ва ниҳоле, ки зеби майдон» аст, васф менамояд. Ҳеҷ кошонае нест, ки оқибат марг бар остонааш қадам нагузорад ва гарди андӯҳу ҳичрон бар ӯ напошад ва ҳеҷ қавме нест, ки дар марги азизону рафтагони хеш ва барои бузургдошти онон маросиме барпо накунад. Ин маросимҳо бар шаклҳои мухталиф дар марсияҳо бидуни донистани ин маросимҳо муҳол аст.

Як қисми дигари фолклори маросими мотамро сурудҳои таърихӣ ё (сурудҳои ғамангез) ташкил мекунанд. Дар назми халқӣ як навъ асарҳое ҳастанд, ки онҳо дар илми фолклоршиносӣ номи сурудҳои таърихиро ба худ гирифтаанд. Дар сурудҳои таърихӣ масъалаҳои иҷтимоӣ барҷастатар ифода гардида, нуқтаи назари халқ дар бораи ҳодисаҳои ҷамъиятии ҳаёт ва амалиёти таърихи ашхоси ҷудогона инъикос меёбанд. Қисме аз қаҳрамонони сурудҳои таърихӣ сардорони шӯришҳои халқианд, одамонеанд, ки дар роҳи мубориза барои озодӣ ва истиқлолияти халқ ҷони худро фидо кардаанд.

Дар назми халқӣ як навъ асарҳое ҳастанд, ки онҳо дар илми фолклоршиносӣ номи сурудҳои таърихиро ба худ гирифтаанд. Сурудҳое, ки оид ба «Шӯриши Усмон» мебошанд, низ ба воқеаи муҳими таърихӣ - ба шӯриши деҳқонон, ки дар охири солҳои 1920 бо сардории Усмон ба муқобили амир ва ҳокимони маҳалии Қаротегин ба вуҷуд омада буд, бахшида шудаанд.

Халқи меҳнаткаши Қаротегин дар бораи Усмон ду суруд эҷод кардааст, ки ҳарду дорои оҳангу услуби марсия буда, басе ғамангез ва бо дарду алами пур аз нафрату адоват нисбат ба золимони замони амирӣ гуфта шудаанд:

Ин кӯтали Файзобод сар кард, Усмонҷонуме,
додарҷонум-ой!
Дар вақти саҳар ҷанг андохтай, Усмонҷонуме,
додарҷонум-ой!
Ҷанге кардаю ғазо- ғазое кардане,
Усмонҷонуме,
Бо шашпар зада дилша адое кардане,
додарҷонум-ой!
Бо ханҷар зада макша хатое кардане,
додарҷонум-ой!
Бо шамъу чароғи лав-лави резашкардане,
Усмонҷонуме,
Дар таги бедои қатор гумаш кардане,
додарҷонум-ой!
Дар ов мерава чакмани моҳут дорае,
додарҷонум-ой!
Дар даштаки Янғолик гӯрашкардане,
Усмонҷонуме,
Дар Қаротегин сағири гирюн дорае
Усмонҷонуме, додарҷонум-ой.
[Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик 1980, с.117]

Сурудҳои таърихӣ як навъ асари фолклорист, ки дар он аз воқеаву корномаҳои шахсони таърихӣ ва миллӣ сухан меравад.

Асари Ҳабибулло Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» аз асарҳои намоёни адабиёти советии тоҷик мебошад. Нависанда дар паи ҷустуҷӯи шоири гумноми халқӣ як асари бадеӣ тадқиқотӣ ба амал овардааст. Дар ин асар чанд марсияи ғамангези шоири халқӣ Карим Девона бо як сӯзу гудоз оварда шудааст. Ҳамаи ин марсия аз номи ҷавоне, ки дар сари чорсӯ чун оҳу захмдор шуда, ба хоку хун ҷӯлида ҷон доданашон, бо модару падар, хоҳару бародаронаш хайру хуш мекунад, ки ин лавҳаи ниҳоят аламангез аст. Ҷавоне ба хун ҷӯлида чун лола рангин гардида, аз умри бебақо, аз давраи фиребгарону қаллобон ва зулму ситам, аз ғаму кулфат ва аз дили пурҳасрату умри хазонгардидаи худ шикоят кардааст, ки ин мисраъҳо далели он мебошанд:

Ба умри бебақо имрӯз чун булбул зор менолам.

Дилам хуноби ҳасрат шуд, бакӯи ёр менолам,
Куҷо шуд волидам имрӯз, бар хок сина менолам,
Барои дӯстонам монд номам ёдгор имрӯз.

Ин марсияи дурудароз бо сатрҳои зерин ба охир мерасад:

Ки ман дар қайғуи ҷонам, халоиқ бар сарам ғавғо,
Ба баҳри нестӣ Абдулмаҷид аз олами саҳро,
Ки марҳум аз гулу гулшан, чу булбул дар чаман шайдо,
Ба умри хаста менолам Карим даркӯи ёр имрӯз.

[Сатрҳои оташин 1961. с. 120]

Шоир худро ба он булбуле, ки ба ёди гул дар фиғон аст, нисбат дода, аз умри кӯтоҳу зуд хазонгардидаи ӯ нолидааст. Ҳоло аз куҷо будани Абдулмаҷидро муайян намудан имконият надорад. Шеъре, ки бо сарлавҳаи «Нолаи модар» дар вафоти Абулмаҷид гуфта шудааст, бисёр аламовару барҷаста гуфта шудаанд. Ин оҳу фиғон ва нолаи дилхарош мақоми шарқона дорад ва хоси мардони машриқзамин мебошад. Ин маънӣ дар тамоми жанру намудҳои назми шифоҳӣ ҳувайдост. Мо дар боло қайд кардем, ки як гурӯҳи марсияҳои халқӣ ба фарзандону хешон бахшида шудаанд. Намунаи беҳтарини чунин марсияҳо марсияи «Абдулмаҷид ҷонам, балам» мебошад, ки аз тарафи модар суруда шудааст. Ҳангоми фавти ҳар инсон, дар ҳар синну сол, наздикон ҳатман садо бароварда бо суханҳои ғамангез майитро ситоиш мекунанд.

Дар ин мақола, маҳз доир ба ҳамин қабил сурудҳо сухан меравад. Дар замонҳои гузашта одамон маргро хости илоҳӣ ва натиҷаи таъсири қувваҳои ногаҳонӣ дониста, бо мақсади пеши роҳи онро гирифтан, як қатор расму одатҳоро ба ҷо меовардand. Аз барасии мавзӯи фавқ бар меояд, ки марсия дар маросими мотам мавқеи муҳим дошта, он авзои рӯҳӣ, муносибатҳои гуногуни одамонро ба маросим алалхусус, ба марҳум, ашхоси азодор барҷаста ифода мекунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Асрорӣ В., Амонов Р. Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик.- Душанбе: Маориф, 1980. - С. 116
2. Дастуруламал оид ба ҷамъ кардани эҷодиёти даҳанакии халқ.-Сталинобод, 1960.- С . 48.
3. Карим Девона. Сатрҳои оташин. - Сталинобод, 1961. - С.66.
4. Мирзоев.С. Суннатҳои маҳалли мардуми Яғноб.- Душанбе: Деваштич, 2007. С.97.

МЕСТО ЭЛЕГИИ В ТРАДИЦИИ ТРАУРА

Элегия является одним из древнейших традиций таджикского народа, и широко распространена в таджикском фольклоре, и в персидско-таджикской литературе. Автор, опираясь на тексты народных элегий, заключает, что народ, для облегчения своей боли соотносит элегии и исполняет ее в траурных обрядах.

Ключевые слова: траур, человек, традиция, фольклор, народ, элегия, женшина, завещание, печаль, смерть, беда, труп.

ELEGY IN THE TRADITION OF MOURNING

The elegy is one of the most ancient traditions of the Tajik people which are observed in the Tajik folklore. Author of this article using many samples of Tajik folk elegies, comes to conclusion that Tajik people tries to input their hurts and pains in the elegies.

Key words: morning rituals, tradition folklore, folklore elegy, woman performance, sorrow and death, disaster and morning.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***МаджнуновА.А***. – аспирант Таджикского национального университета

ТАКОМУЛ ДАР АНДЕШАҲОИ ФУРӮҒИ ФАРРУХЗОД

Симин Мирзоӣ Пуинак
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Фурӯғи Фаррухзод дар 15 даймоҳи (декабри) 1313 дар хонаводаи мутавассит дар Теҳрон ба дунё омадааст. Аз 13 ё 14 солагӣ шеър гуфтанро бо ғазал сохтан оғоз кард. Дар 17 солагӣ издивоҷ кард, аммо ду сол баъд аз ҳамсараш ҷудо шуд. Аз соли 1331 ба интишори шеърҳояш пардохт ва бепарда ва ҷасурона эҳсосоти тунди ошиқона ва

занонаи хешро баён кард. Ӯ бо эътиқод ба баробарии ҳуқуқи зан ва мард фикр мекард, ҳамон тавр ки баёни эҳсосоти мардон нисбат ба маъшуқи зан дар ғомеа мутадовил аст, занон низ бояд ақидаҳо ва эҳсосоти хешро ҳамон гуна ки ҳаст ба роҳатӣ бозгӯ кунанд ва бидуни таваҷҷуҳ ба суннатҳои ғомеа содиқона ва бериё дар васфи ишқи заминиаш пеш тохт, то илоҳаи ишқро биёбад ва оромиш ёбад. Аммо ҳарчи пештар мерафт ба бесаранҷомии ишқи заминӣ бештар пай мебурд ва шеърҳояш ранги андеша ва тафаккур ба худ мегирифт. Баёни бепарво ва самимии Фурӯғро дар ин давра, на танҳо метавон далел бар каммоягӣ ва сабуксарии ин шоири озода донист, балки, ҳатто бо нигоҳи гузаро метавон садоқату озодагӣ, ва ҳақиқатҷӯиро дар ашъораш мушоҳида кард, шоир ба ростӣ намедонад ба дунболи чӣ мегардад, зеро ҳанӯз роҳ ва ҳақиқатро наёфтааст:

Намедонам чӣ мехоҳам Худоё,
Ба дунболи чӣ мегардам шабу рӯз.
Чӣ меҷӯяд нигоҳи хастаи ман,
Чаро афсурдааст ин қалби пурсӯз [1].

«Равшании ишқ ҳастии ӯро равшан мекунад ва навъи маъсумият ва бехабарӣ дар ӯ ба вуҷуд меоварад… Барои ин, ки комил шавад, бояд вуҷуди худро таслим кунад ва дар шуълаи сӯзони ишқ бисӯзад» [2], то оташи ишқ ӯро пок кунад ва омодаи наздикӣ ба ҳақиқат шавад.

Ва ҳамин садоқат ва ҳақиқатҷӯӣ ӯро роҳнамо шуд ва ба сарманзили мақсуд расонд. Ин ишқи заминӣ, асое мешавад барои баланд шудани Фурӯғ аз хок ва авҷ гирифтани андешаи ӯ. Аз ин рӯ, дар маҷмӯаи дувуми ашъораш, яъне «Девор» ин ишқ на танҳо ӯро ба ботлоқ ва бероҳа накашонд, балки Фурӯғ бо ёрӣ аз он ба озодагӣ ва таолии рӯҳ даст ёфт:

Баъд аз он девонагиҳо эй дареғ,
Боварам н-ояд, ки оқил гаштаам.
Гӯиё ӯ мурда дар ман, к-инчунин,
Хаставу хомӯшу ботил гаштаам.

Меравам, аммо намепурсам зи хеш,
Раҳ куҷо? Манзил куҷо? Мақсуд чист?

«Мани» дарунии шоир ба дунболи маъбуде аст, ки аз пеш зеҳнияте аз он насохтааст. Бинобар ин, шоир онро озод мегузорад, то ба кӯмаки садоқати зиёдаш, гумшудаи хешро биёбад ва оромиш ёбад.

Чаро ки ишқ ба ҳар гуна, ки бошад, чи заминӣ ва чи осмонӣ, мояи такомули рӯҳ мебошад ва дар ирфон ишқи замириро, агар ростин бошад, аз ғинси ишқи осмонӣ медонанд. Зеро ишққҳои заминӣ дар авҷи худ андешаи инсонро танҳо ба як чиз, яъне маъшуқ мунҳасир мекунанд ва дигар афкор ва тааллуқот, камранг ва беаҳамият мешаванд ва агар ин меҳвари тамаркуз, яъне маъшуқ низ аҳамияташро аз даст бидиҳад, ливони зеҳн, омодаи дарёфти ҳақиқат ва Худованд мегардад. Ба назар мерасад, дар мавриди Фурӯғи Фаррухзод низ ин сайри фикрӣ ва рӯҳӣ, яъне аз ишқи заминӣ ба ишқи осмонӣ расидан, пеш омада бошад. Ҳамон тавр ки Ҳофиз низ ин сайри андешаро тай кардааст. Фуруғ шеърро василае барои иртибот бо ҳастӣ, бо вуҷуд ба маънии васеаш медонад. Ӯ муътақид аст «Касе, ки кори ҳунарӣ мекунад, вале худашро бисозад ва комил кунад. Баъд аз худаш берун биояд ва ба худаш мисли як воҳид аз ҳастӣ ва вуҷуд нигоҳ кунад, то битавонад тамоми дарёфтҳо, фикрҳо ва эҳсосоташро як ҳолати умумият бубахшад»[3].

Аҳмади Шомлу мегӯяд: «Мо наметавонем дар шеъри Фурӯғ ба дунболи ишқ ба он мафҳуме, ки дар адабиёт ва шеъри мо буда бошем. Яъне, ӯ дунболи як маҷҳули мутлақ набудааст. Шояд ҷустуҷӯи ӯ ба ин иллат буда, ки он чи дар байни таваллуд ва марги мо аст, наметавонист ангезаи он ишқи бузург, ва он ишқи ирфонӣ бошад, ӯ гирди ин тараф мегардад, барои ин, ки шояд роҳе ба он ҳақиқати номаълум пайдо кунад. Ҳақиқате, ки азаматашро мешавад ҳис кард. Шояд ӯ мехост байни тан ва он мафҳуми азим робитае пайдо кунад. Шояд мехост ба он ҳақиқате даст пайдо кунад, ки дар назари шоирони пеш аз ӯ ва мо ба сурати рӯҳ ва ишқи ирфонӣ таъбир мешудааст. Фурӯғ ҷустуҷӯ мекунад ва дар ҳақиқат гардиши ӯ бидуни ҳеҷ ҳадафи муайяне сурат мегирад ва пурбортарин гардиш мумкин ҳам ҳаст. Танҳо нагуфта, ки ба куҷо меравад, эҳтимолан, агар ба ҷое ҳам расид, чӣ беҳтар» [4].

Дар дафтари «Таваллуди дигар», қадами фаротар ва ҷаҳише дар афкор ва андешаҳои ӯ ба вузӯҳ дида мешавад. Дар ин мавриди, Фурӯғи Фаррухзод худ мегӯяд:

«Девор ва исён дарвоқеъ, дасту по задании маъюсона дар миёни ду марҳилаи зиндагист. Охирин нафасзаданҳои пеш аз як навъ раҳоӣ аст. Аммо баъд одам ба марҳилаи тафаккур мерасад, дар ҷавонӣ эҳсосот решаҳои сусте доранд, фақат ҷазабаяшон бештар аст. Агар баъдан ба василаи фикр раҳбарӣ нашаванд, ва ё натиҷаи тафаккур набошанд, хушк мешаванд ва тамом мешаванд. Ман ба дунёи атрофам, ба ашёи атрофам ва одамҳои атрофам ва хатҳои аслии ин дунё нигоҳ кардам ва онро кашф кардам» [5].

Вай дар дафтари аввал тақрибан танҳо ба васфи сӯзу гудозҳои ошиқона ва васфи ишқи заминиаш мепардозад. Аммо ҳарчи дар шеърҳои Фуруғ пеш меравем, андеша ва тафаккур ҷойгузини ишқ мешавад. Гӯйи аз ишқ сарҳӯрда шуда, ҳақиқатро меҷӯяд. Бахусус ҳақиқат дар мавриди Худованд бештар мешавад. Ӯ мазҳабзадагӣ ва хурофотро рад мекунад ва саъй ба дарки ҳақиқати падидаҳо ва умури ҳастӣ дорад ва монанди Сӯҳроби Сипеҳрӣ дар ҷустуҷӯи ҳақиқат аст ва ҳамчун ӯ танҳо дар роҳи фаҳмидан ва дарёфт пеш меравад ва аз қабл маъбуд ва мақсуде барои худ намесозад.

Ӯ дар дафтари «Таваллуди дигар» мутаҳаввил шуда, амиқтару мутафаккиртар ба зиндагӣ менигарад ва ин нигариши амиқ ӯро ба самти дарёфти ҳақиқат пеш мебарад, то ҷое ки дар дафтари охир, яъне «Эмон биоварем ба оғози фасли сард» ҷустуҷӯ ва такопӯи ӯ барои ёфтани оромиш ва дарки ҳастӣ, билохира ба натиҷа мерасад ва ӯ худро дар ибтидои дарки ҳастӣ мебинад ва бо дониши сукут ва таҷрибаҳое, ки дар ин роҳ касб кард, дигар ҳарфи лаҳзаҳо ва фаслҳоро мефаҳмад:

Равшании ҷаҳонро тикае аз вуҷуди муттаҳиди худовандӣ медонад ва бисёре аз марҳилаҳои ирфонӣ монанди гусастан аз гузашта ба оянда, дарки яксонии хайр ва шар дар олами Илоҳӣ, нигоҳи бевосита ба ҷаҳон ва табиат ва ғайраро таҷриба мекунад ва хештанро дармеёбад. Ӯ монанди Сипеҳрӣ бе дарки ҳастӣ ба рози он расид, аммо маҷоле барои расидан ба марҳилаҳои болотар намеёбад. Ҳанӯз дар ибтидои ин шуури ирфонӣ, дарки ҳастии замин қарор дорад ва агар маҷоли бештаре барои зиндагӣ ва таҷрибаҳои ҳақиқатҷӯёнааш медошт, шояд монанди Сипеҳрӣ ба андешаи мутаолитар даст меёфт, чаро ки ӯ дигар роҳро ёфта ва масираш ҳамвор гашта буд:

Вақте ки зиндагии ман дигар,
Чизи набуд, ҳеҷ чиз ба ҷуз тик-таки соати деворӣ.
Дарёфтам, бояд, бояд, бояд,
Девонавор дӯст бидорам.
Як панҷара барои ман кофист,
Як панҷара ба лаҳзаи огоҳӣ ва нигоҳ ва сукут.

Ӯ Худовандро чунон наздик ва ошно ва ғарқ дар ҳастии олам медонад ва он қадар наздик ва малмӯс, ки ӯро инсоне дар назар мегирад, пӯштибони хона қадам мезанад ва бо каме кунҷковӣ метавонад ба ӯ наздик шавад:

Оё дубора аз ҳиллаҳои кунҷковии худ боло хоҳам рафт,
То ба Худои хуб, ки дар пуштибони хона қадам мезанад.

Салом бигӯям?

Шоир худро канори панҷарае мебинад, ки ба лаҳзае огоҳӣ ва сукут кушода мешавад ва ӯро бо офтоби илоҳӣ муртабит мекунад:

Ҳарфе ба ман бизан,
Ман дар паноҳи панҷараам,
Бо офтоб робита дорам.

Ӯ зимни ин ки ҳаргиз аз иҷтимоъ ва дарди мардум ҷудо набуд, аз пайвастагӣ бо рӯҳи табиат ва ҷаҳон ва фаҳми он сухан мегӯяд, зеро ӯ низ монанди Сипеҳрӣ барои ёфтани ҳақиқат, худро бо мазоҳири он пайванд мезанад, то рӯҳ ва ҳастии онро дарёбад ва ба сарчашма ва манбаи аслии он, яъне ҳақиқати илоҳӣ даст ёбад. Аммо, ҳаргиз аз мардум ва дарди онҳо ва иҷтимоъ ҷудо намешавад. Билохира дар охирин шеърҳояш мепиндорад. Бо офтоби илоҳӣ робита дорад ва бо дастёбӣ ба андешаи бесомон дигар дарёфтааст, ки:

Ниҳояти тамомии нерӯҳо пайвастан аст, пайвастан,
Ба асли хуршед,
Ва рехтан ба шуури нур.

Ӯ дар дафтари охир дигар фарқе миёни ишқи заминӣ ва осмонӣ қоил намешавад ва ҳардуро дар канори ҳам меоварад. Зеро, усулан ишқро масири расидан ба ҳақиқат ва мояи таолии хеш интихоб кардааст. Дар ин дафтар, шеърҳо ҳамроҳи Фурӯғ такомул пайдо мекунанд ва роҳи худро меёбанд.

Ман рози фаслҳоро медонам,

Ва ҳарфи лаҳзаҳоро мефаҳмам.

Наҷотдиҳанда дар гӯр хуфтааст,
Ва хок, хоки пазиранда,
Ишоратест ба оромиш.

Ва мегӯяд «Паранда мурданист» ва чароғҳои робита бо Худованд хомӯшанд ва пӯсти кашидаи шаб монеи иртиботи рӯҳ бо офтоби илоҳӣ аст. Ӯ дар ин шеър ба парвоз, ба сӯи нур ва хуршед меандешад ва ишқи ростин ва осмониашро меҷӯяд ва хоҳони муаррифӣ шудан ва пайвастан ба ҳақиқат ва ягонагӣ аст. Ӯ дарёфтааст, ки ҷисм аз байн рафтанӣ аст ва танҳо такомули андеша ва рӯҳ аст, ки арзиш дорад ва мемонад:

Парвозро ба хотир биспор,
Паранда мурданӣ аст.

Ва гӯи дар ин замон, воқеан омодаи парвоз ба сӯйи ҳақиқат аст. Маҳдии Ахавони Солис мегӯяд: «Ӯ дигар он Фурӯғи гузашта набуд. Ба ҳар ҳол, ҳолате буд, ки намешуд гуфт, ки ин одами ин дунё аст. Ҳаминтавр ҳам шуд, дар як лаҳзае, ин одам дар ҳоли инфиҷор буд. Ва ман муътақидам он тасодуф як ҳолати лаҳзаи инфиҷор буд, ки ӯро тамом кард, яъне ба абадият фиристод» [6].

Фурӯғи Фаррухзод дар шеърҳои аввалияш ба баёни эҳсосоти тунд ва ошиқонаи духтари 16 сола мепардозад, ки ин баёни бепарво ва содиқона мухотабро ба ин шубҳа меандозад, ки ӯ сирфан андешаҳои сабуксаронаи духтаракеро баён мекунад. Аммо ин бепарвоӣ ва баёни эҳсосоти навҷавонӣ на танҳо далеле бар сабуксарӣ ва каммоягии ӯ нест, балки ӯро далели роҳ мешавад, то аз ишқи заминӣ ба ишқи осмонӣ бирасад ва мояи такомули рӯҳ ва раҳоӣ аз тааллуқот мешавад. То ҷое ки дар дафтари охирин дигар фарқи миёни ишқи заминӣ ва осмонӣ қоил намешавад ва худро дар ибтидои дарки ҳастӣ, меёбад ва аз пайвастан ба офтоби илоҳӣ сухан мегӯяд, ки дар ин пажӯҳиш андешаҳои ӯ аз дафтари аввал то ба охир пайҷӯӣ шудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Ҳуқуқӣ Муҳаммад. Шеъри Замони мо 4. Фурӯғи Фаррухзод.- Чопи 3. -Теҳрон: Интишороти Нигоҳ.- 1376.-С.61,
2. Фаррухзод Пурон. Касе ки мисли ҳеҷ кас нест. –Теҳрон: Интишроти Ҷоҷермӣ. -Чопи аввал.- 1385.- С.40.
3. Тоҳбоз Сирус. Зани танҳо.- -Чопи аввал.- Теҳрон: Интишороти Зарёб. -1376.- С.60.
4. Аскари Мансура. Ҷовидонаи Фурӯғ. – Чопи аввал.-Теҳрон: Интишороти Соҳил. - 1378.- С..259.
5. Тоҳбоз Сирус. Зани танҳо. – Чопи аввал.- Теҳрон: Интишороти Зарёб. -1376.- С.17.
6. Крогчи Рӯҳангез. Фуруғ ёқии мақмум».- Чопи аввал. –Теҳрон: Интишороти роҳиёни андеша.- 1376.- С.51.

СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ В РАЗМЫШЛЕНИЯХ ФУРУГА ФАРРУХЗОД

Данная статья рассматривает поэтическую деятельность представительницы «новой поэзии» в Иране Фуруга Фаррухзод. Фуруг в своих поэтических думах выражает новое видение на проблему места женщины в обществе, которые внесли весомый вклад в формирование свободомыслящей женщины как новой личности. Фуруг жила в обществе, в котором царили традиционные устои и фанатизм. Однако ей не чуждо стремление разорвать оковы традиционных устоев и она находясь между внутренними чувствами и условиями своего времени, предстает свободной и без всякого страха, дерзко выражает свое отношение к традиционным обычаям и правилам обществ.

Ключевые слова: Фуруг Фаррухзод, поэтические думы, формирование свободомыслящей женщины религиозные каноны, убеждения, философия принятия страданий.

THE IMPROVEMENT IN THE CONTEMPLATION FURUG FARRUKHZOD

This article looks at the poetic activity of the representative of «new poetry» in Iran Furug Farrukhzod. Furug in his poetic thoughts expresses a new vision on the problem of women's place in society, which have made weighty contribution to the formation of the freethinking of women as a new personality. Furug lived in a society in which was dominated by traditional customs and fanaticism. However, it is not foreign to desire to break the shackles of traditional attitudes and she being between inner feelings and conditions of his time is free and without any fear, boldly expresses its attitude to the traditional customs and rules of societies.

Key words: Furug Farrukhzod, poetic Duma, the formation of the freethinking women religious canons, beliefs, philosophy of the adoption of suffering.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Симин Мирзои Пуинак*** - соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ

ТАЪСИРПАЗИРИИ СИЁВУШИ КАСРОӢ АЗ «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ

Парасту Яминӣ
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ, Донишгоҳи озоди исломии воҳиди Варомин, Эрон

Сиёвуши Касроӣ (1290-1375 ҳ.ш.1330) ба хаёли шогирдони Нимо пайваст ва аввалин маҷмӯаи осори ӯ «Ово» дар соли 1357 ҳ.ш. мунташир шуд (пеш аз он ашъор ва қитаот аз вай дар матбуот ба чоп мерасид, ки бештар ӯро шоири ҳизбӣ муаррифӣ мекард).

Дар ашъори ӯ рӯҳи ғиноӣ ва ҳамоса ҷилвагар аст, бе он ки ба фикру фалсафаи хос даст ёфта бошад. Маҷмӯаи «Ораши Камонгир» (1338), ки пас аз маҷмӯаи «Ово» суруда шуд, то ҳадди зиёде вайро дар зумраи шоирон нависандагони ҳамос дароварад, зеро ҳам мазмуни ин шеър аз достонҳои ҳамосии Эрон интихоб шудааст ва ҳам то ҳадди бисёре забон ва тасвири ӯ ранги ҳамосӣ ба худ гирифтааст.

Вай дар маҷмӯаи дигаре таҳти унвони «Хуни Сиёвуш» (1352) ба масири шеъри иҷтимоии ҳидоят шуд ва ин дар ҳоле аст, ки дар маҷмӯаи шеър «Санг ва шабнам» (1345) бештар ба ашъори ғиноии он ҳам дар қолиби дубайтӣ рӯй овардааст.

Касроӣ дар ду маҷмӯаи дигари худ бо унвони: «Бо дамованд хомӯш» (1345) «Хонагӣ» (1342) омезаи аз шеъри ҳамосӣ ва ғиноиро ба забон ва тасвири фахир ва саршор падид овардааст, ки ин вижагӣ ба шуҳрат ва баланд овардагии номи ӯ дар даврaҳое кӯмак кардааст [3129-130].

Ҳамчунин, Сиёвуши Касроӣ дар Донишгоҳи Зоҳидон «Шеъри моусир» тадрис кард.

Сиёвуши Касроӣ аз нахустин пайравони Нимо ва яке аз вижагиҳои мумтозу арзандааш, дар ҳавзаи шоирӣ, сурудани шеъри сиёсӣ ва густаришу такомули ин ҳавза дар он рӯзгор будааст.

Аз ин манзур манзараҳои ҳамосӣ – устураи ӯ, таҳти унвони «Ораши Камонгир» ва «Муҳраи сурх» ҷузъ ва маъдуд манзумаҳое аз шеър ҳамосии рӯзгори худ будааст, ки яке марбут ба рӯзгори ҷавонии шоир – Ораш Камонгир – ва дигаре «Муҳраи сурх» марбут ба рӯзгори пирии ӯ будааст. Дар ин мақола бар онем то баррасии шеваҳои таъсирпазирии ин шоири муосир аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ пардозем:

Шеваи ривоятгарӣ ғамномаи «Рустам ва Сӯҳроб» аз забони Касроӣ: Касроӣ дар шеъри «Муҳраи сурх» достони ҳузнангез вопасин лаҳазоти зиндагии падар ва ранҷи Сӯҳробро бо баёне маҳкам ва фохир ба тасвир мекашад ва дарди ҷонкоҳи Сӯҳроби захмхӯрдаро бо қаламе ривоятгуна ва пуртасвир ба намоиш мегузорад.

Шеъри «Муҳраи сурх» дар ҳақиқат ривояти навин аз андӯҳи бепоёни марде (Сӯҳроб) аст, ки бо ангезаи сулҳ ва оштии ҷаҳонӣ бо умеди бастан ба муҳраи ёдгори падар ва низ пайванди ишқ ва муҳаббати падар ва писарона (бо илҳом аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ) чунин мегӯяд:

Гуфтам, ки ҷанги ман
Поёни ҷангҳост,
З-ин пас ҷаҳони мо ҳама ишқ аст ва оташе аст
В-аз шохаҳои гул, дар тирдон ва таркиши мардони размҷӯй,
Нақш ва нишони мост!
Чун қасд нек будам ва ба бовар ба кор хвеш,
Парво надоштам ба дил ин корзорро (С. 407)

Аммо Фирдавсӣ:

Чу Рустам падар бошаду ман писар
Ба гетӣ намонад яке тоҷвар
Чу равшан буд рӯйи хуршеду моҳ
Ситора чаро барфарозад кулоҳ.
(байти 135, аз «Ғамнокии Рустам ва Сӯҳроб», Доктор Ҷаъфари Шуоӣ)

Сипас Касроӣ «Таҳмина»-ро ривоят мекунад, ки мавҷуди пайванди ӯ бо Рустам ва тавлиди Сӯҳробаш шудааст:

Таҳмина / дар баробари ойина / Рустам куҷо шаҳри Самангони мо куҷо?! / нерӯи чист ин / К-ӯро чунин ба сӯи шабистони мо кашид?! / Охир шикори гӯр ва гум шудани Рахш / ҳар як баҳонае аст дар анбони рӯзгор / то фурсате падид кунад бар ниёзи ман (С. 383).

Аммо Фирдавсӣ дар боби Рустам:
Ял наздики шаҳри Самангон расид,
Хабар з-ӯ ба шоҳу бузургон расид.
Ки омад пайдо Гави тоҷбахш,
Ба нахчидагӣ з-ӯ рамида аст Рахш.
(«Ғамномаи Рустам ва Сӯҳроб», байти 37 ва 39)

Сипас Касрой ба ривояти навин аз панди носеҳонаи модар, ки ба ҳеч гуфтор шуда буд, мепардозад аз забони Сӯҳроб мегӯяд:

Бе поя мешмурдам ва хасмона / ё ки сари дилсӯзӣ / - ташвиши модарона - /ҳар зинҳорро … (ҳамон, С.409)

Ва баъд Кисрой дар қолиби Таҳмина рӯ ба ҳакимнавис намуда ва мегӯяд:

Охир чӣ гуна бо ту бигӯям ман эй ҳаким/ к-андар миёни абр ва маҳ осмони мо/ гум буд, гум, / ситора рахшон раҳнамо («Муҳраи сурх», С.409)

Куҷост он Золи зар, ки ба ҳангоми мушкилоти паре аз симурғ оташ бизанад ба роҳнамоии ӯ гирех аз мушкилоти ин хонадон кушода шавад.

Золи зар чӣ шуд, ки ба тадбир менишаст,
Симурғи раҳнамо куҷо буд.
Он қофи ошён?/
Ковусшоҳ кист, ки бароят эй ҳаким,
Дору кунад ниҳон ?! (С. 411)

Касрой аз қавли Фирдавсӣ ба Сӯҳроби мағмум ва дилшикаста чунин мегӯяд:

Он замон, ки пазироии муҳраи падар шудӣ ва донаҳои ёқути машҳур дар ҷаҳонро ба бозу бастӣ, дар ҳақиқат дари болоро ба худ гумшудӣ, чун:

Бояд, ки рози фоҷеа дар санги сурх ҷуст!/ Сӯҳроб, он чи зевар бозӯи ӯ дасти туст / он муҳра /оҳ/ ва меҳри ҷаҳони паҳлавонӣ аст (С.419)

Касрой дар идома: нақш ва тасвири он муҳраро ишқи тунд саркаши Таҳмина ва номи барфикани Рустам мебинад ва муътақид аст, ки Сӯҳроб марги зудҳангоми худро бар гардани Фирдавсӣ андозад ва ӯро бозхост кунад, зеро ки ин достоне аст, ки аз деҳқонҳо нақл шуда ва меросӣ аст, пӯё ва арҷманд, ки ҳеҷ раҳдорӣ аз он баргирифтааст:

Касрой:

Ин муҳра нақш дошт /дар номи рашку бим барангези Таҳамтан
Ин муҳра ранг зад / бар ишқи тунду саркаши Таҳмина / з-ин муҳра пар гирифт / боли баланди орзӯяст то баланди ҷон.
Хомӯш бош ва беҳуда буҳтон мазан ба кас (Фирдавсӣ)
Ин муҳра рахи нуҳуфат ба ҳангом, то туро
Хунинтан кашонад бар амвоҷи шеъри ман!
(Аз хуни Сиёвуш «Муҳраи сурх», С. 422)

Касрой ин манзумаро дар гуфторе дар вопасин моҳҳои умраш чунин муаррифӣ кардааст: «Дар сафинаи бузург Фирдавсӣ муҳрае ёфтам саршор аз зебоиҳои зиндагӣ ва оғӯшта ба намоии торикиҳое марг. Нигини сурх бо талолу сиёҳ, қатрае ба гунҷоиши дарё, оромиш ва тӯфон, муҳраи сурх мероси солхӯрдагии ман аст» [7].

Касрой ин манзумаро (сол .137- ҳ. ш.) бар асоси достони «пуроби чашм» захмӣ шудани Сӯҳроб ба дасти Рустам суруд ва моҷарои охирин соати зиндагии Сӯҳроб, андешаҳо ва дағдаҳои зеҳнии ӯро ба тасвир кашид. Дар ҷаҳон воқеияти Сӯҳробҳо бисёранд, Сӯҳробе, ки ҳанӯз зиндагиро назиста тамошогари содаи дилфиребиҳои ҳаётанд ва мо чун ӯ, бо ҷароҳате дар ҷон, дар барзахе аз марг ва зиндагӣ, нӯшдорӯи ноёбро интизор мекашем.

Ба коргирии вожагон ба шеваи «Шоҳнома»: ғайр аз ба коргирии вожагони «Шоҳнома»-и назир ниё, рӯд, гард, ситондай, пур ва соз кардан дар ашъори Сиёвуши Касрой намунаҳои дигаре ҳамчун: дорад.

Бора: асп (вожанома)

«Шоҳнома»: Яке тарги румӣ ба сар ниҳод / Яке бора зер андараш ҳамчу бод (112/210/1)

Касрой: Дарбаргирифта гардани он бораи ҷавон

пур: фарзанд (вожагона)

Фирдавсӣ: …. бар пури бедор дил бар дарид

Кисроӣ: бошад, ки ҳамнишине ин пур / в-он падар / бехи гиёҳ кина бисӯзад.

Жожхвоҳ: жож: сухани беҳуда / жожхоҳ: беҳудагӯӣ (вожанок)

Фирдавсӣ: Чу бар Сом андар омад ба вожа / на гоҳ сухан буд ва гуфтори жож (9 Ширӯя, 343)

Касроӣ: З-он рӯ ки жожхвоҳ даҳонӣ ба нешханд нагӯӣ

Ҳамовард: ҳариф, душман, марди майдон ҷанг (вожаномак)

Фирдавсӣ: Ҳамовард бо гӯё наздик шуд / ҷаҳон чун шаб тира, торик шуд (3353/220/3)

Касроӣ: Ҷуз Рустамаш ба разм ҳамовард гирд нест (С.393)

Ял: далер (вожаномак)

Фирдавсӣ: Чунин дод посух яли Исфандиёр / Ки лашкар наёяд маро худ ба кор (байти 347 «Ҳамосаи Рустам ва Исфандиёр»)

Касроӣ: Гуфтанд: марде расида аст, ялӣ такя дар ҷаҳон (С.393).

Ройзан: мушовир (вожаномак)

Фирдавсӣ: Сарафроз Гударз аз он анҷуман

Баҳри кор бошад туро ройзан (124/80/4).

Касроӣ: Ройзанҳо гард ҳам оварад душман / то ба тадбире, ки дар нопоки дил доранд (Ораш Камонгир, С. 47).

Бакоргирии таркиби Эроншаҳр ба ҷойи кишвари Эрон ба сиёқи Шоҳномаи Фирдавсӣ, намуна:

Он ҷоро аз он пас, марзи эроншаҳр ва Тӯрон боз номиданд.

Бакоргирии забони сабки хуросонӣ ба шеваи навин

намуна аз Касроӣ:

Намуна 1: ба кор бурдани «фусун» ба ҷои афсун:

Ёфтанд охир фусунеро, ки мечӯстанд (С. 45)

Намуна 2: ба кор бурдани феъли пешванди «бар кардан» ба ҷои феъли мураккаби имрӯза «баланд кардан» пас он ки сар ба сӯйи осмон бар кард.

Намуна 3: бакорбарии «андар» ба ҷойи дар:

К-андар миёни абр ва маҳ осмони мо

Гум буд, гум, ки ситораи рахшони раҳнамо (Муҳраи сурх, С. 409).

Бакоргирии таркибот (васфӣ ва изофӣ) ҳамоса ба шеваи «Шоҳнома»:

Дар сабки ҳамосӣ ва вижаӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ таркибот низ шакли ҳамосӣ доранд ва ин амр бар мизон таъсиргузории саҳнаҳо дар зеҳни мухотибин меафзояд, намуна аз Фирдавсӣ:

Ба тахт бузурге дар он анҷуман

Зада такя чун кӯҳ, пир сухан.

Касроӣ низ дар ашъори худ аз ин намунаҳо (таркиботи ҳамосӣ) бисёр дорад, намунаҳо.

Намунаи аввал: Дили занон ситорае хунини шомгоҳ /дар абр мечакад/ симурғи абрҳо/ мерафт то бимирад дар ошёни шаб («Аз хуни Сиёвуш», С. 380).

Ки дар он таркиб «симурғи абрҳо», «ошёни шаб», «ситорае хунин шомгоҳ» ва «ҳамҷумтаб» намунаҳое аз вуҷуди таркиботи ҳамосӣ дар шеъри Касроиянд.

Намунаи дувум: таркиб «нишеби зин» дар шеър:

Мекӯфт Сум паёпай бар хок / он саманд / сар дар нишеби зин

Намунаи савум: вуҷуди таркиботи «бехи гиёҳи куҳна» дар шеър:

Бошад, ҳамнишине ин пур ва падар бехи гиёҳи куҳна бисӯзанд дар сарзамини мо (ҳамон, С.390).

Намунаи чаҳорум: таркиби: «теғи худъа» дар шеър:

Даст чу теғи худъа фуруд оварад (ҳамон, С. 392).

Намунаи панҷум: таркиби «зарраи шаб» дар шеър:

Чун гуле сафед /нармӣ / гард офарид аз зарраи шаб ба рӯд хазид (ҳамон, 400).

Дар манзумаи «Ораши Камонгир» Касроӣ низ намунаҳое аз ин таркиби ҳамосӣ метавон ёфт, намунаҳо:

Таркиби «ёлкӯҳ» / «панҷаи хуршед» дар намунаи зер:

Ба ёл кӯҳҳо лағжид кам- кам панҷаи хуршед («Ораши Камонгир, С. 47»).

Ва ё ташбеҳи бахти мо (мардуми Эрон дар он рӯзгор) ба «рӯйи бадхоҳон» дар намунаи:

Бахти мо чун рӯйи бадхоҳони мо тира («Ораши Камонгир, С. 42»).

Ва низ таркиби истиора «сарпанҷаи имон» ва таркиби вазъӣ «бозӯи пӯлодин» дар намунаи зер:

Оҳ! … ку бозӯи пӯлодин ва ку сарпанҷаи имон (ҳамон, С. 470)

Ва бо ташбеҳи «халқ» ба дарёи ошиқона «ва ваҷҳи шабеҳои ба хуш омадан ва Хуросон шудан …. дар намунаи зер:

Халқ чун баҳри барошуфта /ба ҷӯш омад / хурӯшон омад / ба мавҷ афтод / (ҳамон, С. 48)

Иғроқ аз вижагиҳои сабки ҳамосӣ:

Касроӣ: Тарс буд ва болҳои марг / касе намеҷунбид, чун бар шохаи марг аз барг (С.42)

Насргуна овардани ҷумалоту ибороти кӯтоҳе он ба шеваи сабки хуросонӣ ва ҳамосаи Фирдавсӣ:

Дар ашъори Касроӣ гоҳ ҳамчун Фирдавсӣ, ҷумалот ба сабки хуросонии кӯтоҳ ва расо ҳастанд, намуна:

Фирдавсӣ:

Пайи маслиҳат маҷлис оростанд
Нишастанду гуфтанду бархостанд.

Касроӣ: ба хуш омад /хурӯшон шуд / ба мавҷ афтод / ки Ораш ҷони худ дар тир хоҳад кард. («Ораши Камонгир», С. 48)

Ва ё намунае: достонҳои бедарду пайкар / омадан, рафтан, давидан, дар ғами инсон нишастан / кор кардан (ҳамон С. 42)

Ишора ба қаҳрамон ва ашхоси «Шоҳнома»:

Касроӣ дар ашъораш ба асоми қаҳрамонон ва шоҳон ва низ шахсиятҳои манфури «Шоҳнома» мукаррар ёд кардааст; намуна:

Сиёвуш:

Дар шуълаҳои сурху / савораш Сиёвуш аст («Аз хуни Сиёвуш», С.484)

Шағод:

Он сӯ Шағод бадандеш ва бадкешу / дом

Яздигурдшоҳ …

Дар интиҳо, гурехтани Яздигурдшоҳ / Моҳӯ ва осиёб

Рустами Фаррухзод:

З-он шӯрбахт ҷанги равшан бин / дармонда мард (Рустами фаррухзод … (Ҳамон, С. 415)

Золи зар:

Ё Золи зар ки худ зи набудат на огаҳ аст / оташ ниҳад ба пар / Симурғро барои кадомин илоҷи дард (ҳамон, С. 298)

Рустам:

З-он Рустамат, ки чархи баландаш новобаста даст /Инак/ чӣ монда аст (ҳамон, С. 398)

Таҳмина:

Таҳмина дар баробари оина / сармасти ишқ ва замона парвоз (ҳамон, 283).

Тасвири қаҳрамонон ва ашхоси дар шеъри Сиёвуши Касроӣ ба шеваи ҳамосӣ ва диққат дар ба гузинии калимот ва таркибот: Касроӣ ба шеваи Фирдавсӣ ба гузаштани калимот ва ба гузинии он таваҷҷуҳи хос дорад ба унвони намуна, ки дар шеъри «Муҳраи сурх» аз забони Таҳмина дар боби «Фарзанди ноком» сухан мегӯяд, вижагиҳо ва сифоти Сӯҳробро ин гуна баён мекунад:

1 – рӯди ман 2 – буду нобуди ман 3 - нагирифта ком 4 – домоди марг ҳиҷлаи Шоҳнома, домоди бе арӯс, сарви сурхвом ва …

Касроӣ: бадрӯд / рӯди ман / буду нобуди ман / эй ногирифта ком / домоди марги ҳиҷлаи «Шоҳнома» домоди бе арӯс / эй сарви сурхфом (ҳамон, С. 389).

Ва дар бахши дигар аз ин ривоят аз Сӯҳроб таҳти унвони «Гавазни ҷавони гурезпо» ёд мекунад:

Инак писар, гавазни ҷавони гурезпой (ҳамон, с. 390)

Шере дар тангнои қафас (ҳамон, С. 392)

Ба кор бурдани сифати «Ҷангали ҷавонаи умед» барои Сӯҳроб низ аз ибтикороти ӯст:

Эй ҷангали ҷавонаи умед
Бегаҳ ҷудо шудӣ ?! (ҳамон, С. 282)

Чунонки медонем, абёти «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ илова бар вазн ва қофия саршор аз мусиқии дарунӣ (ва такрори софтаҳо ва мусаватҳо) аст, ба вижаи такрор мусават баланд «а» «в» ва «й», ки барои лаҳни ҳамосии шеър меафзояд.

Намунаи Фирдавсӣ:

Фаридун чу шуд бар ҷаҳон комгор / Надонист ҷуз хештан шаҳриёр.

(Ҷ1, байт 543, С. 95, Жул Мил)

Дар ин байт сурати «й» 2 бор, «в» «а» 5 бор такрор шудааст.

Низ соматҳои «р» 4 бор «н» 5 бор, «ш» 2 бор, «т» 2 бор такрор шудааст.

Дар шеъри «Сиёвуши Касроӣ» низ намунаҳои бисёре аз ин такрор ҳуруф ва эҷоди мусиқии дарунӣ дида мешавад.

Намунаи 1: ва оҳанги гомҳои гурезанда зи даст

Оғози ношуда

Поёни ногузирашро

Мехост саргузашт («Аз хуни Сиёвуш», С. 38)

Дар ин намунаи ҳуруф (сомот) «ш» 5 бор, «а» 12 бор ва «й» 5 бор такрор шудааст.

Намунаи 2: На, ташнагӣ фурӯ нанишинад маро ба об

Эй дод аз ин оташ

Фарёд аз он сароб (Ҳамон маъхаз, С. 387)

Ҳарфи «ш» 3 бор, «а» 10 бор ва «й» 4 бор такрор шудааст.

Намуна 3: Бо гомҳои хвеш, ба даргоҳ мерасид .

ҳарфи «г» 2 бор, «а» 3 бор, «й» 3 бор ва «5» 2 бор такрор шудааст.

Намуна : 3 Рустам куҷо ва шаҳри Самангони мо куҷо.

Нерӯи чист ин

К-ӯро чунин ба сӯйи шабистони мо кашид?! (ҳамон, С. 383)

Хуруфи «с» 5 бор, «р» 4 бор, «а» 3 бор ва … такрор шудааст.

Намунаи 5: Охир шикори гӯр ва гум шудани Рахш

«ш» 3 бор, «г» 2 бор, «а» 2 бор, «х» 2 бор ва «р» 4 бор такрор шудааст.

Намунаи 6: Дарбаргирифта кардани он бораи ҷавон / дар хеш мегирист, мекард гуфтугӯӣ (ҳамон, С. 387)

Ҳамин тариқ, Касроӣ шоири навпардози эронӣ дар ҳавзаи ҳамосӣ- устураҳои дар шеъри муосир бо халқи осори чун «Муҳраи сурх» ва « Ораши Камонгир» дар ҳитаи интихоби вожагон ривоятгаре аз «Шоҳнома» диққат дар тасвиргароии қаҳрамонон ва ашхоси Шоҳнома ва низ мусиқии дарунӣ ва ғ. таъсири бисёре аз Фирдавсӣ шоири бузурги миллӣ, қарни чаҳоруми ҳичрӣ гирифтааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Касроӣ Сиёвуш. Хуни Сиёвуш. (Мунтахаб 12 дафтари шеър), чопхонаи Маҳорат, чопи савум, 138.
2. Касроӣ Сиёвуш. Ораши Камонгир.- Интишороти Албурз, чопи дувум, 1380.
3. Ёҳақӣ Доктор Муҳаммад Ҷаъфар. Ҷӯйбори лаҳзаҳо (адабиёти муосири форси), баргузидаи мутуни форсӣ, адабиёти ҳамосӣ, Доктор Ризо, «Тилло дар мис» (дар шеър ва шоирӣ) се ҷилд.- Теҳрон: Ношир: нависанда, 1372.
4. Жул Мал. Шоҳномаи Фирдавсӣ.- Ҷ. 1 ва 2.- Интишороти сухан, чопи чаҳорум, Тобистони 1373.
5. Нӯшин Абдуалҳусайн. Фарҳанги Шоҳномаи Фирдавсӣ.- Интишороти Дунё, чопи савум, 1329.
6. Доктор Ҷаъфар ва дигарон. Ғамномаи Рустам ва Сӯҳроб. Муассисаи матбуотии илмӣ, чопи савум, баҳори 1328.
7. htth: |www. Dingdaang. com| article/ ashx& id=433.

ВПЕЧЕТЛЕНИЯ СИЁВУША КАСРОИ ОТ «ШАХНАМЕ» ФИРДОУСИ

В данной статье рассматривается творчество Сиёвуша Каср0и. Поэтический взгляд поэта на сказания Рустама и Сухроба и его следование стилю Шахнаме. Автор изучает стиль изложения Сиёвуша Каср0и на основании его сборников «Ораши Камогар» и « Мухраи сурх».

Ключевые слова: Сиявуши Каср0и, Шахнаме, бейт, Фирдавси.

PERCEPTION SIEVUSHI KASROI FROM «SHAHNAME» BY FIRDOUSI

In this article considers the creativity of Sievush Kasoi. Poetic view of the poet penalties Rustam and Suhrob and follow the style “Shohnoma”. The author researches the style of essay of Sievush Kasroi on the basis of his compilations “ Orashi Kamongar” and “Muhrai surkh”.

Key words: Sievushi Kasroi, Shohnoma, bayt, Phirdousi.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Парасту Ямини*** - соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки, Свободный исламский университет города Варомин, Иран

ВИЖАГИҲОИ ҲУНАРИИ ШЕЪРИ «ЭЙ ВОЙ, МОДАРАМ»-И М. ШАҲРИЁР

Умар Сафар, Азим Ҳодипур
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Эдвард Браун муҳаққиқи эроншиноси фақиди англис зимни ибрози назар дар атрофи ашъори Толиби Омӯлӣ шоири қарни XVI Эрон хотирнишон месозад, ки дар таърихи шеъру адаби форсӣ ашъоре, ки аз муҳаббату садоқати хонаводагӣ суҳбат кунад, камшумор аст, дар ҳоле ки ашъори ошиқона қобили шумор нест. Ӯ барои тақвияти ин ҳукми худ чанд байтеро нақл мекунад, ки дар он Толиби Омӯлӣ аз император Ҷаҳонгирхон иҷозат мепурсид, то ба ӯ рухсат диҳад, ки бо хоҳараш, ки аз Эрон барои бурдани вай ба Ҳиндустон омадааст, дидор кунад. Дар он қитъа аслан сухане, ки шоирона бошад, мавҷуд нест. Танҳо шоир ба таври мавзун ба Ҷаҳонгирхон мегӯяд, ки «хоҳаре дорам, ки ба ман ҳаққи модарӣ дорад».

Ҳамин ҷумлаи шоир муҳаққиқи ёдшударо таҳти таъсири худ қарор медиҳад ва аз он дар китоби «Таърихи адабиёти Эрон» [3] зикри хайр мекунад. Воқеан, дар адабиёти классикии мо хеле кам ба намунаҳое бармехӯрем, ки ба таври мустақим ба мавзӯи меҳри модару хонавода ихтисос ёфта бошад. Вале бар хилофи адабиёти классик адабиёти муосир дар ин замина пешрав аст.

Таҳаввулу дигаргунӣ дар адабиёти форсӣ дар ин росто дар асл дар оғози асри XX бо вуқӯи инқилоби Машрута оғоз гардид.

Инқилоби Машрута ҳама аркони иҷтимоиро мутазалзил сохт. Шеър маҷрои хешро дигар намуд, забони шоирро тағйир кард. Шоир рӯ ба мардум овард ва мусаллам аст, ки ин рӯёрӯӣ бо мардум лаҳни дигаргуна, калимаву ибороти омиёнаро тақозо менамуд.

Беҳтарин ашъор дар васфи зан – модар хоси ин давра ва мутааллиқ ба Эраҷ Мирзо буд.

Имрӯз дар радифи ашъори гаронқадри Эраҷ Мирзо мо намунаҳову мисолҳои фаровоне аз дигар шоирони муосир дар ихтиёр дорем. Вале миёни онҳо ҷойгоҳи марсияи «Эй вой, модарам» - и Муҳаммад Ҳусайни Шаҳриёр ҷудост.

Устод Шаҳриёр ин шеърро дар арӯзи нимоӣ сурудааст. Шеър аз 15 банд иборат аст. Теъдоди мисраъҳо дар бандҳо баробар нест. Гузашта аз ин теъдоди афоилҳо ҳам дар ҳар банд яксону якнавохт нест.

Мавзӯи шеър дар як ҷумла хулоса мешавад: шоир пас аз марги модар дар перомуни дунёи модар, ин гавҳари ноёфтанӣ тааммулу андеша мекунад.

Нахустин мазияти ин шеър иборат аз он аст, ки шоир дар истифодаи калимаҳо миёни онҳо ҳадду андозае қоил нест. Дар пайкари шеър аз ҳама анвои вожагон, он гуна, ки дар зиндагии воқеӣ аст, чи шоирона ва чи ғайришоирона истифода мекунад.

Аз ороишҳои адабӣ низ дар шеър камтар нишоне дида мешавад. Аммо таъсиру ҷаззобият, арзишу арҷи ин шеър дар талқину илқои ҳиссу авотифе аст, ки зимни интиқол аз як банд ба банди дигар нерӯву қувват мегирад. Ҳар як банд саҳнаи хосе аз рӯзгори модар, қонуни меҳру моҳ аст.

Аслан марги волидайн дар ҳар давру замоне барои фарзандон талафоти бузург аст.

Шаҳриёр сар то по ғарқ дар ғаму андӯҳ аз марги модар маросими хатми модарро пас аз дафн дар банди аввал тасвир мекунад.

Модар, ин маҷмӯаи фохиру зебо пас аз марг ҳам ба қавли шоир қарору сукуну оромиш надорад. Ҳар кунҷу канори хона аз бӯю атри ӯ пур аст. Дар рӯзи хатмаш ҳам машғули кори хеш аст:

Оҳиста боз аз бағали паллаҳо гузашт,
Дар фикри ошу сабзии бемори хеш буд.
Аммо гирифта давру бараш ҳолаи сиёҳ,
Ӯ мурдаасту боз парастори ҳоли мост.
Дар зиндагии мо ҳама ҷо вул мехӯрад
Ҳар кунҷи хона саҳнае аз достони ӯст.

Дар хатми хеш ҳам ба сару кори хеш буд
Бечора модарам

Шоир аз маросими хатми фотиҳахонӣ, ки тибқи маъмул барои рафтагон баргузор мегардад, ёдовар мешавад, вале эҳсосу авотифи солҳо парваришёфтаи фарзандӣ боваркарданӣ нест, ки модар даргузашта.

Банди дувумӣ тасвири рӯзгори хуби бо модар будан аст. Дар синаи зеҳну хаёли шоир боз ҳам пайкари наҳифи ӯ дар ҳаракат аст. Машғули кору бор аст. Дар ин банд, ки симои як бузургзани рустоӣ бо кафшҳои даридаву ҷӯробҳои бахязада дар сармои зимистонӣ сӯйи бозор роҳ пеш гирифта, то барои бачаҳо бозорӣ кунад, тасвир шудааст.

Воқеияти ҳастии башарист, ки дар паҳнои дунё касе ҷовид нест. Танҳо ёд аст, ки аз инсонҳо мемонад. Худи устод дар ҷойе менависад:

Ба пирӣ он чи моро мондааст, лаззати ёд аст,
Дилам бо давлати ёд аст, агар даме шод аст.

Бандҳои савуму чоруму панҷум низ ёдвораҳои шоиранд аз хонаводаи падарӣ, лаҳазоти тиллоии модар доштан. Хонаводаи маъмулие дар қадимшаҳри Табрез. Хонае дар боғи Беша. Хонаи як вакили додгустарӣ бо қалбе бо вусъати як уқёнус.

Марде соҳибкараму сахӣ, бо дару дастархони боз, марде ки «бар суфрааш чи гуруснаҳо сер мешаванд». Хонаи марде, ки «он ҷо ба доди нолаи мазлум мерасанд» (4,711).

Шоир дар хулосаи банди чорум аз нақши модар ёдовар мешавад: «Як зан мудири гардиши ин чарху дастгоҳ, ӯ модари ман аст».

Дар банди панҷум менависад: «Ин модар аз чунон падаре ёдгор буд».

Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки симои модар дар марсияи шоир тимсоли занонест, ки дар зиндагии рустоиён нақши боризу чашмрас доранд. Масоили хурду бузурги рустоиёнро матраҳ месозанд. Ба қавли шоир «Ӯ як чароғи равшани илу қабила буд, хомӯш шуд дареғ». Ҷанбаи равоншинохтии шеър ба гунаест, ки дар ҳар банд ёдвораҳои шоир зиндатару гӯётар мегарданд ва дар зимн ҷовидонагиву абадияти вуҷуду аъмоли модарро решадор месозанд. Дар домани тахайюли фарзанд гуфтугузорҳои маъмулии модар бо наберагон мавҷ мезанад.

Дар банди ҳафтум аст, ки шоир аз ҳамдардиву ҳамдӯшии хешону наздикон, мардум, аз баргузории хатми бошукӯҳ ёдовар мешавад, бо ҳам арзи сипос менамояд. Он чи ки дар ин банд ҷалби таваҷҷуҳ мекунад, нахустин баҳрагирӣ аз вожагони омиёна, мисли «сарсаломатӣ, бадак, таслият» аст, ки бачо афтодаанд ва муҳити мавриди назарро ба наҳви аҳсан бозтоб медиҳанд.

Устод доктор Зарринкӯб дар перомуни ин шеър чунин навишта: «Марсияи модар, ки Шаҳриёр сурудааст, бо он ки шеър то ҳадди озод аст, аз ҷиҳати талқини ҳиссу илқои хамдардӣ дар ғайр, аз шеъри қавӣ, шеъри воқеӣ аст» (1,729).

Дарвоқеъ, аз мақтаи банди ҳафтум ба баъд шоир ин боварро талқин мекунад, ки модар намурдааст.

Адиб бо шеваҳои гуногун саъю кӯшиш ба харҷ медиҳад, то абадияту ҷовидонагӣ ва идомаи зиндагии модарро бозгӯ кунанд. Боз ҳам лаҳзаҳои баёдмонданӣ, эҳсосоти ширини кӯдакӣ, анбӯҳи хотирот аз пеши чашми шоир мегузаранд.

Пас ин кӣ буд?
Дишаб лиҳофи радшуда бар рӯи ман кашид,
Ливони об аз бағали ман канор зад
Дар нисфаҳои шаб
Як хоби саҳмноку паридам ба ҳоли таб
Наздикҳои субҳ
Ӯ боз зери пои ман ин ҷо нишаста буд.
Оҳиста бо Худо
Розу ниёз дошт.
На, ӯ намурдааст.

Устод дар банди баъдӣ дар паҳнои хаёлу андеша тамоми зиндагии хешро барандоз менамояд ва бар мабнои таҷрибаву андӯхтаҳо натиҷагирӣ мекунад: Дар зиндагӣ конуну сарчашмаи меҳру моҳ хомӯш намешавад. Шерзане, ки Шаҳриёрро офарида зиндаи ҷовид аст:

Он шерзан бимирад, ӯ Шаҳриёр зод
Ҳаргиз намирад он, ки дилаш зинда шуд ба ишқ.

Банди даҳум тасвири хотироти шоир перомуни нақшу ҷойгоҳи модар дар зиндагии фардии ӯст. Ба андешаи шоир маҳз модар буд, ки бо қиссаву афсонаҳову таронаҳои ширину дилангезаш, созу наворо дар рӯҳи ӯ пайванд дод, шеъру нағмаро дар дилу ҷонаш корид. Мусаллам аст, ки то ин ки ин пайроҳа паймуда шавад, модар чи заҳмати сангинеро мутаҳаммил шуда:

Ӯ шеъру нағма дар дилу ҷонам ба нағма кошт,
В-он гаҳ ба ашкҳои худ он кишта об дод.
Ларзиду барқ зад ба ман он эҳтизози рӯҳ
В-аз эҳтизози рӯҳ гирифтам ҳавои ноз,
То сохтам барои худ аз ишқ оламе.

Бояд тазаккур дод, ки марсияи «Эй вой, модарам» бештар ҷанбаи ривоятӣ – нақлӣ дорад. Тамоми саҳнаҳои зиндагии шоир бо модар дар навори тӯлонии ёдвораҳо аз оғоз то маросими дафну баъди он, пеши чашми ӯ ҷилвгар мешавад. Пас аз марги модар танҳо андешаву эҳсосе, ки шоирро ранҷу озор медиҳад, ин эҳсоси танҳоист ва ин воқеан, эҳсоси ҳамагонӣ аст:

Як нолаи заиф ҳам аз пай давон - давон
Меомаду ба мағзи ман оҳиста мехалид,
Танҳо шудӣ писар!

Ҷаззобтарин бахши шеър банди 16-уми он аст. Қазия аз ин қарор аст, ки шоир баъд аз дафн ба хона бозмегардад, ба назараш чунин мерасад, ки гӯё модар сари ҳавз нишаставу либосҳои ӯро мешӯяд ва баробари дидани писар чунин мегӯяд:

Бурдӣ маро ба хок супурдиву омадӣ
Танҳо намегузорамат, эй бенаво, писар

Мехостам ба ханда дароям зи иштибоҳ
Аммо хаёл буд.
Эй вой, модарам.

Умуман, дар ин шеъри баланд дар радифи тавсифи муҳаббату садоқати фарзандӣ метавон аз нақши боризи хонавода дар тарбияти ахлоқӣ, иҷтимоӣ, фарҳангии фарзандон ёдовар шуд. Тарбияте, ки таҳаққуқаш бастагии мустақим ба волидайн ва пеш аз ҳама ба модар дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулҳусайни Зарринкӯб .Аз гузаштаҳои адабии Эрон. -Теҳрон, 1374.
2. Муҳаммад Ҳусайни Шаҳриёр Девони Шаҳриёр.- Теҳрон, 1382
3. Эдвард Браун. Таърихи адабиёти Эрон.- Теҳрон, 1369.
4. Ҳасанали Муҳаммадӣ. Аз Баҳор то Шаҳриёр.- Теҳрон,1376
5. Теҳрон 1375.

ПОЭТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ СТИХОТВОРЕНИЯ «О, МАТЕРИ» М. ШАХРИЯРА

В творчестве великого современного поэта Ирана М. Шахрияра особое место занимает его стихотворение «О, матери». Мухаммадхусейн Шахрияр известный поэт Ирана творил по классическим канонам персидской метрики. Но вышеуказанное стихотворение написано по новому стилю.Данная статья посвящена анализу поэтических особенностей стихотворение поэта.

Ключевые слова: М,Шахрияр, новая поэзия, газель, стихотворение.

POETIC FEATURES A POEM «ABOUT MOTHER» M.SHAHRIYAR

In creativity of the great modern poet of Iran M.Shahriyar the special place occupies its poems «About mothers». The known poet of Iran created Muhammadhuseyn Shahriyar on classical canons of the Persian metrics. But the above-stated poem is written on new style. Given article the poem of the poet is devoted the analysis of poetic features.

Key words: M, Shahriyar, new poetry, a gazelle, a poem.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Умар Сафар*** - доктор филологических наук, профессор ТНУ; ***Азим Ходипур*** – аспирант Таджикского национального университета

ОСОРИ ИЛМӢ ВА ТАЪРИХИИ УСТОД С. АЙНӢ

Ҳ. Солиев
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Пайдоиш ва инкишофи адабиётшиносии советии тоҷик бо номи устод Айнӣ сахт вобаста аст. Асарҳои илмии ӯ оид ба таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, танқиди адабӣ ва проблемаҳои муҳими адабиёти муосир дар ташаккули адабиётшиносии шуравӣ тоҷик нақши ҳалкунанда бозидаанд. Хизматҳои Садриддин Айнӣ, хусусан дар бобати омӯзиши мероси адабӣ, тарғиби адабиёти нави тоҷикӣ ва ривоҷу равнақи минбаъдаи он бағоят бузурганд.

Дар шароите, ки дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт муборизаҳои пуршиддати синфӣ, сиёсӣ ва идеологӣ давом мекарданд, Садриддин Айнӣ бо асарҳои илмиву тадқиқотӣ таҳкурсии мустаҳкам гузошт, ки имрӯз дар болои он бинои боҳашамати адабиётшиносии тоҷикӣ қомат афрохтааст.

Аз тадқиқоти донишмандони маъруф устодони муҳтарам Муҳаммадҷон Шакурӣ ва Ҷӯрахон Бақозода, ки таҳти унвони «Аввалин фикру мулоҳизаҳои устод Айнӣ дар бораи Бедил» соли 1966 ба табъ расидааст, маълум мегардад, ки андешаҳои илмии устод Садриддин Айнӣ нахустин маротиба моҳи марти соли 1910 дар хусуси ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Абдулқодири Бедил арзи ҳастӣ карда, тавассути шарикдарсаш Олимҷон Идрисӣ соли 1912 дар шумораи дуюми маҷаллаи «Шӯро» бо номи «Дар ҳаққи Мирзо Бедил» чоп шудааст. Ин мақола дар асл мактуби устод Садриддин Айнӣ бо Олимҷон Идрисӣ мебошад, ҳарчанд ҳаҷман хурд бошад ҳам, хеле пурмуҳтаво буда, дар бораи рӯзгор ва осори Бедил маълумоти дақиқу пурқимат медиҳад. Мақолаи мазкур нуктаи бағоят қобили таваҷҷуҳро бозгӯ мекунад, ки устод Айнӣ дар фаъолияти адабиётшиносиаш тадқиқро бори аввал аз Абулмаонӣ Мирзо Абдулқодири Бедил оғоз карда, муддати беш аз чиҳил сол дар бораи ӯ пайваста ба пажӯҳиш машғул шуда, ниҳоят натиҷаҳои кори илмии охиринашро бо таълифи монографияи бедилшиносӣ анҷом додааст ва бесобиқаву беҳамто ба унвони «Мирзо Абдулқодири Бедил» (1954) ҷамъбаст намудааст. «Ин асари Айнӣ, таъкид кардаанд М. Шукуров ва Ҷ. Бақозода, дар илми адабиётшиносии ҷаҳон дар хусуси Бедил якумин монография буд».[1]

Устод Айнӣ дар таърихшиносии советии тоҷик бори аввал дар асоси ҷаҳонбинии пешқадам асарҳои барҷастаи илмии таърихӣ ба вуҷуд оварда, барои омӯзиши ҳаматарафаи таърих ва маданияти бостонии халқи тоҷик ба муҳаққиқони оянда роҳ кушод.

Нахустин асари калонҳаҷми ӯ «Таърихи амирони Манғитияи Бухоро» мебошад. Ин асар бори аввал дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» (шумораҳои №50-52) бо номи «Таърихи силсилаи Манғития, ки дар Бухоро ҳукм рондаанд» аз шумораи №53 саркарда, таҳти унвони «Таърихи амирони Манғитияи Бухоро» солҳои 1920-1921 дар шакли мақолаҳои алоҳида нашр гардидааст. Баъдтар солҳои 1921-1922 устод Айнӣ асари мазкурро аз нав кор карда, дар Тошканд чоп кунонд. Устод Айнӣ таърихи салтанати амирони Манғит-Раҳимхон, Дониёл, Шоҳмурод, Ҳайдар, Насруллоҳ, Музаффар, Абдулаҳад, Олимхон ва дар натиҷаи зулму истибдоди онҳо тамоман хонахароб гаштани халқро батафсил баён карда, сарнагун шудани сохти пӯсидаи амириро ҳамчун ҳодисаи қонунӣ маънидод мекунад. Мақсади муаллиф аз навиштани «Таърихи амирони Манғитияи Бухоро» нишон додани қабоҳат ва разолати амиру амалдорон, барои то охир решакан кардани тарафдорони сохти куҳна ба муборизаи қатъӣ бархезондани ситамдидагону ранҷбарон ва ба ин восита таъмин намудани ғалабаи инқилоби Бухоро буд.

Асари дигари таърихии устод Айнӣ «Материалҳо доир ба таърихи инқилоби Бухоро» мебошад, ки аввал бо забони тоҷикӣ таълиф гардида, мувофиқи қарори вазорати маорифи Ҷумҳурии Халқии Советии Бухоро аз 17-уми ноябри соли 1920 то моҳи майи соли1921 бори дигар ин асарро аз нав такмил медиҳад ва ба он иловаҳо дохил намуда, онро ба забони ӯзбекӣ тарҷума мекунад. Ин асар соли 1922 дар шумораи №1 маҷаллаи «Восток» бо тарҷумаи А. Самойлович таҳти унвони «Аввалин ҷамъияти махфии ҷавонбухориён» бо забони русӣ мухтасаран ба табъ расида буд. «Материалҳо доир ба таърихи инқилоби Бухоро» соли 1926 ба тариқи ихтисор дар Москва аз тарафи нашриёти «Халқҳои ИҶШС» нашр гардид. Дар ин асар воқеаҳои таърихии даврои

ҳукмронии амир Насруллоҳ (1826-1860) ва ғалабаи инқилоби халқии Бухоро тасвир шудааст.

Устод Айнӣ ба воситаи ин асарҳо дар таърихшиносӣ як қатор навигариҳо дохил намуд, ки мо онҳоро дар осори таърихнависони пешина дида наметавонем. Ин навигариҳо, пеш аз ҳама дар методологияи тадқиқ, тарзи муносибат ба рӯйдодҳо, санаду далелҳо мавқеи равшану усулии мусанниф нисбати таърихи халқ ва баҳои объективона додан ба воқеаҳои таърихӣ зоҳир мегардад. Дар «Таърихи амирони Манғитияи Бухоро» ва «Материалҳо доир ба таърихи инқилоби Бухоро» тадқиқи системанок ва амиқу мушаххаси воқеаҳо дар алоқамандии зич бо муҳимтарин рӯйдодҳои ин ё он давраи муайян, таҳлили танқидии далелҳои таърихӣ ва тавсифи ташреҳи саҳеҳи онҳо аз рӯи ҷаҳонбинии нав, возеҳият ва аниқии мавқеи ғоявию сиёсии муаллиф ҷойи асосиро ишғол мекунад.

Чунончи худи устод Айнӣ менависад, ӯ кӯшидааст, ки дар баёни ҳаёти иҷтимоии халқ, таҳлили вазъияти иқтисодӣ, сиёсӣ ва мадании ин ё он давру замон, инчунин равшан кардани муносибатҳои ҷамъиятӣ мисли «Як ҷарроҳи сахтдили чобукдаст»[1] рафтор намояд.

Тавассути пеш гирифтани чунин усули таърихнигорӣ чунонки худи мусанниф таъкид менамояд, «бо нештари қалам бераҳмона ҷароҳатҳои омоскардаамонро шикофтем ва буридем. Оре! Сафҳаҳои мусаффоро бо чирки хун олуда кардем. Лекин умед аст, ки ин захмҳои амалиётдидаи мо баъд аз ин ба ҳам омада, ҷисми фигори моро сиҳатии комил муяссар гардад. «Агар дар хона кас аст, як ҳарф бас аст».[2]

Очеркҳои таърихию бадеии «Исёни Муқаннаъ» ва «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик», ки дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ эҷод гардидаанд, дорои қувваи бузурги сафарбаркунандагӣ мебошанд. Ҳарду асар ҳам соли 1944 дар шакли китоби алоҳида нашр гардида буд.

Устод Айнӣ талаботи замони ҷангро ба назар гирифта, ба гузаштаи бошарафи халқи тоҷик, ки қаҳрамониву диловарии фарзандони он саҳифаҳои дурахшони таърихи ҳаёти вайро зинат медиҳад, муроҷиат намуда, таъкид мекунад, ки муҳофизати Ватан вазифаи муқаддастарини ҳар як фарди бошуур аст. Муаллиф ба ин восита ҷанговаронро даъват менамояд, ки чун аҷдодони шуҷоатманди худ Ватани сотсиалистиро аз ҳуҷуми душмани ғаддор фашизм қаҳрамонона муҳофизат намоянд.

Дар мақолаи Садриддин Айнӣ «Таърихи мухтасари халқи тоҷик (тақриз ба ҳамин ном китоби Б. Ғафуров (1948) ва «Тақдири як халқ» (1951) афкору андешаҳои ин муаррихи ҳамадон оид ба таърихи гузаштаву муосири тоҷик ҷамъбаст гардидаанд. Мулоҳизаҳои дар ин ду мақола баён кардаи устод Айнӣ барои омӯзиши системанок ва ҳаматарафаи таърихи бостониву ғании тоҷикон дастурамали боэътимод буда, аҳамияти бузурги илмию амалиро доро мебошанд. Ҳаминро таъкид кардан бамаврид аст, ки китоби академик Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон» (1972), ки барҳақ шуҳрати ҷаҳонӣ дорад ва тасҳеҳу такмили «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» (1947) мебошад, пеш аз ҳама аз тақриз ва машваратҳои судбахшу ҳидояткунандаи устод Айнӣ баҳравар гаштааст.

Асарҳои таърихии устод Айнӣ аз ҷиҳати фарогирии маводи фаровон, таҳлили дақиқи далелу санадҳо, таҳқиқи объективонаи воқеҳои иҷтимоӣ доир ба таърихи халқи тоҷик манбаи муътабар ва эътимодноктарин ба ҳисоб мераванд. Дар баробари ин асарҳои бадеии нависанда «Марши ҳуррият», «Ҷаллодони Бухоро», «Ахгари инқилоб», «Одина», «Дохунда», «Ғуломон», «Ёдгор», «Ҷанги одаму об», «Зафарномаи халқҳои Тоҷикистон» (бо ҳаммуаллифии А. Ҳамдӣ, М. Раҳимӣ, М. Турсунзода, А. Деҳотӣ), «Ба Пушкин», «Марги судхӯр», «Ятим», «Канали Тӯқсанкориз», «Канали Марчидар», «Ҷашни таърихӣ», «Тирози ҷаҳон», «Оби ҳаёт», (бо ҳаммуаллифии устодон М. Турсунзода, А. Деҳотӣ ва Х. Юсуфӣ), «Қасидаи ҷанг ва зафар», «Ёддоштҳо» ва мактубҳои адиб қомуси зиндаи таърихи гузашта ва имрзӯаи тоҷикон мебошанд.

А Д А Б И Ё Т

1. М. Шукуров, Ҷ. Бақозода. Аввалин фикру мулоҳизаҳои устод Айнӣ дар бораи Бедил \\Ҷашномаи Айнӣ. Ҷузъи ///.-Душанбе:Дониш; 1966-с.151-158.
2. С. Айнӣ. Таърихи амирони Манғитияи Бухоро Куллиёт.- Душанбе: Ирфон, 1966.с.126.
3. Ҳамон ҷо.с.126-127.

НАУЧНОЕ И ИСТОРИЧЕСКОЕ НАСЛЕДИЕ С.АЙНИ

В данной статье автором подвергнуто рассмотрению и изучению научное и историческое наследие основоположника советской таджикской литературы, великого таджикского писателя Таджикистана Садриддина Айни.

Ключевые слова: Садриддин Айни, научное наследие, историческое наследие, советская таджикская литература,

THE SCIENTIFIC AND HISTORICAL HERITAGE S. AYNI

In this article, the author reviewed and the study of the scientific and historical heritage of the founder of the Soviet of Tajik literature, the great Tajik writer of Tajikistan Sadriddin Ayni.

Key words: Sadriddin Ayni, scientific legacy, historical legacy, the Soviet Tajik literature,

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Х.Солиев*** – соискатель Таджикского национального университета.

АШЪОРИ ОШИҚОНАИ СИЁСИЮ ИҶТИМОӢ ДАР ШЕЪРИ МУОСИРИ ТОҶИК

Марҷон Алиакбарзода
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ,
Донишгоҳи озоди исломии воҳиди Варомин – пешво, Эрон

Бояд гуфт, пас аз инқилоби бошлевикии Русия дар октябри соли 1917 Осиёи Миёна ба муддати беш аз 70 сол дар системаи ҳукумати Шӯравӣ қарор гирифт. Аз ин пас адабиёти шуравии тоҷик падид омад.

Коммунистон муътақид буданд, чун давлати Шӯравӣ ҳукумати коргару деҳқон аст, адабиёти он ҳам бояд тавассути ҳамин табақа офарида шавад. Аз ин рӯ, дар даҳаи аввали пирӯзии Инқилоби Октябр, коммунистҳо шиори «барои адабиёти коргарӣ»-ро матраҳ карданд, ки ҳадафи аслии он эҷоди осори коргарӣ тавассути коргарон барои худи онон буд. Адабиёти шуравии тоҷик бештар ҷанбаи рӯзномаӣ ва шиорӣ дошт. Шоирони барҷастаи ин адабиёт пайравӣ аз адабиёти классикии форсиро хоҳ аз назари қолиб ва хоҳ аз назари муҳтаво ва мазмун ё баён нописанд медонистанд ва онро ба дастури ҳизб, нишонае аз таҳаҷҷур ва бозмондаи феодализм медонистанд. Ҳамчунин, баҳра ҷустан аз фанҳои адабӣ, ки муҷиби хаёлангезии шеър мешуд, низ комилан манфур шуморида мешуд.

Ҳарчанд ин давра аз замони пайдоиши бархе озодиҳои сиёсӣ бо марги Сталин ва рӯйи кор омадани Хурушев (1953) камранг шуд, аммо ҳамчунон то ҳудуди солҳои 1980 ба таври ҷиддӣ идома ёфт, то ин ки бо истиқлоли Тоҷикистон дар соли 1991 бо ин ки аз миён рафт, аммо тафаккуроти сотсиалистиро ҳанӯз ҳам метавон дар шеъри тоҷик мушоҳида кард.

Мазмуни ишқ, ки аз дер боз илҳомбахши арсаҳои ҳунар, аз ҷумла адабиёт ва шеър буд, дар шеъри муосири тоҷик низ яке аз дарунмояҳои бисёр пуркорбурд ба шумор меравад. Мазмунҳои ошиқона низ ҳарчанд ба назар мерасанд, чун дар ҳитаи отифаҳои инсонӣ ҳастанд, ҳаргиз наметавонад таҳти таъсири сиёсат қарор гиранд. Аммо дар хусуси ашъори ошиқонаи давраи шуравии тоҷик чунин нигариш ба ҳеҷ ваҷҳ саҳеҳ намебошад, чаро ки маъшуқ, вижагиҳои ӯ ва ҳатто далелҳои барҷастагӣ ва дилдории ӯ дар ин давра комилан бо тафаккуроти сотсиалистӣ ҳамхонӣ дорад. Бисёре аз шеърҳои ошиқонаи дар ин давра комилан рангу бӯйи коммунистӣ доранд ва ба таври комил ишқҳои сотсиалистӣ мебошанд. Лозим ба зикр аст, ки дар мақолаи ҳозир солҳои дарҷшудаи таваллуд ва вафоти шоирон, ки дар канори номи ҳар зикр шуда, баргирифта аз: (Мусавии Гарморудӣ, 1388) мебошад.

Баҳсу баррасӣ. Ба манзури дарки беҳтари дидгоҳи адибон дар давраи адабиёти шуравии тоҷик, нисбат ба шеъри ошиқона, ибтидо ба дидгоҳи С. Айнӣ (1878-1954) нисбат ба мазмуни ошиқона, назар меафканем. Ӯ сардафтари адабиёти имрӯзаи тоҷик ба шумор меравад ва бояд гуфт, ки аксари нахустин шеърҳои ӯ ошиқона буд. Аммо пас аз гузашти чандин сол аз рӯзгори тасаллути Шӯравӣ худи ӯ, он ашъорро тамоман «Тақлиди бемуваффақиятонаи услуби феодалӣ» дониста буд. (С. Айнӣ, 1978, ҷ.8. с.328).

Инак аз ашъори ошиқонаи ӯ ё ба қавли худаш тақлиди услуби феодалӣ, намунае зикр мешавад:

Эй ҳама ширинлабон афтода дар банди шумо,
Яъне аз ҷон бандаи лаъли шакарханди шумо…

Гарчи рафт аз ёдатон ёди дили ғамгини мо,
Торе аз зулфи сиёҳу мушкоганди шумо
Кори сад хирвор мушку сад чаман сунбул кунад
Як дили мискин чӣ хоҳад кард бо чанди шумо
Кай бувад аз лутфатон бар орзуи дил расад
Айнии бечора, яъне орузуманди шумо.
(Ҳамон ҷо. с.8)

Комилан мушаххас аст, ки ин тақлиди услуби феодалӣ чизе нест ҷуз ҳамон суннатҳои адабиёти форсӣ. Дарвоқеъ ғазалест ба сабки ироқӣ, ки ошиқ дилбаста ва саргаштаву бечора аст ва маъшуқ ҷомеи тамомии хубиҳост, беэътино ба ӯ. Бояд гуфт, ки чунин мафҳумҳои ошиқонае аз диди адибони мактаби реализми сотсиалистӣ манфур аст. Чаро ки дар чунин ашъор барои баёни ормонҳо ва ҳадафҳои сотсиалистӣ ҷое вуҷуд надорад.

Аз ин пас ашъори ошиқонаи тоҷик низ рангу буйи сотсиалистӣ дорад. Аз шоироне, ки ошиқонаҳои бисёре бо вижагиҳои сотсиалистӣ суруда аст. Абулқосим Лоҳутӣ (1887/1266 ҳ.ш. дар Кирмоншоҳ – 1957/1336 ҳ.ш. дар Москва) аст. Шеъри зер ошиқонаест аз ӯ, ки ишқи сиёсию иҷтимоиро ба тасвир кашида:

Маро ёрест бераҳму ситамгар
Нигоҳаш оҳуву чашмаш ғазанфар…
Лабонаш мемакад хуни диламро
Ба он гармӣ, ки кӯдак шири модар…
Чу синфи феълиро фикр ленинизм,
Диламро карда ишқи ӯ мусаххар
Лабаш аз хуни ман сурх аст он сон-к
Зи ранҷи коргар рӯйи тавонгар
(Лоҳутӣ, 1320, с.30-31)

Дар шеъри фавқ, ки танҳо абёте аз он зикр шуд, гӯи тафаккури ошиқонаи шоир низ ба шиддат таҳти таъсири ормонҳои сотсиалистии ӯ қарор дорад. Чаро ки тасхир шудани дили худро тавассути ишқи дилдор ба тасхири синфи коргар тавассути афкори ленинизмӣ монанд кард. Ин ташбеҳи бисёр аҷиб ва ҳадди ақал дар ҳавзаи адабиёти ғаноӣ нодир аст. Дар байти баъд низ дақиқан ташбеҳе аз ҳамин даст вуҷуд дорад. Шоир бо таълили шоирона далели сурхии лабҳои ёрро хурдани хуни ӯ медонад ва албатта, ин сурхиро ташбеҳ мекунад ба чеҳраи тавонгаре, ки бар асари зулм ба коргар аз чеҳраи гулгун ва ботаровате бархурдор шудааст. (Яъне ба ибораи дигар, ёр гӯӣ тавонгарест, ки зулм мекунад ва шоир коргарест, ки ранҷ мекашад).

Равшан аст, ки ин таъбирот ба ҷои латофати ғаноӣ, бештар дорои рисолати сиёсию иҷтимоӣ аст ва албатта, бояд гуфт, ки шеъри Лоҳутӣ усулан дар хидмат ва ишоаи афкори сотсиалистӣ аст. Лоҳутӣ тавониста талфиқе аз ишқ ва ормонҳои сиёсию иҷтимоӣ биофаринад. Ӯ сароҳатан дар бархе ашъораш ба ин нукта ишора дорад ва худро пайрави ишқу озодӣ медонад:

Даруни мактаби гетӣ ба ғайр аз ишқу озодӣ,
Зи ҳар илмею баҳсе пок кардам дафтари худро.
(Давлатов, 1985, с.45)

Бахше аз ашъори ошиқонаи тоҷик, ки таҳти таъсири афкори сиёсӣ қарор дорад, бештар ба натиҷаҳои афкори сотсиалистӣ бар муносибатҳои иҷтимоӣ пардохта, бо таваҷҷуҳ ба ормонҳо ва арзишҳои тағйирёфтаи он даврон ба нақши иҷтимоии занон таваҷҷуҳ дорад. Аз ҷумла, баробарии ҳуқуқи зану мард, хизмат ба халқ тавассути занон, зани заҳматкашу коргар ва нақши ӯ дар санъат, бедории занон ва таваҷҷуҳи онон ба дониш ва саводомӯзӣ. Дар ҳақиқат шоири тоҷик бештар дар давраи адабиёти шуравии тоҷик ба ситоиши чунин зане мепардозад. Лоҳутӣ ин вижагиҳоро дар ғазале шарҳ дода:

… Баъд аз ин аз хату холат наҳаросад дили ман,
Зон-ки бо ҳусни ту корам набувад дигар бор
То кай аз зулфи ту занҷир ниҳам бар гардан,
То кай аз мижаи ту тир занам бар дили зор…
Ман ба зебоии бе илм харидор наям,
Ҳусн мафрӯш дигар бо ману кирдор биёр
Илм агар нест, зи ҳайвон чӣ бувад фарқи башар
Бӯй агар нест, тафовут чӣ кунад гул аз хор

Хирад омӯзу пайи тарбияти миллати хеш
Ҷидду ҷаҳде бинамо чун дигарон модарвор.
(Лоҳутӣ, 1946, с.214)

Лоҳутӣ дар шеъри худ барои аввалин бор дар шеъри тоҷик меъёрҳои зебоӣ ва ситоиши маъшуқро дарҳам шикаста, эълом медорад, ки пас аз ин зеборӯи суннатӣ мухотаби шоири тоҷик нахоҳад буд ва ин дар воқеъ инқилобе дар мувоҷеҳа бо ҷамоли ёр дар ҳавзаи шеъри муосири тоҷик ба шумор меравад, чаро ки тамоми арзишҳоро дигаргун кардааст.

Суҳайлӣ Ҷавҳаризода (1900-1969) дар шеъре, ки соли 1940 сурудааст, ёри худро бо ду вижагии муҳим, ки нишонгари дигаргунии арзишҳо ва мақоми зан дар ҷомеаи он рӯзи Тоҷикистон аст, ба тасвир мекашад: бениқоб ва беҳиҷоб будани ӯ ва ин ки барои таҳсили илм ва савод сӯйи мактаб меравад. Албатта, муҳимтар аз ҳамаи ин мавридҳо ӯ натанҳо зани модерн нест, ки кунҷи хонаро раҳо карда, бидуни пӯшиш илм меандӯзад, балки дар миёни ҷамъ суханронии оташин мекунад:

Маҳи ман ҳар саҳар то сӯйи мактаб бениқоб ояд
Зи партав, пойандози роҳи ӯ, офтоб ояд
Зи гул уроқи дафтар дар кафаш рақсида, рақсида
Ба рангу бӯйи дониш з-ин гулистон комёб ояд…
Ба вақти нутқи оташбори пурмазмунш пиндорӣ,
Ки ҳар ҳарфаш зи девони фасоҳат интихоб ояд.
(Суҳайлӣ Ҷавҳаризода, 1959, с.191)

Муҳиддини Аминзода (1906-1966) дар шеъри зер пас аз тавсифоти суннатӣ аз зан, ёреро ба тасвир мекашад, ки дар боғи ватан аз меҳнат озод шуда, дар дили ӯ меҳри Ленин ҷой дорад:

Субҳидам он гулбадан то даст бо гул мекунад,
Бар рухи гул аз арақ шарму ҳаё гул мекунад
Комёб аз меҳнату озод дар боғи ватан
Нахли умраш бо ҳама нашъу намо гул мекунад
Дар дили пуршавқи ӯ меҳри Ленинӣ ҷойгир
Дар баҳори равзааш сидқу сафо гул мекунад
(Раҳимзода, 1967, с.60-61)

Дарвоқеъ адабиёти ёдшуда, яке аз мисолҳои боризи ошиқонаҳои сиёсӣ дар шеъри имрӯзи тоҷик ба шумор меравад. Шоир аз маъшуқи озод аз ғам дар боғи ватан сухан меронад, ки на танҳо ба масоили сиёсӣ таваҷҷуҳ дорад, балки меҳри ленинӣ дар дили ӯ ҷойгир аст.

Дигар аз шоирони барҷастаи мактаби реализми сотсиалистӣ Мирзо Турсунзода (1911-1977) аст. Ӯ ашъори ошиқонаи бисёре бо мафҳумҳо ва таъбирҳои сотсиалистӣ дорад. Аз ҷумла, дар шеъре бо унвони «Ҳусн», ки дар соли1950 суруда, ёри модернеро тавсиф мекунад, ки дар миёни анҷуман озодона нутқи оташин мекунад ва зебоии зоҳирро бо зебоии фаъолиятҳои сиёсию иҷтимоии худ такмил мекунад:

Ёрро озод дидам дар миёни анҷуман
Анҷуман гул карда аз он моҳруи симтан
Он саҳи сарви равон бинмуд нутқи оташин
Мечакид аз лаъли рӯҳафзои ӯ дури адам
Ин ҳамон ҳуснест ҳусни дилрабову дилнишин
Ин ҳамон ҳуснест пухаткору пухтачин
(М. Турсунзода, ҷ.1. с.241)

Он гоҳ дарвоқеъ шоир таҳти таъсири дидгоҳҳои коммунистӣ чунин ҳуснеро, ки бо меҳнат ҳамроҳ шудааст, хонамонсӯзи душман мешуморад ва бартарин зебоиҳои ҷаҳон медонад:

Ҳусни бо меҳнат қарину хонамонсӯзи аду,
Нест ҳусне дар ҷаҳон болотару беҳтар аз ин.
(Ҳамон ҷо)

Тилло Пулодӣ (1912-1974) дар ғазале бо унвони «Ҳадя ба духатрони санъаткор» чунин гӯяд:

Дишаб аз хона бурун дилбари ҷонон гардид,
Бо дили шод сӯи хона шитобон гардид…
Ҷони ман бодо фидоят, ки дар ин даври накӯ,
Сарбаланд аз ҳунарат халқи Бадахшон гардид.

Фахр кун духтари хушбахти замон дар санъат,
Ному овози хушат шуҳрати даврон гардид.
(Раҳимзода, 1967, с.120)

Гӯё шоир беш аз он ки қасди ситоиши дилбари ҷононро дошта бошад, ба ормони сотсиалистӣ, яъне санъат ва кор таваҷҷуҳ дорад ва дилбари зуҳраҷабин танҳо баҳонаест барои баёни ормонҳои ҳизбии ӯ.

Ҳабиб Юсуфӣ (1916-1945) низ дар тавсифи вижагиҳои дилдор дар ғазале, ки абёте аз он хоҳад омад, тафохури ӯро ҳамчун гузашта бар зебогии рухсор ва лаъли шакарбори ӯ намедонад, балки ӯро ба ин далел аз тамоми дилбарон бартар мешуморад, ки ӯ бар ду унсур - дониш ва кори худ такя дорад. Масъалаи донишандӯзӣ дар он рӯзгор барои занон бисёр мавриди таваҷҷуҳ буд. Тамоми ин мавридҳо дар шеъри ӯ дида мешавад:

Ту на он дилбар ки фахр аз зеби рухсорат кунӣ
Ноз бар ширинии лаъли шакарборат кунӣ
Ту на аз он моҳруёне, ки пеши ошиқон
Такя бар зебоии рӯйи чу гулзорат кунӣ
Аз тамоми дилбарон болотарӣ аз он ки ту
Нозу фахру такяро бар донишу корат кунӣ…
(Ҳ. Юсуфӣ, 1939, с.15)

Тамоми шоироне, ки дар хусуси ошиқонаҳои сиёсӣ иҷтимоӣ намунаи шеърҳое аз онон баршумурдем, дар давраи тасаллути Шӯравӣ қарор доранд.

Ҳамин тариқа**,** бо баррарсӣ ва таҳлили намунаҳои ёдшуда метавон натиҷа гирифт, ки маъмулан маъшуқ дар шеъри муосири тоҷик дар давраи тасаллути шуравӣ, ки ба он адабиёти давраи шуравии тоҷик гӯянд, бавижа то марги Сталин ва оғози давраи Хурушев (1953) маъшуқест мавриди таъйиди ҳизби ҳоким. Яъне дар дилаш меҳри ленинӣ ҷой дорад, ба унсури санъат ва кор, ки аз усули сотсиализм ба шумор меравад, аҳамият медиҳад ва бидуни таваҷҷуҳ ба пӯшишҳои суннатӣ ва мазҳабӣ, дар ҷомеа ҳузури фаъоле дорад. Ба таври куллӣ зане, ки ағлаб аз сӯи шоири ин давра ситоиш мешавад, занест, ки арзишҳои дигаргуна дорад. Метавон гуфт, ки бисёре аз ошиқонаҳои ин давра танҳо барои баёни афкор ва андешаҳои сиёсӣ нест. Албатта, равшан аст, ки нигоранда бар он нест, ки тамоми ошиқонаҳои давраи мазкур дорои чунин вижагиҳоест, балки бахши умдае аз онҳо ин хусусиётро доро аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Мирзо Турсунзода. Гулчини ашъор. Бо кӯшиши Камол Айнӣ. –Москва: Идораи нашриёти Прогресс. 471с.
2. Давлатов. Сарояндаи инқилоб. –Душанбе: Нашриёти Ирфон. - 1985.- 52 с.
3. Боқӣ Раҳимзода. Як даста гул. Гулчине аз се шоири тоҷик. –Душанбе: Нашриёти Ирфон. -1967.- 159 с.
4. Пайрав Сулаймонӣ. Ашъори мунтахаб. Бо кӯшиши Лола. –Сталинобод: Нашриёти Давлатии Тоҷкистон. 1959.- 204 с.
5. Суҳайлӣ Ҷавҳаризода. Гулшани афрухта. –Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон. 1959.
6. Шердӯст Алиасғар. Чашмандози шеъри имрӯзи Тоҷикистон. –Теҳрон: Интишороти Алҳудо. 1376.-336,
7. С. Айнӣ. Куллиёти 9 ҷилд. –Душанбе: Нашриёти ирфон. 1978.
8. Абулқосим Лоҳутӣ. Девони осори мунтахаб. –Москва: Идораи нашриёти забонҳои хоричӣ. -1946.-461 с.
9. Абулқосим Лоҳутӣ. Девон. ба иҳтимоми Муҳаммадлуи Аббосӣ. –Табрез: Интишороти Нӯшин. -1320.- 200с.
10. Мусавии Гармурдӣ Алӣ. Аз соқа то садр. Шеъру зиндагии шоирони тоҷик дар қарни ХХ. –Теҳрон: Интишороти қадёнӣ. 816с. 1388.
11. Ҳабиб Юсуфӣ. Таронаи ватан. –Сталинобод: Нашриёти ирфон.- 1939.

ЛЮБОВНАЯ И СОЦИАЛЬНО-ПОЛИТИЧЕСКАЯ ЛИРИКА В СОВРЕМЕННОЙ ТАДЖИКСКОЙ ПОЭЗИИ

В данной статье автором подвергнуто рассмотрению и изучению любовная и социально-политическая лирика в современной таджикской поэзии.

Ключевые слова: современная таджикская поэзия, любовная лирика, социально-политическая лирика, ли социалистическая поэзия.

LOVE AND SOCIO-POLITICAL LYRICS IN THE MODERN TAJIK POETRY

In this article, the author reviewed and study of love and socio-political lyrics in the modern Tajik poetry.

Key words: modern Tajik poetry, love poems, socio-political lyrics, whether socialist poetry.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Марджон Алиакбарзода*** - соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. А. Рудаки АН РТ, член научно-преподавательского состава Свободного исламского университета города Варомин – Пешво, Иран.

КИНОЯҲОИ ТАЛМЕҲӢ ДАР «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ

Муҳаммадризо Фаллоҳтафтӣ
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Кинояҳои талмеҳӣ. Талмеҳ, яъне ба чизе нигаристан ё ба чизе ишора кардан аст. Дар илми бадеъ ба ироае гуфта мешавад, ки гӯянда дар зимни баён ба достон ё рӯйдод, ё ояе аз «Қуръон»-и карим ё ба ҳадисе ишора кунад. Кинояи талмеҳӣ киноясе аст, ки моро ба ёди яке аз ҳаводису рӯйдодҳои таърихӣ меандозад.

Шавоҳиде аз кинояҳои талмеҳӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ:

1. Парвардаи мурғ: киноя аз Зол:

Ки парвардат мурғи бедил шудаст,
Аз об мижа пой дар гил шудааст.
(Манучеҳр, байти 1186)

Ин киноя ишорае ба дар биёбон раҳо кардани Зол тавассути падараш Сом ва интиқол ёфтани ӯ ба лонаи Симурғ дар кӯҳи Албурз дорад.

2. Пӯшида, боҳаё:

Зи тухми каёни мо ду пӯшида пок,
Шуда ром бо ӯ зи бими ҳалок
(Заҳҳок, байти 332).

Вақте Заҳҳок Ҷамшедро бо арра ду ним кард, ба зурӣ духтаронаш Шаҳрноз ва Арнавозро ба ҳамсарӣ гирифт.

3. Ҷома пирӯза ранг кардан, яъне азодор будан:

Ҳама ҷомаҳо карда пирӯзаранг,
Ду чашм абри хунину рух бодаранг.
(Каюмарс, байти 62).

Ин мавзӯъ ба ҷараёни либоси сиёҳ пӯшидани инсонҳо дар ҳангоми реҳлат ва аз дунё рафтани азизонашон ишора дорад.

4. Ҷаҳон зери ангуштар доштан, яъне ҳукумат кардан.

Ту дорӣ ҷаҳон зери ангуштарӣ,
Даду мардуму мурғу деву парӣ.
(Заҳҳок, байти 62).

Ин байт ба ҳукумати Заҳҳок, Ҷамшед ва ҳазрати Сулаймон ишора дорад.

5. Ҷаҳонро аз вуҷуди касе бебим кардан, нобуд кардан:

Ба арш саросар ба ду ним кард,
Ҷаҳонро аз ӯ пок бебим кард.
(Ҷамшед, байти 183).

Ишорае ба ҷараёни ду ним шудани Ҷамшед тавассути Заҳҳок дорад.

6. Ҷома чок кардан: азодорӣ намудан:

Ҳама меҳтарон ҷома карданд чок,
Ба сар бар пароканд Гударз хок.

Ишора ба беқарориву изтироби афроди азодор ва пора кардани либосҳояшон дар ин ҳангомро дорад.

7. Чоҳ дар роҳ афкандан, яъне дигаронро дучори гирифторӣ ва балое сохтан, макру найранг кардан, нобуд кардани касе.

Касе к-ӯ ба роҳ барканад жарф гоҳ
Сазад гар канад хештанро нигоҳ.
(Бежан ва Манижа, байти 161).

Ишора ба мавзӯи ҳафри гоҳ тавассути Заҳҳок дар масири падари пираш ва суқути ӯ дар гоҳ ва нишастани Заҳҳоқ бар тахти падар ба пешниҳоди Иблис ва низ чашмзадӣ ба сукути Рустам дар гоҳи нобародараш Шағод дорад.

8. Хок бар сар бехтан, яъне ин ҳам азодорӣ кардан аст:

Ҳама хок бар сар ҳама бехтанд,
Зи мижгон ҳаме хуни дил рехтанд.
(Подшоҳии Искандар байти 1817).

Ин киноя чашмзаде ба рехтани хок ё коҳ бар сари озодорон дар ҳангоми сӯгвории аз даст додани яке аз наздикон ё азизони онҳоро дорад.

9. Хастарӯй, яъне нолону азодор будан:

Ҳама канда мӯю ҳама хастарӯй,
Ҳама шоҳҷӯю ҳама роҳҷӯй.
(Подшоҳии Яздигурд, байти 183).

Ин киноя ишора ба чанг задани Судоба ба сурати худ дар ҳангоми убур бо саломати Сиёвуш аз оташи Кайковус дорад.

10. Хун бар сари хома кардан, яъне суханони тунд гуфтану навиштан:

Ба Илёс қайсар яке нома кард,
Ту гуфтӣ, ки хун бар сари хома кард.

Дар қадим баъзе аз афрод аз ҷон гузашта, ба ҷойи истифода аз ҷавҳар нуки филизии қалами худро дар хуни худ зада, матолиби тундеро менавиштанд ва бад-ин васила бебокии худро аз навиштани он матлаб иброз мекарданд.

11. Духтардон, яъне Рудоба:

Парастандагонро шигифт омад он,
Ки бекорӣ омад зи духти рад он.

Ин байт талмеҳ ба ишқварзии Рудоба нисбат ба Золи сапедмӯй ва шигифтзада шудани навкарону дарбориёнро дорад.

12. Дари хона сиёҳ кардан, яъне азодор будан:

Дари хонаҳоро сияҳ кард пок,
Зи коху зи айвон баровард хок.
(Мулҳақот, Чилди дувум, байти 53).

Дар гузашта, вақте яке аз аъзои хонавода аз дунё мерафт, аҳли хона дар манзил худро бо ранг ё порча сияҳпӯш мекарданд ва ба ин тариқ аъзодор будани худро ба дигарон эълон медоштанд.

13. Даст бар сар задан, яъне изҳори аҷзу нотавонӣ карданд.

Хуршед зад даст бар сар зи шоҳ,
Ки шоҳо манам Коваи додхоҳ.
(Заҳҳок, байти 203).

Вақте охирин фарзанди Коваи оҳангар асири маъмурони Заҳҳок шуд, то мағзи сараш ба морон хӯронда шавад, Кова бо хашму ғазаб ба даргоҳи Заҳҳок рафт ва фарзандашро наҷот дод.

14. Дасти баста, яъне асир будан:

Бигиредаш аз пушти он пили маст,
Ба пеши ман ored баста ду даст.
(Подшоҳии Нӯшинравон, байти 2119).

Қудамо пас аз асир кардани душманон, дастони онҳоро маҳкам бо расан мебастанд ва бо худ мебурданд.

15. Дирафш ба Ҳамун бурдан, яъне омодаи набард шудан, ё эълони ҷанг кардан:

Бифармуд то кӯс берун баранд,
Дирафши бузурге ба ҳомун баранд.
(Подшоҳии Хусрави Парвиз, байти 87)

Дар қадим расм будааст, ки фармондеҳони сипоҳ дирафшу парчами ҷангро ба даст гирифта, барои даргирӣ дар биёбони васеъ ороиши ҷангӣ мегирифтанд.

16. Дашти гардон, яъне мулки Яман:

Нуҳуфта чу берун кашид аз ниҳон,
Ба се бахш кард Офаридун ҷаҳон.
Яке Руму Ховар, дигар Турку Чин
Сеюм дашти гардон ва Эронзамин.
(Фаридун, абёти 178-179)

Ишора ба тақсим шудани ҷаҳон байни се писари Фаридун дорад.

17. Дили санг озарранг шудан, яъне ҷарроқа ҷустан:

Фурӯге падид омад аз ҳар ду санг,
Дили санг гашт аз фурӯг озарранг.
(Ҳушанг, байти 15)

Замоне ки Ҳушанг ба шикор мерафт, дар роҳ мореро мушоҳида мекард ва чун қасди куштани он ҳайвон намуд, сангеро партоб кард. Он санг ба санги дигаре бархӯрд ва ҷарроқае тавлид намуд ва ҳамин иттифоқ муҷиби кашфи оташ тавассути Ҳушанг гардид.

18. Димор баровардан, яъне нобуд кардан:

Бар китфи Заҳҳоки ҷоду ду мор,
Бирасту баровард аз Эрон димор

Пас аз суқути Мардос, дар даргоҳи Заҳҳок, Иблис шонаҳои Заҳҳокро бӯсид ва дар он ҳангом бар китфҳои ӯ ду мор рӯйид.

19. Дум буридани асб, яъне азодор будан:

Заданд оташ андар сарои нишаст,
Ҳазор асбро дум буриданд пӯст.

Ишора ба он дорад, ки дар як замони хос, вақте ки як диловари маъруф ва ё яке аз наздикони маҳбуб аз дунё мерафт, ба нишонаи азодорӣ думи асбони худро бо шамшер қатъ мекарданд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абулфосиҳи Муҳсин. Таърихи забони форсӣ.- Қум: Интишороти Меҳр, 1373.- 350 с.
2. Абулфосиҳи Муҳсин. Панҷ гуфтор дар дастури таърихи забони форсӣ. Бобул. Нашри Машҳад.- 1367. - 95 с.
3. Муҳаммад Нудушан. Зиндагӣ ва марги паҳлавонон дар “Шоҳнома”. - Теҳрон, 1374.
4. Муҳаммад Нудушан. Эрон ва ҷаҳон аз нигоҳи “Шоҳнома”. – Теҳрон: Амири Кабир, 1381.
5. Муҳаммад Алии Нудушан. Достони достонҳо. –Теҳрон: Анҷумани осори миллӣ, 1351.
6. Умедсолор Маҳмуд. Ҷусторҳои шоҳномашиносӣ ва баҳси адабӣ.- Теҳрон, 1381.
7. Анҷӯи Шерозӣ, Саид Абулқосим Фирдавсӣ. Нома. –Теҳрон: Интишороти илмӣ, чопи саввум. 1369.
8. Анҷӯи Шерозӣ, Саид Абулқосим. Мардум ва “Шоҳнома”.- Теҳрон: Интишороти Амири Кабир, 1354.
9. Анҷӯи Шерозӣ, Саид Абулқосим. Мардум ва Фирдавсӣ. –Машҳад: Ҷашни ҳунар. - 1355.
10. Анварӣ Ҳасан. Фарҳанги киноёти сухан. –Теҳрон: Интишороти сухан.- 1383.
11. Анварӣ Ҳасан. Фарҳанги бузурги сухан. –Теҳрон: Интишороти сухан. С-1381.
12. Анварӣ Ҳасан. Ғамномаи Рустам ва Сӯҳроб. Бо Ҷаъфари Шиор. -Теҳрон, 1350.
13. Ботинӣ Муҳаммад Ризо. Нигоҳи тоза ба дастури забон. –Теҳрон: Интишороти огоҳ, 1356.
14. Ботинӣ Муҳаммад Ризо. Тавсифи сохтумони дастури забони форсӣ-Теҳрон: Амири Кабир, 1356.
15. Ботинӣ Муҳаммад Ризо. Масоили забоншиносии навин. Интишороти огоҳ, 1354.
16. Браун Эдуард. Таърихи адабиёти Эрон. –Теҳрон: Интишороти Амири Кабир.- 1358.

УКАЗАТЕЛЬНЫЕ ИНОСКАЗАНИЯ В «ШАХНАМЕ» ФИРДОУСИ

Иносказания – это использование слов не в их значении, применяющееся в литературе для воздействия на читателя. Иносказание употребляется с различными целями - аллегория отсылает к общекультурному контексту, символ показывает многогранную связь между предметами. В данной статье автором подвергнуты рассмотрению и изучению применение указательных иносказаний в произведении «Шахнаме» Фирдоуси.

Ключевые слова: иносказания, употребление иносказаний, указательные иносказания, «Шахнаме» Фирдоуси.

NDEX ALLEGORY IN THE «SHAHNAME» BY FIRDOUSI

Allegory - the use of words not in their meaning, used in the literature for the impact on the reader. The allegory is used with different purposes - an allegory refers to общекультурному context, the symbol shows the multi-faceted relationship between the objects. In this article, the author subjected to review and study of the application of the index of parables in his work «Shahname» by Firdousi.

Key words: allegory, the use of allegory, the index allegory, «Shahname» by Firdousi.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Мухаммадризо Фаллохатафти*** – соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ

ШАХСИЯТПАРДОЗӢ ДАР МАКТАБҲОИ АДАБӢ

Шаҳнози Ибодатӣ
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Баррасии Арасту Нахустин баррасӣ дар таҳлили шахсиятӣ достон аст. Арасту шахсиятҳои намоиширо касоне медонад, ки аз корҳои қаҳрамонони воқеӣ тақлид мекунанд, то боиси хаёлангезии тамошобин шаванд. Вай шахсиятҳоро ба хубу бад тақсим менамуд ва бар ин эътиқод аст, ки амалу рафтори ҳамаи одамон таҳти таъсири хусусиятҳои хубу бади онҳост. Бар ин асос, назди Арасту шахсиятпардозӣ аҳамиятнок ва амали муҳим буд. Пас аз Арасту баҳси шахсият то асрҳои миёна идома ёфт дар ин давра шахсҳоро бар асоси хислатҳои чаҳоргонаи тибби қадим - судо, сафро, балғам ва дам ҷудо карда барои ҳар як вижагиҳоеро бармешумурданд. Аммо таваҷҷуҳ ба шахсият ва шахсиятсозӣ ба таври ҷиддию дақиқ аз қарни XVII оғоз шуд ва баъдҳо бо пайдоиши роман, махсусан романҳои равоншинохтӣ ба авҷи худ расид.

Аввалин маҷмӯаи бузурги мутолиаи шахсиятҳо бо унвони «Шахсиятҳои покдоман ва гунаҳкор» (1608) ва асари хурди дигаре бо номи «Инсон дар моҳ»- «М.В» (1609) ба ҳисоб мераванд. Бузургтарин кори баъди инҳо китоби «Шахсиятҳо», асари Томас Орбери аст (1614). Унвони баъзе аз фаслҳои китоби Орбери аз табиати инҳо гирифта шудааст. «Дарборӣ», «Марди зирак», «Зани зебо ва Шодии ширфурӯш» ва ғайраҳо. Асари баъдӣ ба номи «Мақолаҳо ва шахсиятҳои зиндон ва зиндониён» дар соли 1617 аз ҷониби Ҷефри Маншал навишта шуд.

Дар ин давра ба таври куллӣ мавзӯи шахсиятшиносӣ тақрибан ба се шоха тақсим шуд:

1. Навъи фардӣ (тип): мисли марди худбин, одами беақл.
2. Навъи иҷтимоӣ: мисли атиқафурӯш, пешхидмат.
3. Макон ё саҳна ва афроди он: мисли саҳнаи театр ё майхона.

Бо зуҳури романи «Дон Кихот» (1605-1611) дар Аврупо даричаи тоза ба рӯйи нависандагон кушода шуд ва он нигаристан ба зиндагии воқеӣ ва инсони содае буд, ки дар ҷомеа ба фаровонӣ дида мешавад. Шахсиятҳои нав дигар наметавонистанд ва намебоист корҳои қаҳрамонона анҷом диҳанд. Дигар аз ҷину парӣ ва таъсири худоён ва нимахудоён хабаре набуд. Сохтмони достон печидатар шуд. Дар фосилаи замони кӯтоҳ сабкҳои гуногуне падидор шуд, ки ҳар кадом дорои вижагиҳои махсуси худ буданд ва ба яке аз бӯъдҳои шахсият мепардохтанд. Дар осори ин даврон шакли шахсият ба хубӣ ва ошкору ҳамсон бо халлоқиёташ васф мешуд, то дар зеҳни хонанда тасвири равшан дошта бошад.

Дар охирҳои қарни XVII мутолиаи «шахсият» беш аз пеш мавриди таваҷҷуҳи романнависон қарор гирифт ва таҳлили шахсияти афрод аз тариқи баррасии чеҳраи онҳо ривоҷ ёфт. Офариниши шахсият ва шеваҳои пардозиши он дар ҷараёни татаввури мактабҳои адабӣ-ба тадриҷ дигаргун шуда, ба суратҳои гуногуне ҷилва кардааст.

Мактаби класитсизм дар қарни XVII аз пайдоиши баъзе мактабҳои дигари адабӣ дар Франсия ба вуҷуд омад. Усули ин мактаб зери таъсири адабиёти қадими Юнону Рум буд. Аз назари пайравонаш манфиатҳои иҷтимоъ болотар аз манфиатҳои шахс қарор дошт. Нависандаи классик дар васфи шахсҳои достони худ хусусиятеро аз ӯ интихоб мекунад, ки ҷанбаи куллӣ дошта бошад ва аз интихоби вижагиҳои истисноии шахсиятӣ, ӯ парҳез мекунад. Зимни он мекӯшад забони гуфтори қаҳрамон бо мавқеияти иҷтимоиаш муносиб бошад. Романнависони классик бо эътиқод ба асли «эътидол» кӯшиш доштанд, ки шахсиятҳои осорашонро ёрӣ диҳанд, то «андеша»-ро бар отифа мусаллат карда, нерӯҳои отифӣ мисли ишқ, шӯру ҳаяҷон ва ғайраро дар роҳи муътадиле биандозанд, то аз эҳсосот ва фикрҳои хубу писандида бархурдор бошанд.

Дар осори классик отифа ва эҳсосот зербинои шахсиятро ташкил медод ва шахсиятҳо аз ин ё он ақида ба вуҷуд меомаданд. Ба ин тартиб, офаридани шахсиятҳо нодида гирифта мешуд, ба монанди осори Руму Юнони бостон, ки қаҳрамонон дар онҳо на афроди инсонӣ, балки мазҳари сарнавишти инсон буданд. Бинобар ин, нишон додани шахсиятҳои қарордодӣ авҷи тавони ҳунарии нависандагони ин мактаб будааст.

Таваҷҷуҳ ба чеҳрасозӣ ва шаклсозӣ то аввалҳои қарни XVIII аз шеваҳои роиҷи васфи шахсиятҳо будааст, аммо дар охирҳои ин қарн «инсон» ва шахсияти ӯ дар маркази таваҷҷуҳ қарор гирифта, ҷойгоҳи вижае пайдо мекунад. Дар охирҳои қарни XVIII романтизм дар Англия зуҳур мекунад ва дар аввалҳои қарни XIX (1830) ба

Франсия, Испания ва Россия мерасад ва то соли 1850 бар адабиёти Аврупо ҳоким мешавад. Нависандагони романтик дар таҳлили масъалаҳои замон аз пешниҳоди назари куллӣ ба иҷтимоъ парҳез карда, дар ҷустуҷӯи сабаби падидаҳо, шахсият ва хусусиятҳои ахлоқии афрод мебошанд. Дар назари онон роҳи расидан ба ормонҳои инсонӣ тақвияти ахлоқ ва омӯзиши бештари он мебошад. Шахсиятҳои достони романтикӣ ба гунаи иғроқомез ҳассосанд, ба ақидаҳои худ пофишорӣ мекунанд ва худшефтагию бартарӣ донистани иродаи худ монеъ аз пайванди халлоқи онон бо муҳит ва иҷтимоъ мешавад.

Виктор Гюго дар «Бенавоён», ки намунаи равшани достони романтизми иҷтимоӣ мебошад, ба марзҳои фаротар аз шахсиятпардозии маъмули романтикҳо даст меёбад ва бо вуҷуди он ки дар тасвирсозии баъзе шахсиятҳои романи худ, яксӯнигар буд, аммо дар кашфу намоиши зиддиятҳои рӯҳӣ маҳорат нишон додааст.

Шахсиятҳои осори романтикӣ, умуман инсонҳое ҳастанд, ки бо меъёрҳои амиқан фардӣ ва дарунӣ маҳак зада мешаванд.

Романтизм сабке буд, ки худ барои падид омадани воқеъгароӣ кӯмаки бисёр кард. Унсури нақдҳои иҷтимоӣ баъдҳо аз ин сабк ба мактаби реализм интиқол ёфт. Якҷониба будани қазоват дар бораи падидаҳо ва шахсиятҳо дар осори достонии воқеъгаро ҷуброн шуд. Нависандагон пас аз он ба шахсиятпардозӣ болу пари воқеъгароёна бахшиданд.

Мактаби реализм дар миёнаи қарни XIX, ҳудуди соли 1830 дар Фаронса падид омад. Аввалин бор вижагии мактаби воқеъгароӣ дар осори Балзак - романнависи фаронсавӣ худро нишон дод. Балзак ахлоқгароест, ки асрори виҷдонҳо ва низ созукору низоми ҷомеаро мешиносад ва зимнан аз ёд намебарад, ки ба таҳлили равоншиносона ва шарҳи ҷузъиёт бипардозад.

Нависандаи реализм, шахси ғайриоддиро дар заминаӣ ноошно ба саҳна намеоварад. Ӯ мухтор аст, то қаҳрамони достони худро аз миёни мардум дар робита бо ҳар заминаи иҷтимоӣ интихоб кунад, то зимни ба намоиш гузоштани умқи рӯҳ шахсиятро бо ҳифзи вобастагиаш ба иҷтимоъ, ба унвони намояндаи ҳамнавъони худ муаррифӣ намояд. Бинобар ин, фардияти қаҳрамон ва хусусиятҳои хоси ӯ барои аввалин бор дар байни пайравони ин мактаб шакл мегирад. Батадриҷ аз зуҳур ва дахолати нависанда дар тавсифи ҳолатҳову хислатҳои қаҳрамони достон коста ва бар истиқлоли амали ӯ афзуда мешавад, то худ битавонад бо гуфтору рафтораш худро ба хонанда бишиносонад.

Достоевский, Толстой ва Чехов агарчи ҳар як дар пардохти шахсҳои достонӣ аз сабки хоси худ бархурдор буданд, аммо ба унвони намояндагони реализм қаҳрамонҳои танҳо ва дур аз ҷомеаро ба ҳоли худ гузоштанд ва роҳро барои вуруди мардумони сода ва маҳрум ҳамвор намуданд. Бо тасвири зиндагӣ, зиддиятҳои рӯҳӣ ва маҳрумияти онон тафсире аз ҷомеаи замонаи худро нишон доданд. Воқеъгароии реалистҳо натанҳо ба аксбардории онон аз чеҳраҳои афроди иҷтимоӣ мунҷар нашуд, балки прототипҳои гуногуне дар ихтиёри онон қарор дод, то битавонанд бо омезиши хаёл ва воқеият ба офариниши чеҳраҳои зинда, гиро ва дастрас бирасанд. Бечорагон, содадилон ва кӯдакони романҳои Ч. Дикенис намунае аз чеҳраҳои муассир ва фаромӯшнашудании реалистҳо ҳастанд.

Нависандагони воқеъгаро аз он ҷо ки шахсиятро ҳисси «ирс, муҳит ва ирода» медонистанд, бар хилофи нависандагони романтик, ки шахсияти достонро зери тасарруфи худ медонистанд, иҷозат медоданд то қаҳрамонони романҳояшон бар асоси моҳият ва иродаи худ лаб ба сухан кушоянд, вориди амал шуда, аксуламал нишон диҳанд. Ҳамчунон ки Мопассан ва дигар нависандагони сабки реализм шахсиятҳои худро мавҷудоти паст ва исто тасаввурнамекарданд, балки ба нерӯҳои пинҳон дар вуҷуди онон аҳамияти бисёр медоданд ва мекӯшиданд дар ҷараёни ҳодисаҳои достон ин нерӯҳоро ба кор дароваранд. Аз ин рӯ, шахсияти реалистӣ дар поёни достон ҳамонест, ки дар оғоз будааст.

Толстой яке аз нависандагони дигари воқеъгарост, ки бо шинохти дунёи дарунии шахсиятҳои достонаш дарёфт, ки афрод ба сабаби вижагиҳои фардии худ, илова бар ангезаҳои ҳаммонанд, гоҳ аксуламалҳои ноҳамсон доранд. Ҳамин огоҳӣ ӯро ба офариниши бузургтарин романи дунё «Ҷангу Сулҳ» бо беш аз панҷсад персонаж раҳнамун сохт.

Флобер бар хилофи Виктор Гюго бар ин бовар будааст, ки романнавис бояд асари «ғайришахсият»-ӣ ба вуҷуд оварад: «...нависанда ҳамон тавр ки дар бораи масъалаҳои

гуногун фикрҳои парокандаеро, ки дорад аз мағзаш дур мекунад (бояд), аксуламалҳои эҳсосотӣ ва ҳаяҷонҳои шахсии худро ҳам аз худ дур кунад».

Бинобар ин, реализм ба унвони як мактаби ғанӣ ва ғайришахсӣ, романнависро аз ҳузури мусаллати худ бар достон ва фалсафабофӣ ва розгӯӣ барҳазар медорад ва озодии ӯро дар тайи ин сарнавишти шахсиятҳо ва қазоват дар бораи корҳои онҳо маҳдуд менамояд.

Ҳамроҳ бо рушд ва густариши сабки реализм, натурализм дар охирҳои қарни XIX ва аввалҳои қарни XX нахуст дар Фаронса ва баъд Америка дар арсаи адабиёт зуҳур кард. Бар асоси фалсафаи натурализм ҳамаи мавҷудот бахше аз табиат ҳастанд ва ба василаи сабабҳои моддӣ ва табиӣ қобили васф ҳастанд. Эмил Золя нависандаи Фаронсавӣ «инсон»-ро чун, ки бар ҳамаи мавҷудоти табиат ҳукмфармост муаррифи намудааст[1]. Ба эътиқоди вай «кори романнавис шарҳи зиндагӣ аст ва роман гунаи озмоиш бар рӯи зиндагӣ ҳисоб мешавад. Нависанда бояд намунаҳои воқеии инсонро дар романи худ дар мавқеъҳои озмоишгоҳӣ бигзорад ва онҳоро мавриди баррасӣ қарор диҳад. Аз ин ҷиҳат, нависанда низ монанди озмоишгар набояд ҳеҷ гуна эҳсосе нисбат ба мавзӯи мавриди озмоиши худ нишон диҳад ва кори ӯ ситоиш ё сарзаниши шахсиятҳои роман нест» [2].

Нависандаи натуралист унсури достонҳои худро тавре интихоб ва бо ҳам таркиб мекунад, ки шахсиятҳо маҳкум ба сарнавишт ва тақдир бошанд. Васфи фақр, бадбахтӣ ва зиндагии касоне, ки асири ғаризаҳои ҷисмонии худ ҳастанд, аз муҳимтарин дарунмояи романҳои натуралистӣ аст. Шахсиятҳои ин достонҳо низ бештар табақаи миёна ё коргарҳое ҳастанд, ки тарс, беморӣ, гуруснагӣ, ғаризаи ҷинсии зиёд ва муҳити саршор аз фасод ва хушунат, дар охир онҳоро ба марг кашондааст.

Суриализм ба маънии гароиш ба моварои воқеият ё воқеияти бартар дар солҳои 1920 дар заминаӣ адабиёт ва ҳунар ба вуҷуд омад. Андреӣ Бертуни Фаронсавӣ бунёдгузори ин мактаб аст. Суриализм таҳти таъсири ақидаҳои Зигмунд Фрейд, равоншиноси Австрия, ки ба замири нохудогоҳ ва таҷзия ва таҳлили он эътиқод дошт, шакл гирифт. Бо ин ҳама баъзе мунаққидон, фикрҳо ва ақидаҳои суриалистҳоро баргирифта аз ду мактаб романтизм ва намодгароӣ медонистанд. Пайравони мактаби романтизм ба бегонагии инсон аз ҷаҳони хориҷ муътақид буданд ва дунёи дарунии инсонро воқеитарин ҳақиқат медонистанд. Намодгароён низ ба озодии мутлақи андеша ва эҳсосот эътиқод доштанд. Ақидаҳои суриалистҳо таркиб ва маҳсули ифротии ин ду тарзи тафаккур аст.

Суриализм таҳти таъсири мактаби фалсафии Фридрих Нитсше низ буд. Вай арзиш барои шинохти мантиқӣ қоил набуд ва бартарин шакли идрокро шинохти шуҳудӣ медонист. Аз ин рӯ, пайравони ӯ дар романнависӣ коре бо мантиқи гуфтору аъмоли шахсиятҳо надоштанд ва ҳама чизро ба худи ҳису шуҳуд вогузор мекарданд. Аз он ҷо ки Нитсше худ барои адолати иҷтимоӣ ҷойгоҳе қоил набуд, нависандагони сурealист низ шахсиятҳои достони худро ҳатто дар золимонатарин муносибот водор ба таслим намуда, ҳаққе барои онон қоил нестанд. Ин гуна нигариш ба ин кори аҳамияти шахсиятпардозӣ дар сабки сурealистӣ боиси он, ки инсон дар назари онҳо мавҷуди беирода ва фармонбардор аст, дигар раҳнамуде барои комил кардани шахсияти ӯ дар фарозу нишеби достон боқӣ намемонад.

Яке аз зербиноҳои дигари фалсафии мактаби сурealизм, вуҷудгароӣ ё эгзистансиализм буд, ки бо файласуфоне чун Мартин Ҳайдеггер ва Керкегор мавҷудият ёфт. Ин мактаби фалсафӣ вуҷудро бар моҳият муқаддам медонист ва соҳибназарони он эътиқод доштанд, ки ҳастии ҳар кас рӯйдоди маҳдуд ба шахсе муқаддам аст. Бад-ин тартиб, мафҳуми шахсият дар назди пайравони ин мактаб ба мафҳуми зеҳни инсон аст. Сартер ин нигаришро дар асари худ ба номи чарханда мунъакис мекунад. Гурӯҳе аз инқилобиҳо хотироти худро аз ҳодисаҳое, ки дар макони номушаххас бар онҳо гузаштааст, бозгӯ мекунанд. Ҳар яке аз онҳо тафсири гуногун аз дигаре ироа медиҳад, чаро ки аз дидгоҳи зеҳнии худ, ки асолат бо он аст, воқеаҳоро васф мекунанд.

Аз он ҷо ки дар шаклгирии ҳар мактаби адабӣ, омилҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ бетаъсир набудааст. Сурealизм низ дар заминае аз дигаргунии иҷтимоӣ зуҳур кард ва раванди рушди худро тай намуд. Бисёре аз муҳаққиқон пайдоиши сурealизмро ба давронҳое нисбат медиҳанд, ки тайи онҳо инқилоб ба шикаст анҷомид ва инсонҳо ҳеҷ умеде ба беҳбуди вазъияти замона надоштанд ва хештанро асири ҷабри мубҳаме медонистанд, ки ба сабаби нашинохтани моҳияти он худро дар тағйири он дармонда ва нотавон медиданд. Сурealистҳо бар хилофи реалистҳо, ки осорашон биношуда бар таҳлили

иҷтимоӣ устувор буд, омилҳои муҳитро нодида гирифтанд ва бар он шуданд, ки ҷараёнҳои гусаста ва худҷӯши зеҳнии худро бидуни ҳифзи ҳеҷ гуна робитаи мантиқӣ ба рӯи қоғаз биёваранд. Бар ин асос, нависандагони ин сабк ба ҷойи он ки дарунмояҳои осори худро аз дунёи воқеӣ ва айнӣ бигиранд, онҳоро аз андешаҳои пинҳон ва замири нохудогоҳӣ худ истихроҷ мекунанд. Шахсиятҳо дар ин гуна осор гузаштае надоранд ва оянда барои онҳо саробе беш нест ва робитаҳои онҳо иҷтимоъ гусаста аст. Сурealистҳо аз ин асли муҳими равоншиносӣ ғофил буданд, ки инсон дар робитаи мувоҷеҳ бо дигар шахс ва муҳити иҷтимои худ шакл гирифта, таҳаввул меёбад. Ба ин далел, шахсиятҳои мондгор дар осори онҳо камтар ба чашм мехӯрад. Аммо аз он ҷо ки сурealизм унсурҳои мусбат ва созандаи худро ба нависандагоне интиқол додааст ба осори мустаҳкам ва қобили таваҷҷуҳ дар миёни пайравони ин мактаб бармехӯрем, аз ҷумла осори Габриэл Гарсиа Маркес.

Эгзистансиализм ба маънои асолати вуҷуд ё «муқаддами вуҷуд бар моҳият» дар нимаи аввали қарни бистум дар маҳфилҳои илмӣ матраҳ шуд. Мутафаккири эгзистансиалист бо камоли диққат ҷазру мадди зиндагии даруни худро «шахсият» бозсозӣ мекунад. Ӯ вазифа дорад, ки амри гирифтанро ба сурати ламсшуда дарк кунад ва ба ҳамин далел роман беҳтарин ҷойгоҳ ҷиҳати тасвири ин андеша аст.

Мактаби эгзистансиализм инсонро зоидаи рафтор ва муҳити худ медонад ва ӯро падидаи комилан озоду фармонраво бар сарнавишти худ мешуморад. Оғозгари ин мактаб дар Фаронса Жан-Пол Сартр ва Албер Камю буданд.

Сартр эътиқод дошт, ки «инсон бо надоштани ҳеҷ шинохту моҳияте по ба ин дунё мегузорад ва ин худи ӯуст, ки худро месозад». Камю низ масъалаи пучи зиндагии инсонҳоро дар ин ҷаҳон матраҳ кард. Ӯ нишон дод, ки «Сезев»-дар афсонаи Сезев-қаҳрамони устураи Юнон маҷбур ба сарфи тамоми нерӯи худ барои касби кори пуч аст. Сартр ва Камю бо умедҳои ахлоқӣ, мазҳабӣ ва боварҳои таърихӣ, робитаро қатъ карданд ва аз ворид кардани шахсҳои достонӣ худ ба ҳар гуна ҷамъияте худдорӣ карданд.

Модернизм ё навгароӣ истилоҳе аст, ки аз охири солҳои қарни нуздаҳум дар шеър, достон, намоишнома, мусиқӣ ва меъморӣ ва дигар ҳунарҳои Мағрибзамин падид омад. Пайдоиши модернизм дар адабиёт иртиботи мустақиме бо шаклгирии ҷомеаи муосир дорад. Бо зуҳури андешмандоне ҳамчун Дарвин ва Фрейд тафсири наве аз инсон ва ангезаҳои рафтораш пешкаш шуд. Вуқӯи ду ҷанги ҷаҳонии тарснок бинои хирад ва тамаддуни башариро ба ларза даровард. Маънои ахлоқи масеҳӣ аз қабили «бародарӣ» ва «меҳрварзӣ» ҳангоми ба хатар афтодани давлатҳо ба вожаҳои бемаъно дар рафтори одамҳо табдил мешаванд. Пешрафтҳои илмӣ ва технология на танҳо беҳбуде дар вазъияти зиндагии инсонҳо ба вуҷуд наёварад, балки бо сохти силоҳҳои тарсноки вайронгар озодӣ ва ҳуқуқи башарро поймол кард. Романнависи модерн, ки худ шоҳиди аз даст рафтани якпорчагӣ ва устувории фарҳанг дар чанд даҳаи аввали қарни ҳозир будааст, мекӯшад романе биёфаринад, ки миёни ҳифзи монандии худ бо зиндагии воқеӣ дунёи бехтари дигареро аз тариқи намодпардозӣ ба зеҳни хонанда мерасонад. Ҳосили кори ӯ ба се шакл дар романи модерн падид омад:

1. Шахсӣ шудани арзишҳо: Романнависи модерн бо рӯйгардонӣ аз арзишҳои умумии мавҷуд дар ҷомеа, танҳоии инсон ба мартабаи воқеи дар зиндагии модернро ба расмият мешиносад ва онро дар зиндагии шахсиятҳои романи худ бозофаринӣ мекунад.

2. Бозгашти таваҷҷуҳ аз лояи огоҳии зеҳн ба лояи нохудогоҳ: Таваҷҷӯҳ ба аҳамияти замири нохудогоҳ ба ҷое оварда расонд, ки нависандагони романи модерн танҳо ба сабти гуфтугӯи шахсият ва воқеиятҳои достон басанда накунанд, балки ба баррасии бозтоби онҳо дар зеҳни шахсиятҳо бипардозад ва акси онро дар эҳсосоти одамҳои достон ба тасвир кашанд.

3. Дур шудан аз намунаи суннатии роман: Романнависони модерн бо пайваст ба фанҳое аз қабили «зеҳни равон» ва «бозгашти ногаҳонӣ ба гузашта» ривоятро аз замони ҳол ба гузашта ва аз гузашта ба оянда тағйир медиҳанд. Монанди Марсел Пруст дар «Ҷустуҷӯӣ замони аз дастрафта» Ҷеймс Ҷойс дар «Улисс» ё бо бакоргирии ҳамин фунун дар зеҳни шахсияти аслии романҳояшон тасвири чандбӯъдӣ ва пӯё аз вай пешкаш мекунанд, ки то пеш аз зуҳури модернизм собиқа надоштааст. Ин таҷрибаҳо ба кор омаданд, то «Романи нав» нависон роҳи наве ёбанд.

Калимаи «Романи нав» дар маҳфилҳои адабии Фаронса аз соли 1939 бо интишори китоби «Тропизм» навиштаи **Натали Саррот** шакли наве ба адабиёти Фаронса дод. Дар ин асар ба омилҳои равоншинохтӣ ва нақши он дар шаклгирии ҳаракатҳо, калом ва

эҳсосоти берунӣ таваҷҷуҳ шудааст. **Романи нав** дар соли 1950 дар чорчӯби муназзам падидор шуд. Поягузори аслии **Романи нав Ален Роб-Грийе** бар ин бовар аст, ки сарнавишти дунёи имрӯз дар дасти як ё чанд шахе аст, бинобар ин шахсиятпардозӣ ба сабки романҳои қадимӣ маъно надорад.

Луисин Гилдман (1912-1970) - мунаққиди руминиятабори фаронсавӣ-тағйири ҷойгоҳи шахсият дар роман то асри **Ален Роб-Грийеро** аз дидгоҳи ҷомеашиносӣ дар се марҳала мавриди баррасӣ қарор медиҳад:

1) сармоядории озод (либерал), ки бо рушди фардгароӣ вобаста ба асли озодгузорӣ ва ибтикор ва иқдоми шахсӣ мушаххас мешавад.

2) пайдоиши сармоядории маҳдуде (дар охири садаи XIX ва оғози садаи XX), ки «ҳазфи ҳар гуна аҳамияти асосии зиндагии шахсӣ дар маҷмӯаи зиндагии иҷтимоӣ ва дар даруни сохторҳои иқтисодӣ»-ро дар пай дорад. Ин марҳила бо ҳазфи **қаҳрамони масъаладор** дар романҳои Ҷевис, Музил, Пруст, Кофко, Молру ва Сарват мушаххас мешавад;

3) пайдоиши сармоядории маҳдуди давлатӣ, ки ба ҳазфи ҳар гуна ибтикори шахсӣ ё гурӯҳӣ оварда мерасонад, ин марҳала давраи нобудии қаҳрамон дар **Романи нав** аст.

Дар **Романи нав** қаҳрамони достонҳои суннатӣ ҷойи худро ба шахсиятҳои монандгуна медиҳанд. Нависандаи **Романи нав** дӯст дорад шахсиятҳоеро тасвир кунад, ки дур аз ҷомеа зиндагии пучеро сипарӣ мекунанд. Ин шахсиятҳо таъми шикастро мечашанд ва қодир нестанд зиндагии хонаводагии муваффақеро ташкил диҳанд. Масалан, **Саррот** дар романи «Планетарии модарони фармонраво» хислати бераҳм доштан, ки бадбинии атрофиёни худро бармеангезанд, маҳкум мекунад. Нависандаи **Романи нав** шахсиятҳои достонашро дар мавқеияти аз худбегонагӣ қарор медиҳад, шахсиятҳое, ки наметавонанд дарк кунанд ва дарк шаванд.

Саррот шахсиятро он гуна, ки дар осори қарни нуздаҳум матраҳ шуда буд, маҳкум мекунад, чаро ки эътиқод дорад, ки дар ин осор шахсиятҳо, ном, хонавода, хусусиёт, моҷаро, ҳуввият ва як зиндагии комилан таърифшуда доранд. Ин сурати сода ва итминонбахш аз инсон аст, ки барои замони пеш аз худ қабул нест, чун тавони печидагиҳои воқеии инсонро матраҳ кардан надорад. Вай романро имконе медонад барои пайдо кардани ҳувияти одамӣ. Вай бо кӯмаки илми равоншиносӣ дар пайи он аст, то аз бахши торику хуфта ва беназми рӯҳ парда бардорад. Албатта, ба хотири ин гуна дидгоҳе мавриди сарзаниши **Роб-Грийе** қарор мегирад. Чаро ки вай таваҷҷуҳашро ба робитаҳои танготанг миёни ашё, мавқеиятҳо ва ҳолатҳои гуногунро мавриди таваҷҷуҳ қарор медод.

Аз дидгоҳи нависандагони **Романи нав** «шахсиятзудоӣ гунаи берун задан аз таърих аст, то шахс пеш аз таърих зода шавад».

Романи нав дар сайри таҳаввули худ ба романи пасмодернистӣ (романи пасонавгаро) мепайвандад. Истилоҳи пасомодернизм аз ҳудуди даҳаи 1950 тавассути ҷамъе аз мунаққидон, аз ҷумла Р.П. Балкмур ба кор гирифта шуд, вале аз даҳаи 1980 ба баъд корбурди васее дошт. Бархе пасмодернизмро аксуламале бар зидди модернизм медонанд. Инҳо эътиқод доранд, ки дар ин ҷунбиш навъи рағбат ба гузашта вуҷуд дорад. Ривоҷи достонҳои тарснок ҷилвае аз ин гароиш аст. Аз ин дидгоҳ романҳои «Номи гули сурх» асари Умберто Эко ва «Билли Батгейт» асари **Эдгар Лоуренс Доктороу** намунаҳое аз осори пасомодернизм шумурда мешаванд.

Романи пасмодернистӣ ҳамчун **романи модерн** бар бегонагии инсони муосир аз худ, шахсгароии зидди иҷтимоӣ ва асолати нафс таъкид дорад. Шахсияти аслии **романи посмодерн** мисли шахсияти аслии романҳои модерн «зидди қаҳрамон»-ӣ аст, ки бар акси романҳои реалистии қарни XIX ба нотавоноиҳои худ оварда мерасонад ва дар гурез аз воқеаҳои душвори зиндагӣ ба дунёи ботинии худ паноҳ мебарад. Романи пасмодернистӣ низ дар мазмун сохтори шахсиятпардозии суннатҳои пешомодернро рад мекунад. Аммо ба равиши бунёнитар ва баръакси романҳои модерн-шакли сомондор ва устувор бар намодпардозӣ надоранд.

Яке аз хосиятҳои шахсиятпардозӣ дар ин сабк зиддият аст. Ба тавре ки гоҳе ҳар бахш зидди бахши дигар мегардад ва ҳар ҷумла зидди ҷумлаи дигар. Дар поёни достони «worm» аз Самуил Беркли Беккет *(Samuel Beckett)* ин тавр мехонем: «Бояд идома диҳӣ, наметавонам идома диҳам». Дигар аз ошкори зиддият мавҷуди ду ҷинсиятӣ аст. Мавҷудоти дуҷинсӣ ва дусӯгаро, ки аз назари пизишкӣ ба инҳо eunvch мегӯянд мисли шахсияти Майра-Майрон дар романҳои **Гор Видал,** ки ҷинсиятӣ тағйиркунанда дорад,

ё шахсияти аслии роман дар интиқоли асари Бренчит Бруфи, ки дар фурудгоҳи байналмилалӣ дучори фаромушӣ мешавад ва ҷинсияти худро ба ёд намеоварад.

Дигар ин шахсиятҳо ба далели надоштани ҳар гуна назми аввалия таҷрибаҳои зиндагиро ба равиши риёзивор тартиб медиҳанд. Дар достони «Марфӣ» асари Ҷойс ин таҷрибаҳо аз гуфтаи вай унвон мешавад: «Ҳар гоҳ дарде таскин меёбад, дарди дигари ногуворе рӯ мезанад».

Унсурҳои роман дар гузашти замон дар ҳоли дигаргунӣ аст ва хонандаи роман ояндае интизор дорад, ки «роман» беш аз пеш «ҳуввият», хоҳишу ормони ӯро ба намоиш гузорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Олват Мирям. Роман ба ривояти ромннависон. Тарҷумаи Алӣ Муҳаммад Ҳақшинос. -Теҳрон: Интишороти Марказ. Чопи аввал, 1368 ҳ.ш.
2. Олун У.С. Равоншиносии шахсият (назарияҳо ва фарояндҳо). Тарҷумаи Сиёвуши Ҷамолфар. -Теҳрон: Интишороти Равон. -1375 ҳ.ш.
3. Аҳмадӣ Бобак. Сохтор ва шарҳи матн. -Теҳрон: Нашри Марказ, ҷ.2, чопи дуюм, с. 1372 ҳ.ш.
4. Носири Эронӣ. Достон, таърифҳо, абзорҳо ва унсурҳо. -Теҳрон: Конуни парвариши фикрии кӯдакон ва навҷавонон. Чопи аввал, 1364 ҳ.ш.
5. Леонард Байшоб. Дарсҳое дар бораи достоннависӣ. Тарҷумаи Муҳсини Сулаймонӣ. Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ. Чопи аввал, 1374 ҳ,ш.
6. Лоренс Прайн. Роман чист? Тарҷумаи Муҳсини Сулаймонӣ. -Теҳрон: Нашри Наӣ. Чопи сеюм, с. 1374 ҳ.ш.
7. Сириус Парҳом. Реализм ва зидди реализм дар адабиёт. -Теҳрон.: Интишороти Нил. Чопи панҷум, 1353 ҳ.ш.
8. Ширинduхт Дақиқиён. Пайдоиши шахсият дар адабиёти достонӣ. -Теҳрон: Нашри Нависанда. Чопи аввал, 1371 ҳ.ш.
9. Ризо Саидҳусейнӣ. Мактабҳои адабӣ. -Теҳрон: Нашри Нигоҳ. Чопи дуюм, 1371 ҳ.ш.
10. Ҷамоли Мирсодиқӣ. Унсурҳои достон. -Теҳрон: Нашри Сухан. Чопи сеюм, 1376 ҳ.ш.
11. Ҳамон ҷо с. 47.
12. Ҷамоли Мирсодиқӣ. Адабиёти достонӣ. -Теҳрон: Муассисаи фарҳангии моҳвар. Чопи дуюм, 1377 ҳ.ш.
13. Эдвин Мюр Мюр. Сохти роман. Тарҷумаи Фаридуни Бадраӣ.-Теҳрон: Нашри Илмию фарҳангӣ. Чопи аввал, 1373 ҳ.ш.

КУЛЬТ ЛИЧНОСТИ В ЛИТЕРАТУРНЫХ ШКОЛАХ

В данной статье автором подвергнута рассмотрению и изучению тема культа личности и его применение в литературе, а также ее влияние на литературные школы. Проблема человека, его личности всегда была в центре внимания разных литературных жанров. Времена культа личности прямо и косвенно через свои последствия влияют на сегодняшнюю жизнь. Тема эта никогда не уйдет со страниц мировой литературы.

Ключевые слова: культ личности, литература, литературные школы, проблема человека, личность, литературные жанры.

THE CULT OF PERSONALITY IN LITERARY SCHOOLS

In this article, the author subjected to review and study of the subject of the cult of personality and its application in the literature, as well as its influence on the literary school. The problem человека, his personality has always been in the center of attention of different literary genres. The times of the cult of personality directly and indirectly через its consequences affect the today's life. This issue will never go away from the pages of world literature.

Key words: personality cult, literature, literary school, the problem of human personality, literary genres.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Шахнози Ибодати*** – соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. А. Рудаки АН РТ

МАҲОРАТИ ЭҶОДИИ АЛӢ ХУШИ НАЙИСТОНӢ

Маҳмуд Шодиев
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Алӣ Хуш ба сифати ҷавонтарин нависандаи солҳои сивум дар офариниши образ, характер, тасвири қаҳрамон, манзара ва портретсозӣ муҳимтарин масоили рӯзгори

худро ба миён гузошта, онҳоро бо маҳорат ба тадқиқи бадеӣ гирифтааст. Дар образофарӣ, кушодани характер, истифода аз пейзаж ва забони шевои тоҷикӣ дар эҷодиёти Алӣ Хуш таъсири С. Айнӣ аз ҳама зиёд дида мешавад. Ҳамзамон таъсири сабки рӯзноманигории ӯ дар ҷодаи нависандагиаш зиёд ба назар мерасад. Ҳарчанд дар очерку ҳикояҳо сужаи мураккаб офарида намешавад ва таҳлили ҳамаҷонибаи қаҳрамон имкон надорад, аммо дар аксари навиштаҳояш нависанда кӯшидааст то образҳо муассир ва характери қаҳрамонҳо кушода шавад. «Шӯриши Усмон», «Шестопалов», «Ман аз ҳеҷ ҳар чизам» ва дигар осораш Алӣ Хуш дар офаридани образҳои барҷаста ва характерҳои қавӣ муваффақ шуда ва ин ҳама аз истеъдоди воло ва ҳамқадами ҳаёт будани ӯ дарак медиҳад.

Як муваффақияти ӯ ин аст, ки дар баробари пайдо кардани мавзӯъ аз уҳдаи ҳалли он баромадааст. Масалан, дар очерки таърихии «Шӯриши Усмон», ҳарчанд қиёми мардум дар муқобили амалдорони манғит тасвир мешавад, аммо дар меҳвари назари нависанда худшиносӣ, ёддоварӣ ва ифтихор аз гузаштаи таърихии миллат аст, ки ғуломиро намепазирад. Образи Усмон типи ҷавонмардони бонангу номуси кӯҳистон аст ва шояд қимати бадеии ин очерки таърихӣ аз баъзе повесту романҳо кам набошад. Образҳои офаридаи нависанда қариб ҳама воқеӣ ва аз ҳаёт гирифта шудаанд. Қариб дар ҳама очерку ҳикояҳои Алӣ Хуш персонаж ва ё ширкатдорони асар бо номҳои худашон, яъне бе прототип омадаанд ва ҳамсолони ӯ ин персонажҳоро аз наздик мешинохтанд. Масалан, очерки «Ман аз ҳеҷ ҳар чизам» асарест, ки дар мисоли сарнавишти як нафар кишоварз ва нависанда мехоҳад бигӯяд, ки ҳаёт мубориза аст ва танҳо дӯст доштани меҳнату ҷаҳду талош метавонад инсонро комёб бисозад. Баръакси ин дар образи Смирин аз ҳикояи «Дар палатаи рақами 2» нависанда характери инсонеро мекушояд, ки пастфитратӣ одамиро ба чӣ пастиҳое намерасонад. Ҳарчанд дар ҳикоя характер ҳамаҷониба бо ҷузъиёташ тасвир намешавад, аммо дарунмояи «Дар палатаи рақами 2» тарғиби ахлоқи ҳамида аст ва хонанда метавонад ба чигунагии характери дигар персонажҳо ошно бишавад.

Дар «Фатҳ ҳамеша аз мост» ва «Як қаҳрамони аср» нависанда симои тоҷикписаронеро офаридааст, ки дар бунёди сохти нав дар солҳои сивум ҷонбозиҳо кардаанд. Образи занону модарон низ дар очерку ҳикояҳои нависанда ба назар мерасад, ки мо меҳрубонӣ ва хоксории ҳамшираҳои шафқат аз ҳикояи «Дар палатаи рақами 2», ганҷофаринии Гулдаста дар очерки «Гулдаста», ҷасорату нотарсии Азизмоҳ дар очерки «Шуҷои номдор», вале баръакси Азизмоҳ фаъол набудани модари сиёҳбахт дар «Қиссаи зани девона»-ро мебинем.

Дар осори Алӣ Хуш хонанда ба одамоне вомехурад, ки ҷаҳонбинӣ, муносибаташон ба зиндагӣ, ба ҷомеа ва рафтору гуфторашон аз ҳам тафовут дорад. Чунончи, хислати асосии образи Яъқуб Дурман аз достони кӯтоҳи «Ман аз ҳеҷ ҳар чизам» беинсофию бераҳмист. Ин хислатҳо дар якҷоягӣ ӯро ба мардумфиребию маккорӣ овардааст. Дар образи Юсупов аз «Марди майдони Ғарм Юсупов» Алӣ Хуш характери мансабдореро ба тасвир мегирад, ки ҳадафи асосӣ фиреб ва суиистифода аз мансаб аст. Ин ҷо типи он мансабдорони солҳои сиюм аст, ки дар оқибати кор фошу шарманда шудаанд, ки Юсупов яке аз онҳост. Аммо образи Карим дар «Марди майдони Ғарм Юсупов» характери мардеро нишон медиҳад, ки эътироз дорад ва барои дифоъ аз худ мехоҳад ҳақ ба ҳақдор бирасад.

Ҳарчанд дар осори Алӣ Хуш дар мисоли очерку ҳикояҳои ӯ бино ба маҳдудияти тасвир портрети мукаммал офарида нашавад ҳам, аммо овардани ҷузъе аз симои персонаж бисёр чизро барои хонанда мекушояд. Алӣ Хуш устоди тасвири портрет аст. Дар бисёр навиштаҳояш ӯ портрети қаҳрамонашро бо як ҷумла нишон медиҳад. Ба гунаи мисол портрети Гулдаста аз очерки Гулдаста: «Зани миёнақади либосҳои хуб пӯшидагӣ, дар пояш мӯза, рӯи гандумгуни фарбеҳ дорад».

Дар очерку ҳикояҳои Алӣ Хуш пейзаж мақоми вижа дорад. Дар ҳамин порчаҳои насрии вай, ки табиати кӯҳистон, тавъам ба ҳаводиси ин ё он ҳикояву очеркаш офарида шуда, хеле мӯъҷаз ва хотирмон баромадаанд. Ба назари мо пейзажҳои нависанда насри тасвириеро мемонанд, ки аз ҳар ҷиҳат шоирона офарида шудаанд. Бигирем ин порчаро: «Шаб аз тарафи наҳрчаи поёни Ҷиргатол шаббодаи фораме вазида барг ва навдаҳои сабзу хуррами дарахтонро оҳиста-оҳиста меҷунбонид. Дар осмони танг ва кабуди болои кӯҳистони Ҷиргатол ситораҳо медурахшиданд». Дар ин тасвирҳо ӯ мисли як рассом аст, ки хондани он ҳаловате дорад. Масалан, ба ин навишта бингарем, ки чӣ қадар зебост: «Офтоб низ ғуруб карда, дар тарафи ғарбии осмон моҳ чун карчи харбуза

ва ё дос ба назар намоён шудан мегирифт. Шом ба шаб мубаддал мегашт». Вожаи «Офтоб», ки дар адабиёти ҷаҳонӣ рамзи нуру зиё ва рӯшною рӯшаноӣ мебошад ва ҳастии олам ҳам бе вуҷуди нурпошии он тасаввур ношуданист ва Абулмаонӣ дар васфи офтоб чӣ зебо гуфтааст:

Офтоб аст, нурпоши ҳама,
Гармию ҳастиаш маоши ҳама.

Мувофиқи мушоҳидаҳои мо, ҳамин офтоб дар осори Алӣ Хуш мақоми муҳим дорад, ки қариб дар ҳама ҳикояву очеркҳояш нависанда вобаста ба вақту замон ва дар мавриди зарурат ҳаракати офтобро ба тасвир мекашад. Масалан, дар «Ҷавонони далер» Алӣ Хуш ҳафт бор баромадан, ҳаракат ва ғуруби офтобро чун як мусаввир ба қалам овардааст, ки ҳеҷ кадоми онҳо такрори якдигар набудаанд. Дар тасвири ҳолати офтоб, аз як сӯ хонанда, агар вақту замони амалиётро фаҳмад, аз сӯи дигар, ба макони барҳӯрди ҳодисаҳо, табиати атроф ва зебоии кӯҳистон ошно мешавад, ки ин ҳама ҷиҳати ба бадеият ва кушодани ҳолати равонии қаҳрамонҳо кӯмак мекунад.

Аз ҳама беш манзараҳои зебои кӯҳистон дар очерки «Шестопалов» истифода шудааст. Алӣ Хуш дар сӣ ҷои ин очерк аз табиат - пейзаж истифода кардааст. Баъзан вобаста ба ҳолати хуби қаҳрамонҳояш табиат хандон ва дар лаҳазоти ноумедӣ олами атроф гӯё ҳамнаво, ҳамдард ва шарики қисмати талхи онҳо гаштааст. Ба гунаи мисол, замоне, ки Сергей аз дард азоб мекашад: «Шаб аз тарафи наҳрчаи поёни Ҷиргатол шаббодаи фораме вазида барг ва навдаҳои сабзу хуррами дарахтонро оҳиста-оҳиста меҷунбонид. Дар осмони танг ва кабуди болои кӯҳистони Ҷиргатол ситораҳо медурахшиданд.Вале заминро сиёҳӣ пахш мекард».

С.Табаров дуруст таъкид месозад, ки «Алӣ Хуш дар очерку ҳикояҳояш задухурд ва низоъҳои ҳаётиро ба мисли баъзе аз нависандагон бо тахаюлоти бадеӣ обуранг намедиҳад… балки ҳаққонӣ, реалӣ, ба таври конкретӣ бе каму кост, аммо бо равия ва тарзи баёни романтикӣ инъикос менамояд». Ба назари мо ин гуногунрангиҳо дар усули нигориш аз маҳорати эҷодии муаллиф дарак медиҳад. Масалан, дар очерки «Шӯриши Усмон» муаллиф ба хонандаи худ таъкид мекунад, ки худшинос бояд буд: «Омӯхтан ва донистани таърих барои мо на танҳо мароқнок аст, балки манфиатнок ва зарур аст». Аммо дар «Ман аз ҳеҷ ҳар чизам» риштаи сухан дар дасти қаҳрамони очерк аст: «Зиёда аз 17 соли аҳди ҷавонии худро ман дар зери бори гарони алам ва ғусса гузаронидам». Ё ки дар «Шарафи кор», «Қиссаи зани девона» рӯбоиёти мардумӣ сароғоз ва ё худ чун эпиграф хидмат кардаанд.

Саноеи бадеӣ дар навиштаҳои Алӣ Хуш зиёд вомехӯрад ва нависанда тавассути санъатҳои бадеӣ дар наср тасвирҳои шоирона месозад. Санъати ташбеҳ: Алӣ Хуш дар монанд кардан таносуби суханро риоя месозад, ки бо ҳам хеле муносиб уфтодаанд: «Душман бо вуҷуди он ки мемурад, чун хирси тирхӯрда ҳуҷум мекунад». Санъати ташхис: дар мисоли моҳтоб ғамшарики қисмати талхи милитсионер гаштааст: «Моҳтоб аз рӯйи тараҳҳум чеҳраи мунаввари худро ба ӯ гардонида маҳзун-маҳзун менигарист…». Санъати муболиға: барои ҷалби бештари хонанда ба ҳодиса ва ҳамзамон болоравии бадеияти асар кӯмак кардааст: «Дар ин ҷо аз дами шамшерҳо хун мерехт».

Истифода аз монологу диалог дар осори Алӣ Хушро метавон аз дигар усулу маҳорати эҷодиёти ӯ арзёбӣ кард. Ин монологҳо аз ҳам тафовут доранд. Монологҳои ботинии офаридаи нависанда зебо ва табиӣ баромадаанд, ки аз ҳама ҷиҳат хонанда ба ҷаҳони ботинии қаҳрамон огоҳ мешавад. Масалан, марги Сергей хаёлоти хонандаро ба фикр кардан водор сохта, худро ғамшарики қаҳрамон медонад, ба қавле ба ӯ ҳамдард мешавад. «Не, эҳтимол, ин Марияи ман бошад, вай омадааст, ки ман ӯро бубинам ва ба ӯ ноз кунам!». (126,63).

Маҳорати эҷодии Алӣ Хуш дар устоди забон будани ӯ низ ба назар мерасад. Баъзе ҷумлаҳои Алӣ Хуш кӯтоҳ, вале зебо гуфта шудаанд: «Нимпораи моҳтоб фурӯ рафт, вале то хол субҳ надамидааст». Ё ки: «Парриши ситораи саҳарӣ буд», Ё ин ки: «Чашмони нимкушодаи дардманди Сергей аз байни мижгонҳои дарозаш медурахшиданд».

Алӣ Хуш меъёрҳои забони адабиро риоя намуда, аз истифодаи ҳар гуна калимаҳои нолозими лаҳҷавӣ худдорӣ кардааст. Алӣ Хуш, ки дар роҳи камолоти эҷодӣ карор дошт, аз зиндагӣ, аз осори устодони адабиёти тоҷик, адабиёти рус ва ғарб чун як ташнаи илму адабиёт таҷриба меандухт ва зиёд мушоҳида мешавад, ки ба дунболи ҳар як асари тозаэҷодаш дар худ такмилҳое дошт. Бо ин ҳама маҳорати эҷодӣ ва шеваву

нигориши Алӣ Хуш дар адабиёти солҳои сиюм таровати худро дорад, ки саҳми ӯ дар адабиёти солҳои сиюм қобили қадрдонист.

А Д А Б И Ё Т

1. Алӣ Хуш. Шӯриши Усмон.-Душанбе:Адиб,2008.
2. Асоев Х. Симои коргар.-Душанбе:Ирфон,1983.
3. Табаров С. Адиби ватанпарвар//Садои Шарқ,№10,1982.
4. Маҳмадаминов А. Адиби мубориз.-Душанбе: Ирфон,1988.

ПРОФЕССИАНАЛИЗМ И ТВОРЧЕСКОЕ МАСТЕРСТВО АЛИ ХУША

Али Хуш успешно создал образы героев, портреты и пейзажи. В его произведениях чувствуется сильное влияние стиля Садриддина Айни. Автор рассматривает творческое мастерство Али Хуша.

Ключевые слова: Али Хуш, профессионализм, творческое мастерство, влияние стиля Садриддина Айни на творчество Али Хуша.

PROFESSIONALISM AND CREATIVE SKILL OF ALI OF HUSHA

Ali Khush in his literari works created the character of his heroes,portraits, landscapes and other kinds in poetry.He created his poety as look like the poetry's of S. Aini

Key words: Ali Cush, professionalism, creative skills, the impact of the style of Sadriddin Ayni on creativity Ali Cush.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***М.М. Шодиев*** – соискатель Таджикского национального университета.

ТАҲЛИЛИ «ГУНБАДИ САВУМ» ДАР «ҲАФТ ПАЙКАР»-И НИЗОМӢ

Беҳҷат Турбатинажод
Донишгоҳи озоди исломии воҳиди Теҳрони Марказӣ, Эрон

Низомӣ дар осори хеш сарзаминеро ба тасвир мекашад, ки мардуми он ба инсоният бештар аҳамият медиҳанд. Ба ҳамин далел дар ҷустуҷӯйи ормони шаҳри худ аз дарвозаҳои шаръ дар «Маҳзан-ул-асрор» оғоз менамояд ва дар табиини мафоҳими фалсафӣ ва ҳакамӣ то «Искандарнома» ба пеш меравад. Бо ин васф метавон Низомиро ба унвони сухангӯйи Эрон муаррифӣ намуд.

Низомӣ моро ба сарзамине савқ медиҳад, ки рӯҳи озодихоҳӣ дар он инсонро аз қавоиди хушки тақлид мераҳонад ва ба тафарруҷ дар шаҳри некон, ки дур аз ҳар гуна дард, ранҷ, риё, қаҳр ва хушунат мебошад, фаро мехонад. Ӯ фосилаи мадинаи ҷоҳила то мадинаи фозиларо чандон намедонад ва бар ин бовар аст, ки агар инсон рӯзе битавонад аз доми дурӯғ ва найрангу риёи асри худ раҳо ёбад, ин оғози таоло ва камолхоҳии ӯст. Ба ҳамин далел аст, ки тасовири шаҳри оромониро ба саҳулат метавон дар офоқи фикри Низомӣ мушоҳида кард.

«Ваҷҳи тамоизи ӯ бо соиринро набояд сирфан дар навъи забон, танаввӯъ, достонҳо, шахсиятҳо, ҳаводис ва гуфтугӯҳои мавҷуд дар осори ӯ ҷустуҷӯ намуд, балки ба истиноди байте дар «Хусрав ва Ширин»:

Вале он к-аз маонӣ бо насиб аст,
Бидонад к-ин сухан тарзи ғарибӣ аст (Дастгардӣ, 1374, 321).

Ин тафовутро бояд дар тарзи ғарибие, ки пайафканд ва андешаи инсоне, ки дар он дарҷ намуд, бадиққати жарф андеша кард, чароки нигоҳи ӯ бо соирин мутафовут аст. Бегумон тарзи ғариби ӯ ба шеваи шоирӣ, он ҳам аз назари зебоишиносӣ ва мафоҳиме аз ин даст барнамегардад. Балки тарзи ғарибро бояд дар навъи нигариши ӯ ба муҳимтарин мавзӯи офариниш, яъне инсон ба ҷустуҷӯ нишаст. Тарзи талаққии ӯ аз инсон, ин аст, ки тамоми талошҳо бояд масруфи таолӣ, адолатҷӯйӣ, некандешӣ, оромиш ва нишоти инсон гардад» [7, 129].

«Ҳафт пайкар» ба унвони яке аз пайафкандҳои Низомӣ бо тарзи ғариб, як асари рамзӣ буда, намодпардозии моҳирона дар он дида мешавад. Ин асари ғаронбаҳо танҳо як асари саргармкунанда нест, балки тамсилии печида аст, ки тарҳи он бо истифодаҳои бисёр аз рамзҳои таркибӣ, ҷаҳонӣ ва таълимоти биноматнии тарроҳ ва нақши ҳастиро мунъакис мекунад. Ба ҳамин далел ҳар як аз аҷзо ва муаллифаҳои матн бо якдигар дар иртибот ҳастанд ва ба ғанои якдигар кӯмак мекунанд» [10,58].

Матни «Ҳафт пайкар» танҳо як фикри мусаллат ва дарунмояи сода надорад. Балки шомили густураи бузурге аз мафоҳими мавриди назари Низомӣ аст, ки ҳар як ба навъе дар ин асар баён шудааст. Дар «Ҳафт пайкар» лояҳои мағнотисӣ ва сохторӣ ба ҳам ҷӯш хурдаанд ва бо ҳам ягона шудаанд. Асоси достон, мароҳили дигаргунсозии зиндагии Баҳромро дар худ дарҷ кардаанд. Ҷустуҷӯ худ, лояҳои маъноӣ ва сохториро ба ҳам пайванд мезанад. Намодҳо, тасвирҳо ва рӯйдодҳои достон ҳар як ҷудо аз ҳам ва дар пайвандӣ бо ҳам ба ҳамин маънои ягона ишора мекунанд. [5,123].

«Ҳафт пайкар» достони Баҳром ишора ва шарҳи подшоҳӣ аст. Ин достони афсонавие, ки марочеи таърихӣ дорад ва дастмояи кори Низомӣ қарор гирифта ва завқу қариҳаи беназир ӯро ба як асари ҷаззоб ва хондanӣ табдил намудааст. Низомӣ зиндагонии Баҳромро дар замони нишастан бар тахт шарҳ медиҳад. Он гоҳ аз издивоҷи вай бо ҳафт духтар, ҳафт подшоҳи ҳафт иқлим ҷой додани онҳо дар «Ҳафт гунбад» ба ҳафт ранг ва рафтани Баҳром дар ҳар як аз рӯзҳои ҳафта ба як гунбад ва меҳмони як духтар шудан, сухан меронад. Ҳар як аз духтарон достоне месарояд ва Низомӣ ҷамъан ҳафт достон аз қавли онон ривоят мекунад. Пас аз он шоир парешонии авзои мамлакат ба сабаби ғафлати Баҳром аз мулкдорӣ ва ҳамлаи подшоҳи Чин ба Эрон ва зулми вазир ва ҳушёр шудани Баҳром гуфтугӯ менамояд ва дар поён рафтани Баҳром ба дунболи гӯрхар ба ғор ва нопадид шудани ӯро нақл мекунад ва саранҷом низ ҳамаи иттифоқот ба нафъи ин қаҳрамони афсонавӣ меанҷомад то ӯ ба поёни дилхоҳ ва умедворкунанда даст ёбад.

Дар достони «Гунбади савум» «Зебоӣ ва латофате, ки дар саросари қисса дар лаҳни баёни шоир вуҷуд дорад ва тасвирҳои хаёломез ё рӯёангезе, ки дар саҳнапардозиҳо ва қиссасароиҳояш ҳама ҷо ба чашм мехӯрад, чунон таносуб ва таодил бемонанде ба саросари он медиҳад, ки ин манзумаро то ҳадди як шоҳкорӣ ҳунари таолӣ мебахшад» [6, 166].

Дар фазосозии достон, истифода аз рангҳо дар зимни достонҳои матнӯъ бо дарунмояҳо мутафоввут аст, ки ҷилваи хосе ба он додааст, ба гунае, ки «ҳар ранг маънои хосе дорад ва тасвири фазоро ҳамхун бо дарунмоя мутавозин мекунад.

Дарунмояи ишқ аз аслитарин мазомин дар «Ҳафт пайкар» ва аз ҷумлаи достони «Гунбади савум» аст, ки бо пардохти тасвир ва фазои оганда аз рангу ҷалол ва шукӯҳ дар «Ҳафт гунбад» ва бо ҳузури ҳафт шоҳзода тасвир шуда, аз дарунмояи ҷаззоби ин асар аст.

Шикорчӣ будани қаҳрамони «Ҳафт пайкар» намоде аз ин аст, ки баҳром ба дунболи шикори хештан аст ва гӯре ҳам ки аз даруни дили аждаҳо берун меоварад намоди нафси пинҳон худи ӯст, ки эпизоди поёни достони ин амр ингуна рамзкушоӣ мекунад:

Рӯзе аз тахту тоҷ кард канор,
Рафт бо вижагони худ ба шикор.
Дар чунон сайду сайд сохтандаш,
Буд бар сайди хеш тохтандаш.

Таҳлили аносири забарравоӣ (super nar) қиссаи «Гунбади сабз». Агар ба созаҳои қисса нигоҳе биафканем, адами воқеият дар он мушоҳида мешавад. Ин мавзӯъ ношӣ аз аъмоли шахсиятҳо ва кайфияти вуқӯи ҳаводис аст, ки гарчи дар бархе маворид, муҳтамилулвуқӯъ аст, аммо дар соири қисматҳои баид ва ғайримумкин (бемаъно) ба назар мерасад. Бинобар ин, мухотаб ҳақ дорад, тасаввур кунад, ки мебоист дар зери пайвастаи зоҳирии он маънои дигар нуҳуфта бошад. Ин қисса тамсили рамзӣ аст ва қобили таъвил аст. Ҳамчунин тарҳ ва пайрангии ин достон ва бақияи достонҳо сафар аст. Сафар ҳамон тавре ки медонем аз дарунмояҳои осори рамзӣ аст ва аз қадимтарин тарҳҳои достон ва ҳикоятгари сафари рӯҳонӣ аз ҷаҳл ба сӯйи хирад аст.

Хулосаи достон. Ин афсона саргузашти марди парҳезгор аст ба номи «Башар», ки дар гузар аз роҳе ногаҳон ба зани зеборӯе бархӯрд мекунад ва дар ҳамон дидори аввал ошиқи зан мешавад:

Бар раҳаш ишқ турктозӣ кар,
Фитна бо ақл дастёзӣ кард (12/98).

Аммо парҳезгории Башар ӯро ба сӯйи «Байтулмуқаддас» раҳнамун мешавад ва чораи корро сабр кардан ва паноҳ бурдан ба Худованди мутаол мебинад:

То Худое, ки хайру шар донад,
Бар ман ин кор саҳл гардонад (200/7).

Башар дар роҳ ба фарди пуридао ва мағрур ба номи Малихо бархӯрд мекунад. Пас аз ҳамсафар шудан бо Малихо ва ғарқ шудани Малихо дар кӯзае ба тарзи аҷиб ва шигифтовар, Башар васоили Малихоро ба хонаи ӯ мебарад, аммо дар ин ҳангом ба иттифоқи ғайримунтазира рӯ ба рӯ мешавад, ки мисдоқи тасодуфи айнӣ ё ҳамзамонии юнг аст. Зани Малихо ҳамон зане аст, ки Башар даргузар аз кӯйе ошиқаш шуда буд:

Во-н гаҳе бурқаъ аз қур бардошт,
Муҳри хушк аз ақиқ бардошт (212/14).
Он паричеҳра буд, ковили рӯз,
Дида будаш чунон ҷаҳонафрӯз (212/16).
В-ин ки сине на чеҳра афрӯз аст,
Дер бошад, ки дар ман ин сӯз аст (213\6).

Таҳлили достон. Достони Башари парҳезгор ва зани Малихо- савумин достони «Ҳафт пайкар»-, ки рӯзи душанбе дар Гунбади сабз духтари подшоҳи иқлими савум- Нозпарӣ нақл мекунад, мебошад. Ин достон низ, садоқати дурусткорӣ ва чашмпокии Башари парҳезгорро нисбат ба зани Малихо нишон медиҳад, ки дар поён низ ба висоли вай ноил мегардад ва дар ҳақиқат висоли маъшуқ натиҷаи кошти аъмоли пок ва ҳусни зани ӯст, ки ба подош ба ӯ дода мешавад.

Низомӣ нишон медиҳад одамӣ бо дурусткорӣ аз тариқи табиӣ ва шаръӣ ба хостаҳояш мерасад. Ин афсона низ пеш аз Низомӣ шуҳрате дошта ва назири онро дар рисолаи «Ихвон-ус-сафо» мебинем. Марҳум Зарринкӯб дар китоби «Пири Ганҷа» дар ҷустуҷӯйи нокуҷообод (157,1380) гумоне дар бораи насронӣ ва сурёнӣ будани достон кардааст.

Умдатарин тасвири қобили баҳс дар ин ҳавза, тасвири ғиноӣ ва эроикӣ (Eroic) корбурдани асотир, аъдод, корбурди ташбеҳот ва сувари хайёли хос, инъикоси русуми ойинӣ ва илтиқоти он бо бофтаҳои қиссаи (ғарқ шудани Малихо дар чоҳ) ва монанди инҳост.

Таҳлили намодҳо. **Душанбе**: ба забони англисӣ рӯзи душанберо (Monday) гӯянд, ки мансуб ба моҳ ва сабзранг аст, зеро дар ҳайати қадим, ранги аслии моҳро сабз медонистанд.

Моҳро дар хати ҳамоиши хеш,
Дод сарсабзӣ аз шамоили хеш (Низомӣ, 12, 1376).

Албатта, ин байт ишора ба меъроҷи Пайёмбар (с) ва ранг бахшидан ба сайёрот низ дорад. Гоҳе аз ин рӯз ба «рӯзи ҳасодат» ёд мекунанд. Чи ранги ғули ҳасодат сабз аст ва дар забони англисӣ, истилоҳи: «сабз шуда аз ҳасодат» (green with enuy) роиҷ аст.

Ин рӯз ба «зан» таалуқ дорад, чун моҳ занаст ва таботайе бо занон дорад. Аз ҷумла, он ки мазҳари нури илоҳӣ аст ва дар ғайбати хуршед, рисолати ӯ расонидани нури хуршед ба ҷаҳон аст. Зан низ ба далели баландии мақом ва ин ки нигоҳаш мутаваҷеҳи хуршед аст, ин рисолатро ифо мекунад.

Ранги сабз. Ранги падидаҳои заминӣ, малмус, дарёфтанӣ ва рӯйпазир аст. Ранги сабз бо гиёҳон ва ҳамчунин бо марг ва бо кабудӣ (бинобар ин, ранги сабз- ҳалқаи иртиботии миёни ранги сиёҳ аст).

Бар тибқи назарияҳои ананагароёна се маҷмӯа: (рангҳои гуногун, аносири созанда ва зоҳири табиӣ ва низ маҷмӯаи эҳсосот ва вокунишҳо) ҳама, як иллати воҳид ва ҳамзамонанд, ки дар жарфтарин сатҳи ҳақиқат амал мекунанд. Ба ҳамин сабаб Эли Стар (Ely star) ва дигарон бар онанд, ки ҳар яке аз рангҳои ҳафтгона, ба таври ҷудогона бо ҳафт нерӯи зеҳнӣ, бо фазоили ҳафтгона (аз дидгоҳи мусбат) бо шароратҳои ҳафтгона (аз дидгоҳи манфӣ) бо ашколи ҳандасӣ, бо рӯзҳои ҳафта ва бо ҳафт сайёра, қобили муқоисаанд).

«Дар ҳама тамадунҳо аз оғози пайдоиши онҳо, ҳолаи сабзфоми дарахтонро хуб ва муборак мешумориданд, чуноне ки Лӯйии муқаддас дар пойи булут ба доварӣ менишаст. Ранги сабз инчунин ранги мор низ ҳаст.

Иртиботи зебои миёни гунбади сабз ва таваккалу таслим ба чашм мехӯрад, чуноне ки башар вақте рӯйи маъшуқро мебинад, монанди қаҳрамони достон дар гунбади қирмиз, ҷанбаи фаъол аз худ нишон намедиҳад, балки ба Худо таваккал мекунад ва роҳи сафар мешавад ва саранҷом дар поёни ҳикоят ба висоли маъшуқ мерасад.

Низомӣ дар Гунбади сабз, бонуи иқлимро ба хирадмандӣ тавсиф мекунад ва чунин мегӯяд:

З-он хирадманд сару сабзоранг,
Хост то аз шукр гушояд танг (Низомӣ, 197, 1376).

Чуноне ки дида мешавад дар адабиёти Низомӣ, ранги сабз гоҳе нишонгари хирад ва намоде аз фарди басиру доност. Дар миёни тамаддунҳо низ гоҳе нишоне аз ин бовар дида мешавад.

Зан. Дар илми инсоншиносӣ «чеҳраи духтари ношинохта, маъшуқ ё онимо (Anima) дар истилоҳи Янг (Jung) гунҷонидани аносири рехташиносии занона дар таркиби намодҳои суннатӣ, ҳамвора ба заминае аз табиат ишора мешавад, ки ҳолае аз як мафҳум ё печидагӣ дар уфтҳои шуҳудии кайҳонӣ онро пӯшонидааст» [1].

Биёбони беоб ва алаф. Намодпардозӣ хоси биёбон, мусоидтарин ҷойгоҳи дарёфти ваҳии Илоҳиро таид мекунад ва ба ҳамин сабаб гуфтаанд, ки: «Яктопарастӣ мазҳаби биёбон аст». Ин нукта аз онҷост, ки биёбон аз ҷиҳати чашмандоз, ҷойгоҳи нисбатан бааҳмият аст. «Ҳавзаи интизоӣ» аст, ки берун аз доираи вуҷуд қарор дорад ва танҳо мустаиди падидаҳои мутаолӣ аст. Аз сӯйи дигар хушкии сӯзон, олитарин обу ҳавои хулус ва маънавияти зоҳидона, яъне таҳлили ҷисм, дар ҷиҳати растагории рӯҳ аст.

Сафар. Янг (Yung) бар он аст, ки сафар кардан, тасвирӣ аст аз нафс кашидан ва баёнгари иштиқоқи ирзонашудае аст, ки ба ҳадаф мавриди назари хеш нарасида ва ҳамчунон дар ҷустуҷӯйи он аст. Қатъ кардани як поёб ҳангоми убур аз як вазъият ба вазъияти дигар, нишоне аз як марҳилаи тайинкунанда аст. Аммо сафари воқеӣ на таслим аст ва на гурез, балки ҳаракат ба сӯйи такомул аст. Бад-ин сабаб Гуенон (Guenon) пешниҳод мекунад, ки имтиҳоноти душвори ойини ташриф, ағлаб ба сурати «сафарҳои намодин» нишон дода мешаванд, ки бо талабу ҷустуҷӯе дар торикиҳои ҷаҳони моддӣ (нохудогоҳ, яъне модар) оғоз ва чашмбаста ба сӯйи нур, Гом бармедоранд ва куҳанулгуйи сафар, сафари зиёрате ба марказ ё сарзамини муқаддас, ё роҳи берун шудан аз ҳазор туҳост» [1].

Малихо. Намоди ақл ва намоди вижагиҳои улуми башар аст, ки муҷиби ғурур дар афрод ба имон мешавад ва ҳамчунон теғе ба дасти зангии маст аст.

Ҳар чӣ дар осмон в-аз амин аст,
В-он чи дар ақлу ройи одамӣ аст.
Ҳама донам ба илми хеш тамом,
В-огаҳи дорам аз ҳалолу ҳаром.
Як танам, беҳтар аз дувоздаҳ тан,
Як фане гашта дар дувоздаҳ фан.
Нест дар ҳеч донишободе,
Фаҳлу донотар аз ман устоде (Низомӣ, 1388, 114).

Малихо дар ин достон намоди ифшори мухталифи олимон, табибон, афсунгарон, пешгӯён ва кимиёгарон аст. Башар намоди рӯҳ ва сайри такомули он аст, ки дар ниҳоят ба висоли маъшуқ мерасад.

А Д А Б И Ё Т

1. Эдвард С. Фарҳанги намодҳо. Тарҷумаи Меҳрангези Воҳидӣ.- Теҳрон, 1389.
2. Низомии Ганҷавӣ. Ҳафт пайкар. Тасҳеҳи Ҳасан Воҳиди Дастгардӣ.- Теҳрон, 1387.
3. Аҳмадиён Мелод. Баррасии рангу ҷилваҳои он дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. –Поённомаи коршиносии аршади Донишгоҳи Шероз.- 1381.
4. Ғанипури Мулк Аҳмад. Ваҷҳи иқтибосӣ ва намоишии «Ҳафт пайкар»-и Низомӣ.- 1388. www.sid ir
5. Ёварӣ Ҳаворо. Равонковии адабиёт. Таърихи Эрон.- Теҳрон, 1374.
6. Зарринкӯб Абдулҳусен. Пири Ганҷа дар ҷустуҷӯйи нокуҷообод. – Теҳрон: Сухан, 1372.
7. Мансуриён Ҳусен. Низоми сухангӯйии Эрони инсонӣ. Пажӯҳишномаи забону адабиёти форсӣ. Соли аввал.- № 3.- 153-167.
8. Қосимпур Қудрат. Таҳлили сохтори ривоятгир ва ровӣ бо такя бар «Хафт пайкар»-и Низомӣ. Нашрияи Донишгоҳи адабиёт ва улуми инсонӣ. Кирмон, даври ҷадид.- № 25 (пиёпи 22).- Баҳор.
9. Зулфиқори Ҳасан. «Ҳафт пайкар»- и Низомӣ ва назарияҳои он.- Теҳрон, 1385.
10. Муҳаммад Ҷаъфари Ёҳаққӣ Самиро Бошакӣ, 1388, 58

АНАЛИЗ «ТРЕТЬЕГО КУПОЛА» В ПОЭМЕ «СЕМЬ КРАСАВИЦ» НИЗАМИ

Низами - классик персидской поэзии, крупнейший поэт-романтик в персидской эпической литературе. Поэма «Семь красавиц» («Хафт пейкар») написана в 1197 году. Данная поэма значительно отличается от других поэм. В нее, наряду с описанием жизни и подвигов древнеиранского царя Бахрама, включены сказочные новеллы. Низами в поэме"Семь красавиц" проповедует идеалы справедливости и добра.В данной статье автор проводит анализ одной из частей поэмы «Семь красавиц» под названием «Третий купол»

Ключевые слова: Низами, поэт-романтик, поэма «Семь красавиц», идеалы справедливости и добра, «Третий купол».

THE ANALYSIS OF THE «THIRD DOME» IN THE POEM «THE SEVEN BEAUTIES» NIZAMI

Nizami - classic Persian poetry, the greatest romantic poet in Persian epic literature. The poem «the Seven beauties» («haft пейкар») was written in the year 1197. This poem is significantly different from other poems. In it, along with a description of the life and deeds of древнеиранского king Bahram, included fabulous stories. Nizami in the poem"the Seven beauties" preaches the ideals of justice and добра.В this article the author analyzes one of the parts of the poem «the Seven beauties» under the name «the Third dome»

Key words: Nizami, romantic poet, poem «the Seven beauties», the ideals of justice and goodness, «the Third dome».

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Бехджат Турбатинажод*** **-** соискатель (Ph.D) Свободного исламского университета города Тегеран, Иран

КИНОЯ ДАР ШЕЪРИ МУОСИРИ ТОҶИК

Ҷамол Алиманиш
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Киноя ба маънои пӯшида сухан гуфтан аст. Ибораи киноӣ ду маъно дорад. Маънои зоҳирӣ ва маънои киноӣ. Мурод аз киноя фаротар рафтан аз маънои зоҳирӣ ба маънои киноӣ аст [82,2]. Дар аксари китобҳое, ки дар бораи ороятҳои шеъри форсӣ навишта шудаанд, таърифи киноя ҳамон аст, ки ишора шуд. Ҷалолуддин Ҳумоӣ дар китоби «Фунуни балоғат ва иноятии адабӣ» (аввалин китобе, ки адабиёти давари ҷадиди форсӣ ороятҳо ва санъатро дастабандӣ карда) ишора карда, ки тафовути киноя бо маҷоз дар чи чиз аст. Яке ин ки дар маҷоз танҳо маънои маҷозӣ мадди назар аст ва зоҳири иборат бемаънӣ аст. Дигар ин ки қаринаҳои вуҷуд дорад, ки муроди гӯяндаро аз маҷозӣ будани сухан равшан мекунад [88, 2]. Партави Нодирӣ дар мақолаи «Киноя ва амсол дар рангинкамони шеъри Ҳофиз» ба тафовути равшангари дигаре ишора мекунад ва мегӯяд: Киноя бештар барои мардумон аст ва суханварон киноярo аз мардуми авом мегиранд, баракс маҷоз, аз суханварон ба мардум интиқол меёбад. Киноя аз мардум ба суханварон аст ва маҷоз аз суханварон ба мардум.

Бо мисол ин тафовутҳоро равшантар мекунем: Вақте мегӯем «Теҳрон ба Бағдод паём дод», мурод аз Теҳрон давлати Эрон ва мурод аз Бағдод давлати Ироқ аст. Теҳрон ва Бағдод комилан ба маънои маҷозӣ ба кор рафтаанд. Теҳрон ва Бағдод истилоҳи суханварон аст, ки мумкин аст ба гуфтори мардум ҳам ворид шавад.

Саъдӣ мегӯяд:

Тангчашмон назар ба мева кунанд,
Мо тамошогарони бӯстонем (3,352).

«Тангчашмӣ» киноя аз ҳирс ва бухл аст, ки бо роҳи гуфтор вориди шеър шудааст. Аз тарафи зоҳирӣ калимоти Саъдӣ, маънодор аст. Касе ба чашмони танг аст, нисбат ба касе, ки бо чашмҳои комилан боз нигоҳ мекунад, уфуқи диди камтаре дорад. Тангчашм танҳо меваро мебинад ва мо бӯстонро.

Тибқи назари Фердинанд Сосур забон дар зоти худ ишорагар аст. Ба чизе ишора мекунад. Дол, сурати зоҳирии калима аст. Мадлул тасвири зеҳнии мо аз дол аст [4,97-110].

Нишона, ихтиёрӣ аст, (ғайр аз номи овоҳо) ҳеҷ иртиботи мантиқӣ байни дол ва мадлул вуҷуд надорад. Дар забони мо ду бор аз воқеияти вуҷуди ашё дурем. Бори аввал, ки аз шайъ ба тасвираш дар зеҳнамон меравем ва бори дигар, ки тасвирашро бо калимае баён мекунем. Масалан, тасвири зеҳнии мо аз дарахт ишора ба воқеияти берунии дарахт дорад ва калимаи «дарахт» ишора ба тасвири зеҳнии мо аз дарахт аст [4,97].

Забон зотан чизеро ба ҷойи чизи дигаре ихтиёр мекунад. Пас дар зоти худ нишона ва ишорагар аст.

Нишона дар куллитарини таъриф, чизест, ки ҷойи чизи дигаре менишинад. Сатҳи дигари забон, сатҳи намодини он аст. Шайъ аст, ки ба ҷойи як мафҳум ё шайъи дигар менишинад.

Тафовути намод бо нишона дар ин аст, ки робитаи нисбатан мантиқӣ баён намояд ва мафҳуми вуҷуд дорад. Тарозуи намод адолат аст. Гули сурх намоди рехта шудани хун ба пойи як ормон ва намоди шаҳодат аст.

Аммо дар як низоми нишонае гули сурх метавонад нишонае аз «таҳаммул кардан» бошад. Чизе, ки нишона ба он ишора мекунад дар робита бо боқи нишонаҳои як матн фаҳмида мешавад ва ҳастии мустақиле дорад аз он чи дар беруни матн аст. Намод маъмулан берун аз матн вуҷуд дорад ва суханвар онро аз берун вом мегирад.

Киноя ҳам маъмулан аз беруни матн вом гирифта мешавад. Аз гуфтор, аммо хеле вақтҳо робитаи мантиқӣ байни зоҳири киноя ва мафҳуме, ки маънои киноявист, вуҷуд надорад. «Тангчашм» будан чи робитае ба ҳирс ва бухл метавонад дошта бошад?

Аз тарафе, ки киноя бар хилофи маҷоз, маънои зоҳирӣ ҳам дорад, яъне метавонад маънои аввалиашро дар шеър ҳифз кунад. Мисли ҳамон байти Саъдӣ, ки гуфта шуд. Киноя аз ин лиҳоз як эъҷози забонист ва агар бо ду маънияш биёяд, нишоне аз қудрати нависанда дар истифода аз забон дорад.

Дар донишномаҳои англисӣ оид ба киноя дар ҷумлаи «чи хуб воқеан!» Тамоми охири ҳафта рӯ бояд сари кор бошам ду шакли киноя дида мешавад. «Ин ки сохти киноя дида мешавад. Дар ин сохт, маънои киноя ва маънои зоҳирӣ комилан дар тазод қароро гирифтаанд. Танзи борике дар ин навъ истифода аз киноя вуҷуд дорад. Маъмулан вақте ба ҷойи тафовут байни маънои зоҳирӣ ва маънои киноями тазод ба нишон бошад иборат аз танзи холӣ нест» [5,102].

Пӯшидагӯйи суннати шарқӣ аст. Дар суннати шарқӣ зарбулмасалҳо ва ҷумалоти нағз фаровонанд. Танзи шарқӣ бисёр печидатар аз танзи аврупоӣ аст. Шоҳидаш содагии чакидаҳои англисӣ дар муқобили сохти печидаи баъзе чакидаҳои форсӣ аст.

Дар шарқ бештар барои исботи сухани овардашуда, аз мақолу зарбулмасал ва мисол овардан истифода мешавад. Адаби шарқӣ ҳукм мекунад, ки маъно дар лифофа ва куллӣ баён шавад. Адабиёти шарқ урёнгар нест, пӯшонанда аст. Аз он гузашта риштаи истибдодӣ боиси печидагӯйӣ ва суханпардозии забон мегардад. Ҳокими мустабади шарқӣ таҳаммули сухани содиқ ва беорояро надоштааст. Аммо инсони шарқӣ бо киноямез сухан гуфтан ва тақияти вуҷуди намодини забонӣ сайъ карда истибдодро дур бизанад. Ё зоҳири интиқод ва насиҳатро ба асли киноя биёмезад ва ба дасти масалан, Саъдӣ ба даҳони ҳокимон ва мардум бирезад.

Дар ҳар давраи таърихи шарқӣ, ки истибдод ва таасуб бештар буд, мизони истифода аз намод ва киноя болотар рафта, киноя ва намодини сухан гуфтани одати шарқ шудааст. Бузургтарин намодаш, Ҳофиз. Болотар аз масъалаи истибдод ин аст, ки инсон зотан намодсоз аст. Аз сохт ва парастиши ашё намодини пешдодиёни сомӣ бигир, то ин ки мо ҳангоми мулоқот ба ҳам «даст медиҳем» ва ба сурати намодин ба ҳам эҳтиром мегузорем, дар забон ҳам иттифоқи мушобеҳ меафтад. Инсон дунболи намодин кардани сухан буда, то бозии тозаеро шурӯъ кунад. Бозие, ки ба бозиҳои дигар дар забон мунҷар мешавад. Бахше аз зоёӣ ва татаввури забон ба ҳамин хотир аст.

Гоҳе вақтҳои интихоби як намод, киноя ё зарбулмасал барои як мафҳум амали иртиобии инсонро сареътар мекунад. Намоди тарозӯ, ғайр аз ин ки тавзеҳдиҳандаи мафҳуми адолат аст, таърихияти адолат аз адолати худоёни юнонӣ то адолати имрӯз ва додгустариро дар худ дорад. Фарҳангҳо ва қиссаҳо бештар аз ин ки бо мафоҳим мунтақил шаванд, бо ашё мунтақил мешаванд «обрӯ» киноя аз шарофати инсонӣ аст. Аммо аввалан ба иртиботи каломи инсон барои расонидани манзур, суръат медиҳад. Дуввуман шайъ «об рӯ» ба хотири тасвирӣ будан, монандгорӣ ва ҳатто асаргузории бештаре дорад. Ин хислати тасвир аст: Мондагорӣ, асаргузорӣ ва қобилияти иртиботи болотар.

Дасти охир ин ки дар бархе маворид, сохтори намодин ва киноя, бешабоҳат ба сохтори бозӣ нест. Инсон ҳамон таваре ки барои равони нигоҳдоштани ҷараёни фикрӣ даст ба бозӣ месозанд. Яъне қарордоде танзим мекунад ва тибқи он рафтор мекунад ва аз қарордоде, ки худ танзим карда (ва ба қарордод будани он воқиф аст) барангехта мешавад.

Бо истифода аз намод ва киноя барангехта мешавад ва аз суботи ҳиссӣ ҷилавгирӣ мекунад. Ҳамчунин барангехтагӣ ё таҳрики ҳиссӣ ба зоёии фикр ва забон мунҷар мешавад. Забоне, ки тавр напазирад маҳкум ба марг аст [6,10-40], мисли инсоне, ки бозиро намепазирад.

Киноя дар шеъри Нимо. Нимо падари шеъри навини форсӣ аст. Воситаи миёни қадим ва ҷадид аст. Ҳар баррасӣ дар бораи шеъри навини форсӣ, агар ба Нимо напардозад ноқис аст.

Шиксати вазни арӯз камтарин кори Нимо аст (ки қабл аз ӯ дар Шамси Кисоӣ ва Ҷаъфари Ҳумайнӣ ин корро анҷом доданд). Терорияи Нимо мубтанӣ бар чаҳор унсур «обективиятӣ, тавсиф, истиғроқ, ривоят» аст [7,30-35].

Обзор дар шеъри Нимо бисёр пурранг аст. Нимо бо васфи обзорҳо ва сайъ дар истиғроқ дар онҳо шеъри худро ривоят мекунад. Бар хилофи шеъри куҳан, ки дар аксари маворид васфи ҳоли шоир аст ва бозигари аслии шеър сужа ё худ шоир аст, бозигари шеъри Нимо озорҳо ҳастанд. Дар аксари шеърҳои Нимо он чи дар берун мегузарад марказияти сохтмони шеърро сохта на он чизеро, ки даруни шеър мегузарад.

Фарқи истифодаи шеъри Нимо аз киноя бо шеъри куҳан аз киноя дар ин аст, ки дар шеъри куҳан киноя дар хидмати васфи ҳоли шоир аст ва барои Нимо дар хидмати обективиятаст. Ду қитъаи интихобшуда, ду тикка аз шеъри «Хонаи саревилӣ» Нимо аст, ки дар аксари хутути он киноя ба кор рафта аст.

Ман суханҳои баду нек ҳама хоми ин роҳро шунидастам
Он касонро к-аз расани боло шуда бар сӯйи боме
Пас чунон дононда к-аз он бар фалак боло бирафтастанд, дидастам
Дар даруни шаҳри Каврон дардҳо дорам зи биноӣ
Ҳамчунон ҳаркиз нахоҳам дар миёни буқи беҳуда дамидан,
то бидонанд касон акнун расидастам
Ин шитоби хом зебад кӯдаконро
Ман расидам зи манзили худ корвони як рӯз
Аз пайи чи хаста кардан корвонро (8, 374-375).

Дар ҳамин шеър дар ҷойи дигар мегӯяд:

«Пари зоғеро ба каф доранду пиндоранд
Зери чатри думи товус оромидастанд» (8,390).

Ҳофиз мегӯяд:

Тавба кардам, ки набӯсам лаби соқию кунун,
Мегазам лаб, ки чаро гӯш ба нодонон кардам (9,431).

«Лаб газидан» киноя аз ҳасрат ва пушаймонӣ аст, аммо агар нек бингарем дар тавсифи ҳоли шоир аст. Маътуф ба сужа аст. Шоир пушаймон аст.

Нимо дар нигоҳи тозааш ба шеър мекӯшад, ки аз худ фосила бигирад ва ба ҷаҳони пиромун бипардозад. Аз он ҷост, ки Нимо мисли Декарт мепиндорад байни худ ва ҷаҳон пиромун, сужа ва обзор фосилаи қатӣ вуҷуд дорад. Вақте «пари зоғ…»-ро, ки мегӯяд кинояро дар хидмати тавсиф «они дигаре» қарор медиҳад.

Нимо, гусасти шеъри форсӣ аст. Ҳатто дар шеъри худаш. Гусасти қадим аз ҷадиди шеъри мардон бояд забони асри худ бошад. Моя гирифтан аз гуфтори ҳамон чизест, ки Фурӯғро модернтар аз Шомлу мекунад. Касе, ки дар зарфи забони қадиман мафоҳими нав мисли озодӣ ва адолат ва … ро баён кунад, дучори ин иштибоҳ шуда, ки гӯё забон, танҳо воситае барои андеша аст ва ҳар андешаро метавон бо ҳар забоне баён дошт. Ҳамин нигоҳи ориятӣ нисбат ба забон бузургтарин мушкили Шомлу дар шеър аст [10, 10-54].

Ҳамин руст, ки киноя (яке аз нишонаҳои вуруди гуфтор дар матн) дар шеъри Шомлу бағоят кам аст. Дигар ин ки ҳаракати Шомлу дар бисёре маворид зидди киноя аст. Зидди пӯшида гуфтан, масалан дар шеъри «Боғи ойина» мегӯяд:

Дар хилае, ки на Худо буд, на оташ буд,
Нигоҳу эътимоди туро ба дуои навмедвор талаб карда будам
«Ҷараёни ҷиддӣ
Дар фосилаи ду марг
Дар тиҳӣ миёни ду танҳоӣ»

То ин ҷо Шомлу пӯшида шеър мегӯяд, аммо дар сатҳи баъд билфосила тавзеҳ медиҳад:

(Нигоҳу эътимоди ту бад-ин гуна аст).

Шомлу он ҷо шоир аст, ки тавзеҳ намедиҳад. Дар ҷойи шоир аст, ки забонро зарфе барои баёни андеша намедонад. Нигоҳ кунед ба шеърҳои «Таронаи обӣ» ва «Ҳануз дар фикри он калоғам». Шомлу дар шеъри «Дар остона» мегӯяд:

«Бояд истод ва фурӯд омад
Бар остонаи даре, ки кӯба надорад

Чароки агар ба гоҳ омада бошӣ
Дарбон ба интизори туст
Ва агар бегоҳ омада бошӣ
Ба дар куфтанат посухе намеояд».

Ин шеър васфи марг аст. Шеваи баёни он барои даҳ қарн пеш аст. «Ба гоҳ омадан» барои насри Балъамӣ аст [10-24]. Агар киноя ҳам дар шеъри Шомлу бошад, чун забони шеърияш архаистӣ аст. Кинояи имрӯз нест. Кинояи замони Балъамӣ аст. Аслан киноя наметавонад бошад. Киноя аз гуфтори аср меояд. Шомлу намодин ва истиорвӣ баён мекунад. Мисли ҳамон баёни намодин дар шеъри «Дар остона» бояд гуфт, ки Нимо ҳам намодин баён мекунад. Албатта, чун бештар аз баёни мустақим андеша дар шеър барояш тавсиф ва ривоят пиромун муҳим аст. Ногузир аз киноятҳои бештаре метавонад истифода кунад. Ногузир ба гуфтор наздиктар метавонад бошад. Албатта, бояд ёдовар шавам, ки истифода аз киноя дар шеър ва ҳатто истифода аз гуфтори аср дар шеър, лузуман мунҷар будани шеър ва ҳатто шеър будани шеър намешавад. Он чи гуфта мешавад пешниҳоде аст, барои нигоҳи дубора ба унсури фаромушшудаи киноя.

Аммо нуктае, ки наметавон аз он гузашт ин аст, ки намодҳо ва киноятҳо дар шеъри Нимо ва Шомлу шиддати таки маъност. Дар аксари маворид онҳо кинояро барои маънои киноя истифода мекунанд ва он варзидагии забон, ки дар шеър ёд шудааст аз Саъдист- Киноя чунон ба он ҷуфт шуда, ки таҳмиле бар шеър нест ва маънои зоҳирии он низ хониши дигаре аз шеър ироа медиҳад- дар Нимо ва Шомилу нест.

Дар даҳаи ҳафтод ҳаракте шакл гирифт, ки бахше аз зарфиятҳои фаромушшуда ё истифода нашудаи шеърро зинда кард ва пешниҳоди ҷадиде ироа дод. Аз тарафе муҳим шудани бозии забонӣ дар ин даҳа ва аз тарафи дигар бозгашт ба гуфтор мӯҷиби истифодаи тозае аз киноя дар шеър шуд. Ду мисоле, ки дар идома ба он ишора мешавад аз китоби «Овозаҳои зани беиҷоза» Гароннози Мӯсавӣ аст. дар шеъри «Бозӣ» дорем:

«Зане, ки бар акси ту ошиқ буд
Ҳоло боз
Афтода дар бозувони бод»

Баракси кинояест аз тазод, аммо он қадар дар форсӣ ҷо афтода, ки сӯйи кинояияш камтар ба чашм меояд. Аммо дар маънои зоҳирии он (маънои калима ба калимаи он дар сад соли охир) акс ба маънои (photo) бакор рафт. Зан ба (photo) каси ошиқ аст.

Тамоми киноятҳои шеърӣ дар даҳаи ҳафтод сохтори мушаббаҳ ба он чи гуфта шуд доранд, ки ҳосил печидагии забони шеъри нав аз Нимо то асри мост. Бозгашт ба киноя бо дигаргун кардани сохтори он бо таваҷҷуҳи беш аз ба маънои зоҳирӣ дар сохтҳои олӣ, маънои зоҳирӣ ва маънои киноявӣ чунон ба ҳам пайванд мехӯранд, ки маъно ё маъноҳои дигар месозанд ва дар бисёр маворид аз сохтшинохтӣ мо мегурезанд. Ин аст тавоноии як забон дар парвариши зоёӣ.

Шеъри форсӣ аз Ҷомӣ ба баъд аз гуфтор дуртар шуда ва истиоратар шуда буд. Дар ин мақола нишон додем, ки чи гуна киноя, ки ороями бисёр куҳан аст, метавонад дар мудернтарин шеърҳои форсӣ дубора истифода шавад. Вақте ки забони гуфтор дар шеъри мудерн аҳамияти зиёде меёбад, киноя ба хотир гирифта шудан аз гуфтор метавонад шеъри форсиро ба самти тозатар шудан пештар бубарад.

Чизе, ки имкони бозтавлид дорад. Он талфиқе аз суннате, ки нигоҳи салбӣ ба суннат дорад, на аз суннат метавонад истифода кунад ва на метавонад мудернизми ғайритақлидии падид оварад. Чизҳои бисёре метавонад дар уфуқи фикрии мо ба шакли дигаре дубора ба кор гирифта шаванд. Киноя яке аз ҳазрон аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Шамиссо Сирус. Баён.- Теҳрон: Интишороти Фирдавсӣ, 1378.
2. Ҳумоёӣ Ҷалолуддин. Фунуни балоғат ва саноати шеърӣ. – Теҳрон: Нашри Ҳумо, 1389**.**
3. Саъдии Шерозӣ. Тасҳеҳ ва тавзеҳи Ғуломҳусайни Юсуфӣ. –Теҳрон: Интишороти сухан, 1385.
4. Де Сасур. Давраи забоншиносии умумӣ. Тарҷумаи Куруши Сафавӣ.- Теҳрон, 1378.
5. Заҳро Оқозайналӣ. Муқоисаи таҳлилии киноя ва ойрунӣ (Iron) дар адабиёти форсӣ ва англисӣ.
Фаслномаи илмӣ -пажӯҳишии Ковишнома, № 17.- Донишгоҳи Язд.
6. Баҳор Муҳаммадтақӣ. Сабкшиносӣ. – Теҳрон: Нашри Тус, 1385.
7. Ҷаврқаш Шопур. Бутиқои шеъри нав.- Теҳрон: Нашри Қақнус, 1384.
8. Таҳбоз Сирус. Маҷмӯаи комили ашъори Нимо Юшиҷ.- Чопи даҳум.- Теҳрон: Интишороти Ниго, 1389.
9. Хофизи Шерозӣ. Девони ғазалиёти Ҳофиз ба кӯшиши доктор Халили Хатиби Раҳбар.- Теҳрон, 1371.
10. Некбахт Маҳмуд. Аз андеша то шеър.- Теҳрон, 1376.

ИНОСКАЗАНИЕ В СОВРЕМЕННОЙ ТАДЖИКСКОЙ ПОЭЗИИ

Иносказание, - это литературный прием, выражение со скрытым смыслом. В строгом значении иносказание является синонимом аллегории и поэтому в произведениях, содержащих иносказания, смысл не всегда лежит на поверхности, а его нужно увидеть и правильно понять мысль, которую хотел донести до читателя автор. Чувства или иные понятия, не имеющие видимой формы, благодаря применению иносказаний, становятся доступными и узнаваемыми и воплощенные в образы помогают точно выразить отвлеченное понятие. В данной статье автор рассматривает применение иносказаний в современной таджикской поэзии.

Ключевые слова: иносказание, литературный прием, применение иносказаний, современная таджикская поэзия, применение иносказаний в таджикской поэзии.

ALLEGORY IN MODERN TAJIK POETRY

The allegory, is a literary reception, expression with the hidden sense. In strict value the allegory is an allegory synonym and therefore in the works containing allegories, the sense not always lies on a surface, and he needs to be seen and correctly to understand thought which the author wanted to inform to the reader. Feelings or other concepts which don't have a visible form, thanks to application of allegories, become available and recognizable and embodied at images help to express abstract concept precisely. In this article the author considers application of allegories in modern Tajik poetry.

Key words: allegory, literary reception, application of allegories, modern Tajik poetry, application of allegories in the Tajik poetry.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Джамоли Алиманиш*** – соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. А. Рудаки АН РТ.

ВАҶҲИ ТАСМИЯИ ЧАНД КИНОЯ

Муҳаммадризо Фаллоҳтафтӣ
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Аз кура даррафтан: башиддат асабонӣ шудан: Барои гудохтани оҳан дар кураҳои оҳангарии қадим, ки бо зуғолсанг ё зуғолчӯб кор мекард, расм ва қавоид бар он буд, ки дараҷаи ҳарорати кураро батадриҷ боло мебаранд, то оҳани сард кам-кам ҳарорат бигирад ва гудохта шавад, зеро баъзе аз фулузот, чунончи ғафлатан ва ногаҳонӣ дар маърази ҳарорати шадид чанд дарсад дараҷа қарор мегирифтанд ба сурати гудохташуда ва бо садои муҳибе мунфарҷ мешавад ва аз кура ба берун партоб мешуданд. Аз он ҷое, ки амали ғайритабии афроди асабимизоҷ бо инфиҷор ва аз кура даррафтани оҳан гудохта ташобеҳ дорад, лизо ин киноя дар мавориди афроди тундхӯ ва пархошгар ба кор бурдаанд.

Аз димоғи фил афтодан: **ҷиб ва такаббур доштан ва беш аз ҳад аз худ розӣ будан:**

Дар замони вуқӯи туфони Нӯҳ, ба амри Худованд ин Ҳазрат ҳар навъ ҳайвони ҷуфте ба киштӣ бурд, то наслашон аз байн наравад дар хилоли муддати шашмоҳе, ки дар киштӣ буданд ба сабаби фузунии фулузоти ҳайвонӣ, саргин ва палидии мардум, фазои киштӣ бисёр мутаафин шуд ва мардум ба сутуҳ омаданд, вақте ҳазрати Нӯҳ бо Худованд сурати воқеаро дар миён гузошт Ҳақ таъоло амар кард, ки даст ба пушти фил бикашад, бо иҷрои ин фармон било фосила хуке аз димоғи фил мутаввалид шуд ва палидиҳоро нест кард. Оварданд, ки сипас Иблис дасте бар пушти хук молид ва муше аз бинии хук берун омад ва харобии бисёр намуд Ҳазрати Нӯҳ ба фармони Худованд бар рӯйи шер даст кашид ва шер бо атсаи худ гурбаро аз димоғаш берун андохт ва заҳмати мушонро дафъ кард.

Ашки тимсоҳ рехтан: гиряи дурӯғин ва фиребдиҳанда: Дар қадим муътақид буданд ғизо ва хӯроки тимсоҳ ба василаи ашки чашми ӯ таъмин мешавад, бад-ин тариқ дар ҳангоми гиристан ба соҳил меравад ва монанди ҷасади беҷон соатҳо мутамодӣ бар рӯйи шикам дароз мекашид ва дар ин мавқеъ ашки масмумкунандае аз чашмонаш хориҷ мешавад ва паррандагон ва ҳашарот ба тамаи ғизо бар рӯйи он менишинанд ва тимсоҳ онҳоро шикор мекунад.

Элакӣ: суст ва камдавом будани як чиз: Элак обзорест, ки ҳамчун ғербол аз симҳои борик бофта мешавад, вале сурохҳои он кӯчактар аст, аз ҳамин ҷиҳат бехтаи он бисёр нарм аст. Дар қадим, ки сим набуд аз порчаи бисёр нозук пунбае ба ҷойи симҳои

борик истифода мешавад, ки давоми чандоне надошт ва зуд пора мегашт. Бинобар ин, **элакӣ буданро** киноя аз «суст ва камдавомии як чиз медонанд».

Говбандӣ кардан: **мушорикат кардан дар манофеи номашрӯъ ва табонӣ кардан**

Қабл аз ба вуҷуд омадани трактор, шахам задан бо гов сурат мегирифт ва ин вожа бо умури кишт ва заъ мутародиф пайдо кард, аммо ваҷҳи тасмияи говбандӣ он аст, ки маъмурон ва муттасадиён вусули баҳраи моликона барои он ки манофеи бештаре насибашон гардад бо як ё чанд нафар аз хешнишинҳо дар зироат ба говбандӣ шарик мешуданд ва манофеи ҳосиларо ба якдигар тақсим мекарданд. Дар ҳангоми дарёфти баҳраи моликона, ки бар мабнои масоҳати заминҳо вусул мешуд мутассадӣ ёд шуда масоҳати заминҳои ширкатеро, ки бо хешнишинҳо говбандӣ карда буданд камтар аз мизони воқеӣ тақвим мекард ва ё гоҳе аслан ба ҳисоб намеовард, то зиён ва зарари мутаваҷеҳи ӯ ва шарики говбандаш нашавад. Ибораи **говбандӣ кардан** ба маънои «киноя табонӣ ва мушорикат дар манофеи номашрӯъ» дар изҳони мардум ҷой гирифт.

Бузи Ахфаш будан: **Надониста ва нафаҳмида мавзӯеро тасдиқ кардан.** Нақл кардаанд, ки Сайид бини Масъуди Хоразмӣ (Ахфаш) олими наҳвии қарни савум ва аз шогирдони Сайбавия буд, агарчи аз Сайбавия бузургтар буд, вале ба шогирдии ӯ ифтихор мекард. Ӯ марди зиштрӯю бадчеҳрае буд ва чашмони тангу камсавод дошт ва ҳеҷ як аз толибилмон бо ӯ мубоҳиса намекард. Зеро дар мубоҳиса бисёр самоҷат дошт ва тарафи мухотабро хаста мекард. Ҳеҷ кас ҳозир набуд бо ӯ баҳсу мунозира кунад. Ногузир бузеро тарбият кард ва масоили илмиро монанди як ҳамдарс барои ин буз тақрир мекард ва ин ҳайвони забонбаста гоҳе аз рӯйи одат сари худро пойин меовард ва суханони Ахфашро тайид мекард ва ин кори буз боиси хушҳолии Ахфаш мегардид.

Сару киса кардан: гирифтани тамоми мавҷудот ва молу мулки дигарон: Дар қадим хонаҳо ҳамом надошт ба ночорӣ мардум барои истеҳмом ба ҳамоми умумӣ мерафтанд ва даллок ибтидо сари онҳоро метарошид сипас бадани онҳоро киса мекашид ва собун мезад, то тамоми мӯйҳои зоид ва чиркҳои бадан ба куллӣ зудуда шавад ва сарукиса кардан ба манзалаи шустушӯйи комил буд, вале имрӯз маънои киноя он ба кор меравад.

Бодимҷон даври қоб чидан: тамаллуқ ва чоплусӣ кардан: Дар замони Носируддин шоҳи Қоҳира ҳамаи аъён ва ашроф ба навъе дар амри ошпазии ошпазхона ҳукумате ширкат доштанд ва коре анҷом медоданд. Дар ин миён ду гурӯҳ мутталиқон чизе намдонистанд ва коре аз онҳо сохта набуда ва барои он ки дар пешгоҳи подшоҳ худнамойӣ кунанд ва дар замони ҳузури қиблаи олам дар ошпазхона чоплусиро ба ҳадди комил бирасонанд, машғули коре мешуданд. Гурӯҳи аввал, машғули сабзӣ пок кардан ва гурӯҳи дуввум, ки мавриди баҳси мост ва дар раъси онҳо садри аъзам буд бо ҳолати чаҳорзону бар замин нишаста, ибтидо бодимҷонҳоро пуст мекарданд ва пас табх онҳоро ба даври қобҳои ош ва хуришат мечиданд.

Паҳлавонпунба: дуруштандом ва беарза: Ҳаллоҷон қадимӣ дар ҳангоми ҷашн ва чароғоне аз гулулҳои пунбаӣ, одамакҳое месохтанд ва ҷилваи дукони ҳаллоҷӣ мегузоштанд, чун ин одамакҳо бозувони қаввӣ ва синаҳои баромада ва қадди барафрошта доштанд ба онҳо паҳлавонпунба мегуфтанд.

Ҷанги заргарӣ: ҷанги сохтагӣ ва ғайривоқеӣ: Агар муштарии пулдоре вориди мағозаи заргарӣ мешавад заргар тавассути шогирди худ заргари рӯ ба рӯйро огоҳ мекард ва дар мағозаи аввалӣ ҷинси худро чандон баробар қимат мегуфт, дар ҳамон ҳангом заргари дувумӣ бо ҳузур дар ин мағоза изҳор медошт, ки ин заргар гаронфурӯш аст ва ман онро бисёр арзонтар ба шумо медиҳам ва муштариро ба мағозаи худ мекашонад ва сарашро кулоҳ мегузошт ва бидуни чона мехарид ва ду заргар суди онро нисф мекарданд.

Ҷавр кашидан: тамоми саҳми дигаронро хӯрдан: Дар гузашта ҷоми шароб ҳафт хат ва нишон дошт, ки аз боло ба пойин иборат буданд аз: ҷавр, бағдод, басра, азрақ, ашк косагар ва фарвадин. Касе ки ҷоми лабрез аз шаробро менӯшад ба ҷаврказ маъруф буд ва ба ҳамин иллат касе, ки тамоми саҳми дигаронро бихӯрад мегӯянд ҷаврказаи дигарон аст.

Тир дар торикӣ андохтан: Аъроби ҷоҳилӣ байни камондорон мусобиқа баргузор мекарданд, то моҳиртарини онҳоро интихоб кунанд. Барои ин, кор қабл аз ғуруби офтоб, сипареро ба девор насб мекарданд ва тирандозон муқобили он меистоданд то ҳаво торик шавад сипас аз собиқаи зеҳние, ки аз сипар доштанд ба он тир меандохтанд.

Об зери коҳ: Бо ҳолати зиракӣ ғадр ва ҳила кардан, риёкор ва муттазоҳир: Об зери коҳ аз ибтикороти қобил ва ҷавмеъ буд, ки ба иллати заъф ва нотавонии ҷузъ аз

тариқи макр ва ҳила, ёрои мубориза бо душманро надоштанд. Ба ҳамин ҷиҳат барои он ки битавонанд ҳарифи қавипанҷаро мағлуб кунанд, дар ҳавлии қасабот ва қарияҳои шолизоре ботлоқи амиқ пур аз об ҳифр мекарданд ва рӯйи онро бо коҳ тавре мепӯшониданд, ки ҳеҷ обаре тасаввур намекард, ки об зери коҳ мумкин аст дар он масир бошад ва бо вуҷуди ин ботлоқ, пешқалавурони душманро дар он ғарқ мекарданд ва пеши рӯйи душманон бо ваҳшат ба кундӣ сурат мегирифт.

А Д А Б И Ё Т

1. Таҷлил Ҷалилӣ. Маонӣ ва баён. – Теҳрон: Маркази нашр ва донишгоҳӣ, 1372.
2. Подшоҳ Муҳаммад (Шод). Фарҳанги Онондроҷ.- Иборат аз ҳафт ҷилд. – Теҳрон: Хайём, 1363.
3. Ҷамолзода Сайидмуҳаммад Алӣ. Фарҳанги луғоти омиёна.- Теҳрон: Сухан, 1382.- 591 с.
4. Хадиш Ҳусайн Матилҳо. Киноятҳо ва истилоҳот ва шоирон.- Шероз: Интишороти Навид, 1386.- 424 с.
5. Ҷалилӣ Муҳаммад. Ороятҳо ва донистаниҳои сухани форсӣ. Теҳрон: Интишороти Тус, 1381.- 134 с.

СПОСОБЫ ВЫРАЖЕНИЯ НЕКОТОРЫХ ИНОСКАЗАНИЙ

Автором в данной статье подвергнуты изучению и рассмотрению способы выражения некоторых иносказаний и даны комментарии к ним.

Ключевые слова: иносказания, способы выражения, термины, прмеры иносказаний, комментарии.

WAYS OF EXPRESSION OF SOME ALLEGORIES

The author in this article subjected to studying and consideration ways of expression of some allegories and comments to them are given.

Key words: allegories, ways of expression, terms, prmer of allegories, comments.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Мухаммадризо Фаллохатафти*** – соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ

ТАЪСИРИ ШАМС БАР ШОДИГАРОИИ МАВЛОНО

Ҳасан Бехёр

Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

В-ин аҷаб ман ошиқи ин ҳар ду зид

Ишқ вожае аст, ки шояд умре ба дарозии умри башарӣ дорад ва то ҷое ки мо дар матнҳо ва осори гузаштагони худ суроғ дорем, ҳамеша аз он ба хубӣ ёд шудааст, бе он ки ба мурури замон арзиш ва эътибори он коста шавад ва ё ҳузураш камранг шуда, фаромӯш шавад. Ҳарчанд мумкин аст, ки сохтори он аз дидгоҳи заминӣ ва осмонӣ тағйири мавқеият дода бошад, аммо ҳеҷ гоҳ ва дар ҳеҷ даврае аз ҳаёти башарӣ муҷиботи дилзадагӣ ва инзиҷорро фароҳам накарда, балки ҳамеша тару тоза ва бо тароваттар аз пеш ба сайри ҳаёти худ идома додааст.

Он чи дар ин мақола омадааст кӯшиш намудаам, ки ибтидо ба ишқ аз назаргоҳи мафҳуми оммаи он ишора шавад то дарёбем, ки дидгоҳи аҳли луғат, фалсафа, равоншиносон дар ин бора чист ва сипас аз бӯъди ирфонӣ ба он пардохтаам, то муқоисае аз назари динӣ ва ғайридинӣ шавад. Аммо далели номгузории ин мақола ба мисрае аз Мавлоно баёни танӯқуз аст, дар лаззатбахшии ишқ бо вуҷуди дарднокии фироқ ё бевафоии маъшуқ нӯше аст дар айни неш будан:

Шамси Табризӣ танӯқуз чист дар аҳволи дил
Ҳам муқими ишқ бошад, ҳам зи ишқ оворае .(591 :2 :25)

Маънӣ ва мафҳуми ишқ: Ибтидо бояд аз маънӣ ва мафҳуми ишқ бохабар шавем, то битавонем сайри маънои ин вожаро, ки дар даваръаҳои мухталиф аз зиндагии башар, аз нахустин хилқати инсон гирифта то ҳол ва ҳатто байни мавҷудоти оламро баррасӣ кунем. Аз назари фарҳанги луғат ва дар мафҳуми омматар ишқ, яъне ба ҳадди ифрот дӯст доштан аст, ки баъзе ҳарфи «айни» онро ба алоқа ва «шини»-ро ба шадид ва «қофи» онро ба қалб нисбат медиҳанд (алоқаи шадиди қалбӣ). Доктор Муин ба нақл аз доктори сиёсии равоншиносӣ тарбияти ишқро аз назари равоншиносӣ чунин таъриф менамояд: Ишқ яке аз авотифе аст, ки мураккаб мебошад аз тамоилоти ҷисмонӣ, ҳисси ҷамол, ҳисси иҷтимоӣ, тааъҷуб, иззати нафс ва ғ. алоқаи бисёр шадид ва ғолибан

номаъқуле аст, ки гоҳе ҳаяҷоноти кудуратангезро боис мешавад ва он яке аз мазоҳири мухталифи тамоили иҷтимоӣ аст, ки ғолибан ҷузви шаҳавот ба шумор меояд [24, 2303].

Аммо ҷудоӣ аз баҳс равоншинохтӣ он чи ки дар адабиёти форсӣ ва хусусан дар адабиёти ирфонӣ бештар аз ҳар чизе ба он пардохта шудааст, ҳамин мафҳуми ишқ аст бо ин тафовуте, ки дар ирфон ва тасаввуф ба он ранг ва ҷилои афзунтар дода шуда, аз буъди амиқтар ва жарфтар ва бо диди вусъати фарохноктар аз ҳолати одӣ ба он пардохта шудааст. Ба ақидаи сӯфиён, асос ва бунёди ҷаҳони ҳастӣ бар ишқ ниҳода шуда ва ҷунбу ҷӯше, ки саросари вуҷудро фаро гирифта ба ҳамин муносибат аст. Пас камоли воқеиро дар ишқ бояд ҷустуҷӯ кард. Урафо муътақиданд, ки ишқ оташе аст, ки дар қалб воқеъ шавад ва маҳбубро бисӯзад. Ишқ дарёи бало ва ҷунуни Иллоҳӣ ва қиёми қалб аст, бо маъшуқ биловосита [15, 580] ва чун танҳо воситае аст, байни ошиқ ва маъшуқ, ки бе он ҳеҷ кӯшише эҷод намешавад пас ишқ муҳимтарин рукни тариқат аст ва ин мақомро танҳо инсони комил, ки маротибе тараққӣ ва такомулро паймудааст дарк мекунад. Тавре ки ошиқро дар марҳалаи камоли ишқ ҳолате даст диҳад, ки аз худ бегона ва ноогоҳ мешавад ва аз замон ва макон фориғ ва аз фироқи маҳбуб месӯзад ва месозад [15,581].

Аз дидгоҳи фалсафӣ низ вожаи ишқ мавриди баҳс ва баррасӣ қарор гирифтааст. Файласуфи бузург Афлотун, ки аз назарияпардозони бузурги ин илм аст, муътақид аст, ки рӯҳи инсон дар олами муҷаррадот қабл аз вуруд ба дунёи ҳақиқат зебо ва ҳусни мутлақ, яъне хайрро бидуни парда ва ҳиҷоб дидааст. Пас дар ин дунё чун ҳусни зоҳирӣ, нисбӣ ва маҷозеро мебинад. Аз он зебоии мутлақ, ки собиқан дарак намуда, ёд мекунад, ғами ҳиҷрон ба ӯ даст медиҳад ва ҳавои ишқ ӯро бармедорад. Фирефтаи ҷаҳон мешавад ва монанди мурғе, ки дар қафас аст мехоҳад ба сӯйи ӯ парвоз кунад. Авотиф ва авомили муҳаббат ҳамон шавқи лиқои Ҳақ аст, аммо ишқи ҷисмонӣ монанди ҳусни суварӣ маҷозӣ аст ва ишқи ҳақиқӣ савдое аст, ки ба сари ҳаким мезанад ва ҳамчуноне ки ишқи маҷози сабаби хуруҷи ҷисм аз ақиме ва тавлиди фарзанд ва моияи бақои навъ аст. Ишқи ҳақиқӣ ҳам рӯҳу ақлро аз ақимӣ раҳо дода, моияи идроки ишроқӣ ва дарёфтани зиндагии ҷовидонӣ, яъне нил ба маърифати ҷамоли ҳақиқату хайри мутлақ ва ҳаёти рӯҳонӣ аст. Инсон ба камоли илм вақте мерасад, ки ба Ҳақ восил ба мушоҳидаи ҷамоли ӯ ноил шавад ва иттиҳоди олами маълуму оқил ва маъқул ҳосил гардад [24, 2303]. Дар фалсафаи илоҳӣ иллати ғояи маъшуқ ва ҳадафи ҳамаи ҳаракот ва мутаҳаррикоти ҷаҳонӣ вуҷуд аст [15,734].

Ба ҳамин хотир аст, ки дар кутуби ирфонӣ соликони тариқати ишқ ва муҳаббат ба маъшуқ ва маҳбуби азалиро ин гуна мавриди хитоб қарор медиҳанд, ки «эй дарвеш, ишқ, буроқи соликон ва маркаби равандагон аст. Ҳарчи ақл ба панҷоҳ сол андӯхта бошад, ишқ дар як дам он ҷумларо бисӯзонад ва ошиқро пок ва соф гардонад. Солик ба сад ҳила он миқдор сир натавонад кард, ки ошиқ дар як турфатулайн. Оқил дар дунёст ва ошиқ дар охират» [15,581].

Дар дили маъшуқ ҷумла ошиқ аст,
Дар дили Узро ҳамеша Вомиқ аст .
Дар дили ошиқ ба ҷуз маъшуқ нест,
Дар миёншон фориғу мафруғ нест (1041; 6,26).

Ҳофиз, ки орифи ринд аст, дар мартабаи ишқ ба маъшуқ ғайр аз ӯ чизи дигаре намебинад ва ҳарчи менигарад маҳбубро мебинад ва худро фориғ аз дайн ва имон дар камоли фақр ва нодорӣ, фақат аз ишқ ба маъшуқ дам мезанад ва ёдоварӣ он мешавад, ки дар ишқ ва ошиқӣ ғайр аз висол чизи дигаре мавриди назар нест. Дар ғайри ин сурат ошиқӣ мафҳуми ҳақиқӣ надошта ва нахоҳад дошт, чунончи Аттор Нишобурӣ дар «Мантиқ-ут-тайраш» мегӯяд:

Ишқро бо куфру бо имон чӣ кор?
Ошиқонро лаҳзае бо ҷон чӣ кор?
Ошиқ оташ бар ҳама хирман занад.
Оре, бар фарқаш ниҳанд ӯ тан занад.

Ишқ дар адабиёти форсӣ: Мавзӯи адабиёт, матолиби маъмули рӯзмарра ё мабоҳиси илмӣ ва таърихӣ нест. Балки пуштивонае аз андешаи волое дорад, ки аз табиат ва зиндагӣ илҳом гирифта ва бо ҷодуии хаёл табдил ба шеъре ё достони ҳунарӣ дилангез шудааст ва чунон аз равонӣ ва вахдати ҳунарӣ ва ҳамоҳангии шевоӣ бархурдор шуда, ки аз ҳар воқеияте зеботар ва дилфиребтар шудааст. Он чи ки бар адабиёт шӯр ва тароват мебахшад доштани ҷашни ишқ аст. Вожае, ки шояд аз ибтидои

хилқати одамӣ даҳан ба даҳан ва сина ба сина дар фароз ва нишебиҳои рӯзгор гашта, ҳанӯз аз тароват ва шодобиаш коста нашудааст. Шояд дар бурҷае аз замонҳо, мафоҳим ва корбурдҳояш иваз шудааст. Масалан, аз бӯъди ирфонӣ ва тасаввуф мафҳум ва муҳтавои ишқ бо он чи ки дар достонҳои назмӣ вуҷуд дорад мутафовут аст, аммо ҳарду аз як сарчашма тағзия мешаванд. Шахсияти навине, ки ишқ ба ошиқ медиҳад ва дунёи тозае, ки барои ӯ бино мекунаду рафъат ва уруҷе, ки насиби рӯҳ месозад, ӯро чунон мекунад, ки ҳама чизаш шодӣ, ғамаш гирех, ханда, қабз, баст, фараҳ, малолаш ҳама аз ҷинси дигар мешавад ва алорағми зоҳири куҳан, ботини тоза пайдо мекунад ва аз он ҷо аст, ки адаби ошиқон ва дуои онон ҳам, маъно ва ҳақиқати дигаре меёбанд. Ошиқ ҳарчи бошад дар фикри маъшуқ аст ва ҳатто дурӣ ва фироқи ӯ, он лаззати тафаккур ва умед ба висолро ба малол табдил намекунад. Андӯҳаш замоне аст, ки ганҷинаи дилаш аз ишқи маъшуқ тиҳӣ гардад.

Адабиёти ғание, ки бештарин навъ аз анвои адаби форсиро дар бар мегирад ва муҳтавои он ағлаби ошиқона ва базме аст, яке аз пояҳои баланд, азмаш вуҷуд, ҳузури ишқ ва дилдодагӣ аст. Шоир ва нависанда дар он ба тавсифи маҷолис базм ва айшу нӯш мепардозад ва аз шӯру ҳол, сӯзу гудоз ва розу ниёзи ошиқона сухан мегӯяд. Дар ғаму шодӣ ва нокомии худ бо ашхоси достон доди сухан медиҳад. Вақте ки шоир аз ғаму андӯҳ, аз шодиву хурсандӣ аз ишқу ҳиҷрон, аз комёбӣ ва нокомӣ суҳбат мекунад, на фақат барои худ, балки барои ҳама насли башар мегӯяд, таҷрибаи ӯ маълум аст ва осори он торҳои вуҷуди хонандаи ӯро чунон ба иртиош дармеоварад, ки эҳсос мекунад таҷрибаи худашро бо забони зебо, барояш тафсир кардаанд» [3, 118].

Гунаи дигар аз адабиёти ғание, ки ҳузураш дар сабки ироқӣ бештар намоён ва машҳур аст, адабиёти ирфонӣ аст, ки муҳтавои он баёни мафоҳими сӯзу гудози ошиқонаи ориф ва маъруф, ошиқ ва маъшуқи осмонӣ аст. Сӯзу гудозе, ки ба эътиқоди қудамо, асл ва мабдаи ҳаёти башарӣ ҳамин аст ва ба ҳукми «ал-Маҷозу қантараҳ-ул-ҳақиқа» ишқи заминиро пуле барои расидан ба ишқ ирфонӣ медонанд. Ҳамон гуна, ки гуфта шуд, дар ин навъ адабиёт ишқ ба маъбуд аст, ки ҳамворкунандаи тамоми сахтиҳо ва душвориҳои роҳ аст ва ориф дар партави ҷаҳонбинии исломӣ ва жарфоӣ тамоилоти дарунии хеш, нигоҳи хос ба ин дунё дорад. Ӯ олам ва одамро бо тамоми аҷзо ва ҳаводиси худ таҳти таъсири тадбири қудрати лоязол мудаббири ҳаким ва қодир мебинад. Аз назари ӯ ғам ва шодӣ ду ҳолати комилан дарунӣ аст, на берунӣ. Лизо инсон мумкин аст, дар авҷи танаумот, ғамгин ва мутақобилан шахсӣ дар шиддати фақр фараҳнок бошад. Дар адаби пурбори форсӣ шоире нест, ки дар ин замина сухан нагуфта бошад, чаро ки меҳварияти шеър чи дар адабиёти ирфонӣ ва чи дар ошиқона вуҷуд ва ҳузури ишқ аст ва бе он ҳеҷ ҷунбандаеро ёрои мондан нест. Чунончи Низомӣ ягона шоири тавонои арсаи достонҳои базмӣ ва ошиқонаи дарбори ишқ чунин мегӯяд:

Нарӯяд тухми кас бе донаи ишқ,
Зи сӯзи ишқ беҳтар дар ҷаҳон чист?
Кас эмин нест, ҷуз дар хонаи ишқ,
Ки бе ӯ гул нахандид, абр нагирист (58; 27).

Ишқ аз дидгоҳи ирфонӣ: Дар нимаҳои дувуми қарни панҷуми ҳиҷри ҷараёни тозаи ибтидо дар нависандагӣ ва баъдҳо дар шеъри форсӣ пайдо шуд, ки талиаеи он дар авохири аср Носири Хусрав ошкор гардид. Ин ҷараёни тоза, ки ирфон ном дошт, ҳарчанд ки аз ҳамон садаҳои нахуст ба сурати сода ва ибтидоӣ дар байни мусалмонон ривоҷ дошт, аммо ҳеҷ гоҳ дар адабиёти форсӣ бурузи чандоне наёфта буд. Ирфон, ки дар байни муслимини тасаввуф низ ном дошт дар оғоз иборат буд аз шевае аз вусул ба ҳақиқат ва расидан ба Ҳақ бар асоси риёзат ва порсоӣ ва покдоманӣ ва даврае аз олоишҳои моддӣ ва парҳез аз диндорӣ. Ба гунае ки шахси ориф битавонад даруни худро барои тобиши анвори Иллоҳӣ сафо диҳад ва бевосита ба мақоми қурби Ҳақ ноил ояд.

Ирфони исломӣ маншаи қуръонӣ дорад. Тамоилоти орифона ибтидо дар Байнаннаҳрайн пайдо шуд. Аммо дар садаҳои нахустини исломӣ, Эрониён афкори ирфонӣ ва завқи сӯфиёнаро дар Хуросон парвариш доданд ва аз он ҷо ба навоҳии дигар ҳатто маркази Хилофати Бағдод нуфуз карданд. Дар ин миён, бархе аз орифони воқеӣ ба унвони афроди мубориз, зидди қудрат ва сарват, барои ҳукуматҳои асри худ музоҳиматҳое эҷоде карданд ва ҳатто дар роҳи исботи андешаи хеш ошиқона пой бар меъроҷи дор ниҳоданд.

Шеъри ирфонӣ бо такя бар авотифи инсонӣ ва пешкашидани усуле чун тасомеҳ ва мадоро, муҳаббат, хидмат било шарт, бениёзӣ ва озодагӣ бо ёдоварии арзиши вуҷуди

инсон, ӯро ба сӯи камол ва сар ниҳодан бар остони ҳазрати Ҳақ даъват мекунад. Ин ҷараёни ирфонӣ пас аз расидан ба Мавлоно дучори таҳаввул шуд, ба гунае ки Мавлоно дугонагии шеър ва шариатро аз байн бурд ва шеърро худ шариат донист. Ҳамчунин Мавлоно табақаҳои дугонаи ҳастиро аз миён бардошт ва шеърро болотар аз ваҳӣ ва фармро айни маъно донист. Бо вуҷуди Мавлоно дар панҷ асараш ҳеҷ шоире ба андозаи вай роҳе дар адабиёт нагушудааст. Шеъри асри Мавлавӣ ҳам аз назари лафз, покиза ва нарм ва дилншин аст. Ҳам маънии бартари инсонӣ ва осмонӣ дорад. Шеъри асри Мавлавӣ нобтарин шеърҳоро ба қалам рӯи фарҳангу забон форсӣ ҳадя кард ва дар он бештар аз ҳар даврае, бо инсон шаффоф ва софӣ замире, ки дилро барои қабул таҷаллии нури Ҳақ омода кардааст, рӯ ба рӯ мешавем.

Умуман орифон барои шинохти Худо, масири файласуфон ва мутакаллимонро тай мекунанд. Онон ҷаҳонро ба сони панҷарае меёбанд, ки дар ҳама ҷойи он Худо ҳузур дорад. Яъне худи Худованд дар мазҳари худ ҳузур дорад. Ба наҳве ки зуҳур айни мазҳар ва мазҳар айни зуҳур ва ҳузур аст. Лизо дигар намегӯянд, ин ҷаҳонро бубинед ва ба далолати он бифаҳмед, ки ин ҷаҳон холиқе дорад.

Ин дур кардани роҳ аст. Орифон мегуфтанд, ки ин ҷаҳонро бубинед, то Худоро дида бошед. Дидани ин ҷаҳон ҳамон ва дидани Худованд ҳамон. Лозимаи шинохти Худо ишқ ба ӯст ва лозимаи ишқ варзидан ба Худо, тарки тааллуқҳои дунявӣ ва фано шудан дар Худованд (фанофиллоҳ) аст. Вақте инсони ориф дар ҳар лаҳзае, ки нафас мекашад, агар ҳамроҳ бо дарди ҷудои аз даргоҳи маҳбуб набошад, он нафас кашиданҳо козиб аст. Бояд ба муҳокимаи рӯҳи ҳозир шавад ва посухгӯ бошад, то қарин бо нолаҳо шавад, ки давояш ҷуз хӯ кардан ва даво нахостан нест:

Дар дафтари табиби хирад боби ишқ нест,
Ай дил, ба дард хӯ куну номи даво мапурс.

Орифон умуман ба дунё аз чашми Худо нигоҳ мекунанд ва ишқро ба ҳақиқӣ ва маҷозӣ тақсим карданд. Ишқи маҷозӣ, ибтидо, муҳаббати ваҳӣ ва баъд ваҷду ишқ аст, ки маншаи он ҳубби маҷозӣ аст ва пас аз маротибаи ишқ шағаф аст, ки сӯзонандаи қалб аст [15, 582]. Ба ҳамин хотир аз дунё фақат зебоӣ мебинанд ва ҳар чизи ба зоҳир дардолудро имтиҳони Иллоҳӣ ба ҳисоб меоваранд. Ориф, саҳнаи ҳастиро таҷаллигоҳи зуҳури Иллоҳӣ медонад. Оё чунин орифе ҷуз тамошои ҳузури Иллоҳӣ, ба чизи дигаре метавонад бипардозад?

Бе ишқ поя ва асоси зиндагӣ ва бақои тамоми мавҷудоти олам ноқис ва ғайрмумкин аст. Гардишу чархиш, ҷӯшу хурӯши тамоми ҷунбондагони олам бар меҳвари ишқ аст. Мавлоно ишқро сарманшаи тамоми таҳаввулот ва такомулоти ҳастӣ медонад ва мегӯяд:

Ишқ ҷӯшад баҳрро монанди дег,
Ишқ соид кӯҳро монанди рег.
Ишқ бишкофад фалакро сад шикоф,
Ишқ ларзонад заминро аз газоф.
Гар набудӣ баҳри ишқи покро,
Кай вуҷудӣ додамӣ афлокро (26; 5, 853).

Ишқ, сарманшаи ҳамаи шодиҳост, чи осмонӣ бошад ва чӣ заминӣ. Ягона майдондори арсаи ғам ва шодӣ ишқ будааст. Дар ирфон, ғами ҳиҷрони маъшуқ ва дурии ёр, муқаддимаи шодӣ ва ғам расидан ба маҳбуб ва ёр, зеботарин ва бошикватарин шодмонӣ аст ва лаззати васфнопазир дорад ва мояи мубоҳоти онҳост:

Ғам гирди дили пурҳунарон мегардад,
Шодӣ ҳама бар бехабарон мегардад.
Зинҳор, ки қутби фалаки доиравор,
Дар дидаи соҳбназарон мегардад (311; 22).

Ишқ аз назари Мавлоно. Маърифатҳои Мавлоно ҳамагӣ дар сайри ирфон мусбат ба кор мераванд ва ҳама маълумоте, ки аз шинохти инсон ва ҷаҳон ба даст меовард дар истихдом як маърифати олӣ дар бораи дарёфти оҳанги орғунуни ҳастие, ки худ мавҷе аз он қарор хоҳад гирифт, дармеовард. Алии Даштӣ нависандаи ширинкаломи муосир зери унвони «Рӯҳи паҳновар» дар бораи Мавлоно Ҷалолуддин Балхӣ чунин изҳори назар мекунад: «Ҷалолуддин Муҳаммад шояд беш аз ҳар шоире шеър гуфта бошад, гуфтаҳои вай рубоиву ғазал ва маснавӣ аз ҳафтод ҳазор байт иборат мебошад, дар сурате, ки бузургтарин ва пурмоятарин, китоби шеърии мо «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, каме беш аз панҷоҳ ҳазор байт мешавад. Бо ин тафовути муҳим ва асосӣ, ки қисмати аъзами ин китоби арҷманд ба зикри нақли афсонаҳои таърихӣ сарф шудааст.

Бо вуҷуди инҳо ваҷҳи тамоизи Мавлоно дар касрати ашъори вай нест, бешубҳа Ҷалолуддин Муҳаммад яке аз пурмоятарин гӯяндгони мост. Иҳотаи вай бар маорифи асри худ, аз қабили фиқҳ, ҳадис, тафсир, илмҳои арабияву адабия, фалсафаву усули ирфон ва тасаввуф, ҳамчунин иттилооти доманадори ӯ бар шеъру адаби форсӣ ва арабӣ қобили тардид нест. Вале бузургӣ ва ташохиси вай ҳатто дар фазл ва дониши ӯ намебошад. Ваҷҳи таъйин ва ташохиси вай дар гунҷоиши ин рӯҳ таскиннопазир ва пур аз ду мавҷ, дар паҳнои фазои машоир ғайрииродаи ӯ, дар ин дунёи илоҳӣ аст, ки дар ҷойи вай зиндагӣ мекунанд [12, 212].

Худои Мавлавӣ дар тамоми лаҳзаҳои ӯ ҳузур дорад. Ба тавре ки дар андешаи ирфонӣ Мавлавӣ ҳеҷ гоҳ ҷойгоҳ ва пойгоҳе барои Худо наметавон фарз кард. Мавлоно олами ҳастиро партаве аз таҷаллии зоти Илоҳӣ медонист. Дар нигоҳи ӯ ҷаҳони ҳастӣ маҳалли таҷаллии ҳақиқат аст. Ӯ нисбат ба умури дунявӣ беэътино буд ва бофаросат аз зоҳир пай ба ботин мебарад. Ҳар он қадаре ки ҳақиқатнамоии олам ҳастӣ дар зеҳни мо бештар ҷилва мекунад, нисбат ба ҷаҳони нестӣ ҳастинамо, эътиқоди бештаре пайдо мекунем дар ин сурат аст, ки гирифтори ғам ва андуҳи музоаф хоҳем шуд. Аммо орифе чун Мавлоно, ки сурати ҳастиро монанди ҳубобчаҳои рӯйи баҳр медонад, ҷаҳон пеши чашмаш беарзиш аст, пас ҳеҷ гоҳ чунин шахсе дучори ғаму андӯҳ намешавад. Аз ин рӯ, шодмона зиндагӣ мекунад ва аҳамяити онро бар дигарон ёдовар мешавад. Ӯ марде буд, ки нисбат ба табиати инсонӣ басирати амиқ дошт. Ва табиат ғаризаҳо, тасаллути ақл бар ғароиз ва табоиъ, замири худогоӣ, замири ноҳудогоҳи кайҳониро дар мабоҳиси иршодии худ мавриди баҳс қарор медод. Ин ранг берангӣ, ин дарёи адам ва иннаҳу латифн ло юдраку ва ло юсаф, аз инсони восилӣ сар мезанад, ки тамоми мақомотро тай карда, ба висоли маҳбуби хеш ноил шудааст. Дар он водӣ дигар ҷойе барои ғам намемонад. Ҷаҳон модда ва моддиот дар муқобили ҳаракоти табиии рӯҳ сади бузурге аст ва то он девор шикаста нашавад, инсон нахоҳад тавонист ҳаракоти воқеии рӯҳи худро мушоҳида кунад. Ағлаб муҳаққиқин дар равоншиносии навобиғ ба ин натиҷа расидаанд, ки барои ин, ки як нобиға ба ҳақиқати тозае бирасад, маҷбур аст, аз ҳамаи аворизи табиӣ худ озод гардад, балки бояд ҳатто дар мавқеи интиқол ба ҷаҳони маҷҳул худро ҳам фаромӯш кунад. Дар ин мавқеъ аст, ки метавонад гоме ба фаротар аз ҷаҳони шинохташуда биниҳад. Ғазале, ки бо матлаи «Мурда будам, зинда шудам, гиря будам, ханда шудам» [25, 2, 13] оғоз мешавад, шодӣ ва сурури сотеъ аст. Ин шодӣ ва шӯр, тобише аз ризояти дарун ва саодати маънавии Мавлавӣ аст. Орифи сармаст аз ишқи Ҳақ, ғарқа дар амвоҷи нури хуршед ҷону рӯҳаш чунон саршор аз шукуфтагӣ ва шодӣ аст, ки ҳама мазоҳири оламро аз ин фуруқ рӯшан мебинад.

Мавлоно ишқеро, ки худ дар он ғарқ буд, дар тамом зарроти олам, сарӣ медид. Аз ин рӯ, ба ҳама зарроти олам, ишқ меварзид ва он чиро ба он ишқ меварзид дар тамом зарроти олам дар таҷаллӣ медид. Ҷисми назари ӯ дар муқобили ҳар гуна сахтӣ ва меҳнат, ташнагӣ ва гуруснагӣ ва ҳар гуна сармо ва гармо, тоқати фавқулода нишон медод. Нигоҳи ӯ гарм ва гиро буд [13,28].

Он майҳои мардафкане, ки аз ғайб бар даруни Мавлоно мерехт ва меҷӯшид, борҳо аз гунҷоиш даруни ӯ афзунтар буд, аммо уқёнуси вуҷуди Мавлоно буд, ки онро таҳаммул мекард ва ӯро дар илтиҳобот ва бетобиҳо, ғӯтавар месохт. Ин шӯрҳо ба қавли худи Мавлоно, он қадар зиёд буд, ки агар ба ҷони тамоми мардуми олам тақсим мешуд, ҳеҷ як оқил ва фарзонае боқӣ намемонд. Ва агар бар кӯҳ мерехтанд, виқор ва сукунати он фурӯ мепошид:

Агар шӯри маро Яздон кунад тавзеъ бар олам,
Набинӣ ҳеҷ як оқил, шаванд аз ақлҳо орӣ (487; 2, 25).

Бодаат аз кӯҳ, сукунат барад
Айб макун з-он ки виқориям нест
(25, 1: 203).

Ин ишқ бесаранҷом, аммо шодмона дар тайи тамоми солҳои сулук, ки Мавлоно ҳар рӯз беш аз пеш бо он ба мулоқоти Худо наздиктар мешуд, ӯро мақҳури ситраҳи азими хеш мекард ва ҳоло ӯро дар ғалаботи ҷазаба, моварои тавсиф нишон медод. Ба хотири ҳамин ишқ буд, ки таҳрик ва тавсеаи доимии шайх ва қозии шаҳрро бо кушодарӯи таҳаммул мекард. Бо кашиши Истанбул дӯстӣ ва фурӯтанӣ мекард ва ҳатто нисбат ба ҳайвонот ҳам, эҳсоси ҳамдилӣ менамуд [13, 282]. Он чи ба солик дар ҷудоӣ аз моддиёт ва расидан ва маънавиёти ҷуръат ва ҷасорат мебахшад, бехудии ношӣ аз ишқ аст, ки бо вуҷуди он, ошиқи иллоҳӣ ҳеҷ роҳеро душвор ва ҳеҷ бореро сангин тасаввур

намекунад ва ишқ монанди ресмони пурҷозибае аст, ки соликро ба Худо мерасонад ва ба мисдоқи ояи «Қуръон» «юҳиббуҳум ва юҳиббунаҳ» [1,5,54] ҳардуро ба ҳам васл мекунад. Чун каҳрабое аст, ки коҳро ба сӯи худ мекашад ва чун оҳанрабое, ки дар ҷазби солики ошиқ тардид намекунад. Ишқ Мавлоноро бетоб мекард ва хавф ҷисму ҷонашро мегудохт. Дар ғалаботи ишқ, ваҷд ва шӯр ӯро ба рақс ва самоъ вомедошт. Дар ғалаботе хавф шабзиндадорӣ ва риёзат, ӯро ба хушӯъ ва хашият мекашонад ва дар айни тарабу шодӣ ошиқона фарёд мезад:

Ман тарабам, тараб манам,
зуҳра занад навоӣ ман,
Ишқ миёни ошиқон шева кунад
барои ман (186 :25:2).

То ҷойе, ки дар авҷи ғалабот ва шӯри ирфонӣ, ҷоме аз шароби ишқро сар мекашид ва бар атрофёни худ изҳор медошт, ки ҳатто дар замони марг ва ёдкарди рӯҳаш, ба ҷойи хондани фотиҳа ба навохтани тору танбӯр ва даф бипардозанд, зеро, ки дар базми ошиқон ғаму андӯҳро роҳе нест:

Агар бар гӯри ман, ойи зиёрат,
Туро хорпуштаам рақсон намояд.
Маё бе даф ба гӯри ман бародар,
Ки дар базми Худо ғамгин нашояд.
Маро Ҳақ аз ишқ офаридааст,
Ҳамон ишқам, агар маргам бисояд.
Манам масту асли ман майи ишқ,
Бигӯ аз май ба ҷуз мастӣ чӣ ояд? (272; 1, 25)

Ба эътиқоди Мавлавӣ, дармони тамоми ин дардҳо, нӯшидан аз шароби ишқи илоҳӣ аст, ки ҷуръае аз он тамом таъйиноти моддӣ ва дунявиро аз инсон, дур мекунад ва ҳуши ӯро дар дунёи бекарони рӯҳи иллоҳӣ ғӯтавар месозад:

Ҳар киро ҷома зи ишқе чок шуд,
Ӯ зи ҳирсу айб куллӣ пок шуд.
Шод бош эй ишқи хушсавдои мо,
Эй табиби ҷумла иллатҳои мо,
Эй давои нахвату номуси мо,
Эй ту Афлотуну Ҷолинуси мо (6; 26)

«Ҳадафи Мавлоно аз шеър буруз додани ишқ мебошад, ишқе, ки аз рӯҳи забон ироа мешавад. Аммо ба фикри ӯ бар он бурузи ишқ танҳо забон кофӣ нест. Балки ғайр аз рӯҳи забон боз роҳҳои дигар ҳам мавҷуд аст, ки онҳо фавқ баён мебошанд» (17,54). Барои расидан ба ин яқин, роҳе ҷуз даст ба доман шудан ба авлиёӣ Худо нест. Танҳо онҳо аз мароҳили расидагӣ ба шуҳуд ва яқин, бохабаранд ва роҳи он, дар ҳеҷ дафтар ва китобе намеғунҷад, ки ба он «Ишқи раббонӣ» мегӯянд:

Ишқ зи авсофи Худои бениёз,
Ошиқӣ бар ғайри ӯ бошад маҷоз,
Ишқи раббонӣ аст, хуршеди камол.
Амри нури ӯст халқон чун зулол (968,26).

Мавлоно муътақид аст, ки марг мулоқот аст. Мулоқоти ошиқ ва маъшуқ. Бояд барои рӯзи лиқо омода шуд. Бояд хушлиқо буд. Рӯзи лиқо, рӯзи шодӣ аст, на рӯзи ғам ва мотам (11; 63 -62).

Чун мулоқоти ишқ наздик аст,
Хушлиқо шав, барои рӯзи лиқо.
Марги мо шодию мулоқот аст
Гар туро мотам аст, рав з-ин ҷо (103; 1,25).

Ин ишқи дилхоҳ ошиқони ростинро бо тобу таб ҳамроҳ мекунад ва ба дарачаи аълои сӯзу гудоз мерасонад, аммо бо ҳамаи инҳо ошиқи воқеӣ бар он мубоҳот дорад ва ғаме, ки Мавлоно дар пайи он аст аз ин навъ аст ва шукргузори чунин ғамҳост:

Эй шуълаҳои гардон дар синаҳои мардон,
Гардон ба гирди моҳат чун гунбади кабудам (128; 2,25)

Зулму ситаме, ки аз ёр мерасад айни неъмат ва шодӣ аст, ҳар озор аз тарафи маъшуқ, нишон аз таваҷҷуҳи ӯ бар ошиқ аст ва ҷуз ин хости ошиқ нест. Мавлоно низ қадам задан дар чунин хористонро бар айшу хушии бӯстоне тарҷеҳ мениҳад:

Валлоҳ аз ин хор дар бӯстон шавам,

Ҳамчу булбул з-ин сабаб нолон шавам.
Ин чи булбул, ин наҳанги оташ аст,
Ҷумла нохушиҳои ишқ ӯро хуш аст (72,26).

Ин ишқ, ки инсонро ба ҷустуҷӯи Худо вомедорад бо шавқ ва пӯяе, ки бад-ин гуна дар ӯ ба вуҷуд меоварад, ӯро бо тамоми коинот дар такопӯи камол, ҳамоҳангӣ мекунад ва аз сукун ва рукуде, ки тақаюд ба ниёзҳои пасти ҷисмонӣ вайро бад-он маҳкум медорад, берун меоварад. Ин навъ ишқ дар мафҳуми ҳақиқии хеш, иқтизои ваҳдат дорад ва ҳарчанд дар шакли маҷозии хеш аз ошиқ мехоҳад, то муроди худро дар муроди маъшуқ дарбозад, дар шакли ҳақиқии хеш ҳар он чи савдои маъшуқ аст онро нобуд месозад ва ҷуз ишқ, ки таҷаллии маъшуқ аст, ҳеҷ чиз боқӣ наемонад [13: 302-301]. Мавлоно, зистан ба ишқи маҳбубро ғайри мумкин медонад ва тарс аз ғами ишқро нанг ва ор мешуморад ва бе ҳар дуи он ҷаҳонро бесамар ва зиндагӣ дар онро холӣ аз баҳра мехонад, бе қарорҳои ӯ ҳосили дуоҳои фаровон дар тақозоӣ касби онҳост:

Гар аз ғами ишқ ор дорем,
Пас мо ба ҷаҳон чӣ кор дорем.

Ё Раб ту мадеҳ қарор моро,
Гар бе рухи ту қарор дорем (72; 2,25).

То ҷойе ки аз фарти алоқа ба маъшуқ ба ҳадди ғампарастӣ мерасад ва шодиро амрӣ мунҷаркунанда медонад. Он ҷост, ки ғам, айни шодӣ ва ё аз он низ болотар аст:

Зи шодиҳо чу безорам, сар аз ғам аз куҷо дорам,
Ба ғайри ёри дилдорам, хушу хурам намедорам (26; 2, 25).

Аз назаргоҳи Мавлоно зиндагии ғайриасил, яъне зиндагии омехта бо фироқ, саршор аз ду ҳиси қавӣ аст. Ҳангоме ки қатраи рӯҳи инсон дигар бахше аз он баҳр набошад, дар маърази нестӣ қарор мегирад. Як қатраи танҳо дар муқобили тобиши офтоб ба Турфат-ул-аинӣ баҳор ва бо вазиши бод, дар андак лаҳзае хушк мешавад. Зиндагии фироқомез ҳам, ҳамвора дар остонаи нобудӣ аст ва ҳамин таҳдиди ҳамешагӣ маншаи ташвиши одамист. Мавлоно оқибати дурӣ аз маъшуқ ва маҳбубро ғам ва ғусса медонад, пас лозими шодӣ висол асту бас:

Чун натиҷа ҳаҷри ҳамроҳон ғам аст
Ки фироқи рӯйи шоҳон з-он кам аст ? (272,26)

Дарди ишқ бо шодӣ дар вуҷуди одамӣ азамати маъшукро эҷод мекунад. Аммо вақте, по дар арсаи ишқ ниҳодӣ, чун ҳадафи мушаххас ва дили ошиқ дорӣ, аз ғамҳо дурӣ. Хусусан, ки ба висоли маъшуқ ҳам расида бошӣ ва ризоияти худро дар ризоияти ӯ бидонӣ. Дар ин сурат, шодӣ мисли оби латифе аст, ки ба ҳар ҷо мерасад, ғунчаеро шукуфо месозад ва ғам чун селоби сиёҳ, ки ба ҳар ҷо расад шукуфаҳоро дар талотуми худ нобуд мекунад. Пас ошиқ, дар ғам шод аст, зеро сарчашмаи онро як вуҷуди саросар лутф медонад. Ҷалолуддин Муҳаммад мадеҳасарои сафо, вафо ва инсоният, тавҷеҳи тоза, зариф ва дақиқе аз ишқ дорад, ки то кунун дар фарҳангномаҳои дорулилми ҷаҳонӣ дар бораи он чунин сухан наёмада ва тавҷеҳ нашудааст. Муколама ва мунозираи ақл бо ишқ дар «Девони кабир» ва девони маърифат «Маснавӣ» баҳсангез ва хондание аст. Мавлонои ошиқ, балокашони сабури оташи хориро дар водии ишқ металабад ва ворастгонеро даъват мекунад, ки дар баробари номулоимоти ношӣ аз маҳҷурӣ ва муштоқӣ, домани таҳаммул ва таваккул аз даст надиҳад ва сӯзиталабро аз бало бозшиносад. Ҳадафи Мавлоно роҳнамоӣ кардани анбӯҳи сӯфиён ва халқ ба сӯи холиқи ҳастибахш ва Худои ҷаҳонофарин аст ва ӯ мекушад бо маргситоӣ, инсонро барои дидор ва висол бо маҳбуби азалӣ фарохонда, талош мекунад, ки инсонро аз дилбастагииҳое паст ва разоили моддӣ раҳонад ва ба сӯйи гулзори ишқ ва маънавият роҳанмоӣ кунад..

А Д А Б И Ё Т

1. Иқбол Афзал. Зиндагӣ ва осори Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ. –Теҳрон: Марказ, 1375, 263 саҳ.
2. Ҳофизи Шерозӣ. Ғазалиёт Ҳофиз. - Теҳрон: Интишороти Нигоҳ, 1379, 1005 с.
3. Даштӣ Алӣ. Сайре дар девон Шамс. - Теҳрон: Интишороти Завор, 1383, 327 с.
4. Зарринкӯб Абдулҳусайн. Пала-пала то мулоқоти Худо. -Теҳрон: Интишороти илмӣ, 1380, 394 с.
5. Саҷҷодӣ Сайидҷаъфар. Фарҳанги истилоҳот ва таъбирот ирфонӣ. -Теҳрон: Интишороти Таҳурӣ, чопи чорум,1378, 814 с.
6. Саъдӣ Муслиҳиддин. Куллиёти Саъдӣ. -Теҳрон, нашри Қақнус, 1379, 1088 с.
7. Соиби Табрезӣ. Девони ашъор. -Теҳрон: Интишороти Илм, 1383, 3 ҷилдӣ.

8. Ирокӣ Фахриддин. Девони Ирокӣ: Интишороти китобхона, 1372, 443 саҳ.
9. Муин Муҳаммад. Фарҳанги форсӣ. -Теҳрон: Интишороти Амири Кабир, 1378, 6 ҷилд
10. Мавлавӣ Ҷалолиддин. Калимоти Шамс ё Девони кабир. -Теҳрон: Интишороти Амир Кабир, 10 ҷилд.
11. Мавлавӣ Ҷалолуддин. Маснавии маънавӣ. -Теҳрон: Интишороти Пажӯҳиш,1378.- 1275 с.
12. Низомӣ Ганҷавӣ. Хусрав ва Ширин.- Теҳрон: Дафтари пажӯҳишҳои фарҳангӣ, 1383, 107 саҳ.
13. Низомӣ Ганҷавӣ, Илёс бинн Юсуф. Хамсаи Низомии Ганҷавӣ. - Теҳрон: Нашри илм, 1378, 2 ҷилдӣ, 1582.

ВЛИЯНИЕ ШАМСА ТАБРЕЗИ НА ТВОРЕНИЯ МАВЛОНО

Любовь – это слово, которое в течение многих веков никогда не теряло своего значения и означает любовь к жизни. Целью статьи является изучение значения слова «любовь»: словарное значение, с философской, психологической, светской, религиозной и нерелигиозной, этической точек зрения.

Ключевые слова:Мавлоно, Шамс Табрези, любовь, значение любви, словарное значение, любовь к жизни.

THE IMPACT OF SHAMS TABREZI THE CREATION MAVLONO

Love – word that never lost it’s mean during many adzes. And is love to life. The key – note of the article – is to show the word “Lowe” from various points of views: vocabulary, philosophy psychology, secular, religions, ethnic. The title of the article is from the poet active ty of Mavlono, which is about faght of love and treason.

Key words: Mavlono, Shams Tabrezi, the love, the meaning of love, a dictionary value, the love to life.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Хасан Бехёр*** – соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного нгаследия им.А.Рудаки АН РТ

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

АНЪАНА ВА НАВОВАРӢ ДАР ЖАНРҲОИ ЖУРНАЛИСТИКА

М. Муродов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Масъалаи жанр чи дар дирӯз ва чи имрӯз аз мавзӯъҳои муҳим ва мубрами назарияи журналистика маҳсуб меёбад. Зеро маҳсули эҷоди журналистӣ маҳз дар қолаби жанр зуҳур меёбад ва ҷамъбаст мегардад. Маҳсули эҷоди журналист, ҳамчунин публитсист ифодагари набзи замон буда, аз як тараф, зери таъсири рӯҳияи иҷтимоъ қарор гирад, аз сӯи дигар, дар ташаккул ва таҳаввули чунин рӯҳия нақш мегузорад. Аз ин рӯ, ҳар гуна таҳаввули иҷтимоӣ ба журналистика бетаъсир буда наметавонад. Ба ин маънӣ, дигаргуниҳое, ки тайи чанд соли охир дар ҷомеа ба вуқӯъ пайвастанд, ба журналистика низ таъсир гузоштааст. Аз ҷумла, муносибат ба предмети инъикос ва истифодаи жанрҳо дар журналистика, хосса матбуоти даврӣ нисбатан ранги дигар пайдо кард. Ин омил то андозае боиси халалдор гардидани анъанаи жанрҳои журналистика гардид.

Ба ин минвол, масъалаи чигунагии низоми жанрии матбуоти муосири тоҷик, омилҳои дигаргункунандаи низоми жанрҳои журналистӣ, истифодаи жанрҳо дар нашрияҳои гуногун, хусусияти жанрҳои алоҳида ва монанди ин моро водор намуд, ки сари ин масъала андеша намоем.

Мушоҳидаҳои солҳои охир нишон медиҳад, ки низоми жанрҳои журналистика дар ВАО, хосса матбуот, воқеан, нисбатан дигаргун шудааст. Аммо ин дигаргунӣ бештар хусусияти ҷузъӣ дошта, на ба сохтори умумӣ, балки ба мундариҷаи гурӯҳи алоҳидаи жанрҳо бештар алоқаманд мебошад. Ба ибораи дигар, дар маҷмӯъ низоми жанрҳои журналистика, ки се дастаи асосӣ: ахборӣ, таҳлилӣ ва публитсистию бадеиро ташкил медиҳад, имрӯз низ боқӣ мондааст. Аммо муносибат ба воқеиёти иҷтимоӣ ва тарзи инъикосу баррасии он дар воситаҳои ахбори омма ба андозае шакли дигар гирифтааст.

Барои мушаххас намудани назар ва асоснок гардонидани фикр мо се нашрия – «Ҷумҳурият», «Озодагон» ва «Нигоҳ»- ро мавриди омӯзиш қарор додем. Интихоби шумораҳои нашрияҳо аз даҳ моҳи соли 2012 буда, шакли зайлро дорад:

а) «Ҷумҳурият» -15 шумора – 107 матн;
б) «Озодагон» - 10 шумора – 105 матн;
в) «Нигоҳ» - 10 шумора – 137 матн.

Дар маҷмӯъ 359 матн мавриди омӯзиш қарор гирифт. Мавқеи жанрҳо дар нашрияҳои мавриди назар яксон нест. Таносуби онҳо низ гуногун мебошад. Чунончи дар шумораҳои мавриди таҳлил қарор гирифтаи «Ҷумҳурият» жанри ҳисобот бо 17 адад дар ҷойи аввал меистад. Таносуби жанрҳои дигар чунин аст:

Мақола -16; табсира – 15; мухбирнома – 13; нигориши хабарӣ – 9; мусоҳиба - 11; вокуниш – 6; нигориши таҳлилӣ – 4; репортажгуна – 3; очеркгуна –3; мактуб -2; колонка – 2; ёднома – 2; суҳбат – 1; сафарнома – 1.

Ин ҳолат дар нашрияи «Озодагон» ба таври зайл аст:

Табсира -25; мақола – 24; мухбирнома – 14; нигориш – 8; мусоҳиба – 7; колонка - 6; сафарнома -3; ёднома – 3; репортажгуна – 2; ҳисобот – 2; тақриз – 2; вокуниш – 2; танз – 2; мактуб – 1.

Маводи «Нигоҳ» аз ин нигоҳ дар шакли зерин аст:

Нигориш – 25; табсира - 23; мақола – 14; мухбирнома – 10; ҳисобот – 10; ҳаҷв – 9; колонка - 9; мусоҳиба – 7; вокуниш – 7; мактуб – 5; таҳқиқот – 3; лавҳа – 2; фелетонгуна – 2; фейсбук – 9.

Муқоисаи таносубии матнҳо нишон медиҳад, ки дар матбуоти имрӯз жанрҳои таҳлилӣ нисбатан бештар истифода мешаванд. Аз ин миён жанри табсира дар ҷойи аввал қарор дорад. Жанрҳои мақола ва мухбирнома дар ҷойҳои дуюму сеюм меистанд. Жанри хулосаи матбуот тамоман ба назар нарасид. Ҳамчунин жанрҳои ҳаҷвии пародия, эпиграмма ва луқма аз майдони матбуот дур шудаанд. Аммо матнҳои вокуниш, ёднома ва матолиби фейсбук дар нашрияҳои даврӣ мавқеъ пайдо кардаанд, ки омӯзиши назариро мехоҳанд. Ин матнҳоро шартан ба жанрҳои дигар метавон нисбат дод. Масалан, вокунишҳо як навъ хусусияти табсира, ёдномаҳо махсусияти лавҳаву очерк ва фейсбук хусусияти суҳбатро доранд. Бо вуҷуди ин матнҳои мазкур

дорои хусусияти хос мебошанд, ки мустақилияти онҳоро муаррифӣ мекунанд. Ҳамчунин маводи рубрикаҳои «Шумо гуфтед, мо ҳам мегӯем» – и «Фараж», «Мангар, ки кӣ мегӯяд» - и «Нигоҳ» бо вуҷуди сохти умумӣ доштан, моҳиятан аз ҳам фарқ мекунанд. Дар ин гуна мавод хусусияти жанрҳои луқмаву пародия дида шавад ҳам, онҳоро ба ин жанрҳо мансуб донистан дуруст нест. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки жанрҳои журналистика қолабҳои шахшуда набуда, дар инкишофу таҳаввул қарор доранд.

Чун ишора шуд, дар матбуоти имрӯз табсира мавқеи бештар дорад. Нисбатан зиёдтар истифода шудани ин жанр ба чанд омил вобаста аст. Агар дар мавқеъ пайдо кардани ин жанр, аз як тараф, руҳияи демократихоҳонаи ҷомеа мусоидат карда бошад, аз сӯйи дигар, такя ба коршиносон ва ҷалби онҳо ба воқеаҳои муҳим боис гардидааст.

Табсираҳое, ки дар матбуоти даврӣ, хоса нашрияҳои мавриди назар инъикос гардидаанд, хусусиятҳои зеринро молик мебошанд

1. Мундариҷаи матни табсираҳо, асосан, дутаркиба аст. Кисмати аввали мундариҷаро тасвири рӯйдод ва шарҳи бевоситаи он ташкил медиҳад. Қисмати дуюм иттилооти навест, ки дар шакли шарҳи муаллиф ва ё нафари дигар доир ба рӯйдод – предмети инъикос сурат мегирад. Ин қисмат нисбатан зиёдтар буда, 80-90% -и матнро ташкил медиҳад.

2. Аз матнҳои нашрияҳои даврӣ, хусусан «Озодагон» ва «Нигоҳ» бармеояд, ки хусусияти асосии табсираҳои ин нашрияҳоро фикри мутахассисон ташкил медиҳад. Дар шарҳи воқеаҳо рӯзноманигорон бештар кӯшиш намудаанд, ки ба коршиносони соҳаҳои мухталиф муроҷиат намоянд. Аз ин рӯ, ин қисмати табсираҳоро метавон як навъ коркарди гуфтаҳои коршиносон маънидод намуд.

Таҳлили табсираҳо нишон дод, ки дар шарҳи воқеаҳо муаллифон бештар ба коршиносон такя намудаанд, ки теъдоди онҳо дар матнҳои алоҳида аз 2 то ба 6 нафар мерасад.

3. Дар муқоиса бо нашрияҳои «Озодагон» ва «Нигоҳ» табсираҳои

«Ҷумҳурият» хусусияти инфиродӣ доранд. Табсираҳои ин нашрия, ки бештар дар ҳошияи суханрониҳои Президенти кишвар зери рубрикаҳои «Ҳамовозӣ ба Паём» ва «Дар Партави Паём» интишор шудаанд, асосан, фикру назари шоҳидон ва иштирокчиёни воқеаҳоро фаро мегиранд.

Мавриди зикр аст, ки дар журналистикаи муосир рӯзноманигорон дар баррасии масъалаҳо бештар аз усулҳои сотсиологӣ истифода мебаранд. Бинобар ин, рӯзноманигорон дар шарҳи воқеаҳо ва нишон додани ҳалли қазияҳо бештар ба коршиносон такя менамоянд. Муносибати сотсиологӣ на танҳо дар жанри табсира, балки дар жанрҳои дигар низ маъмул гардидааст. Аз ҷумла, дар мухбирнома, мақола ва нигориш чунин муносибат зиёдтар ба назар мерасад. Ин ҷиҳат, аз як сӯ, баррасии мавзӯъҳоро рангин гардонад, аз сӯйи дигар, мустақилияти рӯзноманигоронро дар раванди эҷоди касбӣ мекоҳонад ва муносибати онҳоро ба воқеиёти баррасишаванда нисбатан сатҳӣ мегардонад.

Дар шароити муосир ҳар як нашрия кӯшиш менамояд, ки анъаноти касбиро инкишоф диҳад ва вобаста ба талаби замон хусусиятҳои замонавиро пайгирӣ намояд. Дар ин ҷода, хусусан нашрияҳои мустақил пешдастӣ доранд, ки нашрияҳои мавриди назар – «Озодагон» ва «Нигоҳ» истисно буда наметавонанд. Ин ду нашрия як навъ симои худро ба шакл даровардаанд, ки рубрика ва саҳифаҳои доимӣ, ороиш ва муносибати хоса ба воқеаҳои иҷтимоӣ аз ҷумлаи аносири онҳоянд. Чунончи дар «Озодагон» рубрикаҳои «Ҳафт хабари ҳафта», «Се дидгоҳи ҳафта», «Ҳафт посухи ҳафта», «Ҳафтаи музофот» ва дар «Нигоҳ» рубрикаҳои «Нигоҳе ба музофот», «Нигоҳе ба ҷаҳон»», «Нигоҳе ба кишвар», «Нигоҳи мардумӣ», «5 гапи ҳафта аз» ва монанди ин ба ҳукми анъана даромадааст.

Таҷрибаи рӯзноманигорӣ нишон медиҳад, ки рубрика, ҳамчунин сарлавҳа як навъ ифодагари шаклу мундариҷа аст. Аммо таҳлили нашрияҳои даврӣ нишон медиҳад, ки рубрика ва сарлавҳагузориҳо баъзан рӯякӣ ва сатҳӣ сурат мегирифтаанд. Чунончи аз рубрикаҳои дар боло зикршуда бармеояд, ағлаби онҳо бо калимаҳои «ҳафтаи» ва «нигоҳ» шурӯъ шудаанд. Чунин шакл ба табсира ва нигориш бештар хос аст. Агар зоҳиран ба унвони рубрикаҳо иктифо намоем, бовар ҳосил мекунем, ки матнҳои зери онҳо ҷой додашуда ё нигоришанд ва ё табсира. Зеро хусусияти ҷамъбасткунӣ, асосан, ба нигориш ва нигоҳ ба табсира хос аст. Аммо дар асл чунин нест, балки рубрикагузориҳо як навъ тахминиву нобарҷоянд. Агар чунин намебуд, зери рубрикаи «Ҳафт хабари

ҳафта», ки маъмулан 7 хабар бояд интишор шавад, гоҳо 6 ва баъзан 5 хабар дарҷ гардидааст. Масалан, агар дар шумораҳои 23.05., 22.07. ва 12. 09. 012 – и ин рубрика ба ҷойи 7 хабар 6 мавод омада бошад, дар шумораҳои 15.02 ва 11.04. 2012 5 хабар ҷой дода шудааст, ки мантиқан ба рубрикаи «Ҳафт хабари ҳафта» мувофиқ нест. Ҳамчунин дар саҳифаи 15 –уми шумораи 22.07. 2012 зери рубрикаи «Як ҳафтаи ҷаҳон» идомаи матолиби саҳифаҳои 9 ва 11 омадааст, ки моҳиятан нобарҷост.

Чунин саҳлангориҳо дар нашрияҳои дигар низ ба назар мерасад. Аз ин бармеояд, ки ҳарчанд дар матбуоти муосир анъанаҳои шаклсози матолиби журналистӣ идома ёбад, ҳам аммо баъзан мутобиқати шаклу мазмун чандон ба инобат гирифта намешавад. Далели дигар боз аз рубрикаи «Ҳафт хабари ҳафта». Агар рубрикаи мазкур ифодагари саҳифа бошад, боз ба ҳар хабар рубрика гузоштан ва баъзан дар ду хабари як саҳифа такрор намудани як рубрика ба назари ин ҷониб чандон дуруст нест. Рубрикаҳо бояд ҳам ифодагари мазмун ва ҳам шакл бошанд.

Дар журналистикаи матбуотӣ нисбатан қолабҳои шаклиро дар жанрҳои хабарӣ метавон мушоҳида намуд. Дар ин гурӯҳи жанрҳо, хусусан дар хабару ҳисобот ва мусоҳиба анъанаи таҳияи матн идома меёбад. Чунин ҷиҳатро бештар дар хабарҳои аз ҷониби марказҳои иттилоотӣ таҳиягардида мушоҳида мекунем. Ағлаби ин гуна матнҳо бо усули ҳарами воруна иншо гардида, ҷузъи муҳими воқеа дар ҷойи аввал ва қисматҳои дуюмдараҷа пас аз он оварда шудааст. Сохти онҳо, аслан, аз се қисм иборат аст. Аввалан, номи кишвар ва ё маҳалле, ки воқеа дар он ҷо рух додааст, зикр мешавад. Баъдан, субъекти навгонӣ – шахс, ширкат ва ғайра муайян мегардад. Сеюм, сабабҳои рух додани ҳодиса шарҳ дода мешавад. Агар тарҳи ин гуна матолибро дар нақша нишон диҳем, чунин сурат мегирад: ҷой – субъект – сабаб. Яъне, чӣ рух дод? Аз ҷониби кӣ? Бо кадом сабаб? Масалан, «Дар Тоҷикистон гурӯҳи махсуси корӣ барои таҳияи Созишномае, ки тақдири минбаъдаи пойгоҳи низомии 201 –уми Русияро дар Тоҷикистон ҳал хоҳад кард, ба кор шурӯъ намуд» («Нигоҳ», 2012, 26.09). Баъд аз ин матлаб, ки дар шакли лид омадааст, сабаби воқеа шарҳ дода шудааст.

Аломати дигари матолиби ахборӣ сарлавҳа мебошад. Дар журналистикаи анъанавӣ сарлавҳагузорӣ одатан дар шакли калима ва ё ибора маъмул буд. Имрӯз ин шеваи унвонгузорӣ анқариб фаромӯш шудааст. Дар матолиби хабарии матбуоти имрӯз сарлавҳагузорӣ бештар дар шакли ҷумла маъмул шудааст, ки худ ифодагари фикри том – иттилоот мебошад. Чунончи «Ҳоҷиёни пиёдаи тоҷик меҳмони радиои Садои Хуросон шуданд», Семент камчин шуд. Нарх низ боло рафтааст» («Озодагон»), «Эмомалӣ Раҳмон аз сафар ба ИМА худдорӣ кард», «Вазири хориҷии Эрон ба Душанбе меояд» («Нигоҳ).

Аносири дигари таркиби хабарҳои нашрияҳои даврӣ лид аст, ки дар ин қисмат мазмуни асосии воқеа бо зикри манбаи хабар ҷой дода мешавад. Дар аксари хабарҳо ин ҷиҳат ба назар мерасад.

Яке аз омилҳои нисбатан маъмули таъсиргузор ба жанрҳои ВАО, хоса матбуоти даврӣ пиаргарӣ мебошад. Пиар дар журналистикаи муосир муносибати нав аст, ки хусусияти реклама ва тарғибро касб намудааст. Ба қавли муҳаққиқ Н. Никитин: «Пиар нисбатан ба журналистика наздикӣ дорад, аммо аз журналистика, пеш аз ҳама, бо тарзи инъикоси воқеият фарқ мекунад. Агар дар журналистика инъикоси холисонаи воқеиёти ҳақиқӣ хос бошад дар пиар инъикоси воқеият пойбанди манфиатҳои дигарон аст» (1, 89-99).

Матбуоти имрӯза, хоса нашрияҳои мустақил ба пиар нисбатан майл доранд. Дар саҳифаҳои онҳо маводи рекламавӣ, матолиби зиёди таҳлилии хусусияти тарғибӣ дошта бештар ба назар мерасад. Ҳатто нашрияи расмии «Ҷумҳурият» аз 2 то 4 саҳифаи худро бо чопи реклама ва дигар матолиби рекламавӣ пур мекунад. Ин ҳол гувоҳи он аст, ки ВАО –и муосир, аз ҷумла матбуот на танҳо инъикосгари ҳаёти иҷтимоӣ, балки як навъ ба майдони даромад бадал гардидааст, ки муносибати хосса ва омӯзиши алоҳидаро талаб менамояд.

Пиаргарӣ на танҳо ба саҳифаҳои алоҳида, балки ба мундариҷа ва сохти жанрҳо низ таъсир расонида, ба онҳо хусусиятҳои махлутаро омезиш додааст. Аз тарафи дигар, ин омил боиси он гардида, ки дар матнҳои журналистӣ баробари манфиатҳои иҷтимоӣ, судмандиҳои ашхоси алоҳида ва ё гурӯҳҳо низ бозгӯ мешавад. Ин ҷиҳат боиси он гардида, ки дар нашрияҳои даврӣ мақолаҳои рекламавӣ, фармоишӣ, имиҷӣ ва тасдиқӣ, ки хусусияти тарғибӣ доранд, бештар гардад.

Омили дигари муайянкунандаи хусусияти истифодаи қолабҳои жанрӣ дар матбуоти даврӣ аврупоигарої ва ё русигарої аст. Дар шароити ҷаҳонишавии бозори иттилоотӣ ин раванд суръати тоза пайдо кардааст. Тавассути ВАО- и рус дар воситаҳои ахбори Тоҷикистон, минҷумла матбуот қолабҳои технологии журналистикаи Ғарб ворид мешавад, ки он ба низоми жанрҳо бетаъсир буда наметавонад. Чунончи жанрҳои колонка, таҳқиқи журналистӣ, ток-шоу ва амсоли ин, ки дар журналистикаи имрӯз маъмул шудаанд, маҳз бо таъсири ВАО – рус роиҷ гардидаанд.

Умуман, бо дигаргун шудани сохти иҷтимої, муносибат ба предмети журналистика тағйир ёфта, таъсири омилҳои замонавии касбӣ дар ВАО, хосса матбуоти даврӣ бештар шудааст. Ин ҳолат боиси ташаккули шаклҳои нисбатан нави инъикоси воқеиёти иҷтимої, аз байн рафтани баъзе жанрҳо ва тавлиди жанрҳои нав гардидааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Никитин А. Между журналистикой и пиаристикой //Эволюция жанров в российской журналистике. Сб. научной статей I и III Всероссийских научно – практических конференций. Самара: Порто- принт, 2010.
2. Тертычный А. А. Жанры периодической печати.- М.: Аспект-Пресс, 2000.
3. Самарцев О. В. Творческая деятельность журналиста.- М., 2007.
4. Усмонов И. Жанрҳои публитсистика.- Душанбе, 2009.

ТРАДИЦИЯ И НОВАТОРСТВО ЖАНРОВ ЖУРНАЛИСТИКИ

В этой статье рассматривается жанр и использование жанровых структур в прессе Таджикистана. На основе материалов прессы автор анализирует традиционные и новые тенденции развития жанровых систем в таджикской журналистике. Также им определяется роль и влияние иностранных СМИ, в частности России в формировании новых жанров периодики.

Ключевые слова: традиция, жанр, система жанров, пресса, подход, новаторство, факторы.

TRADITION AND INNOVATION GENRES OF JOURNALISM

In this article the genre and use of genre structures in the press of Tajikistan is considered. On the basis of press materials the author analyzes traditional and new tendencies of development of genre systems in Tajik journalism. Also the role and influence of foreign mass media, in particular Russia in formation of new genres of the periodical press is defined.

Key words: tradition, genre, system of genres, press, approach, innovation, factors.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***М.Муродов***- доктори филологических наук, профессор ТНУ

САҲМИ ГУЛШАНӢ ДАР ИНКИШОФИ ЖАНРИ САФАРНОМА

Нуриддин Бозоров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке аз жанрҳои нисбатан камомӯхташудаи публитсистикаи тоҷик сафарнома мебошад, ки таҳқиқи ҳаматарафаи он дар рушди журналистикаи тоҷик хизмат хоҳад кард. Сафарнома аз даврони қадим сарчашма гирифта, тӯли солҳои зиёд моҳияти худро нигоҳ дошта, аз тарафи адибону публитсистон ва сайёҳон сайқал дида, бори жанри алоҳидаро мекашад. Дар даврони гуногун шахсоне буданд, ки аз маҳсули сафарашон асарҳо эҷод мекарданд. Ин гуна навиштаҳо маҳсули сафар буда, тавассути онҳо мардум аз навгониҳо, дастовардҳо, мавзеъҳои ноошно, комёбиҳои илму техника ва маданияти пешқадами дохиливу хориҷӣ огоҳ мегардиданд. Хусусияти умдатарини сафарномаҳо огоҳ сохтан, маърифат додан, ҳидоят намудан будаасту ҳаст.

Мо ҳамчун намунаи барҷастаи сафарномаҳои замони гузашта «Сафарнома»-и Носири Хусрав, «Савонеҳ-ул-масолик ва фаросих-ул-мамолик»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, «Туҳфаи аҳли Бухоро»-и Мирзо Сироҷи Ҳаким, «Мунтахаб-ут-таворих»-и Муҳаммад Ҳакимхон, «Рӯзномаи сафари Искандаркӯл»-и Абдурраҳмони Мустаҷир, «Таърихи ҳумоюн»-и Муҳаммад Сиддиқхоҷаи Гулшанӣ ва ғайраро ном бурда метавонем. Ин сафарномаҳо дар даврони гуногун эҷод шуда, дар таҳаввулу инкишофи жанри сафарнома нақши бузург бозидаанд.

Дар ин навишта мо дар бораи яке аз ин сафарномаҳо - «Таърихи ҳумоюн»-и Муҳаммад Сиддиқхоҷаи Гулшанӣ (1861-1910) ва нақши он дар инкишофи жанри публитсистӣ-бадеии сафарнома сухан хоҳем ронд.

«Таърихи Ҳумоюн»-и Муҳаммад Сиддиқхоҷаи Гулшанӣ соли 1909 иншо шудааст. Ин асар маълумотҳои ҷолибу нодирро дар бораи аморати Бухоро ва марзҳои тобеи он фаро гирифта, аз нуҳ мақола ё қисмат таркиб ёфтааст. Вале худи Гулшанӣ «бар ҳашт мақола, ба адади иёлоти Бухорои Шариф тартиб намудам», гуфтааст [2,45]. Мақолаи аввал дар зикри иёлоти Бухорои Шариф, мақолаи дуюм дар зикри иёлоти Миёнкол, мақолаи сеюм дар зикри иёлоти Лаби об, мақолаи чаҳорум дар баёни иёлати Қаршӣ ва Хузор, мақолаи панҷум дар зикри иёлоти Шаҳрисабз, мақолаи шашум дар зикри иёлоти Ҳисор, мақолаи ҳафтум иёлоти Хатлон, мақолаи ҳаштум иёлоти Қаротегин ва мақолаи нуҳум Ҳукумати Дарвози тавобеи Ғармро дар бар гирифтааст. Гулшанӣ дар бораи ҳар яке аз ин мавзеъҳо маълумоти ҷолибу мукаммал медиҳад.

Чуноне зикр шуд, яке аз сарчашмаҳои нодир ва сафарномаи ҷолиб «Таърихи Ҳумоюн»-и Гулшанӣ мебошад. Муаллифи он Муҳаммад Сиддиқ қаравулбегӣ, мутахаллис ба Гулшании Бухороӣ, писари Муҳаммад Мирсаид - муфтии мударрис, асари худро ба амир Абдулаҳад (1885-1910) мебахшад. Дастхати мазкурро котиб Саид Аҳмади Васлӣ соли 1327 ҳичрӣ (1909) рӯйнавис кардааст(4). Андозаи китоб 15,5х25,5 см, дорои 133 варақ, ҳар саҳифа аз 15 сатр иборат аст. «Муҳимтарин ва ҷолибтарин асаре, ки аз Сиддиқхоҷаи Гулшанӣ то ба замони мо боқӣ мондааст номи муаллифро зинда нигоҳ доштааст, - менависад узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷӯрабек Назриев дар сарсухани китоб бо номи «Гулшанӣ ва «Таърихи ҳумоюн»-и ӯ», - асарест бо номи «Таърихи ҳумоюн» - барҷастатарин очерки таърихиву ҷуғрофияву адабиву фарҳангие, ки моро бо вазъияти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва мадании вилоятҳои аморати Бухорои нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX ошно месозад» [2,32]. Ин гуфта муҳтавои асарро дар бар мегирад ва баҳои ҳақиқӣ ба асари фавқуззикр аст. Гулшанӣ асари худро ба 25-солагии ҳукмронии амир Абдулаҳад бахшида, барои навиштани он сафарҳои зиёде кардааст. Бидуни ин сафарҳо навиштани чунин асари пуразишу ҷолиб амри муҳол буд. Яке аз сабабҳои маълумоти муфассал додани Гулшанӣ оид ба бекигариҳои Бухорои Шарқӣ, хусусан Ҳисор дар он аст, ки ӯ, ба гуфтаи худаш, се маротиба ба ин водӣ сафар кардааст: бори аввал соли 1320 ҳичрӣ (1902-1903), бори дуюм соли 1324 (1906) ва бори сеюм, баъд аз соли зилзилаи Қаратоғ (1907), яъне солҳои 1908-1909 [5,3].

Аз мутолиаи асари Гулшанӣ бармеояд, ки вай дар он бештар дар бораи мавзеи ҷойгиршавии иёлотҳо (вилоятҳо) дар нисбати шаҳри Бухоро, миқдори аҳолии онҳо, масофаи роҳ аз маркази вилоятҳо то шаҳри Бухоро, маҳсулоти асосие, ки дар ин ё он вилоят истеҳсол мегардид, зикри қавмҳое, ки дар ин ё он вилоят зиндагӣ мекарданд ва машғулияту касбу кори онҳо, миқдори масоҳиду макотиб, талабаҳо, ҳаммомҳо, мазорҳо, урфу одати сокинони ин ё он вилоят, бойигариҳои табиии ин ё он вилоят, аз кадом ноҳияҳо иборат будани онҳо, вазъи обу ҳавои ҳар як вилоят ва ғайра маълумоти ҷолибу муфассал додааст [2,37].

Дар «Таърихи ҳумоюн» шумораи аҳолии муқимӣ ва саҳронишини Бухорои Шарқӣ ҷолиб буда, то ҳол ин рақамҳоро дар таърихи халқи тоҷик хеле кам истифода намуаанд. Маълумотҳои дигари сафарномаи Гулшанӣ низ ба аҳамияти хос соҳиб буда, дар оянда мавриди таҳқиқ қарор хоҳанд гирифт.

Дар асар маълумотҳо аз рӯйи хатти ҳаракати сафар дар бораи ҳар як вилояти сафаркардаи муаллиф пайи ҳам оварда шудаанд. Гулшании дақиқназар дар бораи мавзеъҳои сафаркардааш маълумоти муфассал додааст. Вай кӯшиш намудааст, ки маълумотҳояш пурраву дақиқ бошанд. Воқеан ҳам, мо аз мутолиаи сафарномаи Гулшанӣ дар бораи бекигариҳои Бухорои Шарқӣ маълумоти муфассал ва боэътимод ба даст меоварем. Ин асари пуразиш паҳлуҳои норавшани мавзеъҳои мухталифи аморати Бухоро ва бекигариҳои онро равшан месозад. Маълумотҳои ҷолибу дақиқ ва муфассал дар бораи Бухоро ва мавзеъҳои гирду атрофии он, дар бораи вилоятҳои Кармина, Нурато, Каркӣ, Чаҳорҷӯй, Фориш, Қаршӣ (Нахшаб, Насаф), Кеш (Шаҳрисабз), Китоб, Яккабоғ, Чароғчӣ, Чим, Хузор, Калиф, Шеробод, Бойсун, Ҳисор, Қаратоғ, Душанбе, Сариҷӯй, Сариосиё, Регар, Деҳнав, Юрчӣ, Кубодиён, Хатлон, Кӯлоб, Балҷувон, Ховалинг, Кангурт, Қӯрғонтеппа, Қаротегин, Ғарм, Қалъаи Хум, Дарвоз, Ванҷ, Тавилдара, Шуғнон ва ғайра аҳамияти бузурги таърихӣ, фарҳангӣ ва илмӣ доранд. Муаллиф доир ба ҳар як вилоятҳо ва марзу буми онҳо маълумотҳои ҷолибу пуразиш

медиҳад, ки ин аз донишмандӣ, дақиқназарӣ, маҳорати баланд доштани Гулшанӣ дарак медиҳад.

Азбаски дар сафарномаи Гулшанӣ дар бораи бекиҳои Бухорои Шарқӣ санаду далелҳо ниҳоят зиёд ва мукаммал мебошанд, мо тасмим гирифтем, ки танҳо дар мисоли бекии Ҳисор хатти сафари Гулшаниро дар бекиҳои Бухорои шарқӣ баррасӣ кардан ба мақсад наздик аст. Зеро дар ҳаҷми як мақола тамоми хатти ҳаракат, бандубаст ва рӯйдодҳои сафарномаро дар бар гирифтан ва ғунҷоиш додан аз имкон берун аст. Маълумотҳои овардаи Муҳаммад Сиддиқи Гулшанӣ дар бораи бекигарии Ҳисори шодмон хеле ҷолиб буда, дар таҳқиқи ин мавзеи хушбодуҳаво ва қадимӣ ҳамчун маводи пуразриш ва боэътимод хизмат хоҳад кард. Ба гуфтаи муҳаққиқи саршинос Аҳрор Мухторов, «Дафтари хазиначии беки Ҳисор» сарчашмаи таърихии ниҳоят нодир ва дар таърихи халқи тоҷик ягона мебошад. Бино ба маълумоти «Дафтар» ҷамъи масоҳати беки Ҳисор ҳафт миллиону понздаҳ ҳазору панҷсаду ҳаштоду ду таноб будааст. Ин зиёда аз панҷ як ҳиссаи масоҳати аморати Бухороро ташкил мекард. Бинобар он, Гулшанӣ хулоса кардааст, ки «ин иёлат касирул-арозӣ ва касирун-нуфустарини иёлоти Бухорои Шариф аст» [2,121]. Гулшанӣ маълумотҳои худро дар бораи Ҳисори Шодмон аз Ёқути Ҳамавӣ иқтибос оварда, навиштааст, ки дар асри XIII Чағониён дорои 200 ҳазор қария буд. Бинобар он, Ҳисор шаҳрест қадим ва аёлотест азим, дар собиқ як ҳукумати худсар, яъне мустақил будааст.

Гулшании Бухороӣ дар сафарномааш дар бораи аҳолии вилояти Ҳисор маълумоти дақиқ дода, онро 377 ҳазор хонавор шуморидааст. Дар ҳар хона, мувофиқи маълумоти ӯ, ба ҳисоби миёна, се нафар одам зиндагӣ мекардааст (муҳаққиқини Ғарб дар ҳар хона панҷ нафар одам тахмин кардаанд). Аз рӯи ин ҳисоб мулки мазкур дорои як миллиону сиюяк ҳазор нафар аҳолӣ буд. Ба ғайр аз ин «куллияи нуфуси Ҳисор аз атрофу акнофи он яксаду панҷоҳ ҳазор хонавор ё худ дорои 450 ҳазор нафар одам буд». Вале Гулшанӣ дар бораи аҳолии шаҳри Ҳисор чизе нагуфтааст. Сайёҳон ва шарқшиносони рус оид ба нуфуси ин шаҳр маълумоти мухталиф овардаанд. Баъзеҳо онро се ҳазор тахмин кардаанд, баъзе дигар 8000 ва танҳо як нафар 10000 нафар гуфтааст, ки ба ҳақиқат наздик аст [7,49].

Гулшанӣ дар сафарномааш сераҳолӣ будани водии Ҳисорро таъкид карда, нуфуси Ҳисорро 377 ҳазор навишта, ба он вилоятҳои зерини тобеи мулки Ҳисорро дохил кардааст. Ба ҳисоби ӯ, қӯрғони Душанбе 7 ҳазор хонавор, қӯрғони Сариҷӯй 7 ҳазор, ҷамъияти тобеи Сариҷӯй 5 ҳазор, ҷамъияти куллияи Регар 25 ҳазор, ҷамъияти Дашти Баноти Регар 5 ҳазор хонавор дорад [2,133].

Бояд зикр кард, ки дар солҳои сафари Гулшанӣ ба ин минтақа Деҳнав низ тобеи беки Ҳисор ва дорои чунин миқдор аҳолӣ будааст: тоҷик - 30 ҳазор хонавор, туркманюз - 30 ҳазор, қунғурот - 10 ҳазор, ҷамъ дар тобеи Деҳнав 80 ҳазор хонавор ё худ 240 ҳазор аҳолӣ зиндагӣ мекардааст. Деҳаи Сангардак, ки роҳи асосии рафтуомади байни Ҳисору Бухоро маҳсуб меёфт, дорои як ҳазору панҷсад хонавор ё чоруним ҳазор аҳолӣ ва ҳама тоҷик буданд [2,135].

Муҳаммад Содиқи Гулшанӣ дар сафарномааш навиштааст, ки Қубодиён низ тобеи беки Ҳисор ва дорои 90 ҳазор хонавор ё 270 ҳазор аҳолӣ буд. Аз ин миқдор даҳ ҳазор хонавор (30 ҳазор аҳолӣ) хайманишин будааст.

Сайёҳ ва кишваршиноси рус Д.Н. Логофет тақрибан дар як вақт бо Гулшанӣ ба водии Вахш ва Ҳисор сафар карда, сафарномаи худро эҷод намудааст. «Дар водии Кофарниҳон ва доманакӯҳҳои атрофи он, - навиштааст ӯ, - қабилаҳои ӯзбек, марқа, ӯрдаи хурд ва лақай кӯчманчигӣ мекунанд, ки онҳо аз Ӯротеппа ва Ҷиззахи вилояти Самарқанд, ҳангоми Туркистонро забт намудани қӯшунҳои рус омадаанд» [5,150].

Аз маълумотҳои овардаи Гулшанӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар мулки Ҳисор, Деҳнав, Қубодиён дар ибтидои асри XX зиёда аз як миллион аҳолӣ зиндагӣ мекардааст. Ба ғайр аз арманиҳо дар мулки Ҳисор шиамазҳабҳо низ зиндагӣ доштанд.

Мувофиқи навиштаҳои Гулшанӣ дар водии Ҳисор, дар музофоти Деҳнав афғонҳои фирорӣ, ҳиндуҳо ва маҷусҳо (зардуштиҳо) низ истиқомат мекардаанд.

Гулшании Бухороӣ ҳангоми сафар кӯшиш намудааст, ки ҷолибтарин ҳодисаю воқеа ва факту рақамҳоро ба риштаи тасвир кашад. Аз ин назар, сафарномаи ӯ хеле ҷолиб ва хондanӣ аст. Вай аҷоиботи кӯрғони Ҳисор фаввораи оби онро шуморида, навиштааст, ки «алъон фаввораи он ба болои арк мунҳадим шудааст, ҷойи гирифтани об ба болои арк маълум нест, аммо об ба ҷаъфи (ковокии) кӯҳ таҳти арк сууд намуда, аз тарафи ғарбии он ба поён нузул менамояд [2,122].

Муҳаммад Сиддиқи Гулшанӣ дар бораи яҳудиёни Бухоро дар Ҳисору Душанбе ҳам маълумоти нисбатан муфассал овардааст. Аз навиштаҳои ӯ маълум мешавад, ки дар Ҳисор яҳудиёни Бухорӣ муқимӣ буда, ҳамроҳи оилаи худ зиндагӣ мекардаанд. Муқимӣ будани яҳудиёнро дар водии Ҳисор Гулшанӣ тасдиқ намуда, мегӯяд, ки яҳудиён ҳангоми гармои тобистон ба Қаратоқ ё Душанбе мекӯчанд ва вақти хунукии ҳаво, ҳангоми зимистон боз ба Ҳисор меоянд. Аз ин маълумот бармеояд, ки дар мулки Ҳисор яҳудиён соҳибихтиёрона ва озод зиндагӣ мекардаанд.

Ба ғайр аз Ҳисор дар минтақаи Бухорои Шарқӣ яҳудиёни бухорӣ дар Душанбе низ сукунат доштаанд. Гулшании Бухороӣ навиштааст: «Аҳолии вилояти Душанбе ҳама тоҷиканд, аҳли сарватанд. Ва дар ин вилоят яҳудӣ низ фаровон, назар ба соири вилояти Ҳисор, аз ҷиҳати хушҳаво будани он аст» [2,127]. Бино ба маълумоти муҳаққиқон, яҳудиёни сокини Душанбе ҳуқуқи саллабандӣ надоштанд [8,42]. Пешаи онҳо аллофӣ, ҳанноттӣ ва рибохӯрӣ будааст. Сабаби дар ин ҷой нисбат ба Ҳисор зиёд будани нуфуси яҳудӣ, ба қавли Гулшанӣ, хушҳаво будани Душанбе, ободии он, маъмур будани бозори ғалла, умуман ғалладона ва бозори савоими (чорпо) он будааст. Аксари шутурдорон, ҳатто аз Қаршӣ омада, аз Душанбе анвоъ ва ғалла мебурдаанд [9,44-54].

Дар мулки Ҳисор яҳудиён соҳиби дӯкон буда, ҳатто ҳамроҳи дӯкондорони маҳаллӣ якҷоя савдо мекарданд [6,9-10]. Маълумоти мазкур ва фактҳои таърихию ҷуғрофӣ, ки Гулшании Бухороӣ дар бораи яҳудиёни Ҳисор овардааст, шоҳиди он аст, ки яҳудиёни Бухоро дар ин мулк бо мардуми тоҷик ҳамтақдир буда, баду неки замонро бо ҳам дидаанд ва дорои таърихи муштарак мебошанд.

Лозим ба ёдоварист, ки мулки Ҳисор аз деҳаҳои гуногун таркиб ёфта, дорои аҳолии зиёд буд. Аз рӯи маълумотҳои асри XIX масоҳати аморати Бухоро 180 ҳазор километри мураббаъ муайян шуда, нуфусаш ба миқдори ду миллион одам тахмин шудааст [3,103].

Мувофиқи маълумоти ибтидои асри XX, ки Гулшанӣ дар асараш зикр намудааст, «ҷамъулҷамъ раияти давлати Бухоро ду миллиону ҳашсаду сию шаш ҳазору ҳаштод хонавор ё худ дорои 7 миллиону чаҳорсаду бисту як ҳазор нуфус» буд. Мутаассифона, муаллиф нагуфтааст, ки ин рақамҳоро аз кадом сарчашмаи расмӣ истифода намудааст. Агар ин миқдори аҳолӣ дуруст бошад, нуфуси қаламрави Ҳисор аз ҳафт як ҳиссаи аҳолии аморати Бухороро дар ибтидои асри XX ташкил медод.

Гулшанӣ дар сафарномааш менигорад, ки аҳолӣ дар қаламрави Ҳисори Шодмон ба илму маърифат рӯй овардаанд: «Аҳолии кӯҳистон ба касби илм иштиғоли тамом доранд ва ғайрати ҷибиллӣ (фитрӣ) доранд, лиҳозо аксар аҳли хаймаву хиргоҳ ва косибу тоҷири он ба қадри зарурат аз аҳли илм аст ва мояҷузу (ҷоиз) биҳиссалоту заруриёти дин ва эътиқодотро хуб медонанд. Аҳолии кӯҳистон ба касби илм гӯи сабқатро аз аксари аҳолии соири иёлоти Бухоро рабудаанд» [2,124].

Гулшанӣ зикр мекунад, ки аҳолии Қаратоғу Ҳисор ба илми саноат, ба алочабофӣ ва кордсозӣ ва ба муҳрканӣ маъруфанд. Алоча ва корди Душанбе ва Қаратоғ забонзадаи аҳли олам аст. Хусусан, аҳли Қаратоғ ба муҳрканӣ маҳорати тамом доранд.

Табиист, ки ҳар як давлат бо лашкари хуб мусаллаҳу нерӯманд ва побарҷост. Аз ҷумла, беки Ҳисор низ лашкари мусаллаҳ ва чустучолоки обутобёфта дошт. Гулшанӣ дар сафарномааш оид ба лашкари беки Ҳисор маълумоти ҷолиб додааст. Вай менависад, ки вилояти Ҳисор миқдори ду ҳазор нафар навкар, яъне сипоҳи ғайримуназзами саворро дорост. «Сипоҳу навкари вилояти Ҳисор бағоят ҷаррору ҷасур ва ғаюранд, умуман ва қабилаи лақайи он хусусан ба ҷасорат забонзадаи авоманд, ки дар вақти фатҳи вилояти Балҷувон ба давлати Бухоро хизмати намоён намудаанд» [2,128)]. Гулшанӣ дар мавриди лашкари Ҳисор афзудааст: «Ба қӯрғони вилояти Ҳисор як юзаи (ҳазор нафар) асокири муназзам, яъне як юза сарбози мустамиррӣ (доимӣ) маъа як нафар юзабошӣ ва даҳ нафар сарбози тӯбхона маъа ҳафт адад аррода (мисли манҷаниқ) тӯпу асбобу адавот (дорувор) маъа қӯрхонаи он ба таҳти идораи ҳокимони вилояти Ҳисор аст. Ин тӯпу сарбозҳо дар вақти фатҳи вилояти Ҳисор рафта, баъд аз он ба тариқаи мустамиррӣ дар он ҷо мондаанд» [2,128]. Яъне, тӯбҳоро дар Ҳисор нарехтаанд, балки онҳоро лашкари амири Бухоро баъд аз забти ин мулк он ҷо монда рафтааст. Аз таърих маълум аст, ки вилояти Ҳисор аз тарафи амири Бухоро борҳо забт шудааст. Кадом сол ин тӯбҳоро он ҷо мондаанд, равшан нест. Тахмин мешавад, ки Гулшанӣ забти Ҳисорро дар таърихи соли 1282 ҳиҷрӣ (1865-1866) дар назар дорад. Ба ақидаи ӯ, дар ин сол беки Ҳисор Абдулкаримхонро аз мулкаш маҳрум карда буданд. Шояд Гулшанӣ тӯбҳои соли 1870 ба Ҳисор овардаро дар назар дошта бошад. Дар ин

сол амир Музаффар бо ёрии лашкари рус Ҳисор ва Кӯлобро ишғол намуда буд. Амир шӯриши Ҳисорро пахш карда, писари Абдулмаликро аз ин мулк дур карда бошад ҳам, ба ҳисориҳо боварӣ надошт. Ӯ дар ин мулк чор ҳазор сарбозро бо 11 адад тӯб ҷойгир карда, ба пойтахти худ баргашта буд. Баъди якчанд сол, яъне баъд аз ором кардани мулк амир нисфи лашкарашро аз Ҳисор баргардонида, нисфи дигарашро боқӣ гузошт. Бинобар ин, ҳангоми сафари Гулшанӣ ба Ҳисор танҳо ду ҳазор лашкар вазифаи посбонии мулкро адо мекард [6,27].

Гулшанӣ дар мавриди қасаба ва қӯрғонҳои тобеи мулки Ҳисор низ маълумоти муфассал додааст. Чуноне А.Мухторов зикр мекунад, тақсимоти маъмурӣ, алалхусус миқдори амлокдорӣ дар Ҳисор доимӣ набуда, тағйир ёфта меистод. Агар дар солҳои охири асри XIX Ҳисор ба 15 амлокдорӣ тақсим шуда бошад, пас, дар ибтидои асри XX 20 амлокдорӣ номбар шудааст. Тағйир ёфтани миқдори амлокдорӣ ба ивазшавии ҳудуди бекигарӣ ва сиёсати андозҷамъоварии зимомдорон марбут буд. Мувофиқи маълумоти Гулшанӣ, «вилояти Ҳисор бағоят васеъ аст, аз қабили вилояти Душанбе бисёр қасабаҳои ҷамъияту обод дорад, 18 амлокро доро аст, мисли қалъаи Ғозималик, Пуштбукрӣ ва Ёвон ва Хоҷаобигарм ва Чиртак ва Хонақоҳ ва амсоли онҳо» [2,127].

Муҳаммад Сиддиқхоҷаи Гулшанӣ дар сафарнома ҳар як мавзеи мушоҳида намудааш, аҳолӣ, касбу ҳунар, машғулият ва умуман марзу буми он ҷойҳоро муфассал ва дақиқ, мӯшикофона ба риштаи тасвир кашидааст. Ин далели он аст, ки Гулшанӣ на танҳо марди босавод, ҷаҳонгашта, балки соҳибқалам ва дақиқназар ҳам будааст.

Дар фароварди таъкид кардан мехоҳем, ки Муҳаммад Сиддиқхоҷаи Гулшанӣ дар сафарномаи худ «Таърихи Ҳумоюн» дар бораи вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳудудии Бухорои Шарқӣ маълумоти пуразриш овардааст, ки он то ҳол аҳамияти худро гум накарда, барои омӯзиши миқёси аморати Бухорои Шариф, аз ҷумла мавзеи кӯҳистони он ҳамчун манбаи боэътимод хизмат хоҳад кард. Аз ин назар, сафарномаи Муҳаммад Сиддиқхоҷаи Гулшанӣ - «Таърихи Ҳумоюн» яке аз сафарномаҳои барҷаставу ҷолиби замони гузашта буда, дар инкишофи жанри сафарнома хизмати бузург кардааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Алимардонов А. Нусхаи қаламии «Таърихи ҳумоюн»-и Гулшанӣ // Мероси ниёгон, 1995. - №2.
2. Гулшанӣ М.С. Таърихи ҳумоюн / Ба чоп тайёркунанда, мураттиб ва муаллифи сарсухан Ҷ.Назриев. – Душанбе, 2006. – 168 с.
3. Захираи Институти дасхатҳои АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, № 2968.
4. Логофет Д.Н. Бухарское ханство под русским протекторатом.- Т.1.-Спб., 1911. - 340 с.
5. Логофет Д.Н. В горах и равнинах Бухары: Очерки Средней Азии. - Спб., 1913. - 619 с.
6. Мирзо Сироҷиддин Ҳоҷӣ Мирзо Абдурауф. Сафарномаи туҳфаи Бухоро. - Теҳрон, 1369.
7. Мухторов А. Ҳисор: Очерки таърихӣ (Охири асри XV - аввали асри XX). - Китоби 1. - Душанбе, 1999. - 122 с.
8. Мухторов А. Ҳисор: Очерки таърихӣ (Охири асри XV - аввали асри XX). - Китоби 2. - Душанбе, 1995. - 304 с.;
9. Пирумшоев Х. Русские дореволюционные исследователи о городах Восточной Бухары конце XIX-начало XX вв. - Душанбе, 1992.

РОЛЬ ГУЛШАНИ В РАЗВИТИИ ЖАНРА ПУТЕШЕСТВИЯ

Мухаммед Садикходжа Гулшани (1861-1910) один из ярких представителей движения просветительства конца XIX века в Центральной Азии, известен как автор ценного труда под названием «История хумаюна». Это произведение написано в жанре путевых заметок, где ярко и с высоким мастерством описывается путешествие автора в различные районы Восточной Бухары. Значение данной путевой заметки заключается в том, что знакомит современного читателя с политическим, социальным, экономическим и культурным положением восточных районов Бухарского эмирата второй половины XIX – первой половины XX вв.

Ключевые слова: «История хумаюна», путешествия, маршрут движения, Восточная Бухара, бекство, бухарские евреи, население, курган.

ROLE GULSHANI IN THE DEVELOPMENT OF THE JOURNEY GENRE

Muhammad Sodiqkhoja Gulshani (1861-1910), one of the brightest representatives of the end of XIX centery in Central Asia has been known as an author of the valuable work under the title of "History humoyun". This work is written in the genre of the travel notes, where the journey of the author in different regions of East Bukhara is described brightly and skillfully. The importance of this given travel notes is concluded in the introduction of the modern reader

with the political, social, economic and cultural situation of eastern region of Bukharian emirate of the second half of XIX and first half of XX centuries.

Key words: history of humoyn, journeys, route of the movement, Eastern Bukhara, bukharian jews, population, burial mound becs (a title for landowner)

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: ***Нуриддин Бозоров*** – кандидат филологических наук, доцент ТНУ

ДАВЛАТ, ВАО ВА МАСЪАЛАҲОИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ

Ҷ. Саъдуллоев
Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон

Дар шароит ва вазъияти кунунӣ яке аз муҳимтарин масъалаҳо, барои ҳар як давлат, амнияти иттилоотии кишвар ва шаҳрвандон мебошад. Иттилоот дар ҳаёти инсон ва давлат торафт мақоми волотареро ишғол мекунад. Бинобар ин, имрӯзҳо сухан бештар дар атрофи марҳалаи нави рушди башарият - ҷомеаи иттилоотӣ меравад. Бояд тазаккур кард, ки кулли кишварҳои дунё манфиатҳои давлатии худро бо таҳлили қиёсии иштироки фаъолона дар ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ арзёбӣ менамоянд. Бо рушди инфраструктураи глобалии иттилоотӣ, таъсисдиҳӣ ва истифодабарӣ аз технологияҳои иттилоотии ҳозиразамон баҳри таъмини болоравии иқтисодии устувор, беҳгардонии ҳаёти иҷтимоии ҷомеа, дастгирии ризоияти миллӣ ва таҳкими демократия, манфиатҳои миллии Тоҷикистон дар соҳаи иттилоот, бори нахуст дар Консепсияи амнияти иттилоотӣ, ки соли 2002 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расидааст, муқаррар гардидаанд. Дар ин ҳуҷҷати муҳим вазифаҳое, ки ҳалли онҳо барои расидан ба ин мақсадҳо заруанд, низ нишон дода шудаанд.

Умуман, амнияти манфиатҳо ва обрӯю эътибори (имиҷи) давлат дар соҳаи иттилоот, муайянкунадаи ояндаи бехатарии миллӣ ва байналхалқӣ гардидааст.

Имрӯз дарки он муҳим мебошад, ки ҳеҷ як кишвар дар ҷудоӣ ва берун аз фазои иттилоотии ҷаҳон вуҷуд дошта наметавонад. Асри XX ба пуррагӣ дар маҷрои пурҷӯшу хурӯши ташаккулёбӣ ва рушди индустрияи иттилоотии ҷаҳонӣ сипарӣ гардид. Бо таъсири прогресси илмӣ-техникӣ дар соҳаи матбуот, радио, телевизион, алоқа ва телеграф воситаҳои нав ба нави иттилоот ва коммуникатсия арзи вуҷуд менамоянд.

Дар натиҷаи ин раванди муҳим, аллакай дар охири асри гузашта дар ҷаҳон 2,5 млрд. дастгоҳҳои радиоқабулкунанда, тақрибан 2 млрд. телевизор, зиёда аз 10 ҳазор рӯзномаҳо ба ҳисоб гирифта шуданд [1,56].

Бо мурури замон манбаҳои иттилоот аз миқдор ба сифат рӯ оварданд. Тайи чанд даҳсолаи охир Си-эн-эн - шабакаи ҷаҳонии навидҳои телевизионӣ ва Интернет ба вуҷуд омаданд. Телевизион, бахусус, телевизиони иттилотӣ, як падидаи глобалӣ гардид. Бо пайдоиши Интернет манзараи фазои иттилоотӣ беш аз пеш вусъат меёбад ва муҳташамтар менамояд. Агар соли 1993 дар ҷаҳон теъдоди истеъмолкунандагони Интернет наздик ба 90 ҳазор расида бошад, баъд аз гузаштани 10 сол шумораи истифодабарандагони ин дастгоҳи бузурги иттилоотӣ ба 580 млн. ва дар соли 2004 бошад миллиард нафарро ташкил кард. Дар давоми таърихи инсоният ҳеҷ як ВАО бо чунин суръат инкишоф наёфтааст. Интернет зуд ба як воситаи амалигардонии фаъолияти сиёсӣ низ мубаддал гардида истодааст.

Бо гузашти зиёда аз 30 сол баъд аз таъсисдиҳии шабакаҳои нахустини компютерӣ ва пас аз 10 соли расидани интернет ба зинаи кунунии инкишофи худ, ба вуҷуд омадани фазои иттилоотии ҷаҳонӣ як падидаи воқеӣ ва ҳалли вазифаҳои он - зарурати ҳаётан муҳим гадиданд. Панҷоҳ сол қабл аз ин, дар мавриди аз тариқи почта фиристонидани 30 саҳифаи матн ба масофаи 5 ҳазор км. тақрибан 10 рӯз ва 30 долл. зарур буд. Бист сол аз ин пеш ҳамин миқдори матнро ба воситаи факс дар зарфи як соат бо масрафи 50 долл. интиқол намудан мумкин буд. Имрӯз бошад, ба туфайли интернет, барои амалӣ гардонидани ин кор ҳамагӣ чанд сония ва 3 сент лозим асту халос.

Суръати паҳншавӣ ва иқтидори «таркиши иттилоотӣ» ниҳоят- дараҷа назаррас мебошанд. Барои мисол, радио дар ИМА дар зарфи 38 сол дастёб шуд, ки теъдоди истеъмолкунандагонашро то 50 млн. нафар, телевизион ҳамин миқдор мизоҷонро дар муддати 13 сол ва Интернет тайи чор сол расонад.

Телефонҳои мобилӣ яке аз воситаҳои маъмултарини муошират гардиданд. Шумораи онҳо дар дасти одамон ба миллиард наздик шуда истодааст. Тибқи

маълумотномаи Вазорати алоқа, дар Русия теъдоди мизоҷони алоқаи мобилӣ ба 36млн. дар Тоҷикистон миқдори умумии мизоҷони алоқаи мобилӣ дар соли 2009 ба 4,5 млн. расидааст [5,43].

Афзоиши теъдоди васоити ахбори оммаи анъанавӣ, дар якҷоягӣ бо пайдо шудани воситаҳои ҷадидтарини электронӣ, ба таъминкунии бемисли ҷомеаи инсонӣ бо иттилоот оварда расонид, ки ба мо имкон медиҳад, ки дар бораи ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотии глобалӣ сухан кунем.

Доктори илмҳои таърих, профессор Ю.Б. Кашлев таъкид мекунад: «Ба ақидаи ман, асоси раванди босуръати таъминкунии ҷомеа бо технологияҳои навтарини иттилоотӣ, ки падидаи муҳимтарин дар замин маҳсуб меёбад, ин - суръати бемислу монанди афзудани дониш мебошад. Муҳимтарин чизе, ки имрӯз дар олам ба амал омада истодааст, ин ҷараёни босуръати зиёдшавии маҷмӯи донишҳои инсоният аст. Дар солҳои 70-уми асри XX ҳаҷми донишҳои инсоният дар тӯли 10 сол ду маротиба афзуда буданд.Солҳои 80-ум як маротиба дар 5 сол. Охири солҳои 90 донишҳои инсоният ҳар сол ду маротибо зиёд мешуданд». [6,20].

Технологияҳои навтарини коммуникатсионии радифӣ (маҳворавӣ) имкониятҳои боз ҳам васеътари фаъолияти иттилоотиро фароҳам меоваранд. Технологияҳои радифӣ (маҳворавӣ) имконияти ташкил намудани пахши мустақими барномаҳои телевизиониро аз коинот фароҳам сохтанд, ҳамин тариқ низоми глобалии пахши телевизионии ҷаҳонӣ ба вуҷуд омад.

Он замонҳое, ки (маҳвораҳо) радифҳоро, бо мақсади иттилоотӣ, танҳо давлатҳои ҷудогона истифода карда метавонистанд, паси сар шуданд. Ҳоло чунин имкониятҳоро 170 кишвари дунё доранд. Як қатор давлатҳо, мисли Туркия, Испания, Люксембург ва ғ. соҳиби радифҳои хусусӣ шудаанд, ки дар мадор кор мекунанд. Радифҳое фаъолият доранд, ки бо ҷамъоварии маълумотҳо тавассути зондкунии дистансионӣ (фосилавӣ) ба тадқиқи объектҳои гуногуни сатҳи рӯйи замин сару кор доранд. Онҳо метавонанд дар таъсисдиҳии низоми глобалии ба рӯйхатгирии (инвентаризатсияи) боигариҳо ва захираҳои табиӣ кӯмак расонанд, назорати доимиро аз болои вазъияти муҳити замин ба роҳ монанд, дар хабардиҳии фаврии офатҳои табиии пешбинишаванда хизмат расонанд. Технологияҳои компютерӣ имкониятҳои беназирро фароҳам меоваранд: онҳо на фақат барои ба роҳ мондани назорати равандҳо дар сатҳи миллӣ, балки глобалӣ дар соҳаи гирдоварӣ, нигоҳдорӣ, аз нав коркунӣ, табодул, паҳнкунӣ ва истифодабарии иттилооти марбут ба соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсонро имкон медиҳанд.

Тибқи назари мутахассисон, оғози марҳилаи муосири рушди технологияҳои иттилоотӣ ба нимаи дуюми солҳои 80-ум рост меояд. Ин давра замони тавлиди технологияи нави «компютерӣ»буд, ки дар асоси компютери шахсӣ («инфиродӣ) бо спектори васеи маҳсулотҳои барномавии стандартии таъйиноташон гуногун сурат мегирифт. Рушди технологияҳои компютерӣ ба шахсигардонии системаҳои идоракунии автоматикунонидашуда мусоидат намуд. Баъд аз гузариш ба пояи микропротсессорӣ воситаҳои техникаи маишӣ, маданӣ ва таъйиноти дигар низ тағйироти ҷиддӣ диданд. Дар соҳаҳои гуногун шабакаҳои глобалӣ ва маҳдуди компютериро ба таври васеъ истифода мекардагӣ шуданд [2,89].

Идораҳои муосири иттилоотӣ ба воситаи пурзӯри таъсиррасонии ғоявию сиёсӣ ба аҳолии курраи замин мубаддал гардиданд, ки он ба куллӣ оммавӣ буда, бо якбора фарогирии теъдоди бешумори одамон дар таърихи инсоният назир надорад. Бо таъсири бевоситаи идораҳои иттилооти оммавӣ ҳам афкори миллӣ ва ҳам байнахалқии ҷамъиятӣ ташаккул меёбанд. Таъсиррасонии онҳо ба муҳити байналхалқӣ, ба муносибатҳои мутақобилаи халқҳову кишварҳо, мақомашон дар ҳалли масъалаҳои аввалиндараҷаи сиёсати ҷаҳон, инчунин дар паҳнкунии иттилооти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар намудҳои иттилоот низ бузург мебошад. Таъсири мустақим ва бевоситаи васоити ахбори омма ба ҳаёти халқҳои қитъаҳои гуногун хусусияти пурвусъат ва глобалӣ пайдо кардааст. Равандҳои рушди ҷаҳонӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки мақом ва аҳамияти онҳо дар корҳои байналхалқӣ пайваста афзун мегардад.

Имрӯз ҳар як инсон, инчунин гурӯҳҳои аҳолӣ ва ҷомеаҳои инсониро зарур аст, ки акнун нисбат ба масъалаҳои воқеияти кунунӣ на танҳо усулҳои нави таҳлил, балки тафаккур ва муносибати тамоман навро кор карда бароянд. «Тамаддуни нав» бо иттилоот ва донишҳо вобастагии зич дошта, дар асоси як қатор дигаргуниву тағйиротҳо ва дастовардҳои технологӣ ташаккул меёбад, ки аз ҷумлаи онҳо: коркарди

рақамии намудҳои гуногуни иттилоот ва дастовардҳои технологӣ -матн, рақамҳо, садо, тасвир ва интегратсияи онҳо ба маҳсули ягона, ки «мултимедиа» номида мешавад; зеҳни (интелекти) сунъӣ ва воридшавӣ ба маҳсулоти иттилоотиву хидматрасонии омилҳои интерактивие, ки талаботҳои истеъмолкунандагонро ба инобат мегиранд; техникаи зичгардонӣ ва гузариш ба интиқоли рақамӣ, ки пахши ҳаҷми калони иттилоотро сабуктар мегардонад; афзудани иқтидори компютерҳо дар баробари босуръат паст рафтани нархи онҳо; якбора зиёд шудани иқтидори маҳвораҳои алоқа ва васеътар шудани дастрасӣ ба онҳо; кабелҳои оптикӣ-нахии камарзиш ва технологияҳои ҷадиди бесим ва падидае, ки ниҳоят назаррас мебошад, чун таркиш афзудани шабакаҳои компютерӣ, аз ҷумла бузургатрин навъи он - Интернет дохил мешаванд.

Дар вақти ҳозира ташаккулёбии ба ном ҷомеаи иттилоотӣ ба амал омада истодааст. Ин раванд бо шиддати гуногун сурат мегирад ва дар кишварҳои мутараққӣ ва тараққиёбанда хусусиятҳои худро доро мебошад. Рушди структураи нави иттилоотӣ, ки ба он на фақат Интернет, балки телевизион ва радиои маҳворавӣ, алоқаи беноқилӣ, яъне воситаҳои интерактивии иттилооти оммавӣ дохил мешаванд ба иқтисодиёт, структураи иҷтимоӣ, давлат, ҳуқуқ таъсир мерасонанд ва нисбат ба масъалаи амнияти байналхалқӣ диққати махсусро талаб менамояд.

Рушди пурҷӯшу хурӯши индустрияи иттилоотӣ ва таъсиррасонии он ба ҳаёти ҷомеа зарурати муайян намудани нақши давлатро дар ташаккулёбии ҷаҳони иттилоотӣ ба миён овард. Давлат қодир аст, ки ба зиммаи худ нақши катализатори тағйиротҳои суратгиранда, ҳамоҳангсози амалҳои субъектҳои гуногуни ҷомеаро гирад ва чунин базаи иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва меъёриро созмон диҳад, ки онҳоро ба маҷрои барои рушди ҷомеа ва шахсият муфид равона мекунад.

Ин вазифа нисбат ба тавсеаи сиёсати иттилоотӣ давлат ва сиёсати иттилоотонии давлат хеле бузургтар мебошад. Зери мафҳуми аввал, маъмулан сиёсати муносибатҳои мутақобилаи давлат ва ВАО ва зери мафҳуми дувум - маҷмӯи чорабиниҳое, ки ба истифодабарии васоити ахбори омма дар муассисаҳои давлатӣ ва иқтисодиёт равона карда шудаанд, дар назар дошта мешавад. Муносибатҳои мутақобилаи давлат ва ВАО дар тамоми кишварҳо масъалаи дандоншикан мебошад, вале он тавассути қонунгузории марбут ба ВАО ва ҳуқуқ ба озодии сухан идора карда мешавад.

Сиёсати иттилоотонӣ дар кишвари мо, аввал дар ҶШСС ва акнун дар кишварҳои СНГ, аз ҷумла дар Тоҷикистон, ниҳоят дараҷа васеъ - ҳамчун фаъолияти давлат, ки ба иттилоотонии тамоми ҷомеа равона карда шудааст, маънидод карда мешуд. Дар баробари ин иттилоотонӣ ба тарзи гуногун, дар маҷмӯъ ҳамчун таъсисдиҳии системаҳои иттилоотӣ дар соҳаҳои гуногуни рушди давлат ва ҳаёти ҷомеа, сипас, танҳо дар сектори давлатӣ ва ниҳоят танҳо дар мақомоти марказии давлат, ҳамчун амали зарурӣ, новобаста аз гаронмоя буданаш, тафсир карда мешуд.

Вақтҳои охир, аз сабаби ба вуҷуд омадани васоити ҷадиди равобити оммавӣ, захираҳои зиёди иттилоотӣ, ки нисбати онҳо муносибати худро муайян намудан зарур мебошад, дар ҷомеа тамоюли васеътар тафсир додани сиёсати иттилоотии давлат мушоҳида карда мешавад. Ҷонибдорони чунин маънидодкунӣ ақида доранд, ки зери мафҳуми сиёсати итттилоотии давлат бояд фаъолияти танзимгароёнаи мақомотҳои давлатӣ, ки ба рушди соҳаи иттилоотии ҷомеа, ки на фақат васоити ахбори омма, балки инчунин телекоммуникатсияҳо, системаҳо ва захираҳои иттилоотӣ, тамоми маҷмӯи истеҳсолот ва муносибатҳо, ки бо истеҳсол, нигоҳдорӣ, коркард, намоиш, интиқоли иттилоот дар тамоми намудҳои он - расмӣ, дилхушкунанда, илмию таълимӣ алоқаманданд, фаҳмида шавад [4,76].

Аммо имрӯз моро зарур аст, ки на фақат вазифаҳои давлатро нисбат ба васоити ахбори омма ва ё технологияҳои иттилоотӣ гӯшзад кунем, балки масъаларо боз ҳам васеътар ва фундаменталӣ баррасӣ кунем, яъне мақоми давлатро дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ муайян намоем.

Фарқияти ҷомеаи иттилоотӣ аз ҷомеае, ки дар он истеҳсолот ва соҳаи хизматрасонии анъанавӣ ҷой дорад иборат аз он аст, ки дар он иттилоот, донишҳо, хизматрасонии иттилоотӣ ва ҳамаи соҳаҳои бо ин намудҳо (телекоммуникатсия, компютерӣ, телевизионӣ) алоқаманд босуръаттар инкишоф меёбанд, манбаи ҷойҳои нави корӣ мебошанд, дар рушди иқтисодиёт мавқеи бештаре доранд.

Технологияҳои нави иттилоотӣ хусусияти амали мутақобили иттилоотии ҷомеа ва давлатро тағйир медиҳанд, бо роҳи фавран пешниҳод намудани дастёбӣ ба иттилооти гуногун ҳуқуқҳои шаҳрвандонро васеътар месозанд, имкониятҳои инсонҳоро барои

иштирок намудан дар раванди қабули қарорҳои сиёсӣ ва назорат кардан аз болои амали ҳукумат зиёдтар мегардонанд, имконият фароҳам меоваранд, ки на фақат аз иттилоот истифодабарӣ кунанд, балки фаъолона дар истеҳсол намудани иттилоот ширкат варзанд.

Татбиқи бошиддати технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти мақомоти давлатӣ барои боз ҳам наздиктар шудани онҳо ба шаҳрвандон, васеътар ва беҳтар гардидани хизматрасонӣ ба аҳолӣ, болоравии самаранокии корашон, ҳавасмандгардонӣ ба истеҳсоли технологияҳои нави иттилоотӣ, маҳсулот ва хизматрасониҳо мусоидат менамояд.

Истифодабарӣ аз технологияҳои нави иттилоотӣ дар мақомотҳои давлатӣ аз ду ҳадафи асосӣ иборат мебошад:

1. Давлатро барои аҳолӣ боз ҳам демократитар, аз нигоҳи иттилоотӣ кушод, «шаффофтар» гардонидан, тавассути ин технологияҳои иттилоотӣ ба аҳолӣ ва бизнес пешниҳод намудани як қатор хизматрасониҳои давлатӣ, кушодани манбаъҳои дастрасӣ ба иттилооти давлатӣ аз қабили омор, маҷмӯи қонунҳо, аз ҷумла аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ таъсис дода шудани саҳифаҳои худ дар Интернет, барои ба роҳ мондани муколама бо ҷамъият мусоидат мекунанд.

2. Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти дастгоҳи давлатӣ. Истифодабарӣ аз технологияҳои иттилоотӣ - яке аз чорабиниҳоест, ки ба беҳгардонии фаъолияти мақомотҳои давлатӣ равона карда шудаанд [3,91].

«Таркиши иттилоотӣ», рушди технологияҳои электронӣ барои дастрасии фаврии миллионҳо одамон ба захираҳои беинтиҳои иттилоотӣ дар саросари саёраи мо ҷой дошта, барои мубодилаи иттилоот (дар тамоми шаклҳояш) имконият фароҳам оварда. Ин технологияҳо барои рушду нумӯи ҳаёти иҷтимоии ҷомеа имкониятҳои зиёдеро фароҳам меоваранд, вале, дар баробари ин, метавонанд сабабгори тезу тунд гардидани ихтилофоти иҷтимоӣ низ шаванд.

Ташаккулёбии фазои ягонаи иттилоотии ҷаҳонӣ ба омили глобалии рушд табдил гардида, самтҳои асосии прогресси ҷамъиятиро муайян мекунад, худи иттилоот бошад яке аз захираҳои муҳимтарини стратегии давлат шуда истодааст. Вале барои пай бурдани он ки инқилоби глобалии иттилоотию технологӣ дар асри XXI фарорасида, новобаста аз ҳамаи манфиатҳояш, ки аллакай ба инсоният расидааст, ба амнияти байналхалқӣ таҳдиди ҷиддӣ мекунад, карокаткунанда будан зарур нест.

Аз ҳисоби технологияҳо ва воситаҳои нави иттилоотӣ боло рафтани таъсиррасонӣ ба шуури шахсиву ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама аз ҷониби давлатҳои пешрафта, боиси тағйир ёфтани мувозинати глобалӣ ва минтақавии қувваҳо, пайдо шудани шиддатнокии иловагӣ байни марказҳои қувваҳои анъанавӣ ва ҷадиди тавлидшаванда, пайдо шудани соҳаҳои нави тақобул мегардад.

Бояд ба назар гирифт, ки дар тамоми марҳалаҳои инкишофи таърихии инсоният маҳз иттилоот объекти мубориза будааст. Мубоиризаи мутақобилаи иттилоотӣ аслан дар тамоми ҷангҳо ҷой дошт, танҳо бо он тафриқа, ки дар муддати тӯлонӣ мазмуни он асосан аз амалиётҳои разведкавии тарафҳои хусуматкунанда ва аксуламал ба онҳо иборат буд. Аммо вазъияти кунунӣ хеле ҷиддитар ва хатарноктар мебошад, чунки дар тамоми таърихи инсоният онро назир набудааст. Ҳоло ба туфайли технологияҳои нав (пеш аз ҳама системаҳои пахши глобалии телевизиониву радиоӣ), таъсиррасонии ҳадафноки иттилоотӣ аз диверсияҳо ва амалҳои алоҳидаи иттилоотии гӯлзанӣ ба як воситаи комилан ташаккулёфтаи таъмини сиёсати байналхалқӣ, ки хусусияти таъсиррасонии оммавию тоталитарӣ дорад, табдил шуда истодааст.

Ҳеҷ ҷойи баҳс нест, ки давлат дар соҳаи иттилоот чӣ миқдор имкониятҳои бештаре дошта бошад, ҳамон қадар бо осонӣ метавонад бартариҳои геополитикию стратегиро дастёб гардад. Аз ин дидгоҳ тамоман равшан мешавад, ки чаро роҳбарияти ҳарбию сиёсии ШМА иттилоотро ҳамчун захираҳои муҳими стратегӣ арзёбӣ намуда, барои рушду такмили қувваҳо ва воситаҳои ҷанги иттилоотӣ сол аз сол маблағгузории бештареро пешбинӣ мекунанд. Ба ақидаи сиёсатшиносон, инкишофи технологияҳои иттилоотӣ аллакай дар чоряки аввали асри XXI ба комилан тағйир ёфтани усулҳои бурдани ҷанг ва симои қувваҳои мусаллаҳ оварда мерасонад. Беҳуда нест, ки дар буҷети баъзе кишварҳои пешрафта хароҷотҳо барои амнияти иттилоотӣ якҷоя бо масъалаи маблағгузорӣ барои муҳофизат аз яроқи қатли ом пешбинӣ карда мешавад. Ҷойи артиши оммавиро қувваҳои мусаллаҳи нисбатан камшумор, ки аз ҳарбиёни ҳирфаӣ (пеш аз ҳама мутахассисони ҷангҳои иттилоотӣ) иборатанд мегиранд. Масштаби

тағйиротҳои дарпешистодаро метавон бо дигаргуниҳои замони бо артиллерия ва аслиҳаи оташфишон мусаллаҳ гардидани қӯшунҳои аврупоӣ қиёс кард.

Чунончи, ҳоло дар нимаи аввали солҳои 80-ум маълум гардид, ки дар замони кризиси амрикоиву ироқӣ, ки дар натиҷаи гаравгон гирифтани шаҳрвандони Амрико сар зада буд ва ШМА амонатҳои Эронро қадаған кард, Амрико тавонист, ки ба воситаи барномаи махсуси компютерӣ дар як он тамоми суратҳисобҳои ин мамлакатро дар кишварҳои хориҷӣ қуфл занад [9].

Самаранокӣ ва вусъати истифодабарии воситаҳои муборизаи радиоэлектронӣ дар замони амалиёти ҷазодиҳанда ба муқобили Бағдод «Бӯрон дар биёбон» ба мутахассисони ҳарбӣ ҳуқуқ доданд, ки Ироқро ҳамчун намунаи «Хиросимаи иттилоотӣ» - и нахустин арзёбӣ намоянд.

Ҷангро дар минтақаи Халиҷи Форс метавон нахустин муҳорибаи азим ва ҷадиди марҳалаи нави фаъолияти қувваҳои мусаллаҳ дар шароити бавуҷудоварии фазои глобалии иттилоотии ҷаҳонӣ номид. Дар рафти амалиётҳои ҳарбӣ муқобили Югославия танҳо амалҳои иттилоотии блоки НАТО ба натиҷаҳои дилхоҳ - аз Косово баровардани қуваҳои мусаллаҳи сербҳо оварда расонданд. Майдони ҳарбу зарби иттилоотӣ муқобили Федератсияи Россия - ҳодисаҳои марбут бо Чечня буданд. Дар ин ҷо мо метавонем чи бо истифода шудани маводҳои журналистони дар Россия акредитатсия шуда, чи бо ақидаҳои он арбобони сиёсат ва журналистоне, ки шиорашон: «ҳарчи бадтар бошад, ҳамон қадар хуб аст», чи бо тарғибу ташвиқи «ақидаҳо ва андешарониҳои» роҳбарони дастаҳои ғоратгарон рӯ ба рӯ шавем. Айни замон, чӣ қадар шигифтовар набошад ҳам, миқдори асосии иттилооти манфии марбут ба Тоҷикистон аз ВАО-и Россия пахш ва гӯшзад мешавад. Вале ҷойи зикр аст, ки айнан чунин муносибатро аз ҷониби Россия мо метавонем нисбат ба дигар кишварҳои СНГ, ҳатто нисбат ба иттифоқчии наздиктарини Россия - Ҷумҳурии Беларус низ мушоҳида кунем.

Ба ҳар сурат, тамоюли роҳбарияти ҳарбию сиёсии муосири ҷаҳон ба тавъамкунии комплексии воситаҳои муборизаи яроқнок (бомбаҳои авиатсионӣ ва зарбаҳои ракетавӣ бидуни рӯ ба рӯ шавӣ бо душман) ва ҷанги иттилоотӣ (таъсиррасонии иттилоотӣ ба рӯҳиёти элитаи сиёсӣ ва аҳолии кишвари душман, инчунин ба тамоми ҷомеаи башар) бараъло ба чашм мерасад. Дар баробари ин таҷовузи «ором» -и иттилоотӣ, чуноне ки мо дар мисоли Ироқ (тайи панҷ моҳ) дидем, метавонад пешакӣ сурат гирад.

Вақтҳои охир дар ВАО зуд-зуд бо истилоҳи «ҷанги иттилоотӣ» рӯ ба рӯ мешавем, ки он маънои инқилоби воқеӣ дар соҳаи ҷанги сиёсӣ ва ҳарбии ҷаҳон дорад. Бори нахуст истилоҳи «ҷанги иттилоотӣ» соли 1985 дар Хитой мавриди истифода қарор гирифта буд. Асоси назарияи ҷанги иттилоотӣ - фалсафаи қадими хитоии таъсиррасонии иттилоотӣ ба душман: «Таслим кардани душман бе муҳориба - ин аст тоҷи санъат» мебошад.

Сипас, моҳи декабри соли1992 мафҳуми ҷанги иттилоотӣ, бори аввал ба сифати категорияи мустақил, бо дастури (директиваи) вазири мудофиаи ШМА ба истифода ворид карда шуд. Ва дар охири солҳои 90-ум аз умқи зерсохтор оид ба масъалаҳои низоми идоракунӣ, алоқа ва разведкаи ширкати ҳарбию истеҳсолии «ВДМ Корпорейшен» чунин тасвияи падидаи ҳарбию стратегӣ ва тактикии нав берун омад: «Ҷанги иттилоотӣ - амалҳои ҳадафноки харобовар ё тамоман несту нобуд кунандае мебошанд, ки дар даврони осоишта ҳангоми сар задании буҳрон ё дар замони ҷанг сурат гирфта, ба таври кушоду равшан ё пинҳонӣ ба муқобили системаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ё системаҳои электронии иттилоотии ҳарбӣ равона гардида, ҳадафашон аз дастёб шудан ба бартарӣ дар гирифтани иттилооти ҳаётан муҳим оид ба душмани воқеӣ ва таъсиррасонӣ ба раванд, пешгирӣ ва ё хотима гузоштан ба ихтилофот ва ё бо хисороти минималии пулӣ, воситаҳои техникӣ, ҷонии одамон аз ду ҷониб, ғолиб омадан дар ҷанг аст» [10].

Ва боз: «Ҷанги иттилоотӣ - чунин амалҳоеанд, ки бо мақсади расидан ба бартарии иттилоотӣ баҳри манфиатҳои стратегияи миллӣ сурат гирифта, бо роҳи таъсиррасонӣ ба иттилоот ва системаҳои иттилоотии душман ва ҳамзамон ҳифзи иттилооти худ ва системаҳои иттилоотии худ сурат мегиранд» [11].

Аз соли 1994 сар карда дар ШМА бо иштироки намояндагони барҷастаи роҳбарияти ҳарбию сиёсии кишвар конфронсҳои илмии расмӣ оид ба ҷанги иттилоотӣ гузаронида мешаванд.

Моҳи апрели соли 1999, бо мақсади ҳамоҳангсозии ҷидду ҷаҳд оид ба ташвиқи сиёсати ШМА ва аксуламал ба арзёбиҳои манфии он берун аз қаламрави кишвар,

президент Клинтон дар бораи таъсисдиҳии Агентии оид ба иттилооти байналхалқӣ (IPI) дастур (директива) чоп кард. Ба ҳайати он роҳбарони расмии воломақом аз Вазорати мудофиа, Госдепартамент, вазоратҳои адлия, савдо ва хазинахонаи давлатӣ (казначейство) якҷоя бо ЦРУ ва ФБР дохил шуданд.

Ҳаматарафагӣ (универсалнокӣ), махфият, гуногунвариантнокии шаклҳои татбиқи барномавию аппаратӣ, таъсирнокии радикалӣ, имконияти зиёди интихоби вақт ва ҷойи истифодабарӣ, билохир, каммасрафӣ яроқи иттилоотиро ниҳоят хатарнок мекунад ва ба осонӣ зери ниқоби воситаҳои ахбори омма, масалан, моликияти зеҳнӣ пинҳон кардан мумкин аст. Яроқи иттилоотӣ ҳатто имкон медиҳад, ки амалҳои ҳуҷумкунанда ба тариқи номаълум, бидуни эълон кардани ҷанг сурат гиранд.

Дар шароити кунунӣ бо ҷидду ҷаҳд усулу воситаҳои психологии ба роҳ монда шудани ҷанги иттилоотӣ кор карда баромада мешаванд. Онҳо ба соҳаи истифодабарии иттилоот муқобили зеҳни инсон тааллуқ дошта, аз:

- таҳрифи иттилоотӣ аз ҷониби роҳбарияти сиёсӣ, ҳайати фармондеҳӣ ва ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳи душман гирифташаванда, таҳмил кардани иттилооти дурӯғин ва ё бемаънӣ, ки онҳоро аз имконияти дуруст дарк кардани ҳодисаҳо ва ё вазъияти ҷорӣ, ичунин қабули қарорҳои дуруст маҳрум месозад;
- коркарди психологии қушун ва аҳолӣ;
- диверсияи идеологӣ ва таъминкунӣ бо иттилооти дурӯғин (дезинформатсия);
- ташвиқот ва паҳнкунии овозаҳои бардурӯғ;
- дастгирии афкори мусоиди ҷамъиятӣ;
- ташкил кардани гирдиҳамоиҳо зери шиорҳои дурӯғин;
- тағйир ва идоракунии рафтори шахсӣ ва коллективии одамон иборат мебошанд.

Истифодабарии воситаҳои психологии ҷанги иттилоотӣ дар назар дорад, ки сохтор ва махсусиятҳои ВАО-и душман ба ӯ барои муқобили дигар кишвар ба кор бурдани системаҳои глобалии иттилоотӣ имкониятҳои васеъро фароҳам меоварад. Яке аз падидаҳои нави сиёсати ҷаҳонӣ истифодабарӣ аз маҳвораҳои пахши мустақим мебошад

Тахмини он, ки гӯё масъалаҳои истифодабарии силоҳи иттилоотӣ боиси ташвиши танҳо амрикоиҳо мебошад содалавҳона менамояд. Бояд таъкид кард, ки мавриди танҳо дар 20 мамалакат ба роҳ монда шудани коркарди яроқи ядроӣ, истеҳсоли силоҳи иттилоотии ҳуҷумовар ва дифоъкунанда дар 120 мамлакат ба қайд гирифта шудааст. Чунин вазъият моро аз зинаи нави «мусаллаҳшавии бошитоб», вале мусаллаҳшавии иттилоотӣ ҳушдор месозад.

Чуноне ки мебинем, вусъатёбии майдони иттилоотӣ, дар баробари бешубҳа фоидаовар буданаш, яке аз падидаҳоест, ки сулҳ ва амнияти ҷаҳонро халалдор карда метавонад. Дар саҳифаҳои таърихи муосир далелҳои зиёдеро пайдо кардан мукин аст, ки коркарди иттилооти қалбакӣ сабабгори қабули чунин қарорҳои ҳарбию сиёсие шудаанд, ки натиҷаашон амалиётҳои ҷангӣ ва инчунин «интервенсияи гуманитарӣ» буданд. Маъмулан аз иттилооти қалбакӣ барои паст кардани обрӯю эътибори (имиҷи) давлатҳои ҷудогона, роҳбарони онҳо, аз ҷумла бо мақсади рақобати ноинсофонаи иқтисодӣ, паст кардани боварӣ ба ВАО -и кишвар истифода мебаранд.

Имкониятҳои технологияҳои ҷанги иттилоотӣ метавонад дар муборизаи барои даст овардани ҳокимият, инчунин амалҳои сепаратистӣ ва ҷиноятӣ, бо мақсадҳои ҳарбию стратегӣ ба кор бурда шаванд.

Кишварҳои мутараққиро хатари гирифтор шудан ба доми васвасаи иттилоотӣ барои ғасби бартариҳои мавҷудаашон дар технологияҳои иттилоотӣ ва васоити гумроҳсозии афкори ҷамъиятӣ таҳдид мекунад.

Ҳамин тариқ, масъалаи амнияти иттилоотӣ, коркарди асосҳои назарии он, сохтмони сохтори он бағоят муҳим мебошад. Бо дар назардошти муҳимияти ин масъала мо метавонем танҳо таассуф хурем, ки дар Тоҷикистон масъалҳои амнияти иттилоотӣ то ҳол ба таври бояду шояд мавриди таваҷҷуҳ ва баррасии рӯзноманигорону назариётчиёни журналистика, мутахассисони соҳаи информатика ва сохторҳои дахлдори давлатӣ нагардидаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Александр Дугин. Основы геополитики. - Москва, 1999. 151с.
2. Виктор Пелевин. «Geneation «П». - Москва, 1999. 124с.
3. Георгий Почепцов. Психологические войны. – Москва, 1999.

4. Герберт Маркузе. Одномерный человек. – Москва, 1994.
5. Дмитрий Шурхало - СМИ в вооруженных конфликтах современности. — Киев 1999. 204с.
6. Информация. Дипломатия. Психология. М.; Известия, 2002.с.20
7. Освальд Шпенглер. Сумерки Европы. - Минск, 1998.
8. Эдуард Лимонов. Анатомия героя. - Смоленск, 1998
9. **http://commentrespublika.info/comment/showtopic/5195/**.
10. **http://www.ists.dartmouth.edu/docs/cyberwarfare**
11. **http://ru.wikipedia.org/wiki/**

ГОСУДАРСТВО, СМИ И ПРОБЛЕМЫ ИНФОРМАЦИОННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

Статья посвящена проблемам информационной безопасности в РТ и роли ее влияния на национальную безопасность страны, сфере применения СМИ, как гаранта будущей информационной целостности Таджикистана на примере газетных статей. Содержание информационной безопасности рассматривается в рамках классических традиций и мировой практики, как наличие сформулированных национальных интересов - осознанных потребностей нации в самосохранении и развитии.

Ключевые слова: СМИ, информация, безопасность, нация, Таджикистан, классические традиции, мировая практика, национальные интересы.

COUNTRY, MASS MEDIA AND INFORMATION SECURITY PROBLEMS

The article is devoted to problems of information security in the RT and the role of its impact on the country's national security, the scope of the media, as the guarantor of the future integrity of the information of Tajikistan as an example of newspaper articles. The content of information security is considered in the framework of classical traditions and practices of the world, as having made the national interest - conscious needs of the nation for self-preservation and development.

Key words: mass media, information, security, nation, Tajikistan, classical tradition, international practice, national interests.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: Садуллаев Дж.М. - кандидат филологических наук, заведующий кафедрой печатных СМИ и PR РТСУ Телефон: **(+992 37) 227 67 91** e-mail: **Sadulaev1@gmail.com**

МУШКИЛОТИ ВАО - И ЭЛЕКТРОНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Зинатулло Исмоилов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Воситаҳои электронии ахбор дар Тоҷикистон таърихи каме бештар аз 80 сола доранд. Агар барномаи аввалини радиои Тоҷикистон 10 апрели соли 1930 пахш гардида бошад, бори аввал 3 октябри соли 1959 сокинони Тоҷикистон имкон пайдо карданд, то соҳиби оинаи нилгуни худ бошанд. Асосан рушди радио ва телевизион чи давлатӣ ва чи хусусӣ ба замони истиқлолияти комили давлатии Тоҷикистон рост меояд. Аввалин стансияҳои маҳаллии телевизионӣ ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта пайдо шуданд. Телевизионҳои маҳаллии «Регар»-и шаҳри Турсунзода. «Мавҷи озод»-и ноҳияи Восеъ, «Темурмалик»-и шаҳри Хуҷанд ва «Симо»-и Панҷакент ба оғози фаъолияти телевизионҳои нисбатан мустақили кишвар замина гузоштанд. Аз нақши муассири шабакаҳои ғайриҳукуматии электронӣ дар баробари шабакаҳои ҳукуматӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ ба шарафи 100 солагии матбуоти тоҷик чунин ёдовар шудааст: «Ҳоло дар мамлакат 44 шабакаи радиотелевизионӣ амал мекунад, ки аз ин миқдор 28 шабакаи радиову телевизион хусусӣ мебошад. Ин, албатта, хуб аст, зеро фаъолияти озоди воситаҳои ахбори омма яке аз нишонаҳои асосии рушди ҷомеаи демократӣ ва шаҳрвандӣ мебошад. Ҳар яке аз ин расонаҳо ба таври худ фазои иттилоотии мамлакатро пур карда, дар инъикоси равандҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа ҳиссаи хешро мегузоранд” [1].

Албатта, рушди бештари ВАО-и электронӣ дар Тоҷикистон имконпазир мегардид, агар чор мушкилоти асосии онҳо ҳалли фасл мешуд. Аввалан, ин ба мушкилоти фаннии имконоти пахши барномаҳо вобаста аст. Аксари кулли ташкилотҳои ғайриҳукуматии телевизионӣ танҳо барои пахши барномаҳои худ тавассути мавҷи детсиметрӣ иҷозат доранд. На ҳама ва на дар ҳамаи минтақаи пахши онҳо мардум роҳат метавонанд барномаҳои ин шабакаҳоро тамошо кунанд. Барои тамошои бароҳат пайваст намудани мавҷгирҳои иловагӣ зарур аст, ки ин бешак барои аудитория душвории иловагӣ пеш

меорад. Масалан, проблемае, ки солҳои 2010-2012 ТВ «Симои мустақили Тоҷикистон» дошт, барои ҳаводорону мухлисони ин шабакаи мустақили телевизионӣ нороҳатиҳои зиёдеро пеш овард. Дар басомаде, ки шабака иҷозати қонунӣ дорад, шабакаи хориҷӣ-шабакаи аввали Русия ба воситаи таҷҳизоте, ки дар дохили базаи ҳарбӣ насб намудааст, бидуни иҷозати мақоми давлатии иҷозатномадиҳӣ ва ғайриқонунӣ барномаҳояшро пахш намуда, ба шабакаи тоҷикистонӣ имкони пахши бароҳати барномаҳоро намедод. «Симои мустақили Тоҷикистон» барои рафъи ин масъала бо мактуб ба Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон, Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намуд, аммо ҳалли ин қазия давоми се сол тӯл кашид. Аз 6 августи соли 2012 ба ТВ «СМТ» басомади дигар ҷудо шуд, вале басомади қонунии шабака ҳанӯз низ аз тарафи пойгоҳи низомии Русия дар Тоҷикистон халалдор мешавад.

Мушкилии дигар гирифтани иҷозатнома барои фаъолияти шабакаҳои мустақили телевизионӣ мебошад. Ин аз мавзӯъҳоест, ки дар семинарҳо, мизҳои мудаввар ва саҳифаи ВАО бисёр тарҳ мешавад. Дар ҳайати Комиссияи иҷозатномадиҳӣ намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ аъзо нестанд ва кулли аъзои он роҳбарони муассисаҳои давлатӣ мебошанд. Онҳо аз муассисаҳои ҳукуматии ахбор намояндагӣ мекунанд ва табиист, ки барои иҷозати фаъолияти ташкилоти ғайриҳукуматӣ камтар ҳавасманд ҳастанд. Ба андешаи муҳаққиқи соҳа, профессор Иброҳим Усмонов дар ҳалли ин мушкилот «яке аз вариантҳои имконпазири чунин мақомот таъсиси Шӯрои телевизион ва радиошунавонӣ мебошад. Ин Шӯроро Президент таъсис медиҳад. Ба ҳайати Шӯро метавонанд намояндаи Президент, Маҷлиси Олӣ, Суди Олӣ, ҷомеаи журналистон, аз ҷумла намояндагони Кумитаи телевизион ва радио ворид карда шаванд»[2]. Чунин ҳайати шӯро барои одилона ҳаллу фасл намудани дархостҳо бештар мусоидат менамояд.Зеро на танҳо рақибони касбӣ, балки мутахассисони холис низ имкони қазоват кардан пайдо мекунанд. Шӯрои мазкури ҷамъиятӣ метавонист ҳама гуна сару садоро дар мавриди додани иҷозатнома барои фаъолият аз байн бубарад.

Мушкилоти сеюм ва асосие, ки имрӯз ВАО-и электронии ғайриҳукуматӣ дар Тоҷикистон бо он рӯ ба рӯ ҳастанд, норавшании тақдири онҳо ба ҳангоми гузариш ба пахши рақамӣ мебошад. Соли 2006 як саду як кишвари дунё ва дар қатори онҳо Тоҷикистони соҳибистиқлол низ дар шаҳри Женеваи Шветсария ба муоҳадае имзо гузоштанд, ки тибқи он ин мамолик уҳдадор шудаанд, ки то соли 2015 пурра ба пахши рақамӣ гузаранд. Баъди 17 июни соли 2015 мо имкон пайдо мекунем, ки мустақилона муҳтавои барномаҳои радио ва телевизиониро ба тартиб дарорем. Имконияти бузурги интихоби вақти мусоид барои тамошои филм ба вуҷуд меояд, мо метавонем аз тамошои реклама дар вақти тамошои барномаҳо даст кашем. Инчунин, дастрасӣ ба шабакаи Интернет, иштирок дар овоздиҳии мустақим ва даҳҳо имкониятҳои дигар барои бинандагону шунавандагон имконпазир мегардад. Аммо то расидан ба ин ҳадаф умури зиёде бояд ба субут расонида шавад, то ин ки тамошои пахши рақамӣ имконпазирамон гардад. Дар Тоҷикистон барнома ва стратегияи давлатии гузариш ба пахши рақамӣ қабул шудааст, аммо то кунун мушаххас нашудааст, ки масоили вобаста ба гузариш чӣ гуна ҳаллу фасл мегарданд. Зеро ин барнома асосан бо дарназардошти имконот ва манфиати телевизиони расмӣ тартиб дода шудааст. Манфиатҳои телевизион ва радиоҳои ғайриҳукуматӣ ба инобат гирифта нашудаанд. Заминаи ҳуқуқии гузаштан ба системаи нав пурра мушаххас нест. Илова бар ин, ба пакети иҷтимоӣ ҳамроҳ нагардидани ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ дастрасии аҳолиро ба иттилоот аз манбаъҳои алтернативии ахбор зери аломати бузурги суол мебарад. Ин чиз хусусан ба ҳифзи фазои иттилоотии кишвар халал ворид мекунад. Зеро баъди 17 июни соли 2015, агар давлати ҳамсоя дар сарҳади худ фиристандаи рақамӣ гузорад ва онро ба кор дарорад, мо натавонем дар ин муддат таҷҳизоти рақамиро насб кунем, фиристандаи мо ё бояд хомӯш гардад ва ё иқтидори он паст карда шавад. Барои аҳолии ноҳияҳои наздисарҳадӣ ин маънои онро дорад, ки шояд телевизор ба ҷиҳози зебои хона табдил ёбад. Аз ин нигоҳ то андозае гузариш ба пахши рақамӣ муайянкунандаи тақдири кишвар низ маҳсуб меёбад ва раванди мазкур ба ҳар яки мо сарфи назар аз вазифа ва масъулияти доштаамон дахл мекунад.

Телевизиони рақамӣ дар шароити ҳуҷумҳои иттилоотӣ, ғасби фазои иттилоотӣ метавонад иллати бештар шудани таҷовузи фазои иттилоотӣ аз ҷониби кишварҳои бегона гардад.

Ниҳоят, мавзӯи муҳим нарасидани кадрҳои соҳибихтисос дар ВАО-и электронӣ мебошад. Ҳанӯз аввалҳои солҳои 90-уми асри гузашта профессор Иброҳим Усмон дар мақолаи «Косиб ё эҷодкор» ин мавзӯъро бардошта буд [3]. То кунун ин мушкилӣ дар тамоми ВАО-и электронӣ эҳсос мегардад. Гарчанде ки солҳои охир теъдоди донишкадаҳои тайёркунандаи кадрҳои журналистӣ афзудааст, аммо сифати тарбияи ва ҳунари журналистии онҳо беҳбудии комил мехоҳад. Дар ҳамкорӣ бо ВАО-и электронӣ, аз ҷумла телевизион ва радиоҳои ғайриҳукуматӣ омезиш додани донишҳои назариявии андӯхтаи журналистшавандаҳои оянда бо амалия имкони тарбияи кадрҳои соҳибихтисосро ба вуҷуд меорад. Агар мисли солҳои қаблӣ, пеш аз дохил шудан ба донишкадаи журналистӣ довталабон ҳатман аз васоити ахбор тавсиянома медоштанду маҳсули эҷодашонро пешниҳод мекарданд ва аз озмуни эҷодӣ мегузаштанду пасон ба имтиҳоноти дохилшавӣ роҳ меёфтанд, шояд шумораи донишҷӯёни тасодуфӣ камтар мешуд. Инчунин, агар чун дар Донишгоҳи тиббӣ дарсҳои амалии донишҷӯёни факултаҳои журналистӣ бевосита дар идораи рӯзнома ва ё ВАО-и электронӣ гузаронида мешуданд, ин танҳо ба манфиати кор мебуд.

Дар шароити кунунӣ, ки ҳама ҷо проблемаи аввал нарасидани мутахассис мушоҳида мешавад ва норизоият аз хатмкунандагони бахши журналистӣ рӯз то рӯз меафзояд, бояд ҳам сарварони донишгоҳҳои тайёркунандаи кадрҳои журналистӣ ва ҳам роҳбарони ВАО барои тарбияи журналистони воқеан ҳам сазовор талош намоянд. Зеро оянда аз имрӯз ибтидо меёбад.

Як мавзӯи дигари муҳим ҳамраъйӣ ва муттаҳидаи васоити ахбори электронӣ мебошад. Мутаассифона, дар Тоҷикистони мо аксари ташкилотҳои ҷамъиятии журналистӣ марбут ба ВАО-и чопӣ мебошанд. Ҳол он ки аз ҷиҳати фарогирии доираи ҳаводорон чи ТВ ва чи радио нисбат ба воситаҳои чопии ахбори умум сермуштаритар мебошанд. Таҷрибаи ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла Амрико собит менамояд, ки дар як иттиҳодияи соҳавӣ муттаҳид намудани ВАО-и электронӣ ҳам нуфузи онҳоро боло мебарад ва ҳам пойдории бештарашонро таъмин месозад. Масалан, Асосиатсияи стансияҳои радио ва телевизиони Кентакки 65 сол пеш оғоз ба фаъолият намуда, 17 телевизион ва қариб 300 стансияи радиоиро муттаҳид намудааст. Ҳадафи асосии асосиатсияи мазкур ҳимояи манфиатҳои телевизион ва радиоҳо ва дар баробари ин, пайдо намудани манбаъҳои мухталифи маблағгузорӣ ба стансияҳо мебошад. Зеро фаъолияти аксари телевизион ва радиоҳои хусусӣ аз ҳисоби реклама ва ҷалби аҳли тиҷорат мебошад. Аз ин хотир, асосиатсия пули қавиест, ки воситаҳои электронии ахборро бо ташкилоти мухталиф мепайвандад. асосиатсия бо 7 ташкилот ҳамкории зич дорад, ки онҳо дар доираи барномаи ҳамкорӣ оид ба омӯзиши иҷтимоӣ амалӣ мешаванд. Ин ташкилот таблиғоти иҷтимоии худро тавассути асосиатсия анҷом медиҳанд ва солона ҳудуди 80 ҳазор доллар маблағ аз ин ҳисоб ба даст меояд. Масалан, Горди миллӣ супориш медиҳад, ки силсилаи ролликҳои иҷтимоии вобаста ба даъват ба сафи артиш омода шаванд ва ҳамаи ин муомилотро Горд ба воситаи асосиатсия амалӣ месозад. Масъалаи дигари муҳиму қобили таваҷҷуҳ ҳимояи манфиатҳои аъзои асосиатсия дар сатҳҳои мухталиф мебошад. Барои ин роҳбарияти асосиатсия бо депутатҳо, намояндагони ҳукуматҳои маҳаллу иёлот робита барқарор мекунад ва ҳалли масоилро вобаста ба манфиатҳои аъзо имконпазир мегардонад. Дар ИМА 50 адад чунин асосиатсия мавҷуд аст, ки ҳар кадом ҳам дар алоҳидагӣ ва ҳам дар маҷмӯъ барои ҳифзи манфиатҳои аъзои хеш фаъолият доранд.

Дарвоқеъ, ба вуҷуд омадани иттиҳоди тавонои кормандони ВАО-и электронӣ, хусусан барои рушди телевизион ва радиоҳои хусусиву ғайридавлатӣ мусоидат мекунад, онҳоро ба тавлиди маҳсулоти босифати радиотелевизионӣ ҳавасманд месозад ва аз муҳимаш ҷиҳати пур намудани фазои иттилоотии кишвар замина фароҳам меорад. Аввалин талошҳоро дар ин бобат Анҷумани васоити электронии ахбори мустақили Тоҷикистон, ки сарвариашро Мӯсо Асозода ба уҳда дошт, оғоз кард. Ин ташкилоти ҷамъиятӣ 6 -уми майи соли 2007 таъсис ёфтааст ва «самти фаъолияти ассосиатсия мусоидат ба рушди васоити ахбори оммаи электронии мустақил ва гуногунандеш маҳсуб мегардад» [5]. Аммо солҳои охир фаъолияти он чандон равшан ба назар намерасид ва аз ин хотир роҳбарону муаассисони воситаҳои электронии мустақили кишвар моҳи августи соли 2011 дар Тоҷикистон Ассосиатсияи истеҳсолкунандагон ва паҳнкунандагони маводи радиотелевизиониро таъсис доданд. Ин ташкилот, ки ҳадафаш ҳифзи манфиати стансияҳои радиотелевизионӣ ва продакшн-студияҳо мебошад, имкон фароҳам меорад, ки пеш аз ҳама телевизион ва радиоҳои ҷумҳурӣ бо

барномаҳои пурмазмуни эҷодӣ таъмин бошанд. Илова бар ин, муттаҳид гардидани ташкилотҳои радиотелевизионӣ имкони табодули барномаҳоро байни ҳам фароҳам меорад ва барои бо иттилои дақиқу саҳеҳ ва ахбори пурмазмун ошно кардани аудиторияи бузурги шунавандагону тамошобинон имконият фароҳам меорад.

Мушкилоти воситаҳои электронии ахбори Тоҷикистон танҳо мушкилоти ин муассисаҳо нест. Вай ҳамчунон фақат ба воситаҳои ахбор алоқадор нест. Балки оқибати бади он ба фазои иттилоотии мамлакат низ таъсири манфӣ мерасонад. Зеро замони имрӯза замони ҷомеаи иттилоотӣ аст ва «моҳияти ҷомеаи иттилоотӣ марҳалаи нави инкишофи тамаддуни инсонист, ки дар он авлавиятро равандҳои иттилоотӣ фаро мегиранд» [4] ва ҳар касе, ки аз он монд, ба буҳрон мувоҷеҳ мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Ҷашни фархундаи матбуоти тоҷик. -Д:Ирфон, 2012.-С. 7.
2. Усмонов И..К. Журналистика.- Ҷ. 1.-Душанбе,2005. -С. 180.
3. Усмонов И.К. Журналистика. – Ҷ. 1. Душанбе, 2005.- С. 210-218.
4. Третьяков В . Как стать знаменитым журналистом. - М, 2004.- С. 14.
5. Донишномаи радио ва телевизиони Тоҷикистон. -Душанбе, 2009.- С. 46.

ПРОБЛЕМЫ НЕЗАВИСИМЫХ ЭЛЕКТРОННЫХ СМИ В ТАДЖИКИСТАНЕ

Независимые электронные СМИ играют важную роль в пополнении информационного пространства республики. Поэтому решение этих проблем способствует обеспечению населения правдивой информацией. Статья раскрывает путы решения проблем в независимых электронных СМИ Республики Таджикистан.

Ключевые слова: электронные средства массовой информации, неправительственные телерадиоорганизации, интерактивное голосование, цифровое вещание, телерадиопродукция, журналистское мастерство

THE PROBLEM OF INDEPENDENT ELECTRONIC MASS MEDIA IN TAJIKISTAN

Independent electronic mass media play an important role in updating the information space of the Republic. Therefore, the solution to these problems contributes to the provision of truthful information.

Key words: electronic media, non-governmental, broadcast, interactive voting, digital transmissions, teleradioprogramm, journalistic skill.

